ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2022. №2

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2022. №2

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2022. No.2

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2022

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карокатулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Сайдалӣ Юсуфзода — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Сирочиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2022. – №2. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2022

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Гулназарова Джило — *Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Сироджиддини Эмомали — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустзода Хамрохон Джума — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2022. – №2. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2022

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvaḳhtzoda Kobiljon Khushvaḳht *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Yusufzoda Nosirjon Salimi *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Khorkashev Sakhidod *Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Nazarzoda Saifiddin *Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Gulnazarova Jilo *Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*

Abdullozoda Masrur Akhmad *Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*

Sirojiddini Imomali *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Kucharzoda Alamkhon *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Saidov Khalimdzhon Azizovich *Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*

Mamadnazarov Abdusalom *Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*

Murodov Murod *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*

Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*

Khodzhaev Davlatbek *Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*

Dustzoda Khamrokhon Dzhuma *Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2022. – №2. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2022

УДК: 491.155:491.58

ДАРАҶАИ ОМӮЗИШИ ЛАҲҶАҲОИ ЗАБОНИ ДАРӢ ДАР АФҒОНИСТОН

Шарипова Ф., Носирӣ Бибинилуфар
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омӯзиши фарҳангҳои мардумӣ яке аз саршортарин сарчашмаҳо барои шинохт ва мутолиаи сайри таърихӣ ва мадориҷи тамаддун, чигунагӣ, расму русум, одоб, шеваи зиндагӣ, ақида ва тафаккури мардумӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, баррасии лаҳҷаҳо фавоиди фаровони таърихӣ, ҷуғрофиёӣ, адабӣ, мазҳабӣ ва ҷомеашиносӣ дорад, зеро бо ҳифзи лаҳҷавожаҳо мо метавонем аз саргузашт, ҷойи буду боши офаридаҳои забонӣ ва адабӣ сатҳи дониш ва шинохти мардуми худ огоҳ бошем ва аз таҷрибаҳои неки онҳо истифода намоем. Бо дарки камбудиҳои мавҷуда дар бартараф кардани онҳо талош кунем.

Яке аз баҳсҳои ҷолибу пурарзиши фарҳанги мардум мутолиаи луғот, таъбирот, киноя̆ҳо ва истилоҳоти омиёна аст, ки онҳо байни худ ба кор мебаранд ва ниёзҳои рӯзмарраи хешро бароварда месозанд. Дар ҳақиқат, лаҳҷаҳо дар канори забони адабӣ ҳамвора дар хидмати мардум будаанд. Баррасии ин ганҷинаи забонӣ вазифаи миллатҳо аст, то дар сабт ва нигаҳдории он бикӯшанд. Солҳои тулонӣ байни донишмандони Афғонистон назар ва ақидаи нодурусте вуҷуд дошт, ки гӯё таҳқиқ перомуни лаҳҷаҳо кори нодуруст ва беҳуда аст. Шакли адабӣ ва навиштории забон бояд ҳифз гардад, на гунаҳои лаҳҷавӣ. Ин амр сабаб шуд, ки солҳои зиёд лаҳҷаҳои забони дарӣ мавриди пажӯҳиш қарор нагиранд. Агарчи калимаҳо ва истилоҳоти омиёна дар давоми солҳо дар осори нависандагони бузурги забони дарӣ чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Мавлоно ва ғайра баррасӣ шуда буданд, вале пажӯҳиши ҷудогонае дар арсаи лаҳҷа анҷом нашуда буд. Баъд аз Равон Фарҳодӣ (“Дастури забони гуфтори кобулӣ”) китобҳои дигаре дар мавриди лаҳҷаҳои забони дарӣ аз сӯйи донишмандони дигари афғон монанди Абдуллои Афғонинавис, Муҳаммадюсуфи Фикрат, Шоҳалиакбари Шаҳристонӣ ва дигарон навишта шуд. Ҳар як аз ин донишмандон паҳлуҳои мухталифи лаҳҷаҳоро мавриди пажӯҳиш қарор доданд.

Донишмандони хориҷӣ ҳам дар бораи лаҳҷаҳои забони дарӣ асарҳои гаронбаҳое офаридаанд. Пажӯҳиши мазкур ҷиҳати огоҳӣ аз дараҷаи омӯзиши лаҳҷаҳои забони дарӣ тартиб гардидааст.

Дар сарзамини Афғонистони муосир миллатҳои гуногун зиндагӣ мекунанд, ки онҳо бештар ба сӣ забон ҳарф мезананд. Теъдоди зиёди миллатҳоро паштунҳо, тоҷикҳо, узбекҳо, туркманҳо, ҳазораҳо, балуҷҳо, нуристониҳо, пашаиҳо ва ғайра ташкил медиҳанд, ки ҳар яке аз онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат саҳми арзанда доранд.

Забони дарӣ тибқи қонуни Афғонистон дар соли 1964 дар баробари забони пашту яке аз забонҳои расмӣ ва давлатии Ҷумҳурии исломии Афғонистон ба шумор меравад, дур аз забонҳои форсиву тоҷикӣ рушд ва инкишоф меёбад ва амалан ба ҳайси забони муошират байни халқ ва миллатҳо истифода мешавад. Забони дарӣ дорои лаҳҷаҳои гуногун буда, бо онҳо зиёда аз панҷ миллиён нафар тоҷик 3 миллиён нафар ҳазора ва зиёда аз 500 ҳазор нафар аз қавмҳои қизилбош ҳарф мезананд. Маҳалли сукунати онҳо вилоятҳои марказӣ, шимолу шарқӣ ва ҷанубу ғарбии кишвар ба ҳисоб меравад.

Тоҷикон дар шаҳрҳои Кобул, Парвон, Бағлон, Бадахшон, Қундуз, Тахор, Самангон, Балх, Шибирғон, Ҳирот ва қисман дар вилоятҳои Қандаҳор, Нимрӯз, Фароҳ ва Бодғис зиндагӣ мекунанд.

Онҳо дар Афғонистон ба ҳайси миллати заҳматкаш, озодихоҳ ва фарҳангпарвар ба ҳисоб рафта, асосан ба корҳои кишоварзӣ, боғдорӣ, чорводорӣ, тиҷорат, фарҳанг, давлатдорӣ ва шеъру адаб машғул мебошанд. Дар айни замон, тоҷикони Афғонистон сиёсатдӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳусни тафоҳумро пайваста ба пеш мебаранд. Забони муосири дарӣ ва лаҳҷаҳои он аз дер боз таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда бошад ҳам,

омӯзиш ва таваҷҷуҳ ба масъалаҳои гуногуни он, асосан баъди солҳои бистум сурат гирифтааст [16, с.28].

Омӯзиши лаҳҷаҳои дарӣ аввалин бор аз сӯйи дуктур Равон Фарҳодӣ оғоз гардид. Мавсуф асари хешро таҳти унвони “Дастури забони гуфтории Кобул” навиштааст. Ин китоб дар соли 1995 ба забонҳои англисӣ ва фаронсавӣ дар Аврупо нашр мешавад ва дар соли 1974 дар Маскав ба забони русӣ нашр шудааст. Дар ин асар шаклҳои гӯйиши забони дарӣ дар Афғонистон аз ҷиҳати лексика, морфология ва наҳв мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамчунон ёдоварӣ намуда, ки лаҳҷаи кобулӣ нисбат ба дигар лаҳҷаҳои дигари дарӣ шабоҳати зиёд ба забони меъёрӣ ва навишторӣ дорад [21, с.2].

“Афғон қомус” луғати сеҷилдаи дузабона, асари Абдуллои Афғонинавис дар соли 1957 дар Кобул нашр шуд. Ин нахустин луғате ҳаст, ки дар он калимаҳои муосири забони дарӣ бо тафсир ва тарҷумаи пашту ба миқдори фаровон пешниҳод мешавад. Нависанда дар баробари вожаҳои умумихалқӣ, инчунин воҳидҳои луғавиро тафсир ва тарҷума мекунад, ки хосси Осиёи Миёна буда, дар луғатҳои забони форсӣ қайд шудаанд. Дар “Афғон қомус” ҳам калимаҳои меъёри адабӣ ва ҳам гуфтугӯйии забони дарӣ бо вижагиҳои лаҳҷавиашон оварда шудааст. Монанди, **сартамба** ба маънии одами худрай, суханношунав ва сарчарх (яъне касе, ки аз ҷояш мехезаду сараш чарх мезанад). Шарҳи тамоми вожаҳо дар муқобилашон бо забони пашту оварда шудааст [2, с.2].

“Луғати омиёнаи форсии Афғонистон”, ки ин китоб ҳам ба қалами Абдуллои Афғонинавис навишта шудааст. Чопи аввали он дар соли 1957 ва чопи думи он дар соли 1985 ба такмили муҳаққиқ Ҳусайни Фараҳманд дар Академияи илми Афғонистон сурат гирифт. Дар ин фарҳанг бештар воҳидҳои луғавии забони гуфтугӯйӣ мавриди эзоҳ ва тафсир қарор гирифтааст[3].

Ин луғат ҳаҷман калон ва моҳиятан ба луғатҳои гуфтугӯйӣ шабоҳат дошта, 12 ҳазор луғатро ба тартиби алифбо дар худ ҷой додааст. Дар зимни сабти вожаҳои лаҳҷавӣ теъдоди зиёди ибораҳои рехта ва киноятҳо, ки дар лаҳҷаҳо муравваҷ аст, ҳам сабт гардида, монанди **омӯхтахӯр** (касе, ки ба гирифтани пули бидуни заҳмат одат карда бошад); **остин бар задан** (киноя омода будан ба анҷоми коре). Вожаҳо дар ин асар дар шакли мухтасар оврада шуда ва маънии онҳо дар фарҳангҳои дигар ҷустуҷӯ нагардидааст [16, с.28].

“Луғати забони гуфтории Ҳирот” ба қалами Муҳаммад Осифи Фикрат дар соли 1976 ҳичрӣ дар Кобул ба чоп расид. Усмонҷон Обидов дар мавриди кор чунин мегӯяд: “Чунон ки маълум аст, лаҳҷаҳои Ҳирот то ҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст ва ҳол он ки лаҳҷаи мазкур чи аз бобати системаи фонетикӣ ва грамматикӣ ва чи аз лиҳози луғавӣ ҷолиб мебошад, зеро он бисёр хусусиятҳоро дорост, ки дар дигар лаҳҷаҳои дарӣ дида намешавад. Аз ин нуқтаи назар, луғати номбурда на фақат нигоришҳои лексикология ва лексикография ба шумор меравад, балки дар омӯзиши хусусиятҳои фонетикии лаҳҷаи Ҳирот низ сарчашмаи муҳим ҳисоб хоҳад шуд” [22, с.12].

Ин асар аз рӯйи чор бахши умда таҳқиқ шудааст.

1. Дастури забон.
2. Вожанома (дар ин бахш рӯйи вожаҳое, ки дар лаҳҷаи Ҳирот аст ва дар забони дарии меъёрӣ ва лаҳҷаҳои дигари он расм нест, зиёд таваҷҷуҳ шудааст. Монанди **худӣ** ба маънии ҳамроҳ, **истундан** ба маънии ситондан).
3. Баррасии таърихии муқоисаи вожаҳо.
4. Зарбулмасалҳо [22].

“Қомуси лаҳҷаи дарӣ – ҳазорагӣ” асари Шоҳалиакбари Шаҳристонӣ, ки дар соли 1980 ба табъ расид. Ин асар воҳидҳои луғавии ҳазорагиро бо овошиносӣ пешкаш кардааст ва то ҳадде онҳоро бо забонҳои гурӯҳи туркиву муғулӣ (узбекӣ, қирғизӣ, қазоқӣ, туркманӣ) муқоиса кардааст. Аз ин лиҳоз, ин луғат ба мутахассисони соҳаи шевашиносӣ маводи фаровон ва муътамад дода метавонад [32].

“Даромаде бар лаҳҷашиносӣ дар забони форсӣ-дарӣ” асари Муҳаммад Ҳусайни Ямин, ки дар соли 1988 чоп шудааст. Ин асар шомили ду бахш аст. Бахши нахуст, дар умумияти дониши лаҳҷашиносӣ баҳс шуда ва бахши дуюми он дар бораи баррасии лаҳҷавожаҳои форсӣ-дарӣ ва арзишмандии он пардохта шудаанд. Намунаҳо аз ҷумлаҳо, зарбулмасалҳо, чистонҳо ва лаҳҷавожаҳоро оварда, шарҳ ва эзоҳ намудааст. Муҳимтарин коре, ки дар ин асар сурат гирифтааст, таснифоти лаҳҷаҳои форсӣ-дарӣ аст. Муаллиф дар

ин замина гуфта, дар таснифи лаҳҷаҳо ва шеваҳо хусусиятҳои забонӣ (фонетикӣ-дастурӣ-вожагонӣ) нақши асосӣ дорад. То ҳол таснифот дар лаҳҷаҳои забони дарӣ аз рӯйи вижагиҳои забонӣ сурат нагирифтааст, бинобар ин, Ҳ.Ямин ба ночор ба таснифоти лаҳҷа аз рӯйи мавқеияти ҷуғрофиёӣ, ки аҳамияти дараҷаи дуюмро дар таснифоти лаҳҷа дорад, иктифо кардааст [10, с.29].

“Фарҳанги омиёнаи тоҷикии Бадахшон” асари Иноятулло Шаҳронӣ, ки дар соли 2008 дар Кобул навишта шуд. Маънии вожаҳои дарҷшуда дар ин фарҳанг дар фарҳангҳои “Луғати фурс”, “Бурҳони қотеъ”, “Ғиёс-ул-луғот” ва “Фарҳанги омиёнаи форсии Афғонистон” ҷустуҷӯ гардида, агар як вожа чанд маъно дошта, бо тамоми маъноҳояш тазаккур дода шудааст. Дар мавориде, ки вожа дар шеъри шоирони машҳур, аз ҷумла Бедил, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Хоқонӣ ва ғайра истифода шуда, ба истинод гирифта шудааст [31, с.1].

“Вожаҳо ва решаҳо” асари Ҳумоюн Бохтариёнӣ дар соли 2010 ба чоп расид. Ин асар дар бораи вожаҳо ва истилоҳоти гӯйишҳои мардуми Кобул ҳамчун фарҳанги ташреҳӣ омода гардидааст. Масалан, ифодаи **аз рег рӯған кашидан** дар лаҳҷаи мардуми Кобул киноя аз кори номумкинро мумкин сохтан аст. Бедил дар ин маврид чунин мегӯяд:

Усули симу зар, яъне зи маъдан,
Баровардан аст аз рег рӯған.

Муҳимтарин коре, ки дар ин асар сурат гирифта, таваҷҷуҳ ба решаёбии вожаҳо мебошад. Масалан, вожаи **пиёва** дар ин асар чунин шарҳ шудааст: ғизои обакӣ монанди шӯрбост, ки аз об, рӯған ва ғулинг пазанд, баъзан качолу ва тухми мурғ ба он илова намоянд. Ин истилоҳ туркӣ аст, аз **пия** ба маънии рӯғани ҳайвонӣ, чунонки дар “Ҷоме-ул-ҳикматайн” омадааст: “Агар пораи пияи паланг андар хона биниҳӣ, ҳар-ч бад-он ҳаволӣ муш боша, онҷо ояд [26, с.172]. **Ова** ҷузъи дувуми калима ҳам тағйир аз **оба** аст.

“Фарҳанги забони ҳазорагӣ тарҷума ба забони дарӣ” ба қалами Муҳаммад **Эвази** Набизода дар соли 1390 дар Кобул нашр шуд. Муаллиф чунин мегӯяд: “Дар ин луғат таҳқиқоти густурдае аз нигоҳи овошиносӣ, забоншиносии таърихӣ ва фонема ба амал омадааст ва луғотро аз лаҳҷаи ҳазорагӣ ба забони дарии адабӣ, форонсавӣ ва арабӣ тарҷума намудааст” [11, с.3].

Дари асар реша ва асли 1488 вожаро, ки аз танаи куҳани забони дарӣ, туркӣ, пашту ва дигар забонҳо аст, нишон медиҳанд, ки чӣ гуна ниёзи мардум дар байни онҳо алоқамандӣ эҷод кардааст.

Китоби “Баррасии лаҳҷаи дарии Сурхруди Нангарҳор” асари Торик Зокир дар соли 2012 нашр шудааст. Нависанда дар мавриди ин асар чунин мегӯяд: “Ин лаҳҷа бо доштани вижагиҳои хосси худ ба андозаи зиёде дар бахшҳои мухталиф аз забони пашту таъсирпазир мебошад. Дар ин таҳқиқ таъсири забони пашту болои лаҳҷаи забони дарӣ ба андозаи кофӣ мавриди баҳс ва баррасӣ қарор гирифтааст. Теъдоде аз вожаҳои пашту, ки дар дастгоҳи ин лаҳҷа барои баррасӣ гирифта шуда, авомили гирифтани вожаҳои пашту дар ин лаҳҷа баён гардидааст” [6, с.70].

Асари “Лаҳҷаи Балх ва дарёфти сухани Мавлоно” ба қалами Муҳаммад Осифи Фикрат дар соли 2013 навишта шудааст. Дар ин асар лаҳҷавожаҳои забони дарӣ, ки дар аксари манотиқи даризабони Афғонистон ва ҳатто дар аксари лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар Тоҷикистон роиҷ аст ва бо калимаҳо ва истилоҳоти лаҳҷавӣ, ки дар асарҳои пурбаҳои Ҷалолуддин Балхӣ ба кор бурда шуда, муқоиса гардидааст. Муаллиф дар ин асар мегӯяд: “Ҳар гоҳ гӯянда ва шунавандаи сухани Мавлоно бо лаҳҷаи Кобул ва Балх ошно бошад, таваҷҷуҳ хоҳад дошт, ки Мавлавӣ аз қоидаҳои арӯз ва қофия сари мӯй дур нарафтааст” [23, с.9].

Асари Шавкат Алӣ Муҳаммад Шорӣ “Дури авестоӣ дар садафи лаҳҷаи ҳазорагӣ” дар соли 2013 ба зевари чоп ороста шуд. Муаллиф чунин мегӯяд: “Дар ин асар талош карда, то байни забони авестоӣ ва забони форсии дарӣ ва ба пайравии он гӯйиши ҳазорагӣ ва забони авестоиро аз назари реша пайванд барқарор кунанд. Дар бахши забон дастоварди ин таҳқиқро метавон ёфтани ин ҳамгуниҳо ва ироаи шавоҳид ва мисолҳои зиёди байни лаҳҷаи ҳазорагӣ ва матни гаронсанги Авесто донист” [33, с.2].

“Робитаи забон ва лаҳҷа” асари Хусрави Назарӣ дар соли 2014 нашр шуд. Дар ин асар рӯйи масоили забон, нақш ва коркарди забон, робитаи забон ва лаҳҷа ва ҳамчунон аҳамияти омӯзиши лаҳҷа дар зиндагии рӯзмара пардохтааст [12].

“Фарҳанги асир, **анбанчаи гапи** Ҳирот” шарҳи луғот ва истилоҳоти мардуми Ҳирот аст, ки Асири Ҳиравӣ пажӯҳишгари афғонистонӣ онро дар соли 2014 ба чоп расонид. Ин фарҳанг шомили 12 ҳазор луғат аст, ки қисми зиёди вожаҳо ва истилоҳоти он танҳо дар лаҳҷаи Ҳирот қобили истифода буда ва дар дигар лаҳҷаҳои забони дарӣ истеъмол намешавад. Вожаҳо ва истилоҳоти лаҳҷаи ҳиротӣ барои фарди ғайри ҳиротӣ қобили фаҳм нест ва ниёз ба тафсир дорад. Ин корро муаллиф дар ин асар анҷом дода, ғайр аз луғатҳо ва вожаҳои мутаориф дар миёни мардуми Ҳирот, вожагони **сунуфи** мухталиф ба чашм мехӯранд, ба унвони намуна вожагони махсуси наҷҷорҳо, қассобҳо ва ғайра [25].

“Фарҳанги гуфтории мардуми Бадахшон” асари Аҳмадқули Зиёзода, ки дар соли 2015 ба чоп расонид. Вожаҳои зикршуда дар ин фарҳанг бештар дар мисоли вулусволии (ноҳия) Баҳорак ва қисман дар Зардев, Сарғулом ва Файзободи Бадахшон истифода мегардад. Дар навиштани ин фарҳанг тартиби ҳуруфи алифбо риоят гардида, аммо дар мавриди ду вожаи мустамал дар Бадахшон яке “va” ба маъни “бобо” ва дигаре “vi” ба маънои “бибӣ” ё “модаркалон” ба иллати набудани фонемаи “v” дар забони форсии дарӣ ин ду вожа дар системаи алифбоии ин луғат ҷой нагирифтааст. Вожаҳо ба шакли лаҳҷавиашон оварда шуда ва шарҳ ёфтаанд, вале корбурди тамоми онҳо дар қолаби ибора оварда нашудааст. Бархе аз калимаҳо дар қолаби ибора оварда шудааст, монанди: “охӣ” ба маънии “ба хотире ки”, лафзест, ки ба манзури таъйид ва таъкиди далел гуфта мешавад. Мисол: Дина рӯз ба чӣ ба мактаб наомадӣ? – Охӣ, дина мариз будум [5, с.1].

Дар паҳлуи нигораҳо сурати навиштории адабии он низ оварда шудааст

“Гӯиши ҳазорагӣ” асари Ҳафиз Шариатии Саҳар, ки дар соли 2015 дар Кобул нашр шуд. Ин асар дар бораи сарф, наҳв, овошиносӣ, вожашиносӣ, китобшиносӣ ва гӯйишшиносии мардуми ҳазора баҳс мекунад [19].

“Шеваи ғуриён дар гӯйиши ҳиротӣ” асари Яҳё Ҳусайн, ки дар соли 2017 нашр шуд. Асаре аст, ки ба шакли муқоисавӣ рӯйи лаҳҷаи Ғуриён ва лаҳҷаи Ҳирот кор шудааст. Ғуриён ноҳияе аст дар Ҳирот, ки гӯйиши мутафовут бо лаҳҷаи ҳиротӣ дорад. Ба ҳамин далел муаллиф хостааст, ки то ин ду лаҳҷаро муқоиса кунад. Дигаргуниҳо ва ҳаммонандиҳои шеваи ғуриёни Ҳиротро бо лаҳҷаи ҳиротӣ дарёбад. Дар ин асар рӯйи вожаҳо, таркибҳо ва дигаргуниҳои овоӣ ва ҳамчунон дар бахши садонок ва мусавватҳои мураккаб баҳси муфассал сурат гирифтааст [27].

“Лаҳҷашиносӣ” асари Азима Маҷид, ки соли 2010 ки ба дасти нашр супорида шуд. Дар ин асар рӯйи забон аҳамият ва фаъолияти он, лаҳҷа ва лаҳҷашиносии забони дарӣ, иртиботи лаҳҷа бо донишҳои дигар ва равиши пажӯҳиши лаҳҷаҳо баҳсҳои муфассал сурат гирифтааст. Ҳамчунон барои аввалин бор ба гурӯҳҳои мавзуӣ таваҷҷуҳ сурат гирифта, вожаҳо радабандӣ шудаанд. Агарчи гурӯҳҳои мавзуии зикршуда, калимоти хосси лаҳҷавӣ нест, бо он ҳам метавонад раҳнамои бисёр хубе бошад барои ононе, ки мехоҳанд дар бораи лаҳҷаҳо кор кунанд ва гурӯҳҳои лаҳҷавиро ташхис дода, сабт намоянд [9, с.3].

Лаҳҷаҳои забони дарӣ аз сӯйи донишмандони хориҷӣ низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Донишмандон ва муҳаққиқони кишвари дӯст Тоҷикистон, ки дар бораи забони дарӣ ва лаҳҷаҳои он кор кардаанд. Аз ҷумла М. Лутфуллоев, Р. Ҷӯраев, М. Норматов, У. Обидов, Ғ. Ҷӯраев, О. Сияров, О. Рамонов, Т. Зеҳнӣ, А.Л. Хромов, Д. Саймиддинов ва дигарон таълифи мақолаҳо, рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, ҳамчунон дар нашри осори лафзӣ ва осори шифоҳиии мардуми Афғонистон хидматҳои шоиста анҷом додаанд. Аз миёни ин шахсиятҳои мутазаккира, У. Обидов беҳтарин таҳқиқро дар мавриди лаҳҷаҳои забони дарӣ анҷом додаанд.

У.Обидов дар китоби “Шеваи Ҷабал-ус-сироҷ” 1978 пажӯҳише дар атрофи фонетика, морфология, синтаксис ва лексикаи шеваи вилояти Парвон анҷом додааст, ки ин пажӯҳиши мазкур натиҷаи заҳмати чорсолаи ӯ буда, тавонист, ки аз 20 афсона, 49 латифа, бештар аз 20 нақлу ривоят ва қиссаҳо, дубайтиҳо 5000 луғатро таҳқиқи намояд. Китоб аз ду қисм иборат буда, дар қисми аввали он вижагиҳои забонии гӯйиши мазкур ва дар қисми дувум луғати гӯйишӣ бо шарҳи он омадааст. Дар қисми фонетика У.Обидов низоми фонологии гӯйиши Ҷабал-ус-сироҷ, ҳодисаҳои фонетикии дар вожагон ҷойдошта ва

мавқеи задаро нишон додааст. Дар боби морфология, бошад, равиши ҷамъбандии исмҳо, “ифодаи ягонагию номуайянӣ ва муайянӣ дар исмҳо” шарҳу тавзеҳ ёфтааст, шавоҳид аз гӯйиши мавриди назар зикр ёфтааст, чунончи: “Гоҳо дар ифодаи номуайянӣ ва ягонагӣ шумораи yak бо аломати –е ҳамроҳ меояд: yake az ruzo chakar mezadan [18, с.38]. Дар боби ҳиссаҳои номии нутқ – сифат ва калимасозии он, ҷонишинҳо ва навъҳои он, исмҳои шахсӣ, бандакҷонишинҳо, ҷумлаҳои саволӣ, ишоратӣ, таъйинӣ, номуайянӣ, манфӣ ва инчунин шумора ва навъҳои он баррасӣ шудаанд. Қисмати бештари ин бобро таърифи феъл, замону сиғаҳои он ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки муаллифи китоб таҳлилу баррасии маводи гӯйишии забони дариро бар асоси назария ва таълимоти грамматикаи муосири забони тоҷикӣ ба роҳ мондааст. Нигаред ба тасрифи вожаи аст (ҳаст):

Шумораи танҳо: 1) astum/astam, 2) asti, 3) ast.

Шумораи ҷамъ: 1) astem/astim, 2) asted/astid/asten, 3) astan/astand [18, с.77].

Ҳангоми баррасии ҳиссаҳои ёвари нутқ пешояндҳое омадаанд, ки хосси ҳамин гӯйишанд, чунончи: dōni/dāni, suni.

Дар боби сеюм вижагиҳои наҳвии гӯйиши Ҷабал-ус-сироҷ аз қабили ҷумлаҳои содаву мураккаб ва навъҳои он бо зикри ҷумлаҳо ва таҳлили наҳвии онҳо ҷой доранд. Боби чаҳорум, ба таҳлили луғавӣ ва баромади вожагон бахшида шудааст. Муҳаққиқ вожагонро ба се гурӯҳ: а) калимаҳои аслии умумихалқӣ, б) калимаҳои шевагӣ в) калимаҳои иқтибосӣ ҷудо кардааст. Дар бахши вожагони иқтибосӣ вожаҳои забонҳои пашту (chavki, jirga), ҳиндӣ (kālā, kilkin), туркӣ (qurut, qamchin), русӣ (sowet, pospurt), англисӣ (pokat, tiket), немисӣ (tunal, mutar) муайяну мушаххас шудаанд [18, с.134].

Бори нахуст роҷеъ ба савтиёт ва таркиби луғати лаҳҷаҳои дарии Афғонистон дар маҷмуъ пажӯҳиши муфассалро Обидов У. анҷом дода, дар шакли васоити таълимӣ зери унвони “Лаҳҷаҳои дарии Афғонистон” интишор намудааст [17].

Дар васоити таълимии мазкур низоми фонологии лаҳҷаҳои дарӣ мушаххас шудаанд: вокализмҳои устувор (и, у, о), нисбатан устувор (а, е, ӯ) ва ноустувор (и, у, ъ). Муҳаққиқ Обидов У. вижагиҳои корбурди садонокҳои мазкурро дар гӯйишҳои гуногуни дарӣ нишон додааст. Масалан: дар мавриди корбурди фонемаи а мегӯяд, ки ин фонема “дар лаҳҷаҳои Кобулӣ ва Шимолу шарқӣ ин аст, ки дар натиҷаи аз таркиби калима афтидани овози ɛ кашшишноктар талаффуз гардида, ба фонемаи ō мегузарад. Чунончи бōд – ба ɛ д, дōwo - д ɛ wo”, ё фонемаи ъ чунин таъриф шудааст: “Фонемаи ъ – садоноки ғайрилабии қатори қафо, бардошти нисбатан боло мебошад. Фонемаи мазкурро мо дар лаҳҷаи Чаёби вилояти Таххор ва Дарвози вилояти Бадахшон мушоҳида кардем. Тарзи талаффузи он ба шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ монанд аст. Чунончи: гъл, къртa, сътора, замин, дъст ” [18, с.19]. Гузориши муфассале дар бораи консонантизмҳои гӯйишҳои дарӣ низ дар китоб омадааст. Бинобар таҳқиқи Обидов У. дар лаҳҷаҳои Кобулӣ ва Ҳирот 23 ҳамсадо ва дар лаҳҷаҳои шимолу шарқӣ ва лаҳҷаи ҳазораҳо 24 овози ҳамсадо мавҷуд аст. Инчунин ҳодисаҳои фонетикӣ дар вожагони гӯйишӣ аз қабили афтидани овозҳо, мувофиқати садонокҳо, афтидани ҳамсадоҳо, омехташавии ҳамсадоҳо, ҷойивазкунии овозҳо, мавқеи зада дар калимаҳо бо нишон додани шавоҳиди зиёде оварда шудаанд. Дар боби “Лексика” вожаҳо аз рӯйи доираи истеъмолашон, яъне калимаҳои умумихалқӣ, калимаҳои хосси шева, калимаҳои эрониасл, калимаҳои иқтибосии лаҳҷаҳои дарӣ гурӯҳбандӣ ва таҳлилу баррасӣ шудаанд. Вобаста ба калимаҳои умумихалқии таркиби вожагони гӯйишӣ муҳаққиқ менигорад: “Дар лаҳҷаҳои дарӣ низ теъдоди зиёди воҳидҳои луғавиеро мушоҳида мекунем, ки онҳо дар айни як шаклу маъно ҳам дар забони адабӣ ва ҳам дар лаҳҷаҳо ба тариқи мувозӣ таҳти истеъмол қарор гирифтаанд” [18, с.67]. Дар мавриди шинохти вожагони гӯйишӣ “калимаҳое дар назар дошта мешаванд, ки ба системаи луғавии забони умумихалқӣ дохил намешаванд”. Зимни баррасии вожаҳои гӯйишӣ муаллифи китоб калимаҳоро аз рӯйи доираи истеъмол, мансубияти маъноӣ ҷудо кардааст. Инчунин Обидов У. калимаҳои эрониасл ва калимаҳои иқтибосии арабӣ, ҳиндиву туркӣ ва аврупоӣ – англисӣ, фаронсавӣ ва русиро муайян намуда, маъно ва азхудкунии фонетикии онҳоро нишон додааст. Муаллиф дар мақолаи “Баъзе пешояндҳои шеваи Ҷабул-ус-сироҷ дар Афғонистон” кӯшидааст, ки пешояндҳои лаҳҷавиро, ки дар лаҳҷаи минтақаи Ҷабул-ус-сироҷ мавриди корбурд қарор гирифтаанд, тавзеҳ дода, шаклҳои гуногуни корбурди

пешояндҳоро дар ҷумла нишон додааст. Дар мақолаи “Баъзе андешаҳо оид ба лаҳҷаи дарии Афғонистон” роҷеъ ба миллатҳои гуногуни Афғонистон, соҳаи паҳншавии лаҳҷаҳои забони дарӣ, ҳамчунон донишмандоне, ки то кунун дар бораи забони дарӣ ва лаҳҷаҳои он кор кардаанд, тазаккур додааст.

Китоби дигари У. Обидов “Омӯзиши муқоисавии гӯйишҳои дарии Афғонистон” буда, рисолаи илмӣ ва таҳқиқӣ аст. Лаҳҷаҳои мардуми Кобул, Мазори Шариф, Ҷабул-сусироҷ, Таххор (Толиқон - маркази вилояти Таххор ва Чаёб, яке аз ноҳияҳои вилояти Таххор), Парвон, Бадахшон, Қундуз, Қандаҳор ва Фароҳро ба шакли муқоисавӣ кор карда ва перомуни тафовутҳо ва умумиятҳои овозӣ, фонетикӣ, морфологӣ ва луғавӣ ба гунаи муфассал баҳс намудааст [14].

У.Обидов дар асараш “Лаҳҷаи дарии Афғонистон”, ки дар соли 1993 дар шаҳри Душанбе нашр шуд, нахустин бор роҷеъ ба савтиёт ва таркибҳои луғавӣ, лаҳҷаҳои забони дарии Афғонистон маълумоти муфассал додааст [17].

Забоншиноси маъруфи тоҷик профессор Ғаффор Ҷӯраев “Очерки забони дарии Афғонистон”-ро (2017) бори нахуст дар бораи сохтори сарфию наҳвӣ ва таркиби луғати забони дарӣ интишор намудааст. Маводи пажӯҳишии забони дариро осори насрии нависандагони даризабон ва рӯзномаҳои солҳои 80-уми Афғонистон ташкил додаанд. Китоб аз чаҳор боб иборат буда, боби аввали он дар бораи вазъи омӯзиш ва масоили сохтмони забони дарӣ, боби дуюм хусусиятҳои сарфии забони дарӣ, боби сеюи дар бораи қайдҳои мухтасар дар бораи наҳви забони дарӣ ва боби чорум дар бораи лексикаи забони дарӣ мебошад. Дар боби якум муҳаққиқ таҳқиқоти густардаеро доир ба омӯзиши забони дарӣ аз ҷониби муҳаққиқони русу ғарбиву Афғонистон анҷом дода, ҳар яке аз онҳоро баҳогузорӣ намудааст. Дар боби дувум оид вижагиҳои луғавиву грамматикии вожагон, категория ва навъҳои онҳо, сохтори вожагони забони дарӣ маълумот додааст. Боби сеюм масоили наҳвии забони дарӣ – ибора, ҷумлаҳои содаву мураккаб ва навъҳои онро баррасӣ мекунад. Дар боби чаҳорум роҳҳои ташаккул ва инкишофи таърихии таркиби луғати забони муосири дарӣ нишон дода шудаанд, ки ду қабати асосии калимаҳо – калимаҳои дарӣ (эронӣ) ва иқтибосиро дар бар мегирад. Дар рисола муаллиф ба масоили гӯйишҳои забони дарӣ даст назадааст, аммо пажӯҳиши ҳамаҷонибаи забони адабии дарӣ, заминаи ва назарияи арзишманди илмӣ барои пажӯҳиши гӯйишҳо мебошад, зеро асосу бунёди гӯйишҳои дариро забони адабиву меъёрӣ ташкил медиҳад.

Муҳаққиқони Эрони гузашта аз баҳсу таҳқиқ перомуни забони дарӣ ва қавоиди он китобҳои мушаххасе роҷеъ ба лаҳҷаҳои ин забон ҳам навиштаанд. “Фарҳанги форсии омиёна” асари Абулҳасани Нақафӣ аст, ки дар соли 2008 дар Теҳрон нашр шудааст. Хусусияти барҷастаи ин асари А.Нақафӣ он аст, ки дарбаргирандаи истилоҳоти омиёнаи форсӣ ҳамроҳ бо шоҳидҳо ва мисолҳои гуногун аз матнҳои мухталиф ба вижа адибиёти достонии форсӣ аст. Вижагии дигари муҳимми ин фарҳанг риояи усули фарҳангнависӣ ва ҷомеъ будани он мебошад [13].

“Фарҳанги гӯйиши Хуросони бузург” навиштаи Амирҳасани Акбарӣ Шолчӣ аст, ки дар соли 1991 дар Теҳрон ба нашр расид. Муаллиф дар бораи ин фарҳанг чунин мегӯяд: “Вожагони ин фарҳанг омиёна ва гуфторианд ва ҳамчунон мансуб будани вожагон дар ин фарҳанг ба як ё чанд минтақаи Хуросон ба маънои ба кор нарафтани ҳатмии онҳо дар дигар сарзаминҳои форсизабон нест, балки бояд донист, ки бисёре аз ин вожагон дар ҷойҳои дигари Эрон ва гоҳ дар миёни порсизабонҳои Кашмир, Ҳинд ва Покистон низ корбурд доранд” [34, с.2].

“Фарҳанги луғоти омиёна” асари Муҳаммадалии Ҷамолзода аст, ки дар соли 2019 дар Теҳрон ба табъ расидааст. Дар ин фарҳанг дар паҳлуи вожаҳои омиёна истилоҳоти омиёна ва маънии онҳо бо риояти тартиби алифбо дарҷ гардидааст [28].

“Фарҳанги форсии ношунида” фарҳанги вожагон ва истилоҳоти форсӣ ва форсишудаи корбурдӣ дар Афғонистон аст, ки дар соли 2012 ба қалами Ҳасан Ануша ва Ғуломризо Худобанда навишта шудааст. Муаллифон дар нигориш ва тадвини ин фарҳанг 4 гурӯҳ аз луғот ва истилоҳотро дар назар доштаанд: 1. Вожа, таркибот ва истилоҳоти форсӣ, ки дар мутуни назму насри қадим омадааст ва имрӯз дар Эрон корбурд надошта, аммо дар Афғонистон ҳамчунон дар истеъмоланд. 2. Луғоте, ки дар Эрон ва Афғонистон корбурд доранд, аммо маънии онҳо мутафовит шудааст. 3. Вожаҳои форсие, ки дар

Афғонистон корбурд доранд, аммо дар Эрон ношинохтаанд ва дар матнҳои назму наср ҳам пешинаи корбурд надоранд. 4. Вожаҳое, ки аз забонҳои дигар ба форсии дарии Афғонистон роҳ ёфтаанд ва ҳеҷ корбурд дар Эрон надоранд. Ҳамчунон дар ин фарҳанг барои ба даст овардани талаффузи дурусти калимот аз шеваи овознигории байналмилалӣ истифода шуда, мисол аз матнҳои назмию насрӣ гирифта шуда ва як теъдод вожаҳои дарҷшудаи ин фарҳанг решашиносӣ нашудаанд.

Омӯзиши забони дарии муосир ва лаҳҷаҳои он баъди солҳои бистуми асри XX шурӯъ шудааст. Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нахустин мақола аз ҷониби Месерианс Л.С. (1923) “Афғонистон аз лиҳози забон” ба табъ расида, гурӯҳи лаҳҷаҳои Афғонистон – кобулӣ, ҳиротӣ, бадахшонӣ ва вижагиҳои забони миллатҳои қизилбошону ҳазораҳо нишон дода шудаанд. Чанде аз вожагон ва ифодаҳои гӯйиши яҳудиён аз ҷониби И.И. Зарубин (1924) мавриди таҳлил қарор гирифта аст. Профессор Андреев М.С. натиҷаи таҳқиқоти чормоҳаи худро дар Афғонистон бо номи “Роҷеъ ба энологияи Афғонистон - водии Панҷшер” соли 1926 чоп намуда, ки дар китоб фолклори мардуми ноҳияи Панҷшер ва гӯйиши мардуми онро овардааст.

Бори аввал дар натиҷаи пажӯҳиши муфассал анҷомдодаи шарқшинос Дорофеева Л.Н. дар бораи умумият ва тафовути забони форсии кобулӣ аз забонҳои форсиву тоҷикӣ сухан рафтааст. Кори Л.Н. Дорофееваро Л.Н. Киселева идома дода, бунёди вожагони забони дарӣ ва хусусиёти овозиву сарфии забони форсии Кобулӣ ва лаҳҷаи Чоряккорро эроншинос Пахалина Т.Н. таҳқиқ кардаанд.

Пажӯҳишҳои ҷудогонае дар атрофи бархе аз гӯйишҳои забони дарӣ аз ҷониби муҳаққиқони рус Н.А. Дворянков дар бораи лаҳҷаи тоҷикони кӯҳистони Қунар, Ефимов В.А. дар бораи лаҳҷаи ҳазора, Грюнберг дар бораи лаҳҷаи мунҷонӣ, Островский роҷеъ ба вижагиҳои лаҳҷаи кобулӣ анҷом шудаанд. Соли 1999 монографияи Иоаненесян Ю.А. зери унвони “Гӯйиши ҳиротии забони дарӣ” интишор ёфтааст. Монографияи мазкур аввалин тавсифи низоми фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии гӯйиши Ҳирот мебошад, ки муаллифи китоб пажӯҳишҳои солҳои 1979-1981 анҷомдодашро таҳлили дақиқи забоншиносӣ кардааст. Дар монография вижагиҳои фонетикӣ, низоми вокалу (8 вокал) консонантҳо, дифтонгҳо ва ҳодисаҳои фонетикӣ, ҳиссаҳои номии нутқ - исм, сифат, шумораву ҷонишинҳо, инчунин зарфу феълҳо ва ҳиссаҳои ёвари нутқ аз лиҳози луғавӣ ва нишонаҳои грамматикӣ, ҷумлаҳои сода ва мураккаб баррасӣ шудаанд. Дар охири китоб асосҳои феъл ва намунае аз фолклори Ҳирот бо тарҷумаи русии матнҳо омадааст.

Вижагиҳои луғавиву маъноӣ, фонетикиву грамматикии забони дарӣ аз ҷониби муҳаққиқони Шӯравӣ Ҳошимбеков Ҳ., Загребалний В.Н., Уралов Х.У., Шокиров А.З., Миколайчик В.И., Помозова С.И., Арслонбеков А.И. Ҷавов А. омӯхта ва баррасӣ шудаанд.

Т.Н. Пахалина монографияи “Масъалаи садонокҳои форсии кобулӣ”-ро навиштааст, ки дорои аҳамияти махсус мебошад. Зеро он натиҷаи мушоҳидоти ташхисӣ ба шумор меравад. Ҷолиби диққат аст, ки Пахалина Т.Н. 8-то будани овозҳои садонокро асос мекунад. Ҳамчунон, хусусиятҳои сифати миқдории овозҳоро вобаста ба шароитҳои гуногуни фонетикӣ, хислати овозӣ, хусусияти ҳиҷо, зада ва ғайраро бо рақамҳои риёзӣ нишон медиҳад. Бешак, таҳқиқоти мазкур ҳангоми омӯзиши савтиёти забони дарӣ ҳамчун манбаи муътамад истифода хоҳад гардид. Илова бар ин, Т.Н. Пахалина дар бораи фонетика ва морфологияи лаҳҷаи Кобул ва баъзе хусусиятҳои хосси фонетикии лаҳҷаи ноҳияи Чорикор, мақолаи муфассал нигошта аст. Дар охирин мақолаи худ, ба таври иловагӣ намунаи нутқи гуфтугӯйии сокинони даризабони Кобул дода шудааст.

Ҳамчунин, вижагиҳои луғавиву маъноӣ, фонетикиву грамматикии забони дарӣ аз ҷониби муҳаққиқони шӯравӣ Ҳ. Ҳошимбеков, В.Н. Загребелний, Х.У. Уралов, А.З. Шокиров, В.И. Миколайчик, С.И. Помозова, А.И. Арслонбеков, А. Ҷавов омӯхта ва баррасӣ шудаанд.

Китоби “Забони дарии Афғонистон” (“Язык дари Афганистана”) (М.Г. Киселёва 1985) доир ба ҳаммонандии забонҳои Эрону Афғонистон ва Тоҷикистон ва даврaҳои таҳаввули онҳо маълумот додааст ва ҳамчунин дар бораи шакли хаттӣ ва гӯйишии забони дарӣ, манотиқи паҳншавии онҳо ва ҳамчунон таъсири лаҳҷа ба забони навишторӣ,

бахусус рӯзномаҳо, радио ва телевизион бо гӯйиши мардумӣ хеле наздик қайд шудааст [7, с.6].

Асари дигари ин муаллиф “Очеркҳо роҷеъ ба лексикологияи забони дарӣ” соли 1973 ба чоп расидааст, ки дар он хусусиятҳои луғавии забони дарӣ ба андозаи матлуб ва аз нигоҳи муқоисавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Асари мазкур ҳам бо мундариҷа ва ҳам аз бобати гузоришҳои илмӣ мақоми хосса дорад. Ин нахустин тадқиқотест, ки умуман дар бораи системаи лексикаи забони дарӣ маълумоти муфассал медиҳад [8].

Муҳаққиқи дигар Ю.А. Иоаннесян монографияи худро бо номи “Гӯйиши ҳиротии забони дарӣ” соли 1999 нашр намудааст. Дар тадқиқоти мазкур гӯйиши муосири забони дарӣ – ҳиротӣ ба таври диахронӣ (таърихӣ) оварда шудааст. Доир ба фонетика, морфология ва наҳви гӯйиши Ҳирот дар асоси маводҳои бевоситаи мушоҳидакардаи худи муаллиф тартиб дода шудааст [4, с.11].

Олимони аврупоӣ ва амрикоӣ В. Гейгер, Д. Филот, Г. Моргенстерне, Л. Бонелли, Л. Богданов ва ҳамчунин Ж. Лазар “Морфология ва феъл дар лаҳҷаи Систон” (1974), Р. Замородиана “Системаи феъл дар гӯйиши Қоён” (1974), В. Верихо “Фолклори Систон-Форс” (1962), Waryho J. W. “Фолклори дарии Сиистон” (1962), Masse H. “Достони кӯтоҳ дар форсии машҳур” (1925), Ivanov W. “Шеъри рустоӣ дар лаҳҷаи Хуросон” (1925), Morgenstierne G “Маъмурияти забоншиносӣ дар Афғонистон” (1926), Ivanov W. “Баъзе ашъори лаҳҷаи сабзворӣ” (1927), Morgenstierne G “Матнҳои форсӣ-дарӣ аз Афғонистон” (1928), Ivanov W. “Форсӣ тавре, ки дар бечанд гуфта мешавад” (1928), Bogdanov L “Ёддоштҳои ғайрирасмӣ дар мавриди форсии кобулӣ” (1930), Lazard G “Дастури маосири форсӣ”(1957), Waryho J. W. “Фолклори дарии Сиистон” (1962), MacKenzie D. N. “Фарҳанги мухтасари паҳлавонӣ” (1971), Dulling G.K. “Лаҳҷаи ҳазорагии форсии Афғонитон, мутолиаи муқаддимавӣ” (1973) дар бораи лаҳҷаҳои забони дарӣ ва лаҳҷаҳои он маълумоти муфассал додаанд.

Хулоса, донишмандони дигар дар мақолаву асарҳои ҷудогона дар бораи забони дарии Афғонистон ва, қабл аз ҳама, дар бораи лаҳҷаи кобулӣ маълумоти фишурда иброз доштаанд. Ногуфта намонад, ки муҳаққиқони номбурда дар бораи баъзе хусусиятҳои фонетикӣ, луғавӣ ва грамматикии забони дарии Афғонистон ва, пеш аз ҳама, дар бораи лаҳҷаи кобулӣ маълумоти муҳим додаанд, вале онҳо пурра нестанд. Бо вуҷуди он ки пажӯҳишҳои забонӣ дар мавриди забони форсӣ ба сурати илмӣ, баъд аз охири қарни XIX мелодӣ оғоз шуд, дастовардҳои чашмгире дар ҳавзаҳои сегонаи забони форсӣ (Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон) сурат гирифтааст. Дар Афғонистон аввалин касе, ки перомуни лаҳҷаи кобулӣ таҳқиқот бурдааст, дуктур Равон Фарҳодӣ мебошад. Баъд аз он донишмандони дигар чун Абдуллои Афғонинавис, Муҳаммадраҳими Илҳом, Накҳат Саидӣ, Иноятуллои Шаҳронӣ, Муҳаммадосифи Фикрат, Шавкаталӣ Муҳаммад Шорӣ, Асири Ҳиравӣ, Яҳё Ҳусайн, Ҳафиз Шариатӣ, Муҳаммадиваз Набизода, Шоҳалиакбари Шаҳристонӣ, Ҳусайни Амин, Аҳмадқули Зиёзода, Азима Маҷид, Хусрави Назарӣ ва Ториқи Зокир ҳар як асарҳои судманде дар лаҳҷаҳои забони дарӣ ба дунёи лаҳҷашиносии Афғонистон пешкаш намудаанд ва соҳаи лаҳҷашиносиро ғино бахшидаанд. Албатта, бо вуҷуди ҳамаи ин корҳо, боз ҳам лаҳҷаҳои зиёди забони дарӣ боқӣ монда, ки рӯйи онҳо то ҳанӯз ҳеҷ гуна коре сурат нагирифтааст.

Муқарриз: ***Саломиён М.*** – доктори илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Андреев М.С. Роҷеъ ба этнология Афғонистон / М.С. Андреев. – М., 1927. - 101 с.
2. Афғонинавис А. Афғон қомус / А. Афғонинавис. 1958. – 1790 с.
3. Афғонинавис А. Луғати омиёнаи форсии Афғонистон / А. Афғонинавис. – Кобул: Академияи улум, 1958. – 180 с.
4. Иоаннесян Ю.А. Гӯйиши ҳиротии забони дарӣ / Ю.А. Иоаннесян. – 1999.
5. Зиёзода А. Фарҳанги гуфтории мардуми Бадахшон / А. Зиёзода. – Кобул: Паранд, 1394. – 202 с.
6. Зокир Т. Барраси лаҳҷаи дарии Сурхруди Ненгарҳор / Т. Зокир. – Нангарҳор: Донишгоҳ, 2012. – 72 с.
7. Киселёва М.Г. Язык дари Афганистана / М.Г. Киселёва. – М.:Наука, 1985. – 125 с.
8. Киселёва М.Г. Очеркҳо роҷеъ ба лексикологияи забони дарӣ / М.Г. Киселёва. - 1973. - 152 с.
9. Маҷид А. Лаҳҷашиносӣ / А. Маҷид. – Кобул: Амирӣ, 2010. - 239 с.

10. Ямин М.Ҳ. Даромаде бар лаҳҷашиносӣ дар забони форсӣ-дарӣ” / М.Ҳ. Ямин. – Кобул: Саид, 1988. – 150 с.
11. Набизода М.Э. Лаҳҷаҳои марвеҷи мардуми Ҳазора ва Ҷоғӯрӣ “дойзангӣ, баҳсуд ва ҷоғӯрӣ” / М.Э. Набизода. – Кобул: Матбааи давлатӣ, 2011. – 83 с.
12. Назарӣ, Х. Робитаи забон ва лаҳҷа / Х. Назарӣ. – Кобул: Хуросон, 2014. – 119 с.
13. Наҷафӣ, А. Фарҳанги форсии омиёна / А. Наҷафӣ. – Теҳрон: Нилуфар, 2008. – 1526 с.
14. Обидов У. Омӯзиши муқоисавии гӯйишҳои дарии Афғонистон / У. Обидов. – Душабе, 1995. – С. 40.
15. Обидов У. Қаробат ва умумияти воҳидҳои луғавии лаҳҷаҳои дарӣ бо баъзе лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ / У. Обидов // Тезисы докладов апрельской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава ТГУ им. В.И. Ленина. – Душанбе: Сино, 1994. – С.94-95.
16. Обидов У. Баъзе андешаҳо оид ба лаҳҷаҳои дарии Афғонистон / У. Обидов // Мардумгиёҳ, 1993. - №1. – С.28-29.
17. Обидов У. Лаҳҷаи (гӯиши) дарӣ Афғонистон / У. Обидов. - Душанбе: Дониш, 1993. – 106 с.
18. Обидов У. Шеваи Ҷубал-ус-сироҷ / У. Обидов. - Душанбе: Дониш, 1978. – 170 с.
19. Саҳар Ҳ.Ш. Гӯиши ҳазорагӣ / Ҳ.Ш. Саҳар. Мушаххасоти нашри деҷитлӣ. - Исфаҳон: Маркази таҳқиқоти роёнаӣ, 2013. - 1800 с.
20. Саймиддинов Д. Як нишонаи овоии вожаҳои иқтибосии суғдӣ дар форсии дарӣ ва гӯишҳои тоҷикӣ / Д. Саймиддинов // Номаи пажӯҳишгоҳ (маҷмӯи мақолот). Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 2003. - №3. – С.5-22.
21. Фарҳодӣ, Р. Дастурӣ забони гуфтории Кобул / Р. Фарҳодӣ. – М.: Наука, 1974. – 210 с.
22. Фикрат М.О. Луғати забони гуфтории Ҳирот” / М.О. Фикрат. – Кобул: Байҳақӣ, 1976. – 181 с.
23. Фикрат М.О. Лаҳҷаи Балх ва дарёфти сухани Мавлоно / М.О. Фикрат. - 2013. – 270 с.
24. Хромов А.Л. Дар бораи баъзе луғати маҳҷури забони дарӣ, ки дар гӯйишҳои тоҷикӣ то имрӯз маҳфуз мондааст / А.Л. Хромов // Паёми навин. – 1966. - №4. – С.16-21.
25. Ҳеравӣ А. Фарҳанги асир, анбанчаи гапи Ҳирот / А. Ҳеравӣ. - Афғонистон: Ҳирот, 2014. – 640 с.
26. Ҳумоюн Бохтариёнӣ. Вожаҳо ва решаҳо / Ҳумоюн Бохтариёнӣ. – Кобул: Саид, 2010. – 150 с.
27. Ҳусайн Ямин. Шеваи ғуриён дар гӯйиши ҳиротӣ / Ямин, Ҳусайн. – Ҳирот: Донишгоҳ, 2017. – 90 с.
28. Ҷамолзода М.А. Фарҳанги луғоти омиёна / М.А. Ҷамолзода. – Теҳрон: Сухан, 2019. – 586 с.
29. Ҷӯраев Ғ. Луғатшиносии муосири дарӣ / Ғ.Ҷӯраев, У. Обидов // Хуросон. – Кобул, 1982. - №29. – С.5-9.
30. Ҷӯраев Ғ. Очерки забони дарии Афғонистон / Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 2017. – 283 с.
31. Шаҳронӣ И. Фарҳаниги омиёнаи тоҷикии Бадахшон / И. Шаҳронӣ. - Кобул: Қизилчупон, 2008. – 538 с.
32. Шаҳристонӣ Ш.А. Қомуси лаҳҷаи дарӣ ҳазорагӣ” / Ш.А. Шаҳристонӣ. - 1982. – 246 с.
33. Шорӣ М. Дури авестоӣ дар садафи лаҳҷаи ҳазорагӣ / М. Шорӣ. –Кобул: Субҳи умед, 2013. – 296 с.
34. Шолчӣ А.А. Фарҳанги гӯйиши Хуросони бузург / А.А. Шолчӣ. – Теҳрон: Саидӣ, 1991. – 310 с.

ДАРАҶАИ ОМӮЗИШИ ЛАҲҶАҲОИ ЗАБОНИ ДАРӢ ДАР АФҒОНИСТОН

Забони дарӣ тибқи қонуни Афғонистон дар баробари забони пашту яке аз забонҳои расмӣ ё давлатии Афғонистон ба шумор меравад. Забони дарӣ дорои лаҳҷаҳои гуногуну зиёд ва серистеъмол дар соҳаҳои манотиқи мухталифи Афғонистон мебошад, ки аз дер боз таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Китобҳои судманде, ки дар дохили Афғонистон ба василаи донишмандони гиромиқадр баъди соли 1955 ва давоми солҳои баъдӣ сурат гирифта, қарори зайланд: “Гӯйиши дарии Афғонистон” асари Равон Фарҳодӣ, “Афғонқомус” ва “Луғати омиёнаи Афғонистон” асарҳои Абдуллои Афғонинавис, “Луғати забони гуфтории Ҳирот” ва “Лаҳҷаи Балх ва дарёфти беҳтари сухани Мавлоно” асарҳои Муҳаммадосифи Фитрат, “Дурри авестоӣ дар садафи лаҳҷаи ҳазорагӣ” асари Шавкаталӣ Муҳаммад Шорӣ, “Фарҳанги асир” асари Асири Ҳиравӣ, “Шеваи ғуриён дар гӯйиши ҳиротӣ”-и Яҳё Ҳусайн, “Гӯйиши ҳазорагӣ” асари Ҳафизи Шариятӣ, “Фарҳанги омиёнаи тоҷикии Бадахшон” асари Иноятуллои Шаҳронӣ, “Фарҳанги забони ҳазорагӣ тарҷума ба забони дарӣ” асари Муҳаммадивази Набизода, луғати “Лаҳҷаи ҳазорагӣ” асари Шоҳалиакбари Шаҳристонӣ, “Даромаде ба лаҳҷашиносӣ дар забони форсии дарӣ” асари Муҳаммадҳусайни Ямин, “Лаҳҷашиносӣ” асари Азима Маҷид, “Робитаи забон ва лаҳҷа” асари Хусрави Назарӣ ҳамаи инҳо асарҳои судмандеанд, ки дар арсаи ҷамъоварии маводи лаҳҷавӣ пардохтаанд, вале ин пажӯҳишҳо кофӣ нестанд. Чун аксарияти лаҳҷаҳои забони дарӣ то ҳанӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Дар канори донишмандони Афғонистон донишмандони хориҷӣ низ рӯйи забони дарӣ ва лаҳҷаҳои он корҳои судманди анҷом додаанд. Монанди Лутфуллоев, Р. Ҷӯраев, Норматов М., Обидов, Ғ. Ҷӯраев, О. Сияров, Раҳмонов, Т. Зеҳнӣ, А. Наҷафӣ ва А. Акбари Шолчӣ, Л.С. Месеренес, М.С. Андреев, Пахалина, Дорофиева, Дуворенков, Ефемова, Гурунберг ва дигарон.

Калидвожаҳо: забони дарӣ, дараҷаи омӯзиш, лаҳҷа, фарҳангнависӣ, соҳаи таҳқиқ, ҳавзаи сегонаи забони форсӣ, асар, рисола, мақола.

СТЕПЕНЬ ИЗУЧЕНИЯ ДИАЛЕКТОВ ДАРИ В АФГАНИСТАНЕ

Согласно афганскому законодательству, дари является одним из официальных или государственных языков Афганистана наряду с пушту. Сегодня, независимо от иранского и таджикско-персидского, он развивается и процветает. Язык дари, имеющий множество диалектов и широко используемый в различных частях Афганистана, давно привлекает внимание исследователей. Наиболее полезными книгами, написанными в Афганистане уважаемыми учеными после 1955 года и в последующие годы, являются: «Словарь разговорного языка Герата» и «Балхский диалект и лучший поиск речи Мавлоно Мухаммадосифа Фитрата, «Авестийский Дурри в диалекте Жемчужины тысячелетия» Шавкатали Мухаммад Шори, «Культура в неволе» Асири Хирави, «Диалект тысячелетия» Хафиза Шариати, «Таджикская культура

Бадахшана» Иноятулло Шахрони, «Словарь тысячелетия в переводе на дари» Мухаммадвази Набизода, «Диалект тысячелетия» Шахалиашин Азима Маджида, «Связь языка и диалекта» Хусрава Назари, - все это полезные работы в области сбора материалов по диалектам, но их недостаточно, поскольку существует большинство диалектов языка дари, которые еще не изучены. Наряду с афганскими учеными, иностранные ученые также проделали полезную работу над языком дари и его диалектами. Такие ученые, как и Лутфуллоев, Р. Джураев, Норматов, Обидов, Г. Джураев, О. Сияров, Рахмонов, Туракулов Зехни, Абулхасан Наджафи и Амирхусаин Акбари Шолчи, профессор Л. С. Месеренес, М. С. Андреев, Пахалина, Дорофьева, Дуворенков, Ефемова, Гурунберг и другие проделали полезную работу по фонетике, морфологии, грамматике и диалектам различных регионов Афганистана.

Ключевые слова: язык дари, уровень изучения, диалект, культурология, область исследования, трилогия персидского языка, работа, диссертация, статья.

DARI DIALECT STUDY DEGREE IN AFGHANISTAN

According to Afghan law, Dari is one of the official or state languages of Afghanistan, along with Pashto. Today, regardless of Iranian and Tajik Persian, it is developing and flourishing. The Dari language, which has many dialects and is widely used in various parts of Afghanistan, has long attracted the attention of researchers. The most useful books written in Afghanistan by respected scholars after 1955 and in subsequent years are: After 1955 and then .Are as follows:Dari spoken of Afghanistan by Rawan Farhadi, Afghan dictionary and Dialect of Afghanistan works by Abdullah Afghani Nawis,Spoken words of Herat and bulkh Dialect also receiving better speech of Molana works by Muhammad Asif Fatrat, In Awestaianin the Pearl of HAzaragi dialect by Shokat Ali Mohammed Shari, Asir Dictionary by Asir Herawi, Gloriana method in the Spoken of Herat work of Yakhi Hussain, Hazaragi Spoken Language work of Hafiz Shariati Informal culture of Tajik badakhshan by Enaytullah Shahrani, dictionary of Hazaragi language and translated to Dari language by Muhammad evaz Nabizada, hazaragi dialect work of Shah Ali Akbar Shahrani , Entry to dialectoloy in Persian language by Muhammad Hussain Yamin, dialectology by Azima majid and relation of dialects with language work of Khusraw nazari all of them are usefull works. - all these are useful works in the field of collecting materials. dialects, but they are not enough, since there are most of the Dari dialects that have not yet been studied. Along with Afghan scholars, foreign scholars have also done useful work on the Dari language and its dialects. Like Lutfullah off, R Jora off, Narmat off , obid off, Gh Johar off, Asirao, Rahman off, Tora qul zahni, Abo alhussain Najafi and Amir Hussain Akbari Shalchi, l s Mir senses, m s Anderew, pukhlina, Dara few, dowa Renkaw, Efimo, ghroro berk, and so on... Has done useful work on phonetics, morphology, grammar and dialects of various regions of Afghanistan.

Key words: Dari language, level of study, dialect, cultural studies, field of study, trilogy of the Persian language, work, dissertation, article.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шарипова Фарангис Худоиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Farangis@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-62-46-54**
Носирӣ Бибинилуфар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17. E-mail: **Nilofarnaseri09@gmail.com.** Тел.: **(+992) 888-31-79-79**

Сведение об авторах: ***Шарипова Фарангис Худоиевна*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Farangis@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-62-46-54**
Носири Бибинилуфар – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Nilofarnaseri09@gmail.com.** Тел.: **(+992) 888-31-79-79**

Information about the authors: ***Sharipova Farangis Xudoievna*** - Tajik National University, doctor of philology, professor of the department of the History of Language and Typology. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Farangis@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-62-46-54**
Naseri Bibinilufar - Tajik National University, Doctor PhD of Philology Department of the History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Str., 17. E-mail: **Nilofarnaseri09@gmail.com.** Тел.: **(+992) 888-31-79-79**

УДК: 811

МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ ИСМҲОИ СЕРМАЪНОИ КУҲНАШУДАИ ТОҶИКӢ ВА ТАРЗҲОИ ТАРҶУМАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

(дар намунаи “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Румӣ)

Ҳасанзода А.А., Шарипова Ш.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар бораи калимаҳои архаистӣ ё куҳнашуда, ки онҳоро баъзан “калимаҳои маҳҷуру матрук” низ меноманд, дар забоншиносии муосири тоҷик тадқиқи алоҳидаю фарогир, ба ҷуз қайдҳои ҷудогона, сурат нагирифтааст. Маъмулан дар ҳамаи дастурҳои забони муосири адабии тоҷикӣ, асарҳои ба услуби адибони алоҳида ва ба масоили вожашиносӣ бахшида шуда, ҳамчунин донишномаю луғатҳои истилоҳоти забоншиносӣ роҷеъ ба калимаҳои архаистӣ маълумоти мухтасар дода мешавад. Лозим ба таъкид аст, ки то ҳол дар байни забоншиносон дар бобати таърифи вожаҳои архаистӣ, фарқи онҳо аз калимаҳои таърихӣ, сабабу равандҳои архаистӣ шудани калимаҳо ва дигар паҳлуҳои архаизмҳо иттифоқи ороъ ба мушоҳида намерасад. Забоншиноси тоҷик М. Олимҷонов дар рисолаи “Хусусиятҳои луғавию услубии насри таърихӣ (дар асоси эҷодиёти Сотим Улуғзода) [8, с.15-49] фикру мулоҳизаҳои олимони маъруфи рус ва тоҷикро дар бораи калимаҳои архаистию таърихӣ мавриди таҳлил ва тадқиқ қарор дода, то андозае ҷамъбаст намудааст, бинобар ин, дар ин ҷо ҳоҷат ба такрори онҳо нест. Мо ба хулосаю ҷамъбастҳои М. Олимҷонов комилан мувофиқем. Аз байни таърифҳои калимаҳои архаистӣ таърифи Х. Ҳусейнов, ки бино ба гуфтаи М. Олимҷонов дар асоси гузоришоти забоншиноси рус А.В. Калинин сурат гирифтааст, қобили қабул мебошад: “Архаизмҳо номҳои куҳнашудаи ҳодисаю воқеаҳо, предметҳо, аломату амалҳои мавҷудаанд, ки ҳоло аз истеъмол баромада, ҷойи худро ба муродифҳои худ додаанд” [8, с.18].

Аслан архаизмҳо калимаҳоеанд, ки таҳти таъсири омилҳои дохилизабонӣ аз истеъмол баромадаанд. “Ҳодиса аз байн намеравад, вале номи он иваз мешавад. Пеш аз ин раванд вазъияти мутародифии мутлақ ба вуҷуд меояд, ки ба фоидаи яке аз мутародифот ҳал мешавад, мутародифи дигар бошад, куҳна мешавад ва тадриҷан аз истеъмол мебарояд” [4, с.160].

М. Олимҷонов меъёрҳои зерини муқаррар намудани калимаҳои архаистиро зикр кардааст: “1. Аз рӯйи савтиёт (талаффуз). Аксари вожаҳои архаистӣ аз лиҳози сохти овозӣ мураккаб ё худ душворталаффузанд, чунончи: алфағда, басағда, бағтанон ва ғайра. 2. Аз рӯйи сохт кулли вожаҳои архаистӣ мураккаб буда, шарҳи онҳо душвор аст. 3. Аз рӯйи дараҷаи истеъмол калимаҳои архаистӣ дар осори илмию таърихӣ ба кор рафта, дар услуби бадеӣ ба нудрат ба чашм мерасанд. 4. Аз рӯйи муродиф доштан ва ё надоштан. Калимаҳои архаистӣ бар хилофи калимаҳои таърихӣ муродиф доранд. 5. Аз лиҳози аслӣ ё иктибосӣ будан. Аксари луғати архаистӣ аз рӯйи баромад арабианд” [8, с.45].

Дар ин навишта мо тасмим гирифтем, ки як гурӯҳ исмҳои сермаънои архаистии “Маснавии маънавӣ” ва вижагиҳои тарҷумаи онҳоро ба забони англисӣ мавриди таҳлил қарор диҳем. То ҷое, ки нависандаи ин сатрҳо огоҳӣ дорад, ин ҷанбаи калимаҳои сермаънои архаистии шоҳасари Румӣ дар забоншиносии муосири тоҷикиву англисӣ мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст.

Дар мақола ихтисораҳои зерин истифода шудаанд: БАРРАС – Большой арабско-русский и русско-арабский словарь; “ММ”- Маснавии маънавӣ; НАРС – Новый англо-русский словарь; СИС – Словарь иностранных слов; ФАТ – Фарҳанги англисӣ ба тоҷикӣ; ФЗТ – Фарҳанги забони тоҷикӣ; ФИЗ-Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ; ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ; ФТР – Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ; ФФР – Фарҳанги форсӣ ба русӣ; кҳн– куҳнашуда.

Лозим ба таъкид аст, ки дар “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Румӣ шумораи исмҳои сермаънои архаистӣ нисбатан зиёд аст. Мо ба сабаби маҳдудии ҳаҷми мақола вижагиҳои тарҷумаи 12 исми сермаънои архаистиро, ки дорои ду - се маъноянд, ба забони англисӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Аз байни 12 мисоли интихобгардида ҳамагӣ як калима аз рӯйи баромад тоҷикӣ аст, 11 вожаи боқимонда арабиасл мебошанд. Чағз яке аз намунаҳои вожаҳои сермаънои архаистии тоҷикист, ки дар "Маснавии маънавӣ" ба ду маъно истифода шудааст.

1. Ба маънои ғук бувад, ки дар об бонг занад [3, ҷ. 4, с.55].

Май хӯрад шаҳ бар лаби ҷӯ то саҳар,
Дар самоъ аз бонги **чағз** он бехабар [16, ҷ. 2, с.139].

The king drinks wine on the bank of the stream till dawn, and in listening to the music is unaware of the croaking of the **frogs** [17].

Дар ФТР бо ишораи "китобӣ" ба **қурбоққа** ҳавола дода шудааст.

2. Ҷароҳате, ки даҳанаш фароҳам омада ва даруни он чирк ҷамъ шуда бошад [3, ҷ.4, с.56].

То бинашкофӣ ба наштар реши **чағз**,
Кай шавад некӯву кай гардид нағз [16, ҷ.4, с.676].

Till you pierce the purulent **ulcer** with a lancet, how will it become well and how will you become healthy? [17].

Ба забони англисӣ калимаи ҷароҳат истифода шудааст.

Ба маънои дувум дар ФТР ва ФФР наомадааст. Дар ФЗТ ва ФТЗТ ба ҳар ду маъно мазкур аст.

Дар аксар маврид байни калимаҳои архаистӣ ва китобӣ марзи қатъӣ гузоштан кори хеле мушкил аст. Ҳарчанд вожаи **чағз** дар ФТР бо ишораи **китобӣ** омадааст, тибқи меъёрҳои дар ФИЗ муқарраргардида, он ч ба маънои аввал ва чи ба маънои сонӣ ба гурӯҳи архаизмҳои луғавӣ дохил мешавад [1, с.34]. Дар НАРС шаш маънои вожаи **frog** зикр шудааст [7, с.317]. Маънои аслии он **чағз** буда, панҷ маънои дигар маҷозӣ мебошад. Калимаи **ulcer** дар ФАТ ду маъно дорад [15, с.872], дар матни мавриди таҳлили мо маънои аслии он корбаст шудааст. Вожаҳои мазкур архаистӣ нестанд.

Чунонки ишора гардид, ёздаҳ адади вожаҳои архаистии Маснавии номбурда аз лиҳози мансубият арабӣ буда, кулли онҳоро Ҷалолуддини Румӣ ба ду маъно мавриди истифода қарор додааст. Чунончи, ҳибр ба чунин маъноҳо ба кор рафтааст:

1. Сиёҳии давот [3, ҷ.4, с.90].

Гар набошад ёрии **ҳибру** қалам,
Кай фитад бар рӯи коғаз ё рақам [16, ҷ.6, с.164].

If no help be given by **ink** and pen, how shall the writing come on to the surface of the paper? [17].

Вожаи фавқ дар ФТР наомадааст, дар ФФР бо ишораи "редко" зикр шудааст [9, ҷ.1, с.451]. Тарҷумаи англисии ҳибр **ink** се маъно дорад. Дар байт ба маънои аслӣ- сиёҳии давот омадааст.

2. Оростани сухан, донишманд [3, ҷ.4, с.90].

То кунӣ мар ғайрро **ҳибру** санӣ,
Хешро бадхӯю холӣ мекунӣ [16, ҷ.5, с.878].

In order that you may make others **erudite** and eminent, you are making yourself evil-natured and empty (of true knowledge) [17].

Маънои фавқи вожаи тазаккурёфта дар тарҷумаи англисӣ ба калимаи донишманд ифода шудааст.

Тифли навзода шавад **ҳибри** фасеҳ,
Ҳикмати болиғ бихонад чун Масеҳ [16, ҷ.6, с.699].

And the new-born child becomes an **eloquent** divine and, like the Messiah (Christ), recites (words of) mature wisdom [17].

Ҳибр дар ФТР бо ишораи "китобӣ" [12, с.689], ФТЗТ бо ишораи "кҳн" [14, ҷ.2, с.326] зикр шудааст. Дар тарҷума вожаи **eloquent**, ки ду маъно дорад [6, с.255] ва ҳардуяш сифат аст, ба маънои фасеҳ ва ширинсухан истифода шудааст.

Ҳазиз аз ҷумлаи вожаи дигари сермаъност, ки дар ифодаи маъноҳои зайл омадааст:

1. Пастӣ ва пастии замин дар домони кӯҳ; пастӣ ва зиллат [3, ҷ.4, с.128].

Иҳбиту афканд ҷонро дар **ҳазиз**,
Аз намозаш кард маҳрум он маҳиз [16, ҷ.6, с.769].

(The Divine command) fall ye cast the spirit into **abasement**: this menstruation excluded it from prayer (communion with God) [17]. Дар ФТР ин маъно мазкур аст [12, с.673], дар ФЗТ

низ ин маъно зикр шудааст [13, с.716], вале дар ФТЗТ наомадааст. Маънои “**залилӣ”-ро** дар тарҷумаи англисӣ калимаи сермаънои **abasement ифода намудааст** [15, с.27].

2. Вожаи мавриди таҳлил дар “ММ” инчунин ба маънои нуқтаи муқобили авҷ истифода гардида, дар забони имрӯза бештар калимаи **перигей** (антоними **апогей**) ба кор меравад.

Чархи саргардон, ки андар ҷустуҷӯст,
Ҳоли ӯ чун ҳоли фарзандони ӯст.
Гаҳ **ҳазизу** гоҳ авсат, гоҳ авҷ,
Андар ӯ аз саъду наҳсе фавҷ-фавҷ [16, ҷ.1, с.422].

The whirling heaven, which is (ever engaged) in seeking and searching - its state is like the state of its children; Now **nadir**, now middle, now zenith: therein are host on host of stars fortunate and unlucky [17].

Дар забони англисӣ истилоҳи нуҷумии **nadir** истифода шудааст, ки маънои **пасттаринро** низ дорад [6, с.512].

Дар ФТР низ дар шарҳи ин маъно муодилҳои “**перигей, надир”**-ро овардаанд. Ҷолиби диққат аст, ки бино ба маълумоти СИС **перигей** [11, с.381] юнониасл ва калимаи **надир** [11, с.335] арабиасл мебошанд, вале **надир** дар ФЗТ, ФТЗТ, ФТР, ФФР ва ҳатто “Фарҳанги форсӣ”-и Муин наомадааст.

Чунон ки ба мушоҳида мерасад, ҳар кадоми ин гуна унсурҳои луғавӣ баробари доштани умумият бо вожаҳои дигар боз хусусиятҳои алоҳидаи худро доранд: баъзеашон дар кулли фарҳангҳои ба мо дастрас ва бархе дар иддае аз онҳо ишора шудаанд. Калимаи арабиасли **забад** низ аз ҷумлаи чунин воҳидҳои луғавист. Мавлоно онро дар ифодаи чунин маъноҳо ба кор бурдааст.

1. Кафки дарё, кафи об [3, ҷ.5, с.151].
Аз кабад фориғ будам бо рӯи ту,
В-аз **забад** софӣ будам дар ҷӯи ту [16, ҷ.1, с.541].

With thy face I was free from trouble, and in thy river I was unsoiled by **froth** [17].

Дар ФЗТ ба ин маъно мазкур аст [13, с.424], муодили англисӣ ду маъно дорад: кафк ва ҳарза, суханони беҳуда [6, с.318]. Дар мисоли фавқ, маънои аввал корбаст шудааст.

2. Маънои дуюми **забад** кафи (чирки) симу зари гудохта [3, ҷ.5, с.152] буда, ба назари мо бо маънои нахуст робитаи қавӣ дорад.

Баҳри он аст имтиҳони неку бад,
То биҷӯшад бар сар орад зар **забад** [16, ҷ.1, с.119].

The testing of good and bad is in order that the gold may boil and bring the **scum** to the top [17].

Ин вожа дар ФТР, ФФР, ФТЗТ умуман наомадааст. Муодили англисии он **scum** панҷ маъно дошта [5, с.698], маънои панҷумаш ғаши фулуз аст.

Аз таҳлили чанд калима пайдост, ки аксари онҳо дар айни ҳол дар забони тоҷикӣ мустаъмал нестанд. **Ичл** низ дар радифи чунин унсурҳои луғавӣ қарор дошта, дорои ду маъност:

1.Гӯсола, гӯсолаи Сомирӣ [3, ҷ.6, с.287].
То хаёли ичл аз ҷоншон нарафт,
Буд бар эшон теҳ чун гирдоби тафт [16, ҷ.2, с.453].

Until the fancy (illusion) of the **calf** went out of their hearts, the Desert was to them like a blazing whirlpool [17].

Дар тарҷума калимаи **calf**, корбаст шудааст, ки панҷ маъно дошта [6, с.103], маънои аввалаш гӯсола аст ва он маънои талмеҳии **гӯсолаи Сомирӣ**, яъне парастишии боигариҳои дунявиро намедиҳад.

2. Николсон дар байти зерин ин калимаро киноя донистааст аз колбад ва тамоми истеъдодоти он; тан ва ҳамаи тавоноиҳои он ва аворизи он [3, ҷ.6, с.287].

Ғайри ин **ичле** к-аз ӯ ёбидаӣ,
Бениҳоят лутфу неъмат дидаӣ [16, ҷ.6, с.498].

Besides this **calf** which thou hast obtained from Him (God), thou hast experienced infinite graces and bounties [17].

Маънои зикркардаи устод Николсон аз матн маълум мешавад. Ин вожа низ дар ФТР, ФФР, ФЗТ, ФТЗТ наомадааст.

Аз назари таҳлил гузаронидани доираи маънои ин гуна вожаҳои арабиасли куҳан тавре ки зикраш рафт ва қиёс карда шудани онҳо бо ҳамдигар нишон медиҳад, ки баъзеи онҳоро Мавлавӣ ба ду маъно ва бархеро ба маънои бештар истифода кардааст. **Ҷад(д)** яке аз унсурҳои луғавист, ки дар "ММ" ба се маъно истифода шудааст:

1.Бахт ва насиб [3, ҷ.3, с.278].

Банда озодӣ тамаъ дорад зи **ҷад**,

Ошиқ озодӣ нахоҳад то абад [16, ҷ.5, с.753].

Дар шарҳи Замонӣ калимаи ҷад – насиб ва баҳра, бахт ва иқбол маънидод шудааст. Дар байти боло ба маънои бахт омадааст.

The servant (of God) desires to be freed from **Fortune;** the lover (of God) never more desires to be free [17].

Чунин маъноро мутарҷим бо калимаи **Fortune ифода намудааст**. Худи калима дорои чор маъно (бахту толеъ; маҷ. тақдир, қисмат, сарнавишт; молу дорӣ, сарвату пул ва давлат; некбахтӣ, хушбахтӣ, комёбӣ, беҳрӯзӣ) аст [15, с.345].

2. Бузургӣ ва тавонгарӣ [3, ҷ.6, с.278].

Ҳар кӣ ранҷе бурд, ганҷе шуд падид,

Ҳар кӣ ҷидде кард, дар **ҷадде** расид [16, ҷ.5, с.561].

To every one who suffers a tribulation there is revealed a treasure: every one who makes an earnest endeavour comes into a **fortune** [17].

Эквиваленти англисии ҷад(д) низ маънои "тавонгарӣ"-ро ифода кардааст.

3. Падари падар ё модар [3, ҷ.6, с.279].

Гуфт: "Аҳмадро разиам муътамад,

Пас биёвардам, ки биспорам ба **ҷад"** [16, ҷ.4, с.295].

She replied, "I am Ahmad's (Mohammed's) trusted foster-mother, so I brought him (back) to hand him over to his **grandsire** [17].

Тарҷумаи англисии калимаи фавқ ба маънои "**бобо-сарнасл"** корбаст шудааст [15, с.375].

Аз ин маъноҳои калимаи **ҷад(д)**, ки дар "Маснавии маънавӣ"-и Румӣ омадааст, ду маънои аввал дар забони тоҷикӣ корбаст намегардад. Дар ин бобат танҳо ба маънои **бобо** ва **ниё** зикр шудани он дар ФТР [12, с.716], ФЗТ [13, ҷ.2, с.767], ФТЗТ [14, ҷ.2, с.602] шаҳодат медиҳад.

Ҷолиби диққат аст, ки дар ФФР [9, ҷ.1, с.401] низ танҳо ҳамин маъно зикр шудааст.

Намунаи дигари вожаи арабиасли ифодакунандаи се маъно унсури луғавии **набот** аст:

1.Ҳар сабза ва дарахт, ки дар замин мерӯяд; гиёҳ, рӯйиданӣ, рустанӣ (3, 9, 55).

Шуҳра корезест бар оби ҳаёт,

Обкаш то бардамад аз ту **набот** [16, ҷ.3, с.1099].

There is a famous conduit, full of the Water of Life: draw the Water, in order that **verdure** may grow up from you (17).

Вожаи **verdure** чаҳормаъно буда (15, с.894), дар мисоли боло ба маънои рустанист.

2. Хуррам, сарсабз, тоза (3, ҷ.9, с.55).

Бехи умратро бидеҳ оби ҳаёт,

То дарахти умр гардад бо**набот** [16, ҷ.5, с.609].

Give the Living Water to the root of your life, in order that the tree of your life may become **verdant** [17].

Тарҷумаи англисии набот ду маъно дошта, яке (сабзу хуррам) асосӣ ва дигаре маҷозӣ (батаҷриба, наврута) аст [15, с.894].

3. Як навъи ширинӣ.

В-он яке бинӣ дар ин далқи куҳан,

Чун набот андешаву шаккар сухан [16, ҷ.3, с.57].

While you may see another in an old patched frock, his thoughts (sweet) as the sugar-cane and his words (like) sugar [17].

Дар мисоли севум вожаи **набот** ба англисӣ найшакар тарҷума шудааст, ки чандон саҳеҳ нест. Ба занни наздик ба яқин, сабаби ба англисӣ начандон саҳеҳ тарҷума шудани вожа набудани ин навъи ширинӣ дар рӯзгори англисҳо мебошад. Дар тарҷумаи русӣ

набот-леденец тарҷума шудааст, ки назар ба тарҷумаи англисӣ саҳеҳтар аст, ҳарчанд моҳияти мафҳуми наботро тарҷумаи русӣ низ пурра ифода намекунад [10, ҷ.1, с.531].

Дар ФЗТ [13, ҷ.1, с.817], ФТЗТ [14, с.918], ФФР [9, с.387] ду маънои вожаи фавқ – рустанӣ ва як навъи ширинӣ мазкур аст. Дар ФФР [9, с.627] ғайр аз маъноҳои **ширинӣ** ва **рустанӣ** боз исми хосси занона (Набот) низ зикр шудааст. Исми хосси занонаи Набот дар забони тоҷикӣ, махсусан дар Бадахшон ба нудрат дучор мегардад. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае расид, ки вожаи набот бо маънои хуррам, сарсабз, тоза ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ дохил мешавад. Хеле аҷиб аст, ки маънои архаистии ин вожа, дар фарҳанги дузабонаи арабӣ-русӣ [2, с.403] ба мушоҳида намерасад.

Теъдоди вожаҳои арабиасли сермаънои як ё ду маънои асосӣ ва маҷозӣ ё киноявӣ дошта, дар “ММ” танҳо бо набот маҳдуд нест. **Тиҳ** аз ҷумлаи унсурҳои луғавист, ки дорои се маъно буда, яке аз онҳо киноявист:

1. Биёбон, ки раванда дар он ҳалок шавад, ҷамъаш **атёҳ;** дашту саҳро, ки раванда дар он ҳалок шавад ва **атёҳ** ва **атовиҳ** ҷамъи он [3, ҷ.3, с.223].

Холиқи дарёву дашту кӯҳу **тиҳ**,
Мулкати ӯ беҳаду ӯ бешабеҳ [16, ҷ.4, с.714].

The Creator of sea and plain and mountain and **desert**: His sovereignty is without limit and He is without like” [17].

Вожаи **desert дорои** се маъно буда (14, с.238), дар мисоли боло биёбон дар назар аст.

2. Биёбоне, ки Мӯсо бо 12 сибти Банӣ Исроил дар он чил сол саргардон буд [3, ҷ.3, с.224].

Дар мурувват абри Мусии ба **тиҳ**,
К-омад аз вай хону нони бешабеҳ [16, ҷ.1, с.1062].

In generosity you are (like) Moses' cloud in the **desert**,whence came the dishes of food and bread incomparable” [17].

Дар ин мисол низ вожаи **desert** омадааст, вале аз матн биёбони мушаххаси марбут ба Мӯсо буданаш маълум аст.

3. Шореҳон **тиҳ**-ро дар байти зер киноя аз баҳси ақлӣ ва улуми зоҳирӣ донистаанд [3, ҷ.3, с.225].

Чун раҳонидат зи даҳ зиндон карам,
Тиҳро бар худ макун ҳабси ситам [16, ҷ.3, с.931].

Inasmuch as the (Divine) Bounty has released you from ten prisons, do not make the (wide) **desert** an oppressive prison to yourself [17].

Устод Николсон дар шарҳи худ низ вожаи **тиҳро** илми зоҳирӣ тафсир кардааст [6, ҷ.6, с.2157].

Вожаи **тиҳ** дар ФТР ва ФТЗТ наёмадааст, аммо дар ФЗТ [13, ҷ.2, с.367] ба маъноҳои якум ва дувум мазкур аст.

Мутаассифона, ҳаҷми мақола ба таҳлили шумораи бештари мисолҳо имкон намедиҳад, бинобар ин, мо намунаҳои дигарро, ки гоҳ ба ду ва гоҳи дигар ба се маъно мустаъмаланд, бидуни овардани абёти шоҳид танҳо бо зикри саҳифаи китоб ба риштаи таҳлил мекашем.

Зав дар “Маснавӣ” ба ду маъно омадааст: 1.партав, рӯшноӣ, рӯшноии Офтоб бо вожаи **splendor** тарҷума шудааст, ки се маъно дорад: шукӯҳ; дурахшандагӣ, тобнокӣ; дурахшонӣ [15, с.775]. 2.Нури илоҳӣ бо муодили англисии **(Divine) Light** ифода ёфтааст. Калимаи **Light** дорои ҳафт маъно буда, маънои якуми он нур ва рӯшноӣ аст [15, с.485]. Ин вожа дар ФТР, ФЗТ, ФТЗТ наомадааст.

Наҳр. Дар “Маснавӣ” ба маъноҳои зерин корбаст шудааст: 1. Куштани шутур ва қурбонӣ кардан. Наҳр бо вожаи **slaughter** тарҷума шудааст, ки ба маънои забҳ аст. **Slaughter** ду маъно дорад [15, с.752]. 2. Пеши сина. Ба англисӣ исми **the throat** омадааст, ки 3 маъно дорад [15, с.839].

Дар ФТР зикр нашудааст. Дар ФЗТ ва ФТЗТ ба ҳар ду маъно омадааст.

Нукул дар “Маснавӣ” ба маъноҳои зерин омадааст: 1. Баддил шудан; Вожаи англисии **recoilment** 3 маъно дорад ва дар ин ҷо ба маънои маҷозии “нафрат нисбат ба чизе” омадааст [15, с.667]. 2. Рӯй гардонидан, худдорӣ кардан. Ба англисӣ сифати феълии **shrinking (from the oath)** истифода шудааст, ки 3 маъно дорад [15, с.741]. Калима ба маънои дуюм **худдорӣ кардан** корбаст шуда, дар ФТР, ФЗТ, ФТЗТ зикр нагардидааст.

Вафоқ дар “Маснавӣ” ба ду маъно омадааст: 1. Мувофиқат ва ҳамкорӣ кардан. Дар тарҷума ба ин маъно вожаи англисии сермаънои **agreement** истифода шудааст, ки маънои **мувофиқат ва тавофуқ**ро дорад [15, с.43]. 2. Самимият зидди нифоқ. Ба англисӣ исми **concord,** ки 3 маъно дорад, ба кор рафтааст [15, с.181]. Дар ФТР, ФЗТ ва ФТЗТ наомадааст.

Дар рафти таҳлили тарзҳои тарҷумаи калимаҳои сермаъно дар иртибот бо куҳнашавии лексикаи забон якчанд хусусияти онҳо ошкор гардид. Пеш аз ҳама, маълум шуд, ки лексикаи сермаънои забон метавонад бо ҳамаи тобишҳои маъноӣ ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ ворид гардад. Масалан, вожаҳои **чағз, ҳибр, ҳазиз, забад, зав, ичл, наҳр, нукул, тиҳ, вифоқ** метавонанд далели гуфтаҳои боло бошанд.

Баъзе вожаҳои сермаъно бо як тобиши маъноӣ ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ дохил мешаванд, ки намунааш вожаи **набот** аст. Калимаҳои дигари сермаъно метавонанд бо ду тобиши маъноӣ ба қатори вожаҳои куҳнашуда дохил шаванд, ки вожаи **ҷадд** мисоли ин иддао шуда метавонад.

Лозим ба таъкид аст, ки мо дар ин мақола танҳо як қисми хеле ночизи калимаҳои сермаънои архаистиро таҳлил кардем, ки дорои ду ва се маъноянд. Дар “ММ” калимаҳои фарогири чор, панҷ, шаш маъно низ дучор мешаванд, ки табиист, то ба риштаи тадқиқу омӯзиш кашидан хулосаҳои муқаддамотии моро бо итминони комил нисбат ба онҳо татбиқ намудан имконнопазир аст.

Дар идомаи мулоҳизаҳои М. Олимҷонов гуфтан лозим аст, ки дар байни вожаҳои сермаънои ба гурӯҳи лексикаи архаистӣ дохилгардида вожаҳое дучор мешаванд, ки аз лиҳози сохт содаанд ва аз ҷиҳати талаффуз низ душворие надоранд.

Тамоми калимаҳои дар боло мавриди тадқиқ қарор гирифта ин мулоҳизаро собит месозанд.

Муқарриз: ***Азимова М.*** – доктори илмҳои филологӣ,
ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш.Бобомуродов, З.Мухторов. - Душанбе, 2016. – 428 с.
2. Большой арабско-русский и русско-арабский словарь. - М.: ООО “Дом Славянской книги”, 2011. – 960 с.
3. Гавҳарин С. Фарҳанги луғот ва таъбироти “Маснавӣ”-и Ҷалолуддин ибн Муҳаммад ибни Ҳусайни Балхӣ. Дар нуҳ ҷилд / С.Гавҳарин. - Теҳрон: Заввор, 1381.
4. Кузнецова Э.В. Лексикология русского языка. Учеб. пособие для филол. фак. ун-тов / Э.В. Кузнецова. - М.:Высш. школа, 1989. – 216 с.
5. Муин, М. Фарҳанги форсӣ. Дар шаш муҷаллад / М.Муин. - Теҳрон: Амири Кабир, 1375.
6. Николсон Р. “Шарҳи “Маснавии маънавӣ”- и Мавлавӣ” дар шаш ҷилд / Р.Николсон. - Теҳрон, 1378. - Ҷ.6. - С.1993-2450.
7. Новый англо-русский, русско-английский словарь В.К.Мюллер. - М.: Русский язык медиа, 2012. – 702 с.
8. Олимҷонов М. Хусусиятҳои луғавию услубии насри таърихӣ (дар асоси эҷодиёти Сотим Улуғзода) / М.Олимҷонов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. – 150 с.
9. Персидско-русский словарь. Под ред. Ю.А. Рубинчика. Изд. 2. В двух томах. - М.:Русский язык, 1983. - Т.1. – 799 с.; - Т.2. – 863 с.
10. Руми Джал ад-дин Мухаммад. Поэма о скрытом смысле. В 2 томах. - М.: Вече, 2013. – 531 с.
11. Словарь иностранных слов. 18-е изадание. - М.: Русский язык, 1989. – 621 с.
12. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Нашри дувум бо илова, такмил ва ислоҳ. - Душанбе, 2006. – 784 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Дар ду ҷилд. - М.:Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.1. – 951 с.; - Ҷ.2. – 949 с.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. - Душанбе: Бухоро, 2015. - Ҷ.1. – 996 с.; - Ҷ.2. – 1095 с.
15. Фарҳанги англисӣ – тоҷикӣ (А. Мамадназаров). - Душанбе: Эр-граф, 2011. - 1116 с.
16. Шарҳи ҷомеи “Маснавии маънавӣ”. Дар ҳафт муҷаллад. - Теҳрон 1392. - Ҷ.1. – 1140 с.; - Ҷ.2. – 940 с.; - Ҷ.3. – 1232 с.; - Ҷ.4. – 1091 с.; - Ҷ.5. – 1156 с.; - Ҷ.6. – 1261 с.; - Ҷ.7. – 916 с.
17. The mathnawi of Jalaluddin Rumi. Edited from the oldest manuscripts available: with critical notes, translation, & commentary by reynold a. Nicholson Litt.D., LL.D., F.B.A.// www.masnavi.net.

МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ ИСМҲОИ СЕРМАЪНОИ КУҲНАШУДАИ ТОҶИКӢ ВА ТАРЗҲОИ ТАРҶУМАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

(дар намунаи “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Румӣ)

Хусусиятҳои исмҳои сермаънои куҳнашудаи (архаистии) тоҷикӣ ва тарзҳои тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ дар намунаи “Маснавии маънавӣ” –и Румӣ таҳлил карда шудаанд. Зикр шудааст, ки дар забоншиносии муосири тоҷик вижагиҳои тарҷумаи исмҳои сермаънои ба қатори лексикаи куҳнашуда гузашта, амалан мавриди тадқиқ қарор нагирифтаанд. Гузашта аз ин, то ҳол афкори забоншиносони тоҷик

таърифи аниқу дақиқи лексикаи куҳнашударо пешниҳод накардааст. Дар заминаи таҳлили асарҳои забоншиносони русу тоҷик таърифи лексикаи куҳнашуда пешниҳод шудааст. Бо мисолҳои мушаххас вижагиҳои тарҷумаи исмҳои сермаънои куҳнашудаи тоҷикӣ ба забони англисӣ собит карда шудааст. Барои таҳлил тарҷумаи англисии "Маснавии маънавӣ", ки Р.Николсон анҷом додааст, ҷалб шудааст. Дар асоси таҳлили муфассали як гурӯҳ исмҳои куҳнашуда, ки дорои ду ва се маъноянд, хулосаҳои зерин бароварда шудааст: 1. Калимаи сермаъно бо ҳамаи маъноҳои худ ба қатори лексикаи куҳнашуда гузашта метавонад. 2. Дар баъзе мавридҳо як тобиши маъноии калима куҳна мешавад, маъноҳои боқимондаро бошад ҳомилони муосири забон фаъолона истифода мебаранд. 3. Баъзан ду маънои калима ба гурӯҳи вожаҳои куҳнашуда мегузаранд, маънои севум бошад дар истифода мемонад. 4. Қисми асосии вожаҳои сермаънои куҳнашудаи тоҷикӣ баромади арабӣ доранд. 5. Ҳамаи вожаҳои сермаънои куҳнашудаи мавриди таҳлил қарор гирифта ва, гузашта аз ин, ҳамаи тобишҳои маъноии архаизмҳо ба забони англисӣ бо вожаҳои сермаъно тарҷума шудаанд.

Калидвожаҳо: "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолуддини Румӣ, тарҷумаи Роналд Николсон, вожаҳои куҳнашуда, лексикаи сермаъно, иқтибосҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ.

НЕКОТОРЫЕ ЗАМЕЧАНИЯ О ПОЛИСЕМАНТИЧНЫХ ТАДЖИКСКИХ АРХАИЧНЫХ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ И СПОСОБАХ ИХ ПЕРЕВОДА НА АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫК

(на примере «Маснави ма`нави» Джалалуддина Руми)

Проанализированы особенности таджикских многозначных архаичных существительных и способы их перевода на английский язык на примерах из произведения Дж. Руми «Поэма о скрытом смысле». Отмечается, что в современном таджикском языкознании особенности перевода полисемантичных существительных, перешедших в разряд архаичной лексики, практически не становилось объектом исследования. Более того, до сегодняшнего дня таджикская лингвистическая мысль не представила однозначное определение архаичной лексики. На основе анализа трудов русских языковедов и таджикских ученых предпринята попытка дать определение архаичной лексики. Отмечается, что в «Поэме о скрытом смысле» Джалалуддина Руми во множестве встречаются многозначные слова, имеющие от двух до пяти-шести значений. На основе конкретных примеров показаны особенности перевода таджикских архаичных полисемантичных существительных на английский язык. Для анализа привлечен перевод поэмы Руми, выполненный известным английским востоковедом Арнольдом Никольсоном. В результате скрупулезного анализа группы полисемантических существительных, имеющих два и три значения, сделаны следующие выводы: 1. Полисемантическое слово может перейти в разряд архаичной лексики со всеми значениями. 2. В некоторых случаях один смысловой оттенок слова переходит в разряд архаичных слов, тогда как одно или два остальных значения активно используются современными носителями языка. 3. Иногда два смысловых оттенка слова переходят в группу архаизмов, а третье значение остается в группе активной лексики. 4. Основную часть таджикских полисемантичных архаичных слов составляют заимствования из арабского языка. 5. Все привлеченные к анализу полисемантичные архаичные слова переведены на английский язык с помощью многозначных слов. Более того, все смысловые оттенки архаизмов переданы в английском языке разными словами, каждое из которых является полисемантичным.

Ключевые слова: «Поэма о скрытом смысле» Джалалуддина Руми, перевод Рональда Никольсона, архаизмы, полисемантичная лексика, арабские заимствования в таджикском языке.

SOME REMARKS IN RELATION TO POLYSEMANTIC TAJIK ARCHAIC NOUNS AND WAYS OF THEIR TRANSLATION INTO ENGLISH

(on the example of "Masnavi manavi by Jaloluddin Rumi")

The author of the article has analyzed the peculiarities of polysemantic archaic nouns and the ways of their translation into English resorting to the examples from Dj. Rumi's literary production "The Poem about Concealed Sense". It is marked that in modern Tajik linguistics peculiarities of translation of polysemantic nouns which passed into the range of archaic lexicon practically haven't been an object of studies. Moreover, up to the present time Tajik linguistic researches haven't presented any monosemantic definition of archaic vocabulary. Proceeding from the analysis of the works written by Russian linguists and Tajik scholars, the author of the article takes an endeavor to give a definition of the lexis in question. He notes that in Jaloluddin Rumi's "The Poem about Concealed Sense" polysemantic words having from two up to five-six meanings are occurred multiple times. On the basis of concrete examples peculiarities of translation of the nouns in question into English are shown. For analysis there is taken the translation done by the well-known English orientalist Arnold Nicolson. The scrupulous analysis of the group of polysemantic nouns having two and three meanings afforded to make the following conclusions: 1. A polysemantic word can pass into the range of archaic lexicon with all meanings. 2. In certain cases one sensible shade of meaning of a word passes into the range of archaic ones whereas one or two other meanings are actively used by contemporary language bearers. 3. Sometimes two shades of word-meaning pass into the group of archaism and the third meaning remains in the group of active vocabulary. 4. The major part of Tajik polysemantic archaic words is composed of the borrowings from the Arabic language. 5. All polysemantic archaic words involved into the analysis are translated into English by means of polysemantic words. Moreover, all shades of archaic words are conveyed into English by different words each of which is polysemantic.

Key words: "The Poem about Concealed Sense" by Jaloluddin Rumi, translation by Ronald Nicolson, archaism, polysemantic lexics, Arabic borrowings in the Tajik language.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ҳасанзода (Ҳасанов) Абдуҷамол Ашрапович*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии факултаи филологияи тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё.Мавлонбеков, 1

Шарипова Шаҳзода Абдуганиевна - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ, факултаи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё.Мавлонбеков, 1. E-mail: **shahzodakhonum@mail.ru**

Сведение об авторах: ***Хасанзода (Хасанов) Абдуджамол Аширапович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка факультета таджикской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1
Шарипова Шахзода Абдуганиевна - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры теории и практики английского языка факультета иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **shahzodakhonum@mail.ru**

Information about the authors: ***Hasanzoda (Hasanov) Abdujamol Ashrapovich*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, the doctor of philological Sciences, professor of the Tajik department of the faculty of Tajik Philology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1
Sharipova Shahzoda Abduganievna - Khujand State University named after academician B. Gafurov, senior teacher of the department of theory and practice of English of the faculty of foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1. E-mail: **shahzodakhonum@mail.ru**

УДК: 398:491.550

ЭТНОЛИНГВИСТИКА ВА ЗАРУРАТИ ТАҲҚИҚИ ЗАБОНИИ ФОЛКЛОРИ КӮЛОБ

Шодиев Р.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз асарҳои таҳқиқии забони фолклори мардумони рус ва халқҳои дигар маълум мегардад, ки муҳаққиқон ба риштаи этнолингвистика ҷолибан аз ду самт назар меандозанд. Аввалан, этнолингвистикаро як соҳаи забоншиносӣ меҳисобанд; сониян, масъалаҳои омӯзиши робитаи забон ва фарҳанги маънавӣ, забон ва худшиносии мардум, забон ва эҷодиёти халқ ва ҳамчунин алоқаи мутақобилаи онҳоро марбут ба этнолингвистика медонанд [34, с.27-28].

Аслан пеш аз он ки этнолингвистика ба сифати риштаи мустақили омӯзиши фарҳанги суннатӣ қарор бигирад, дар доираи риштаҳои забоншиносӣ, мардумшиносӣ, инсоншиносӣ, фолклоршиносӣ ва ғайра шакл гирифт. Ҳоло этнолингвистика бо ин риштаҳои илм дорои як объекти таҳқиқи умумии муштарак мебошад, ки он омӯзиш ва пажуҳиши забонии расму оин, боварҳо, фолклор ва ғайраро дар бар мегирад. Ба баёни дигар, этнолингвистика бештар ба таҳқиқи мазмуну муҳтавои забонии ҳамаи ҳолатҳои мавҷудаи фарҳанги суннатии мардум машғул аст. Моҳияти гап дар ин ҷост, ки ҳарчанд объекти этнолингвистика омӯзиши масъалаҳои забон дар пайвастагии анъанаҳои халқ, дар пайвастагии матнҳои фолклорӣ бошад ҳам, вале вай на забоншиносист, на мардумшиносӣ, на фолклоршиносӣ. Маводи таҳқиқи он нуктаҳои муҳимми вобаста ба мазмун ва муҳтавои забони халқ буда, нисбат ба оламу одам, таҳқиқи арзишҳои маънавӣ ва рамзии фолклорӣ алоқамандӣ дорад.

Аз ин хотир яке аз сарчашмаҳои муҳимми таҳқиқи этнолингвистика матнҳои фолклорӣ маҳсуб мегарданд. Дар мақолаи мавриди назар дар бобати зарурати гирдоварию нашри фолклори Хатлон, ки барои анҷом додани таҳқиқи этнолингвистӣ муҳим арзёбӣ мешавад, сухан меравад. Зеро дар забони ин минтақа аз як тараф ҳам нишонаҳои гӯйишҳои бостонӣ, гуфтори асрҳои миёна бо навгониҳои воқеаҳои таърихӣ инъикос ёфтааст, аз тарафи дигар дар мазмун ва муҳтавои фолклори Кӯлоб унсурҳои хоси минтақавӣ дида мешавад, ки марбут ба ҳамон муҳит аст.

Ба андешаи фолклоршиноси тоҷик, профессор Р. Раҳмонӣ матни фолклорӣ ҳамеша дар байни мардум дар гардиш буда, вирди забони мардум аст. Ин матнҳоро дар як муҳити якрангу якмаром ва ба иборaи дигар дар як шакл нигоҳ доштан номумкин аст. Чунки матни фолклорӣ бо фарҳанги суннатии мардум пайванд аст. Матн ҳамеша дар фарҳанги суннатӣ дар ҷараён аст. Ҳамроҳи одамон матн аз маҳал ба маҳал, аз ҷое ба ҷое меравад, бо дигар шудани зиндагӣ матн ҳам дигар мешавад. Вай дар ҳамон қолабу шаклу баён намемонад, балки нишонаҳое аз ҳаёти нав низ мегирад. Агар ягон матни фолклории солҳо пеш сабтшударо омӯзем, мебинем, ки вазъияту ҳолати тасвиршудаи он аз имрӯз фарқ дорад. Он матн агар ҳоло нақл карда шавад, баъзе чизҳоро аз ин замон мегирад. Инҳо нуктаҳое ҳастанд, ки аз тариқи риштаи этнолингвистика ва ҳамчунин лингвофолклористика бояд таҳқиқ шаванд [25, с.4-5].

Муҳаққиқи забони матнҳои фолклории мардуми рус С.П. Праведников ишора ба он дорад, ки пеш аз таҳқиқи забони фолклор аввал дар бораи асарҳои марбут ба маводи нашршуда маълумот бояд дод. Худи ӯ зимни таълифи рисолаи илмӣ оид ба фарқи забони фолклори минтақаҳо нахуст маҷмуаҳои дар ин замина нашршударо мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар фолклоршиносии рус таҳқиқи масъалаи забони фолклори минтақаҳои алоҳида аз асри XIX шуруъ шуда, корҳои зиёд дар ин самт анҷом ёфтааст [22].

Аммо дар фолклоршиносии мо ҳанӯз масъалаи забони фолклор, ба хусус забони фолклори як минтақа мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор нагирифтааст. Барои ҳамин зарур аст, ки пеш аз бо нигоҳи этнолингвистӣ мавриди таҳқиқ қарор додани маводи солҳои пеш сабтшуда ва чопшуда, ки аллакай ба шакли хаттӣ даромадааст, аввал дар бораи онҳо бояд маълумот дошта бошем, ки ин мавод чи гуна гирдоварӣ ва нашр гардидааст. Ёдоварии худи ҳамин таҳқиқи минбаъда масъаларо осон месозад. Аз ин рӯ, лозим медонем, ки дар бораи гирдоварӣ ва нашри маводи фолклории минтақаи Хатлон ва таҳқиқи забонии онҳо ба таври мухтасар назари худро баён намоем.

Тавре ки академик Р. Амонов ишора кардааст, баробари оғоз шудани гирдоварии маводи фолклорӣ пеш аз ҳама фолклори минтақаи Кӯлоб бо махсусияти худ таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб намуд: «Аз ибтидои ба майдон омадани фолклоршиносии советии тоҷик, яъне аз охирҳои солҳои бистум ва аввалҳои солҳои сиюм сар карда, фолклори Кӯлоб диққати аҳли илмро ба худ кашида меояд. Дар он солҳо тадқиқ намудани як қатор жанрҳо, махсусан жанри сурудҳои таърихӣ, вобаста ба омӯхтани ҳаракатҳои револютсионии оммаи меҳнаткашон, бештар қувват гирифта, ба ин муносибат шӯриши машҳури деҳқонони камбағали тоҷик, ки дар хоки ҳокимнишини Балҷувон дар соли 1885 бо сардории Восеъ сар зада буд, аз муҳимтарин мавзуъҳои ҷустуҷӯи тадқиқотӣ қарор мегирад.

Институти давлатии илмӣ-тадқиқотии Комиссариати халқии маорифи РСС Тоҷикистон соли 1931 ба районҳои Балҷувон ва Ховалинг ба ин мақсад бригадаи махсус мефиристад. Кори бригада нишон медиҳад, ки дар байни аҳолии маҳалҳои номбаршуда сурудҳои бисёре маъмуланд, ки барои омӯхтани ҷараёни шӯриш материали фаровон дода метавонад» [1; 2, с.5].

Агар ба ин гуфтаҳои Р. Амонов бо нигоҳи этнолингвистӣ назар андозем, мебинем, ки ин мавод яке аз сарчашмаҳои нодирест барои таҳқиқи воқеаҳо, ҳодисаҳо ва ба хусус фарҳанги суннатии мардуми минтақа. Акнун метавонем дар асоси он афкори маънавии мардуми минтақаро мавриди таҳқиқ қарор диҳем, ки чи гуна онҳо дар асарҳои фолклорӣ рӯзгори маъмулии худро инъикос намудаанд.

Аз ишораи Р. Амонов маълум мешавад, ки гирдоварии баъзе намунаҳои маводи фолклории минтақа аз солҳои сиюм (аз 1931) шуруъ шудааст. Шарқшинос А.Н. Болдирев аз аввалин касонест, ки дар солҳои сиюми асри ХХ бо гирдоварии фолклори манотиқи Хатлон машғул гардид. Ӯ мушоҳидаҳои худ ва намунаи матнҳои дар он солҳо сабт намудаашро дар мақолаҳои «Варақи тоза дар бораи тафтиши достонҳои даҳанакийи тоҷик «Гӯруғлӣ», «Эпоси даҳанакийи Тоҷикистон», «Дар бораи шӯриши Восеъ (Инъикоси шӯриши Восеъ дар фолклор)», «Устный эпос Таджикистана», «Таджикские чорбайты», «Вопросы изучения таджикского народного творчества» ва ғайра дарҷ намудааст. Ин донишманд зимни таҳқиқ роҷеъ ба рубоиҳо, сурудҳо ва эпоси «Гӯрғулӣ» (Гӯрӯғлӣ) оид ба мавқеи ин матнҳо дар байни мардум, таъсири онҳо ба шунавандагон ва аз ҳама муҳим вижагиҳои маҳаллии ин матнҳо назари худро баён доштааст, ки имрӯз он гуфтаҳо барои таҳқиқи этнолингвистикаи фолклори Кӯлоб муҳим арзёбӣ мешаванд [3; 4; 5; 6; 7; 8].

Соли 1956 дар таҳияи Р. Амонов маҷмуаи «Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб» чоп шуд. Маҷмуаи мазкур соли 1963 бо иловаҳои Ф. Муродов ба нашр расид. Ин маҷмуа асосан намунаҳои осори манзуми мардуми Кӯлобро дар бар мегирад, ки бо гӯйиши он минтақа сабт шудааст [38; 39].

Матнҳои ин маҷмуа баёнгари воқеияти зиндагӣ, муҳити табиӣ ва ҳолату эҳсоси рӯзгори мардум мебошанд, ки дар нимаи аввали асри ХХ вирди забони мардум будааст. Ин маҷмуа аз се қисм иборат аст. Дар қисми аввал намунаҳои рубоиёт дар мавзуъҳои ҷудоӣ, муҳаббат ва муносибати оилавӣ, шикоят аз зулми золимон ва бевафоии замон; намунаҳои дубайтиҳо, ғазалҳо, шеърҳо дар шаклҳои гуногун, тарона ва бадеҳаҳо, сурудҳо (сурудҳои ҳаҷвӣ ва ҳазломез, сурудҳои бачагона, сурудҳои маросимӣ) оварда шудааст. Ашъори манзуми қисми аввал асосан воқеаҳои замони пеш аз инқилобро инъикос менамояд, ки дар нимаи аввали асри ХХ ва ҳатто чандин сол баъд дар ёди мардум буд [39, с. 17-180].

Дар қисми дуюми маҷмуа намунаҳои рубоиёт, шеър ва бадеҳа, шеърҳои шоирони маҳаллӣ ҷо дода шуда, дар онҳо воқеаҳои замони нави сотсиалистӣ тасвир ёфтааст [39, с.181-2006].

Қисми сеюм аз чистонҳо, зарбулмасал ва мақолҳо иборат буда, дар охири маҷмуа дар бахши “эзоҳ” дар бораи гӯяндагон, мухтасари зиндагии онҳо ва шарҳи луғатҳои лаҳҷавӣ дар матнҳои маҷмуа шарҳ дода шудааст [39, с.207-251].

Маводи маҷмуа, ки аз мардуми Кӯлоб бо лаҳҷа ба нашр расидааст, барои таҳқиқи масъалаҳои лингвофолклорӣ ва этнолингвистӣ муҳим мебошад. Бахши эзоҳи маҷмуа ҳамчунин дар бораи муҳити зист, аз як минтақа ба минтақаи дигар кӯчонидани мардум санади арзишманди этнолингвистӣ мебошад. Дар ҳамин бахш ишораи зеринро мехонем, ки дар асоси он метавон оид ба фарҳанги суннатии мардуми Кӯлоб тасаввур ҳосил намуд:

«Дар ҳаёти маънавии кӯлобиҳо роли шоирони маҳаллӣ, ҳофизон, афсонагӯён, гӯрӯҷлигӯйҳо, ширинкорон, масхарабоз ва ин гунаҳо калон аст. Дар гузашта маҳз ҳамин гуна шахсон бо эҷодиёт ва санъаткории худ кайфияти бадеии аҳолиро қаноат мекунониданд ва ин анъана то ҳоло бардавом аст» [39, с.236].

Бале, маҳз аз тариқи ҳамин ашхоси интиқолдиҳандаи фарҳанги анъанавии халқ, ки тавассути забони этноси ҳамон минтақа то имрӯз расидааст, метавон роҷеъ ба вижагиҳои забон иттилои бештар пайдо кард. Ҳоло баробари густариши воситаҳои техникӣ ба мисли радио, телевизион, интернет ва телефони дастӣ аксари ашъори дар ин маҷмуа чопшуда завқи аслии худро то андозае аз даст додаанд. Акнун нусхаҳои сабтшудаи он матнҳо, ки дар шакли хаттӣ дастрас аст, барои таҳқиқи масъалаҳои фолклорӣ, этнографӣ, этнолингвистӣ, сотсиолингвистӣ, линговофолклорӣ ва дарки бештари вазъияти моддӣ ва маънавии он замони гузашта арзиши илмӣ пайдо намуданд.

Маълум аст, ки достонҳои ҳамосаи “Гӯрғулӣ” (Гӯрӯғлӣ) дар минтақаҳои Кӯлоб дар асрҳои пеш паҳн шуда буд. Намунаҳои он зери унвонҳои “Гӯрӯғлӣ. Эпоси халқии тоҷикӣ”, “Гӯрӯғлӣ. Достони баҳодури Чамбули мастон” (дар се ҷилд) ва баъд ба соли 1987 ба забони русӣ таҳти унвони “Гуругли” чанд матни илмии ин ҳамоса дар Маскав ба нашр расид. Ҳамчунин соли 2007 достонҳои гӯрғулисаро Одина Шакар дар як ҷилди куллиёти фолклори тоҷик чоп шуд, ки ин ҳама бо муҳити зиндагии моддӣ ва маънавии мардуми Кӯлоб пайвастагӣ дорад. Дар ин достонҳо вожаҳои маҳаллӣ, расму оини мардумӣ, касбу кор ва амсоли инро метавон дид, ки ҳоло барои таҳқиқи масъалаҳои зиёд санади муҳим ба ҳисоб мераванд. Аммо, мутаассифона, то имрӯз бо диди этнолингвистӣ ба ин матнҳо назар нашудааст [11; 12; 13; 14; 15; 16].

Охири солҳои 40 ва аввали солҳои 50-и асри XX Н. Нурҷонов ба минтақаҳои Кӯлоб рафта, намунаҳои намоишҳои театри халқиро сабт кард ва баъд соли 1956 дар асоси ин мавод рисолаи илмие ба забони русӣ зери унвони «Таджикский народный театр (По материалам Кулябской области)» ба нашр расонид. Муаллифи рисола мисолҳое овардааст, ки барои баррасии хусусиятҳои этнолингвистии минтақа муҳим аст. Аз ҷумла, ӯ ишора намудааст, ки дар Кӯлоб ва ноҳияҳои наздики он ҳангоми расидани ҷашни Наврӯз суманак пухта, онро мардум дар як маъракаи калон бо ҳам истеъмол мекунанд, ки нисбати он истилоҳи «тӯйи суманак» истифода мешудааст. Аз тасвири профессор Н. Нурҷонов маълум мегардад, ки ин маърака ба мисли «тӯй» хеле бошукӯҳ баргузор мешудааст.

Дар бораи «тӯйи суманак» Р. Раҳмонӣ дар асоси маводи мардумшиносӣ ва фолклорӣ чунин гуфтааст: «Ҷашни мутантане буд, ба муносибати расидани Наврӯз ва соли нави суннатӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон аз ҷумла Кӯлоб, Муминобод, Ховалинг, Фархор, Сари Хосор, Балҷувон ва ҷойҳои дигар. Дар воқеъ дар тӯйи суманак ба мисли тӯйи хатна ва арӯсӣ мардуми зиёд ширкат менамуданд. Тавре ки баъзе калонсолон ба ёд оварданд, тӯйи суманак дар солҳои сиюм, чилум ва панҷоҳум дар баъзе деҳаҳо вуҷуд доштааст. Баъд тадриҷан аз байн рафтааст... Ҷолиб он аст, ки дар тӯйи суманак тамоми мардуми деҳа иштирок менамуданд. Мардуми зиёде бо нияти нек базм меоростанд. Гулхан афрӯхта дар гирди он сарояндагон, раққосон, масхарабозон ва доиранавозон ҳунари худро намоиш медодаанд. Хурдсолон машғули бозиҳои маҳаллӣ мешуданд. Пас аз он ки суманак омода шуд, чанд тан аз мардҳо дегро ба гирди мазор се бор гардонда, баъд ба ҳамон ҷойи аввалааш мегузоштанд. Сипас занҳо дегро зиёрат карда, тавоф менамуданд, мебӯсиданд. Бо нияти нек дар канори деги суманак пул, тухм ва чизҳои дигар мегузоштанд. Ҷолиб ин аст, ки агар аз деҳаҳои дигар бишнаванд, ки дар деҳаи ҳамсоя «тӯйи суманак» аст, бидуни даъват меомаданд ва мизбонон онҳоро хуш мепазируфтаанд. Маъмулан суманак субҳ омода мешудааст. Кадбону баробари ба табақҳо кашидани суманак мегуфтааст: «Бисмиллоҳи раҳмони раҳим дар ҳаққи арвоҳо, дар ҳаққи бузурго, мазоро, садақот сари ҳамаи мусулмоно». Яъне суманак таоми махсуси назрӣ барои расидани Наврӯзу соли нав будааст. Кадбону суманакро дар табақҳои чӯбӣ барои 8-10 нафар мекашидааст. Мардум гурӯҳ-гурӯҳ дар рӯйи сабзаҳо нишаста, бо чумчаҳо ё бо пораҳои нон суманакро мехӯрдаанд. Агар суманак боқӣ бимонад, онро ба хонаҳо тақсим мекардаанд. Маъмулан дар тӯйи суманак мардуми саршиноси деҳаҳои дигар ва хешовандон ширкат менамуданд. Ҳатто бо шунидани тӯйи суманак баъзеҳо бидуни даъват ба ин маросим, ки як навъ

хайроти баҳорӣ аст, ширкат менамуданд. Дар охири тӯйи суманак пирамарде барои ояндаи неки соли нав, Наврӯз ва баракати кишту кор дуо мекард» [23, с.484].

Дар охири солҳои 30-юм ва аввали 40-уми асри XX аз гӯяндагони машҳур матнҳои гуногуни фоклорӣ, намунаҳои достонҳои “Гӯрғулӣ” ва ҳамчунин сурудаҳои шоири халқӣ Бобоюнус Худойдодзода сабт ва дар маҷмуаҳо ба нашр расид. Дар бораи вижагиҳои ҳунари гӯяндагӣ ва матни сурудаҳои ин ҳофиз ва шоири халқӣ Я. Налский дар мақолаҳои гуногун ва пешгуфтори маҷмуаҳо назари худро баён намудааст. Метавон ёдовар шуд, ки осори ин шоири халқӣ барои таҳқиқи ҳам воқеаҳои асри XIX ва ҳам нимаи аввали асри XX арзишманд мебошад. Дигар, забони асарҳое, ки аз ӯ сабт шудааст, комилан бо гӯйиши мардумӣ аст. Аз ин сабаб ҳангоми омӯхтани масъалаҳои этнолингвистика ва фолклор метавон аз осори ӯ истифода кард [20; 21].

Барои таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистӣ метавон аз маводи фолклории маҷмуаҳои “Фолклори тоҷик”, “Фолклори Норак”, “Куллиёти фолклори тоҷик. Ҷ. I. Масалҳо ва афсонаҳо дар бораи ҳайвонот”, “Восеънома”, “Гуларӯсак”, “Фолклори Данғара”, “Хоки Ватан”; “Фолклори Кӯлоб” ва ғайра ба таври пурсамар истифода кард [9; 10; 35; 36; 37].

Фолклоршинос А. Сӯфиев дар асарҳои илмии худ дар мавридҳои муносиб зимни таҳқиқи жанрҳои чистон, рубоӣ, суруд, достонҳои шоирони халқӣ ва дигар осори манзум оид ба мавқеи матнҳои фолклорӣ дар ҳаёти мардуми Кӯлоб ишораҳо дорад. Бархе аз ишораҳои ӯ ба диди этнолингвистии матн мувофиқат доранд [26; 27; 28; 29; 30; 31; 32; 33].

Дар сурати бо гӯйиш сабт шудани матн аҳаммияти он барои таҳқиқи масъалаҳои забони гуфторӣ бештар мегардад. Соли 2002 китобчае таҳти унвони “Ҳазрати Шоҳ Аҳтам” дар сабту таҳияи А. Маҳмадаминов чоп шуд. Ин матн комилан илмӣ буда, аз забони гӯяндаи моҳир Сайид Маҳмадӣ (1927-2009) сабт ва нашр шудааст. Дар тули чанд сол А. Маҳмадаминов аз ин ровии хушгуфтор матнҳои зиёд сабт намуда, чанде аз онҳоро соли 2016 дар маҷмуаи «Маликаи Зебоҳусн. Афсонаҳои Сайид Маҳмадӣ дар сабти Абдулҳай Маҳмадаминов» нашр намуд. Матнҳои ҳар ду маҷмуа барои таҳқиқи забони осори фолклорӣ ниҳоят арзишманд мебошад. Ин арзишмандӣ пеш аз ҳама дар он ба мушоҳида мерасад, ки матнҳо ба воситаи магнитофон сабт шуда, айнан бо лаҳҷаи маҳаллии гӯянда бознависӣ шудаанд. Дар ҳар ду маҷмуа таҳиягар дар бораи вижагии моҳияти матнҳо ишораҳо дорад, ки онҳо барои омӯхтани муносибати этнолингвистика ва фолклор дорои арзиши хос мебошанд. Аз ҷумла, А. Маҳмадаминов дар пешгуфтори китоб зери унвони “Афсонагӯйи беназир” чунин ишора дорад: «Муҳтаво ва моҳияти инсонгароии афсонаҳо дар маҷмуъ ибратомӯзанд. Афсонаҳои Сайид Маҳмадӣ аз нигоҳи худшиносию худогоҳӣ, махсусан мардумшиносӣ, бозтоби хулқу атвор, руҳия ва обуранги миллӣ, созмони дохилӣ, хусусиятҳои поэтикӣ ва жанрӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Забон ва ҳусни баёни афсонаҳо бо шевоию рангинӣ ва фасоҳату балоғати худ хонандаи соҳибзавқро мафтун месозад» [17; 18; 19].

Дар охир ҳамин нуктаро бояд таъкид кард, ки воқеан гирдоварию нашри матнҳои фолклорӣ аз гӯйишу лаҳҷаҳо ва таҳқиқи забонии онҳо барои ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои лингвофолклористика, этнолингвистика ва фолклор муҳим буда, барои анҷом додани таҳқиқоти бунёдӣ дар ин росто заминаи мусоид фароҳам меорад.

Муқарриз: ***Ҳомидов Д.*** - доктори илмҳои филологӣ, ДМТ.

АДАБИЁТ

1. Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб (Дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор) / Р. Амонов. – Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1963. – 346 с.
2. Амонов, Р. Сарсухан // Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб / Р. Амонов. Бо ислоҳ ва иловаҳои Ф. Муродов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – С. 5-13.
3. Болдирев, А.Н. Вараҳи тоза дар бораи тафтиши достонҳои даҳанакийи тоҷик «Гӯрӯғлӣ» / А.Н. Болдирев // Инқилоби маданӣ. – 1933. – №10-11-12. – С.35-36.
4. Болдирев, А.Н. Эпоси даҳанакийи Тоҷикистон / А.Н. Болдирев // Баройи адабиёти сотсиалистӣ. – 1934. – № 11-12. – С. 37-37.
5. Болдирев, А.Н. Дар борайи шӯриши Восеъ (Инъикоси шӯриши Восеъ дар фолклор) / А.Н. Болдирев // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1936. – №1. – С.14-15.
6. Болдырев, А.Н. Устный эпос Таджикистана / А.Н. Болдырев // Дружба народов. – 1939. – № 9. – С.299-304.

7. Болдырев, А.Н. Таджикские чорбайты. Перев. с тадж. Н. Лебедева / А.Н. Болдырев // Дружба народов. – 1941. – № 7. – С.261-264.
8. Болдырев, А.Н. Вопросы изучения таджикского народного творчества / А.Н. Болдырев // “Тр. ТФАН СССР”. Т. 29. – Сталинабад, 1951. – С.99-108.
9. Восеъном. Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Б. Шермуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 128 с.
10. Гуларӯсак (Сурудҳои тӯйи арӯсии тоҷикон). Мураттиб Ф. Зеҳнӣ. – Душанбе: Дониш, 1986. – 180 с.
11. «Гургули». Таджикский народный эпос. Вступ. статья И.С. Брагинского. – М.: Главная редакция восточной литературы издательства, 1987. – 701 с.
12. Гӯрӯғлӣ. Эпоси халқии тоҷикӣ. Гӯянда Курбон Ҷалил. Навиштагиранда Ҷ. Суҳайлӣ ва Ҳ. Ҳомидӣ. - Сталинобод-Ленинград, 1941. – 240 с.
13. Гӯрӯғлӣ. Достони баҳодури Чамбули мастон. Ҷ.1. Гӯянда Курбоналӣ Раҷабов. / Навиштагиранда: М. Холов ва Қ. Ҳисомов / Ба нашр тайёркунанда: Қ. Ҳисомов. Дар зери таҳрири Р. Амонов. – Душанбе: Нашриёти давалтии Тоҷикистон, 1962. – 464 с.
14. Гӯрӯғлӣ. Достони баҳодурони Чамбули мастон. Ҷ.2. Гӯянда Қурбоналӣ Раҷабов. Навиштагиранда М. Холов ва Қ. Хисомов. Ба нашр тайёркунанда: Қ. Ҳисомов. Дар зери таҳрири Р. Амонов. – Душанбе, 1963. – 384 с.
15. Гӯрӯғлӣ. Достони баҳодурони Чамбули мастон. Ҷ.3. Гӯянда Ҳақназар Кабуд / Навиштагиранда: С. Фатҳуллоев. Ба чоп тайёркунанда Қ. Ҳисомов. – Душанбе: Дониш, 1976. – 248 с.
16. Куллиёти фолклори тоҷик (Ҳамосаи «Гӯрғулӣ). Ҷ.VII. Гӯянда Одина Шакар. Тартибдиҳанда Ф. Муродов. – Душанбе: Дониш, 2007. – 265 с.
17. Маликаи Зебоҳусн. Афсонаҳои Сайид Маҳмадӣ дар сабти Абдулҳай Маҳмадаминов. Матни илмӣ. Ҷилди 1. Зебоҳусн Малика – Душанбе: Истеъдод, 2016. – 176 с.
18. Маҳмадаминов, А. Афсонагӯйи беназир / А. Маҳмадаминов // Маликаи Зебоҳусн. Афсонаҳои Сайид Маҳмадӣ дар сабти Абдулҳай Маҳмадаминов. Матни илмӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – С.3-10.
19. Маҳмадӣ, С. Қиссаи ҳазрати Шоҳ Аҳтам / С. Маҳмадӣ. Ба саъйю эҳтимом, сабту таҳия, сарсухан, шарҳи луғот ва тавзеҳоти А. Маҳмадаминов. – Душанбе: ДДМТ, 2002. – 23 с.
20. Нальский, Я. Ҳофиз Бобоюнус Худойдодзода (187-1945) / Я. Нальский // Сурудҳои Бобоюнус. Тартибдиҳандагон Я. Нальский, Б. Раҳимзода. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1951. – С.3-62.
21. Нальский, Я. Народный поэт (Бобо Юнус Худойдод-заде) / Я. Нальский. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1955. – 195 с.
22. Праведников, С.П. Территориальная дифференциация языка русского фольклора: автореф. дисс… док. филол. наук / С.П. Праведников. – Курск: Курский госуниверситет, 2011. – 42 с.
23. Раҳмонӣ, Р. «Тӯйи суманак» / Р. Раҳмонӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Н-Я. – Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредасияи ЭМТ, 2017. – С.484.
24. Раҳмонӣ, Р. Оид ба пажӯҳиши масъалаҳои этнолингвистика ва фолклор / Р. Раҳмонӣ // Забон – ҳастии миллат (маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 30-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе: ДМТ, 2021. – С.25-42.
25. Раҳмонӣ, Р. Лингвофолклористика, этнолингвистика ва фолклор (Масъалаҳои назарӣ) / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: МДМТ, 2022. – 62 с.
26. Сӯфиев, А. Чистонҳои халқии тоҷкӣ / А. Сӯфиев. – Душанбе: Дониш, 1972. – 176 с.
27. Сӯфиев, А. Фолклор – санъати сухан / А. Сӯфиев. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 208 с.
28. Сӯфизода, А. Таҳаввулоти назми шифоҳии тоҷик / А. Сӯфизода. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 272с.
29. Сӯфизода, А. Фолклор – ҳамрадифи таърих / А. Сӯфизода. – Душанбе: Адиб, 1994. – 208 с.
30. Сӯфизода, А. Фолклор – махзани сухан (Маҷмӯаи мақолаҳо) / А. Сӯфизода. – Душанбе: Адиб, 2007. – 112 с.
31. Сӯфизода, А. Фолклор ва воқеият / А. Сӯфизода. – Душанбе: Адиб, 2008. – 112 с.
32. Сӯфизода, А. Сухан – ҷавҳари фикр (Маҷмӯаи мақолаҳо) / А. Сӯфизода. – Душанбе: Адиб, 2009. – 110 с.
33. Сӯфизода, А. Турсунзода ва фолклор / А. Сӯфизода. – Душанбе: ДМТ, 2011. – 132 с.
34. Толстой, Н.И. Язык и народная культура. Очерки по славянской мифологии и этнолингвистике / Н.И. Толстой. – М., 1995. – 512 с.
35. Фолклори Данғара. Мураттиб: Ф. Муродов. – Душанбе, 2002. – 176 с.
36. Фолклори Кӯлоб. Мураттиб: С. Фатҳуллоев, Ф. Муродов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 540 с.
37. Фолклори Норак. Тартибдиҳанда: С. Маҳдиев, ҷамъкунандагон ва ба чоп тайёркунандагон: С. Маҳдиев, Қ. Ҳисомов, Р. Аҳмадов, Г. Раҳматова. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 316 с.
38. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб. Тартибдиҳанда: Р. Амонов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 240 с.
39. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб. Тартибдиҳанда: Р. Амонов. Бо ислоҳ ва иловаҳои Ф. Муродов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 252 с.

ЭТНОЛИНГВИСТИКА ВА ЗАРУРАТИ ТАҲҚИҚИ ЗАБОНИИ ФОЛКЛОРИ КӮЛОБ

Дар мақолаи мазкур таҳқиқи матнҳои фолклорӣ аз нигоҳи этнолингвистӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Баъд аз он ки этнолингвистика риштаи мустақили омӯзиши фарҳанги суннатӣ гашт, он пеш аз ҳама дар ҳудуди риштаҳои забоншиносӣ, мардумшиносӣ, инсоншиносӣ, фолклоршиносӣ ва ғайра шакл гирифт. Ҳоло этнолингвистика бо ин риштаҳо дорои таҳқиқи як объекти умумии муштарак мебошад, ки он омӯзиш ва пажуҳиши забонии расму оин, боварҳо, фолклор ва ғайра буда, дорои соҳаи махсуси худ

аст. Вале этнолингвистика машғули таҳқиқи мазмун ва муҳтавои забонии ҳамаи ҳолатҳои мавҷудаи фарҳанги суннатии мардум мебошад. Асли гап дар ҳамин ҷост, ки объекти этнолингвистика омӯзиши масъалаҳои забон дар пайвастагии анъанаҳои халқӣ, дар пайвастагии матнҳои фолклорӣ бошад ҳам, вале он на забоншиносӣ, на мардумшиносӣ, на фолклоршиносӣ аст. Маводи таҳқиқи он баъзе нуктаҳои муҳимми вобаста ба мазмун ва муҳтавои забони халқ буда, пайвастагии он нисбати олам ва одам, таҳқиқи арзишҳои маънавӣ ва рамзии фолклорӣ низ ҳаст. Барои ҳамин яке аз сарчашмаҳои муҳимми таҳқиқи этнолингвистика ин матнҳои фолклорӣ мебошад. Ҳамин аст, ки ҳоло мо бо нигоҳи этнолингвистӣ ба фолклори минтақаи Кӯлоб назар меандозем, ки дар забони ин минтақа аз як тараф нишонаҳои гӯйишҳои бостонӣ, гуфтори асрҳои миёна бо навгониҳои воқеаҳои таърихӣ инъикос ёфтааст; аз тарафи дигар дар мазмун ва муҳтавои фолклори Кӯлоб унсурҳои хосси минтақавӣ дида мешавад, ки марбути ҳамон муҳит аст.

Калидвожаҳо: этнолингвистика, фолклор, матнҳои фолклорӣ, гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб, гӯрғулӣ, забони гуфторӣ, лингвофолклор, этнографӣ, фарҳанги суннатӣ, суманак.

ЭТНОЛИНГВИСТИКА И ЗНАЧИМОСТЬ ЛИНГВИСТИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ КУЛЯБСКОГО ФОЛЬКЛОРА

В данной статье рассматривается изучение фольклорных текстов с этнолингвистической точки зрения. После того как этнолингвистика стала самостоятельной областью изучения традиционной культуры, она формировалась прежде всего в сферах языкознания, этнографии, антропологии, фольклора и других научных направлений. В настоящее время этнолингвистика имеет общий с этими дисциплинами объект изучения, которым является лингвистическое изучение и исследование традиций, верований, фольклора и т. д. Однако этнолингвистика, являясь самостоятельной научной областью, занимается изучением языкового содержания всех аспектов традиционной культуры народа. По сути, предметом этнолингвистики является изучение языка во взаимоотношении с народными традициями, фольклорными текстами. Тем самым, она не является составляющей собственно лингвистики, этнографии или фольклора. Материалом ее исследования являются отдельные важные моменты, связанные с содержанием языка народа, просторечия, с миром и человеком, изучением духовно-символических значений фольклора. Таким образом, одним из важнейших источников для изучения этнолингвистики являются фольклорные тексты. Именно поэтому мы рассматриваем фольклор Кулябского региона с этнолингвистической точки зрения, с которой язык этого региона, с одной стороны, отражает признаки древних диалектов, средневековой речи с новыми историческими событиями, с другой стороны, в нем наблюдается специфические региональные элементы, колорит, принадлежащие только данному региону.

Ключевые слова: этнолингвистика, фольклор, фольклорные тексты, говоры Кулябского региона, гургули, разговорный язык, лингвофольклор, этнография, традиционная культура, суманак.

ETHNOLINGUISTICS AND NESSECITY OF LINGUISTICS' RESEARCH OF KULOB FOLKLORE

This article discusses the study of folklore texts from an ethnolinguistic point of view.

After ethnolinguistics became an independent field of study of traditional culture, it was formed primarily in the fields of linguistics, ethnography, anthropology, folklore and others. Today, ethnolinguistics has a common object of study with these disciplines, which is the study and research of linguistic traditions, beliefs, folklore, and moreover it has its own special field. However, ethnolinguistics is the study of the linguistic content of all aspects of the traditional culture of the people. The fact is that the object of ethnolinguistics is the study of language in connection with folk traditions and folklore texts, but this is not linguistics, not ethnography and not folklore. The material of this research is focused on some important points related to the content of vernacular, its connection with the universe and humanity and the study of the moral and symbolic values of folklore. Therefore, one of the most important sources for the study of ethnolinguistics are folklore texts. That is why now we are looking at the folklore of Kulob from an ethno-linguistic point of view, as the language of this region, on the one hand reflects the signs of ancient dialects, accents and medieval speech with the impact of the latest historical events; on the other hand, in the content of Kulob folklore there are specific regional elements belonging to the same environment.

Key words: ethnolinguistics , folklore, folklore texts, dialects of the Kulob region, gurghuli, colloquial language, lingua-folklore, ethnography, traditional culture, sumanak.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодиев Рустам*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-27-07-91**

Сведение об авторе: ***Шодиев Рустам*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии факультета языков Азии и Европы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-27-07-91**

Information about the author: ***Shodiev Rustam*** – Tajik National University, the candidate of philological sciences, the docent of the department of Iranian philology of the faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-27-07-91**

УДК: 491.155:491.550

САҲМИ ЗАБОНШИНОСОНИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР ТАШАККУЛИ ҚИЁСИ НАҲВӢ

Исмонов К.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забоншиносии араб ду истилоҳ: самоъ ва қиёс бисёр роиҷ буда, ҳангоми ёдоварӣ аз сохтори калимаву таркиб ё исботи қоидаи наҳвию сарфие истифода мешаванд. Аз ҷумла, дар робита ба истилоҳи самоъ таъкид шудааст, ки он гирифтани калима ё ибора аз рӯи шунид, қонунишуда (*оид ба калима, ибора, шакл*) мебошад [1, с.571]. Ҳарчанд самоъ ҳамчун нахустин сарчашмаи далеловарӣ дар ҳама бахшҳои забоншиносӣ эътироф шудаву бештари қоидаҳои наҳвӣ бар асоси он пайрезӣ шуда бошад ҳам [5, с.38], вале бо сафҳагардонии адабиёти забоншиносӣ ба ин нукта рӯбарӯ мешавем, ки донишмандони усули наҳв дар таърифи самоъ[1] ихтилофи назар доштаанд. Чунончи Ибни Анборӣ самоъро сухани адабии арабие мешуморад, ки аз ҷониби шумораи зиёди муътамад ривоят шудааст. Бо ин таъриф суханони арабҳои муваллад аз ҳадди самоъ берун мемонад. Ба ин гуна ки он чи онҳо ба таври нодир ривоят кардаанд, аз қабили ҷазм бо ҳиссачаи «لـن», насб бо ҳиссачаи «لـك», ҷар бо ҳиссачаи «لـعلّ» ва насби ҳар ду рукни ҷумла пас аз ҳиссачаҳои «لـعلّ» -у «لـيت» омада, ҳамзамон, касри нуни пешоянди «مـن»-и пеш аз ломи таъриф (артикли муайянии ал) ва замми нуни пешоянди «عن» пеш аз ломи мазкур қарордошта ба самоъ ворид намешаванд [2, с.81-83]. Ҷалолиддини Суютӣ бошад, самоъро чунин таъриф додааст: «самоъ сухани нафарест, ки фасоҳаташ муътамад бошад. Ба ин тартиб, самоъ сухани Худованди таоло, гуфтори Паёмбари Худо (с)[2], сухани арабҳои пеш аз биъсат, дар давраи биъсат ва баъди онро то замоне, ки бо афзудани муваллидин забонҳо, чи дар назму чи дар наср, чи аз мусулмону чи аз ғайримусулмон, фосид гаштанд, дар бар мегирад. Аммо сухани сеи ахир (пеш аз биъсат, давраи биъсат ва баъди он) бояд бо далели муътамад собит бошад» [7, с.36].

Ба мисли илми ҳадис наҳвиён низ барои саҳеҳияти сухани нақлшуда тавотурро[3] дар ривоят шарт медонанд, вале чанд нафар будани ровиёни ҳар табақаро ёд намекунанд, танҳо ишора ба ин мекунанд, ки бояд шумораи онҳо то ҳадде бошад, ки имконияти созиши дурӯғ байни онҳо (ровиён) вуҷуд надошта бошад. Сухани бо тавотур нақлшуда дигар ниёзе ба далел надорад ва ҳамеша пазируфтанист. Дар баробари тавотур дар наҳв ривоятҳо ба таври оҳод[4] низ пазируфта мебошанд, вале далели қатъӣ ба шумор намераванд, балки барои қабули бебаҳси онҳо қаринаҳои эътимодбахши дигаре зарур аст [15, с.31].

Забоншиносони араб ба кӣ будани ровӣ ва аз кӣ ва кадом қабила ривоят намудани ӯ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуданд. Бад-ин тартиб, ба табақаи арабҳое, ки ривояташон мақбул буд, танҳо нафароне ворид буданд, ки аз нигоҳи мансубият ба қабилаҳои Қайс, Тамим, Асад, Ҳузайл, баъзе аз Кинонаву баъзе аз Тай тааллуқ доштанд. Сухани намояндагони дигар қабилаҳо бинобар омехтагӣ бо мардуми ғайриараб ва ё ҳамҷивор будан ба онҳо ҳамчун далелу бурҳон ё худ ҳуҷҷат пазируфта намешуд [6, с.600].

Ба ибораи дигар, забоншиносон барои ровӣ чунин шартҳоро қоил буданд: а) бевосита аз қабилаҳои шашгонае баошад, ки зикрашон дар боло гузашт; б) агар мансуб ба

---

[1] Азбаски пояи асосии самоъ нақл аст, дар осори гузаштаи араб дар баробари истилоҳи самоъ истилоҳи нақл ба кор мерафтааст. Аз ҷумла Ибни Анборӣ аз ин падидаи усули наҳв бо истилоҳ нақл ёд кардааст [2].

[2] Бо назардошти ҷоиз будани мазмунан нақл кардани гуфтори Паёмбари Худо (с) ва аз зумраи ғайриарабҳо будани бештари гирдоварандагони ин гуфтор, наҳвиёни нахустин онро ҳамчун ҳуҷҷат қабул надоштанд. Масалан, Сибавайҳ ҳамагӣ 8 ҳадис ва Фаро 13 ҳадисро ба унвони шоҳид/далел овардаанд. Дар осори Мубарриду Форсӣ, Ибни Суррочу Анборӣ ва дигар намояндагони мактабҳои Басраву Куфа ва барзхе аз мактаби Бағдод ҳадис ба унвони шоҳиди наҳвӣ бисёр кам корбурд шудааст. Вале баъдтар дар осори наҳвиёни Андалус аҳодиси набавӣ яке аз ҷойгоҳҳои калидиро дар шавоҳиди наҳвӣ касб кардааст [15, с.35-37].

[3] Тавотур ва мутавотир, аслан, истилоҳоти илми ҳадис буда, дар дигар илмҳо, аз ҷумла забоншиносии араб низ мавриди корбурд қарор доранд. Ин истилоҳот ифодагари пайҳаму батартиб ривоят шудани гуфтори Паёмбари Худо (с) (дар забоншиносӣ боз сухани дигар мардуми араб) аз тарафи шумори зиёди мардум мебошад

[4] Бархилофи тавотур/мутавотир буда, шумораи ровиёнаш дар ҳар табақа ангуштшумор мебошанд.

ин қабоил нест, ҳадди ақал аз онҳо ривоят кунад; в) на худи ровӣ ва на ривояташ ба қабилаҳое, ки гуфтор (забон)-ашон пазируфта нест, мансуб набошад; г) ровӣ аз мардуме бошад, ки дар муддати замонии ё 150 сол пеш аз зуҳури Ислом ва ё 150 сол баъд аз зуҳури он зиндагӣ карда бошад; ғ) накукору муътамад бошад [Муҳаммадхон, с.32]. Ҳамин аст, ки дар таърихи наҳви арабӣ танҳо ашъори шоироне ҳамчун далел қабул карда шудааст, ки то нимаи асри дувуми ҳичрӣ зистаанд. Чунончи охир нафаре, ки шеъри ӯ ҳамчун далел ба кор рафтааст, Иброҳим ибни Ҳурма (70-150 ҳ) мебошад, ки ба андешаи Асмаӣ шеър бо ӯ ба итмом расидааст. Вале эътибори гуфтори бодиянишинон то асри чоруми ҳичрӣ – то замоне, ки салиқаашон дар ин забон дучори ихтилот гашт, идома ёфт. Чунончи то ин аср донишмандон гуфтори бодиянишинонро тадвин менамуданду онро дар муноқишаҳои худ ба симати далел ба кор мебурданд [10, с.19-20].

Омӯзиши самоъ дар забоншиносии араб нишон медиҳад, ки забоншиносони гузаштаи араб, хусусан наҳвиён ба ин падида таваҷҷуҳи ҷиддӣ намуда, далелҳои худро маҳз дар пояи он тарҳрезӣ менамудаанд ва дар сурати вуҷуди он ба ҳеҷ гуна қиёс намепардохтаанд, балки пайдо шудани самоъ ҳама гуна қиёсро бекор мекардааст [3, с.14].

Дар тули таърих самоъ ҳамчун далели рақами яки забоншиносӣ, хусусан барои қоидаҳои наҳвӣ ба шумор рафта, забоншиносону наҳвиён ба ин падида таваҷҷуҳи махсусе менамуданд, ки бе шак дар поя ва ҳамсанги таваҷҷуҳи донишмандони ҳадис дар шинохти аҳодиси набавӣ буд. Бузургтарин забоншиносони араб таълифоту таснифоти худро дар асоси самоъ тадвин кардаанд. Чунончи Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ бо ҳама он набоғату заковаташ дар ҳар чи навишта, такя ба самоъ намудааст. Ба ин гуна ки ҳар калимае, ки дар фарҳанги «Айн»-аш гирдоварӣ намудааст ва ҳар қоидаеро, ки дар наҳву луғат гузоштааст, такяи асосиаш ба он чи аз арабҳо шунида, будааст. Мегӯянд, Кисоӣ боре аз ӯ пурсид, ки ин ҳама дониш туро аз кучо ба даст омадааст? Гуфт: Аз бодияҳои Ҳиҷозу Наҷд ва Таҳома. Ҳамин буд, ки Кисоӣ дар пайравӣ аз ӯ рӯ ба саҳро овард ва вақте бозгашт, ки дар баробари он чи ҳифз намуда буд, боз 15 шиша рангро дар навиштани шунидаҳояш тамом карда буд [9, с.131].

Истилоҳи дигаре, ки дар рушду такомули забоншиносии араб нақши калидӣ бозидаву мавриди назари ин баҳс аст, истилоҳи қиёс ба шумор меравад. Қиёс дар луғат ба маънои намуна, нусха, андоза (стандарт); 2) ченак, мизон; 3) қоида, дастур, қонун, усул, урф [Сулаймонов, с.1039] меояд ва таърифи истилоҳии он низ аз ҳамин маонии луғавияш сарчашма мегирад. Чунончи дар таърифи он таъкид намудаанд, ки қиёс андозагирӣ намудани фаръ бар асл аст. Яъне, гӯянда суханеро дар пайравӣ ба сухани араб ва ба услуби онҳо эҷод мекунад. Зеро ҳар чизе ба гуфтори араб муқоиса карда шавад, пас, он аз гуфтори араб ба шумор меравад. Масалан, дар имкони ҳеҷ нафаре нест, ки номи ҳар фоъилу мафъулро шунида бошад, вале ҳангоми гуфтор фоъилро бинобар асл, ки марфуъ меояд, дар ҳолати марфуъӣ меорад ва мафъулро бинобар асл дар ҳолати мансубӣ қарор медиҳад. Ба ин гуна ки асл ҳамон самоъ ва қоидаи меъёрӣ ва фаръ бархилофи он аст [5, с.152-153].

Мавриди зикр аст, ки дар забоншиносии араб, чи дар гузашта ва чи муосир, ҳамеша таъкид мешавад, ки луғат такя ба самоъ менамояд, дар ҳоле ки асоси наҳвро қиёс ташкил медиҳад. Ба ин маъно, ки наметавон ҳар чизеро бо номе хонд, балки дар ин маврид он чи аз соҳибзабон шунида шудааст, риоя карда мешавад. Ҳамин аст, ки наметвон ба ҳар зарфе дар арабӣ «قارورة» ва ба ҳар гирдшакле «دار» гуфт [17, с.62]. Зеро луғат/калима ба равиши нақлӣ асос ёфтааст, на ақлӣ, аз ин рӯ, дар он қиёс ҷоиз нест, балки танҳо ба самоъ такя карда мешавад [7, с.95]. Ҳарчанд баррасии сарчашмаҳои илмӣ ишора бар он мекунанд, ки дар мавриди қиёс дар луғат низ донишмандон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, бархе онро дар ин маврид қабул доранд ва бархе дигар корбурди онро аз мантиқ намешуморанд.

Ибни Анборӣ қиёсро як пояи асосии илми наҳв ба қалам дода, дар китоби «Лумаъ» фаслеро зери унвони «Андар радди инкоркунандаи қиёс» овардааст, ки дар он таъкид менамояд: «Инкори қиёс дар наҳв ҳаргиз ҷоиз нест. Зеро наҳв саропо қиёс аст, ҳатто дар таърифи он (наҳв) гуфтаанд: наҳв илм бо қиёсҳои хулосакардашудаест, ки аз пайгирии каломи араб ба даст меояд. Аз ин рӯ, ҳар ки қиёсро инкор кунад, пас, ӯ наҳвро инкор

кардааст. Ва ҳеҷ донишмандеро намедонем, ки он (наҳву қиёс)-ро инкор намуда бошад» [2, с.95]. Дар ин росто, сухани поягузори мактаби Куфа низ оварда мешавад, ки гуфта:

إنما النحو قياس يتبع،
وبه كل أمر ينتفع.

Тарҷума: Наҳв қиёсест, ки пайгирӣ мешавад,
Ва дар ҳама кор аз он суд бурда мешавд [12, с.29].

Воқеан, ҳам дар мактаби забоншиносии Басра ва ҳам дар мактаби забоншиносии Куфа ба қиёс самоъу қиёс таваҷҷуҳи хоса мешудааст, ҳарчанд дар корбурди ин ду байни намояндагони ин ду мактаб ихтилофи назар вуҷуд доштааст. Чунончи намояндагони Басра ба қиёс ва намояндагони Куфа ба самоъ такяи бештар менамудаанд. Ба ин маъно, ки басриён вақте ба қиёс даст мезаданд, ки агар шоҳид бисёр бошад, дар ғайри ин сурат онҳо қиёсро бо як шоҳид раво намешумориданд. Инчунин, қиёси онҳо танҳо бо самоъе ҷоиз дониста мешуд, ки аз қабилаҳои дар фасоҳат машҳур ба таври мутавотир сурат гирифта бошад. Аммо куфиён баръакси ин равишро интихоб намуда буданд, чунончи агар байтеро мешуниданд, онро дар ин ё он масъала ҳамчун далел пазируфта, ба он қиёс менамуданд ва барои он боберо тахсис медоданд, сарфи назар аз он ки он байт шозу бархилофи дигар қоидаҳои наҳвӣ ва ё аз қабилаҳои ғайрифасеҳ ривоят шуда бошад. Ҳатто онҳо як мисраи байтеро, ки мисраи дигараш маълум нест, ҳамчун далел истифода кардаву ба он қиёс қоил шудаанд [13, с.71-73].

Дар робита ба таърихи пайдоиши қиёс низ назди донишмандон ихтилофи назар аст, вале назари бештари онҳо дар ин нукта иттифоқ дорад, ки пайдоиши наҳв ва корбурди самоъ дар қонунгузории он қиёс низ ба майдон омадааст. Ҳамин аст, ки тибқи сарчашмаҳо ҳанӯз забоншиносони нахустини араб ба қиёс таваҷҷуҳи хоса доштаанд. Аз ҷумла, дар мавриди Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ таъкид мешавад, ки ӯ нахустин нафаре буд, ки наҳвро ошкор карду қиёсу илалро ба дарозо кашид. Сипас ин донишманд ба донишманди дигари муосираш Абуамр ибни Ало муқоиса шуда, таъкид мегардад, ки Ибни Абуисҳоқ бо қиёс дар наҳв истинбот менамуд, дар ҳоле ки Абуамр дар мавриди суханони арабу калимот ва ғариби онҳо бартарӣ дошт [14, с.30]. Такя ба ин гуфтаи Ибни Салом донишмандони баъдӣ Ибни Абуисҳоқи Хазрамиро аз поягузорони қиёс дар наҳви арабӣ шуморидаанд. Дар ҳоле ки бархе донишмандон ишора ба ин нукта менамоянд, ки қиёси Ибни Абуисҳоқ дар муқоиса ба қиёсе, ки наҳвиёни баъдӣ ба кор бурдаанд, бисёр сода буд [16, с.146–144].

Нуктаи ҷолиб ин аст, ки дар баробари қиёси наҳвӣ, дар як вақт ва дар як муҳит, қиёси фиқҳӣ низ ба майдон омаду ривоҷ ёфт. Агар Ибни Абуисҳоқу Халил ва Сибавайҳ аз саромадони қиёс дар забоншиносии араб, хусусан қисмати наҳви он шинохта шуда бошанд, пас, дар фиқҳ Имоми Аъзам ва шогирдонаш ҳамчун тарвиҷгарони қиёс ба қалам дода мешаванд [10, с.84]. Аз ин нуктаи ҷолиб метавон чунин хулоса кард, ки чи дар фиқҳ ва чи дар забоншиносӣ, қиёс зодаи зеҳни донишмандони форсу тоҷик аст. Зеро аз мардуми форсу тоҷик будани Имоми Аъзам ва Сибавайҳ ҳеҷ тардиде нест. Ибни Абуисҳоқи Хазрамӣ низ ба гумони ғолиб аз мардуми форсу тоҷик будааст, чаро ки аз маволии Оли Хазрамӣ ба қалам дода мешавад [4, с.294] ва маволие, ки дар он марҳилаи таърихӣ ба илм, хусусан ба наҳв машғул мегаштанд, маҳз аз мардуми форсу тоҷик буданд. Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ бошад, ба таъкиди Ёқути Ҳамавӣ решапайванди форсии тоҷикӣ доштааст [18, с.1260].

Метавон боз ба ин нуктаи таърихӣ низ ишора намуд, ки Абуамр ибни Ало баръакси Ибни Абуисҳоқи Хазрамӣ ва Асмаӣ баръакси Халилу Сибавайҳ на фақат ба қиёс таваҷҷуҳ надоштанд, балки онро намепазируфтанд, чаро ки араб буданд ва барои донистани арабӣ ба ҳамон салиқа, ки дар натиҷаи самоъ ва муҳит ба майдон меояд, кифоят меварзиданд. Дар ҳоле ки донишмандони форсу тоҷик бо он ки донандаи хуби забони арабӣ ба шумор мерафтанд, боз эҳсос менамуданд, ки барои омӯзиши арабӣ мардуми араб ба қиёс ниёз доранд. Ба ибораи дигар, маҳз тобиши таълимӣ доштани қиёс боис гаштааст, ки наҳвиёни форсу тоҷик ба он таваҷҷуҳи бештаре қоил шаванд.

Ҳамзамон, қиёсе, ки аз ҷониби забоншиносони араб, хусусан Сибавайҳ дар ҳалли масоили наҳвӣ ба кор рафтааст, ба қиёси мантиқии юнонӣ ҳеҷ робитае надорад [11, с.127].

Омӯзиши қиёси наҳвӣ нишон медиҳад, ки дар тарвиҷи он забоншиносони ғайриараб, хусусан донишмандони форсу тоҷик бисёр назаррас аст. Баъд аз Сибавайҳу Кисоӣ ва

Фарро дар наҳви арабӣ Ибни Форис ва Замахшарӣ низ ба қиёс пардохтаанд. Аз ҷумла Ибни Ҷиннӣ дар бораи Ибни Форис ривоят мекунад, ки як хато дар қиёс кардан барояш аз панҷоҳ хато кардан дар луғат бадтар менамуд [10, с.86].

Хулоса, қиёс, ки рукни асосие дар наҳви арабӣ ба шумор меравад, пеш аз ҳама, аз ҷониби донишмандони форсу тоҷик мавриди пайрезиву корбурд қарор гирифтааст ва ҳадафи асосии он осоннамоии омӯзиши забони арабӣ ба ғайриарабҳо будааст.

Муқарриз: ***Саломов А.Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Сулаймонов С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ / С.Сулаймонов. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1563 с.
2. أبو البركات عبد الرحمن كمال الدين بن محمد الأنباري. رسالتان لابن الأنباري: الإغراب في جدل الإعراب ولُمَع الأدلة في أصول النحو. قدم لهما وعني بتحقيقهما سعيد الأفغاني. – مطبعة الجامعة السورية، 1957. – 160 ص.
3. أحمد تيموراشا. السماع والقياس. – القاهرة: دار الآفاق العربية، 2001. – 92 ص.
4. أسماء عبد الله غني العزاوي. أثر الموالي في الحياة الفكرية خلال العصر الأموي (41–132 ه. – الإمارات العربية المتحدة: صفحات للدراسة والنشر والتوزيع، 2017. – 424 ص.
5. أمان الدين حتحات. الاستدلال النحوي في كتاب سيبويه وأثره في تاريخ النحو. –الجمهورية العربية السورية: جامعة حلب، 1992. – 593 ص.
6. إميل بديع يعقوب. موسوعة اللغة العربية.– بيروت: دار الكتب العلمية، 2006 الجزء الخامس.– 672 ص.
7. جلال الدين السيوطي. الاقتراح في أصول النحو. ضبطه وعلق عليه عبد الحكيم عطية، راجعه وقدم له علاء الدين عطية. الطبعة الثانية. – دار البيروتي، 2006. – 186 ص.
8. حسن خميس الملخ. نظرية الأصل والفرع في النحو العربي. – عمان: دار الشروق، 2001. – 215 ص.
9. خديجة الحديثي. الشاهد وأصول النحو في كتاب سيبويه. – مطبوعات جامعة الكويت، 1974. – 484 ص.
10. سعيد الأفغاني. في أصول النحو العربي. – مديرية الكتب والمطبوعات الجامعية، 1994. – 271 ص.
11. علي أبومكارم. تقويم الفكر النحوي. – القاهرة: دار الغريب للطباعة والنشر والتوزيع، 2005. – 320 ص.
12. علي أبومكارم. أصول التفكير النحوي. – القاهرة: دار الغريب للطباعة والنشر والتوزيع، 2006. – 386 ص.
13. فاضل صالح السامرائي. الدراسات النحوية واللغوية عند الزمخشري. – بغداد: مطبعة الإرشاد، 1970. – 419 ص.
14. محمد بن سلام الجميحي. طبقات الشعراء. مع تمهيد للناشر الألماني جوزف هل، مع دراسة عن المؤلف والكتاب للمرحوم الأستاذ طه أحمد إبراهيم. – بيروت: دار الكتب العلمية، 2006. – 225 ص.
15. محمد خان. أصول النحو العربي. بسكرة: مطبعة جامعة محمد خيضر، 2012. – 160 ص.
16. محمد خير الحلواني. المفصل في تاريخ النحو العربي: قبل سيبويه. – بيروت: مؤسسة الرسالة، 1989. – 312 ص.
17. يحيى بن محمد أبي زكريا الشاوي المغربي الجزائري. ارتقاء السيادة في علم أصول النحو. تقديم وتحقيق عبد الرزاق عبد الرحمن السعدي. – العراق: مطبعة النواعير، 1990. – 144 ص.
18. ياقوت الحموي. معجم الأدباء، إرشاد الأريب إلى معرفة الأديب. تحقيق الدكتور إحسان عباس. – بيروت: دар الغرب الإسلامي، 1993. – 3541 ص.

САҲМИ ЗАБОНШИНОСОНИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР ТАШАККУЛИ ҚИЁСИ НАҲВӢ

Дар мақола дар мавриди қиёс ҳамчун меҳвари илми наҳви арабӣ сухан рафта, барои мушаххас намудани ҷойгоҳи он дар ин илм аз рукни дигари наҳв – самоъ ёдоварӣ шудааст. Мувофиқи баррасии мавзуъ, қиёс ҳанӯз аз рӯзҳои аввали пайдоиши наҳви арабӣ мавриди таваҷҷуҳи забоншиносон қарор гирифта бошад ҳам, муносибат ба он байни намояндагони мактабҳои Басраву Куфа якранг набудааст. Қиёс дар худ тобиши таълимӣ дорад. Ҳамин аст, ки муаллифи мақола такя ба сарчашмаҳои муътамад таъкид месозад, ки дар таърихи ташаккули қиёс донишмандони форсу тоҷик саҳми назаррас доранд. Ин нукта бо равиши муқоисавӣ байни муносибати забоншиносони сирф арабӣ ва забоншиносони тоҷикиасл таъкид гаштааст. Ишора ба қиёси фиқҳӣ ва намояндагони он далели дигарест, ки зодаи зеҳни форсии тоҷикӣ будани қиёс дарак медиҳад. Дар мақола бо ишора ба саҳми донишмандон дар ин самт таъкид мешавад, ки дар тарвиҷи қиёс забоншиносони ғайриараб, хусусан донишмандони форсу тоҷик бисёр назаррас аст. Баъд аз Сибавайҳу Кисоӣ ва Фарро дар наҳви арабӣ Ибни Форис ва Замахшарӣ низ ба қиёс пардохтаанд.

Калидвожаҳо: забони арабӣ, забоншиносии араб, наҳв, самоъ, қиёс, Сибавайҳ, донишмандони форсу тоҷик.

ВКЛАД ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ УЧЕНЫХ В ФОРМИРОВАНИЕ ГРАММАТИЧЕСКОЙ АНАЛОГИИ

В статье рассматривается аналогия как основная наука арабской грамматики и упоминается еще одно явление грамматики –сама'/ - с целью определения его места в этой науке. Отмечается, что аналогия интересовала лингвистов с первых дней возникновения арабской грамматики, однако подход к ней был различным среди представителей школ Басры и Куфы. Аналогия также имеет образовательный аспект. Именно поэтому автор статьи, опираясь на достоверные источники, подчеркивает значительный вклад в историю аналогии, который внесли персидско-таджикские ученые. Также подчеркивается сравнительный подход к взаимосвязи профессиональных арабских и таджикских лингвистов. Источники, указывающие на аналогию фикха, и его представители являются еще одним доказательством того, что аналогия была продуктом таджикско-персидского интеллекта. Ссылаясь на вклад ученых в этой области, в статье подчеркивается, что иностранные лингвисты, особенно персидские и таджикские ученые, сыграли очень

важную роль в развитии аналогии. После Сибавайха, Кисаи и Фарра на арабском языке также Ибн Фарис и Замахшари способствовали развитию грамматической аналогии.

Ключевые слова: арабский язык, арабское языкознание, грамматика, аналогия, Сибавайх, персидские и таджикские ученые.

THE CONTRIBUTION OF PERSIAN-TAJIK SCIENTISTS TO THE FORMATION OF GRAMMAR ANALOGY

The article considers analogy as the main science of Arabic grammar and mentions another pillar of grammar – sama'/ - in order to determine its place in this science. It is noted that the analogy was of interest to linguists from the first days of the emergence of Arabic grammar, but the approach to it was different among the representatives of the schools of Basra and Kufa. The analogy also has an educational aspect. That is why the author of the article, relying on reliable sources, emphasizes the significant contribution to the history of the analogy, which was made by Persian-Tajik scientists. Also emphasizes the comparative approach between the relationship of professional Arabic and Tajik linguists. Sources on the analogy of fiqh and its representatives is another proof that the analogy is a product of the Tajik-Persian intellect. Referring to the contribution of scientists in this field, the article emphasizes that foreign linguists, especially Persian and Tajik scientists, play a very important role in the development of analogy. After Sibawayh, Kisai and Farr in Arabic, also Ibn Faris and Zamakhshari contributed to the development of grammatical analogy.

Key words: Arabic language, Arabic linguistics, grammar, analogy, Sibawayh, Persian and Tajik scholars.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исмонов Кароматулло Бадридинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға**: 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Сведение об авторе: ***Исмонов Кароматулло Бадридинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Information about the author: ***Ismonov Karomatullo Badridinovich*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Tel.: **(+992) 917-44-40-40**

УДК: 491.550-56

МАЪНОИ БАҲОДИҲӢ ДАР МУНДАРИҶАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Дӯстзода Ҳ.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маъноҳои мафҳумӣ ва тобишҳои дигари гуногуни он, асосан, дар калима ва воҳидҳои фразеологии забон инъикоси равшани худро ёфта, ба ин васила шайъ ва ё ҳодисаҳои мавриди назар як андоза пуробуранг ва образнок ифода меёбанд. Миёни чунин унсурҳо тобиши баҳодиҳӣ мавқеи хосса дошта, он дар заминаи тасаввуроти муайян дар нисбати ашёву ҳодисаҳо сурат мегирад. Қобили зикр аст, ки муносибати баҳодиҳӣ на танҳо ба ашёҳо ё хусусиятҳои алоҳидаи онҳо тааллуқ дорад. Дар баробари ин амалҳо, ҷараёнҳо, вазъият, ҳолат, далелҳо ва имкониятҳои падидаҳои ҳаётӣ низ баҳогузорӣ карда мешаванд. Ба таври умум, баҳодиҳӣ (хоҳ дар шакли хуб ва хоҳ бад) дар ҳама зинаҳои муносибати забонии мо нисбат ба ашёву падидаҳои ҳаёти рӯзмарра сурат мегирад.

Баҳодиҳӣ, бешубҳа, унсури муҳимме мебошад, ки ба ҳама забонҳо хос аст. Забони тоҷикӣ низ аз чунин падидаи забонӣ дар канор набуда, ифодаи баҳодиҳӣ дар он ба тавассути воҳидҳои гуногуни забонӣ сурат мегирад, ки дар ин миён нақши ифодаҳои рехта махсус арзёбӣ мешавад. Аз як ҷониб, баҳодиҳӣ ба сифатҳое иртибот дорад, ки ба обйектҳои ғайризабонӣ хосанд, ки дар шуури инсонҳо таҷассум ёфтаву бештар дар маънои фразеологӣ ифода меёбанд. Аз ин нуқтаи назар, баҳодиҳӣ характери обйективӣ дорад. Аз дигар ҷониб, шахс ҳамчун субйекти баҳодиҳӣ, ҳамчун намояндаи арзишҳои замони худ, муҳити атроф ва идеология эҷодкунандаи бевоситаи баҳодиҳӣ мебошад. Яъне инсон дар ташаккули баҳодиҳӣ нисбат ба мафҳумҳо ва ифодаи он дар воҳидҳои забон, хосатан фразеологизмҳо, мақоми ҳалкунанда дорад.

Омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ба хулосае меоваранд, ки дар масъалаи баҳодиҳӣ ақидаҳои муҳаққиқон якранг нестанд. Онҳо миёни шохаҳои мухталифи илм тақсим шудаанд. Албатта, ҷаҳонбинии донишмандони гуногун – файласуфон, мантиқшиносон, забоншиносон, ҳуқуқшиносон, равоншиносон ва ғайра вобаста ба таҳқиқотҳои соҳавиашон ба тариқи гуногун зоҳир мешавад. Онҳо дар доираи назарияҳои мухталифи илмӣ амалӣ шуда, баҳодиҳиро бо истилоҳҳои ҳархела ифода кардаанд. Мавриди он ки дар хусуси баҳогузорӣ ва маънои баҳодиҳӣ чиҳо гуфтаанд, наметавон дар ин ҷо ҳамаҷониба муҳокимаронӣ кард. Вале он чиз аён аст, ки дар ҳама сарчашмаҳои илмӣ ба таври умумӣ ё ҷузъӣ баҳодиҳиро муносибати огоҳонаи гӯянда нисбат ба ашёву ҳодисаи муайян маънидод карда, онро як навъ мавқеи иҷтимоии соҳибзабон тавсиф намудаанд.

Унсурҳои баҳодиҳиро вобаста ба зоҳиршавиашон дар нисбати ашёву ҳодисаҳои олами воқеӣ метавон ба мусбат, манфӣ ва муътадил ҷудо намуд, ки дар ин миён ифодаи баҳодиҳии манфӣ бештар ба назар мерасад. Чунин гурӯҳбандӣ ба нисбати зоҳиршавии тобишҳои гуногуни олами ботинии шахс дар унсури баҳодиҳӣ амалӣ мегардад. “Аксари муҳаққиқон баҳодиҳии манфӣ (пейоративӣ), мусбат (мелиоративӣ) ва муътадил (ситуативӣ)-ро ҷудо кардаанд. Дар бештари таҳлилҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ далели мавҷудияти бештари баҳодиҳии манфӣ ба назар мерасад. Маълум аст, ки чунин сифатҳои имкониятҳои зеҳнии инсон, ба монанди нотавонӣ ё маҳдудияти ақлонӣ дар худ муносибатҳои зеҳнӣ-эҳсосотии манфиро ба вуҷуд меоранд” [I. 1, с.7]. Аз ин ҷо низ зоҳиршавии маънои баҳодиҳӣ дар воҳидҳои забон ба чунин таснифот иртибот дошта, онро метавон дар шакли маънои баҳодиҳии мусбат, манфӣ ва муътадил ҷудо кард. Агар дар маънои баҳодиҳии мусбат тобишҳои эҳтирому қаноатмандӣ, ифтихору тавсиф ва ғайра ҷойгузин бошанд, пас, дар маънои баҳодиҳии манфӣ баръакс, тобишҳои тамасхуру беэҳтиромӣ, таҳқиру сарзаниш ва монанди инҳо инъикос ёфтаанд. Дар баҳодиҳии муътадил бошад, лаҳзаҳои равшани ифодаи ин навъ тобишҳо мушоҳида намешаванд, вале онҳо метавонанд дар мавридҳои муайян чунин унсурҳоро соҳиб шаванд.

Яке аз унсурҳои маъноие, ки ҳам дар мундариҷаи маъноии калимаҳо ва ҳам фразеологизмҳои забони тоҷикӣ зоҳиршавии бештар дорад, маънои баҳодиҳӣ мебошад. Онро метавон дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳим ва ҳатмии маънои фразеологӣ маънидод кард. Он маъноест, ки дар пояи муносибат ва

мавқеи огоҳонаи инсон нисбат ба ашё, хосиятҳои он ё ҳодисаҳои алоҳида вобаста ба ифодаи муайяни баҳогузорӣ зоҳир мешавад. Ба таври дигар, лаҳзаи баҳодиҳӣ аз муносибати воқеии шахс нисбат ба ашёву ҳодисаҳои олами воқеӣ сарчашма мегирад ва ба ҳар навъ инъикос меёбад. “Маънои баҳодиҳӣ дар заминаи хусусиятҳои воқеии ашё сурат мегирад, ки аз онҳо вобастагӣ дорад. Ҳадафи баҳодиҳӣ ҳамеша характери воқеӣ ва ҳаминзамонӣ дорад. Ба шумори чунин ҳадафҳо метавонанд хусусиятҳои назоратшавандаи объект, далел ва пешгӯиҳои ба объекти мазкур алоқаманд, муносибат ва мақсад, қонунмандӣ ва нозукиҳои дарк, вокунишҳои муқаррарӣ ва ғайримуқаррарӣ ба навъҳои гуногуни объектҳо мутааллиқ дохил шаванд” [I. 3, с.57]. Тасдиқи назарияи болозикрро дар воҳидҳои фразеологии зайл метавон дарёфт, ки маънои баҳодиҳӣ дар онҳо унсури асосии маънои фразеологӣ ба ҳисоб меравад: **сухани дилчасп** “фикри маъқул, гапи табъи дил” (ифодаи баҳодиҳии мусбат), **ба қитиқи *касе* расидан** “касеро асабӣ кардан” (ифодаи баҳодиҳии манфӣ), **чун лимуи шарбаташ ҷафидагӣ** “нолозим, нодаркор” (ифодаи баҳодиҳии манфӣ), **занги дил шустан** “ғами дилро баровардан, хушҳолӣ кардан” (ифодаи баҳодиҳии мусбат):

Назаров, ки аз омадани Қодиров бағоят мамнун гардид, чашм аз дӯсти дерина намеканд ва аз **суханҳои дилчаспи** ӯ завқ менамуд [II. 22, с.319]. – Ан зӯр зада, гапро ба шӯхӣ бурда, **ба қитиқи хола мерасид** [II. 22, с.408]. … тамоми амалиёти бонкиро ба дискетҳо ҷой мекунад ва охири рӯз худро батамом хаставу **чун лимӯи шарбаташ ҷафидагӣ** эҳсос менамояд [II. 21, с.37]. Қаҳ-қаҳи ӯ на танҳо занги дили худашро, балки **занги дили атрофиёнашро** низ **мешуст** [II. 3, с.86].

Мо дар раванди инъикоси мафҳуми ҷудогона дар шуури худ ба он муносибати баҳодиҳии муайянеро муқаррар менамоем. Чунин баҳогузорӣ метавонад дар шакли “хуб” ё “бад” сурат гирад ва дар сохтори воҳидҳои забон маънои баҳодиҳиро ба вуҷуд биёрад. Яъне зоҳиршавии маънои баҳодиҳӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ, асосан, хусусияти объективӣ ва тасвирӣ дошта, аз таассуроти алоҳидаи соҳибзабон вобаста аст. Чунин таассурот метавонад аз муносибатҳои алоҳидаи гӯянда нисбат ба мафҳум сарчашма гирад. “Маънои баҳодиҳӣ, – менависад забошиносӣ рус Телия В.Н. – ин маълумоте мебошад, ки ахборот дар хусуси муносибати арзишнокии субъекти нуткро ба хусусияти алоҳидаи ифодашаванда, ки дар заминаи ин ё он санҷиши ҷанбаи баъзе объектҳо ҷудо карда шудааст, дар бар мегирад” [I. 16, с.54].

Тавре зикр гардид, баҳодиҳӣ сабаби иҷтимоӣ дорад. Тафсири он аз меъёр ва талаботҳое вобаста мебошад, ки дар ҷамъият ё қишре аз он қабул шудаанд. Ҷаҳонбинӣ, забондонӣ, манфиатҳои иҷтимоӣ, ифодаи эҳсосот ва дигар омилҳои инсонӣ боиси ба вуҷуд омадани маънои баҳодиҳӣ дар воҳидҳои забон мегарданд. Аз ин ҷиҳат инсон ҳамчун объекти муҳимми бавуҷудоварандаи унсури баҳодиҳӣ эътироф мегардад. Бо вуҷуди ин набояд фаромӯш сохт, ки унсурҳои баҳогузорӣ на танҳо ба омилҳои гӯянда вобаста мебошанд, онҳо метавонанд аз лаҳзаҳои муайяни ҷараёни нутқи соҳибзабон низ вобастагӣ дошта бошанд. Аз ин ҷиҳат баҳодиҳӣ (=маънои баҳодиҳӣ)-ро метавон ба ду навъ: а) баҳодиҳии забонӣ ва б) баҳодиҳӣ дар нутқ ҷудо намуд. Гӯянда дар раванди нутқи худ метавонад унсурҳои баҳодиҳиро иваз намояд ё тағйир дода, барҳам занад. Аз ин ҷо баъзе аз муҳаққиқон вазифаи асосии муҳокимаҳои баҳодиҳиро дар он мебинанд, ки он бояд ба шунаванда таъсир расонад. Дар воқеъ, вақте ба мафҳум баҳои муайян дода мешавад, албатта, чунин бардошт ба тасаввуроти шунаванда бетаъсир намемонад. Он дар шуури ҳамсуҳбат таассуроти алоҳидаеро (дар шакли хуб ё бад) оид ба мафҳум сабт менамояд. Ба андешаи мо, ифодаи баҳодиҳӣ худ ба худ ҷанбаи водоркуниро дорад, аз қабили ба амале сафарбар намудан, аз чизе огоҳонидан, таъриф, маҳкум кардан ва ғайра. Яъне он меъёрҳои рафторро ба тавассути воҳидҳои забон ба танзим дароварда, ҳамзамон онҳоро амалӣ месозад. Масалан, дар фразеологизмҳои **дил гирифтан аз *касе*** “ноумед шудан, умед кандан”, **хоки дари *касеро* рӯфтан** “хушомадгӯӣ кардан ба касе, қурбони касе шудан”, **ғами ширин** “алами умедворкунанда”, **хоҳам-нахоҳам** “беиштиёқ, беҳавас”, ***касеро* дар миёна андохтан** “миёнарав, восита намудани касе” чунин тобишҳои тавсиявиро метавон ошкор намуд:

… чунки намедонам, аз чи сабаб бошад, бо худи ин одам дуруст шинос нашуда, **аз ӯ дилам гирифтааст** [II. 13, с.133]. … моро маҷбур кунанд, ки ба даргоҳашон рафта тамаллуқ кунем, **хоки дарашонро ба остин рӯбем** [II. 5, с.150]. Вай ҳам дар дил ғам дошт, вале **ғами**

ширин [II. 8, с.251]. – Дар муддати ин ду рӯз шумо **хоҳам-нахоҳам** ба оташи ҳисси Ҳайдарҷон равған рехтед [II. 13, с.147]. Писарам, ту дилтангӣ накун ва **ҳар касро дар миёна наандоз**, ман пасу пеши худро дида, асбоби тӯйро тайёр кунам, амри хайри шумоёнро пеш мегирам [II. 2, с.43].

Аксарияти забоншиносон маънои баҳодиҳиро дар калима ва воҳидҳои фразеологӣ ба сифати яке аз унсурҳои маънои коннотативӣ (иловагӣ)-и онҳо қалмдод карда, онро бо семаи эҳсосотӣ алоқаманд медонанд. Унсури коннотативӣ дар худ зоҳиршавии мураккаби лаҳзаҳои баҳодиҳӣ, эҳсосотӣ, образнокӣ, ифоданокӣ ва услубиро фаро мегирад, ки онҳо метавонанд дар гурӯҳе аз воҳидҳои фразеологӣ дар якҷоягӣ ва дар гурӯҳи дигар дугона ё сегона зоҳир шаванд. Маҳз бо шарофати маънои коннотативӣ воҳидҳои фразеологӣ ба таври амиқ ба олами эҳсосотии шунаванда таъсир мерасонанд ва ифодаҳои равшану таъсирбахши дилхоҳи забон маҳсуб меёбанд. «Коннотатсия ин маҷмӯи маъноҳои воҳидҳои номинативӣ мебошад, ки ҷузъҳои эҳсосӣ, ассотсиативӣ-маҷозӣ ва услубӣ, на аломатҳои ашёи таъйиншударо инъикос мекунанд, ба монанди муносибати гӯянда ба таъйинот ё шароити сухан. Бо назардошти дараҷаҳои мухталифи робитаи байни денотати аслӣ ва ҷанбаҳои маъноие, ки аз он бармеоянд, баъзе муҳаққиқон тавсия медиҳанд, ки таҳлили амиқи маъноии калима ва воҳидҳои фразеологӣ гузаронида шавад» [I. 2, с.169].

Ҳамчун унсури маънои коннотативӣ эътироф гардидани маънои баҳодиҳӣ ба он нисбат аст, ки он дар натиҷаи муносибати гӯянда ба мафҳум сурат мегирад ва бо лаҳзаҳои эҳсосотӣ олуда аст. Ин навъи маъноро метавон ҳамчун тобиши баҳодиҳии маънои асосӣ маънидод кард. “Маънои баҳодиҳии коннотативӣ унсури маънои калима ва воҳидли фразеологӣ мебошад, ки арзишҳои алоқаманд бо эҳсосотро муқаррар мекунад. Баҳодиҳии мусбат ба воситаи лаҳзаҳои навозиш, хушнудӣ, қаноатмандӣ ва ғайра ифода мешавад. Баҳодиҳии манфӣ бошад, дар заминаи эҳсосоти манфӣ асос меёбад: маҳкум кардан, тамасхур, таҳқир ва монанди инҳо” [I. 7, с.162].

Забоншинос Стернин И.А. дар мавриди ҷузъи маънои коннотативӣ будани унсури баҳодиҳӣ чунин назарияро пешниҳод месозад: «Қисмати умдаи коннотативии маъно ҷузъҳои семантикии баҳодиҳӣ ва эҳсосотро дар бар мегирад. Баҳодиҳӣ ва эҳсосот дар шакли аломатҳои семантикие баромад мекунанд, ки ба ташхисдиҳандаи семаҳо мувофиқ мебошанд. Дар ин маврид воҳидҳое, ки аз баҳодиҳӣ ва эҳсосот ориянд, ҳамчун унсурҳое фаҳмида мешаванд, ки дар онҳо баҳодиҳӣ ва эҳсосот сифр аст, яъне воҳидҳои дорои аломатҳои семантикии мустақили “эҳсосот” ва “баҳодиҳӣ”, ки бе мушаххаскунандаҳои семагӣ ташкил ёфтаанд [I. 15, с.70].

Ифодаи баҳодиҳӣ дар ҷузъи коннотативии маъно дар баробари дигар тобишҳои маъноӣ яке аз нишонаҳои асосии ин навъи маъно мебошад. Он метавонад ба тавассути калима, воҳидҳои фразеологӣ ва ҳатто ҷумлаҳои алоҳида ифода ёбад. “Назарияи коннотатсия ҳамчун тобиши экспрессивии семантика маҳсули баҳодиҳии муайян ва инъикоси воқеият дар ҷараёни номгузорӣ мебошад. Яъне дар коннотатсия ҳамчунин баҳодиҳӣ низ ҷой дорад, ки он ба тавассути муносибати гӯянда нисбат ба воқеият ва дар заминаи хусусиятҳои хоси барҷастаи ашё ба амал меояд” [I. 16, с.21].

Ҳамин тавр, асоси маънои баҳодиҳиро муносибати миёни гӯянда ва мафҳум ташкил медиҳад. Дар заминаи чунин алоқамандӣ, ки бевосита ба дарку фаҳмиш ва ҷаҳонбиниву забондонии шахс иртиботи қавӣ дорад, муносибати баҳогузорӣ барқарор шуда, ҳамзамон ба мафҳум ишорат мешавад. Забоншиноси рус Шаховский И.В. маъноҳои эҳсосотӣ ва баҳодиҳиро ҳамчун унсурҳои алоҳидаи маънои медонад, ки ба мафҳуми муайян нигаронида мешаванд. Аз ин ҷиҳат, мавсуф ин навъи маъноҳоро ба маънои денотативӣ иртибот додааст: “Ақидае бештар маъмул аст, ки тобишҳои эҳсосотӣ, баҳогузорӣ, ифоданокӣ ва услубӣ коннотативӣ буда, сохтори коннотатсияро ташкил медиҳанд. Вале таҳлили маводи фаровони забонӣ нишон медиҳад, ки баҳогузорӣ ва ифоданокӣ метавонанд обйекти худро дошта бошанд ва бинобар ин онҳо дар ҷанбаи деннотативии маъно устуворанд» [I. 18, с.29].

Ба назари мо низ унсури баҳодиҳӣ метавонад дар ҷузъи денотативии маъно ифода ёбад, ё ба таври дигар ҳама гуна номгузорӣ метавонад дар умум ин ё он навъи баҳодиҳиро ифода кунад. Масалан, дар ифодаи рехтаи тавсифии **одами паст**, ки маънои “палид”-ро дорад. Дар ин маврид аломати нохуб будани мафҳуми мазкур ба ҷузъи денотативӣ дохил

мешавад, зеро денотати аломати мазкур танҳо инсони бад мебошад, на шахс бо баҳои манфии он. Аз ин рӯ, баҳодиҳии коннотативӣ ва денотативиро аксаран фарқ кардан мушкил аст. Фарқ миёни онҳоро танҳо ба воситаи усули тафсири маъно дар ифодаи муайян, ки бо ҷузъҳои “хуб” ё “бад” анҷом меёбад, фаҳмидан мумкин аст. Агар маънои воҳиди фразеологӣ мухтасар таҳлил гардида, дар ин ҳолат маъно ифодаи шартии “ин хуб/бад”-ро ҷамъбаст кунад, ин навъи баҳодиҳӣ коннотативӣ мебошад. Агар тафсири обйективии маъно мумкин набошад, дар ин ҳолат баҳодиҳӣ ба ҷузъи денотативии маъно дохил мешавад ва фразеологизм дар умум баҳодиҳиро ифода мекунад. Масалан, дар маводи зерин, ки фразеологизми аввал шартан баҳодиҳии манфиро ифода намуда, тобиши баҳодиҳии мусбати мисоли дуюм як ҷузъи маънои деннотативии онро ташкил додааст:

– Назан, ин тааллуқи маро назан, - гуфта **хандаи хунук** кард [II. 10, с.256]. Деҳқон як парча замини худӣ дошта бошад, ту медонӣ, ки **сараш ба осмон мерасад** [II. 22, с.98].

Ин ҳолатро дар аксари воҳидҳои фразеологӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Дар онҳо баҳодиҳии хуб ё бад дар ифодаи мафҳуми образнокшуда бештар ба назар мерасад. Танҳо фарқ аз калимаҳо дар ин аст, ки дар фразеологизмҳо имконияти бештари тафсири маънои баҳодиҳӣ мавҷуд аст. Аз қабили **инони ихтиёрро супоридан** “ҳалли мушкилоти худро ба дигаре бор кардан” (ифодаи баҳодиҳии манфӣ), **ба майдон овардан** “тавлид додан, пайдо намудан” (ифодаи баҳодиҳии мусбат), **монанди одами маст** “бехудона, ихтиёрро аз дода” (ифодаи баҳодиҳии манфӣ), **ба таги пӯсти *касе* даромадан** “дидадаро будан, ба боварӣ даромадан” (ифодаи баҳодиҳии манфӣ), **нарезондаю начаконда** “як ба як, саросар” (ифодаи баҳодиҳии манфӣ):

… монанди мурдае, ки ба дасти мурдапшӯй супорида шуда бошад, тамоми **инони ихтиёри худро** ба дасти калоншавандагони деҳа **супорид** [II. 1, с.44]. Имрӯз, ки хонааш ҳам ғалтида бе сарпаноҳ монд, дигарбора қатъитар карда, масъаларо **ба майдон оварда** ва дар натиҷа чор-ночор занашро ҳам қабул кунонид [II. 1, с.73]. Суҳроб се қадам қафонокӣ рафт, сипас мувозинаташро гум карда, **монанди одами маст** калавида-калавида сарозер ба лойхона афтод [II. 18, с.109]. Ҳунаре, ки ӯ дорад, шайтон надорад, **ба таги пӯсти одам медарояд**, фоидааш ба Барзу зиёд [II. 10, с.71]. …. эшони Тошбой **нарезондаю начаконда** ҳамаи гапҳоро хабар бурдааст ва пешдаро шуда ӯро ба деҳа, ба сари мардум, ба сари Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо овардааст [II. 10, с.158].

Аз таҳлилҳои назарияҳои забоншиносони гуногун бармеояд, ки онҳо маънои баҳодиҳиро ҳамчун унсури ҳатмии маънои коннотативӣ ва денотативӣ шарҳ додаанд. Ҳатто қисмате аз онҳо маънои баҳодиҳиро ҷузъи маънои прагматикӣ низ ном бурдаанд. Масалан, маъношиноси рус Арутюнова Н.Д. маънои баҳодиҳиро ҳамчун унсури маънои прагматикии калима медонад ва таъкид мекунад, ки: “Яке аз вазифаҳои муҳимми прагматика ба таври мухтасар ифода намудани қоидаҳои истифодаи калимаву ифодаҳо ва ҳамчунин шарҳи воқеии онҳо мебошад. Мо маъноро мефаҳмем ва истифодаи калимаҳоро дар матн ва худи матнро тафсир медиҳем. Дар ҷараёни шарҳёбӣ на танҳо маънои калима, балки лаҳзаҳои зиёди прагматикӣ низ дар назар дошта мешаванд. Барои он ки хабарҳои (предикат) баҳодиҳӣ ва махсусан хабарҳои баҳодиҳии умумӣ (хуб ва бад) шарҳ дода шаванд, маълумоте лозим аст, ки амалан ба ҳамаи ҷузъҳои матн тааллуқ дошта бошад. Сифатҳои баҳодиҳӣ вобаста ба он ки онҳо кадом категорияҳои ашёҳоро тавсиф медиҳанд, ба таври гуногун шарҳ дода мешаванд. Баҳодиҳӣ аз дигар навъи маъноҳо дида бештар аз субйекти гӯянда вобаста аст. Алоқаи маънои баҳодиҳӣ бо муаллифи нутқ бисёррӯя мебошад. Баҳодиҳӣ ақидаи шахсӣ ва шавқу рағбати гӯяндаро ифода мекунад, онҳо бошанд, дар инсонҳои алоҳида гуногунанд. Дар олами ботинии шахс баҳодиҳӣ ба ақида ва ҳиссиётҳо, орзу ва талаботҳо, вазифа ва иродаи мақсаднок ҷавоб медиҳад. Ин омил ҷанбаи ихтилофии онро ба вуҷуд меорад: масалан, баҳодиҳие, ки аз орзуву ҳавас тавлид шудааст, аз баҳодиҳиҳое, ки аз вазифа ва баҳодиҳиҳое, ки дар натиҷаи талабот ба вуҷуд омадаанд, беҳтар мебошад [I. 3, с.6].

Муҳаққиқи риштаи фразеологияи забони тоҷикӣ Ҳ. Маҷидов маънои баҳодиҳиро дар доираи маънои фразеологӣ таҳлил намудааст. Мавсуф маънои баҳодиҳиро дар мундариҷаи маъноии фразеологизмҳои забонамон аз ҷумлаи маъноҳои устувори бардавом дониста, фарқи онҳоро аз лаҳзаҳои баҳодиҳии нутқӣ таъкид мекунанд. “Ба гурӯҳи унсурҳои дигари басо муҳимми маънои фразеологӣ лаҳзаҳои баҳодиҳиро дар онҳо бояд

номбар кард. Унсурҳои баҳодиҳӣ дар хоситяҳои мусбат ва манфие, ки дар маънои фразеологӣ ниҳон аст, ифода шудаанд. Бояд ба ҳисоб гирифт, ки ин унсурҳои баҳодиҳӣ аз унсурҳои бардавоми маънои фразеологӣ ба шумор мераванд ва аз он лаҳзаҳои баҳодиҳие, ки мавриди нутқ тавлид меёбанд, ба куллӣ фарқ мекунанд" [I. 11, с.286].

Маълум мегардад, ки мавқеи забоншиносони хориҷиву ватанӣ дар хусуси маънои баҳодиҳӣ гуногун буда, онро ба системаи маъноҳои гуногун марбут донистаанд. Ба назари мо, маънои баҳодиҳӣ хоҳ дар калима ва хоҳ дар воҳиди фразеологӣ ба ҳайси маъное баромад мекунад, ки ҳам ба мафҳум ва ҳам ба тасаввуроти гӯянда муносибат дорад. Онро ба сифати унсури маъноҳои коннотативӣ, денотативӣ ва прагматикӣ тавзеҳ додан вобаста ба шароити зоҳиршавии муносибати баҳодиҳӣ дар забон ва нутқ мебошад. Яъне баҳодиҳӣ дар воҳидҳои забон дар кадом зинае, ки сурат нагирад, он танҳо як вазифа дорад: муқаррар намудани муносибати гӯянда нисбат ба ашёву ҳодиса ва додани баҳои муносиб. Дар лаҳзаҳои гуногуни нутқ бошад, маънои баҳодиҳӣ метавонад вобаста ба вазъият тағйир ёбад ё тамоман сарфи назар карда шавад. Аз ин ҷиҳат дар нутқ он лаҳзавӣ ва зуд тағйирёбанда маънидод карда мешавад.

Баҳодиҳӣ ҳамчун унсури инъикоси падидаву ашёҳои олами воқеӣ як ҷузъи муҳимми маънои воҳидҳои фразеологиро ташкил медиҳад. Маънои баҳодиҳӣ дар аксарияти фразеологизмҳои забони тоҷикӣ унсури ҳатмии маънои фразеологӣ ба ҳисоб рафта, дар шаклҳои мухталиф баён мешавад. "Унсурҳои дигари муҳимми идиоматикии маънои фразеологӣ лаҳзаҳои гуногуни баҳодиҳӣ мебошанд. Унсурҳои баҳодиҳӣ дар тавсифҳои мусбат ва манфӣ ифода меёбанд, ки дар маънои фразеологӣ пинҳон шудаанд. Бояд дар назар дошт, ки онҳо ҳамчун унсурҳои доимии маънои фразеологӣ, на дар падидаҳои тасодуфӣ ё окказионалӣ, ки дар нутқ ба вуҷуд меоянд, амал мекунанд. Унсурҳои баҳодиҳии воҳидҳои фразеологӣ, азбаски онҳо, пеш аз ҳама, муносибати гӯянда ба шахс ё ашёро тавсиф мекунанд, яке аз зуҳуроти маъноҳои модалӣ дар забон ҳисобида мешаванд» [I. 9, с.118].

Ҳамин тавр, яке аз воҳидҳои забоние, ки дар зоҳиршавии маънои баҳодиҳӣ мақоми хоса дорад, воҳидҳои фразеологӣ мебошанд. Мо дар мақолаҳои алоҳида мавриди ифодаи маъноҳои мафҳумӣ, фразеологӣ, эҳсосотӣ ва образнок дар мундариҷаи маъноии ифодаҳои рехтаи забонӣ тоҷикӣ фикру мулоҳизаҳои хешро баён намуда, таъкид намуда будем, ки мавҷудияти чунин унсурҳои маъноӣ дар фразеологизмҳои забонамон яке аз нишонаҳои асосии маъноии онҳо маҳсуб меёбад. Баҳогузории муайян низ ҳамчун падидаи муҳимме, ки дар заминаи муносибати воқеии соҳибзабон нисбат ба ашёву ҳодисаҳо ва хосиятҳои онҳо сурат мегирад, маънои баҳодиҳиро дар ифодаҳои устувори забон ба вуҷуд меорад. Мувофиқи назарияи забоншинос Погорелова С.Д.: "Баҳодиҳӣ яке аз унсурҳои категорияи воқеият мебошад, зеро таҳлили ҷаҳоне, ки моро иҳота кардааст ва худи шахс қисми ҷудонашавандаи ҳастии равонии инсон ба шумор мераванд. Баҳодиҳӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти зеҳнии инсон мебошад ва, бешубҳа, инъикоси худро дар забон меёбад. Мафҳуми мазкур дар заминаи талаботҳои зиёде тавсиф дода мешавад, ки дар заминаи он хобидаанд ва мураккабиро дар тасвири воситаи ифодаи он ба вуҷуд меоранд. Воситаҳои баҳодиҳӣ дар ҳама қабатҳои забон мушоҳида мешаванд, ки яке аз онҳо воситаҳои луғавии баҳодиҳӣ мебошад [I. 13, с.107]. Мавҷудияти маънои баҳодиҳӣ дар воҳидҳои фразеологӣ зоҳиршавии муайяни мафҳум вобаста ба таассуроти гӯянда аст. Ҳар қадар ки унсури баҳодиҳӣ дар фразеологизм равшан зоҳир шуда бошад, ҳамон қадар ифодаи мафҳум дар заминаи қабули иҷтимоӣ барҷаста сурат мегирад. Тобишҳои гуногуни маънои баҳодиҳиро метавон дар ибораву ҷумлаҳои фразеологии зайл ба мушоҳида гирифт, ки хеле равшану возеҳ ифода ёфтаанд: **бо як чашм нигаристан ба *касе*** ба маънои «ҳама касро яксон писанд кардан» (ифодаи баҳодиҳии мусбат), **рӯзам сахт** ишора ба «аҳволи бад» (ифодаи баҳодиҳии манфӣ), **дарди сар додан** «ташвиш додан, безобита кардан» (ифодаи баҳодиҳии манфӣ), **орзуи ширин** «орзуи хуб, фараҳбахш» (ифодаи баҳодиҳии мусбат), **қабат-қабат гӯшт гирифтан** «хурсанд, қаноатманд шудан» (ифодаи баҳодиҳии мусбат):

Лекин ман аз янгаам Каромат намеранҷидам: вай ба ҳамаи мо **бо як чашм нигоҳ мекард** ва меҳрубон буд [II. 20, с.166]. **Рӯзам сахт** авсунҷон, чунон сахт, ки ҳеҷ напурсед… [II. 20, с.34]. – Не, ман барои пули дунё мир ва шуморо **дарди сар дода** намегардам, пули маро кӣ нахӯрдааст [II. 1, с.31]. Онҳо баъзан то қарибиҳои рӯз саргузаштгӯиву **орзуҳои**

ширин карда менишастанд [II. 7, с.130]. Хешовандон, наздикон, зурётҳо ба ин амалашон ба Ниёзов руҳ мебахшиданд, **қабат-қабат гӯшт мегирифт**… [II. 11, с.45].

Аз зоҳиршавии маънои баҳодиҳӣ дар бештари ҳолатҳо хусусиятҳои семантикии воҳидҳои фразеологӣ вобаста аст. Зери маҳфуми маънои баҳодиҳӣ тавсифи мусбат ё манфии шахс ё ашё аз ҷиҳати хосиятҳои устувор ва доимӣ, на тасодуфӣ ва муваққатӣ фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат бояд миёни воҳидҳои фразеологие, ки маънои баҳодиҳии холис доранд ва фразеологизмҳое, ки истифодаи баҳодиҳии муваққатӣ доранд, фарқ гузошт. Воҳидҳои фразеологӣ бо маънои баҳодиҳии холис чунин сифатро ба таври доимӣ новобаста аз шароити матн соҳибанд. Фразеологизмҳо бо истифодаи баҳодиҳии муваққатӣ бошанд, дар як матн ин хусусиятро соҳиб мешаванд, дар матни дигар ё алоҳидагӣ онро аз даст медиҳанд. Ба таври дигар, ифодаҳои рехта бо маъноҳои баҳодиҳии холис воҳиди забон маҳсуб меёбанд, фразеологизмҳо бо истифодаи баҳодиҳӣ бошанд, воҳиди нутқанд. Мавриди пажӯҳиши забоншиносӣ, асосан, навъи якуми воҳидҳои фразеологӣ қарор мегиранд, ки дар матн ва берун аз он ҳам маънои баҳодиҳии равшан доранд. Ба ҷумлаи чунин фразеологизмҳо ифодаҳои устувори феълии зайлро ворид намудан мумкин аст, ки берун аз матн низ маънои баҳодиҳии онҳо барои соҳибони забон фаҳмо ва равшан аст: **даҳони *касе* мӯй баровард** «аз ҳад зиёд гап задан, фаҳмондан» (ифодаи баҳодиҳии манфӣ), **арақи ҷабин рехтан** «меҳнати зиёд кардан» (ифодаи баҳодиҳии мусбат), **шодии *касеро* аз бинӣ баровардан** «табъи касеро хира кардан, рачондан» (ифодаи баҳодиҳии манфӣ), **ба осмони ҳафтум баровардан** «аз ҳад зиёд ситоиш кардан» (ифодаи баҳодиҳии мусбат):

Аз гап задан ба онҳо **даҳони ҳардуямон мӯй баровард** [II. 17, с.331). Лекин батрак надоштааст ва муфтхӯрӣ накардааст, хамеша **арақи ҷабин мерезад** ва меҳнат карда як даҳон нон мехӯрад [II. 6, с.21]. Ҳамоно гиря мекард, дилашро холӣ менамуд, норозӣ буданд, ки Гулнора **шодию хурсандии онҳоро аз бинӣ баровард**, маю шароби нӯшидаашон ба танашон заҳр шуд [II. 9, с.44]. Шумо бо ин коратон маккорону чашмбандони ашаддиро бо як нӯл задед, - Ӯткур ӯро ситоиш карда, гӯё **ба осмони ҳафтум бардошт** [II. 9, с.96].

Назарияе, ки дар мундариҷаи маъноии бештари воҳидҳои фразеологӣ маънои баҳодиҳӣ мавҷуд аст, ба ҳақиқати масъала дуруст меояд. Ин ҳолат ба омиле вобастагӣ дорад, ки ҳангоми дар шакли образнок ифода ёфтани мафҳум ба он ҳамчунин баҳодиҳии муайян хос мегардад. Агар ба таври дигар гӯем, дилхоҳ зоҳиршавии мафҳуми образнок дар қолаби воҳидҳои фразеологӣ ба баҳодиҳии алоҳида иртибот дорад. Тавре зикр гардид, он метавонад дар шакли тобиши баҳодиҳии манфӣ ё мусбат сурат гирад. Зоҳиршавии мафҳуми образнок дар воҳидҳои фразеологиро метавон бо нақшаи зерин ифода намуд:

Мафҳум



Баҳодиҳии мусбат Баҳодиҳии манфӣ

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маъноҳои баҳодиҳии гуногун метавонанд ҳар яке ҷадвали махсуси ифодаи худро дошта бошад. Ба назари инҷониб, дар воҳидҳои фразеологии бо тобишҳои мусбат ва манфӣ ин ҷадвал метавонад дар шакли баҳодиҳии ниҳоят баланд, нисбатан пасттар ва ниҳоят паст зоҳир шавад. Чунончи, дар мисолҳои зерин ифодаи чунин ҷадвали баҳодиҳиро дар нисбати баҳодиҳии манфӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки он ба тавассути тобишҳои таҳдид, таҳқир ва сарзаниш инъикос ёфтааст: **линги касеро аз осмон овардан** ба маънои “касеро сахт ҷазо додан”, **мӯши мурда** “каси гунаҳкори худро бегуноҳ вонамудкарда”, **чун таги дег** “сиёҳи баланд”:

Худам ҳастам. **Линги ҳамаша аз осмон меорам** [II. 19, с.178]. Ҳисобу китоб дар даҳони ҳамину дар дасти, ана ун, **мӯши мурда** [II. 19, с.172]. – Ҳа... ҳоли... ҳамту гӯй, - гуфт ва

дилаш **чун таги дег сип-сиёҳ** шуд [II. 15, с.13].– Ҷеймсро оҳиста-оҳиста **ҳарфи дурушту** нешдори Айна таъсир кард [II. 4, с.43].

Дар ифодаи ҷадвали маънои баҳодиҳии мусбат бо дараҷаҳои зикршуда, асосан, унсурҳои қаноатмандӣ, таъриф, тавсиф ва монанди инҳо бештар мушоҳида мешаванд. Мавҷудияти чунин лаҳзаҳо дар мундариҷаи маъноии ифодаҳои рехта маънои баҳодиҳии мусбатро бо сатҳҳои мухталифи ифода тавлид месозад. Аз қабили **сари касе ба осмон расид** «касе ниҳоят хурсанд шуд», **гули сари сабад** «азиз, муҳтарам», **хандаи ширин** "табассуми зебанда, диққатҷалбкунанда"

… ман тайёр будам дар мактаби кӯҳна ҳам бошад хонам ва агар ин муяссар мешуд, **сарам ба осмон мерасид** [II. 20, с.169]. Шираи замин, **гули сари сабади** бани одам аст [II. 14, с.222]. – Ташаккур барои орзуи наҷиб, - вай боз як **хандаи ширине** ҳадя намуда афзуд [II. 19, с.156].

Ба ақидаи профессор Ҳ. Маҷидов: «Аксарияти маъноҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик унсурҳои баҳодиҳӣ доранд, ки омӯзиши муфассали онҳо таҳқиқоти махсусро талаб мекунад. Дар умум, миёни унсурҳои баҳодиҳӣ баръало метавон тавсифҳои мусбат ва манфиро ҷудо кард» [I. 9, с.118-119]. Вобаста ба ин унсурҳои баҳодиҳии мусбат ва манфии воҳидҳои фразеологиро бо мисолҳои мушаххас равшантар нишон додан мумкин аст: **дуди *касе* ба димоғ зад** «касе дарғазаб шуд, ба қаҳр омад» (ифодаи баҳодиҳии манфӣ), **чашм дӯхтан** «нигаристан, нигоҳ кардан» (ифодаи баҳодиҳии мусбат), **обрӯи *касеро* ба замин задан «**беобрӯгиро ба вуҷуд овардан**»** (ифодаи баҳодиҳии манфӣ), **кабки хонагӣ барин** «хиромон, диққатҷалбкунанда» (ифодаи баҳодиҳии мусбат), **кони лутф** «донандаи ҳазлҳои зиёд» (ифодаи баҳодиҳии мусбат):

Баъд аз он фаҳмидам, ки ҳамаи инҳо рӯйрост тарафи бойро мегирифтаанд, **дудам ба димоғ зад**, чоруқи даридаамро ба по карда, пои пиёда Бухоро рафта ба амир арз кардам [II. 1, с.65]. Мо ба теппаи Подаҷо баромада, **чашмамонро** ба роҳ **дӯхта** менишастем [II. 20, с.42]. Барои он ки дар пеши мардум **обрӯятро ба замин назанӣ**, ту бояд ҳар чизеро ки Тиллохон ойим талаб кунад, муҳайё созӣ… [II. 20, с.197]. … кабки хонагӣ барин роҳгардиҳояш, ки **ба дилу ҷонам неш мезад**, ба ман хеле писанд омада буд [II. 9, с.12]. Худи ҳамин Диловаршоҳ ҳам **кони лутф** [II. 10, с.366].

Тавре зикр гардид, маънои баҳодиҳӣ ба маънои эҳсосотӣ алоқамандии зич дорад. Аз ин ҷост, ки дар таснифоти маъноии ифодаҳои рехта баъзан ҳолат онҳоро аз якдигар фарқ кардан мушкил аст. "Муносибати эмотивӣ-баҳодиҳии гӯянда нисбат ба ифодашаванда ҳамчун яке аз унсурҳои маъноии коннотатсия (чун қоида унсури болоии он) – ин муносибате мебошад, ки баҳои воқеиро пурра мекунад, ки ба мундариҷаи воҳидҳои забонӣ тааллуқ дорад. Далели мазкур баррасии махсусро талаб мекунад, зеро дар мавриди таҳқиқотҳои зиёди коннотатсия ҳамчун унсури эмотивӣ-обурангии маънои луғавӣ ва фразеологӣ ба он диққати хосса дода нашудааст" [I. 16, с.53-54]. Маънои баҳодиҳӣ метавонад ба тавассути унсурҳои эҳсосотӣ сурат гирад, дар навбати худ маънои эҳсосотӣ бе баҳодиҳӣ зоҳир шуда наметавонад. Яъне ҳама гуна эҳсосот дар худ характери баҳодиҳӣ дорад. Воқеан, дар мавриди ифодаи эҳсосоти муайян ҳамзамон унсурҳои баҳодиҳӣ низ зоҳир мешаванд. Маълум аст, ки агар дар воҳиди фразеологӣ маънои эҳсосотӣ ба василаи унсурҳои алоҳидаи эҳсосоти манфӣ ифода шуда бошад, маънои баҳодиҳӣ низ дар чунин фразеологизмҳо ба тарзи манфӣ зоҳир мешавад. Метавон гуфт, ки зоҳиршавии қабатҳои гуногуни эҳсосоти манфӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ омили асосии ифодаи маънои баҳодиҳӣ дар ин навъ воҳидҳои забон мегарданд. Чунончи, ифодаи унсурҳои эҳсосотии манфӣ, аз қабили тарс, ваҳшат, таҳқир, беэҳтиромӣ ва ночорӣ дар фразеологизмҳои феълии зерин боиси ба вуҷуд омадани маънои баҳодиҳии манфӣ дар онҳо гаштаанд: **ба навмедӣ афтодан «**маъюс гаштан, ноумед шудан**», ҳуши *касе* канд «**аз тарсу ҳарос худро гум кардан**», аз лой гирифта ба лой задан** «шарманда кардан», **сухани *касеро* ба замин задан** «эҳтиром накардан», **сар ба девор хӯрдан** «пушаймон гаштан»:

Чун дид, ки аз гови рафта асаре нест, монанди он ки зинда шудани бародарашро умед карда бошад, дубора **ба навмедии сахт афтод** [II. 1, с.44]. **Ҳуши ман канд**, пойҳоям аз тарс ба ларза омаданд [II. 20, с.186]. Як рӯз пеш аз ин Ҳоҷар, ба қавли худаш, Исломро **аз лой гирифта ба лой зад** [II. 7, с.108]. Туйи акаҳоятро надидам, туйи туро бинам гуфта, дил

тасалло медодам, **суханамро** байни дӯсту душман **ба замин назан** [II. 7, с.35]. Дар лаҳзае, ки чашмонаш чор буданд, **сараш ба девор хӯрдаю** роҳаш гум [II. 11, с.20].

Айни ҳамин ҳолатро дар воҳидҳои фразеологӣ бо тобиши баҳодиҳии мусбат дучор шудан мумкин аст. Дар натиҷа ифодаи унсурҳои эҳсосотии мусбат маънои баҳодиҳиеро ба вуҷуд меоранд, ки аз муносибати хуби гӯянда нисбат ба ашхос ва ашёву ҳодиса дарак медиҳад. Дилхоҳ муносибати эҳсосотии мусбат нисбат ба мафҳуми ифодашаванда ҳамзамон муносибати баҳодиҳии мусбат мебошад, зеро дар он ифодаи эҳсосотии қабули мафҳум, ки ба воситаи воҳидҳои фразеологӣ зоҳир мешавад, ба таври мусбат сурат мегирад. Инро дар воҳидҳои фразеологии эҳсосотӣ бо унсурҳои эҳсосотии мусбат, аз қабили шафқат, эҳтиром, қаноатмандӣ, ҳавас, тавсиф дар воҳидҳои рехтаи **аз дил баровардан** “рафъ додан, барҳам додан, таскин додан”, **рӯй овардан** “нигаристан, нигоҳ кардан”, **ба хизмати *касе* даромадан** “кор кардан, ба коре машғул шудан”, **хоби ширин** “бароҳат, ором”, **ба осмон баровардан** “таърифу тавсифи зиёд кардан” ва ғайра мушоҳида намудан мумкин аст:

Оқибат худи модарам ба пеши вай рафта, ба воситаи модаркалонам хафагиро базӯр **аз дилаш бароварда**, оштӣ кард [II. 20, с.38]. Шавҳари зан, ки то ин дам хомӯш буд, ба падарам **рӯй оварда**, суханро якта-якта чида гуфт [II. 20, с.118]. … падарам, ки буду нобудаш аз даст рафта, дасту пояш аз замину осмон меканад, ночор **ба хизмати бой медарояд**, то вақти мурданаш як рӯз сер бошад, ду рӯз гушна меҳнати сиёҳ карда умр мегузаронад [II. 1, с.50]. Шабҳо хунук мешуданд, пагоҳӣ аз **хоби ширин** бархостан ба кас бо душворӣ даст медод [II. 21, с.119]. Бақоиро ба замин задам, ки туро **ба осмон барорам** [II. 3, с.53].

Дар муқоиса бо воҳидҳои фразеологие, ки бо унсурҳои баҳодиҳии хуб ё бад сурат гирифтаанд, метавон ҳамчунин мавқеи фразеологизмҳоеро таъкид намуд, ки дар онҳо адами маънои баҳодиҳӣ мушоҳида мешавад. Ба таври дигар, дар ин гуна ифодаҳои рехта унсурҳои баҳодиҳии мусбат ё манфӣ ба назар намерасанд ё хеле хира зоҳир шудаанд. «Унсури баҳодиҳии муътадил (нейтралӣ) ба воҳидҳои фразеологие хос аст, ки дар онҳо ифодаи равшани таҳсин ё маҳкум кардан мушоҳида намешавад. Унсури мазкури баҳодиҳӣ ҳамчунин бо унвони баҳодиҳии ҳаминлаҳзавӣ (ситуативӣ) ёд мешавад. Дар ин маврид сухан дар хусуси воҳидҳои фразеологие меравад, ки вобаста аз матн метавонанд қисман лаҳзаҳои мусбат ё манфиро ифода намоянд» [I. 1, с.8]. Чунин навъи фразеологизмҳо аз маънои баҳодиҳӣ орӣ буда, дар онҳо, асосан, унсурҳои маънои мафҳумӣ боло мегиранд. Чунончи, **аз пой афтидан** дар ифодаи маънои «ғалтидан», **даст додан** «зиёрат намудан, воҳӯрдӣ кардан», **сар то по** «тамоман, ба пуррагӣ», **ошёни бахт** «хона, макони истиқомат», **сандуқи дил** «қафаси сина»:

Амон **аз пой меафтад** [II. 20, с.17]. Аввал аз ҷояш хеста ба ман **даст дод**, баъд аз он дар пешаш шинонда гап зад [II. 20, с.89]. … бинобар ин Бозор ҳама тан чашм шуда ба имом дӯхта ва **сар то по** гӯш гардида, худро ба тарафи вай андохта буд [II. 1, с.61]. Ана акнун дар **ошёни бахти** худ нишастаам [II. 16, с.151]. Дар киссаи **сандуқи дилат** чӣ буд? [II. 22, с.34].

Аз он ки маънои баҳодиҳӣ муносибати гӯяндаро бо ашхос ва ашёву ҳодисаҳо ифода мекунад, аз ин рӯ, ин навъи маъно ба ҳайси ифодаи модалият дар забон низ хизмат мекунад. «Муносибати баҳодиҳиро метавон ҳамчун яке аз навъҳои модалият баррасӣ намуд, ки воҳидҳои забонӣ ҳамроҳӣ мекунанд. Дар муқоиса аз модалияти объективӣ-замонӣ, ки ба нақшаи дескрептивии мундариҷа дохил мешавад, модалияти баҳодиҳӣ муносибати гӯяндаро ба ҳама чизе, ки ҳамчун обйективӣ ва новобаста аз субйект қабул карда мешавад, ифода мекунад. Яъне дар заминаи тасвири хусусияти аслии субйект ҳамчунин баҳодиҳии мусбат ё манфӣ дар бораи он ба вуҷуд меояд [I. 16, с.22].

Воҳидҳои фразеологӣ низ дар баробари воҳидҳои туфайлӣ метавонанд муносибати гӯяндаро нисбат ба воқият ифода кунанд. Чунин муносибат метавонад дар зинаҳои гуногун сурат гирифта, дар худ тобишҳои нозуки баҳодиҳиро инъикос намояд. “Фразеологизмҳои модалӣ аз рӯйи сохтор бо мафҳуми луғавии калимаҳои модалӣ – воҳидҳои туфайлӣ ва нидоҳо шабоҳат доранд. Онҳо метавонанд муносибати эҳсосотии гӯяндаро нисбат ба фикри баёншуда ифода намоянд (ғам, ҳайрат, хурсандӣ, шавқ, ғусса, афсӯс, ғазаб ва ғайраҳо)” [I. 17, с.115]. Муқаррар шудааст, ки ҳар қадар дар ин ё он воҳиди фразеологӣ маънои модалии баҳодиҳӣ бештар инкишоф ёфта бошад, он вазифаи номинативии худро камтар иҷро мекунад. Маънои модалӣ бошад, «ифодаи муносибатҳои

мухталифи гӯянда нисбат ба фикри гуфташуда, ки аз ифодаҳои мухталифи грамматикии онҳо ба куллӣ фарқ мекунанд» [I. 10, с.21] мебошад. Дар ин гуна воҳидҳои фразеологӣ тобишҳои модаливу баҳодиҳӣ ба дараҷае боло мегиранд, ки маънои мафҳумӣ ноаён мемонад. Он дар мундариҷаи маъноии ифода ба ҳадде хира мешавад, ки дар партави унсурҳои модаливу баҳодиҳӣ ба мушкилӣ эҳсос мегардад: **хоки *касеро* бехтан** «касеро сахт ҷазо додан», **мусичаи бегуноҳ** «шахси гунаҳкори худро бегуноҳ вонамуд карда», **ба хоби абадӣ рафтан** «мурдан, вафот кардан», **аз зери нохун чирк кофтан** «санҷидан, назорати сахт бурдан»:

Суд мекунонад ҳамаашонро, **хокашонро мебезад**, кӣ хаёл кардаанд ӯро? [II. 11, с.19]. Гуфтам-ку, ту **мусичаи бегуноҳ** нестӣ [II. 11, с.208]. Эмом **ба хоби абадӣ рафта** буд [II. 12, с.81]. Охир ин дастакест барои онҳо, ки **аз зери нохуни Олимовҳо чирк мекобанд** [II. 17, с.52].

Маънои баҳодиҳиро, тавре далелҳо исбот менамоянд, бештар воҳидҳои фразеологие соҳибанд, ки ба вазифаи хабари ҷумла истифода мешаванд. Аз ин ҷиҳат, маънои сифатии баҳодиҳӣ бештар ба фразеологизмҳои феълӣ хос аст. Ба таври дигар, вазифаи баҳодиҳӣ, тавсифи сифатӣ натанҳо ба фразеологизмҳои номӣ, балки ба ифодаҳои рехтаи феълӣ низ хос аст. Метавон тахмин намуд, ки ҳама гуна фразеологизмҳои феълии забони тоҷикӣ маънои баҳодиҳиро соҳибанд ё метавонанд онро дар мавридҳои муайян соҳиб шаванд. Дар ин самт воҳидҳои фразеологии феълӣ сифатан аз феълҳои муқаррарӣ фарқ мекунанд. Агар дар феъли муқаррарӣ мафҳуми ифодакунандаи амал бо риояи ҳама категорияҳои феълӣ зоҳир шавад, пас, дар фразеологизмҳои феълӣ бар замми чунин категорияҳо, ки аз матн вобастагӣ доранд, боз унсурҳои маъноии гуногун низ иштирок мекунанд. Чунончи, ифодаи хабарҳои ҷумлаҳои зерин бо воҳидҳои фразеологии феълӣ гувоҳи он аст, ки ин гуна унсурҳои забонӣ дар муқоиса бо феълҳои муқаррарӣ имконияти бештари ифодаи тобишҳои маъноиро дар худ доранд. Инро ҳангоми муқоисаи чунин воҳидҳои рехтаи феълӣ бо маънои феълие, ки онҳо ифода мекунанд, мушоҳида намудан мумкин аст: **ба дили *касе* оташ афтодан** – бекарор шудан, **ба тухми *касе* оташ задан** – нест кардан, **гапи *касеро* ду накардан** – эҳтиром кардан, **лаҷоми гапро ба даст гирифтан** – ихтиёри сухан карданро соҳиб шудан, **рӯйи об баромадан** – ошкор шудан:

Ориф, ки аз назди тиреза ба курсӣ нишаста газетаеро аз назар мегузаронд, ин гапҳоро шунида, беихтиёр **ба дилаш оташ афтод** [II. 17, с.69]. Мо **ба тухми онҳо оташ мезанем** [II. 6, с.61]. Ҳоло вай як **гапи хушдорашро ду намекунад** [II. 9, с.27]. Ҷамшед дар байни ҳамин маъниҳо маҳбубаашро ором карданӣ шуда, **лаҷоми гапро ба даст гирифт**… [II. 9, с.37]. Як рӯз не – як рӯз, хоҳ нохоҳ ҳамааш **рӯи об мебарояд** [II. 9, с.56].

Қобили зикр аст, ки дар воҳидҳои фразеологие, ки маънои баҳодиҳӣ доранд, воситаҳои тасвири бадеӣ бештар ҳамчун унсурҳои ёрирасони бавуҷудоварандаи ин навъи маъно хизмат мекунанд. Лаҳзаҳои муайяни ташбеҳ, муболиға, истиора, тавсиф ва киноя аз ҷумлаи он воситаҳои фаъоле мебошанд, ки дар мундариҷаи сохтории аксарияти фразеологизмҳо маънои баҳодиҳиро ташаккул медиҳанд. Онҳо дар заминаи вазифаҳои забониашон, ки бештар ба василаи маҷоз соҳиб мешаванд, муносибатҳои баҳодиҳиро ба вуҷуд меоранд. Ҳар яке аз ин воситаҳо дар мундариҷаи маъноии ифодаҳои рехта тобишҳои гуногуни баҳодиҳиро таъмин намуда, дар қолабҳои гуногун ифода меёбанд. Аз қабили **димоғи *касе* дуд кард** ба маънои «касе дарқаҳр шуд, ба ғазаб омад» (ифодаи баҳодиҳии манфӣ дар заминаи муболиға), **гӯшу майнаи *касеро* хӯрдан** «бо сухани бисёр касеро гаранг кардан» (ифодаи баҳодиҳии манфӣ дар заминаи истиора), **ақли *касе* даромад** «соҳибақл шудан» (ифодаи баҳодиҳии манфӣ дар заминаи киноя), **мисли боғи шабнамзада** «тару тоза, назаррабо» (ифодаи баҳодиҳии мусбат дар заминаи ташбеҳ), **субҳи содиқ** «саҳари барвақт» (ифодаи баҳодиҳии мусбат дар заминаи тавсиф):

Димоғаш, ки **дуд мекард**, акнун оташ гирифт [II. 3, с.105]. Занак биқ-биқ карда, **гӯшу майнама хӯрд** [II. 15, с.19]. Давраи бозоргонӣ сар шуду гӯё **ақлаш даромад** [II. 15, с.108]. – Ҷонам садқаи ҳаматоне! – дили Зебо **мисли боғи шабнамзада** мекушод [II. 3, с.270]. Охир ин **субҳи содиқ** бо як сабукиву зудбоварӣ шахсеро қурбон кард, ки метавонист шарики якумраи ғаму шодияш бошад [II. 4, с.56].

Ба ин тариқ, маънои баҳодиҳӣ ба сифати як навъи серистеъмоли маънои забонӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ вобаста ба қабули маълумоти муайяни соҳибзабон нисбат ба ашхос ва ашёву ҳодисаҳои алоҳида зоҳир мешавад. Ҷадвали

баҳодиҳӣ, ки ҳамчун воситаи ташкили маъноҳои эмотивӣ-баҳодиҳии дар фразеологизмҳо хизмат мекунад, на танҳо ба зиёд ё кам (хуб ё бад) шудани баъзе хусусиятҳои шайъ, балки боз ба инъикоси тағйирёбии баҳодиҳии муайяни воҳидҳои мазкур низ ишора мекунад. Меъёри баҳодиҳиро метавон дар фразеологизмҳо ба тариқи хуб, бад ва муътадил муқаррар намуд, ки чунин муносибат бештар ба тариқи инъикоси унсурҳои алоҳидаи эҳсосоти мусбат ва манфӣ ифода мешавад. Ифодаи маънои баҳодиҳӣ бештар дар фразеологизмҳои феълӣ мушоҳида шуда, ин ҳолат ба он вобаста мебошад, ки маҳз дар феълҳои фразеологӣ (ҳамчун унсури муҳимми хабарияти ҷумла) имконияти бештари инъикоси тобишҳои маъноӣ, аз ҷумла баҳодиҳӣ мавҷуд аст. Воситаҳои тасвири бадеӣ ба ҳайси унсурҳои ёридиҳанда дар ташаккули маънои баҳодиҳии фразеологизмҳо мақоми намоён доранд. Ифодаи маънои баҳодиҳӣ дар фразеологизмҳои бо ёрии чунин воситаҳо созмонёфта тафовут дошта, ҳолати мазкур ба вазифаҳои забонии онҳо алоқамандӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

I. Адабиёти илмӣ

1. Алдаибани Ареф Али Салах. Сопоставительный анализ фразеологических единиц, выражающих интеллектуальные способности человека, в английском и русском языках: автореф. на соиск. уч. степ. канд. фил. наук. – Казан, 2003. – 25 с.
2. Алефиренко, Н.Ф. Спорные проблемы семантики. Монография / Н.Ф. Алефиренко. – М.: Гнозис, 2005. – 326 с.
3. Арутюнова, Н.Д. Типы языковых значений: Оценка. Событие. Факт / Н.Д. Арутюнова. – М.: Наука, 1988. – 341с.
4. Гулназарова, Ж. Семантика глагола в таджикском литературном языке (на примере художественного наследия Абдуррахмона Джами): авт. на соиск. док. фил. наук / Ж.Гулназарова. – Душанбе, 2020. – 48 с.
5. Дӯстзода, Ҳ. Маънои забонӣ ва навъҳои он / Ҳ.Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Бахши илмҳои филологӣ, 2020. - №7. – С.32-39.
6. Дӯстов Ҳ. Ифодаи маъно дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ / Ҳ.Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2014. - №4/3(137). – С.16-19.
7. Жеребило, Т.В. Словарь лингвистических терминов / Т.В. Жеребило. – Назрань, 2010. – 486 с.
8. Жуков, В.П. Семантика фразеологических оборотов / В.П. Жуков. – М.: Просвещение, 1978. – 160 с.
9. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
10. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 248 с.
11. Маҷидов, Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 2014. – 352 с.
12. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.
13. Погорелова, С.Д. Лингвистические средства выражения оценки глобального экономического кризиса / С.Д. Погорелова // Актуальные вопросы филологических наук: проблемы и перспективы. – Чита, 2011. – С.107-110.
14. Рахимова, Ш.Б. Средства выражения эмоции в русском языке / Ш.Б. Рахимова // Вопросы лингвистики. Сборник научно-исследовательско и научно-методических статьей. – Душанбе, 2004. – С.173-180.
15. Стернин, И.А. Лексическое значение слова в речи / И.А. Стернин. – Воронеж: Изд-во Воронежского ун-та, 1985. – 171 с.
16. Телия, В.Н. Коннотативный аспект семантики номинативных единиц / В.Н. Телия. – Москва: Наука, 1986.
17. Шарипов, Б.А. Хусусиятҳои фразеологизмҳои модалӣ ҳамчун воситаи ифодаи муносибат / Б.А. Шарипов // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. - №5. – С.114-117.
18. Шаховский, И.В. Эмотивный компонент значения и методы его описания / И.В. Шаховский. – Волгоград, 1983. – 96 с.
19. Эгамбердиев, Р. Маънои фразеологӣ / Р.Эгамбердиев // Труды Самаркандского гос. ун-та им. А. Навои. – Новая серия. – Вып. 325. – Самарканд, 1972. – С.186-191.

II. Сарчашмаҳо

1. Айнӣ, С. Дохунда / С.Айнӣ. – Душанбе, 2017. – 381 с.
2. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С.Айнӣ. - Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.
3. Гулрухсор. Занони Сабзбаҳор (марзи номус). – Душанбе: Адиб, 2019. – 432 с.
4. Зоҳир, А. Завол / А.Зоҳир. – Душанбе: Адиб, 2015. – 296 с.
5. Икромӣ, Ҷ. Сафар-Махсум дар Бухоро / Ҷ.Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
6. Икромӣ, Ҷ. Шодӣ / Ҷ.Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 420 с.
7. Кӯҳзод, У. Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим / У.Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 314 с.
8. Кӯҳзод, У. Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз / У.Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 191 с.
9. Мамадов, К. Кофтукови чинояткор / К.Мамадов. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 192 с.
10. с.
11. Мирзо, К. Марги бегуноҳ / К.Мирзо. – Душанбе: Адиб, 2012. – 528 с.
12. Мирзоев, К. Нишони зиндагӣ / К.Мирзоев. – Душанбе: Адиб, 1993. – 496 с.
13. Муҳаббати, Ю. Пайванди шикаста. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 192 с.
14. Муҳаммадиев, Ф. Муҳоҷирон / Ф.Муҳаммадиев. – Сталинобод, 1959. – 192 с.
15. Муҳаммадиев, Ф. Палатаи кунҷакӣ / Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 324 с.
16. Мӯсо, Ш. Чеҳраи модар / Ш.Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 2012. – 408 с.

17. Нақмиддинов, М. Дарё мақрои нав меҷӯяд / М.Нақмиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 264 с.
18. Ниёзӣ, Ф. Сарбозони бесилоҳ / Ф.Ниёзӣ. – Душанбе, 1989. – 415 с.
19. Самадов, А. Паррончакҳо / А.Самадов. – Душанбе, 1963. – 192 с.
20. Сорбон. Барзгар. Зуза. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 288 с.
21. Улуғзода, С. Субҳи чавонии мо / С.Улуғзода. – Сталинобод, 1956. – 354 с.
22. Ҳамдам, А. Оби зери ях / А.Ҳамдам. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 272 с.
23. Ҷалил, Р. Шӯроб / Р.Ҷалил // Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. – Душанбе: Адиб, 1988. – 464 с.

МАЪНОИ БАҲОДИҲӢ ДАР МУНДАРИҶАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Маънои баҳодиҳӣ дар баробари дигар маъноҳои забонӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ мақоми хоса дорад. Мавҷудияти он дар мундариҷаи маъноии фразеологизмҳо ба он вобаста мебошад, ки ҳангоми дар шакли образнок ифода гардидани мафҳум ба он дар шакли хуб ё бад ва вобаста ба дараҷаи баҳодиҳӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Албатта, чунин баҳодиҳӣ сабабҳои иҷтимоӣ дошта, ба дарку фаҳмиш ва ҷаҳонбинии соҳибони забон иртиботи қавӣ дорад. Ин навъи баҳогузорӣ, ки заминааш ифодаи образноки мафҳум ё ашёву ҳодисаҳо дар воҳидҳои фразеологӣ мебошад, дар илми забоншиносии муосир бо номи маънои баҳодиҳӣ қабул гардидааст. Меъёри баҳодиҳиро метавон дар фразеологизмҳо ба тариқи хуб, бад ва муътадил муқаррар намуд, ки чунин муносибат бештар ба тариқи инъикоси унсурҳои алоҳидаи эҳсосоти мусбат ва манфӣ ифода мешавад. Аз ин ҷиҳат дар фразеологизмҳои забонамон маънои баҳодиҳӣ ба маънои эҳсосотӣ зич алоқаманд буда, онҳо аксаран дар якҷоягӣ зоҳир мешаванд. Дар ташаккули маънои баҳодиҳӣ ҳамчунин воситаҳои тасвири бадеӣ мақоми сазовор доранд, ки ин ҳолат ба вазифаҳои забонии онҳо дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ алоқаманд аст.

Калидвожаҳо: воҳиди фразеологӣ, мафҳум, маъно, мундариҷаи маъноӣ, маънои баҳодиҳӣ, маънои эҳсосотӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ, ҷадвали баҳодиҳӣ.

ОЦЕНОЧНОЕ ЗНАЧЕНИЕ В СОДЕРЖАНИИ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА

Оценочное значение, наряду с другими языковыми значениями, занимает особое место в смысловом содержании фразеологизмов таджикского языка. Наличие его в смысловом содержании фразеологизмов зависит от того, что понятие при образном выражении оценивается в положительных и отрицательных характеристиках в зависимости от степени оценки. Безусловно, такая оценка имеет социальные причины и сильно влияет на восприятие и мировоззрение носителей языка. Этот вид оценки, основанный на образном выражении понятий или предметов и событий во фразеологизмах, принят в современном языкознании как оценочное значение. Критерии оценки во фразеологии можно определить, как положительное, отрицательное и умеренное, что часто выражается через отдельные элементы положительных и отрицательных эмоций. В связи с этим во фразеологии нашего языка оценочное значение тесно связано с эмоциональным значением, и они часто выражаются вместе. Средства художественного описания также играют важную роль в формировании оценочных значениях, что связано с их языковыми функциями в составе фразеологических единиц.

Ключевые слова: фразеологическое единица, концепт, значение, смысловое содержание, оценочное значение, эмоциональное значение, средства художественного описания, оценочная таблица.

MEANING OF ASSESSMENT IN THE CONTENT OF PHRASEOLOGICAL UNITS OF THE MODERN TAJIK LITERARY LANGUAGE

The meaning of assessment, along with other linguistic meanings, occupies a special place in the semantic content of phraseological units of the Tajik language. Its presence in the semantic content of phraseological units depends on the fact that the concept in figurative expression is evaluated in positive and negative characteristics, depending on the degree of evaluation. Of course, such an assessment has social reasons and strongly affects the perception and worldview of native speakers. This type of assessment, based on the figurative expression of concepts or objects and events in phraseological units, is accepted in modern linguistics as an evaluative value. Evaluation criteria in phraseology can be defined as positive, negative and moderate, which is often expressed through separate elements of positive and negative emotions. In this regard, in the phraseology of our language, the evaluative meaning is closely related to the emotional meaning, and they are often expressed together. The means of artistic description also play an important role in the formation of evaluative meanings, which is associated with their linguistic functions as part of phraseological units.

Key words: phraseological unit, concept, meaning, semantic content, meaning of assessment, emotional meaning, means of artistic description, evaluation table.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dustov.hamrokhon@mail.ru**. Тел.: **(+992) 904-41-84-80**

Сведение об авторе: ***Дустзода Хамрохон Джума*** – Таджикский национальный университет, дотцент, заведующий кафедры таджикского современного литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **dustov.hamrokhon@mail.ru**. Тел.: **(+992) 904-41-84-80**

Information about the author: ***Dustzoda Hamrokhon Juma*** – Tajik National University, assistant professor, head of the department of modern tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **dustov.hamrokhon@mail.ru**. Tel.: **(+992) 904-41-84-80**

УДК: 47:341.117

НАҚШИ ЗАБОНИ ЛОТИНӢ ДАР РУШДИ ИСТИЛОҲОТИ ДИПЛОМАТӢ

Абдулфайзов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳшиносӣ як рукни асосии илми забоншиносӣ буда, инсон дар равиши кору фаъолияти хеш метавонад ба он таъсир расонад. Ҳадафи асосии истилоҳот ҳар чи бештару дақиқтар баён намудани мафҳумҳои мухталифи соҳавӣ мебошад. Табиист, ки ин гуна истилоҳот аз нигоҳи мафҳуму маънӣ ба кормандон ва мутахассисони соҳаҳои дигари ҷомеа норавшан мебошанд. Калимаву ибороте, ки ба ҳайси истилоҳот пазируфта шудаанд, метавонанд маъно ва мафҳуми навро баён намоянд. Дуруст аст, ки дарки чунин маъниҳо, мафҳумҳо барои ҳар нафаре осон нест. Аз ин рӯ, дар забон зарурати тартибу низоми луғоту фарҳангномаҳои мухталиф ба миён меояд ва кору фаъолияти инсонҳо болои фарҳангномаҳо бештар мегардад. Барои анҷом додан ва ба миён овардани чунин кору фаъолият соҳибони забонро лозим аст, ки аз захираҳои луғавии забони миллӣ,аз имкониятҳои дохилӣ ва дигар воситаҳои дастурии забон, аз ҷумлаи луғатнигориву фарҳангнигорӣ тибқи анъанаҳои аҷдодии миллӣ истифода намоянд [10, с.90].

Истилоҳотшиносӣ ҳамчун фанни алоҳидаи илмӣ асосан зодаи асри XX мебошад. Дар Тоҷикистон аз солҳои 30-юм то солҳои 80-уми асри XX бо таваҷҷуҳ ба забони русӣ дар ифодаи истилоҳ бештар ба ҷои калимаи истилоҳ калимаи «термин» истифода мегардид. Аслан, калимаи термин аз вожаи лотинии «terminus», ки дар асотири римиёни қадим нахуст бо маънои «termin»- худованди нигаҳбони марз ва аломатҳои марзӣ истифода мешуд, ба миён омадааст. Дар забони лотинӣ ин вожа баъдан ба маънои санги сарҳад, ҳад ва сипас барои ифодаи мафҳумҳои ҳудуд анҷом, интиҳо истифода шудааст [1, с.17].

Маҳз зери ҳамин мафҳум, яъне вожаи terminus дар фаронсавии қадим вожаи terme ба маънои «калима» падид омадааст. Донишмандоне мисли О. Блок, В. Фон Вартбург ва П. Роберт ин фикрро таъкид ва тасдиқ мекунанд. А.Д. Хаютин бо истинод аз муаллифони луғати бузурги Оксфорд дар забони англисӣ бо ҳамин роҳ ба вуҷуд омадани вожаи «term»-ро ба маънии истилоҳ таъкид кардааст [14, с.11].

Феҳристи ҳар як соҳа дар худ калимаҳои махсусро гирд меорад. Феҳристи фанҳои табиатшиносӣ (физика, химия, биология ва риёзӣ) асосан дар заминаи забони лотинӣ ба вуҷуд омадаанд. Ҳамзамон, дар канори забони лотинӣ феҳристи забонҳои миллӣ низ вуҷуд дорад.

Системаи истилоҳотро (терминҳоро) маъмулан истилоҳсозӣ (терминология) меноманд. Дар мантиқи муосир вожаи истилоҳ (термин) бисёр вақт ҳамчун номи умумии «исмҳо» ба кор бурда мешавад. Чунончи ба мушоҳида мерасад, калимаи «термин» аз маънии илмии худ дур рафта, тадриҷан маънии тамоман дигари истилоҳӣ пайдо намудааст, ки дар забони модарии мо ба вожаи арабиасли истилоҳ ифода меёбад. Вожаи истилоҳ ҳам аслан аз арабӣ аз феъли гурӯҳи VIII «исталаҳа» ба маънии беҳ шудан, ислоҳ шудан, сулҳ кардан, мувофиқат кардан, созиш кардан, шарт бастан, пазируфтан падид омада, дар ин забон маънии шартӣ будан, мувофиқаи умумӣ ифодаи махсус истилоҳро дорад ва дар забони модарии мо маъмулан ба маънии мушаххаси воҳиди луғавӣ- истилоҳ (термин) истифода мешавад [2, с.19].

Забони лотинӣ ба қавле ба шумораи забонҳои мурда дохил мешавад. Калимаи «лотинӣ» аз Latium (Латсий)- номи вилояте, ки дар қисми миёнаи нимҷазираи Апенин, маҷрои поёнии дарёи Тибр гирифта шудааст. Дар ин ҷо қабилаи лотиниҳо зиндагӣ доштанд. Ҷамъияти ибтидоии Латсия шаҳри Рум буд (соли 754 то мелод) таъсис ёфтааст. Забони аҳолии Рум лотинӣ буд. Дар натиҷаи ҷангҳои забткунанда қабилаҳои дигари Латсия, сипас тамоми Италия ба таҳти ҳокимияти Рум, воситаи муомилаи қариб ҳамаи Италия гардид (қарни 1 мелод).

Ташаккулёбии забони адабии лотинӣ аз асрҳои II-I - и пеш аз милод сар шуда, асри I-и пеш аз милод чун давраи тиллоии забони адабӣ классикии лотинӣ фаҳмида мешавад. Забони лотинӣ дар ин давра лексикаи ниҳоят бойро доро буд. Он тавассути истилоҳоти

гуногуни техникӣ, илми философӣ, сиёсӣ ва юридикӣ метавонад ҳама гуна мафҳумҳои мушкили абстрактиро фаҳмонад.

Давраи дигари ҳокимияти забони лотинӣ ин постклассикӣ ё ин ки давраи «нукрагӣ» буда, ба асрхои I-II-и мелод рост меояд. Ин давра ҳамчун давраи қатъиян барпо кардани меъёрҳои фонетикӣ, морфологӣва дақиқсозии қоидаҳои имло муайян карда мешавад.

Давраи охирони ташаккулёбии забони лотинӣ ба асрҳои III-VI-и мелодӣ рост меояд. Дар ин давра ҳар як қисми забони лотинӣ - адабӣ, хаттӣ, гуфтугӯӣ дар алоҳидагӣ ташаккул ёфта, хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд. Аллакай дар охири асри II-и мелодӣ забони лотинӣ дар бисёр давлатҳои ғарбӣ баҳри миёназамин ҳамчун забони давлатӣ эътироф шуд. Забони гуфтугӯии лотинӣ паҳншавии ҳамаҷонибаи худро дар Аврупои ғарбӣ ба даст оварда дар баробари ин ба ягон муқовимати намояндагони забони маҳаллӣ дучор нашуд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар қатори калима ва истилоҳоти фанҳои дақиқ кимиё, физика, математика, биология истилоҳоти сиёсӣ, ҳарбӣ ва равобити байналмилалӣ (дипломатия) низ истилоҳоти дипломатӣ низ ба вуҷуд омад, ба монанди **consul консул, president-президент, state-давлат, economy-иктисодиёт, human-инсон, visa-раводид, protocol-суратмачлис, summit-вохурии сатхи оли, atom-атом, visit-сафар, pact-шартнома, secretary-котиб** ва ғ. [3, с. 523].

Бинобар ин, якчанд намунаи ташкили истилоҳоти илмиро қайд кардан зарур аст, ки ба давраи нахусти ташаккулёбии забони арабӣ (ё илмӣ) (асри XVIII) тааллуқ дорад: ***Материя (-лот. materia), фигура, шакл (лот. figure), бадан (лот.corpus), атом (лот. atomus), элемент (лот. elementum), пункт (лот. punktum), атмосфера (лот. athmosphere), радиус (лот. radius), таҷриба (лот. experimentum) ва ғайра шакл мебошанд.***

Ҳамин тариқ, системаи лотинии истилоҳот дар давраи муосир низ ба сифати ситемаи аломатҳои байналмиллалии ёридиҳанда дар тиб, фарматсия, ботаника, ва зоология инкишоф меёбад.

Миқдори фонди калимасозии байналмиллалӣ назаррас буда, бо мурури вақт на ин ки танг, балки васеъ шуда истодааст. Раванди мувофиққунии истилоҳ хусусияти функсиалӣ-программатикӣ дорад, яъне хислатҳои хоси амалӣ гардонидани онро дар шароити таъсирбахши муносиби супоридани маълумоти илмӣ: аз як тараф ва амалӣ гардонидани функсияҳои (ё вазифаҳои) истилоҳ оиди таъмини аломати муқаррарии инсон дар рӯи заминро аз тарафи дигар аломатӣ мегардонад.

Аз муқоиса ва муқобилаи чанд намуни боло мебинем, ки таъриф ва ташреҳи мафҳуми истилоҳ дар забони тоҷикӣ ва форсӣ аз забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла забони русӣ тафовутҳои қобили мулоҳизае надорад. Дар ҳарду маврид фарҳангсозон таърифҳои ҳамдигарро такмил ва гоҳҳо назар ба тақозои қоидаҳои фарҳангсозии энсиклопедӣ, тафсирӣ ва умумӣ матолибро каму беш ва ё пасу пеш кардаанд.

Дар ин ҷо метавон ба бархе аз истилоҳоти бархоста аз забони лотинӣ ишора намуд:

Саммит- вохӯрии сатҳи олӣ, вохӯрии саронии кишварҳо. Ин истилоҳ аз забони англисии асрҳои миёнаи тавассути забони фаронсавӣ аз калимаи лотинии **primus** , ба захираи луғавии забони англисӣ ворид шудааст. Пас, тавассути забонҳои англисӣ ва русӣ ба захираи луғавии забони тоҷикӣ ворид гардид.

Президент – раисиҷумҳур, раиси ҳукумат ва сардори давлат унвон мешавад. Пайдоиши ин калима ба забони фаронсавии аз калимаи лотинии **praesident** дар асрҳои миёна вориди забони англисӣ гардидааст. Дар луғати Вебстер ин тавр шарҳ дода шудст- **the head of the government in some countries.** Бори нахуст ин истилоҳ дар асри XIV мавриди истифода қарор гирифтааст.

Консул – Ин истилоҳ намоянда, корманди кишвари фиристанда, намояндаи муваззафи як кишвар дар кишвари дигар мебошад.

Калимаи консул аз калимаи лотинии **consulere** гирифта шуда, бори нахуст дар асри XIV истифода гардидааст. Вазифаи **консулҳо** асосан барқарор намудани муносибатҳои тиҷоратӣ ва корӣ мебошад [8, с.358].

Annexation - incorporation by joining or uniting – ҳамроҳкунӣ бо усули таҷовуз, забт, яъне усули пайвастшавӣ бо роҳи ғасб. Аз калимаи лотинии **«annexus»** ва калимаи фаронсавии **«annexer»** вориди забони англисӣ гардида, дар асри XIV бори аввал дар заминаи равобити байналмилалӣ мавриди истифода қарор гирифтааст [7, с.87].

Ultimatum - a final peremptory demand – итмом, итмоми ҳуҷҷат, охирин пешниҳод. Истилоҳи ултиматум аз калимаи лотинии **«ultimatus»** ба забони англисӣ шомил гардида, соли 1731 мавриди истифодаи риштаи муносибатҳои байналмилалӣ қарор гирифтааст.

Emissary - createad someone sent on a mission to represent another interests

фиристода, як шахси маъмур – шахсе бо намояндагӣ барои пешкаш кардани манофеи дигарон фиристода мешавад. Ин истилоҳ аз калимаи лотинии «emissarius» гирифта шуда, ба забони англисӣ ворид шудааст ва соли 1607 мавриди истифодаи риштаи дипломатия гардид.[8, с.147].

Doctrine - a bilief accepted as authoritative by some group or school –Эътиқод ё худ таълимоте, ки тавассути баъзе гурӯҳҳо ё баъзе мактабҳо ҳамчун таълимот пазируфта шудааст. Ин истилоҳ дар асрҳои миёна аз забони лотинӣ ва фаронсавии **doctrina** ба забони анлисӣ шомил шуда, дар асри XIV мавриди истифода қарор гирифтааст [6, с. 418].

Сенатор- аз забони англисии асрҳои миёна тавассути забони фаронсавӣ **senator** аз калимаи лотинии **senator** (аз лотини қадим **sendtus)** тавассути забонҳои англисӣ ва русӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардидааст.

Ратификатсия (тасвибрасонӣ)-ин истилоҳ аз забони англисии асрҳои миёнаи ratifien аз фаронсавии Latifier, ки аз лотини қадим ratificare ба забони анлисӣ шомил шудааст. Пас тавассути забонҳои англисӣ ва русӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардидааст.

Корреспондент-хабарнигор ин истилоҳ аз забони англисии асрҳои миёнаи ин истилоҳ аз забони англисии асрҳои миёнаи **correspondent** аз фаронсавии **correspondent**, ки аз лотини қадим **correspondere** ба забони анлисӣ шомил шуда, сипас тавассути забонҳои англисӣ ва русӣ ва аз он ба забони тоҷикӣ ворид гардидааст.

Ҳадафи навиштани ин мақола аз он иборат аст, ки аввалин кашфиётҳои илмӣ дар ҷаҳон дар Юнони қадим зуҳур кард. Баъдан забони лотинӣ ҷойгузини забони юнонӣ гардид. Забони лотинӣ то саршавии давраи Эхё дар Аврупо забони аҳли диндорони масеҳӣ ва калисо буд. Аз асри XIV то асри XVII ин забон забони аҳли зиё ва илм дар Аврупо буд. Масоҳати ин забон ба он дараҷае васеъ ва густурда шуд, ки ба тамоми илмҳо таъсир кард. Аз ҷумла дар илми сиёсатшиносӣ ва равобити байналмилал низ таъсир кард. Дар раванди пажӯҳиш дарк намудем, ки қисмати зиёди истилоҳоти дипломатӣ аз забони лотинӣ маншаъ гирифтаанд.

Муқарриз: ***Исмоилзода Э.*** - номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аббос Ориёнпур. Фарҳанги фишурдаи англисӣ-форсӣ / Ориёнпур, Аббос. - Теҳрон. Нашриёти Амири Кабир, 2008. - 1269 с. [бо забони форсӣ]
2. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. – М.: Советская энциклопедия, 1966. – 607 с.
3. Бекмуродов М. Систематический анализ строительной терминологической лексики в таджикском и английском языках / М.Бекмуродов. – Душанбе, 2000. – 199 с.
4. Даниленко В. П. Русская терминология / В.П. Даниленко. – М.: Наука, 1972. – 246 с.
5. Каримов Ш.Б. Формирование английского терминологии «Экология почвы в древнеанглийском и среднеанглийском периодах / Ш.Б. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2015. - № 4/8 (183). – С.159-164.
6. Лейчик В.М. Терминоведение, предмет, методы / В.М. Лейчик. – М.: Либроком, 2009. – 256 с.
7. Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ / Султон, Мирзо Ҳасан. – Душанбе: Дониш, 2008. – 334 с.
8. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А.Мамадназаров. - Душанбе: Эр-граф, 2015. – 1080 с.
9. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ- сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ / С.Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2004. – 302 с.
10. Тураҳасанов Қ.Ш. Назариёти мухталифи илмӣ роҷеъ ба масоили истилоҳшиносӣ / Қ.Ш.Тураҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. - №4/1 (159). – С.90-93.
11. 11.Суперанская А.В. Общая терминология / А.В. Суперанская, Н.В. Подольская. – Москва: И-во ЛКИ, 2008.
12. Mahdi Khiyobony. A comprehensive dictionary of political terms / Khiyobony, Mahdi. – Tehran, 1384. – 596 p.
13. Jack Pilny, Roy Olton. Dictionary of International Relations / Pilny Jack, Olton Roy. – Tehran: Saroi Adolat. – 621p.
14. New Webster's Dictionary of the English Language. College Edition. – USA: Fifth Print, 1989. – 1856 p.

НАҚШИ ЗАБОНИ ЛОТИНӢ ДАР РУШДИ ИСТИЛОҲОТИ ДИПЛОМАТӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз масоили муҳимми илми забоншиносӣ, яъне истилоҳоти дипломатие, ки сарчашмаи пайдоиши онҳо аз забони лотинӣ аст, бахшида шудааст. Дар мақола таъкид мешавад, ки забони лотинӣ ва юнонӣ яке аз забонҳои қадими ҷаҳон мебошанд, ки дар рушду такомули илми чаҳон ҳиссаи беназир гузоштаанд. Забони лотинӣ дар Аврупо аввалан забони калисои католикӣ ва баъдан бо сар шудани давраи Эхё забони илм дар қалamрави Аврупо гардид. Бештари истилоҳоти дипломатие, ки имрӯз дар забонҳои гуногун истифода мешаванд, аз лиҳози этимологӣ решаи пайдоишашон аз забони лотинӣ мебошад.

Калидвожаҳо: забони лотинӣ, таърих, саммит, консул, ултиматум, байналмилалӣ, эмиссар, доктрина, сиёсӣ

РОЛЬ ЛАТИНСКОГО ЯЗЫКА В РАЗВИТИИ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ

Данная статья посвящается одной из важнейших проблем лингвистики - проблеме дипломатических терминов, этимологическим источником, которых является латинский язык. Латинский и греческий языки являются одними из древнейших языков мира и внесли большой вклад в развитие мировой науки. Вначале в Европе латинский язык был языком католической церкви, но с возникновением эпохи Возрождения он стал языком науки на всей территории Европы. Источником большинства дипломатических терминов, с этимологической точки зрения, является латинский язык.

Ключевые слова: латинский язык, история, саммит, консул, ультиматум, эмиссар, доктрина, международный, политический.

ROLE OF LATIN LANGUAGE IN THE DEVELOPMENT OF DIPLOMATIC TERMS

The article is devoted to one of the important problems of the linguistics the problem of terminology which Latin is the main origin of the diplomatic terms. Greece and Latin languages are the most ancient languages in the world and contributed much in the world science. First Latin language was the language of church, but with the appearance of Renaissance which began from XIVth century and lasted till XVIIth century. The origin of majority diplomatic terms were Latin language from the Etiological point of view.

Key words: summit, president, consul, embargo, annexation, ultimatum, emissary, doctrine, diplomatic, mission, international, political.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдулфайзов Сайднуридин*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Saidnurudin A@gmail.com.** Тел.: **(+992) 918-17-50-45**

Сведение об авторе: ***Абдулфайзов Сайднуридин*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе пр.Рудаки, 17. E-mail: **Saidnurudin A@gmail.com.** Тел.: **(+992) 918-17-50-45**

Information about the author: ***Saidnurudin Abdulfayzov*** - Tajik National University, assistant professor of the department of English language and comparative typology faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Saidnurudin A@gmail.com.** Тел.: **(+992) 918-17-50-45**

УДК: 809.155.0

КАТЕГОРИЯИ НОМУАЙЯНИИ ИСМҲО ДАР “ЗОД-УЛ-МУСОФИРИН”-И НОСИРИ ХУСРАВ

Гулнораи Наим
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Категорияи муайяниву номуайянии исмҳо таърихи тӯлонӣ дошта, марҳилаҳои гуногуни инкишофро аз сар гузаронидааст. Мафҳуми муайянӣ ва номуайянӣ хеле мураккаб буда, дар забони тоҷикӣ бо роҳу воситаҳои гуногун ифода меёбад. Бояд қайд кард, ки “Хусусияти умумии артикли **-е** ин аст, ки калимаеро аз байни анбуҳи калимаҳои ҳамҷинс ҷудо намуда, ҷиҳати предметиашро равшан менамояд [1, с.94-95]”, ҳамчунин, “барои ифода кардани шахс ва ё чизи танҳои ношинос хизмат мекунад [6, с.17]”.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик номуайянӣ аломат ё нишонаи худро дошта, аз ҷониби забоншиносон як силсила таҳқиқот анҷом ёфтааст [1, с. 94-100; 5, с. 84, 143; 8, с. 60-63; 10, с. 14, 80-90; 11, с. 36-39; 12, с.13-21; 13, с.173; 14, с. 224-279]. Дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” (ҷилди 1) артикли мазкурро воситаи асосии номуайянии исм дониста, онро чунин шарҳ додааст: “Артикли **-е**-ро аз ҳиссаҳои нутқ танҳо исм қабул менамояд. Бинобар ин, артикли **-е** аломати грамматикии ном ба шумор меравад [2, с.142].

М.О. Назарова дар мақолаи худ хосияти номуайянӣ доштани аксарияти забонҳои ҷаҳонро қайд карда, роҳҳои ифодаи онро дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ таҳқиқ намудааст [8, с.60-63].

Артикли **-е** дар асари таҳқиқшаванда, пеш аз ҳама, ба исмҳо хусусияти номуайянӣ бахшида, якто буданро далолат намудааст: ***сафаре, соате, захме, касе, овозе, бонге, мардуме, сухане, гӯше, забоне, номе, илме, чашме, лаззате, сатҳе, симе, қуввате, хиште, нафсе, санге, мақсуде, муддате, маконе, майле, нуқтае, рукне, порае, ҷое, ҷисме, хосте, сурате, ҷонваре, қоидае, чорае, замоне, огозе, далеле, қавле, обе, кӯҳе, шакке, қосиде, узме, фоиле, дарахте, тухме, ҳайвоне, зиёне, олате, сифате, қавле, фарқе, эътиқоде, мутаҳаррике, тадбире, тақдире, шакле, қавимарде, ҳакиме, сонее, салоҳе, тоате, насибе, рӯе, ширке, тухме, фасле, рӯшноие, ҷавҳаре, шарафе, ниёзманде, нуфусе, маснуоте, хатте, алфозе, нигоре, радде, нақзе, шакаре, дебое, ҷомае, бӯе, табақе, хурмое, бодоме, ҳосате, порае...***

*Ва **фарқе** нест миёни фуруд омадани санг аз ҳаво сӯйи замин ва шигофтани ӯ мар ҳаворо, то ба ҳайизи хеш бирасад ва миёни бар шудани **порае** аз ҳаво, ки мар ӯро андар зери **обе** жарф аз даҳон берун гузорӣ...* [7, с.67]. *Ва чун мо **ҷавҳаре** собит кунем, ки он пазирандаи он муфрадот будаст, ба огози ҳадас воҷиб ояд, ки он ҷавҳар ба зоти хеш, на гарм буда бошад, на сард ва на хушк, на тар,... ва ақл мар чизро ба сифати ӯ собит кунад* [7, с.177]. *Ва агар **касе** гӯяд мар нафсро аз ин сифатҳо **чизе** нест ва ӯ мавҷуд аст ва ҳар ҷавҳари мунфаилро вуҷуди Ӯ сифоти ӯст, ки бар зоти ӯ бошад* [7, с.177]. *Ва бо ин тақдир ҳар навъро мизоҷи **муътадилест**, ки мар навъи дигарро нест, бал ҳар **фардеро** чунончи мубарҳан шуда* [7, с.450].

Пеш аз он ки доир ба хусусияти грамматикии артикли номуайянии **-е** дар “Зод-ул-мусофирин”-и Носири Хусрав таҳқиқоте анҷом диҳем, мебояд, ки аз таърихи пайдоиши он ибрози назар намуда, сониян, метавон корбурди имконоти услубии онро дар асри XI равшан намуд.

“Артикли номуайянии **-ēv** (**-'yw**) < умумиэронии **aiva** – як, касе, инчунин маънои ягонагиро низ доро буд. Ба сифати артикли номуайянӣ ҷонишини ишоратии **ho** (дар шумораи ҷамъ – **havin**), **im** (шумораи ҷамъ – **imīn**) ҳангоми такроршавӣ **ud** истифода мешуд” [5, с.84].

Муҳсин Абулқосимӣ, муаллифи “Таърихи забони форсӣ” зимни таҳқиқи хусусиятҳои исм дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи забони порсӣ иброз медорад, ки: “Исм дар эронии миёнаи ғарбӣ бо сифатҳои ишора маърифа ва бо **ēw** накира мешудааст. **Ēw** бозмондаи **aiwa**-и эронии бостон аст, ки ба маънии **“як”** будааст. **Ēw**, ки дар форсии миёнаи зартуштӣ ба сурати **-ē** ҳам меомада дар форсии дарӣ **“-е”**-и накира шудааст” [13, с.173].

Дар ҷойи дигар забоншинос З. Мухторов зимни таҳлили лексикию грамматикии “Дарахти Асурик ва буз” функсияи артикли номуайянии “**-е**”-ро ҳам дар забони форсии миёна ва ҳозира як дониста, **-ē(v)** “ی”-ро нишондиҳандаи грамматикии категорияи номуайянӣ меҳисобад [5, с.143].

Яке аз муҳаққиқони дигар Ш. Юсупов дар диссертатсияи номзадии худ “Хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих”доир ба категорияи номуайянии исм ибрози назар намудааст. Ӯ **-ēv**-ро чун шохиси шумора, ки минбаъд ҳамчун шохиси номуайянӣ ба кор рафтааст, гувоҳӣ аз полисемантизми таърихии он меҳисобад [12, с.15].

Б. Шарипов номуайяниро аз рӯйи ифодаи маънавиаш ба ду гурӯҳ номуайянии пурра (“ашёи номаълум як маротиба ё аввалин бор дучор омада, аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ наёфта бошад”) ва нопурра (аз ягон ҷиҳат ба сифатҳои ба худ хос шарҳ меёбад, аммо вай ҳаматарафа муҷассам ва равшан нагардида, бартарияти номуайянӣ дар он нигоҳ дошта шудааст) ҷудо намудааст [11, с.37].

Дар асари таҳқиқшаванда категорияи муайяниву номуайянии исм воситаи асосии номуайянии исмҳо ба ҳисоб рафта, нишонаи шартии он артикли **-е** ба ҳисоб меравад. “Маъно ва мавқеи истифодаи артикли **-е** нишон медиҳад, ки дар забони тоҷикӣ ду артикл (-$е_1$ ва -$е_2$) истифода мешаванд, ки дар ифодаи маънои грамматикӣ аз якдигар фарқ мекунанд” [3, с.142].

Зимни таҳқиқ метавон аз мавридҳои зерини истифодаи артикли мазкур дар асари таҳқиқшаванда ёдовар шуд:

Мавқеи истифодаи артикли **-е** дар матни “Зод-ул-мусофирин” ба забони адабии имрӯзаи тоҷик баробар буда, **-$е_1$** хусусияти номуайяниро дорад: *Ва чун бад-он чи нафси мардум ба ҷумлагии чизҳои олам ҳоким аст, чи ба шинохтан мар заводи табоеъ ва афъоли* ***нуфусе*** *ва заводи онро ва чи ба тоат ёфтан аз чизҳои* ***оламе*** *зоҳир шудааст... [7, с.179]. ... бегумон шавад, ки мар инро* ***Фарозоварандае*** *ва* ***Созандае*** *ҳаст бар ин назм, ҳамчунон ки ин навиштаро бинад ва аз ӯ мақсуди нависандаро бишиносад, бегумон шавад, ки мар ӯро* ***нависандае*** *ҳаст [7, с.217]. Ва гувоҳӣ дод моро ба дурустии ин қавл ношинохтани* ***касе****, к-аз модар нобино зояд мар рангҳо ва шаклҳоро, чун мар аҷсоми мушаккали мулавванро ба ҳосати бинанда наёфта бошад* [7, с.259].

Хусусияти дигаре, ки оид ба истифодаи **-е** дар асар ба назар мерасад, бо исмҳои ҷомеъ истифода гардидани он мебошад, ки хеле каммаҳсул аст: *Чун доно мар онро ба ҳам фароз омад, ба номҳое, ки он ба наздики* ***гурӯҳе*** *аз мардумон маъруф бошад... [7, с. 33-34]. Ва ҳар* ***мардуме****, ки мар ӯро ин ду фазилат, ки хоссагони мардуманд, ҳаст, ӯ ба камоли (мардум) наздиктар аст... [7, с.37].*

Ба ҳамин монанд, баъзан, бо исмҳои хусусияти ҷамъдоштаи арабӣ низ якҷо омадани артикли мазкурро дидан мумкин аст: *Пас, гӯем, ки ҳавоси панҷгона андар ҷасад мар нафсро олатҳост, ки нафс бад-он чизҳоро андар ёбад ва аз ҳавоси ҳайвон* ***баъзе*** *шарифтар аз* ***баъзе*** *аст [7, с.40]. Ва* ***миқдоре*** *аз ӯ бо дигар* ***миқдоре*** *андар макони миқдори хеш нагунҷад [7, с.50].*

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаҳои **як, ягон, ҳеҷ, ҳар, кадом** ба вазифа ва ба ҷойи ҳамдигар истифода шуда, ба имконияти корбурди услубии он дар асри XI мувофиқат дорад, ки дар ин мавқеъ ба артикли **-$е_1$** ҳамвазифа шуда, номуайянӣ ва ягонагиро ифода кардааст.

Дар китоби “Муфрад ва ҷамъ ва маърифа ва накира” донишмандони дигари эронӣ номуайяниро аз ягонагӣ, ки баъзе онро як медонанд, фарқ намуда, менигоранд: “Ин... “ی”-ро бояд нишонаи накара номид на ваҳдат, чунонки бархе пиндоштанд.... Пас, агар “ی” ба охири калимаи муфрад пайвандад, ваҳдат фаҳмида мешавад, вале на аз “ی” балки аз набудани адоти ҷамъ дар охири исм, монанди “сухане”. Ва агар “ی” ба охири ҷамъ ояд, теъдод фаҳмида мешавад, вале на аз “ی” балки аз будани адоти ҷамъ ба охири исм, монанди “суханоне чанд” [14, с.233].

Ба ҳамин монанд, дар асари таҳқиқшаванда, артикли **-е**-ро ба охири исмҳои пасванди ҷамъдошта низ дидан мумкин аст, ки он як миқдори номуайянро ифода кардааст: *Ва ҳаким Эроншаҳрӣ гуфтааст, ки замон ва даҳр ва муддат* ***номҳое*** *аст, ки маънои он аз як ҷавҳар аст* [7, с.117]. Инчунин, ба калимаҳои шакли ҷамъ доштаи арабӣ низ хусусияти номуайянӣ бахшидааст. *... аз баҳри он ки агар пазируфтани ҷисм мар суратеро пеш аз сурате ба* ***дафаоте*** *будӣ...* [7, с.107].

Дар матни асар калимаи **як** бо роҳи конверсия ба исм гузаштааст. Қобили қайд аст, ки “вай чун ҷонишини номуайянӣ мустақилона истифода мешавад ва бо артикли **-е**ı меояд” [10, с.176]. *Пас, вуҷуди ин мураккаби нахустин, ки ҷавоҳири мухталиф андар таркиби ӯ зоҳир аст ва вуҷуди ин ду мураккаб, к-аз ӯ **яке** набот аст, ва **яке** ҳайвон аст, аз ин ду ҷавҳар, к-аз ӯ **яке** ҷисм аст ва **дигаре** нафс аст [7, с.397].*

Дар ин ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб калимаи **як** ҳамчун муродифи артикли **-е**ı дар вазифаи мазкур истифода шуда, ба ғайр аз ягонагӣ номуайяниро низ ифода кардааст. Дар идомаи ҷумла пасванди номуайянии **-е** бо калимаи **як** якҷо шуда, ба он хусусияти ишоратӣ бахшида, ишорае ба ҷузъе аз кулл мебошад: *Ва ҳар қисме аз он бо он сурати пешин **як** сурати дигар дорад, к-аз ҳар **яке** бад-он сурати дувум, ки ёфтаст, ки ҳаме феъл ояд, ба зоти хеш ва **инфиоле** ҳаме пазирад аз ёри хеш, ки он феълу инфиол, ҷуз бад-он сурат аз ӯ андар ӯ наёяд, дуруст шудаст, ки ҳар **қисмеро** аз ақсоми ин ҷавҳар бо сурати аввалии ӯ ... аз баҳри он ки ҳама ҷисм на оташ аст ва на ҳама об аст ва на ҳама ҳавост ва на ҳама хок аст [7, с.325].*

Баъзан артикли -е дар як вақт ҳам бо калимаи **як** ва **ҳам** исми баъдазономада низ истифода шудааст: *Ва он бахшандаи сурат ҳар **якеро сурате** дода, ки яке бад-он сурат толиби марказ аст ва дигаре толиби муҳит* [7, с.453]. Дар ҷойи дигар калимаи як бо исми артикли номуайянии **-е** дошта истифода гардида, ҳам хусусияти номуайянӣ ва ҳам хусусияти ишоратиро соҳиб гаштааст: *... аз ҷумлагии ин навъи сухангӯ андар асрҳои бисёр ҷуз **як шахсе** ба китобати Худой нарасад* [7, с.201-202].

Барои ифодаи номуайянии исм ҷонишини номуайянии “**ягон**”-ро, ки аслан хосси нутқи гуфтугӯӣ аст, истифода бурдан имконпазир аст, вале: “ҳиссачаи **ягон** аксар вазифаи суффикси **-е**-ро адо мекунад, вале ҳамеша ҷойи **як-ро** гирифта наметавонад” [4, с.217]. Дар ҷумлаи “*Лоҷарам ёбандаи он суратҳои муҷаррад... ва намояндаи ин суратҳои ҳаюлоӣ ҳама андар машоири ҷисмест ва он ҳавоси зоҳир аст, ки мар ду чизро ба як ҷой натавонад ёфтан, магар **ягон-ягон”*** [7, с.47] калимаи такрори **ягон-ягон** ба пайдарҳамии ашёи шумурдашаванда далолат мекунад ва онро метавон бо калимаи арабии **баъзе** муродиф намуд. Дар матни асар мавқеи истифодаи калимаи **ягон** хеле маҳдуд буда, вобаста ба мазмуни ҷумла гоҳо ҷойи онро ҷонишини манфии **ҳеҷ** иваз намудааст: *Ва агар он чи аз чизҳое бе **ҳеҷ** паҳно таркиб ёбад, воҷиб ояд, ки паҳновар бошад* [7, с.51]. *Ва низ лозим ояд, ки он чи аз чизҳо ба дарозӣ мураккаб шавад, бе **ҳеҷ** дарозӣ ояд* [7, с.51]. Дар ҷойи дигар артикли **-е** бо ҷонишини манфии **ҳеҷ** ва **ягон** муодил шудааст: */**ягон, ҳеҷ**/ **Чорае** нест, аз он ки ҳар яке аз эшон ба зоти хеш мавҷуд аст* [7, с.274].

Инчунин, дар асари таҳқиқшаванда ҷонишини манфии **ҳеҷ** ва ҷонишини таъйинии **ҳар** низ хусусияти номуайянӣ дошта, исми баъдазономада, маъмулан танҳо омадааст: *“**Ҳар ҷисме**, ки маконгир аст ва ҳар маконгире ҳаракатпазир аст, то натиҷа аз ин ду муқаддима он ояд, ки **ҳеҷ ҷисме** ҷунбонанда нест, то бад-ин ҳаракат ва феъл, к-аз зоти ӯ омад... ва ӯ бад-ин феъл мафъули хеш бошад”* [7, с.279-270]. *Ва аҳком, ки он усули дин аст, бар муқтазои офариниш аст, бе **ҳеҷ тафовуте*** [7, с.212]. *Ва ҳамчунин мар нутфаи ҳайвонро бо он ки марҳамаи фавоиди ҳайвониро ёфтаст, бар ҳайвон фазл аст, бад-он чӣ андар ӯ қуввате бениҳоят аст, мар падид овардани ашхосро, ки ба **ҳар шахсе,** мар ҳамон фазоилро, ки он ҳайвон пазируфтаст, бипазирад* [7, с.251].

Вожаи **кадом** дар забони имрӯзаи тоҷикӣ аслан дар нутқи гуфтугӯӣ мавриди истифода қарор дорад. Дар матни асар низ доираи истифодаи ин ҷонишин хеле маҳдуд аст. Дар ҷумлаи *“Ва пас аз ин ки сухан гӯем андар қавл ва китобати илоҳӣ ба тартиби офариниш ва мар уқалоро ба ҳуҷҷатҳои равшан ва бурҳонҳои муқнеъ ва бурҳонҳои равшан зоҳир кунем, ки қавлу китобати Худои таоло **кадом** аст, то бидонанд, ки мо мар дини ҳақро бар басират пазируфтем, на ба тақлид [7, с.39]* калимаи **кадом** ишорат ба муайяниро соҳиб гаштааст.

Яке аз хусусиятҳои дигари сабки “Зод-ул-мусофирин” дар он аст, ки исмҳо бо артикли **-е** дар таркиби ибора тавзеҳ ёфтаанд, ки дар ин ҳолат артикли мазкур бо муайяншаванда омадааст. Дар баробари хусусияти муайянӣ-номуайянӣ доштанаш, ҳамзамон вазифаи изофатро низ адо кардааст. Чунин тарзи иборасозӣ дар асари таҳқиқшаванда хеле кам истифода гардидааст: *Ва ҳар ки аз руҳи қудс бад-ӯ баҳра бирасад, бидонад, ки мар ин кори азимро **оқибате бузург** аст ва халқро огоҳ кунад аз он ва битарсонадашон аз уфтодан андар он...* [7, с.212].

Боиси таъкиди хос аст, ки артикли **-е** дар ибораҳои исмии изофӣ баъзан бо сифат меояд, ки дар ҳамин ҳолат ҳам онро забоншиносони тоҷик [5, с.36] ба исм хос медонанд, вале Ш. Рустамов [10, с.33] ақидаи В. С. Расторгуеваро дуруст меҳисобад ва онро қобили қабул медонад, ки чунин аст: "Дар ибораҳои изофии муайянкунандадор нишонаи ягонагӣ, дуруст аст, одатан, маҳз бо сифат меояд, вале аз рӯйи маъно на ба сифат, балки ба тамоми ибора мансубият дорад: **куртаи сиёҳе, дарахти баланде** [9, с.638]. Дар асари таҳқиқшаванда низ чунин хусусияти ба сифат омадани артикли -е, ки ба тамоми ибора мансуб аст, танҳо дар ибораҳои ***сурате қимате*** ва ***оқибате бузург*** дида мешавад: *Ва **сурате**, ки мар онро пеш аз он андар зоти хеш нигошта бошад, то мар он чӯбро бад-он **сурате қимате** гардонад* [7, с.203]. Ва калимаҳои **сапеде** ва **савобе** аслан сифат ҳастанд, ки зимни артикли номуайянӣ қабул карданашон ба исми номуайян табдил ёфтаанд, ки онҳо дар матни асар дар таркиби ибора наомадаанд: *Чӣ гӯӣ? **Сапеде** бошад, ки он сиёҳ бошад, ё гӯяд, ки тоқе бошад, ки он ҷуфт бошад, ё гӯяд, ки мутаҳаррике бошад, ки он сокин бошад* [7, с.267]. *... пеш аз он ки офарид мар оламро боистӣ, ки ба ҳазор сол офаридӣ мар ӯро бар **савобе** он чи бигӯяд, ҳуҷҷате набошад ва суол боқӣ бошад* [7, с.267].

Артикли -е$_2$ бошад, хусусияти муайянкунӣ, яъне ишоратӣ дошта, дар асар, муродифҳои он ҷонишинҳои ишоратӣ ба ҳисоб мераванд: *Пас аз **он** ки сухан андар замон гуфта шуд, қавл андар таркиб воҷиб омад гуфтан, аз баҳри он ки таркиби маволид андар замон аст...ки мар онро ҳаме замон гӯянд...* [7, с.124].

Он бо исмҳое омадааст, ки онҳоро ҷумлаҳои пайравашон муайянкунанда шарҳ медиҳанд: *Ва агар **касе** гӯяд: Чун ҳамегӯй, ки ҳар **мавҷуде** маълум аст ва он чӣ маъдум аст, мавҷуд нест, воҷиб ояд, ки он кас, ки ӯ то ҳазор сол ҳамебихоҳад будан, мавҷуд бошад ба ҳукми камоли илми Худой ... то воҷиб ояд, ки он кас, ки ӯ мавҷуд нашавад, маълум бошад* [7, с.315-316].

Дар ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб агарчи исмҳо гоҳо баъдтар муайян карда шаванд ҳам, исме, ки бо пасванди **-е** омадааст, ҳамон тобиши номуайянии худро нигоҳ дошта, дар ин маврид ҳамчун "**е**"-и ишорат хизмат мекунад: *Ва чун ҳол ин аст, ки феъл аз мусавварот ба **суратҳое**, ки он дорад, далел аст бар қасди Сонеи он ба тасвир мар он аҷсомро бад-он суратҳо гӯем, ки оташ низ мусаввирест* [7, с.359]. *Ва чун биёянд ва бидонанд, ки мисли мо андар бурун овардани ин илми латифу душвор ва боиста мисли **касе** аст, ки чоҳҳои жарф биканад ва корезҳои азим бironад то мар оби хешро аз қаҳри чоҳи хок бар ҳомун бароварад, то ташнагону мусофирон бад-он бирасанд ва ҳалок нашаванд* [7, с.29-30].

Хусусияти дигари артикли **-е$_2$** дар он аст, ки он бо ҷонишинҳои шахсӣ ва ишоратӣ истифода гардида, мавқеи корбурди он дар матни асар ба забони адабии ҳозираи тоҷик мувофиқат дорад: *Ва ҳар ки муқир аст бар он ки аҳкам-ул-ҳокимин ва хайр-ул-мокирин Худой аст, донад, ки ҷуз **ин тадбире** набуд, ки нафс **бад-он** тадбир ва тадриҷ сӯйи олами ақл роҳ ёфтӣ* [7, с.372].

Дар матни асар пайвандакҳои таркибие, ки ҷузъи номиашон бо артикли мазкур наомадаанд, маъмулан, муродифи онҳо, яъне ҷонишинҳои ишоратӣ истифода гардида, ҳам хусусияти ишоратӣ ва ҳам номуайяниро соҳиб шудаанд: *Чунон ки ба хости оҳангар баъзе аз оҳан мар баъзеро аз навъи хеш ҳамебибурад ва бирезонад, **бад-он сурат**, ки аз оҳангар ёбад **бар он феъл**, ки ҳам андар ҷавҳари хеш аст ва ин қавле тамом аст* [7, с.74]. *Он гоҳ ҳар ки хоҳад мар **ин ҷавҳарро** "нафс" гӯяд ва хоҳад номе дигар ниҳадаш* [7, с.75].

Артикли номуайянии **-е** бо исмҳои вақт, замон, миқдор, муддат, ҳангом, макон ва монанди инҳо омада, гоҳе бо пешояндҳо ва гоҳе бидуни пешояндҳо дар шакли **вақте, замоне, миқдоре, муддате, ҳангоме, маконе** ва монанди инҳо омадааст: *Пас, агар гӯяд, он чиз, ки мар ӯро муддат буд, қадим буд, ин сухан маҳол бошад, аз баҳри он ки муддат кашидагӣ бошад ва кашидагӣ ҷуз аз ҷое то ба ҷое, ё **аз вақте** то **ба вақте** набошад* [7, с.337]. *Ва агар диндор аст ва ба китоби Худо муқир аст,... ки мар савоби мутеон ва иқоби осиёнро **замоне** сипаришаванда аст,...* [7, с.395].

Калимаи **бисёр** дар баробари миқдорро далолат намудан, номуайяниро низ ифода кардааст: *... бештар аз мардум бад-он намерасад, сазовор бошад, ки аз ҷумлагии ин навъи сухангӯ андар асрҳои **бисёр** ҷуз як шахсе ба китобати Худой нарасад* [7, с.201-202].

Инчунин, калимаи **акнун** ба замон далолат мекунад, ки гоҳо бо артикли **-е** навишта шудааст. Нависанда аз имконоти сермаъноии вожагон ҳунармандона истифода карда, гоҳе зарфҳоеро, ки ба вазифаи исм омадаанд бо артикли **-е** оварда, пеш аз он ҷонишини

“ҳар”-ро ба кор мебарад, ки ин таркиб ба вожагон хусусияти муайянии таъкидшаванда мебахшад: *Ва ҳар **акнуне**, ки он номи ҷузви замонест, чизе нест, магар ҳоли ҳозири ҷисм ва бесуботии ӯ бад-он аст... ва аҳзои ӯ маҳҳур аст* [7, с.333]. *Ва ин ҳол ҷузве, ки ба ҷисмониён гузаранда аст ва ҳар нобуда ҳаст ҳамешавад, ки он “акнун” ном аст,... ки ҷисм ба куллияти хеш ба огози будиш андар “**акнуне**” афтодааст...* [7, с.334].

Артикли номуайянии **-е, як, яке** дар матни асар ба таври мувозӣ кор фармуда шудааст: *Ва ҷузвҳои оташ ҳама ба **як** табъанд ва ҳаракати **ҷузвҳое**, ки табъи эшон **яке** бошад, сӯйи маҳалҳои мухталиф набошад* [7, с.334].

Гоҳо баъзе аз вожаҳо метавонанд бе нишондиҳандаи аломати номуайянӣ ҳамон мафҳуми номуайяниро соҳиб бошанд. Масалан, дар матни асар ҷонишинҳои **ӯ, эшон, баъзе,** ки бо калимаҳои **шахс, одам, кас, мардум** муродиф шудаанд, ҳамон хосияти номуайяниро доро мебошанд: *Ва далел бар дурустии ин қавл он аст, ки он чи аз матбуот ҳаме ба фоилони табиӣ наздик шаванд... он сифот аз **эшон** ҷудо нашавад, чунонки сангу оҳан ва ҳаво ва ҷуз он* [7, с.137].

Зимни чидашавии аъзоҳо маълум мешавад, ки артикли мазкур ба охири исмҳои аъзоҳои чида низ ҳамроҳ шуда, ҳамон хосияти норавшании худро ҳифз кардааст: *Пас, бар **табақе ангуре** бинад ва **хурмое** ва **анҷире** ва **бодоме** ва харбуза ва мар он ҷавзи тарро бо пӯст баргирад...* [7, с.234].

Ҳамин тариқ, забони тоҷикӣ дар ҳар давраи инкишофи худ, таҳаввулоти зиёди услубӣ ва грамматикиро сипарӣ намуда, дар шакли имрӯзааш боқӣ мондааст. Аз таҳқиқи хусусиятҳои номуайянии исмҳо дар китоби “Зод-ул-мусофирин”-и Носири Хусрав, ки ба асри XI мансуб аст, метавон хулосаҳои зеринро баён кард:

1. Дар асари таҳқиқшаванда нишонаи исми номуайян артикли **-е** буда, калимаҳои **як, ягон, ҳеҷ, ҳар, кадом** ба вазифа ва ба ҷойи ҳамдигар истифода гардидаанд, ки он ба қавоиди забони адабӣ мувофиқат дорад.
2. Артикли мазкур ғайр аз ба исмҳои танҳо омаданаш, ҳамчунин бо исмҳои пасванди ҷамъдошта низ истифода гардидааст: **номҳое** [7, с.117], **дафаоте** [7, с.107].
3. Ҷонишини номуайянии **ягон** дар матни асар ғайр аз хусусияти номуайянӣ доштанаш, пайдарҳамии ашёи шумурдашавандаро низ ифода кардааст: **ягон-ягон** [7, с.107].
4. Вожаи **кадом**, ки аслан ҷонишини номуайян аст, гоҳе ишора ба муайяниро низ соҳиб гаштааст.
5. Яке аз хусусиятҳои дигари номуайянӣ, ки ба насри классикӣ хос аст, дар таркиби ибораҳои изофӣ ба ҷойи изофат омадани артикли **-е** аст: **оқибате бузург** [7, с.212].
6. Гоҳо муаллифи асар аз имконоти семантикии вожагон моҳирона истифода намуда, артикли **-е**-ро барои ифодаи замони номуайяне дар ҳоли гуфта шудани матлаби баёншуда ба кор бурдааст: **акнуне** [7, с.334].

Муқарриз: ***Саломов А.Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1975. - Ҷ.1. - 356 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Китобхонаи миллии Тоҷикистон, 2019. - Ҷ.1. - 552 с.
3. Грамматикаи забони тоҷикӣ (қисми 1). Фонетика ва морфология. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Сталинобод, 1956.
4. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 2013 - 370 с.
5. Мухторов З. Таърихи забони тоҷикӣ / З.Мухторов. – Душанбе: Ҳумо, 2003.
6. Ниёзмуҳаммадов Б. Морфологияи забони тоҷикӣ. / Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода. – Сталинобод, 1941. – 66 с.
7. Носири Хусрав. Зод-ул-мусофирин. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - 511 с.
8. Назарова М.О. Ифодаи номуайянии исм дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар асоси романи “Духтари оташ”-и Ҷ. Икромӣ) / М.О. Назарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филологӣ.– Душанбе: Сино, 2012. – №4/4(91). – С.60-63.
9. Расторгуева В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка. Таджикско-русский словарь / В.С. Расторгуева. – М: 1954.
10. Рустамов Ш. Исм / Ш.Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1971. - 220с.
11. Шарифов Б. Хусусиятҳои морфологии “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ / Б.Шарифов. - Душанбе: Дониш, 1975. – 232 с.
12. Юсупов Ш. Хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Юсупов. – Душанбе: 2021. - 146с.
13. محسن ابوالقاسمی. ماده های فعلهای فارسی دری. –تهران: ققنوس، 1373. صحفه 20
14. معین محمد. مفرد و جمع و معرفه و نکره / محمد معین. – تهران، 1337. – 305 ص.
15. خانلری، پر.یز ناتل. تاریخ زبان فارسی. عبارت از چه

16. ار جلد. – تهران: بنیاد فرهنگ ایران، 1349: ج. 1. – 334 ص؛ ج. 2.- 160 ص؛ ج. 3. – 237 ص؛ ج. 4. – 977 ص.

КАТЕГОРИЯИ НОМУАЙЯНИИ ИСМ ДАР “ЗОД-УЛ-МУСОФИРИН”-И НОСИРИ ХУСРАВ

Китоби “Зод-ул-мусофирин”-ро метавон намунаи боризе барои таҳқиқи забоншинохтии асрҳои миёна, алалхусус асри XI донист, зеро муаллифи асар яке аз шахсиятҳои бузурги ҳам асри хеш ва ҳам асрҳои минбаъда ба ҳисоб рафта, қариб аз тамоми илмҳои замона бохабар будааст. Китоби мавриди таҳқиқ қарордоштаи Носири Хусравро метавон намунаи осори насри илмии марҳилаҳои аввали инкишофи забони форсии дарӣ ҳисобид ва он барои рушди забони асарҳои илмии асрҳои минбаъда таъсири амиқ гузоштааст, аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни матни китоб, аз ҷумла сохтори морфологии онро зарурӣ шуморида, дар ин мақола хусусиятҳои категорияи номуайяниро дар асар баррасӣ менамоем. Маълум гардид, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаҳои **як, ягон, ҳеҷ, ҳар, кадом** ба вазифа ва ба ҷойи ҳамдигар истифода гардида, ба имконияти корбурди услубии он дар асри XI мутобиқат дорад, ки дар ин мавқеъ ба артикли **-е₁** ҳамвазифа шуда, номуайянӣ ва ягонагиро ифода кардааст. Яке аз хусусиятҳои дигари номуайянӣ, ки ба насри классикӣ хос аст, дар таркиби ибора омадани артикли **-е** аст: **оқибате бузург.** Дар мақола ба таърихи пайдоиши артикли мазкур диққати ҷиддӣ дода шуда, маврид ва мавқеи истифодаи он дар асари таҳқиқшаванда равшан гардидааст. Ҳамчунин артикли мазкурро ҳам дар калимаҳои пасванди ҷамъдоштаи арабӣ ва ҳам тоҷикӣ дидан мумкин аст ва ин қоида хеле кам ба назар мерасад. Баъзан, муаллифи асар имконоти услубӣ ва семантикии забонро моҳирона истифода карда, ба воситаи артикли номуайянӣ ҳиссаҳои гуногуни нутқро ба исм табдил додааст: **акнуне, сапеде, савобе.**

Калидвожаҳо: Носири Хусрав, “Зод-ул-мусофирин”, артикли номуайянии -е, исм, муродиф, калима, ҷонишини номуайянӣ, хусусият, сабк, хусусияти ишоратӣ, муайянӣ.

КАТЕГОРИЯ НЕОПРЕДЕЛЁННЫХ ИМЕН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В «ЗОД-УЛ-МУСОФИРИН» НОСИРИ ХУСРАВ

Книгу «Зод-ул-мусофирин» можно считать весьма ценным материалом для лингвистического исследования структуры языка и стиля письменных памятников Средневековья, в частности произведений XI века, ибо его автор является одним из великих мыслителей своего времени, которому были знакомы почти все современные ему отрасли науки. Исследуемая книга Носири Хусрава является образцом научной прозы начального этапа становления языка фарси - дари, которая глубоко повлияла на развитие языка научных произведений последующих веков, поэтому важно изучение различных аспектов структуры текста книги, в том числе его морфологической структуры. Исходя из этого, в настоящей статье нами рассматриваются особенности выражения категории неопределенности в произведении. В современном таджикском литературном языке слова як ‘один’, ягон ‘кто-то/что-то’, ҳеҷ (кас) ‘никто’/(чиз) ‘ничто’; ‘никак’, кадом ‘который’, ҳар ‘каждый’ свидетельствуют о их стилистическом применении в прозе XI века, которые по семантике эквивалентны артиклю **-е** и выражают неопределенность и единство. Ещё одной из особенностей выражения неопределенности в классической прозе является употребление артикля **-е** в составе словосочетаний вместо изафета: ***оќибате бузург.*** В статье уделяется пристальное внимание происхождению данного артикля, особенностям его использования в исследуемой работе. Данный артикль употребляется также в словах с суффиксами множественного числа, как арабского, так и таджикского происхождения. В некоторых случаях автор исследуемого трактата, пользуясь семантико-стилистическими возможностями языка, посредством неопределенного артикля от различных частей речи образует имена существительные: **акнуне, сапеде, савобе.**

Ключевые слова: Носири Хусрав, «Зод-ул-мусофирин», артикль, неопределённый артикль -е, существительное, синоним, слово, неопределенное местоимение, признак, стиль, указательные особенности, определенный.

CATEGORY OF THE INDEFINITE NOUNS "ZOD-UL-MUSOFIRIN" NOSIR KHUSRAV

The book "Zod-ul-musofirin" can be considered a very valuable material for linguistic research of the structure of the language and style of written monuments of the Middle Ages, in particular the works of the 11th century, because its author is one of the great thinkers of his time, who was familiar with almost all modern branches of science. The book under study by Nosiri Khusrav is an example of scientific prose at the initial stage of the formation of the Dari Farsi language, which deeply influenced the development of the language of scientific works of subsequent centuries, therefore, the study of various aspects of the structure of the text of the book, including its morphological structure. Based on this, in this article we consider the features of expressing the category of uncertainty in a work. In the modern Tajik literary language, the words *як ‘one’, ягон ‘someone / something’, ҳеҷ (кас) ‘nobody’ / (чиз) ‘nothing’;* ‘Nothing’, *кадом ‘which’* њар ’‘‘*everyone*’ testifies to its stylistic application in prose of the 11th century, which is semantically equivalent to the article -e and expresses ambiguity and unity. Another feature of the expression of uncertainty in classical prose is the use of the article - e in the composition of phrases in place of izafet: *оќибате бузург*. The article pays close attention to the origin of this article, the peculiarities of its use in the work under study. This article is also used in words with plural suffixes of both Arabic and Tajik origin. In some cases, the author of the studied treatise, using the semantic and stylistic possibilities of the language, through the indefinite article from various parts of speech forms nouns: **акнуне, сапеде, савобе.**

Key words: Nosiri Khusrav, "Zod-ul-musofirin", article, indefinite article -e, noun, synonym, word, indefinite pronoun, attribute, style, demonstrative features, definite.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гулнораи Наим*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 121. E-mail: **Gulnorainaim@gmail.com.** Тел.: **(+992) 988-01-40-06**

Сведение об авторе: ***Гулнораи Наим*** - Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, ассистент кафедры теории и практики языкознании. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. E-mail: **Gulnorainaim@gmail.com.** Тел.: **(+992) 988-01-40-06**

Information about the author: ***Gulnorai Naim*** – Tajik State Pedagogical University named after S.Aini, an assistant of the Department of the practical and theory of linguistics. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 121. E-mail: **Gulnorainaim@gmail.com.** Tel.: **(+992) 988-01-40-06**

УДК: 42-56

ХУСУСИЯТҲОИ СИНТАКСИСИИ ҶОНИШИНҲОИ НОМУАЙЯНӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Муҳиддинзода С.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар бораи истифодаи унсурҳои наҳвӣ дар забони англисии муосир маълумот дода, бояд қайд намуд, ки он бо ҷонишинҳои номуайянии ***some, any, every*** (якчанд, ягон, ҳар як,) ифода шудааст. Ин унсурҳо ҳамчун воситаи ифодаи синтаксемаҳои гуногуни номуайян ба назар гирифта шудаанд. Бояд гуфт, ки синтаксимаи номуайян ҳамчун воҳиди элементарии наҳвӣ-инвариант, ки дар забон бо системаи вариантҳо аз рӯйи алоқаи наҳвӣ дар таркиби ҷумла ҷудо шуда, маҷмуи хусусиятҳои синтаксисӣ-семантикӣ, инчунин хусусияти пешбаранда ва фардӣ дорад, дарк карда мешавад.

Зимни баррасии хусусияти системавии унсурҳои синтаксисӣ, ки бо ҷонишинҳои номуайянии баъзе, ҳар як, ҳар як, ***(some, any, every)*** ягонагии мазмун ва аломатҳои шаклии онҳо ифода ёфта, муайян кардани силсилаи парадигматикӣ ва наҳвии ҷонишинҳои номуайянӣ моҳияти тахассусӣ доранд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки сарфи назар аз асарҳои сершуморе, ки ба омӯзиш ва тавсифи унсурҳои синтаксисии ҷонишинҳои номуайянӣ бахшида шудаанд, на ҳамаи хусусиятҳои онҳо дар адабиёти забоншиносӣ инъикоси пурра пайдо кардаанд. Дар ин росто, масъалаи тафриқаи унсурҳои наҳвӣ, ки дорои хусусияти синтаксисӣ-семантикии номуайянӣ мебошад, духӯра мемонад [14, с.19-39].

Дар асоси назарияи аъзои ҷумла ва назарияи таркиби калимаҳо семантикаи мураккаби воҳиди синтаксисиро, ки дорои якчанд хусусиятҳои дифференсиалӣ мебошад, омӯхтан ғайриимкон аст ва мавқеи тамоми гуногунии синтаксисӣ-семантикии воҳидҳои забонии як навъро аз рӯйи ифода шарҳ дода наметавонад.

Бо таҳлили ҷонишинҳои номуайянӣ ҳамчун унсурҳое, ки синтаксимаи муайяни номуайянро дар ҷумла амалӣ ифода мекунанд, омӯзиши вариантҳои синтаксимаҳои номуайянии бо ҷонишинҳои номуайянӣ зикршуда, инчунин ҷонишинҳои воҳидҳои синтаксисии ибтидоидоштаро мебояд таҳқиқ кард.

Дар натиҷа, ҷонишинҳои номуайянии дар боло зикргардида ҳамчун воҳидҳои элементарии наҳвӣ - исмҳо, ки барандаи семантикаи наҳвии номуайянӣ мебошанд, ба ҳисоб мераванд. Ин унсурҳо бори нахуст аз ҷиҳати фарқ кардани сохтори сатҳӣ ва амиқи ҷумла, яъне ҳамчун воҳидҳои ибтидоии ду намуди гуногунҷузъ: ҷумлаҳо ва синтаксимаҳо таҳқиқ карда мешаванд. Муносибати систематикии омӯзиши унсурҳои номуайянӣ низ нав аст, ки дар он синтаксимаҳои номуайян ба қатори парадигматикии синтаксимаҳои номуайяни субстансиалӣ ва тахассусӣ дохил мешаванд ва силсилаи парадигматикии вариантҳои ҳар як синтаксимаи номуайян баррасӣ мешаванд. Ба ин мақсадҳо усули таҷрибаи синтаксисӣ, ки дар омӯзиши синтаксимаҳои номуайянӣ ба таври муназзам истифода мешавад, хизмат мекунад.

Ҳадафи асосӣ дар омӯзиши наҳвии ҷонишинҳои номуайянӣ аз:

- омӯзиши ҷонишинҳои номуайянӣ ва таърифи онҳо ҳамчун ҷузъи ҷумла дар таркиби ҷумлаҳо дар асоси пайвандҳои синтаксисӣ;
- таҳлили мазмун ва хусусиятҳои тақсимоти синтаксимаҳои номуайян ва вариантҳои онҳо иборат мебошад.

Қобили қайд аст, ки унсурҳои ифодакунандаи семантикаи номуайянӣ дар мавқеъҳои гуногуни синтаксисӣ истифодашаванда вариантҳои як синтаксимаи номуайянро ифода карда метавонанд. Ҳамзамон, нишонаҳои наҳвии номуайянӣ на бо як хусусияти маъноии номуайянӣ, балки бо маҷмуи хусусиятҳои синтаксисӣ-маъноӣ хос аст, ки дар аксар ҳолат хусусияти номуайянии онҳо равшантар аст.

Синтаксимаҳо ҳамчун воҳидҳои ибтидоии сохтори амиқи ҷумла аломати номуайянӣ доранд ва вариантҳои онҳо бо муносибатҳои системавӣ хоссанд.

Қабл аз он ки ба баррасии афкори асосӣ оид ба ҷонишинҳои умумӣ ва алалхусус ҷонишинҳои номуайянӣ гузарем, асосҳои умумии назариявиро дар бораи ҷонишинҳои номуайянӣ бояд омӯхт.

Мисли аксари муҳаққиқони муосир мо аз мафҳуми забон ҳамчун системае истифода менамоем, ки дар он ҳама чиз ба ҳам алоқаманд ва вобаста аст. Сарфи назар аз он ки забоншиносии муосир бе равиши систематикӣ тасаввурнопазир аст, то ҳол таърифи ягонаи мафҳуми система вуҷуд надорад. Дар кори худ мо мафҳуми системаеро, ки Г.А. Болотова додааст, асос мегирем: «Система ба маънои умумии илмӣ ҳамчун тартиби муайяни иерархикии элементҳо дар аломатҳои муҳим ва алоқаи байниҳамдигарии онҳо фаҳмида мешавад» [5, с.150-158].

Унсурҳои забон бо ҳамдигар робитаи системавӣ доранд ва вазифаи муҳаққиқ ин муносибатҳои системавиро дар ин ё он қисми забон ошкор кардан аст.

Мавқеи дуюми ибтидоии назариявӣ мафҳуми сатҳҳои забонӣ мебошад, ки бинобар хусусияти системавӣ будани он дар асарҳои охирини забоншиносӣ масъалаи «дараҷа» ва ташкили системаи забон васеъ инъикос ёфтааст. Проблемаи сатҳи забон, ки Э.Бенвенист дар Конгресси IX байналхалқии забоншиносон ба миён гузошта ва баён карда буд, таваҷҷуҳи бисёре аз забоншиносонро ба худ ҷалб карда, асоси таҳқиқи онҳоро ташкил дод. Дар такя бо забоншиносони муосир бармеояд, ки чунин сохтори мураккаб чун забон низ бояд зинанизоми мураккаб дошта бошад. Воҳидҳои калонтарини онро метавон сатҳ номид.

Меъёри асосии сатҳи забон мавҷудияти як навъ воҳиди ниҳоии ибтидоӣ, сифату хосиятҳоест, ки аз сифат ва хосиятҳои воҳидҳои таркибии он барнамеояд, дониста мешавад [9, с.27].

Дар доираи ин равиши назариявӣ мо пайваста паҳлуи шаклӣ ва мундариҷаи воҳидҳои ибтидоиро ба назар мегирем.

Масъалаи ҷонишинҳо дар умум ва алалхусус ҷонишинҳои номуайянӣ бо масъалаи умумии ҳиссаҳои нутқ зич алоқаманд аст. Сабаби ихтилофи назари забоншиносон дар мавриди мавҷудияти ҷонишинҳо дар таркиби нутқ гуногун будани категорияҳои морфологӣ ва вазифаҳои синтаксисии онҳост. Дар асоси маводи забонҳои гуногуни ҳиндуаврупоӣ назарияе ба миён гузошта шуд, ки имконияти ҷудо кардани ҷонишинро ҳамчун қисми махсуси нутқ инкор мекунад. Муаллифони грамматикаи забонҳои гуногун кӯшиш кардаанд, ки ҷонишинҳоро аз рӯйи категорияҳои сифат ва исм тақсим кунанд, зеро дар ҳамин асос, аз ҷиҳати синтаксисӣ ҷонишинҳо дар як вақт ба ҳар ду ҳиссаи нутқ ва ё дар як вақт ба ду ҳисса наздик мешаванд. Вазифаҳои синтаксисии ҷонишинҳо, дар ҳақиқат, бо исм ва сифат якхелаанд.

Тавре маълум аст, вазифаи асосии синфи ҷонишинҳо нишон додан, маълум кардани ашёҳо буда, онҳоро номгир намекунанд. Мо ба ақидаи Г.Г. Почепцов мувофиқ ҳастем, ки маҳз ҳамин маънои умумии ба як ҷузъи нутқ пайвастани хелҳои аз ҷиҳати морфологӣ ва синтаксисӣ шабеҳ асос ёфтааст [10, с.27].

Таҳқиқи ҷонишинҳо, чунонки дар адабиёти забоншиносӣ борҳо таъкид шудааст, бинобар хусусияти хосси худ на танҳо барои муҳаққиқон ҳамеша шавқовар, балки хеле душвор низ будааст. Чунонки Б.А. Илиш қайд кардааст, масъалаи ҷонишин яке аз саволҳои душвортарини забоншиносӣ мебошад. Асолати истисноии ҷонишинҳо, гуногунии хусусиятҳои ба онхо хос имкон медиҳад, ки забоншиносон ба ин синф на танҳо аз нуқтаи назари гуногун муносибат кунанд, балки мулоҳизаҳои зидмаъноро ***antonym*** баён кунанд [7, с.27].

Таснифи мавҷудаи ҷонишинҳо, ба гуфтаи одилонаи Б.А. Илиш, комилан ба маънои маъноӣ асос ёфтааст. Ба ғайр аз ин, ҷонишинҳо қобилияти ба худ пайвастани ҳиссаҳои дигари нутқро доро буда, як қатор вазифаҳоро иҷро мекунанд: дар аксар ҳолат ба ҷойи як ҳиссаи нутқи дигар меоянд [6, с.3-17].

Дар аксари дастурҳои грамматикаи забони тоҷикӣ ва англисӣ, ки ҷонишинҳоро тавсиф мекунанд, ҷонишинҳои номуайянӣ ба таври умум ҳамчун категорияи ҷонишинҳо муайян карда мешаванд, ки «ашё ва аломати онро ба таври умумӣ ва тахминӣ нишон медиҳанд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои баъзе, ягон, фалон, кадом, чандин, якчанд, андак, чанде ***(some, any, somebody, what, so many, somewhat)*** ва монанди инҳо дохил мешаванд. Ҷонишинҳои ягон ва кадом ашёҳои номуайянро далолат мекунанд”.

Ҷонишинҳои номуайянӣ, инчунин инкорӣ, саволӣ, ишоратӣ, нисбӣ мувофиқи маънои синтаксисиашон номгузорӣ мешаванд. Худи номи ин ҷонишинҳо, аллакай, қисман маънои синтаксисиеро, ки хосси онҳо мебошанд, инъикос мекунад. Чунин тафсири номуайяниро ҳамчун хусусияти синтаксисӣ-семантикӣ, ки ба мафҳумҳо ва усулҳои таҳлили мутақобила асос ёфтааст, бояд аз дигар тафсирҳо ва ҳодисаҳои забонӣ масалан, нисбат ба категорияҳои грамматикии муайянӣ-номуайянӣ фарқ кард. Дар ин маврид одатан сухан дар бораи бо гурӯҳҳои алоҳидаи луғавии калимаҳо (мушаххас, воқеӣ ва ғайра) кор фармудани артикл меравад [9, с.45-47].

Ба ҷонишинҳои номуайянӣ таркибҳои иборат аз ҷонишинҳои саволӣ-нисбӣ ***who, what, how, whose, where, when*** ва унсурҳои калимасоз - ***something, ostensibly, no*** - шомил мешаванд. Дар нутқи гуфтугӯӣ ба ҷойи ҷонишинҳои номуайянӣ метавон ҷонишинҳои номбаршударо бе унсурҳои калимасоз истифода бурд: Агар касе ба мағозаи шумо ояд, дурбин ӯро сабт мекунад. ***If anyone comes to your shop, camera will record him.***

Ҳама ҷонишинҳои номуайянӣ ба предмет, чеҳра аломат, макон, вақт, ки бо аломати номуайяне барои сухангӯ ё шунаванда ишора мекунад. Ҳар як унсури калимасоз ба ҷонишинҳо мансубияти хосси номуайянӣ ворид мекунад.

Дар ҷумла, ҷонишинҳои номуайянӣ ба сифати мубтадо, пуркунанда ва муайянкунанда истифода бурда мешаванд. Дар баъзе маврид ҷонишинҳои номуайянӣ ҳамчун хабари таркибии номӣ ё ҳол истифода мешаванд [16, с.91-139]:

Касе ба амали шум даст задааст; шумо инро ба зудӣ бояд аниқ кунед.

Somebody has plotted something: you can not too soon find out who and what it is

Кӯдак ба ким-кадом коре машғул буд.

The child was busy in some work

Ман ба баъзе аз расмҳои девор нигоҳ кардам.

I looked at some pictures on the wall.

Баъд аз якчанд дақиқа намоиш оғоз мешавад.

After some hours the show will begin.

Масалан, ҷонишини номуайянии ***“касе” “somebody”*** бо аломат ва ҳамчун исм ба маънои «шахси дорои вазифа, шахси муҳим» истифода мешавад, ки дар ин маврид касе дорои хусусияти маъноии номуайянӣ бо аломатҳои расмӣ тасдиқ карда мешавад. Муқоиса кунед: I) истифодаи somebody дар шакли ҷамъ: ***They are somebodies.*** Онҳо касе ҳастанд [2, с.25].

Дар забони англисӣ як гурӯҳи махсуси ҷонишинҳои номуайянӣ мавҷуд аст, ки тавассути миқдор (миқдор) ё тақсимот сохта шудаанд, ки пеш аз ҳама***, any, some, every*** **ва** ***no*** *(баъзе, ҳар ва не)* мебошанд.

Калимаҳои *some, any, no*, одатан, дар сатҳи ибтидоӣ дар доираи қоидаи асосӣ баррасӣ мешаванд: ***some*** дар ҷумлаҳои тасдиқ, ***any*** дар саволҳо ва инкорҳо, на дар ибораҳои дорои маънои манфӣ истифода мешаванд.

Инчунин дар забони англисӣ як категорияи томи калимаҳо бо омезиши ***some, any, no, every with -one, -body, -thing, -where*** мавҷуд аст. Одатан, китобҳои дарсӣ ин таркибҳоро якҷоя мекунанд ва баъзан ба онҳо калимаҳои дорои ***-how*** *ва* ***-time*** илова мекунанд.

Аммо барои фаҳмиши беҳтар, бояд ҳоло ҳам истифода барем, зеро калимаҳои дорои -як, -тан, ***-thing*** ҷонишинҳои номуайянанд. Ҷонишинҳои номуайянӣ ва таркиби - куҷо, - чӣ гуна, - вақт сифат мебошанд [11, с.67].

Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба ҷонишинҳо нигаронида шудааст, ки истифодаашон он қадар осон нест, ки ба назар мерасад.

Агар ба шакл баргардем, пас ҷонишинҳои номуайянӣ дар забони англисӣ аз ҷиҳати сохти худ таркибӣ мебошанд, яъне аз ду қисм сохта шудаанд. Якум, ин ***some, any, no, every,*** дуюм: ***-one, -body, -thing*** [10, с.27].

Ин рӯйхати пурраи ҷонишинҳои номуайянӣ дар забони англисӣ мебошад: ***Some, someone, somebody,something, any-: anyone, anybody, anything, No-:no one, nobody, nothing, Every-: everyone, everybody, everything.***

Равшан аст, ки воҳидҳои ба ҷонишинҳои номуайянӣ таснифшуда маҳз аз он сабаб ҳудуди муайян надоранд, ки мазмуни онҳо дар аксари мавридҳо на танҳо бо аломати номуайянӣ, балки бо омезиши якчанд хусусиятҳои синтаксисӣ-семантикӣ хос аст.

Тавре ки дар боло зикр гардид, дар таҳлили наҳвии ҷонишинҳои номуайянӣ ба ғайр аз хусусиятҳои маъноӣ, инчунин хусусиятҳои мутобиқат, ҷойгиршавӣ, имкониятҳои истифодабарии онҳо мавқеи муҳим дорад. Ҳар як синтаксима хусусиятҳои тақсимотии худро дорад [12, с.21].

Қайд кардан бамаврид аст, ки зимни тадқиқи ҷонишинҳои номуайянӣ аз нуқтаи назари семантикаи онҳо, яъне ҳамчун воситаи ифодаи синтаксимаҳо бо лексемаҳои марбут ба дигар ҳиссаҳои нутқ - сифатҳои ҷонишин ***(many, few)*** ва шумораҳо (ким - кадоме, на он қадар) низ дучор мешавем. Ин натиҷаи муносибати систематикӣ ба таҳқиқи синтаксимаҳо ва вариантҳои онҳост: бидуни муайян намудани мансубияти лексемаҳо ба ин ё он ҷузъи нутқ, қатори парадигматикии вариантҳои синтаксимавиро муқаррар кардан мумкин нест. Ҳамин тариқ, аснои таҳқиқ мафҳумҳо ва принсипҳои зерин рӯйи кор меоянд:

1) Синтаксима (исм) воҳиди ибтидоии сохтори амиқи ҷумла буда, хусусиятҳои мазмунӣ ва шаклӣ дорад. Маҷмуи хусусиятҳои синтаксисӣ-семантикӣ мазмуни синтаксимаро ташкил медиҳад. Аломатҳои шаклии синтаксимаҳо дар воситаҳои ифода ва тақсимшавиашон зоҳир мешаванд, яъне қобилияти пайваст кардани унсури таҳқиқшаванда бо дигар унсурҳо, ҷойгиршавӣ ва қобилияти мавқеии онро доранд.

2) Синтаксима дар забон бо системаи вариантҳо ифода меёбад. Вариантҳои як синтаксима воситаҳои ифодаи гуногун, вале мазмуни якхела доранд. Вариантҳои синтаксима метавонанд ихтиёрӣ, комбинаторӣ ва коннотативӣ бошанд [12, с.27].

Силсилаи парадигматикии синтаксимаҳо ва вариантҳои онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки воҳидҳои ибтидоиро дар муносибатҳои системавии онҳо омӯзем. Тадқиқоти системавӣ дар усулҳои мувофиқи тадқиқ – усули таҷрибаи забоншиносӣ ва усули моделсозӣ имконпазир мегардад.

Дуруст будани ин равиш дар омӯзиши ҷонишинҳои номуайянӣ чунин мавқеъро тасдиқ мекунад, ки сохтори ҷумла ягонагии ҷузъҳои таркиби ҷумла, синтаксимаҳо ва муносибатҳои синтаксисии байни онҳо мебошад. Таъсири мутақобилаи мураккаб ва ба ҳам пайвастани зичи ин ду навъи воҳидҳои ибтидоии синтаксисӣ дар таркиби ҷумла имкон медиҳад, ки муносибатҳои системавии ҷонишинҳои номуайяни забони ҳозираи англисӣ дар сатҳи синтаксиси забон омӯхта шаванд.

Тавре Э.Бенвенист қайд кардааст, воқеияти объекти таҳқиқшаванда аз усули муайян кардани объекти ҷудонашаванда аст [5, с.15].

Аз ин рӯ, воқеияти воҳидҳои синтаксисиро бояд бо мисолҳои мушаххас исбот намуд. ***I addressed some phrases to her in her own tongue.*** Ман ба вай бо чанд ибораи забони модариаш мурочиат намудам.

Комилан табиист, ки дар илми забоншиносии муосир масъалаҳои усулҳои омӯзиши ҳодисаҳои забонӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Омӯзиши синтаксимаҳо дар ягонагии мазмун ва аломатҳои шаклии онҳо ҳадафи асосии тасдиқи ин ё он хусусияти дифференсиалии синтаксисӣ-семантикӣ мебошад, ки аксар вақт бо истифода аз эквивалентҳои функсионалӣ, яъне унсурҳои синтаксисии забон, ки бо як хусусияти маънидор баён шудаанд, боиси муайян кардани вариантҳои синтаксима мегардад. Аслан мавҷудияти вариантҳои синтаксимаӣ, инчунин синтаксимаҳои аз ҷиҳати мазмун наздик имкон медиҳад, ки дар муайян намудани мазмуни синтаксисӣ-семантикии элемент истифода шавад.

Муқарриз: ***Абдулфайзов С.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Ахманова О.С. Луғати истилоҳоти забоншиносӣ. Нашри 2 / О.С. Ахманова. - М.: Энсиклопедияи советӣ, 1969.
2. Барсова О.М. Ин вариантҳои ҷумлаи оддӣ дар забони муосири англисӣ / О.М. Барсова // Масъалаҳои омӯзиши синхронии сохти грамматикии забон. Маводи конференсияи илмии Институти тадқиқоти илмии ба номи М.Торез, 1965. - С.23-25.
3. Бархударов Л.С. Сохтори амиқи ҷумлаҳо дар ҷанбаи семиотикӣ / Л.С. Бархударов // Масъалаҳои семиотикаи синтаксисӣ. Институти педагогии забонҳои хориҷии Москва, 1976. - С.8-13.
4. Бенвенист Е. Забоншиносии умумӣ / Е.Бенвенист. - М.: Прогресс, 1974. – 447 с.
5. Болотова Ю.В. Дар бораи систематикаи ҷонишинҳо / Ю.В. Болотова // Масъалаҳои семантика. - М.: Наука, сарредакцияи «Восток», 1974. - С.150-158.

6. Будагов П.А. Система ва зиддисистема дар илми забон / П.А. Будагов // Масъалаҳои забоншиносӣ. – 1978. - № 4. - С.3-17.
7. Илиш Б.А. Забони англисӣ. Нашри 2 / Б.А. Илиш. - М.: Нашриёти адабиёт ба забонҳои хориҷӣ, 1948. – 348 с.
8. Москальская О.И. Саволҳои семантикаи синтаксисӣ / О.И. Москальская // Масъалаҳои забоншиносӣ, 1977. - Ч.2. - С.45-47; Морфология. – М.: Нашриёти забонҳои хориҷӣ, 1956. – 394 с.
9. Забоншиносии умумӣ. Сохтори дохилии забон. - Москва: Наука, 1972. – 568 с.
10. Почепсов Г.Г. Таҳлили конструктивии сохти ҷумлаҳо / Г.Г. Почепсов. - Киев: Мактаби олӣ, 1971. – 191 с.
11. Сулаймонова Д.Н. Ҷанбаҳои сифатӣ ва миқдории семантикаи ҷонишинҳои номуайянии англисӣ / Д.Н. Сулаймонова. Бюллетени Университети Бошқирдистон. - Уфа: Нашриёти Донишгоҳи давлатии Бошқирдистон, 2012. - №3. - Т.17. - С.1285-1288.
12. Сучкова Л. Семантикаи синтаксисии ҷонишинҳои номуайянӣ дар забони англисии муосир: дис. номзади илми филол. наука / Л.Сучкова. - Москва, 1982. - 186 с.
13. Харитонова Т.О. Гурӯҳи тахассусӣ дар забони муосири англисӣ (ҷиҳати синтагматикӣ): дис. номзади илми филол. / Т.О. Харитонова. - Минск, 1971. - 221 с.
14. Шапкин А.П. Полисемияи ҷонишинҳои some ва any дар забони англисии асри XX / А.П. Шапкин // МОШ ба номи Н.К.Крупская, 1961. - Нашри 6. - Қ.103. - С.19-39.
15. Ярцева В.Н. Синтаксиси таърихии забони англисӣ / В.Н. Ярцева. - М.-Л.: Академияи илмҳои СССР, шуъбаи Ленинградӣ, 1961. – 309 с.
16. 16 Ҷен Эйр. Шарлотта Бронте. – Душанбе: ТҶБ ”Истиқбол”, 2010.

ХУСУСИЯТҲОИ СИНТАКСИСИИ ҶОНИШИНҲОИ НОМУАЙЯНӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола дар бораи хусусиятҳои синтаксисии ҷонишинҳои номуайянӣ дар забони англисӣ маълумоти мушаххас дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳама ҷонишинҳои номуайянӣ ба предмет, чеҳра, аломат, макон, вақт, ки бо аломати номуайяне барои сухангӯ ё шунаванда ишора мекунанд. Ҳар як унсури калимасоз ба ҷонишинҳо мансубияти хосси номуайянӣ ворид мекунад. Муаллиф ба он ишора мекунад, ки ҷонишинҳои номуайянӣ дар ҷумла ба сифати мубтадо, пуркунанда ва муайянкунанда истифода бурда мешаванд. Зимни таҳлили наҳвии ҷонишинҳои номуайянӣ ба ғайр аз хусусиятҳои маъноӣ, инчунин хусусиятҳои мутобиқат, ҷойгиршавӣ, имкониятҳои истифодабарии онҳо мавқеи муҳим дорад. Ҳар як синтаксима хусусиятҳои тақсимотии худро дорад. Дар маҷмуъ, масъалаи ҷонишинҳо дар умум ва алалхусус ҷонишинҳои номуайянӣ бо масъалаи умумии ҳиссаҳои нутқ зич алоқаманд аст. Сабаби ихтилофи назари забоншиносон дар мавриди мавҷудияти ҷонишинҳо дар таркиби нутқ гуногун будани категорияҳои морфологӣ ва вазифаҳои синтаксисии онҳост. Дар асоси маводи забонҳои гуногуни ҳиндуаврупоӣ назарияе ба миён гузошта шуд, ки имконияти ҷудо кардани ҷонишинро ҳамчун қисми махсуси нутқ инкор мекунад. Муаллифони грамматикаи забонҳои гуногун кӯшиш кардаанд, ки ҷонишинҳоро аз рӯйи категорияҳои сифат ва исм тақсим кунанд, зеро дар ҳамин асос, аз ҷиҳати синтаксисӣ ҷонишинҳо дар як вақт ба ҳар ду ҳиссаи нутқ ва ё дар як вақт ба ду ҳисса наздик мешаванд. Вазифаҳои синтаксисии ҷонишинҳо, дар ҳақиқат, бо исм ва сифат якхелаанд.

Калидвожаҳо: ҷонишин, хусусият, луғат, забоншиносӣ, сарфу наҳв, вазифаи синтаксисӣ, воҳиди забонӣ.

СИНТАКСИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ НЕОПРЕДЕЛЕННЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье даётся конкретная информация о синтаксических особенностях неопределенных местоимений в английском языке. Автор отмечает, что все неопределенные местоимения указывают на предмет, лицо, знак, место, время с неопределенным значением для говорящего или слушателя. Каждый словообразовательный элемент вносит некую неопределенность в местоимения. Автор указывает, что неопределенные местоимения в предложении выступают в роли подлежащего, дополнения и определения. Помимо семантических признаков, а также характеристик совместимости, местоположения и возможности их использования, важно проанализировать уровень неопределенности местоимений. У каждой синтаксемы есть свои особенности распределения. В общем, вопрос о местоимениях и неопределенных местоимениях, в частности, тесно связан с общим вопросом о частях речи. Причина, по которой лингвисты расходятся во мнениях относительно существования местоимений в речи, заключается в том, что их морфологические категории и синтаксические функции различны. Внимание автора статьи акцентируется на том, что на материале различных индоевропейских языков была разработана теория, исключающая возможность выделения местоимений как особой части речи. Авторы грамматик разных языков пытались разделить местоимения на категории прилагательных и существительных, потому что на этом основании синтаксически местоимения подходят к обеим частям речи одновременно или близки к двум частям речи. Фактически синтаксические функции местоимений такие же, как у существительных и прилагательных.

Ключевые слова: местоимение, признак, словарь, лингвистика, грамматика, синтаксическая функция, языковая единица.

SYNTAX FEATURES UNCERTAIN NONSUES IN ENGLISH LANGUAGE

The article provides specific information on the syntactic features of indefinite pronouns in the English language. The author notes that all indefinite pronouns indicate an object, person, sign, place, time with an indefinite sign for the speaker or listener. Each word-formative element introduces a certain ambiguity in pronouns. The author points out that indefinite pronouns in a sentence act as a subject, addition and definition. In addition to

semantic features, as well as characteristics of compatibility, location and the possibility of their use, it is important to analyze the level of pronoun uncertainty. Each syntax has its own distribution characteristics. In general, the question of pronouns and indefinite pronouns in particular is closely related to the general question of parts of speech. The reason linguists disagree about the existence of pronouns in speech is that their morphological categories and syntactic functions are different. The attention of the author of the article is focused on the fact that, based on the material of various Indo-European languages, a theory was developed that excludes the possibility of isolating pronouns as a special part of speech. The grammar authors of different languages tried to divide pronouns into categories of adjectives and nouns, because on this basis, syntactically, pronouns fit both parts of speech at the same time or close to two parts. In fact, the syntactic functions of pronouns are the same as those of nouns and adjectives.

Key words: pronoun, feature, dictionary, linguistics, grammar, syntactic function, linguistic unit.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муҳиддинзода Садафмоҳ Нуриддин*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, г.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sadafmoh1993@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-42-72-03**

Сведение об авторе: ***Мухиддинзода Садафмох Нуриддин*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедры английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **sadafmoh1993@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-42-72-03**

Information about the author: ***Muhiddinzoda Sadafmoh Nuriddin*** - Tajik National University, doctor Ph.D of the Department of English language and comparative tipological. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **sadafmoh1993@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-42-72-03**

УДК: 412

РОҶЕЪ БА МАВҚЕЪ ВА ВАЗИФАҲОИ ФЕЪЛҲОИ ИБОРАШАКЛ ВА ҚИСМАТҲОИ ТАРКИБИИ ОН

Юсупова М.И., Солиева Т.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Яке аз муаммоҳои муҳимтарин дар тадқиқи феълҳои иборашакли забони англисӣ ин масъалаи мавқеи онтологии қисматҳои таркибии он ва муайян кардани меъёри тақсимшавии онҳо мебошад. Онтология аз калимаи лотинии «onologia» гирифта шуда маънояш илм дар бораи ҳақиқат мебошад [12, с.112]; фасли фалсафие мебошад, ки усулҳои асосии ҳастӣ, моҳиятҳои умумӣ ва категорияи ҳақиқатро меомӯзад [12, с.348]. Эътироф накардан мумкин нест, ки дар чунин ягонагии мураккаби таркибӣ чун феълҳои иборашакл, ки қисмати аввали он - феъли асосӣ мебошад, ҳамеша дар мадди назари забоншиносон қарор мегирифт, қисми дуюми он бошад, мавқеи баъдинаро ташкил карда, то дер дар канори мақсадҳои тадқиқотӣ буд. Танҳо дар нимаи дуюми асри гузашта аҳамияти хосса ба қисмати дуюми феълҳои иборашакл низ дода мешуд. Ин мақсад аз таҳқиқи мавқеи ҳар ду қисмҳои феълҳои иборашакл, ки яке аз онҳо калимаи комилмаъно буда, дуюмин бошад, аз рӯйи ақидаи баъзе олимон ё пешоянд, ё зарф, ё чи хеле ки акнун қабул карда шудааст «таркиб»-и пасазфеълӣ ё пешазфеълӣ, аз ҳама бештар «ҳиссачаи пешояндӣ- зарфӣ» мебошад.

Чи тавре ки мебинем, на танҳо худи феълҳои иборашакл дар умум, балки қисмати дуюми онҳо низ исмҳои гуногунро то ҳол касб менамоянд, аммо аз ҳама маъмултаринаш «ҳиссача» гардид. Унвонҳои гуногуни қисмати дуюми феълҳои иборашакл бо мақсади баробар кардани он ва муайян кардани мавқеи ин воҳиди калимасозандаи фаъол алоқаманд мебошанд. Ҳамин тавр, Ю.А. Жлуктенко ба ҳиссача маънои функсионалии морфемаро медиҳад. Аз рӯйи таъкиди ӯ, аз рӯйи вазифа ва хосиятҳо қисмати дуюми феъли навъи get up айнан чизи мустақилгардида ва ба мавқеи бадинаи пешванд гузаштаро ифода мекунад. Фарқи сифатии чунин пешванди пешина аз пасвандҳо ва флексияҳое, ки калимаро ба охир мерасонанд, дар он мебошад, ки он бо калима тавъам напазируфта, бо феъли решагӣ дар алоҳидагӣ арзи вуҷуд менамояд» [6, с.15]. Ба чунин ақида забоншиносоне, ки ба қисмати дуюми феълҳои иборашакл чун зарф ё зарфи пешванддор баҳо медиҳанд, қатъиян муқобил мебароянд [5, с.92; 10, с.63].

Феълҳои иборашакл дар забони англисӣ дар асри XI, вақте ки зарф дар ҷумлаҳо бо тартиби бевоситаи калимаҳо дар мавқеи пешинаи феъл ҷойгир мешуд, амал мекарданд. Мавқеи лексикӣ - грамматикии қисмати дуюми чунин феълҳо низ тағйир меёбанд, ки дар натиҷа муодилҳои пасояндҳо ба амал омада, «заминаҳо барои алоқаҳои қавии зарф бо феъл дар ҷабҳаи калимасозӣ пайдо мешаванд [13, с.126].

Дар марҳилаи гузариш аз давраи миёнаи забони англисӣ ба давраи нави англисӣ (охири асрҳои XV – аввали XVI) ҷузъҳои маконии назди феълӣ қувватнокии худро нигоҳ дошта, қатъиян пасоянд шуданд [2]. Тамоюли ҷойивазкунии ҷузъҳои маконии наздифеълӣ ба мавқеи пасазфеълӣ ва ба ивази онҳо омадани иқтибосҳои синтетикии навъи to get over бар ивази recover, «хусусияти муҳимми ҷудогонаи забони англисии муосир» - ро ташкил медиҳад [2, с.147].

Дар забоншиносии муосир якчанд ақидаҳо вобаста ба табиати қисмати дуюми чунин тавъамҳо ва мақоми онҳо дар системаи лексикӣ -грамматикии забони муосири англисӣ мавҷуд мебошанд.

Пасояндҳоро «гурӯҳи махсуси нимкалимаҳо, нимморфемаҳо, ки ба пасвандҳо монанд мебошанд», «зарфҳои пешояндсимое, ки чун калима амал мекунанд «пешвандҳо», «калимаҳои ёрирасон» меноманд.

А.И. Смирнитский мақоми қисмати дуюми чунин тавъампазирии феълҳоро тасвир намуда, ақида дошт, ки он «вазифаи вобастагиро на танҳо аз ҷиҳати семантикӣ, балки аз ҷиҳати грамматикӣ низ иҷро менамояд ва барои ифодаи алоқаи феъли мазкур бо дигар калимаҳо дар ҷумла истифода намешавад» [11, с.10].

Профессор А.В. Кунин, тавъампазирии феълҳоро бо қисматҳои баъдина «таркибҳои феълӣ бо постпозитивҳо» меномад. Дар хусуси мавқеи қисмати дуюм бошад, қайд менамояд, ки он «мавқеи мобайниро байни калима ва морфема ишғол менамояд ва ҳеҷ гоҳ маънои феълро аниқ ва тақвият намедиҳад, балки онро ба феъли тамоман дигар мубаддал менамояд» [10, с.239].

Намуди таснифи аз ҳама батафсили феълҳои иборашакл ба назари мо ба Т.А. Баханская тааллуқ дорад [4, с.66]. Ба гурӯҳи якуми чунин тасниф тавъампазирии феълӣ-зарфӣ, ки барои онҳо нигоҳ доштани маънои аввалаи қисмати феълӣ ва маънои ибтидоии маконӣ дар қисмати дуюм хос аст, дохил мешавад. Ба ин ҷо созмонҳои навъи «come in- даромадан», «go out- баромадан», «walk away- тарк кардан», «fly off- парида рафтан» дохил мешаванд, ки маънои умумии онҳо дар ҷамъи одии маъноҳои ибтидоии ҳарду қисматҳо аён мегардад.

Гурӯҳи дуюм он тавъамиятҳоеро, ки қисмати феълии онҳо ҳангоми созмон ба тағйирёбии семантикии муайян дучор мешаванд, ташкил медиҳанд. Қисмати дуюми онҳо бошад, маънои маконии худро нигоҳ медоранд. Воҳидҳои ин гурӯҳро муаллиф ба зергурӯҳҳое, ки бо хусусияти семантикии фарқкунандаи тағйиротҳо, ки ба қисмати феълии тавъамиятҳо дахл карда шудаанд, дохил менамояд.

Қисмати феълии таркибҳои гурӯҳи якум хусусияти маҷозии яқинан ифодашударо доранд. Асосҳои зиёди феъли ин гурӯҳ аз исмҳо сохта шудаанд: to breeze in = to enter a place in a carefree and relaxed way (парида даромадан); to breeze out = to leave a place in a carefree and relaxed way (парида баромадан).

Гурӯҳи дуюм тавъамияти навъҳои allow in – allow out, let in –let out ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Муаллиф қайд менамояд, ки ин тавъампазириҳо хусусиятҳои таркибӣ - семантикии монандро зоҳир менамоянд: дар онҳо қисмати феълӣ гурӯҳи феълии томро бо нишон додани вожаҳои батафсил ифода менамояд: to allow in = to allow smb to come in /into a certain place/; to let out = to let smb go out /out of a certain place ва ғайра [4, с.90].

Ба ақидаи муаллифи таснифот дар чунин тавъамёбиҳо, гарчанде ки қисмати феълӣ ба ягон тағйироти назаррас дучор наояд ҳам, чун намояндаи томи ибора он бояд бори маъноии он воҳидҳоеро, ки ҳангоми лаҳзаҳои гуногуни гуфтор ихтисор карда шуда буданд, бар дӯши худ гирад.

Гурӯҳи сеюмро якҷояшавии феълӣ - постпозитивӣ ташкил менамояд, ки дар он тағйирёбии маъно дар қисмати зарфӣ - пешояндӣ зоҳир меёбад. Феъл бошад, маънои аввалаи худро нигоҳ медорад. Масалан, барои чунин воҳидҳо мисли up ва down истифодашавии феълҳои ҳаракат барои ифодаи мафҳумҳо басо хос аст: —to the north; to a more important place; to the city —to the south; to a less important place; to the country [4, с.92]. Мисол:

We stayed in San Francisco and then went up to Seattle for a few days [16, с.1402]. - Мо дар Сан Франсиско боз истодем ва баъд ба Ситл барои якчанд рӯз рафтем [тарҷумаи муаллиф].

At weekends, Wright used to go down and stay with his father in Mississippi [15, с.427]. - Дар рӯзҳои истироҳат, Райт фаромада дар назди падараш дар Миссисипи меистод [тарҷумаи муаллиф].

Аз рӯйи амал ва намуди феъл гурӯҳи сеюмро ба ду зергурӯҳи шартӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Зергурӯҳи якумро ҷузъҳое ташкил мекунанд, ки дар онҳо қисмати дуюм маънои возеҳи аспектуалиро ифода намекунад: go up, come down, give back.

Ба зергурӯҳи дуюм феълҳои иборашаклро дохил кардан мумкин аст, ки дар онҳо маънои маҷозии қисмати дуюм тавассути ишора ба хусусияти дохилии сохти амал ифода меёбад. Ба хусусиятҳои аспектуалии амал, ки тавассути зарф дар таркиби умумии феълӣ таҳвил меёбанд инҳо дохил мешаванд:

1) Маъноҳои фразавӣ: а) ифодаи оғозшавии амал- cry out, shout out, roar out; б) ифодаи давомнокии амал - walk on; в) ифодаи баанҷомрасии амал: burn away, write out;
2) мафҳуми амали пурра баохиррасида - tire out, think out;
3) ифодаи маҳсулнокии амал - work away, chatter away, curse away;
4) ифодаи такроршавии амал- read over, do over.

Барои сохтори гурӯҳи чорум тағйироти дараҷаи олии маънои аввалаи таркиби пешояндӣ хос мебошад. Маънои қисмати дуюм дар ин таркибҳо чунон таҷрид карда шудаанд, ки алоқаи амиқи байни вазифа ва маънои аввалаи онҳоро мушоҳида кардан имконнопазир аст: drink up, divide out, hurry up. Вазифаи қисмати дуюм дар ин гуна ҳолатҳо ин нишондиҳандаҳои аспектуалӣ, яъне тақвияти амали тавассути қисмати феълӣ ифодаёфта ва ишора ба анҷомнокии он мебошад.

Ба гурӯҳи панҷуми таркибҳои феълӣ – зарфӣ он таркибҳоеро дохил мекунанд, ки дар онҳо ҳар ду қисматҳо дар маънои дуюмдараҷа (маҷозӣ) амал менамоянд, ки дар натиҷа феъли иборашакл дар умум ба таври дигар дарк карда мешавад. Таркиби маъноии чунин ифодаҳо ба таври саҳеҳ ба назар расида, маънои семантикии далелнокӣ созмон меёбад: to find out -to learn, to give away - to let secret information out.

Ба гурӯҳи шашум муаллиф таркибҳоеро дохил менамояд, ки дорои хусусияти дараҷаи олии идиоматикӣ мебошанд. Дар натиҷаи инкишоф ва гузариши маъно дар воҳидҳои гурӯҳи мазкур алоқаи байни қисмати забонӣ ва маъно куллан гумм, шуда дар натиҷа дар давраи муосири мавҷудияти онҳо маънои чунин созмонҳо ба воситаи маънои қисми таркибиашон номуайян мебошанд: to give in - to surrender, to give up - to stop doing something ва ғайраҳо [4, с.96].

Чунин таснифот ба ақидаи мо дуруст ва пурра мебошад, зеро натиҷаи таҷдиди назари таснифоти аллакай мавҷудаи муаллиф буда, бо назардошти маълумотҳои муосире, ки дар сатҳи маънои воҳидҳои адвербиалӣ - пешояндӣ ба даст оварда шудаанд, таҳлил карда шудааст.

Акнун таснифотҳоеро таҳлил менамоем, ки дар асоси онҳо чунин меъёр чун дараҷаи идиоматикии феъҳои иборашакл мавҷуд мебошад.

Яке аз забоншиносони хориҷӣ С.Б. Берлизон [5, с.9], ба феълҳои иборашакл чун воҳидҳои фразеологӣ назар намуда, онҳоро аз рӯйи муодилияти калима тасниф мекунад ва се навъи созмонҳоро ҷудо менамояд.

Ба навъи якум воҳидҳоеро дохил менамояд, ки дар онҳо маънои том асосан бо маънои қисмати феъл алоқаманд мебошад (қисмати зарфӣ танҳо ба дараҷаи кам маънои феълро тағйир медиҳад).

Воҳидҳои навъи якумро ибораҳои устувор бо баъзе хусусиятҳои фразеологӣ дар бар мегиранд. Мисол: to come up – «наздик шудан».

Ба гурӯҳи дуюм феълҳои иборавие марбут мебошанд, ки дар онҳо маънои том бо маънои ҳам қисмати феълӣ ва ҳам зарфӣ алоқаманд мебошад. Ба доираи чунин навъи воҳидҳо ба ақидаи муаллиф метавон:

А) созмонҳои рехта ва қисман рехтае, ки дорои маънои равшани таркибӣ мебошанд: to lay by- ҷамъ каран, захира кардан.

Б) созмонҳои рехтае, ки дар онҳо маънои том аз маънои қисматҳои таркибӣ аён намегардад. Мисол: to come by- дучор шудан, гирифтор шудан (ба беморӣ).

Ба навъи сеюм воҳидҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо маънои том бо маънои қисматҳо алоқаманд нестанд. Ба чунин навъи феълҳо гурӯҳи созмонҳои ба дараҷаи олӣ рехта ва серистеъмол дохил шуда, аз лиҳози лексикӣ-семантикӣ ҷудонопазир мебошад [5, с.12]. Мисол: to take in - «фиреб додан, to give up – даст кашидан».

Таснифи феъҳои иборашакли И.А. Ятскович, ки нуқтаи назари А.В. Кунинро оид ба чунин созмонҳо дастгирӣ менамуд, ҷолиби диққат аст. Аз рӯйи он тасниф феъҳои иборашакл - ин ибораҳои рехта буда, аз феъл ва постверб (созмони махсусе, ки на пешоянд асту на зарф) иборат мебошанд [10, с.308-309]. Мувофиқи таснифи воҳидҳои фразеологии А.В. Кунин, И.А. Ятскович гурӯҳи феълҳои иборашаклро аз рӯйи дараҷаи тағйирёбӣ ва устуворӣ семантикӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо менамоянд: идиоматизмҳо, идиофразеоматизмҳо ва фразеоматизмҳо [14, с.79].

Таҳти идиоматизмҳо А.В. Кунин тавъампазирии устувори лексемаҳоро бо мафҳуми пурра ва қисман таҷдиди назар кардашуда мефаҳмад [10, с.140]. Ба гурӯҳи идиофразеоматизмҳо ӯ ибораҳои устувореро дохил менамояд, ки ду навъ мешаванд. Дар гурӯҳи якум навъҳои фразеосемантикӣ, қисматҳо маънои таҳтуллафзӣ, аммо мураккабкардашуда доранд, дар гурӯҳи дуюм навъҳои идеоматикӣ бошад, маъно пурра ба тарзи нав фаҳмида мешавад, мисол:

chain reaction – реаксияи мусалсал;

chain of happenings – занҷири ҳодисаҳо.

Ба сифати фразеоматизмҳо А.В. Кунин ибораҳои фразеоматикии хусусияти ғайриидиоматикидоштаро бо маънои мураккабшуда таҳлил менамояд. Мисол: short story – ҳикоя; amagnifying glass – пурбин. Барои муайян кардани дараҷаи идиоматикии феъҳои иборашакл И.А. Ятскович усули монандкунии фразеологиро истифода мебарад. Яке аз воситаҳои ин усул аз гузоштани тафсири луғавии ҳамаи воҳидҳои фразеологӣ ба тафсири қисматҳои он мебошад.

Ҳамин тавр, И.А. Ятскович маънои дуюми таркиби blaze away – ро қисман ба тарзи нав дарккардашуда ҳисобида, худи ибораро идиофразеоматизм меномад. Феъли иборашакли answer back (эътироз кардан)- ро, ки дорои далели пурра мебошад, И.А. Ятскович ба фразеоматизмҳо дохил менамояд, зеро маънои он «to reply to somebody rudely or in defence of oneself (ба касе ҷавоби инкорӣ додан)» назар ба шумораи қисматҳои он бештар аст (answer: to give an answer (to) – ҷавоб додан (ба); reply (to) back- ҷавоб гардонидан: in return or reply (дар ҷавоб)) [14, с.7-8].

Маънои калимаҳои табиати зарфидошта дар мавқеи пас аз феълӣ бо созмони ибораҳои нав, аз маънои лексикии қисматҳо фарқ карда, сохтори нави лексикӣ - грамматикии «феъл+ қисмати баъдина» -ро ташкил медиҳанд.

Хусусияти таркибӣ - маъноии чунин сохтор аз мавқеи қисмати комилмаънои семантикии баъдинаи феъл боис мегардад. Аз ҳамин лиҳоз, мавқеи қисмати дуюми ибораҳои мавриди тадқиқотбуда дар вазифаҳои генеративии он дар нақши лексикӣ-семантикӣ аён мегарданд, ки дар охир оид ба мавҷудияти «духӯрагӣ» - и лексикӣ - фразеологии воҳидҳои навъи ин тадқиқот оварда мерасонад [11, с.7-8].

Агар пуркунанда тавассути исм ифода шуда бошад, воҳиди баъдина метавонад пеш аз, ё пас аз он омада бошад, мисол:

I pulled on a pair of shoes and an old blue shirt and started from the room [17, 113]. – Ман як ҷуфт пойафзол ва як куртаи куҳнаи кабутро пӯшидам ва аз хона баромадам [тарҷумаи муаллиф]

ё инчунин метавон гуфт:

I pulled a pair of shoes and an old blue shirt on and started from the room.

Аз рӯйи қоидаҳои грамматикӣ истифодаи ҳардуи ин мавқеи баъдинаи қисматҳои дуюм дар ҷумла мумкин бошад ҳам, асосе нест, ки байни онҳо ягон фарқият мавҷуд набошад.

Тағйирёбии мавқеи лексикӣ-грамматикии қисмати дуюм аз асри XI, ки ифодаи худро дар ташаккули пасояндҳо ёфта буд, дар охир ба он оварда мерасонад, ки дар таркиби забон аз рӯйи сохти истифодаи ҳамаҷониба тавъампазириҳое дохил мешуданд, ки тавассути навъи таркибӣ - маъноии «феъл + қисмати баъдина» сохта шуда буданд ва тадриҷан воситаи умумии ифодаи маъноҳои тобиши гуногундошта гаштанд. Чунин тавъампазириҳоро «якқуллагӣ» номидан мумкин аст, ки дар онҳо пасоянд «нақши тобеъшавандаро натанҳо аз ҷиҳати лексикӣ- семантикӣ, балки аз ҷиҳати грамматикӣ низ» мебозад [1, с.138].

Кӯшиши ба вуҷуд овардани усули муайян кардани мустақилӣ ё номустақилии грамматикии ҳиссачаҳо чун воҳидҳои постпозитивӣ дар таркибҳои навъи get in мавҷуд мебошад. Аз рӯйи қайди О.Есперсен «Дар баъзе таркибҳо «феъл+ ҳиссача+ пуркунанда», зарф ё пешоянд будани ҳиссачаро муайян кардан душвор мебошад. Дар гуфтори "I couldn't get in a word" қисмати баъдинаи “*in”* тавассути овоз (зада ба “in” меафтад) худро на чун пешоянд, балки чун зарф ифода менамояд. Ҳамин зайл, дар ҷумлаҳои "We have taken over these words from French" ё "Don't knock over those chairs" қисмати баъдинаи “*over”* бешубҳа зарф мебошад, аммо ин меъёрҳо баъзан моро фиреб медиҳанд. Бештар онҳо барои интихоби дурусти тартиби калима истифода бурда мешаванд. Вақте ки ҳиссача баъд аз пуркунанда маскан мегирад, он таҳти идораи феъл қарор дорад ва он мувофиқатан зарф мебошад, аммо вақте ки ҳиссача пеш аз пуркунанда меистад, он метавонад ҳам пешоянд ва ҳам зарф бошад».

Таснифи мукаммали семантикии ҳиссачаҳои поствербалӣ аз сабаби тағйирёбиҳои гуногуне, ки он ба маънои қисмати аввали феълҳои иборашакл меорад, душвор мебошад.

Баъзе тадқиқотчиён се намуди маънои ҳиссачаҳоро ҷудо менамоянд: самтӣ, намудӣ ва тақвиятдиҳанда [1, с.131].

Дигарон ишора менамоянд, ки вожаҳои навъи *up, down, in, out, off* ва ғайра метавонанд дар паҳлуи феъл чун нишондиҳандаи самти амал ё хосияти он амал намоянд, ё метавонанд бо он дар яклухтии лексикӣ- семантикии ҷудонопазир бошанд (give up, make out) [6, с.6].

Бояд иқрор шуд, ки ба асарҳои зиёди илмии ба тадқиқи феълҳои иборашакл бахшидашуда нигоҳ накарда, табиати грамматикии ҳиссачаҳо чун мансубияти таркибҳои забонии «феъл + ҳиссача» дар умум то ҳол чун масъалаи ҳалталаб дар байни забоншиносон боқӣ мемонад.

Ақидаҳои дигар низ мавҷуд мебошанд, ки ҳамаҷониба омӯхта нашудани феълҳои иборашакл ва қисматҳои онро дар умум собит менамоянд. Тадқиқи ҳамаҷонибаи онҳо таҳлили батафсил ва пурраро талаб мекунад, ки дар чорчӯбаи он ба таври кофӣ ва муфассал дида баромадани хусусиятҳои ҳаматарафаи чунин мафҳуми бисёрҷабҳа чун мавқеи ҳиссача дар таркиби калимасозӣ имконпазир бошад.

Муносибатҳои гуногун ва ихтилоф нисбат ба масъалаи омӯзиши мавқеи забонии феълҳои иборашакли ҳаракат дар интихоби маводи забонии тадқиқот низ инъикос мегардад. Забоншиносон ба қатори тағйирдиҳандаҳои семантикии феълӣ воҳидҳои гуногуни забониро низ дохил мекарданд.

Р. Кверк ба сифати тағйирдиҳандаҳои семантикӣ дар забони англисӣ вожаҳои зеринро дохил менамояд: abroad, about, above, across, after, against, along, alongside, apart, around, before, behind, below, beneath, besides, between, beyond, by, down, for, in, inside, near, off, on, opposite, over, outside, past, round, since, through, throughout, to, under, underneath, up, within, without. Бояд қайд кард, ки дар ин ҷо калимаҳое ҳастанд, ки ҳам ба зарфҳои above, below, down, near, opposite ва ғайра, ҳам ба пешоянҳои between, to, for ва ғайра, ва инчунин ба пешояндҳои over, under, on ва ғайра омоним мебошанд.

Забоншиноси хориҷӣ Г. Крём бар хилофи ақидаи Р.Кверк баромада, танҳо 16 воҳидро барои таҳлил чун тағйирдиҳандаи семантикӣ пешниҳод менамояд: about, across, around (round), at, by, down, for, in, off, on, out, over, though, to, up, with. Дар рӯйхати вожаҳои зикргардида олим пасвандҳои “up” ва “out”- ро ҷудо намуда, ба тобишҳои маъноии гуногун ва бойи онҳо ишора менамояд.

И.Е. Аничков дар рисолаи номзадии худ пасояндҳоро аз лиҳози кам ё зиёд истифодашавиашон таҳқиқ менамояд: up, out, off, down, away, in, on, about, together, over, back, along, forward, through, round, forth, past, home, aside, across, by, to, apart, ahead, abroad, behind, asunder, under, after [2, с.219].

И.А. Сизова аз рӯйхати объекти тадқиқот таркибҳои феълиро бо қисмати дуюм, ки бо зарфи away, back мувофиқ меоянд хориҷ менамояд, зеро мувофиқи он пасоянд воҳиди забониест, ки бо пешоянд ва пешванд омоним мебошад: about, above, across, after, along, around, before, behind, between, by, down, in, off, on, out, over, round, through, under, up [15, с.29].

И.В. Арнолд як қатор феълҳои содаи пайдоиши германидоштаи якҳиҷогиеро, ки бо қисматҳои зарфӣ тавъам мепазиранд, ҷудо менамояд: about, across, along, around, away, back, by, down, forth, in, off, on, out, over, round, past, through, to, under, up [3, с.144-145].

Дар навбати худ М.П. Ивашкин ду гурӯҳи ҷузъҳоеро, ки ба сифати қисмати дуюми таркибҳои феълӣ - зарфӣ истифода шуда метавонанд, ҷудо менамояд:

1) ҷузъҳои музофотии майдони васеи хусусияти ҳолидоштаи хабари феълие, ки доираи гузаришро аз зарф ба пешоянд ташкил менамояд: about, across, along, around, behind, by, down, in, off, on, out, over, past, round, through, under, up;

2) калимаҳои зарфӣ: ahead, apart, aside, asunder, away, back, forth, forward, together [8, с.9-10].

Таҳлили ақидаҳои мавҷуда доир ба хусусиятҳои таъампазирии феълҳо бо пасояндҳо нишон медиҳанд, ки вазифаи асосии таркибҳои омӯхташаванда, ин ишора ба «самти ҳаракат» ва «мавқеъ дар фазо» мебошад, ки тавассути он метавон онҳоро «пасояндҳо» ё «тағйирдиҳандаҳои семантикӣ» - и феълҳои ҳаракат номид.

Муқарриз: ***Ибрагимова Р.*** – номзади илмҳои филологӣ,

А Д А Б И Ё Т

1. Амосова, Н.Н. Основы английской фразеологии / Н.Н. Амосова. - Л.: Изд-во ЛГУ, 1963. - 208 с.
2. Аничков, И.Е. Английские адвербиальные послелоги: дис. д-ра филол. наук / И. Е. Аничков. - М., 1947. - 342 с.
3. Арнольд, И.В. Семантика. Стилистика. Интертекстуальность / И.В. Арнольд - СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та, 1999. - 140 с.
4. Баханская, Т.А. Развитие подсистем английских префиксальных глаголов и глагольно-наречных сочетаний типа overcome - come over: дис. канд. филол. наук / Т.А. Баханская. - Нижний Новгород, 2001. - 183 с.
5. Берлизон, С.Б. Глагольно-наречные сочетания и их роль в обогащении словарного состава современного английского языка: автореф. дис. канд. филол. наук / С.Б. Берлизон. - М., 1954. - 16 с.
6. Жлуктенко, Ю.А. Постпозитивные глагольные приставки в современном английском языке: дис. канд. филол. наук / Ю.А Жлуктенко. - М., 1953. - 326 с.
7. Ильиш Б.А. Современный английский язык / Б.А. Ильиш. - М., 1948. – 347 с.
8. Ивашкин, М.П. Синтаксическое и словообразовательное функционирование глагольно-наречных сочетаний типа get up, stand down: автореф. дис. канд. филол. наук / М.П. Ивашкин. - Горький, 1973. - 24 с.
9. Кубрякова, Е.С. Номинативный аспект речевой деятельности / Е.С. Кубрякова; отв. ред. Б.А. Серебренников; АН СССР, Ин-т языкознания. – Москва: Наука, 1986. – 158 с.
10. Кунин, А.В. Курс фразеологии современного английского языка / А.В. Кунин. – М.: Высш. шк., 1986. – 396 с.
11. Смирницкий, А.И. Об особенностях обозначения явления направленного движения в отдельных языках / А.И. Смирницкий // Иностр. яз. в школе. - 1953. - № 2. - С. 3-12.
12. Философский энциклопедический словарь / гл. ред.: Л. Ф. Ильичев [и др.]. - М. : Сов. энцикл., 1983. – 840 с. (ФЭС)
13. Шаплюк, Н.В. Системные характеристики английских фразовых глаголов (проблемы классификации) / Н.В. Шаплюк // Когнитивные аспекты изучения язы-ковых явлений в германских языках. - Изд-во «Самарский университет», 2000. - С.121-131.
14. Яцкович, И.А. Когнитивный аспект словарного перевода английских фразовых глаголов: дисс. канд. филол. наук / И.А. Яцкович. - Уфа, 2000. - 134 с.
15. Hornby A. Oxford Advanced Learner's Dictionary / A.Hornby. - Oxford University press, 1989. – 1578 p.
16. Longman Dictionary of English Language and Culture. – London.
17. Dickens Ch. American Notes / Ch.Dickens. - M.: Foreign languages publishing house, 1950. – 256 p.

РОҶЕЪ БА МАВҚЕЪ ВА ВАЗИФАҲОИ ФЕЪЛҲОИ ИБОРАШАКЛ ВА ҚИСМАТҲОИ ТАРКИБИИ ОН

Дар мақолаи мазкур мавқеъ ва вазифаҳои феълҳои иборашакл ва қисматҳои таркибии он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд гардидааст, ки феълҳои иборашаклро метавон бо феълҳои сода, ибора ва идеомаҳо иваз намуд. Таҳлили мисолҳои забони англисӣ бо феълҳои иборашакл ва дарёфти муодилҳои онҳо дар забони тоҷикӣ нишон додааст, ки дар забони англисӣ феълҳои иборашакл аз ду ё се ҷузъ таркиб ёфта, он баъди мубтадои ҷумла маскан мегирад. Дар забони тоҷикӣ бошад, онҳо бо як, ду, се ё чор ҷузъ тарҷума шуда, чун хабар дар охири ҷумла қарор мегиранд. Нишон дода шудааст, ки феълҳои ҳаракат бо пасояндҳои up, down, in, out, about, around, backforth, ahead, off, away, ки барои ифодаи муносибатҳои маконӣ хизмат мекунанд.

Калидвожаҳо: онтология, таркиб, флексия, синтетикӣ, тавъамҳо, постпозитивҳо, фразавӣ, идеоматикӣ, адвербиалӣ.

О ПОЗИЦИЯХ И ФУНКЦИЯХ ФРАЗОВЫХ ГЛАГОЛОВ И ИХ СТРУКТУРНЫХ КОМПОНЕНТОВ

В данной статье автор рассматривает вопросы о положении и задачах фразовых глаголов. Отмечается, что особенности фразовых глаголов заключаются в том, что их можно заменить простыми глаголами, словосочетаниями и идиомами. Анализ примеров на английском языке и их эквивалентов в таджикском языке показывает, что в английском языке фразовые глаголы в предложении ставятся после подлежащего. В таджикском языке они переводятся одним, двумя, тремя или четырьмя компонентами и сказуемое ставится в конце предложения. Доказано, что глаголы движения с окончаниями up, down, in, out, about, around, backforth, ahead, off, away, служат для обозначения пространственных отношений.

Ключевые слова: онтология, композиция, флекция, синтетический, сочетания, постпозитивы, фразовый, идеологический, наречный.

ON THE STATUS AND FUNCTIONS OF PHRASAL VERBS AND THEIR STRUCTURAL COMPONENTS

In this article, the author considered questions about the position and functions of the phrasal verbs. It was noted that the nature of phrasal verbs can be replaced with simple verbs, phrases and ideoms. Analysis of examples in English and their equivalents in Tajik shows that in English phrasal verbs are placed in the sentence after the subjects. In Tajik, they are translated into one, two, three or four components and are placed at the end of the sentence as a predicate. It is known that the verbs of motion with the endings up, down, in, out, about, around, backforth, ahead, off, away, serve to denote spatial relationships.

Key words: ontology, composition, inflection, synthetics, conjunctions, postpositive, phraseological, ideological, adverbial.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Юсупова Манзура Иброҳимҷоновна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё.Мавлонбеков, 1
Солиева Тахмина Насимҷоновна - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, омӯзгори кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё.Мавлонбеков, 1. E-mail: **salieva_1986@list.ru**

Сведение об авторах: ***Юсупова Манзура Ибрагимджоновна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры перевода и грамматики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1
Салиева Тахмина Насимджоновна - Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, преподаватель кафедры перевода и грамматики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **salieva_1986@list.ru**

Information about the authors: ***Yusupova Manzura Ibragimjonovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of the translation and English grammar. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1
Solieva Tahmina Nasimjonovna - Khujand State University named after academician B. Gafurov, teacher of the department of the translation and English grammar. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1. E-mail: **salieva_1986@list.ru**

УДК: 491.550

ВОЖАҲОИ АНТОНИМӢ ДАР «ЗАФАРНОМАИ ХУСРАВӢ»

Асоева Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Антонимҳо ҳамчун воситаи муассири баён барои равшан ифода кардани фикр ва таъмини балоғату фасоҳати сухан нақши муҳим мебозанд. Онҳо дар ҳолатҳои гуногуни нутқ, дар шаклҳои зиёде истифода шуда, бештар дар як матни алоқаманд (одатан дар як ҷумла) дучор мешаванд ва ба аломату хосият, амал ва ҳолатҳои мухталифи объекти муҳокимашаванда далолат мекунанд. Бо истифода аз калимаҳои зидмаъно эҷодкор аломату хосият ва ҳаракати инкоршавандаро баён карда, муносибати худро нисбат ба он нишон медиҳад. «Антонимия низ чун ҳодисаи полисемия ва синонимия тамоми сатҳҳои забонро дар бар мегирад ва аз ин рӯ, дар илми забон ба ҷуз антонимияи луғавӣ ё худ антонимҳо боз антонимияи фразеологӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва монанди инҳоро ҷудо кардаанд» [9, с.76].

Мутазодҳо ё антонимҳои луғавӣ аз ҳодисаҳои инкишофёфтаи забони тоҷикӣ ба шумор мераванд. Онҳо бо раванди ҳодисаҳои ба ҳам зидди табиат ва ҷамъият робитаи бевосита доранд ва инъикосгари қонунияти ягонагии олам ва муборизаи ба ҳам зидҳои паҳлуҳои мухталифи он буда, он тазодҳои олами воқеиро дар шакли воситаҳои ифоданоки луғавӣ акс мекунанд. «Аз ҳамин нуқтаи назар маъноҳои ба ҳам зидди калимаҳои гуногун ва ё маъноҳои ба ҳам зидди худи як калимаи ҷудогона мутазод ё антонимҳо номида мешаванд» [9, с.81-82]. Муносибати антонимии калимаҳо ва маъноҳои онҳо, пеш аз ҳама, ҳодисаи забонӣ аст. Дар маъноҳои ба ҳам зидди калимаҳо аломату хусусиятҳои мухталифи ашёҳо, ҳодисаҳо ва равандҳои гуногуни воқеӣ акс ёфтаанд. Аз ин лиҳоз, «дар навбати аввал калимаҳои ифодагари аломати ашёҳо: **ширин - талх, хуб - бад, ғафс - борик, аломати аломат: кам - беш, дур - наздик, зуд - оҳиста ва ҳаракат: рафтан - омадан, хестан - нишастан, додан - гирифтан** ва монанди инҳо бо ҳам антоним мешаванд. Гурӯҳҳои дигари калимаҳо дар сурате антоним мешаванд, ки ҳамин гуна аломату хусусиятҳои аз ҳам фарқкунандаи ба ҳам зидро соҳиб шаванд. Масалан, аз ҷумлаи калимаҳои ифодагари ашёҳо аз ҳамин гуна вожаҳо ба ҳам антоним мешаванд, ки баробари **ифодаи ҳодиса, воқеият ягон хосияти онҳоро** низ ифода карда тавонанд: **дӯст - душман, бой - камбағал, ҷанг - сулҳ, рушноӣ - торикӣ, суд - зиён…»** [9, с.82].

Ҷиҳати муҳимми дигари калимаҳои ба ҳам антоним сохти онҳост. Пеш аз ҳама, вожаҳои антонимӣ низ чун муродифот дар доираи як гурӯҳи луғавию грамматикии калимаҳо вуҷуд доранд. Ҳамчунин калимаҳои антонимӣ бо сохти сарфии худ низ бояд бо ҳам мувофиқ бошанд, яъне калимаҳои сода бо ҳамин гуна калимаҳои содаи дигар: **шаб - рӯз, мард - зан, куҳна - нав, чап - рост;** калимаҳои сохта бо калимаҳои дигари сохта: **пагоҳонӣ - бегоҳонӣ, шабона - рӯзона, тобистон - зимистон;** калимаҳои мураккаб бо ҳамин гуна калимаҳои мураккаб: **хурдсол - калонсол, гаравгир - гаравдеҳ, пешқадам - қафомонда** антоним мешаванд [4, с.44-50; 9, с.84]. Муҳаққиқон антонимҳоро ба ду гурӯҳ: а) **антонимҳои луғавӣ** ва б) **антонимҳои матнӣ** ҷудо намудаанд.

Антонимҳои луғавӣ бо маънои асосии луғавӣ ва бо аксарияти маъноҳои иловагиашон бо ҳам антоним мешаванд. Дар забони тоҷикӣ миқдори умумӣ ва гурӯҳҳои мавзӯии чунин антонимҳо хеле зиёданд. Мувофиқи таҳқиқи муҳаққиқони забоншинос паҳлуҳои мухталифи системаи маъноии забон дар сурати ҳодисаи мутазод ё антонимия (юн. anti-зид-onuma-ном) ниҳоят амиқ ифодаи ёфтааст. Дар асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» аз нигоҳи миқдор антонимҳо хеле фаровон корбаст гардида, сабаби серистеъмоливу фаровонии онҳо, беш аз ҳама, дар сари ҳар гуфтору рафтор дучор шудани табиати ҳастии олам аст, ки аксари муҳаққиқони забоншинос бар ҳамин ақидаанд [ниг.: 4; 9; 11]. Адиб ё шоир бо мақсадҳои гуногун аз ин воситаҳои муассир корбаст менамояд. Аз ин ҷиҳат шеъреро ё пораи мансуреро дучор шудан душвор аст, ки муқобилгузорӣ дар он набошад. Дар баробари синонимҳо антонимҳо низ аз ҷиҳати миқдор дар ин асари таърихии “Зафарномаи хусравӣ” хеле зиёданд. Муҳаққиқон низ сабаби серистеъмол будан ва дар гуфтору рафтор дучор гардидани антонимҳоро ба табиати ҳастии олам вобаста медонанд [9; 14; 11; 5]. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи рус Л.А. Новиков аст, ки гуфта:

«Шарҳи илмии муқобилгузориҳо аз асоси фалсафӣ ва мантиқии онҳо бармеояд» [9, с.89]. Аз ин воситаҳои муассирии тарзи баён, яъне антонимҳо нигоранда бо мақсадҳои гуногун истифода мебарад. Ҳарчанд муқобилгузорӣ дар назм ниҳоят зиёд истифода гардида, боиси таъсирбахш ва пуробурангу ҷолиб ифода ёфтани фикр мешавад, вале насри бадеӣ низ аз ин истисно нест, зеро зиндагӣ худ аз тазодҳо иборат аст ва тасвири ҳамин тазодҳо нависандаро водор менамояд, ки аз калимаҳои муқобилмаъно истифода барад. Зидмаъноӣ бештар хосси калимаҳои ифодакунандаи аломату хусусият мебошад, вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки танҳо сифату зарфҳо антоним мешуда бошанд [14, с.8], зеро калимаҳои ифодакунандаи амал ва ҳолатҳои мухталифи объект низ муносибати зидмаъноиро ифода карда метавонанд. Дар забони тоҷикӣ дар мавзуи антонимҳо муҳаққиқони алоҳида кор кардаанд [9, с.25-27], вале паҳлуҳои мухталифи ин воситаҳои муассири забон то ҳанӯз ба таври комил омӯхта нашудааст. Дар забоншиносии рус бошад, доир ба антонимҳо таҳқиқоти ҷудогона мавҷуд аст. Инчунин дар китобҳои дарсии мактабҳои олӣ низ вобаста ба калимаҳои зидмаъно андешаҳои амиқ баён карда шудааст [5, с.131, 9, с.24-31].

Баррасии антонимҳо дар асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» низ аз манфиат холӣ нахоҳад буд, зеро онҳо хусусиятҳои забонро инъикос кунанд ҳам, дар осори ҳар эҷодкор нишонаҳои фардиро соҳиб мешаванд. Ҳар нигоранда ё эҷодкор вобаста ба сатҳи ғунҷоиши тахайюли образофаринии худ ин ё он аломат ва хусусияту мафҳумро ба ҳам зид мегузорад. Аз ҷониби дигар, мафҳумҳое, ки ба ҳам зид гузошта мешаванд, бо объекти тасвир ва мавзую мундариҷаи ҳар асар вобастагии устувор доранд. Антонимҳо дар асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» бо шаклҳои мухталиф ва тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир мешаванд. Онҳо аксаран барои ифодаи тазоди бадеӣ хизмат карда, моҳияти тасвири предметро ба назари хонанда равшантар баён мекунанд. Масалан, дар мисолҳои зерин антонимҳои *ғалаба - шикаст, фирӯзиасос - муфсидин* бо ҳамин мақсад кор фармуда шудаанд: Ҳарчанд ки ҷидду ҷаҳди тамом ва сайъю кӯшиши молокалом намуданд, ин хаёли маҳоли фосид мувофиқи тараддуди он муфсидони бадниҳод суратпазир нагардид, билахир *лашкари* нусратасар *ғалаба намуда*, бисёре аз аъдоро аз пушти зин бар замин фурӯ афканданд. *Шикаст б*ар лашкари аъдо рӯйдод шуда ҳама ба якбор рӯ ба фирор ниҳода ба ҳазор тараддуд худҳоро ба даруни қалъаи Дизак кашида ҳисорӣ шуданд. Муборизони *фирӯзиасос* музаффар ва мансур бо ғаноими номаҳсур каси бисёре аз мерганони тӯфангандозро аз ҷамоати *муфсидин* ба даст оварда бо сарҳои мақтулон манзури назари анвари олӣ гардонида, ҷаноби олиро дуо намуданд. Дар он замон ҳасбулфармоиши **шоҳ**и комрон *фарошони* давлат дастгоҳи хаймаву хиргоҳ ва асосаи боргоҳи хусравониро ба як тирандоз роҳ дар баробари он ҳисор барпо намуда қарор гирифтанд [17, с.38].

Дар асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» инчунин як миқдор антонимҳо дар шакли таркибҳои ҷуфт ба кор бурда шудаанд, ки барои возеҳу равшантар ифода ёфтани мафҳум мусоидат мекунанд. Таркибҳои ҷуфти антонимии *зи даст рафта, зи кор монда* аз ҳамин қабиланд: Баъд аз он фармони қазо ҷараёни нифоз ёфт, ки *сарони сипоҳу сарҳангони ҳашаматогоҳ ҳар кадом бо тухоти худҳо садамоти ёсуни қалъагириро муҳайё намуда, омодаи ҳарбу қитол шаванд* [17, с.38]. Ҳасбул фармони олӣ мирони ӯнг аз ҷониби дасти рост ва мирони сул аз ҷониби дасти чап даври борӯи Дизакро тақсим намуда, мурҷалҳои муайян гирифта шинакҳо пахш карда, аз ҳар мурҷал арродаҳои тӯби қалъакӯбро дар баробари қалъа гузошта, саъю кӯшиш намуда чандон ҷидду ҷаҳд ба кор бурданд, ки аз садои *тӯпу тӯфанг* ва аз овози *кӯсу гурка замину замон, кӯҳу дашту биёбон* чун кӯраи симоб дар изтироб даромада буд. Даруниёнро *дуди ҳасрат* дар димоғ печида, *оташи бало* бар сари онҳо аз ҷониби само меборид [17, с.40]. Чун анҷоми вилояти Дизак маъа тавобеъ ва лаводики он бар вифқи дилхоҳ муяссар омад, он гоҳ аморатпаноҳи иёлатогоҳ Муҳаммад Ҳакимдодхоҳро бар он вало ҳокими билистиқлол намуда, аз он диёр ба фармони *султони соҳибиқтидор*, сародиқи иқболро *фаррошони чобукдасти некукор* бар уштурони бухтӣ бор карда, аз он сарзамин муроҷаъат фармуда, рӯ ба ҷониби макони муқаддас ниҳода равон гардиданд. Ва лашкари нусратэътибор дар рикоби амири бахтиёр маъан таваҷҷуҳ намуда, ба ду манзил, вилояти Самарқанди фирдавсмонандро мазриби автоди баландмақом сохтанд ва рӯзе чанд дар он улкои ҷаннатфарсои **руҳафзоӣ таваққуф фармуда**, баъд аз он роёти зафароёти муроҷаъатро ба ҷониби қуббатулислом Бухорои шариф афрошта, манзилу мароҳил *тай намуда,* ғубори мавкиби муборак – асари тӯтиёи

басари аҳолии мустақари сарири салтанат гардида, бо таҷаммул аз ҳад афзун ва бо шавкати аз қиёс берун, дохили фохираи Бухорои шариф шуда, дар некутарин ҳангом шаҳаншоҳи некуном ба Арки аъло ва ба пойтахти воло қарор гирифт [17, с.40]. Албатта, тазоди маъноӣ нисбат ба калимаҳои алоҳида дар антонимҳои ҷуфт барҷастатару таъсирбахштар ифода меёбад. Аз ин рӯ, ин гуна антонимҳо «ба зеҳни кас чуқуртар таъсир намуда, дар он тасаввуроти зиндаву барҷастаи предмети номбаршуда ва аломатҳои мухталифи онро ҳосил мекунад» [5, с.49]. Баъзан дар асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» таркибҳое вомехӯранд, ки ҳам ҷузъҳои асосӣ ва ҳам ҷузъҳои тобеашон антоним мебошанд: аз садои *тӯпу тӯфанг* ва аз овози *кӯсу гурка замину замон, кӯҳу дашту биёбон* чун кӯраи симоб дар изтироб даромада буд. Даруниёнро *дуди ҳасрат дар димоғ печида, оташи бало* бар сари онҳо аз ҷониби само меборид.

Масалан, дар ин мисолҳо таркибҳои *тӯпу тӯфанг, кӯсу гурка, замину замон, кӯҳу дашту биёбон, дуди ҳасрат, оташи бало* антоними матнӣ мебошанд, яъне дар ин ҳолат муқобилгузорӣ ҳам байни ҷузъҳои асосӣ ва ҳам байни ҷузъҳои тобеъ мушоҳида мешавад:

- Баъзан антонимҳо дар таркиби ибораи рехта дучор мешаванд, ки ин матлабро боз ҳам пуртаъсиртар ифода мекунад. Чунончи, дар ин ҷумла антонимҳои *«дуди ҳасрат дар димоғ печидан»*, *«оташи бало бар сар боридан»* корбаст шудаанд, ки дар боло мисолаш оварда шуд. Баъзан дар асар муқобилгузорӣ на ба воситаи мафҳумҳои ба ҳам зид, балки ба воситаи тасдиқу инкор сурат гирифтааст, яъне адиб барои ифодаи муқобилгузорӣ аз шаклҳои тасдиқиву инкории феъл васеъ истифода мебарад: Даруниёнро ***дуди ҳасрат*** *дар димоғ печида,* ***оташи бало*** *бар сари онҳо аз ҷониби само меборид.* Чун анҷоми вилояти Дизак маъа тавобеъ ва лаводики он бар вифқи дилхоҳ муяссар омад, он гоҳ аморатпаноҳи иёлатогоҳ Муҳаммад Ҳаким-додхоҳро бар он вало ҳокими билистиқлол намуда, аз он диёр ба фармони *султони соҳибиқтидор*, сародиқи иқболро *фаррошони чобукдасти некӯкор* бар уштурони бухтӣ бор карда аз он сарзамин муроҷаъат фармуда, рӯ ба ҷониби макони муқаддас ниҳода равон гардиданд [17, с.39]. Чун Муҳаммад Алихон аз элчиён ин гуна ҷавобҳо шунид, ***дуди ҳасрат дар димоғи ӯ печида*** рӯз ба рӯз ҳайрат дар ҳайрат афзудан гирифт, билахир элғори билоди Истаравшан ва элғори Ёму Зоминро дучанд намуда чанде аз сардорони номдорро, ки амсоли Гадойпарвончию Каримқулӣ Додхоҳ ва Абдулъалӣ эшикоқосиро ба илғорҳо саромад гумошт. Худи ӯ аз рӯйи ҳаросе, ки дар дил дошт, қасдан ва амдан пойи таҷаллуд аз мустақарри сарири салтанати худ берун наниҳод. Лоҷарам ба андак замон харачу марач ба ҳоли мамлакат овора ёфта, дар ***дашти*** Ёму Зомин ва дар кӯҳистони Мастчоҳ ва Қаротегин тазабзуб рӯ дод ва дар ҳудуди Урметан ва Истаравшан ва дар ***саҳрои*** накбатафзои Хосу Хавос то бар лаби дарё оташи бало боло гирифт ва ошӯбу фитна аз ҳад афзун интишор ёфт ва раоёи бечора дар кашокаши ташвишу парешонӣ мубтало гардиданд ва чаҳорподорони он сарҳад аз ватанҳои хеш дил канда ҷало ихтиёр намуданд [17, с.64]. Саҳро вожаи арабӣ (صحرا) буда, дорои маънои 1. дашти беобу алаф, биёбони бедолу дарахт, чӯл; 2. атрофи шаҳр, боғоти гирди шаҳр; замини киштро ифода мекунад. Дар матни боло ин вожа ба маънои дуюм омада, муқобили даштро ифода мекунад, яъне антоними матнӣ аст. Чун нишондиҳанда ё аломати ин вожа калимаи ***накбат*** дар паҳлуяш омадааст ва маънои бадбахтӣ, мусибат, сахтӣ; машаққат, ранҷро дорад, вожаи саҳро ба маънои якумаш, яъне дашти беобу алаф, биёбони бедолу дарахт, чӯл меояд.

Албатта, антонимҳо ва таркибҳои антонимӣ барои барҷаста ифода намудани фикр ва таъмини фасоҳату балоғати калом хизмат карда, одатан аз ду ҷузъ зиёд намешаванд. Хусусият ва вазъияту табиати антонимҳо ҳаминро тақозо мекунад. Ба ибораи дигар, калимаҳои муродиф ё ҳаммаъно ҳамчун тавсифҳои предметҳо ва ё чун амалу ҳодисаҳои тафсиршуда зоҳир мегарданд, аммо антонимҳо ё калимаҳои зидмаъно «чунин воҳидҳои лексикие мебошанд, ки аломату хосият ва ҳолату амалиётро фақат калимае инкор мекунаду халос» [7, с.101; 9, с.29].

Гурӯҳи дигари калимаву ифодаҳо танҳо вобаста ба мундариҷаи матн хусусияти зидмаъноӣ пайдо мекунанд. Масалан, вожаҳои *далерию пурдилӣ, маъруф - машҳур, даҳшат - ҳарос, зард-гулгун, дилхаста-ғамхор, дасти пиндор - хоки адбор, гуруру пиндор* аз *ҳадди қудрат - макнати худ берун наниҳад* ва монанди инҳо аз ҷиҳати луғавӣ антоним нестанд, аммо вобаста ба мазмуну мундариҷаи матн хусусияти зидмаъноӣ пайдо кардаанд: Азбаски *далерию пурдилии* шоҳзодаи некуасос байнаннос *маъруфу машҳур* буд аз ин ҷиҳат касе аз

сипоҳи Бухоро аз *даҳшату ҳарос* таоқуб намуда, мазоҳим нагардид [17, с.22]. Умарои давлат ва ҳавохоҳони ӯ аз сари *ҷаҳлу инод* пойи *манъу фасод* дар миён дароварда нагузоштанд ва *дасти пиндор* аз *хоки адбор* ба *чашмаи давлат валии неъмат* ва ба *чашми саодати худҳо* биянбоштанд [17, с.65]. Баъд аз оне, ки чун ин хабари ваҳшатасар ба самъи мубораки подшоҳи некусияр расид, филфавр аз рӯйи *газаб* ва *шиддате*, ки муставлӣ гардид ба арзи лашкар ва тартиби сипоҳ фармон дод. Аввалан, мартабаи гиромӣ муътамадуддавлатилъолӣ Отамурод эшикоқосӣ туркманро фармони олӣ шуд, ки маъа ҷамоати Баҳрайну Яктираи Манқития ҳама *ба як ватира дурустии худҳоро намуда* ба зудӣ дар садди суғури Дизак *мустаиди хидмат бошанд* [17, с.66]. Ва дигар бора дар таърихи санаи 1258 буд, ки раъйи мамлакат орои ҳазрати зиллуллоҳӣ иқтизо бар он фармуд, ки бори дигар *лашкари нусратасар* ба тарафи Фарғоназамин кашида Муҳаммад Алихонро аз нав *гӯшмолӣ бидиҳад*, ки дигарбора пойи *гуруру пиндор* аз *ҳадди қудрат* ва *макнати худ берун наниҳад* ва аз *ҳадди эътидолу эътизор* инҳироф наварзад пас бар ин нияти софи тавият подшоҳи боҳамият ва ҷунбиши лашкари зафар- пайкар фармон дод [17, с.66].

Ба ақидаи Б.Камолиддинов «…калимаҳо дар забони адабиёти бадеӣ назар ба услуби илмӣ озодона ва осонтар зидмаъно мешаванд. Сабаби ин маълум аст: дар матни асари бадеӣ калимаҳо бо тобишҳои нозуки бадеиашон бо ҳам наздик шуда, муқобили ҳамдигар меистанд. Дар ин бобат ҳам боз як хусусияти забони асарҳои бадеӣ зоҳир мегардад» [4, с.50]. Албатта, муқобилгузорӣ одатан дар асоси муқоиса сурат мегирад. Ба ибораи дигар, антонимҳо аксар вақт дар замини муқоиса ба вуҷуд меоянд. Дар адабиёти бадеӣ яке аз роҳҳои муқобилгузорӣ санъати тазод аст. «Дар тазод муқобилгузорӣ аз доираи калимаҳои ҷудогона баромада дар либоси бадеият сурат мегирад. Калимаву ифодаҳо илова ба маънои зидди ҳамдигар доштанашон бояд бо тобишҳои иловагии маъноӣ, бо обу ранги бадеии худ муқобили якдигар гузошта шуда бошанд» [4, с.50].

Антонимҳо дар осори ҳама гуна эҷодкор, аз ҷумла муаллифи ин асари таърихӣ хусусиятҳои луғавии забонро инъикос намуда, дорои нишонаҳои фардӣ мегарданд. Шоир аломат ва хусусияти мафҳумҳоеро, аз як ҷониб, ба ҳам зид мегузорад, ки дар тахайюли образофарандаи ӯ ҷойгузин шуда тавонад. Аз ҷониби дигар, калимаҳои ба ҳам зидгузошташаванда бо объекти тасвир, мавзуъ ва мундариҷаи шеър алоқамандии устувор доранд. Чунончи, зидгузории калимаҳои *рағбатан – карҳан, ҳиросат – муҳофазат, ҳалок-зинда, ҳабиб-рақиб* ба калимаҳои ифодагари объектҳои тасвири *шоҳ* ва амалҳои он алоқамандӣ доранд: Арзи ин доъӣ ба самъӣ ҳумоюни олӣ расида бод, чунончи ки Мирумархонро баъзе *рағбатан* ва баъзе *карҳан* бар тахти салтанат нишониданд ӯ аз ҷиҳати ҳамоқати ҷибиллӣ, ки бар табиати худ маркуз дошт, аз ин ҷиҳат аладдавом ба ҳамроҳии соқиёни гулфом лаб бар лаби ҷоми шароб мудом дошта, аз *ҳиросати* мулк ва аз *муҳофазати* аҳволи сипоҳ ва раоё ғофил монда ва аз камоли бебокие, ки дошт, аксари авқот ба афъоли шаниъ иқдом менамуд... [17, с.23].

Тавре мебинем, пояи ин ҷумлаҳои боло аз антонимҳо устувор гардидааст. Худи истеъмоли онҳо табиат ва хусусиятҳои ниҳоят гуногуни мутазодҳоро нишон медиҳад. Дар антонимҳои аслии *рағбатан – карҳан, ҳиросат-муҳофазат, ҳалок-зинда, ҳабиб-рақиб* зидгузории баробарқувва нест, балки он чун қонуни инкор зинаи пешрафт, беҳбудӣ ба назар мерасад, ки ин низ як хусусияти антонимҳо аст ва дар забони асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» зоҳир мегардад. Ҳамин гуна тарзи истифодаи антонимҳоро дар забони асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» дидан мумкин аст. Дар калимаҳои антонимии *шамъ-парвона, шаб-рӯз, шоҳ-сипоҳ, нусрат-маглуб* бошад, муқобилгузории замон исмҳои муҷаррад, конкрет ва бадалияти амал ба назар мерасад:

Дар забони асари *«Зафарномаи хусравӣ»* як қатор антонимҳои аслие [луғавӣ] истеъмол гардидаанд, ки тавассути якдигар нишонаҳову хусусиятҳояшон барҷаста мегарданд: ...дар аснои роҳ фавҷ-фавҷ аз сипоҳу хел-хел чун сел аз ҳар ҷониб расида ҷаноби олиро дуо карда ба дарёи лашкар мепайвастанд. Чун бад-ин минвол шоҳи баландиқбол мароҳил тай намуда аз музофоти Миёнколот гузашта ба сарҳадди Самарқанди фирдавсмонанд расид. Тамоми аёну калонони вилоят ба истиқболи амири некӯхисол баромада замини убудиятро ҷабҳасо гардида ҷаноби олиро дуо намуданд. Чун шоҳи вологуҳар дохили шаҳр гардид ба нузҳатфазои пойтахти Кӯктош нузули иҷлол арзонӣ фармуд. Ниёбатпаноҳ давлатдастгоҳ Иброҳимбӣ Додхоҳ, ҳокими Самарқанд зарру ҷавоҳири бешумор нисори қудуми майманатмалзуми ҷаноби шоҳи волоҷоҳ намуда, басе

туҳафу ҳадоёи муносиб пешкаш кашида ба рӯйи умаро ҷашни шоҳона тартиб дод. Ҳама умаро аз ин навъи такаллуфот ангушти таҳайюр ба дандони тафаккур газиданд ва тамоми ҳуккоми завилэҳтиром ва соири халоиқ аз ҳавосу авом аз атрофу акнофи мамолики маҳруса ҷамъ омада атнибаи хиёми интизом ва эҳтишом бар ҳасби тому маром дарҳам кашида аз фарри қудуми амири соҳибқирони зафарқарин басе тафохур менамуданд [17, с.40].

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи услубиёти забони асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» дар истеъмоли антонимҳои аслии *рағбатан – карҳан, ҳиросат – муҳофазат, ҳалок-зинда, ҳабиб-рақиб, дӯст-душман, рӯз-шаб, зар-гулгун, пир-ҷавон* ва монанди инҳо маҳсуб меёбад, ки ин антонимҳоро хеле моҳирона истифода бурда, вазъ ва ҳодисаҳоро хеле хуб баён менамояд. Як қатор антонимҳои муносибати замонӣ дошта, агарчи нишонаи аломат доранд, бештар ба исмҳо маҳсубанд. Дар онҳо инъикоси қонунҳои фалсафиро хеле барҷаста дидан мумкин аст: Алқисса баъд аз истимои ин сухан амири некуфол, сарони сипоҳ ва давлатхоҳони ҳашаматчоҳро талабида, дар ин боб маслиҳат ҷуст. Ҳуззори маҷлис ҳама замини убудият бӯсида арзи бандагӣ намуданд. Назм: *Ки мо зинда душмани шаҳ ба ҷоӣ, Биронем написандад инро Худоӣ. Ки аз шоҳ рояд барафрохтан, Зи мо бандагон ҷон фидо сохтан* [17, с.77].

Дар маҷмуъ, дар забони асари таърихии **«Зафарномаи хусравӣ»** вожаҳои зидмаънои луғавӣ фаровон корбаст гардида, барои ифодаи маҳфумҳои ба ҳам **муқобил** [шамъ-парвона, зулм-дод, душман-дӯст], **замон** [шаб-рӯз, пагоҳӣ-бегоҳӣ-шом-субҳ] ва монанди инҳо фаровон мавриди истифода ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Калимаҳои зидмаънои матнӣ. Калимаҳои зидмаънои матнӣ вожаҳое мебошанд, ки танҳо дар матн дорои хусусиятҳои муқобилмаъноӣ мебошанд. Албатта, ифода ё истифодаи антонимҳои матнӣ дар ин ё он асари манзум аз рӯйи зарурат ва барои пурраву комил тасвир намудани ҳолат, вазъ ва ҳодисаҳои пешомада корбаст мегарданд. Муқобилгузориҳои зиёде дар забони асари таърихии **«Зафарномаи хусравӣ»** ба назар мерасанд, ки якбора арзи ҳастӣ намекунанд, балки яке ба оҳистагӣ ҷойи дигареро мегирад. Инро дар мисоли антонимҳои фардӣ ё матнӣ дидан мумкин аст: Чун қурғони Зоминро забти наск намуда, хотирҷамъ гардиданд ***як шаб*** дар он ҷо хоб карда, алассабоҳи ***рӯзи дигар*** фармони қазо ҷараён ба нифоз пайваст, ки ниёбатогоҳ Иброҳимбӣ Додхоҳ маъа мирони манғилоӣ мутаваҷҷеҳи ҷониби Уротеппа гардида, пешхонаи лашкари мансурро кашида, ба мавзеи Савод расида, ба ҷойи дилхоҳ лашкаргоҳ карда, фуруз оянд [17, с.76]. Рӯзи сешанбе пагоҳи ***рӯз*** аз он ҷо ба фарру иқбол кӯч карда, рӯйи ҷалодат ба савби Уротеппа ниҳода, чун дарёи нопайдо канор, ҷӯшон ва хурӯшон, кӯсу куркаи занон роҳи шуданд ва аз ***ибтидои*** маймана то ***интиҳои*** майсара як фарсанг роҳ ба зери суми марокиб якбора паймуда мегардид. Аз вақти Абдуллоҷон то ба замони ин шоҳи олишон чашми даврон инчунин сипоҳи бекарон надида буд. Пас *аъломи давлат* барафрохта ва *асбоби ҷангу ҷидол* омода сохта, *фавҷ-фавҷ* ба чандин *авҷ* равон гардиданд [17, с.78].

Ҳамин тариқ, калимаҳои зидмаъно дар асари таърихии **«Зафарномаи хусравӣ»** нақши муассире доранд ва забони асарро хонданбобу равон ва ҷозибу дилкаш гардондаанд: … хотирҷамъӣ рӯйдод шуда *саҳиру кабир ва барною пир* ба шукргузории эзидӣ машғул гардиданд [17, с.15].

Агар ин калимаву таркибҳои антонимӣ берун аз матн низ хусусияти зидмаъноии худро нигоҳ доранд, гурӯҳи дигари калимаву ифодаҳо чунин хусусиятро дар нутқ вобаста ба мундариҷаи матн зоҳир менамоянд. Дар ин бобат андешаву мулоҳизаҳои забоншинос Б. Камолиддиновро овардан айни муддаост: «Пай бурдан душвор нест, ки калимаҳо дар забони адабиёти бадеӣ назар ба услуби илмӣ озодона ва осонтар зидмаъно мешаванд. Сабаби ин маълум аст: дар матни асари бадеӣ калимаҳо бо тобишҳои нозуки баёнашон ба ҳам наздик шуда, муқобили ҳамдигар меистанд. Дар ин бобат ҳам боз як хусусияти забони асарҳои бадеӣ зоҳир мегардад» [4, с.50].

Маълум аст, ки антонимҳо қариб ҳама вақт дар муқоиса асос меёбанд ва ин муқоиса дар заминаи муқобилгузорӣ сурат мегирад. Ин ҳодисаро забоншиносон ба санъати тазод сахт алоқаманд медонанд. «Дар тазод муқобилгузорӣ аз доираи калимаҳои ҷудогона баромада, дар либоси бадеиёт сурат мегирад. Калимаву ифодаҳои илова ба маънои зидди ҳамдигар доштанашон бояд бо тобишҳои иловагии маъноӣ, бо обуранги бадеии худ муқобили якдигар гузошта шуда бошанд» [4, с.50].

Дар асари таърихии **«Зафарномаи хусравӣ»** ҳамин муқобилгузорӣ бо калимаҳои антонимӣ хеле зиёд ба назар мерасанд: «Дар ифодаи равшании фикр ва балоғату фасоҳату суханантонимҳои ба ҳайси воситаи муассири баён кор фармудашаванда мақоми махсус доранд. Онҳо аломат, хосият, амал ва ҳолатҳои мухталифи объекти мавриди муҳокимаро нишон дода, дар вазъиятҳои гуногуни нутқ ва дар шаклҳои зиёде истифода мешаванд ва бештар дар як матни алоқаманд [як мисраъ ё як байт] дучор мегарданд. Ин ба табиати калимаҳои зидмаъно зич алоқаманд аст, зеро эҷодкор аломату хосият ва амалу ҳаракати инкоршавандаро фавран изҳор карда, ба ин восита муносибати худро нисбат ба он нишон медиҳад» [5, с.100].

Муаллифи асари таърихии **«Зафарномаи хусравӣ»** дар истифодаи калимаҳои зидмаъно, яъне антонимҳо, дасти тавоно дорад. Ӯ на танҳо калимаҳои маъмули зидмаъноро истифода мебарад, на фақат мафҳумҳои муқобилмаъноро корсозӣ мекунад, балки дар асар калимаҳои ба ҳам тазод ва муқобилгузориро ҳатто дар пораҳои мукаммали матни насрӣ хеле фаровон меоварад, ки хеле ҷолибанд.

Антонимҳо дар асари таърихии **«Зафарномаи хусравӣ»** бо шаклҳои гуногун ва ҷилваҳои мухталифи маъноӣ намудор мешаванд. Аксаран барои ба даст овардани зиддияти хеле равшани бадеӣ хизмат карда, дар натиҷаи ифодаи акси ҳодиса моҳияти предмети тасвирро ба назари хонанда равшантар ҷилвагар сохтаанд: Баъд аз истихфофи ҳодисот саросари офот бар атрофу акнофи вилоёт як хотирҷамъӣ рӯйдод шуда, *саҳиру кабир ва барною пир* ба шукргузории эзидӣ машғул гардиданд [17, с.16].

Ҳамин тариқ, дар забони асари таърихии **«Зафарномаи хусравӣ»** антонимҳо хеле фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд ва мазмуни асарро ҷолибу рангин гардонидаанд, зеро дар осори бадеӣ тавассути муқобилгузорӣ бо воситаи вожаҳои антонимӣ пастиву баландии зиндагӣ ва нокомиву комёбӣ дар он, дурнамоиву кӯтоҳандешӣ дар фаъолияти корӣ, доноиву ҷоҳилӣ, хоксориву масрурии одамон дар байни аҳли ҷомеа, талхиву ширинӣ ва монанди инҳо барин фазилату хислатҳои инсонӣ инъикоси худро меёбад.

Муқарриз: ***Кабиров Ш.*** – профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Куллиёт, Ҷ. 12 / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 770 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. – Д.: Дониш, 1985. – 356 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби 1. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе: Маориф, 1973. – 464 с.
4. Камолиддинов Б. Забон ва услуби ҳикояҳои Ҳ.Карим / Б.Камолиддинов. - Душанбе, 1967. – 190 с.
5. Каримов Ш. Каримов, Ш. Семантикаи воҳидҳои луғавии ғазалиёти Ҳофиз / Ш. Каримов. – Душанбе, 1993. – 146 с.
6. Луғати русӣ-тоҷикӣ. Зери таҳрири М. С.Осимӣ. – М., 1985. – 890 с.
7. Маъсумӣ, Н.Забон ва услуби Аҳмади Дониш / Н.Масъумӣ. – Душанбе, 1976. – 196 с.
8. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2 / Н. Масъумӣ. – Душанбе: Адиб, 2005. – 456 с.
9. Маҷидов Ҳ.Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ.Ҷ.1 / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 240 с.
10. Мирзоев А.М. Забони адабиёти классикӣ ва муносибати он ба забони ҳозираи тоҷик / А.М. Мирзоев // Шарқи Сурх, 1949. - №4. – С.7–14.
11. Муҳаммадиев М. Лексикаи забони адабии тоҷик / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1967. – С.56-60.
12. Сабзаев С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С.М. Сабзаев. – Душанбе: Маориф, 1991. – 80 с.
13. Словарь иностранных слов. – М., Наука, 1989. – 980 с.
14. Талбакова Ҳ. Луғати антонимҳои забони адабии тоҷикӣ / Ҳ.Талбакова. – Душанбе, 2012. – 190 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – М.: СЭ, 1969. – Ҷ.1. – 951 с.; Ҷ.2. – 948 с.
16. Ҳомидов Д. Забони тоҷикӣ ва номшиносӣ / Д. Ҳомидов. – Душанбе: ДМТ – Сино, 2018. – 164 с.
17. Зафарномаи хусравӣ. – Хуҷанд, 2010. – 180 с.

ВОЖАҲОИ АНТОНИМӢ ДАР АСАРИ «ЗАФАРНОМАИ ХУСРАВӢ»

Дар мақолаи мазкур сухан аз бобати роҳҳои ифодаёбии вожаҳои антонимӣ дар асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» меравад. Муаллифи мақола дар асари номбурда чӣ гуна ифода ёфтани вожаҳои антонимиро бо далелҳои аҷиб такя ба гуфтаҳои муҳаққиқон карда, нишон додаанд ва дар ин бобат мисолҳои зиёд аз асар оварда таҳлил кардаанд. Маълум мегардад, ки антонимҳо ҳамчун воситаи муассири баён барои равшан ифода кардани фикр ва таъмини балоғату фасоҳати сухан нақши калон дошта, онҳо дар ҳолатҳои гуногуни нутқ, дар шаклҳои зиёде истифода шуда, бештар дар як матни алоқаманд (одатан дар як ҷумла) дучор мешаванд ва ба аломату хосият, амал ва ҳолатҳои мухталифи объекти муҳокимашаванда далолат мекунанд. Бо истифода аз калимаҳои зидмаъно эҷодкор аломату хосият ва ҳаракати инкоршавандаро баён карда, муносибати худро нисбат ба он нишон медиҳад. Антонимия низ чун ҳодисаи полисемия ва синонимия тамоми сатҳҳои забонро дар бар мегирад ва аз ин рӯ, дар илми забон ба ҷуз антонимияи луғавӣ ё худ антонимҳо боз антонимияи фразеологӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва монанди

инҳоро чудо кардаанд, ки дар асари мавриди таҳқиқ ин навъҳои антонимҳо пайдо нагардидаанд. Ҳамчунин дар мақола қайд мегардад, ки антонимҳои луғавӣ аз ҳодисаҳои инкишофёфтаи забони тоҷикӣ ба шумор мераванд. Онҳо бо раванди ҳодисаҳои ба ҳам зидди табиат ва ҷамъият робитаи бевосита доранд ва инъикосгари қонунияти ягонагии олам ва муборизаи ба ҳам зидҳои паҳлуҳои мухталифи он буда, он тазодҳои олами воқеиро дар шакли воситаҳои ифоданоки луғавӣ акс мекунанд. Муносибати антонимии калимаҳо ва маъноҳои онҳо, пеш аз ҳама, ҳодисаи забонӣ аст. Дар маъноҳои ба ҳам зидди калимаҳо аломату хусусиятҳои мухталифи ашёҳо, ҳодисаҳо ва равандҳои гуногуни воқеӣ акс ёфтаанд.

Калидвожаҳо: зидмаъно, вожаҳои антонимӣ, муқобилгузорӣ, таззод, забон, ҳодисаҳои ба ҳам зид, ҳолатҳо, гурӯҳбандӣ, луғатҳо, тафсирӣ, истилоҳ, забоншиносӣ, моддӣ, маънавӣ, таркиби луғавӣ, забони тоҷикӣ.

АНТОНИМНЫЕ СЛОВА В ПРОИЗВЕДЕНИИ "ЗАФАРНАМЕ ХУСРАВИ"

В данной статье рассматриваются способы выражения антонимов в историческом произведении «Зафарнаме Хусрави». Автор статьи показал, как выражение антонимов в данном произведении основано на интересных фактах, основанных на утверждениях исследователей, и проанализироваи множество примеров из данного произведения. Выясняется, что антонимы играют важную роль как эффективное средство выражения и обеспечения красноречия признаков, свойств, действий и обстоятельств обсуждаемого объекта. Используя противоречивые слова, творец выражает признаки и свойства, а также отрицательное движение и выражает свое отношение к нему. Антонимия, как и явление полисемии и синонимии, охватывает все уровни языка, и поэтому в языкознании, помимо лексических антонимов или самих антонимов, существуют фразеологические, морфологические, синтаксические и им подобные антонимы, которые изучаются в данном исследовании. В статье также отмечается, что лексические антонимы являются одним из наиболее развитых явлений таджикского языка. Они имеют непосредственное отношение к процессу событий, противоречащих природе и обществу, и отражают правомерность единства мира и борьбы с различными его сторонами, а в форме лексических выражений отражают противоречия реального мира. Антонимические отношения слов и их значений — это, прежде всего, языковое явление. В противопоставлении значений отражаются разные признаки и характеристики предметов, событий и разных реальностей.

Ключевые слова: антонимы, антонимные слова, противопоставление, противоречия, язык, противоречивые события, ситуации, классификация, словари, комментарии, терминология, языкознание, материальный, духовный, лексический состав, таджикский язык.

ANTONYMAL WORDS IN "ZAFARNAME KHUSRAVI"

This article discusses the ways of expressing antonyms in the historical work "Zafarname Khusravi". The author of the article showed how the expression of antonyms in this work is based on interesting facts based on the statements of researchers, and analyzed many examples from this work. It turns out that antonyms play an important role as an effective means of expressing and providing eloquence for the features, properties, actions and circumstances of the object under discussion. Using contradictory words, the creator expresses signs and properties, as well as negative movement and expresses his attitude towards it. Antonymy, as well as the phenomenon of polysemy and synonymy, covers all levels of the language, and therefore in linguistics, in addition to lexical antonyms or antonyms themselves, there are phraseological, morphological, syntactic and similar antonyms that are studied in this study. The article also notes that lexical antonyms are one of the most developed phenomena of the Tajik language. They are directly related to the process of events that contradict nature and society, and reflect the legitimacy of the unity of the world and the struggle with its various sides, and in the form of lexical expressions they reflect the contradictions of the real world. Antonymic relations of words and their meanings are, first of all, a linguistic phenomenon. The opposition of meanings reflects different signs and characteristics of objects, events and different realities.

Key words: antonyms, antonymous words, opposition, contradictions, language, contradictory events, situations, classification, dictionaries, comments, terminology, linguistics, material, spiritual, lexical composition, Tajik language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Асоева Бунафша*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 918-75-14-77**

Сведение об авторе: ***Асоева Бунафша*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 918-75-14-77**

Information about the author: ***Asoeva Bunafsha*** - Tajik National University, applicant for the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 918-75-14-77**

УДК: 491.550:43

ПЕШОЯНДҲОИ СОДАИ НОМИИ ИЗОФӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Абӯбакров Ш.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар даврони қадим забони форсӣ-тоҷикӣ аз рӯйи сохти грамматикии худ ба забони флективӣ дохил мешуд, яъне ба воситаи таркибҳои дохилӣ калимаҳо ба худ маъноҳои нав мегирифтанд. Дар давраи қадимии забони форсӣ-тоҷикӣ пешояндҳо ҳамроҳ бо намудҳои падежии ҳиссаҳои номии нутқ кор фармуда мешуданд. Аммо дар давраи миёнаи инкишофи забони тоҷикӣ намудҳои флективӣ тадриҷан ба намудҳои шакли таҳлилӣ-муқоисавӣ иваз мешаванд, яъне рафтори байни калимаҳо ба воситаи унсурҳои ёрирасон ба амал бароварда мешавад.

Пешоянд дар забонҳои муқоисашаванда (тоҷикӣ-немисӣ) калимаҳои ёрирасон буда, якҷо бо исм ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои нутқ омада, муносибати онҳоро бо дигар калимаҳо ифода мекунад. Пешояндҳо дар ҷумла ва ибора муносибатҳои масоҳат, замон, сабабу мақсад, соҳибияту тарзро нишон медиҳанд.

Забоншиносони рус Л.Р. Зиндер ва Т.В. Строева тасдиқ менамоянд, ки «пешоянд ҳиссаи ёрирасони нутқ таъриф шуда, муносибати байни калима ва ҷумлаҳоро маънидод мекунад» [8, с.98]. Аз рӯйи ақидаи В.Н. Съедин «пешоянд ин нишонаи забон, яъне муносибати амиқи ашё (шахс) бо дигар нишонаҳои боқимондаи забон мебошад» [14, с.6].

Пешояндҳои забони тоҷикӣ инчунин возеҳу равшан дар грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (Г.З.А.Ҳ.Т. - Қ.1, 1985, 285-305) шарҳ дода шудааст.

Ба андешаи Б.Ниёзмуҳаммадов ва Л. Бузургзода «вазифаи пешояндҳо хело мураккаб, қисми зиёди онҳо истифодаи дутарафа дошта, якдигарро иваз мекунанд» [7, с.60].

Аз замонҳои пеш омӯзиш ва татқиқоти пешояндҳо дар зери назари забоншиносон қарор гирифтааст. Пешояндро калимаи хизматрасон низ меноманд. Яъне, муносибати исм ё ҷонишинро бо дигар калимаҳо нишон медиҳад. Дар забони адабии муосири тоҷик айни замон ҳар як пешоянд ҷиҳати сохторӣ - семантикии худро дорад [1, с.33].

Таърихи таҳқиқи вижагиҳои сарфию наҳвии забони тоҷикӣ дар асоси маводи гуногун хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Махсус пешояндҳои номии забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забонҳои дигар то ҳанӯз таҳқиқ нагардидаанд. Тибқи мушоҳидаи мо аксари ин муҳаққиқон ба анъанаи забоншиносии рус такя намуда, ба таърихи забоншиносии мо кам эътибор додаанд.

Маънои луғавӣ хусусан дар пешояндҳои номии таркибӣ (дар вақти, баъд аз, то ҳангоми, аз болои, дар пушти, дар рафти ва ғайра) ва пешояндҳои номии сода (вақти, ҳангоми, дами ва ғайра) равшантар ҳис карда мешаванд. Инро аз шарҳи этимологии гурӯҳи якум ва аз гум кардани алоқаи фонетикии гурӯҳи дуюм бо он калимаҳое, ки аз онҳо пайдо шуда буданд, фаҳмидан душвор нест. Бинобар ин, муайян намудани маънои луғавии пешояндҳои қадима (яъне аслӣ) нисбат ба пешояндҳое, ки баъдтар ба вуҷуд омадаанд (яъне пешояндҳои номӣ) душвортар аст. Чунончи, агар дар забонҳои немисӣ ва русӣ дар алоқаи ба ном вобастагӣ калимаи асосӣ ва ё хабар бо ҷузъи тобеъ ва ё пуркунанда ба воситаи флексияи падежӣ ва ё падеж бо пешоянд якҷоя пайваст шавад, пас дар забони тоҷикӣ ба ҷуз пешоянд дигар унсури пайвасткунанда дида намешавад.

Дар миёни муҳаққиқон Хоҷаев Д. аз аввалин забоншиносон аст, ки ба вижагиҳои сарфию наҳвии забон аз диди афкори донишмандони гузаштаи мо нигаристааст ва то ҳадди имкон осори забоншиносии гузаштаи моро аз нав эҳё намуда, манзури ҳаводорони забони тоҷикӣ гардонидааст.

Солҳои охир таҳлил дар асоси маводи гуногуни таҳқиқ ва муқоиса зиёдтар ба назар мерасад. Таҳқиқи хеле муфассал дар ин бобат аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ Н.Ф. Раҷабов рӯйи кор омадааст. Ӯ дар кори илмии худ вижагии пешояндҳо ва муқоисаи онҳоро бо забони олмонӣ баррасӣ намудааст. Таҳқиқи Н.Ф. Раҷабов умуман ба мавзуи пешояндҳо бахшида шудааст.

Пешояндҳои содаи номии изофӣ дар забонҳои муқоисашаванда (тоҷикӣ- немисӣ) калимаҳои ёрирасон буда, якҷо бо исм, ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои нутқ омада,

муносибати онҳоро бо дигар калимаҳо ифода мекунанд. Пешояндҳо дар ҷумла ва ибора муносибатҳои масоҳат, замон, сабабу мақсад, соҳибияту тарзро нишон медиҳанд.

Пешояндҳои содаи номии изофӣ ҳиссаи ёрирасони нутқ буда, муносибати калимаҳои аҳамиятнок (муҳим)- ро бо дигар калимаҳо ҳангоми калимасозӣ ба расмият медарорад ва онҳо бештар муносибати исмҳои муайянро ифода мекунанд [Шведова 1980, 106с.]. Дар ин масъала забоншиносон Б.Н. Аксененко1956; Р.Л. Неменова 1954; Э.С. Улуғзода 1959; В.Н. Съедин 1963; М.Б. Ҳусейнов 1969; А.Е. Кибрик 1970; Ҷ. Лич 1970; М.Ф. Исматуллоев 1971; А.Р. Камолова 1971; Л.А. Черезова 1974; Д. Беннет 1975; Б. Визе 1994; К. Ванделауз 1994; С. Гэррод, А. Сэнфорд 1989; А. Герсковиц 1985; Р. Джеккендофф, Б. Ландау 1991; Р. Дирвен 1993; Х.Б. Эромс 1981; В.З. Златкин 1974; Ҷ. Миллер 1985; Т.Н. Маляр 2001; О.Н. Селиверстова 1998; Л. Талми 1983; И.В. Баринова 1999; Г.С. Бурҳонов 2006; Ю.Н. Хоружая 2007 ва дигарон сару кор гирифтаанд. Пешояндҳои забони тоҷикӣ ҳамчун шохаи муайяни илм аз ҷониби муҳаққиқон (Бозидов, 1976; Камолова, 1971; Неменова, 1956; Расторгуев, 1954; Смирнова 1958) ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

С.Улуғзода қайд намудааст: «намудҳои гуногуни калимасозӣ ин ба махсусият ва сохти ҳамон ҳиссаи нутқ асос ёфтааст» [Улуғзода С., 1959. – С.3-14].

Ҳарчанд доир ба пешояндҳо ва корбурди онҳо корҳои илмӣ ба анҷом расида бошанд, аммо боз паҳлуҳои ба таҳқиқ ниёз доштаи онҳо ҳоло ҳам ба чашм мерасад. То ба ҳол корҳои илмӣ-татқиқотӣ дар ин самт идома дорад. Пештар дар илми забоншиносии забони олмонӣ пешоянд бо ибораҳои «Beziehungswort» ё «Verhältniswort» корбурд мешуд. Аммо дар ҳоли ҳозир, ки забон чун ҷисми зинда дар рушду тараққиёт аст, ин вожаҳо бо ибораи «Präposition» иваз карда шуданд. Истилоҳи немисии «Präposition» аз калимаи лотинии «praeposition» гирифта шуда, маънояш prae, praep - (перед) пеш оянд (истанд) мебошад. Қариб ҳама пешояндҳо дар забонҳои гуногун бо як маъно кор фармуда мешаванд. Вале дар асл дар самти муқоиса дар мисолҳои забони олмонӣ пешояндҳо дар ҳолати сохтани ҷумла бо роҳҳои гуногун истифода мегарданд. Масалан: пешояндҳои (тоҷ.) ***ба-*** (нем.) ***nach, zu, in die, in den*** (тоҷ.) ***аз-*** (нем.) ***aus, von, von der, von dem*** (тоҷ.) ***бо-*** (нем.) ***mit, mit dem, mit der*** (тоҷ.)***дар-***(нем.) ***in, in der, in dem, am, um*** (тоҷ.) то- (нем.) ***bis*** ва ғайра. Яъне, дар забони олмонӣ як пешоянд бо якчанд маъно вобаста ба маънои ҷумла истифода мешавад. Дар Олмон олимони равияи забоншиносӣ дар асрҳои IX-XX ба таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни илми забоншиносӣ машғул шуда буданд: JungW. 1994; Rolland M.Th. 1997; Wiese B.1994; SchröderJ.1987.

Дар байни калимаҳои ёвар пешоянд нақши муҳимро мебозад. Оид ба ин масъала Л.С. Пейсиков фикрашро чунин баён намудааст: «Вазифаи лексикии пешоянд аз онҳо баровардани моҳият мебошад. То андозае, ки пешоянд муносибати байни калимаҳоро ифода мекунад, вай дар ҳамон замон нақши ҳалқаи байни ҳиссаҳоро бозида наметавонад» [12, с.54].

Пешояндҳо дар забонҳои гуногун ба маъноҳои гуногуни хос истифода мешаванд. Дар охирҳои асри XX дар илми забоншиносии тоҷик ба пайдоиши пешояндҳои номӣ диққати махсус дода шуд. Муҳаққиқони имрӯза барои муайян кардани ҷой ва бароришипешояндҳо миёни дигар ҳиссаҳои нутқ кӯшиш карда истодаанд.

Аз нуқтаи назари Астафева пешояндҳо ба калимаҳои ёрирасон дохил мешаванд, сабаб он аст, ки онҳо одатан танҳо ба сифати аъзои мустақили ҷумла кор фармуда намешаванд [1, с.3].

Пешояндҳои забони тоҷикӣ аз оғози пайдоишашон ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд.

1. Пешояндҳои аслӣ
2. Пешояндҳои номӣ.

Пешояндҳои аслӣ, ки аз оғози пайдоиши илми забоншиносӣ пайдо шудаанд ҳамқадами илми забоншиносӣ мебошанд.

Пешояндҳои номӣ дертар ба вуҷуд омада, дар марҳилаи миёнаи илми забоншиносӣ тараққӣ кардааст. Айни ҳол пешояндҳои номӣ ба таври васеъ дар илми забоншиносӣ истифода мешаванд. Дар давраҳои гуногуни тараққиёти таърихии забоншиносӣ дар системаи пешояндҳо тағйиротҳои куллӣ ба амал омадаанд. Яке аз дигаргуниҳои асосӣ дар системаи пешояндҳо ин сермаъногии онҳо дар илми забоншиносӣ мебошад [4, с.286]. То ба ҳол пешояндҳои номӣ дар забоншиносӣ мавриди баҳсу таҳқиқ қарор гирифта, аз ҷиҳати

маъно бой, ғанӣ ва мукаммал гашта истодаанд. Пешояндҳои номии забони тоҷикӣ дар системаи грамматика ҷойгоҳ ва мавқеи намоёнро ишғол мекунанд. Дар системаи грамматикаи забони тоҷикӣ аз он сабаб пешояндҳои номӣ номгузорӣ шудаанд, ки калимаҳои номӣ маъно ва нишонаҳои асосии худро гум карда маънои нав қабул мекунанд ва ба гурӯҳи калимаҳои ёридиҳанда мегузаранд. Агар мо ба сарчашмаҳои илмӣ назар афканем, вожаи «номӣ» ба ду маъно дар маъхазҳо ба кор бурда мешавад: а) номӣ ба маънои номдор, овозадор, машҳур; б) номӣ - грамм. Мансуб ба ном (хоҳ ҷинс бошад ва хоҳ хос). Якчанд омилҳои пайдоиши пешояндҳои номӣ дар системаи забони тоҷикӣ мавҷуд аст:

1. Бархе калимаҳои номӣ ба вазифаи зарф истифода шуда, тадриҷан ба гурӯҳи калимаҳои ёрирасон мегузаранд.
2. Сермаъноӣ ва маънои маҷозӣ заминаи пайдоиши пешояндҳои номӣ мегардад.

Пешояндҳои номии забони тоҷикӣ аз рӯйи сохти морфологиашон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд.

1. Пешояндҳои номии изофии сода: **пеши, назди, рӯйи, болои, паси, ғайри, ҳангоми, вақти, паҳлуи.**
2. Пешояндҳои номии изофии таркибӣ: **ба пеши, аз пеши, дар назди, дар пеши, ба рӯйи, аз рӯйи, дар рӯйи, дар паси, аз паси, аз сари, ба лаби, ба пушти.**
3. Пешояндҳои номии изофии такрор: **лаб-лаби, пеш-пеши, рӯ-рӯйи, қад-қади, сар-сари, пеш-пеши, таг-таги, дарун-даруни, гирд-гирди.**
4. Пешояндҳои номии ғайри изофӣ: **пеш аз, пас аз, баъд аз, берун аз, назар ба, доир ба, роҷеъ ба.**

Пешояндҳои номӣ дар забони тоҷикӣ аслан калимаҳои мустақилмаъноянд. Аммо дар забони олмонӣ ҳамчун пешояндҳои умумӣ ё муштарак ифода меёбанд. Пешояндҳои номӣ мисли калимаҳои мустақил пасванд, бандакҷонишин ва баъзе хусусиятҳои забониро қабул мекунанд.

Дар саршумори миқдорӣ пешояндҳо нисбат ба пасояндҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик зиёданд. Ба гуреҳи пешояндҳои номӣ ҳамон калимаҳое дохил мешаванд, ки дар алоҳидагӣ маъно ва мафҳуми аниқ доранд ва ин вожаҳо бо пешояндҳои аслӣ ва бандаки изофӣ ҳамроҳ шуда, пеш аз исмҳо пешояндҳои номиро ташкил медиҳанд.

Ҳар як пешоянди номӣ аз рӯйи бароориш ва маъно бо худ синоним ва пешояндҳои зидмаъно (антоним)- ро қабул мекунанд. Дар асоси маъноҳои мухолиф доштанашон онҳо ҷуфт-ҷуфт истифода мешаванд.

Ҷадвали 1

Пешояндҳои номӣ	синоним	антоним
*пушт-**и***	*ақиб, паси, қафои, пайи, думболи*	*пеши*
*пеш-**и***	*ҳузури, назди, дар назди, наздики, қариби*	*пушти*
*миён-**и***	*байн, мобайн, дар мобайн*	*аввал* *охир*
*тул-**и***	*зарф, муддат, арз*	
*поён-**и***	*охир, анҷом, фуровард*	*боло,аввал*
*рӯй-**и***	*пеши, назди, ҳузури*	*таги*

Пешояндҳои номии изофии сода аз калимаҳои мустақилмаъно ва бандаки изофӣ ташкил ёфтаанд: пеши, паси, сари, пушти, лаби, тели, баробари, охири, поёни, байни, нисфи, болои, рӯйи, шароити, муҳити, сурати, ҳузури ва ғайра.

Дар забони тоҷикӣ инҳо бо пешояндҳои сода ва бо бандаки изофии «и» ҳамроҳ шуда пешояндҳои номии изофии содаро ташкил мекунанд.

Пеши - ифодакунандаи ашё ё шахс ба самти дақиқ, яъне дар пеши субъект ва объект мебошад.

Ба пеши - шахс. *Қорӣ- Ишкамба нонфурешро ҷег зада **ба пеши** худ оварда* [15, с.18] - *Kori- Ischkamba winkte ihn **hera**.* [2, с.15]. *…даст дароварда аз он ҷо як даста тоқиҳои дарун*

*ба дарун гузошташударо бароварда ва **дар пеши** назари Қорӣ – Ишкамба гузошта аз вай пурсид…* [15, с.21] - *und holte aus einem Verhangenen Regal einen Stapel Tjubetekas heraus. Er legte die Ware **vor** Kori- Ischkamba auf den Tisch und fragte* [2, с.19].

Ба пеши - ашё. *….ба ногоҳ дидам ки Қорӣ – Ишкамба ба сари декони як чинифуреш поҳои худро ба замин овезон карда бар лаби суфачаи **пеши** он декон нишастааст* [15, с.18] - *….stiess ich auf Kori –Ischkamba: er saß auf der Sufa **vor dem** Stand eines Porzellanhändlers und liess die Beine herabhängen* [2, с.14].

*Қорӣ – Ишкамба дар тимча **дар пеши** декони як тоқияфуреш рост истода аз вай* [15, с.21] - *Kori- Ischkamba blieb im «kleinen Basar» **vor einem** Tjubetekastand stehen* [2, с.18].

Дар мисолҳои дар боло ба таври муқоиса бо ду забон - тоҷикӣ ва олмонӣ овардашуда, монандӣ ва тағйирот, яъне гуногунӣ таҳлил карда мешавад. Дар ин мисолҳо пешоянди номии изофии таркибӣ ***ба пеши / дар пеши*** макони ё самти воқеъ гардидани амалро нишон медиҳад. Дар забони олмонӣ ҳангоми баргардон ё тарҷума бо як ё ду ҷумлаи сода ҷудо шуда, пешоянди умумии ***vor*** истифода шудааст. Ин пешоянд вобаста ба саволгузорӣ дар забони олмонӣ дар ду падеж тасриф мешавад. Яъне, баъд аз худ исм ё шахсро вобаста ба саволгузории падежҳо қабул мекунад. Wo?- дар куҷо? (тоҷ.) ***дар пеши*** *дӯкони як тоқифурӯш…* (нем.) ***vor einem*** *Tjubetekastand* (тоҷ.) ***дар пеши*** *назари Қорӣ – Ишкамба* (нем.) ***vor*** *Kori - Ischkamba.*

Пушти ҳам мустақилона ва ҳам бо пешояндҳои аслии **дар, ба, аз** кор фармуда мешавад.

Таҳқиқро тавассути методҳои контрастивӣ дар ду мисол шарҳ медиҳем:

ТП тоҷ. *пушти* – нем. *von hinten (аз қафо):* Ман танҳо ***пушти*** он одамро дида мондам ва чигунагии симою сураташро муайян карда натавонистам [1, с.13]. - Doch ich konnte den Mann mit dem Spitznamen nur noch ***von hinten*** sehen. Дар мисоли мазкур вобаста ба валентнокии пешояндҳои забонҳои муқоисашаванда пешоянди номии тоҷикии ***«пушти …-ро»*** тавассути пуркунандаи бевосита ва пешоянди номии олмонии ***«von hinten»*** тавассути пуркунандаи бавосита ифода гардидааст.

ТФ тоҷ. *ба лаби суфачаи* – олм. *auf eine Bank (болои курсие):* … ва ман рафта ***ба лаби суфачаи*** сартарошхонае, ки Қорӣ - Ишкамба он ҷо даромада буд, нишастам… [1, с.13]. - …..ich aber setzte mich ***auf eine Bank*** und betrachtete unauffällig Kori- Ischkamba. Ҷумлаи олмонӣ мазмунан тарҷума гардидааст ва дар қисмати дувуми он мақсади гӯянда аз доираи эпизодҳои ояндаи матн шарҳ дода шудааст (*ва Қорӣ-Ишкамбаро пайваста наззора намудам).* Бинобар сабаби дар забони олмонӣ воқеан ҷой надоштани мафҳуми тоҷикии *«суфа»* он ба забони олмонӣ ҳамчун *«курсӣ»* баргардонида шудааст. Зимнан бояд қайд кард, ки вожаи «суфа»-и тоҷикӣ ба забони ҳозираи олмонӣ дар шакли «Sofa» (кат, диван) ворид гардидааст.

Синоними пешоянди номии ***пушти-*** пешояндҳои ***ақиб, паси, қафои, думболи*** мебошад.

Сари. Ин калимаи мустақилмаъно мебошад ва метавонад ба вазифаи пешоянд истифода шавад. Ин калима бо пешояндҳои таркибӣ ҳамроҳ шуда, пешояндҳои номии таркибии ***дар сари, ба сари, аз сари, бар сари-*** ро ташкил мекунанд.

*Қорӣ-Ишкамба, аз ҷиҳати вазниниаш баданаш ё ба сабаби ягон беморӣ, аз ҷояш базӯр бархост ва дасторашро аз сар гирифта хост, ки вайро **ба сари мехи** лӯнгиовезии Сартарош монад* [15, с.14]. - *Kori-Ischkamba erhob sich schwer fällig. Vielleicht machte es ihm Mühe seine körpermassen zu bewegen vielleicht war er leidend. Er nahm den Turban ab und wollte **an den Handtuchhacken** hängen* [2, с.8].

Пешояндҳои номие, ки муносибати замониро нишон медиҳанд аз исмҳои абстрактмаъно ташкил ёфтаанд: **баъд, пеш, айн, қариб, қабл, муддат, давом** ва ғайра.

(тоҷ) ***бар лаби суфачаи пеши*** – (нем.) ***auf der Sufa vor*** *(дар болои Суфа пеши) ….ба ногоҳ дидам, ки Қорӣ- Ишкамба ба сари дӯкони як чинифурӯш поҳои худро ба замин овезон карда **бар лаби суфачаи пеши** он дӯкон нишастааст* [15, с.18].-…..*stieß ich auf Kori-Ischkamba er saß **auf der Sufa vor** dem Stand eines Porzelandhändlers und ließ die Beine herabhängen* [2, с.14].

Аз рӯйи ақидаи муҳаққиқ Н.П. Равченко «Муаррифии ашёҳои субъективӣ, ки дар гуфтор таъсири объективӣ доранд, бо ёрии калимаҳое, ки сермаъно ҳастанд ва дар вазифаҳои гуногун кор фармуда мешаванд, сохта мешаванд» [13, с.11].

Аз нуқтаи назари Неменова Р. Л. (1. 83, 21) «Вобаста ба сохти грамматикии забони тоҷикӣ ба қатори пешояндҳо гузаштани калимаҳои дорои маънои луғавӣ хос мебошад» ва ин ҳодисаро дар забонҳои дигар низ метавон дид (1, с.152). Ба мисолҳо рӯ меорем:

Бойбача ба ман таъйин кард, ки ман ***дар паҳлуи*** *паҳлударии дарвоза истода на овози худамро ва на овози поямро набарорам [15, с.52]. -Mein junger Freund gebot mir, mich* ***neben dem*** *Tor aufzustellen, kein Wort zusagen… [2, с.61].*

Дар ҳақиқат, фурсате нагузашта овози пойи ***ба сари*** *зина баромада истодани касе шунида шуд[15, с.53].-Tatsächlich dauerte es nicht lange, und wir hörten Schritte* ***auf der*** *Treppe[2, с.65].*

Бой хӯрҷинро, ки дар як лингаш як нимча чой буд, ***ба рӯйи*** *зин партофт [15, с.70]. - Der Bai warf den Churdshin* ***über den*** *Sattel [2, с.86].*

Дар мисолҳои дар боло зикршуда дигаргунӣ ва фарқиятҳо дар ҷумлаҳо дар забонҳои муқоисашаванда дида мешаванд. Дар мисолҳои тоҷикӣ устод Садриддин Айнӣ дар повести худ «Марги судхӯр» пешояндҳои аслии содаро бо калимаҳои номӣ хело устокорона ва моҳирона ба кор бурдааст. Масалан, дар ибораи «***дар паҳлуи*** *паҳлударии дарвоза*». Яъне, муаллифи мисол фаҳмониданӣ аст, ки предмет ё шахс равонааст ба самт «дар пеши (назди) дари дарвоза».

Пешояндҳои номии сода дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ асосан як вазифаро доро мебошанд, вале тобишҳои маъноӣ ё вижагиҳои маъноии онҳо тавсеа ёфтаанд ва вобаста ба матн хусусиятҳои хешро зоҳир мекунанд.

Дар ҳамин вақтҳо рӯзе дар саҳни мадрасаи Кӯкалтош ***ба болои*** *бомчаи як намакфурӯшӣ ба хаёлот фурӯ рафта нишаста будам, ки* ***ба болои*** *сарам сояи касе пайдо шуд* [15, с.41]. *Eines Tages saß ich grübelnd* ***auf dem*** *flachen Dach eines Salzhändlerladens vor der Kukaltosch-medresse. Plötzlich sah ich einen Schatten vor mir* ***auf der*** *Erde* [2, с.45].

Чун чашми ӯ ба ман афтод лаълию палосашро ***ба рӯйи*** *суфача монда худ ба он тақя карда истода, бо лабҳои хандон маро ба пеши худ ҷеғ зад* [15, с.39]. *Kaum fiel sein Blick auf mich da legte er den Teppich wieder* ***auf*** *die Sufa und rief mich lächelnd zu sich heran* [2, с.43].

Дар мисолҳои зикршуда дар забонҳои муқоисашаванда пешоянди номии тоҷикӣ ***рӯйи*** бо пешоянди муштараки олмонӣ ***auf*** ифода ёфтааст. Дар ин ҷо ***рӯйи*** маънои предметии худро гум карда маънои асосии пешояндиро қабул мекунад. Дар мисоли аввал пешоянди ***ба болои*** низ бо пешоянди ***auf*** дар забони олмонӣ таҷассум ёфтааст. Дар ин ҷо низ самти воқеъ гардидани предметро нишон медиҳад. Пешояндҳои номӣ вобаста ба хусусиятҳои забонҳо дар ҳар забон гуногун ифода меёбанд, зеро фарқият ва хусусиятҳои як забон ба забони дигар ҳангоми тарҷума ба таври қолабӣ ифода намеёбанд. Баъзе хусусиятҳои як забон дар забонҳои дигар, ки ҳарду ба як оилаи забонҳо дохил мешаванд, дида намешавад.

….ва даҳонаш чунон аз ош пур мегашт, ки дар вақти хоидан ва нафас кашидан донаҳои биринҷ бо оби даҳонаш ҳамроҳ шуда ***бар рӯйи*** *табақ пош мехӯрданд* [15, с.47] - *Wenn er Atem holte, fielen ihm Reiskörner aus dem Mund* ***auf die*** *Knie,* ***auf das*** *Tischtuch und zurück in den Pilav* [2, с.55].

Дар ин мисол танҳо ҳодисаи ТФ дида мешавад. Яъне тоҷ. ***бар рӯйи*** *табақ*-нем. ***auf die*** *Knie,* ***auf das*** *Tischtuch (ба рӯйи зону, ба рӯйи дастурхон).* Дар мисоли мазкур вобаста ба валентнокии пешояндҳои забонҳои муқоисашаванда пешоянди номии тоҷикии ***«рӯйи»*** тавассути пуркунандаи бавосита ва пешоянди номии олмонии ***«auf»*** низ тавассути пуркунандаи бавосита ифода гардидааст.

Пешояндҳои номӣ дар забони тоҷикӣ ва олмонӣ вазифаи якхела дошта, бо вижагиҳои грамматикии худ то андозае тафовут доранд. Азбаски дар забони тоҷикӣ системаи падежӣ аз байн рафтааст, пешояндҳои номӣ новобаста аз мавқеи корбурд ва ҷинсияту ба кадом падеж тааллуқ доштан, як хел мавриди истифода қарор мегиранд.

Муқарриз: ***Замонов З.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯбакров Ш.Ҷ. Пешояндҳои номии забони тоҷикӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забони немисӣ / Ш.Ҷ. Абӯбакров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – №4/1. – С.30-32.
2. S.Ayni. «Der Tod des Wucherers» / S.Ayni; под.ред. М. Лоренс. - Берлин, 1965. - 256 с.
3. Бурхонова Г.С. Сопоставительный анализ составных предлогов в английском и таджикском языках: дис. ... канд. филол. наук: 10.02.20 / Г.С. Бурхонова. – Душанбе, 2005. – 155 с.
4. Бергер Д. Грамматические трудности немецкого языка / Д. Бергер. - СПб.: Лань, 1996. - 19 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди I. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
6. Гребе П. Грамматика современного немецкого языка: на нем. яз. Т.4. / П. Гребе. - Ленинград: Учпедгиз, 1962. – 301 с.
7. Додобоева Б. Ифода ёфтани муносибатҳои маконӣ ба воситаи пешоянди номӣ / Б.Додобоева. – Сталинобод, 1958. – 108 с.
8. Зиндер Л.Р. Современный немецкий язык / Л.Р. Зиндер, Т.В. Сроева. – М.: Изд. лит. На иностр. яз.1957. - 419 с.
9. Коновалова Т.Е. Специфика предлогов широкой семантики и её отражение в словах / Т.Е. Коновалова. – Саратов, 1988. – 219 с.
10. Мирзаджанова М.К. Семантико сопоставительный анализ локалных предлогов в таджикском и английском языках: дис. ... канд. филол. наук: 10.02.20 / М.К. Мирзаджанова. – Душанбе, 2011. – 155 с.
11. Неменова Р.Л. Предлоги в таджикском языке / Р.Л. Неменова. – Сталинобод, 1954. – 39 с.
12. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка / Л.С. Пейсиков. - М.: Изд-во Московского университета, 1975. - 207 с.
13. Равченко Н.П. Семантико- и текстообразующие функции русских предлогов (на материале языка художественной литературы и СМИ): автореф. дис. … док. филол. наук / Н.П. Равченко. - Краснодар, 2001.
14. Съедин В.Н. Предлоги немецкого языка / В.Н. Съедин. – М., 1963. – 287 с.
15. С. Айнӣ. Марги судхӯр / С. Айнӣ. - Сталинобод, 1961. – 350 с.
16. Шендельс А.Н. Грамматика немецкого языка / А.Н. Шендельс. – Москва: Просвещение, 1970. – 300 с.

ПЕШОЯНДҲОИ СОДАИ НОМИИ ИЗОФӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақолаи мазкур истифодабарии пешояндҳои номии изофии содаи забонҳои тоҷикӣ ва забони олмонӣ баррасӣ мегардад. Маълум аст, ки ҳангоми баррасии ин мавзуъ тафовут миёни забонҳои ҳамҷинс, яъне пешояндҳои номии изофии сода дар забони тоҷикӣ ва ифодаи онҳо дар забони немисӣ дида мешавад. Дар мақола мисолҳо дар ду забон - забони тоҷикӣ ва олмонӣ аз повести «Марги судхер»-и С. Айнӣ муқоиса гардидааст. Пешояндҳои номӣ дар забони тоҷикӣ аслан калимаҳои мустақилмаъноянд. Аммо дар забони олмонӣ ҳамчун пешояндҳои умумӣ ё муштарак ифода меёбанд. Пешояндҳои номӣ мисли калимаҳои мустақил пасванд, бандакҷонишин ва баъзе хусусиятҳои забониро қабул мекунанд. Пешояндҳои номии изофии сода аз калимаҳои мустақилмаъно ва бандаки изофӣ ташкил ёфтаанд: **пеши, паси, сари, пушти, лаби, тули, баробари, охири, поёни, байни, нисфи, болои, рӯйи, шароити, муҳити, сурати, ҳузури** ва ғайра. Пешояндҳои содаи номӣ дар забонҳои муқоисашаванда (тоҷикӣ-немисӣ) калимаҳои ёрирасон буда, як ҷо бо исм, ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои нутқ омада, муносибати онҳоро бо дигар калимаҳо ифода мекунанд. Пешояндҳо дар ҷумла ва ибора муносибатҳои масоҳат, замон, сабабу мақсад, соҳибияту тарзро нишон медиҳанд.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, забони форсӣ-тоҷикӣ, грамматика, пешоянд, таҳлил, муқоиса, пешояндҳои номии изофии сода, омӯзиш, сермаъноӣ.

ИМЕННЫЕ ИЗАФЕТНЫЕ ПРОСТЫЕ ПРЕДЛОГИ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В настоящей статье рассматриваются способы использования именных изафетных простых предлогов в таджикском и немецком языках. Понятно, что при рассмотрении этой темы есть разница между исследуемыми языками, то есть именными изафетными простыми предлогами в таджикском языке и их выражением в немецком языке. В статье приведены примеры на двух языках, таджикском и немецком, из повести «Смерть ростовщика» С. Айни. Именные предлоги в таджикском языке - по сути самостоятельные слова. Но в немецком языке они выражаются как общие предлоги. Именные предлоги как независимые слова принимают суффиксы, сослагательные наклонения и некоторые языковые особенности. Простые предлоги - это префиксы, состоящие из независимых слов и суффиксов: **пеши, паси, сари, пушти, лаби, тули, баробари, охири, поёни, байни, нисфи, болои, рӯйи, шароити, муҳити, сурати, ҳузури** и т. д. Простые именные предлоги в сопоставляемых языках (таджикско-немецкий) - это вспомогательные слова, которые объединяются с существительными, местоимениями и другими частями речи и выражают свою связь с другими словами. Предлоги в предложениях и фразах указывают на отношения пространства, времени, причины и цели, собственности и стиля.

Ключевые слова: лингвистика, персидско-таджикский язык, грамматика, предлоги, анализ, сравнение, простые именные предлоги, исследование, семантика.

NAME ISAFETE SIMPLE PREPOSITIONS IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

This article discusses how to use nominal and simple prepositions in Tajik and German. It is clear that when considering this topic there is a difference between related languages, that is, nominal izafet simple prepositions in the Tajik language and their expression in German. The article provides examples in two languages, Tajik and German, based on the story "The Death of a Usurer" by S. Aini. Nominal prepositions in the Tajik language are

essentially independent words. But in German they are expressed as general prepositions. Nominal prepositions such as independent words take suffixes, subjunctive moods, and some linguistic features. Simple prepositions are prefixes made up of independent words and suffixes;**пеши, паси, сари, пушти, лаби, тули, баробари, охири, поёни, байни, нисфи, болои, рӯйи, шароити, муҳити, сурати, ҳузури** and other. Simple nominal prepositions in comparable languages (Tajik-German) are auxiliary words that combine with nouns, pronouns and other parts of speech and express their connection with other words. Prepositions in sentences and phrases indicate relationships between space, time, cause and purpose, property and style.

Key words: linguistics, Persian-Tajik language, grammar, prepositions, analysis, comparison, simple nominal prepositions, research, semantics.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абӯбакров Шоҳин Ҷумъаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони олмонӣ ва фаронсавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **schohin_1988 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-58-84-70**

Сведение об авторе: ***Абубакров Шохин Джумаевич*** - Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **schohin_1988 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-58-84-70**

Information about the authors: ***Abubakrov Shohin Jumaevich*** **-** Tajik National University, assistant of the department of German and French languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **schohin_1988 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-58-84-70**

УДК: 811.111’ 22

ИФОДАИ МУНОСИБАТҲОИ ҲАМЗАМОНӢ ДАР ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ БО ПАЙРАВИ ЗАМОН ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Нематуллоева М.Н, Ҷӯраева М.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Масъалаи ҷумла ва ҷумлаомӯзӣ дар забоншиносии муосир маркази диққати бисёр забоншиносон гардида, ҳамаи онҳо кӯшиш ба харҷ додаанд, ки таърифи ҷумларо ба пуррагӣ диҳанд. Як қисми муайяни забоншиносон фақат ба созмонёбии ҷумла диққат диҳанд, қисми дигарашон ба вазифаи он таваҷҷуҳ мекунанд. Ҷумлаҳо аз ҷиҳати сохтор сода ва мураккаб мешаванд. Ҷумлаҳои мураккаб ба ҷумлаи мураккаби тобеъ ва ҷумлаи пайваст ҷудо мешаванд. Ҷумлаҳои мураккаб аз тарафи бисёр забоншиносон ба монанди англисшиносон Л.С.Бархударов, Н.А.Кобрина, И.П.Иванова, М.Я.Блох ва забоншиносони тоҷик Ҳ.Ҳусейнов, Б. Ниёзмуҳаммадов, Д.Т. Тоҷиев, Ш. Рустамов ва дигарон мавриди тадқиқот гирифтааст.

Англисшинос Н.А.Кобрина ҷумлаи мураккаби тобеъро чунин таъриф додааст: “Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз ягон аломати расмӣ иборат буда, онҳо ба сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ҷудо карда мешаванд” [14, с.55]

Ба ақидаи Бархударов Л.С. ҷумлаи мураккаби тобеъ гуфта он ҷумлаи мураккабро меноманд, ки дар он яке аз аъзоҳои ҷумла (сараъзо ё аъзои пайрави ҷумла) дар навбати худ бо ҷумла ифода ёфта, вазифаи ягон аъзои ҷумларо иҷро мекунад. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дорои қисмҳои сараъзо ва аъзои пайрав аст. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳамеша яке аз ҷумлаҳои сода ба дигаре тобеъ мешавад [1, с.230].

И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.Г. Почептсов андеша доранд, ки дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ қисмҳои “асосӣ” ва “пайрав” мавҷуд мебошанд. “Асосӣ” ва “пайрав” дар ин ҷо шартан омадааст, зеро сохторҳое мешаванд, ки дар он қисми асосӣ метавонад на ин ки бо сарҷумла, балки бо ҷумлаи пайрав ифода ёбад [3, с.237].

Забоншинос ва грамматисти барҷастаи англис Р.А. Клоуз оид ба сохтори ҷумлаи мураккаби тобеъ сухан ронда, чунин меҳисобад, ки дар ҷумлаи мураккаби тобеъ як ё ду ҷумлаи пайрав мавҷуд аст [13, с.42].

Дар фарҳанги лингвистӣ омадааст, ки дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳамаи ҷузъҳо нобаробаранд: яке асосӣ ва дигаре вобаста мебошад. Тобеияти сараъзо ва аъзои пайрав танҳо аз лиҳози функционалӣ муайян карда мешавад [4, с.437].

Ба ақидаи забоншиноси тоҷик Ҳ. Ҳусейнов “Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ яке аз ҷумлаҳои содаи таркиби он аз лиҳози семантикӣ нисбатан мустақил аст, ки онро сарҷумла меноманд” [12, с.62].

Забоншинос Б. Ниёзмуҳаммадов иброз менамояд, ки “Ҷумлаи мураккабе, ки дар таркиби худ сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дорад, ҷумлаи мураккаби тобеъ номида мешавад. Сарҷумла ҷумлаи содаи мустақил ва эзоҳшаванда буда, ҷумлаи пайрав ҷумлаи тобеъ ва эзоҳдиҳандаи он мебошад” [7, с.229].

Инро дар мисолҳои поён дида мебароем.

An opportunity occurred one evening when she had gone for a short walk [20, с.247].

Вақте ки ӯ аз шомгоҳе ба сайругашти кӯтоҳе баромада буд, ӯро имконияте пеш омад [15, с.52].

Дар ҳар яки ин мисолҳо ду ҷумлаи сода мавҷуд аст:

Дар ҷумлаи англисӣ “**An opportunity occurred one evening”** ва **“when she had gone for a short walk”**. Дар ҷумлаи тоҷикӣ **“Вақте ки ӯ аз шомгоҳе ба сайругашти кӯтоҳе баромада буд” ва “ӯро имконияте пеш омад”**.

Ҳангоми аз ҳамдигар ҷудо кардани ин ду ҷумлаҳои сода яке мустақилияти маъноии худро нигоҳ медорад, вале дигаре маънои нопурра зоҳир мекунад.

Сарҷумла метавонад як ё якчанд ҷумлаҳои содаро шарҳ диҳад, ки онро ҷумлаи пайрав меноманд. Ҷумлаҳои пайрав ба пурмазмунӣ ва саҳеҳии тарзи баён ва фикр мусоидат менамоянд. Ҷумлаҳои пайрав дар ҳар ду забон ҳам мавриди тадқиқот қарор гирифта, намудҳои гуногун дорад, ки калонтаринашро ҷумлаи пайрави замон ташкил медиҳад.

Ҷумлаи пайрави замон дар ҳар ду забон ҳам англисӣ ва ҳам тоҷикӣ ба саволҳои when? -кай?, кай боз?, аз кай?, то кай? ҷавоб мешавад. Ҷумлаи пайрави замон бо сарҷумла ба воситаи пайвандакҳо ва калимаҳои ба вазифаи пайвандак омада (вақте ки, пас аз он ки, пеш аз он ки ва дигарҳо) алоқаманд мешавад.

Ба ақидаи Н.А.Кобрина дар ҷумлаи пайрави замон аз нуқтаи назари замон амале, ки дар сарҷумла ифода мешавад, тавсиф карда мешавад [14, с.220].

Забоншинос Ҳ. Ҳусейнов қайд мекунад, ки ҷумлаи пайрави замон нисбат ба сарҷумла вазифаи ҳоли замонро ба ҷо меорад ва замони содир гардидани амали сарҷумларо нишон медиҳад [12, с.11].

Дар забони англисӣ пайвандакҳои тобеъкунандаи *as, as soon as, as long as, when, whenever, while, now that, till, until, after, before, since* ба кор бурда мешаванд, ки вазифаи онҳо ба сарҷумла алоқаманд намудани ҷумлаи пайрави замон мебошад.

Дар забони тоҷикӣ бошад, пайвандакҳои тобеъкунандаи ҷумлаи пайрави замон инҳоянд: *вақте ки, то он даме ки, пас аз он ки, чунки, ҳар вақте ки, гоҳе ки, ҳар гоҳ ки, пештар аз он ки, то ки, ҳамин ки, ҳар бор ки, баробари он ки* ва ғайраҳо.

В.С. Расторгуева дар хусуси ҷумлаҳои пайрави замон маълумот дода, ҷумлаи пайрави замонро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад ва хусусиятҳои гуногуни мавзуъро шарҳ намедиҳад. Ӯ пайвандакҳои тобеъкунандаи замонро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад, ки инро вобаста ба ҷойи ҷумлаи пайрав муайян менамояд: пайвандакҳои гурӯҳи аввал вақте ки, чун, ҳангоме ки, ҳамин ки, пайвандакҳои гурӯҳи дуюм ки, то ки, то ин ки [11, с.569].

Ба ақидаи А.К. Овчинникова ҷумлаи пайрави замон дорои як қатор пайвандакҳои замонӣ буда, ба баъзеи онҳо ҳудуди муайян мегузорад [8, с.23].

Забоншинос Н.А. Маъсумӣ ҳисоб мекунад, ки аксар пайвандакҳо чи дар назм ва чи дар наср кор фармуда мешаванд” [5, с.53].

Хулоса, пайвандакҳои тобеъкунандаи замон дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ барои нишон додани алоқаи грамматикии сарҷумлаю ҷумлаи пайрав нақши муҳим мебозанд. Онҳо дар таркиби ҷумлаи мураккаб аъзои ҷумла намешаванд, вале барои таъмин намудани алоқаи синтаксисии ҷумлаҳои бо ҳам тобеъ хизмати ниҳоят бузург доранд.

Ҷумлаи пайрави замон яке аз воситаҳои асосӣ ва равшану возеҳ ифода намудани муносибатҳои замонӣ маҳсуб меёбад. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави замон имкониятҳои васеи ифодаи муносибатҳои ҳамзамонӣ ва гуногунзамониро дорад.

Забоншинос А.Б. Бондарко қайд намудааст, ки дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави замон худи сохтори синтаксисии он муносибатҳои замониро возеҳ ифода менамояд [2, с.92].

Қобили тазаккур аст, ки муносибатҳои замонӣ ба ҳамзамонӣ ва пайиҳамзамонӣ ҷудо карда мешаванд.

Профессор М.Ю.Рябова низ ба мавҷудияти ду намуди муносибатҳои замонӣ-ҳамзамонӣ ва гуногунзамонӣ ишора карда ва қайд менамояд, ки ҳамзамонӣ дар ду навъ ҷузъӣ ва куллӣ дида мешавад, гуногунзамонӣ бошад, аз пайиҳамӣ ва қаблият иборат аст [10, с.95].

Забоншиноси тоҷик Ҳ.Ҳусейнов муносибати ҳамзамониро дар ҷумлаи мураккаби тобеъ чунин шарҳ медиҳад: “Амалҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар он вақт муносибати ҳамзамониро нишон дода метавонанд, ки онҳо ду ё зиёда аз ду амал ё ҳолат буда, баробар дар як замони муайян рӯй дода, то як мавриди муайян ба таври параллелӣ давом кунанд” [12, с.65].

Ба ақидаи Ш.А. Рустамов муносибати замонӣ дар байни амалҳои ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб дида шуда, замони воқеъшавии амалҳои дохили ҷумларо дар ду намуди муносибати замонӣ- ҳамзамонӣ ва пайиҳамзамонӣ нишон медиҳад [9, с.41].

Ба ақидаи Ҳ.Ҳусейнов “Муносибатҳои замонӣ чунин муносибатҳое мебошанд, ки дар сохторҳои ҷумлаҳои гуногун дида шуда, тавассути шаклҳои ҳудудию замонии феъл ва пайвандакҳо ифода ёфта, дорои ду намуд - ҳамзамонӣ ва гуногунзамонӣ мебошанд” [12, с.69].

Хулоса, муносибатҳои замонӣ чунин муносибатҳое ҳастанд, ки дар сохторҳои ҷумлаҳои гуногун, ки якчанд амал доранд, ба мушоҳида мерасанд ва тавассути шаклҳои

ҳудудию замонии феъл ва пайвандакҳо ифода ёфта, дорои ду намуд - ҳамзамонӣ ва гуногунзамонӣ мебошанд.

Ҳамзамонӣ ин чунин вазъияти муносибати амал мебошад, ки дар он амал бо дигар амал дар як вақт ба вуқуъ пайваста, мафҳуми ҳамзамониро ташкил медиҳад [6, с.33].

Чи тавре ки зикр гардид, муносибатҳои ҳамзамонӣ ба ду зергурӯҳ тақсим мешаванд: ҳамзамонии ҷузъӣ ва куллӣ. Ҳамзамонии ҷузъӣ дар вақте дида мешавад, ки сарҷумла бо амали ҷумлаи пайрав дар лаҳзаҳои гуногуни вақти амали сарҷумла ба вуқуъ мепайванданд. Ҳамзамонии куллӣ вақте дида мешавад, ки амали сарҷумла бо амали ҷумлаи пайрав дар як вақти муайян мегузарад, яъне синхронӣ ба вуқуъ меоянд.

Мисол: … *when* he began to stammer in speaking, that side of his face was affected with a nervous twich [22, с.98].

… my teeth chattered as I hastened down the drive [19, с.45].

Дар ҷумлаҳои болоӣ пайвандаки "***when***" ҷумлаи пайрави замонро бо сарҷумла пайваст намуда, амалҳои бо феълҳо- хабарҳо буда, "**was affected**" ҳамзамонии куллиро ифода карда истодаанд, яъне ду амал дар як лаҳзаи вақт ба вуқуъ мепайвандад.

Дар ҷумлаи дуюм бошад, пайвандаки *"as"* ҷумлаи пайрави замонро бо сарҷумла пайваст намуда, амалҳои бо феълҳо-хабарҳо буда, "**hastened**" ҳамзамонии куллиро ифода карда истодаанд, яъне ду амал дар як лаҳзаи вақт ба вуқуъ мепайвандад.

Мисоли дигар: *When* Oliver began to run, the old gentlemen… turned sharp round [20, с.22].

То вақте ки ангуштонам куланги милтиқро пахш карда метавонистанд, бо душманонам меҷангидам [15, с.23].

Дар ҷумлаи аввал пайвандаки **"*When* "** дар ҷумлаи пайрав истифода шудааст. Феъл-предикатҳои "**to run** " ва " **turned**" амалҳоеро ифода мекунанд, ки дар як вақт ба вуқуъ пайвастаанд, синхронӣ-параллелӣ, яъне ҳамзамон иҷро шудаанд ва муносибати ҳамзамонии куллиро ифода менамоянд.

Дар ҷумлаи тоҷикӣ низ муносибати ҳамзамонии куллӣ дида мешавад, зеро "**метавонистанд**" амали давомдорро ифода намуда, "**меҷангидам**" низ давоми ҷумлаи содаи аввал ба ҳисоб рафта, амали давомдор мебошад. Муносибати ҳамзамонӣ ифодагари дар як лаҳзаи вақт ба вуқуъ пайвастани ду амал мебошад.

Ҳамин тавр, амалу ҳолатҳое, ки дар як вақт содир гардида, ба таври параллелӣ баробар давом мекунанду баробар дар як замон ба итмом мерасанд, бо ҳамдигар муносибати ҳамзамонии куллӣ доранд. Дар ифодаи муносибати ҳамзамонии куллӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ҷумлаи пайрав ва сарҷумла чунин замонҳо истифода бурда мешаванд:

- **Дар забони англисӣ феъл-хабарҳои ҳам сарҷумла ва ҳам ҷумлаи пайрав дар замони Past Indefinite истодаанд.**

Мисол: *When* Harry *went* inside the tiny cottage, he *could hear* the constant ebb and flow of the sea [22, с.520].

- **Дар забони тоҷикӣ хабари сарҷумла дар замони гузашта ва хабари ҷумлаи пайрав дар замони гузаштаи ҳикоягӣ ифода меёбад.**

***Мисол: Вақте ки* ӯ бори нахуст ба мактаб рафт, ҳам аз падару ҳам аз бародараш ҷудо гашт [15, с.33].**

Дар мисоли боло **"рафт", "ҷудо гашт"** амалҳое мебошанд, ки ҳамзамон ба вуқуъ пайвастаанд.

- **Дар забони англисӣ хабари сарҷумла бо Past Indefinite ва хабари ҷумлаи пайрав бошад бо Present Perfect ифода шуда метавонад:**

Мисол: While I was talking to you, I have also occasionally watched Adele… [19, с.67].

Дар мисоли боло "***While***" (то он даме ки) пайвандаки ҷумлаи пайрав буда, ҳамчунин ду амал ***"Was talking***", "***have watched*"** синхронӣ гузашта истодааст.

- **Дар забони тоҷикӣ хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар замони ҳозира- оянда ифода ёфтаанд.**

Мисол: Дар вақте ки баққолон ва дӯкондорон ба ман дар ҳар як моҳ дуним фоиз фоида медиҳанд, вай панҷ фоиз медиҳад [15, с.44].

Дар мисоли болоӣ амалҳои сарҷумла ва амалҳои ҷумлаи пайрав баробар дар як вақт содир гардидаанд. Замони амалу ҳолат ба якдигар вобастагии ҷудонашаванда доранд,

яъне онҳо ба тарзи параллелӣ давом мекунанд. Аз ин сабаб амалу ҳолат муносибати ҳамзамонии куллӣ доранд.

• **Дар забони англисӣ хабари сарҷумла дар замони Past Indefinite ва хабари ҷумлаи пайрав дар замони Past Continous омада метавонад.**

• **Дар забони тоҷикӣ хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар замони гузаштаи ҳикоягӣ омада метавонанд.** Амалҳо ё ҳолатҳо дар ин замон дар як мавриди муайян ба вуқуъ пайваста, дар як вақти маълум, баробар ба итмом мерасад. Дар ин шакли феълӣ ҳамзамонии куллии ду амали ҳархела нишон дода мешавад:

Мисол: He did not understand a word of what server was saying [21, c.85].

Мисол: Буз, дар *вақте ки* чаккак зада ҷон меканд, ришаш, чунончи риши мактабдор дар вақти гап заданаш меҷунбид, ҳаракат мекард [15, с.198].

Дар мисолҳои болоӣ ҳам тоҷикӣ ва ҳам англисӣ амалҳои ҷумлаҳои пайрав ва сарҷумла дар тарзи давомдорӣ ба таври параллелӣ давом мекунанд. Кадом вақт сар шудан ё ба кадом вақт ба итмом расидани амалҳо маълум набошад ҳам, аз давомдории яквақтаи онҳо равшан аст, ки бо ҳамдигар муносибати куллӣ доранд.

• **Дар забони тоҷикӣ хабари сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар замони гузаштаи давомдор.**

Дар вақте ки Чингиз сар то пойи Султон Маҳмудро аз тилло пур карда, ҳамаи аҳволи ӯро фаҳмида гирифта буд, ӯ аз аҳволи Чингиз бехабар буд [17, с.25].

Дар мисолҳои болоӣ замони амали ҷумлаи пайрав маълум аст, ки пеш аз ҳолати сарҷумла ба анҷом расидааст “**Чингиз бехабар буд**”, аммо амалиёти ин дар мавриди амалиёти ҳолати сарҷумла “**аз тилло пур карда**” ба таври синхронӣ ҳаракат кардааст. Азбаски амали замонӣ дар ифодаи амалу ҳолат баробар ҳаракат кардаанд, гуфта метавонем, ки онҳо бо ҳамдигар муносибати ҳамзамонии куллӣ доранд.

Дар ҳамзамонии ҷузъӣ яке аз амалҳо то як дараҷа давомнок буда, дигар амал қадре кӯтоҳтар мебошад, лек дар як вақт ба вуқуъ мепайванданд.

Дар ифодаи ҳамзамонии ҷузъӣ дар сарҷумла ва ҷумлаи пайрав чунин замонҳо истифода бурда мешаванд.

• **Дар забони англисӣ хабарҳо дар замонҳои Past Indefinite ва Past Continous истифода бурда мешаванд.**

Мисол: When Louisa Bradly and Elliot were sitting by themselves in the living room they heard the car stop at the door [20, c.31].

• **Дар забони тоҷикӣ хабари сарҷумла дар замони гузаштаи наздик ва хабари ҷумлаи пайрав дар замони гузаштаи дури давомдор ифода шудааст.**

Мисол: Дар вақте ки комиссия ба тарафи пахтаҳои пояхушк рафта истода буд, Сафар-ғулом рафта истодани Ҳасанро дида- ту акнун ба кори худат рав гуфт [18, с.55].

Дар мисолҳои болоӣ дар ҳар ду забонҳо амали ҷумлаи пайрав то як дараҷа давомнок мебошад, амали сарҷумла бошад, дар яке аз лаҳзаҳои амали ҷумлаи пайрав рӯй додааст ва он кӯтоҳ ва яккарата мебошад.

Шаклҳои феълии амали ҷумлаҳои пайрав маънои давомдорӣ ва амали сарҷумла маънои мутлақро ифода мекунанд. Амали сарҷумла дар давоми амали ҷумлаи пайрав ба вуқуъ меояд.

Бояд қайд кард, ки дар забони англисӣ хабари сарҷумла метавонад амали давомнок, вале амали ҷумлаи пайрав кӯтоҳ ва яккарата бошад. Дар ин ҳолат дар сарҷумла хабар дар замони Past Continous ва дар ҷумлаи пайрав дар замони Past Indefinite меистад.

Мисол: His flesh was crawling when she clung to him [21, c.54].

Ин ҳолатро дар забони тоҷикӣ вохӯрдан мумкин аст.

Мисол: *Дар вақте ки* мо бо Бобомурод ҷанг мекардем, ӯ як пой мӯзаи шонзадаро барои маро задан ба тарафи ман ҳаво дода буд [15, с.24].

Дар ҷумлаи забони тоҷикӣ амали ҷумлаи пайрав давомдор буда, амали сарҷумла кӯтоҳ, яккарата мебошад ва аз ҳамин ҷиҳат ҳам онҳо ҳамзамон мебошанд. Азбаски яке мутлақ, дигаре давомдор аст, яъне яке дар давоми дигаре содир гардида, ба охир мерасад, онҳо ба таври ҷузъӣ ҳамзамон мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ муносибатҳои ҷузъии амалу ҳолат дар шаклҳои феълии замони гузашта ва гузаштаи ҳикоягӣ низ дида мешаванд. Дар ин сурат хабари сарҷумла бо замони гузашта ва хабари ҷумлаи пайрав бо замони гузаштаи ҳикоягӣ ифода меёбад:

Мисол: Вақте ки Носир Ширинӣ тадбири охирини худро нақл мекард, командир ва Эргаш дар фикру андеша афтодаанд [15, с.103].

Барои равшантар тасаввур намудани муносибати замонии сарҷумлаю ҷумлаи пайрав мисоли тоҷикиро аз назар мегузаронем. Амали ҷумлаи пайрав, ҳарчанд замони гузаштаи ҳикоягиро ифода намояд ҳам, бо ҳолати сарҷумла мувофиқат карда наметавонад, чунки ҳолати тасвиршуда дар давоми амали ҷумлаи пайрав ба вуқуъ меояд. Аз ин рӯ, гуфта метавонем, ки сарҷумла ва ҷумлаи пайрав бо якдигар муносибати ҳамзамонии ҷузъӣ доранд.

Хулоса, муносибати замонӣ яке аз хусусиятҳои муҳимтарини синтаксисии ҷумлаҳо буда, дар муайян намудани алоқаи грамматикӣ, алоқаи мазмунӣ, сохт ва таркиби ҷумлаҳои пайраву сарҷумлаҳо аҳамияти бузург дорад. Агар дар ягон ҳодиса, воқеа, амалу ҳолати ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки дар худ ҷумлаҳои пайрави замонро доранд, муносибати замонӣ вуҷуд надошта бошад, он ҷумла мазмун ва ифодаи худро доро намегардад. Бештари ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки онҳо аз сарҷумлаю ҷумлаҳои пайрави ҳолшарҳкунанда иборат бошанд, муносибати замонӣ доранд. Аз ин ҷост, ки муносибати замонӣ яке аз хусусиятҳои муҳимми синтаксисӣ буда, барои то як дараҷа муайян кардани алоқаи грамматикии ҷумлаҳо нақши муҳим мебозад. Муносибатҳои замонӣ ду хел мешавад: ҳамзамонӣ ва гуногунзамонӣ. Ҷумлаи пайрави замон яке аз воситаҳои асосии ифодаи муносибатҳои ҳамзамонӣ мебошад.

Ҳамзамонии куллӣ дар забони англисӣ бо шакли зерини феълӣ ифода мегардад:

1. Феъл-хабарҳои ҳам сарҷумла ва ҳам ҷумлаи пайрав дар замони Past Indefinite.
2. Хабари сарҷумла бо Past Indefinite ва хабари ҷумлаи пайрав бошад бо Present Perfect.
3. Хабари сарҷумла дар замони Past Indefinite ва хабари ҷумлаи пайрав дар замони Past Continous ифода меёбад.

Ҳамзамонии ҷузъӣ бошад, дар забони англисӣ бо чунин замонҳо ифода ёфта метавонад:

1. Феъл-хабарҳо дар замонҳои Past Indefinite ва Past Continous;
2. Хабари сарҷумла дар замони Past Continous ва ҷумлаи пайрав дар замони Past Indefinite.

Дар забони тоҷикӣ дар ифодаи ҳамзамонии куллӣ бо шаклҳои зерин феъл-хабарҳо дида мешавад:

1. Хабари сарҷумла дар замони гузашта ва хабари ҷумлаи пайрав дар замони гузаштаи ҳикоягӣ.
2. Хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар замони ҳозира- оянда.
3. Хабари сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар замони гузаштаи ҳикоягӣ.

Дар ифодаи ҳамзамонии ҷузъӣ чунин замонҳои феълӣ истифода бурда мешаванд:

- Хабари сарҷумла дар замони гузаштаи наздик ва хабари ҷумлаи пайрав дар замони гузаштаи дури давомдор;
- Хабари сарҷумла дар замони гузаштаи ҳикоягӣ, хабари ҷумлаи пайрав дар замони гузаштаи дур.

Ҳамин тариқ, шаклҳои гуногуни замонҳои феълӣ муносибати ҳамзамонии сарҷумлаю ҷумлаи пайравро нишон медиҳанд.

Муқарриз: ***Ҳайдарова Ф.*** – номзади илмҳои филологӣ,
ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. - М.:Высшая школа, 1973. – 259 с.
2. Бондарко А.В. Грамматическая категория и контекст / А.В. Бондарко. - Л.: Наука, 1971 (а). – 116 с.
3. Иванова И.П. Теоретическая грамматика современного английского языка / И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.П. Почепцов. - М.: Высшая школа, 1981. – 286 с.
4. Лингвистический энциклопедический словарь. – М., 1990. - 685 с.

5. Маъсумӣ, Н.А. Дар бораи масъалаи чудокунии таркиби чумлаҳои мураккаб / Н.А. Маъсумӣ // Мактаби советӣ, 1957. - № 7. - С.149.
6. Нематуллоева М.Н. типология выражения таксисных отношений / М.Н. Нематуллоева. – Худжанд, 2002. – 141 с.
7. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони тоҷикӣ, К- П, Синтаксис барои синфҳои VII-VIII / Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов. - Душанбе: Маориф, 1981. - С.132.
8. Овчинникова А.К. Проблемы системного описания синтаксиса / А.К. Овчинникова. – М.: Высшая школа, 1974. – 156 с.
9. Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов. – Душанбе, 1968. - С.190.
10. Рябова М.Ю. Временная референция в английском языке (прагмасемантический аспект) / М.Ю. Рябова. - Кемерово, 1993. – 165 с.
11. Расторгуева В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка / В.С. Расторгуева. - М.: Наука, 1954. – 569 с.
12. Ҳусейнов Ҳ. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ҳ.Ҳусейнов. - Сталинобод, 1960. – 126 с.
13. Close R.A. A reference grammar for students of English / R.A. Close. – M., 1979. – 352 p.
14. Kobrina N.A. An English grammar. Morphology. Syntax / N.A. Kobrina, E.A. Korneeva, M.I. Ossovskaya. - Spb, 1999. - 456 p.

Адабиёти бадеӣ

15. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми 1 / С.Айнӣ. - Сталинобод, 1949. – 320 с.
16. Айнӣ, С. Марги судхӯр / С.Айнӣ. - Сталинобод, 1950. - 225 с.
17. Улуғзода, С. Навобод / С.Айнӣ. - Сталинобод, 1957.
18. Ҷалил, Раҳим. Одамони ҷовид / Раҳим Ҷалил. – Сталинобод, 1955. - 254 с.
19. Bronte Charlotte. Jane Eyre. - Moscow, 1965. - 124 c.
20. Dickens Ch. Adventures of Oliver Twist. - Moscow, 1949. - 327 p.
21. Maugham W.S. The Moon and Sixpence. - Moscow, 1972. - I60 p.
22. Mitchell Margaret. Gone with the wind. - New York, 2007. - 959 p.

ИФОДАИ МУНОСИБАТҲОИ ҲАМЗАМОНӢ ДАР ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ БО ПАЙРАВИ ЗАМОН ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Собит гардидааст, ки муносибатҳои замонӣ яке аз хусусиятҳои муҳимтарини синтаксисии ҷумлаҳо буда, дар муайян намудани алоқаи грамматикӣ, алоқаи мазмунӣ, сохт ва таркиби ҷумлаҳои пайраву сарҷумлаҳо аҳамияти бузург доранд. Муносибатҳои замонӣ чунин муносибатҳое ҳастанд, ки дар сохторҳои ҷумлаҳои гуногун, ки якчанд амалҳо доранд ба мушоҳида мерасанд ва тавассути шаклҳои ҳудудию замонии феъл ва пайвандакҳо ифода ёфта, дорои ду намуд- ҳамзамонӣ ва гуногунзамонӣ мебошанд. Ҷумлаҳои пайрави замон яке аз воситаҳои асосии ифодаи муносибатҳои замонӣ мебошад. Таҳлили маводҳои фактологӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ собит намуданд, ки шаклҳои замонии феъл- хабарҳо дар муносибатҳои ҳамзамонии ҷузъӣ ва куллӣ ифода гардида метавонанд. Муносибати ҳамзамонии куллӣ дар забони англисӣ бештар дар ҷумлаи пайрави замон бо шакли феълии хабари сарҷумла Past Indefinite ва хабари ҷумлаи пайрав дар Present Perfect ё Past Indefinite ифода меёбад. Ҳамзамонии ҷузъӣ бошад бо шакли хабарҳо дар замонҳои Past Indefinite дар сарҷумла ва Past Continous дар ҷумлаи пайрави замон ба назар мерасад. Дар забони тоҷикӣ муносибати ҳамзамонии куллӣ бо шаклҳои феълии замони гузашта дар сарҷумла ва замони гузаштаи ҳикоягӣ дар ҷумлаи пайрав ифода меёбад. Ҳамзамонии ҷузъӣ дар забони тоҷикӣ бо шаклҳои феълии сарҷумла дар замони гузаштаи наздик ва хабари ҷумлаи пайрав дар замони гузаштаи дур бештар ба назар мерасад. Ҳамин тариқ, шаклҳои гуногуни замонҳои феълӣ муносибати ҳамзамонии сарҷумлаю ҷумлаи пайравро ифода менамоянд.

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, муносибатҳои замонӣ, муносибатҳои ҳамзамонӣ, ҳамзамонии ҷузъӣ ва куллӣ, сарҷумла, ҷумлаи пайрав, шаклҳои замонҳои феълӣ.

ВЫРАЖЕНИЕ ВРЕМЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ В СЛОЖНОПДЧИНЕННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ С ПРИДАТОЧНЫМ ВРЕМЕНИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Доказано, что временные отношения являются одним из важнейших синтаксических признаков предложений и имеют большое значение в определении грамматической связи, смысловой связи, структуры и состава предложений. Временные отношения- это отношения, которые наблюдаются в структурах разных предложений, которые имеют несколько действий, выражаются через территориально-временные формы глаголов и союзов и имеют два типа значений - одновременные и разновременные. Фактологический анализ английского и таджикского языков показал, что существуют полные и частичные временные отношения с глаголом сказуемым. Полная одновременность в английском языке выражается в форме глагола- сказуемого главного предложения в Past Indefinite и сказуемого подчинительного предложения в Present Perfect или Past Indefinite. Частичная одновременность выражается в форме сказуемого Past Indefinite в главном предложении и Past Continous в придаточном предложении. В таджикском языке полная одновременность в сложноподчиненных предложениях с придаточным времени выражается в форме глагола - сказуемого в прошедшем времени в главном предложении и подчинительном предложении в прошедшем повествовательном времени. Частичная одновременность в таджикском выражается глаголами - сказуемыми главного предложения в приближенном прошедшем времени и сказуемым сочинительного предложения в

дальнем продолжительном прошедшем времени. Разные видовременные глаголы главного предложения выражаются в подчинительном времени.

Ключевые слова: сложноподчиненное предложение, временные отношения, отношения одновременности, полная и частичная одновременность, главное предложение, придаточное предложение с дополнением времени, формы глагола.

EXPRESSION OF TIME RELATIONS IN COMPLEX SENTENCES WITH SUBORDINATE CLAUSE OF TIME IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

It has been proved that time relations are one of the most important syntactic features of sentences and are of great importance in determining the grammatical connection, semantic connection, structure and composition of sentences and clauses. Temporal relations are relations that are observed in the structures of different sentences, which have several actions, are expressed through territorial and temporal forms of verbs and conjunctions, and have two types- simultaneous and multi- temporal. Simultanious relations are divided into full and partial. After analyzing of factual material in English and Tajik languages we have found that verb predicate forms express full and part time relations. Full simultanious relations in English language is expressed in the verb predicate form of the main sentence in the Past Indefinite tense and predicate of subordinate clause in Present Perfect or Past Indefinite. Partial simultaneous relation in English is mostly used in verb predicate forms of main sentence in Past Tense and predicate of subordinate clause in Past Continous Tense. In Tajik language full simultaneous relation in complex sentence in complex sentences with subordinate clause of time express in predicate of verb in past tense in the main sentence and subordinate clause in the past tense. Partial simultaneous relation in English is expressed by verbs in predicate of main clause in the past tense and predicate of subordinate clause in past continuous tense. Conclusion, different time formal verbs of time relations of main sentence expressed in subordinate clause.

Key words: complex sentence, time relations, relation of simultaneity, partial and full time relation, the main clause, subordinate clause of time, verb forms.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Нематуллоева Мавлудахон Негматовна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё.Мавлонбеков, 1. Тел.: **(+992) 93-571-40-00**

Ҷӯраева Мунзифа Негматовна - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, докторанти кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё.Мавлонбеков, 1. E-mail: **mary-k-93@mail.ru.** Тел.: **(+992) 926-47-55-57**

Сведение об авторах: ***Нематуллоева Мавлудахон Негматовна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры фонетики и лексикологии английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. Тел.: **(+992) 93-571-40-00**

Джураева Мунзифа Негматовна - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, докторант кафедры фонетики и лексикологии английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **mary-k-93@mail.ru.** Тел.: **(+992) 926-47-55-57**

Information about the authors: ***Nematulloeva Mavludakhon Negmatovna*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, docent of the department of English language phonetics and lexicology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1. Тел.: **(+992) 93-571-40-00**

Juraeva Munzifa Negmatovna - Khujand State University named after academician B.Gafurov, Doctoral student Ph.D of the department of English language phonetics and lexicology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1. E-mail: **mary-k-93@mail.ru.** Тел.: **(+992) 926-47-55-57**

УДК: 491.550

МАВҚЕИ КОРБАСТИ СИНОНИМҲО ДАР ОЧЕРКҲОИ ТАЪРИХИИ САДРИДДИН АЙНӢ

Фозилова М.М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Синонимҳо як қисми муҳим ва воситаи муассир баён намудани матлабанд. Садриддин Айнӣ аз зумраи донишмандонест, ки ба интихоб ва тарзи истифодаи калимаҳои синонимӣ нозукбин буда, аҳамияти ҷиддӣ медиҳад.

Дар ҷумлаи зерин барои гурез аз такрори бемаврид нависанда ду калимаи ҳаммаъно, ки яке аслӣ ва дигаре иқтибосии арабист: **савдо** ва **тиҷорат** ба кор бурдааст. Дар асар калимаи савдо 23 маротиба ва тиҷорат 6 маротиба истеъмол гардидааст: *Вилоятҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон дар он замонҳо аз ҷиҳати савдо ва тиҷорат ҳаммарказ ҳисоб меёфтанд. Роҳи* ***савдои*** *як қисми Европа, Осиёи Ғарбӣ, Эрон, Ҳиндустон, Хитой, Осиёи Шимолӣ ва Мугулистон бештарин ба воситаи ҳамин сарзамин буда, иҷрокунандагон ва воситашавандагони ин* ***тиҷорати*** *бузург ҳам, ба эътибори аксарият,* ***савдогарони*** *ҳамин ҷойҳо буданд [1, с.4].*

Як хусусияти услуби нависанда дар он зоҳир мегардад, ки дар як ҷумла ду ва ё якчанд калимаҳои ҳаммаъноро моҳирона ба кор бурда, мақсаду матлаби хешро муассиртар баён намудааст. Дар ҷумлаи зерин калимаҳои синонимии ***бодиянишинӣ ва кӯчманчигӣ*** истифода гардида, ки **бодиянишинӣ** хосси услуби адабӣ-китобӣ буда, вожаи **кӯчманчигӣ** хосси гуфтугӯйист ва серистеъмол аст: *Дар даштҳо ва чарогоҳҳо, ки дар он ҷойҳо бештар туркон ва туркманон ба тарзи* ***бодиянишинӣ ва кӯчманчигӣ*** *зиндагонӣ мекарданд, шуғли асосӣ чорводорӣ буд [1, с.6].*

Синонимҳои луғавӣ дар асари бадеӣ хусусияти муҳимми услубӣ дошта, барои интихоби дуруст ва бомавқеи калимаҳо заминаи мусоид фароҳам меорад. Ба гуфтаи А.А. Брагина: «*ҳар гоҳ аз сарвати забон сухан гӯянд, одатан чун далели раднопазир ба ғановат ва гуногунрангии муродифот рӯ меоваранд»* [4, с.5]. Устод Айнӣ дар як ҷумла ду ва ё зиёда калимаҳои муродифиро ба кор бурдааст, ки ҳар ду вожа иқтибосии арабӣ, ё ин ки яке аслӣ ва дигаре арабӣ аст. Чунончи, вожаҳои қавм ва қабила муродифоти луғавӣ буда, аз ҷиҳати тобиши услубӣ ва дараҷаи истеъмол аз ҳам фарқ мекунанд ва ҷуфти синонимҳоро ташкил медиҳанд. Қабила *а.* **قبيله** гурӯҳи иҷтимоӣ, ки муносибатҳои хешутаборӣ ва ягонагии забону ҷойи истиқомат аз нишонаҳои он аст, қавм, тоифа: қабилаи манғит, қабилаҳои бодиянишин **[17, с.650]**; Қавм *а.* **قوم**1. гурӯҳи мардум, тоифа, қабила, халқ, мардум: қавми кӯчманчӣ, қавми тоҷик, қавму қабила. 2. хешу табор; қавму хеш хешу ақрабо. 3. *д., маҷ.* гурӯҳе, ки дар як масҷид ва аз паси як имом намоз мехонанд **[17, с.652]**: *Бештарини ин гуломонро гуломҷаллобон аз сардорони* ***қабилаи*** *ҳамон* ***қавмҳо*** *ё аз сардори* ***қабилае*** *ки аз қабилаи дигар дар вақти ҷанги қабилагӣ асир гирифтаанд, харида меоварданд[1, с.6].*

Равшании ифодаи фикр, пеш аз ҳама, ба тарзи интихоби калима ва мавқеи кор фармудани он вобаста аст. Нависанда аз рӯйи талаботи фикр ва тақозои услуби баён аз дохили силсилаи муродифот ҳамон калимаро интихоб карда мегирад, ки асли мақсадро саҳеҳ, равшан ва пурра ифода карда тавонад [10, с.59].

Дар баробари аз ҷиҳати маънои умумиашон бо ҳамдигар хусусияти ҳаммаъноӣ пайдо кардан, калимаҳо аз ҷиҳати тобишҳои маъноӣ ва аломатҳои услубиашон фарқ мекунанд. Чунончи, устод Айнӣ дар ифодаи маънои **подшоҳ шудан** силсилаи синонимии зиёдеро ба кор бурдааст, ки аз ҷиҳати тобиши маъноӣ, дараҷаи истеъмол ва тобиши услубӣ фарқ мекунанд.

Дар объекти таҳқиқ барои ифодаи мафҳуми подшоҳ шудан нависанда силсилаи синонимии: ***ба тахт нишастан[14, 15], подшоҳ шудан [14, 70], ба подшоҳӣ шинонданд [107], подшоҳӣ ба номи ӯ монд [15], ба тахти мулк баромадан [13], бар тахти хонӣ нишаст [76, 125, 183,], ба тахти хилофат соҳиб шудан [118], бар тахти хилофат бинишонад [121, 126], амир шудан [101, 110, 132, 161, 185,], амир таъин шудан [101, 159], амир кардан [125, 188, 189, 190], ҳоким шудан [14, 15, 105,] ҳоким таъйин кардан/ намудан***

[32, 52], ҳукмрон гардидан [17] бар тахти хонӣ нишаст [176] ва ғайраро бомаврид истеъмол намудааст.

Вожаи подшоҳ аслӣ буда, бо ёрии он таркибу ибораҳои ***подшоҳ шудан, ба подшоҳӣ шинонданд, подшоҳӣ ба номи ӯ монд*** мушоҳида гардиданд, ки аз ҷиҳати тобиши маъноӣ фарқ мекунанд. Нависанда барои гурез аз такрор дар ҷумлаи зерин ибораи ба тахт нишастан ва подшоҳ шуданро истифода намудааст. Вожаи тахт сермаъно буда, ба маънои подшоҳӣ кардан низ истеъмол мегардад: *Аввал Султоншоҳ **ба тахти** Хоразм **нишаста** бошад ҳам, Алоуддин Такеш, ки писари калонии Арслон буд, аз Қарахитоиён мадад гирифта бародарашро аз Хоразм ронд ва худаш **подшоҳ шуд** [1, с.14].*

Яке аз сабабҳои асосии пайдо шудани синонимҳо иқтибосшавии калимаҳо маҳсуб меёбад. Дар объекти таҳқиқи мо дар як матн ё ҷумла корбаст шудани ду муродиф мушоҳида гардид, ки яке вожаи аслӣ ва дигаре вожаи иқтибосӣ ва ё ҳар ду муродиф аслиянд: *Оқибат Такеш ғолиб омада **подшоҳӣ ба номи ӯ монд** ва Султоншоҳ ба як қисми Хуросон **ҳоким шуд** [1, с.15].*

Чунончи, нависанда чун синоними калимаи подшоҳ вожаи арабии амир: амрдиҳанда, фармондиҳанда; ҳукмраво. 2. *таър*. лақаби ҳукмронони Осиёи Миёна ва Афғонистон [17, с.59]- ро ба кор бурдааст, ки барои нишон додани вазъи сиёсии он давра муҳим ва саривақтист. Вожаи **амир** дар объекти таҳқиқ 37 маротиба истеъмол гардидааст, ки 11 маротиба дар таркибу ибораҳои **амир шудан, амир таъйин шудан, амир кардан** истифода шудааст: *Дар ин вақтҳо Муоз ибни Муслим аз тарафи халифа Маҳдӣ дар Хуросон **амир таъйин шуда**, ба ҷанги Муқаннаъ ва сафедҷомагон маъмур гардид [1, с.159].*

Вожаи ҳоким шудан низ сеистеъмол аст: *Султоншоҳ ба як қисми Хуросон **ҳоким шуд...** [1, с.15]. Чун Ҳоҷӣ Ҳасан аз тарафи сигноқиён кушта шуд, баъд аз тороҷ ва қатли ом писари Ҳоҷӣ Ҳасани қатлшударо дар Сигноқ **ҳоким кард** ва Тӯқтемури ҷандиро ба Ҷанд фиристод ва баъд аз ишғол кардани он шаҳр Тӯқтемури мазкурро дар он ҷо **ҳоким таъйин намуд** ва дигарҳо [1, с.51-52].*

Дар ҷумлаҳои боло муродифшавии феълҳои ёвари кардан ва намудан мушоҳида гардид.

“*Муродифҳои сеистеъмол дар гуфтугӯ ва навиштаҷот, дар услубҳои гуногуни забон кор фармуда мешаванд, бинобар ин, нисбатан камобуранг ва умумиистеъмол ба шумор мераванд. Муродифҳои камистеъмол “оҳари” адабии китобӣ доранд, бинобар ин, дар асарҳои бадеӣ чун воситаи муассири забон ба кор бурда мешаванд”[10, с.45].*

Калимаҳои **ҷангидан, ҷанг кардан, ҷангу ҷидол кардан** сеистеъмоланд ва дар тамоми услубҳои забон баробар кор фармуда мешаванд. Устод Айнӣ дар баробари ин вожаҳо муродифҳои луғавии зиёдеро ба кор бурда, муассирӣ ва образнокии воқеаву ҳодисаҳоро таъмин менамояд. Дар маводи мо чун синоними калимаҳои мазкур чунин таркибу ибораҳо мушоҳида гардиданд, ки баъзеи онҳо дар матн хусусияти синонимӣ зоҳир мекунанд: ***ҷанг кардан [152], теғ кашидан [19, 181], лашкар кашидан [20, 30], аскар кашидан[25], ҷангидан [50], ба майдон даромадан [62], ба ҷанг даромад [65, 136, 154, 157], теғ зада истодан [118], [ҷангидан 118, 167], шабохун задан [154], шамшер заданд [167], теғ задан [181], ҷангу ҷидол кардан [182], низоъ сар шуд [14, 123, 131], ва ғайра.***

Калимаи **лашкар** аслӣ буда, бештар дар услуби адабӣ сеистеъмол аст ва муродифи он вожаи иқтибосии арабии **аскар** дар гуфтугӯ сеистеъмолтар аст. Бо феъли ёвари **кашидан** таркибҳои **лашкар кашидан ва аскар кашидан** сохта шуда, ҳар ду қолаб дар мавриди мувофиқ ба кор бурда шудааст. Феъли таркибии **лашкар кашидан** дар асар маънои ба ҷанг раҳсипор шудан, ҳуҷум истифода шудааст: *Султон Муҳаммад ба муқобили халифа дар вақте **лашкар кашид**, ки Чингиз барои ҳуҷум ба мамлакати вай тайёрӣ медид [1, с.20]. Ана, дар ҳамин шароит Султон Муҳаммад ба ҷойи он ки бо Кучлук муттафиқ шуда дар пеши роҳи Чингиз садде барпо намояд, ба муқобили вай **аскар мекашид** [1, с.25].*

Ибораи ***ба майдон даромадан*** камистеъмол буда, асосан, дар услуби китобӣ истифода мегардад ва пеши назари хонанда майдони набард ҷилвагар мегардад: *Дар ин ҷанг танҳо касе иштирок карда метавонад, ки нисбат ба душмани ваҳшии хунхор нафрату ғазаби бисёр дошта бошад, хори асириро ба худ ор дониста, ҷони худро ба кафи даст гирифта ва синаашро сипар карда **ба майдон даромада тавонад** [1, с.62].*

Феъли таркибии **теғ задан** низ ба маънои ҷангидан, дар майдони муҳориба ҷангидан истифода мегардад. Аслан вожаи теғ чунин маъниҳоро дорост: 1. шамшер, ханҷар. 2. поку, устураи сартарошӣ; **теғу ташт** *маҷ.* нур ва офтоб. 3. лабаи тез ва бурандаи шамшер, корд, поку *ва ғайра*; дами тези олатҳои буранда. 4. шона дар дастгоҳи бофандагӣ, ки торҳои чизи бофтанӣ аз даруни он мегузарад; **аз дами теғ гузарондан** куштан, қатл кардан; **теғ задан** а] бо шамшер зада қатл кардан, шамшер задан; б] ҷангидан; **худро ба теғу табар задан** ба ҳеҷ сахтӣ ва монеа нанигариста, ба коре иқдом кардан, худро ба обу оташ задан; **теғ кашидан** шамшер аз ғилоф баровардан, ба ҷанг баромадан [18, с.348]. Дар ҷумлаи зерин ба маънои ҷангидан омадааст: *Бинобар ин, вай дар зоҳир аз номи Аббосиён **теғ зада истода** зимнан дар пайи ёфтани ягон воситае афтод, ки дар вақти даркорӣ галтондани он осон бошад [1, с.118]. Шарик ибни Шайх ба номи муҳаббати авлоди Алӣ муқобили Аббосиён **теғ мезад** [1, с.181].*

Ҳамчун муродифи феъли **ҷангидан** таркиби феълии **шамшер задан** низ истеъмол гардидааст. Бояд зикр намуд, ки шамшер силоҳи маъмули ҷангии он замон маҳсуб меёфт ва мафҳуми ҷангиданро равшантар ифода мекунад: *Дар як маъракае, ки Ҷабраил шикаст хӯрд, туркон омада ба шаҳр даромада тороҷ карданд, яъне касонеро тороҷ карданд, ки онҳо чандин сол барои мақсади Муқаннаъ **шамшер зада** буданд ва баъд аз он арабҳо шаҳри онҳоро бо зӯрӣ ба даст дароварда буданд [1, с.157].*

Ибораи **низоъ сар шуд** аз ҷиҳати тобиши маъно фарқ мекунад ва маъниҳои зеринро мефаҳмонад: ҷангу ҷидол, кашмакаш, муноқиша; хусумат, душманӣ [*дар болои чизе*]; **низоъ андохтан** дар байни касон ҷангу муноқиша барангехтан; **низоъ бархостан [баромадан]** муноқиша пайдо шудан; **низоъ кардан** кашмакаш кардан, баҳсу муноқиша кардан; **низоъ хестан** ҷангу ҷидол барпо шудан [17, с.919]. *...дар миёнаи фарзандонаш - Султоншоҳ ва Такеш низоъ сар шуд [1, с.14]. Аммо дар охирҳои давлати банӣ Умайя - дар замони Марвон дар байни худи банӣ Умайя **низоъҳо** ва кушокушиҳо **сар шуд** [1, с.112].*

Нависанда барои ифодаи мафҳуми ҳуҷум ва исён калимаву таркибҳои зеринро бештар ба кор бурдааст, ки дараҷаи истеъмоли онҳо якранг набуда, аз ҷиҳати тобиши услубӣ фарқ мекунанд: ***исён кардан [17, 16, 19, 70, 103, 173, 134, 171, 173, 190, 183], исён бардоштан [107], шӯриш кардан [109, 171], хурӯҷ кардан [13, 114, 118, 123, 125, 131, 136, 145, 146, 161, 149], шӯриш барпо кардан [123, 187], шабохун задан [40, 50, 127, 154], ҳуҷум овардан [15, 16, 26, 30, 40, 44, 54, 99], тохт овардан [64, 75], ҳуҷум кардан [75, 99, 131, 154, 161, 165], сар бардоштан [130].***

Таркибҳои феълии **исён кардан ва хурӯҷ кардан** нисбат ба дигар муродифҳояшон серистеъмоланд. Исён кардан 14 маротиба, вожаи хурӯҷ 68 маротиба ва аз он ҷумла 15 маротиба хурӯҷ кардан истифода шудааст. Хурӯҷ кардан имрӯз қариб дар истеъмол нест, аммо исён кардан мушоҳида мегардад: *Отсиз худро вориси мамлакати Салҷуқиён шумурда **хурӯҷ кард [1, с.13].** Вақте ки волии Бухоро ба Хоразм рафт, ӯ **хурӯҷ карда** баъзе қишлоқҳоро ба даст дароварда [1, с.161]. Ҳокими Самарқанд Усмоншоҳ пеш аз ба он ҷо расидани Султон Муҳаммад бо қарахитоиён **исён карда**, ба номи ӯ сикка зад ва хутба хонд [1, с.16]. Аммо баъд аз чанде Кучлук бар зидди Гӯрхон **исён карда,** ба дашт баромад [1, с.24].*

Шабохун задан як навъи ҳуҷум мебошад, ки аз ҷиҳати тобиши маъно аз дигар муродифҳояш фарқ мекунад. **Шабохун задан** ҳамлаи ногаҳонӣ дар шаб; ҳуҷуми ногаҳонии шабона ба душман; **шабехун задан** шабона ногаҳон ҳуҷум кардан ба душман [18, с.643]. *Ҷӯҷиро фармуд, ки бо сипоҳи худ дашту биёбонҳои он давру пешро гардиш карда, роҳҳоро забт ва нигоҳдорӣ намояд, то ки хоразмиён ба лашкари ӯ ҳуҷуми ногаҳонӣ наоваранд ва **шабохун назананд** [1, с.40]. Ҷабраил гуфт, ки лашкариён дар шаб ҳушёр бошанд, то ки сафеҷомагон **шабохун назананд.** Ба ҳамаи ин эҳтиётҳо сафеҷомагон шабона ба лашкаргоҳи арабҳо **шабохун заданд [1, с.154].***

Дар асар ба маънои **ҳуҷум кардан, ҳамла овардан** феъли таркибии **тохт овардан** истеъмол шуда, ки хосси услуби адабиёти классикӣ мебошад ва дар истеъмол нест: *...аз як гӯшаи биёбон гурӯҳи нави саворони чингизиён пайдо шуда, ба пушти сафи темурмаликиён **тохт оварданд** [1, с.64].*

Азбаски ин асарҳо доир ба қаҳрамонию ватанпарварӣ ва ҷонбозиҳои фарзандони фарзонаи ҳалқи тоҷик бар зидди ғоратгарону ғосибони ғаддор муғулҳо ва арабҳо бахшида

шудааст, калимаву ибора ва таркибҳои феълие дар тасвири ваҳшонияти ин истилогарон истеъмол гардидаанд, ки ифоданокиву муассирии онро таъмин менамоянд. Нависанда силсилаи синонимҳоеро ба кор бурдааст, ки тасвирро ба хонанда таъсирбахш ифода мекунанд. Барои ифодаи мафҳуми **куштан** чунин силсилаи синонимҳо корбаст гардидаанд, ки аз ҷиҳати обуранги услубӣ фарқ мекунанд: ***куштан [4, 41, 44, 101, 105, 108, 89, 124, 132,, 147, 154, 157, 165, 168, 173], қатл [ом] кардан [22, 30, 31, 32,52, 75, 78], қатли ом намудан [33, 41], қатли ом ёфтан [48], нест кардан [109, 110], аз миён бардоштан [120, 153, 180], аз дами тег ва неши тир гузаронид [41, 53], аз дами тег гузаронид [28, 53, 132], кушта шудан [9 32, 34, 35, 43, 78, 156, 157, 172, 173], мурдан [34, 170], лош намудан [46], одамхӯрӣ кунанд [51], кушта шудан [53, 60, 61, 75], қатли ом шудан [54], ба замин мегелонид [60], якрӯя кардан [61], торумор кард [64], ба замин мехобонданд [64], рехтани хуни мурдори шумо [66], асари ҳаёт нишон намедод [71], ба хобе фиристод [72], гарқ шуда рафт [79], шодикафак шудан [78], фавтидан[79], вафот карданд [79], мурданд [80, 169], сар мебурид [85], ба ҷаҳаннам фиристодан [90], ба замин хобонидан [90], аз по афтондан [90], ҷон додан [111], тамом шуд [111,], кушта гардидан [133], сар задан [157].***

Вожаи куштан 173 маротиба истифода гардида, нисбат ба дигар синонимҳояш умумиистеъмол буда, дар тамоми услубҳои забон бо обуранги одӣ корбаст мегардад, аз ин рӯ, он имкон намедиҳад, ки нависанда мақсади худро муассиртар ва образноктар баён намояд. Чунончи, феъли таркибии номии **қатли ом карданро** барои нишон додани ваҳшонияти куштори муғулҳо истифода намудааст, ки он ба **саросар кушта шудани хурду калон, пиру барно** далолат мекунад, аммо феъли куштан ин маъниро ифода намекунад: *Агар Қарахитоиён зафар меёфтанд, барои интиқомгирӣ аҳолии Самарқандро ваҳшиёна **қатли ом мекарданд** [1, с.30]. Чингиз баъд **аз қатли ом кардани** Тирмизу Балх писари худ - Тӯлиро ба Марв фиристода, худ ба Толиқон рафта буд [1, с.31]. Лекин аз даст рафтани шаҳри Хуҷанд ва қалъаи қадимии он ва **қатли ом ёфтани** аҳолӣ кори Темурмаликро душвор кард [1, с.48].*

Ибораҳои аз **дами теғ ва неши тир гузаронидан** он ваҳшонияти чингизиёнро муассиртар тасвир намуда, симои манфури хунхорони гургсифати ин одамсуратони ҳайвонсиратро табиӣ ба қалам додааст: *Улоқнӯён бар хилофи умеди Ялангумалик ва ваъдаи худ дар навбати аввал ӯро бо тамоми навкаронаш аз **дами тег ва неши тир гузаронид** [1, с.41]. боқимондаҳоро аз зану мард ва бемору пир то бачагони ширхор **аз дами теғи бедареги худ гузаронданд** [1, с.53].*

Нависанда бо истифодаи феъли таркибии номии **одамхӯрӣ кардан** симои ботинӣ ва зоҳирии муғулони дарандаро ба хонанда кушода дода, нафрати касро нисбати ғосибони хунхор бедор мекунад: *...пешпеши Чингиз гашта мардумро ба таслим шудан даъват мекарданд, то ки чингизиёни даранда бе ҳеҷ ҷангу ҷидол **одамхӯрӣ кунанд [1, с.51]**.*

Нависанда ибораи **ба замин меғелонидро** чун синоними куштан истифода намуда, манзараи муборизаи қаҳрамони халқи тоҷик Темурмаликро чунон образнок тасвир намудааст, ки хонанда аз мутолиаи он ба ваҷд меояд: *Тирҳои ӯ монанди уқобоне, ки ногаҳонӣ парвоз карда ба гурӯҳи бумҳо ҳуҷум оваранд, ба тӯдаи душманон парвозкунон мерафтанд ва ҳар тири ӯ бехато одаме ё асперо ба **замин мегелонид** [1, с.60].*

Таркибҳои феълии **фарш кардан ва лош намудан** дар матн чун синоними куштан, қатл кардан истифода шудаанд. Фарш ба маънои 1. ҳар чизе, ки ба замин густурда мешавад [бурё, намад, гилем ва ғ.]. 2. қолин. 3. ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои густурда [замин, хона, кӯча ва ғайра]; мумфарш, сангфарш, тахтафарш [18, с.408]. Устод Айнӣ бо истифда аз калимаи фарш ва феъли ёвари кардан феъли таркибии **фарш кардан** сохтааст. Дар мисоли зерин феъли таркибии **фарш кардан** ба маънои маҷозӣ, яъне ба замин ғалтида мурдан омадааст. Барои пуробуранг тасвир намудани матлаб ба ҷойи вожаи бечон кардан, куштан феъли таркибии номии **лош намуданро** корбаст намудааст. Лош/ лоша намудан ба маънои ҷасади бечони одам ва ҷонварон; ҷасади ҷонвари худмурда, ҷифа. 2. маҷ. чорпои ниҳоят заифу лоғар [17, с.728]: *Аммо Темурмалик дар ин муддат ором намеистод ва ҳар рӯз бо киштиҳо канори рӯдро сайр карда, ҳар аспу одаме, ки аз мугулон дар майдони тиррас ва дар чарогоҳҳо ба назараш намоён мешуд, бо тирҳои синашикоф ба заминашон **фарш мекард** ва ҳар шаб бо шабохунҳои ҷонфарсо урдугоҳи онҳоро **лош менамуд** [1, с.46].*

Дар ҷанги зидди муғулони истилогар дар баробари қаҳрамони асар Темурмалик аспи ӯ низ қаҳрамонӣ ва корнамоӣ нишон дода, чандин муғулро ба хоки сияҳ яксон менамуд, ки ин лаҳзаи интиқомгирӣ ва ба марг расонидани душманро нависанда дар порчаи зерин чунон моҳирона тасвир намудааст, ки дили хонанда ба шӯр меояд ва ҳисси ватанпарварии ӯ баланд мегардад. Нависанда барои ифодаи мафҳуми **куштан** таркибҳои феълии **якрӯя кардан гирифт, душманкушӣ мекардро** истифода намудааст, ки онҳо синонимҳои матнӣ маҳсуб меёбанд: *Аспи Темурмалик дар миёнаи тӯдаи душманон даромад. «Шамшери дурӯя кори мугулонро **якрӯя кардан гирифт**», аспи омӯхта, кордидаи ӯ ҳам **душманкушӣ мекард**: чарогпоя шуда худро бо тамоми вазниниаш ба болои мугулон мепартофт, лагад ҳавола мекард ва дандон мезад ва бо ҳар роҳе, ки донад ва тавонад, вай ҳам аз чингизиён интиқоми ҳамватанони худро мегирифт [1, с.61].*

Таркибу ибораҳои ***рехтани хуни мурдори шумо [66], асари ҳаёт нишон намедод [71], ба хобе фиристод [72], ғарқ шуда рафт [78], шодикафак шудан [78]*** аз ҷиҳати тобиши услубӣ аз силсилаи синонимҳояшон фарқ мекунанд. Онҳо дар асар образнокӣ ва таъсирбахширо таъмин намуда, ба маънои маҷозӣ омадаанд: *Лекин маро ҳайф меояд, ки инҳоро барои **рехтани хуни мурдори шумо** нобуд кунам [1, с.66]. Темурмалик андаке об ёфта ба рӯйи он кас зад, дасту пой ва шонаву бозуҳояшро молиш дод. Аммо он одам асари **ҳаёт нишон намедод – ӯ дилкаф шуда мурда буд** [1, с.71]. Темурмаликро вақти кор расид: ӯ ҳамаи он чингизиёнро **ба хобе фиристод**, ки дигар ҳаргиз барнахезанд [1, с.72]. - Оре, **дар он дарёи хуну оташ** зани Темурмалик ҳам монанди ҳазорон занон, бачагон, пирон ва беморон **ғарқ шуда рафт**, аммо тифли навзоди ӯ саломат монд… [1, с.78]. Темурмалик қариб буд, ки аз ин хабари шодиовари ногаҳонӣ қолабтиҳӣ шавад ва рӯйи фарзанди ба ҷон пайвандашро баъд аз наздик омадан ба ӯ надида **шодикафак шавад [1, с.78]**.*

Таркиби ***сар задан*** дорои маъниҳои гуногун мебошад ва дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” чунин шарҳ ёфтааст*: **сар задан** а] сарро аз тан ҷудо кардан, куштан; б] воқеъ гаштан, рӯй додан, пайдо шудан; в] неш зада баромадан [сабза аз хок]; г] баромадан, тулӯъ кардан [18, с.212]. Дар мисоли мо ба маънои куштан омадааст: Онҳо қабул накарданд ва Ҷабраил фармуд, ки он занро бо шамшер аз миёнаш зада дуним карданд ва нобиноро ҳам бо шамшер **сар заданд** [1, с.157].*

Садриддин Айнӣ дар интихоби калима ва мавқеи истеъмоли он аҳамияти хос медод ва кӯшиш менамуд, ки калимаҳои ҳаммаъноро бомавқеъ ба кор бурда, дар нигоштаҳояш муассирию образнокиро таъмин намояд. Дар ҷумлаи зерин барои ифодаи мурдан ва куштан калимаҳои синонимии ***сар ба бод додан, сар дар об рехтанро*** ба кор бурдааст. Ибораи сар дар об рехтан маънои ниҳоят зиёд куштани муғулонро ифода мекунад: *Аммо дар сохтани як газ роҳи хушкӣ сари чандин мугул ба бод ва танааш ба об мерафт: темурмаликиён бо ҳуҷумҳои пай дар пай **сари** сангрезони мугулро ба ҷойи сангпораҳо **дар об мерехтанд** ва шабона ҳам шабихун зада роҳи сохташударо вайрон ва ӯрдугоҳи мугулонро парешон мекарданд [1, с.48].*

Барои ифодаи калимаи **ишғол кардан** силсилаи синонимии **зерин ба кор бурда шудааст:** ***ишғол кардан [16, 17, 36, 50, 52], ба даст даровардан [16, 20, 21, 25, 65, 10 , 161, 181 [29 маротиба]], ба дасти худ гирифтан [119, 158]*** ва гайра. Феъли таркибии **ишғол кардан** серистеъмол буда, дар тамоми услубҳои нутқ баробар кор фармуда мешавад: *Ӯ оқибат Ғазнинро ҳам ба даст даровард, Ироқро ҳам **ишғол кард** [1, с.16]. Бинобар ин, онҳо роҳи игвогариро, ки дар **ишғол кардани** шаҳрҳои дигар ба кор бурда буданд[1, с.50].*

Ибораи фразеологии ба даст даровардан ба маънои **ба даст даровардан [овардан] ба тасарруфи худ даровардан, соҳиб шудан** [1, с.441] шарҳ ёфта, дар объекти таҳқиқ низ ба маънии ба тасарруфи худ даровардан ва ҳам соҳиб шудан омадааст. Аз ҷиҳати тобиши услубӣ он маънии манфии зӯран ба тобеи худ даровардан мефаҳмонад.

Ба тасарруфи худ даровардан: *Давлати Салҷуқиён дар Хуросон ташкил ёфта ва аз ҳамин ҷо ривоҷ гирифта бештарин ва ободтарини Шарқи исломиро **ба зери дасти худ даровард** [1, с.12]. Аммо Султон Муҳаммад дар охир аз Қарахитоиён мадад гирифта, ба Ғӯриён галаба кард ва кам-кам ҳамаи Хуросонро **ба даст даровард [1, с16].** Бинобар ин, ӯ бо осонӣ бисёр ҷойҳоро **ба даст даровард... [1, с.20].***

Соҳиб шудан: *Арабҳо шаҳрро тороҷ карда, моли бисёр ва асири бешумор* ***ба даст даровардand****. Қимати молҳои арабҳо* ***ба даст даровардаро*** *аз ҳамин фаҳмидан мумкин аст, ки чунончи дар боло қайд карда шуд, мӯзаи ба ганимат афтодаи бухорхудотзанро дусад ҳазор дирам [танга] нарх карданд [1, с.100]. ...онҳоро ба ҳамин омӯхт, ки ҳар вақт, ки фурсати муносибе ёбанд ва баҳонае* ***ба даст дароранд,*** *ба муқобили арабҳои истилогар хурӯҷ намоянд ва дар роҳи* ***ба даст даровардани*** *истиқлоли миллӣ ҷангу ҷидол кунанд [1, с.182].*

Дар ҷумлаи зерин ҳам таркиби **ишғол кардан** ва ҳам ибораи фразеологии **ба даст даровард** корбаст шудааст. Нависанда ин муродифи луғавиро бо мақсади гурез аз такрор истеъмол намудааст: *Ӯ оқибат Ғазнинро ҳам ба даст даровард, Ироқро ҳам ишғол кард ва бо Атобакони Форс ҷангида ба онҳо ҳам галаба карда, онҳоро ба қатори хироҷгузорони худ даровард [1, с.16].*

Дар асар вожаи тороҷ [41, 130, 147, 153, 165] нисбат ба синонимҳояш - **ғорат кардан, яғмо кардан** серистеъмол буда, хосси услуби китобист: тороҷ, ғорат, яғмо; **ба тороҷ бурдан** ғорат кардан, бо ҷабру зӯрӣ кашида гирифтан [*чизеро аз касе*]; **тороҷ кардан** яғмо [ғорат] кардан; **ба тороҷ рафтан** *ниг.* **тороҷ шудан; тороҷ шудан [гардидан]** ғорат шудан, тороҷу толон шудан; бе чизу чора мондан [18, с.367]. *...туркон омада ба шаҳр даромада тороҷ карданд [1, с.167] ...бо кушта шудани Фаллух-ҳоқон боз як бори дигар мамлакатро тороҷ карда ба диёри худ рафтанд [1, с.179]. Ин рухсати Муқаннаъро дар бораи тороҷ сӯистеъмол намуданд – ба бадӣ кор фармуданд ва ҳар ҷойи рост омадаро тороҷ кардан гирифтанд[1, с.166].*

Ғорат кардан: *Убайдуллоҳ Пайкандро гирифта горат кард [1, с.98] Ба ҳамаи ин эҳтиётҳкориҳо сафедҷомагон шабона ба лашкаргоҳи арабҳо шабохун заданд, каси бисёреро куштанд ва лашкаргоҳро горат ва вайрон карданд [1, с.154]. Аз Туркистон лашкари бисёр ба тамаи горат биёмаданд ва вилоятҳоро горат мекарданд [1, с.167].*

Вожаи **талаф ва талафот** иқтибосии арабӣ буда беш аз 30 маротиба истеъмол гардидааст ва ба маъниҳои: талаф, нобуд шудан, табоҳ шудан; нест шудан: **кишт аз беобӣ талаф шуд**; **талаф кардан** нобуд (нест) кардан; **талаф шудан (гардидан)** нобуд шудан, аз байн рафтан [18, с.309] талафот -**талаф**; **талафоти зиёд** нобуд шудани чизи бисёр, кушта шудани одами бисёр; **талафот додан** кушта шудан, аз байн рафтан(-и одамон); **талафот расондан** *ба касе* нобуд (нест) кардан; зиён расондан ба касе [18, с.309] шарҳ ёфтаанд. Дар асар бо ёрии феълҳои ёвари кардан, гардидан, расондан, додан, шудан ва вошаи талаф /талафот феълҳои таркибии номӣ сохта шудаанд, ки дараҷаи истеъмолашон якранг нест: *талаф кардан[17, 125], талаф гардидан [65, 48, 75], талаф расондан [29, 30, 160], талафот додан [45, 48, 55], талафот шудан [46,55,59,76, 77, 155, 166].*

Дар асар аксаран ин вожаҳо ба маънои куштан, нест шудани одамон омадааст: *Муоз ибни Муслим ба Суғди Самарқанд рафта, бо сафедҷомагон ва туркон ҷангҳои хунин кард, ба онҳо хеле* ***талафот расонд*** *[1, с.160]. ...аммо муаллифи «Равзат-ус-сафо» дар он ҷанг кушта ва талаф шудани ҳафтод ҳазор касро нақл мекунад [1, с.129]. Темурмаликро ақида он буд, ки зану фарзанди худаш ҳам дар қатори чандин ҳазор зану фарзандони ҳамватанонаш дар қатли оми чингизиён* ***талаф шуда рафтанд*** *[1, с.77]. Дар ҷангҳои обӣ Темурмалик ҳеҷ* ***талафот намедода*** *бошад ҳам, дар ҷангҳои шабихунӣ* ***беталафот намегашт.*** *Мугулон хоҳ дар ҷанги обӣ бошад, хоҳ дар ҳуҷумҳои шабихунии Темурмалик беандоза* ***талафот медоданд [1, с.48].***

Ҳамчун синоними калимаи талаф // талафот вожаи **маҳв кардан, несту нобуд шудан** корбаст шудааст. Ин силсилаи синонимӣ аз ҷиҳати тобиши маъно аз ҳам фарқ мекунанд. Вожаи **талафот** асосан ба несту нобуд ва аз байн рафтани ҷони одамӣ далолат мекунад, аммо синонимҳои он **мавҳ ва несту нобуд шудан, зеру забар шудан, нест намудан/ кардан** ба молу чиз, кишвар, аз байн бардоштани касе ё чизе, ҷони одамӣ ва ғайра ишорат мекунанд: *..аз миёна бисёр вақт нагузашта бо ҳуҷуми чингизиён мамлакати ӯ* ***зеру забар шуд.*** *Агар кӯтоҳ карда гӯем, мамлакати Хоразмшоҳиён дар замони Султон Муҳаммад бисёр васеъ шуда, ин давлат ба камол расид ва инчунин дар замони ҳамин подшоҳ тамоман* ***мавҳ ва несту нобуд шуд*** *[1, с.17]. ...ба ҳар ҷонибу атроф ҷосусҳо фиристода кӯшиш мекарданд, ки Темурмаликро зудтар* ***нест намоянд*** *[1, с.76]. Баъд аз даст ёфтани арабҳо ба он ҷойҳо*

Қутайба ибни Муслим вардонхудотро ***нест карда****, Вардонзаро ба бухорхудот тобеъ кард [1, с.94].*

Феълҳои таркибии номии **идора кардан, кордорӣ кардан, роҳбарӣ кардан** як силсилаи синонимиро ташкил намудаанд, ки таркиби идора намудан серистеъмол аст: **идора кардан [12, 29, 92, 93, 94, 177], кордорӣ намудан [92, 94, 189], роҳбарӣ карданд [109, 177]:** *Дар он ҷойҳо [дар Нашхаб ва Кеш] ҳокимият дар дасти сафедҷомагон буда, ҳамаи онҳоро Абдуллоҳ ибни Умар* ***идора мекард*** *[1, с.150]. Дар вақти ҳуҷуми арабҳо ба Мовароуннаҳр дар ин сарзамин як ҳукумати марказӣ, ки тамоми мамлакатро аз як марказ* ***идора кунад****, набуд ва ҳар кадом аз шаҳрҳо ва деҳаҳои калон ба сари худ буда, аз тарафи як подшоҳ, ки ӯро дар забони тоҷикии онвақта «худот» мегуфтанд,* ***идора мешуд*** *[1, с.93].*

Нависанда дар интихоб ва корбурди калима диққати ҷиддӣ медод ва кӯшиш менамуд, ки дар кор фармудани воҳидҳои луғавӣ таносуби маъноиро ба эътибор гирад ва нагузорад, ки маънии ҷумла ё матн осеб бинад. Вожаи **кордорӣ намудан** бо таркиби **идора кардан** синонимҳои матнӣ маҳсуб меёбанд. Нависанда барои гурез аз такрор ин ду таркибро ба як маънӣ дар як ҷумла кор фармудааст: *...яке аз ин худотҳо дар Бухоро буда, шаҳр ва давру пеши наздики ӯро* ***идора мекард****, дигаре дар Вардонза (Шофирком), ки дар забони он вақт Вардона мегуфтанд,* ***кордорӣ менамуд*** *[1, с.94].*

Калимаву таркибҳои *шикоят кардан [110, 186, 186], дод гуфтан [110], арзу дод [95, 189]* як силсилаи синонимиро ташкил медиҳанд. Истеъмоли бомаврид ва бомавқеи онҳо аз забондонии қаламкаш ё нависанда шаҳодат медиҳад. Дар ҷумлаи зерин калимаҳои синонимии **шикоят кардан ва дод гуфтан** истифода гардида, ифоданокии маъниро таъмин намудаанд. ***Шикоят кардан*** аз ҷиҳати тобиши маъноӣ аз таркиби ***дод гуфтан*** фарқ мекунад: *Ин бухориён ба Наср аз дасти бухорхудот* ***шикоят карданд****, ки ӯ заминҳои моро аз дасти мо бо зулму зӯрӣ гирифт ва аз Восил ҳам* ***дод гуфтанд****, ки ӯ ба ҳар кори бухорхудот ёрӣ медиҳад [1, с.110].*

Дар асар силсилаи синонимии ***дур андохтан [31], рондан[31], пеш кардан [60, 99, 108, 116], дур кардан [118]*** мушоҳида гардиданд, ки ***дур андохтан ва рондан*** хосси услуби китобӣ буда, таркибҳои **пеш кардан, дур кардан** умумиистеъмоланд ва дар тамоми услубҳо баробар истифода мегарданд. Феъли **рондан** аз ҷиҳати тобиши маъно аз дигар синонимҳояш фарқ мекунад. Он ба маънои зӯран, маҷбуран пеш кардан истеъмол мешавад: *дар шасту нуҳ маъракаи ҷанг аҳолии Самарқанд голиб баромада, душманро* ***ронданд*** *[1, с.31]. ...аҳолӣ дар ин муддат бо хурӯҷҳои мардона ва ҳуҷумҳои далерона ба душман талафоти куллӣ расонда, онҳоро аз шаҳри худ* ***дур андохтанд*** *[1, с.31]. Дар замони хилофати Усмон ибни Аффон [солҳои 23-35-уми ҳиҷрӣ–644-657 милодӣ] аҳолии Хуросон чандин бор исён карда, арабҳоро* ***пеш карданд*** *[1, с.99]. Оқибат шӯришчиён галаба карда, арабҳоро то Пайканд* ***пеш карданд*** *[1, с.108]. ... мақсади асосии ӯ нест кардан ва пеш кардани истилогарони Араб аз Хуросон, Мовароуннаҳр ва умуман аз вилоятҳои тоҷикон – эрониён буд [1, с.116]. Бинобар ин, онҳоро дар вақти даркорӣ аз ҳукумат дур кардан ба фикри Абӯмуслим осон буд [1, с.118]. ...агар Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ Носир–халифа ва сулолаи Аббосиёнро аз хилофат* ***дур карда*** *метавонист [1, с.19].*

Феълҳои таркибии номии ***пок кардан [118, 123], пок намудан [129], пок сохтан [128], тоза намудан [171]*** аз ҷиҳати маъно синоним буда, аз ҷиҳати обуранги услубӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Дар феълҳои таркибии пок кардан, пок намудан, пок сохтан феълҳои ёвари кардан, намудан ва сохтан хусусияти синонимӣ зоҳир намудааст. Феълҳои таркибии номии тоза кардан, пок кардан ба маънои **тоза кардан а) нав кардан; б) покиза кардан** [18, с.347]; **пок кардан, тоза кардан** [18, с.110] истифода мешаванд.Таркибҳои феълии мазкур на ба маънои аслӣ, балки ба маънои маҷозии **бартараф намудан, нест кардан, аз байн бурдан; рафъ кардан; дур кардан** омадааст: *...роҳи худро аз як душмани интиқомҷӯ* ***пок намояд*** *[1, с.25]. Абӯмуслим баъд аз тайёрии дуруст дидан дар моҳи рамазони соли 129 ҳиҷрӣ (747 милодӣ) дар Хуросон рӯйрост хурӯҷ кард ва дар андак вақт Хуросон ва Мовароуннаҳрро аз банӣ Умайя ва тарафдорони онҳо* ***пок кард*** *[1, с.118]. Абӯмуслим дар Хуросон муваффақиятҳои калон ёфт ва он ҷойро аз морвониён* ***пок кард****... [1, с.123]. ... моро фиристодааст, то ҷаҳонро барои Имом Маҳдӣ аз мунофиқон* ***пок созам*** *[1, с.128].*

Як хусусияти услуби устод Айнӣ дар корбасти калимаҳои синонимӣ дар он зоҳир мегардад, ки муродифшавии феълҳои ёвар барҷаста мушоҳида мегардад. Чунончи, дар ҷумлаҳои зерин феълҳои ***кашидан*** *ва* ***гирифтан*** синоним гардидаанд: ***интиқом кашидан [18,***

36, 55, 105, 175, 181], интиқом гирифтан [34, 61, 104, 111]. Дар асл феъли кашидан бо гирифтан аз ҷиҳати маънои луғавӣ ҳаммаъно нест: *...агарчи оқибат кушта шудани худашонро донанд ҳам, фурсат, ки ёфт шуд, аз онҳо* ***интиқом мегирифтанд*** *[1, с.104]. Лекин ба назари онҳо кушта шудани баъд аз* ***интиқом гирифтан*** *аз душман кори саҳле буд [1, с.111]. Ва ҳол он ки дар Ғазнин бозмондагони Ғӯриён ҳанӯз буданд, ки аз султон* ***интиқом кашидан*** *мехостанд [1, с.18]. ...балки мақсади ӯ аз ин кор ба он қалъа такя карда бо душман ҷангидан ва ба қадри имкон ва қувваи худ аз душмани ваҳшии хунхор* ***интиқом кашидан*** *буд [1, с.36].*

Калимаҳои ***асир ва бандӣ бо феълҳои ёвари гирифтан, шудан, афтодан*** васл гардида, феълҳои таркибии номии: ***асир гирифтан [7], асир афтодан [7, 173, 189], асир шудан [131], ба асирӣ гирифтан [100]*** сохтаанд, ки аз ҷиҳати маъно як мебошанд, аммо аз ҷиҳати тобиши услубӣ фарқ мекунанд. Таркиби **асир шудан** ба маънои озодона ба асирӣ гирифтор шудан, асир гирифтан ва ба асирӣ гирифтан, **асир афтодан** ба таври маҷбурӣ асир шуданро мефаҳмонад: *Бештарини ин гуломонро гуломҷаллобон аз сардорони қабилаи ҳамон қавмҳо ё аз сардори қабилае, ки аз қабилаи дигар дар вақти ҷанги қабилагӣ* ***асир гирифтаанд****, харида меоварданд. Онҳоеро, ки аз куштор бозмонда буданд****, ба асирӣ гирифт*** *[1, с.100]. Ҳар рӯз аз лашкариёни Зиёд ибни Солеҳ каси бисёре кушта ва* ***асир мешуд*** *[1, с.131]. ...чорсад нафарашонро кушт ва боқимондагонашонро* ***бандӣ карда*** *ба Хуросон ба пеши Асад фиристод [1, с.110].*

Ҳамин тариқ, дар асар синонимҳо мавқеи хос дошта, пуробурангӣ, муассирӣ ва образнокии асарро таъмин менамоянд.

Калимаҳои ***раҳоӣ ёфтан[144], халосӣ ёфтан[144], озод кардан[127], озод шудан [114]*** синоним мебошанд*: Муқаннаъ ба ҳисоби миёна дар соли 147 ҳичрӣ [765 милодӣ] дар зиндони Багдод ҳабс шуда, дар солҳои 149 [767] баъд аз се сол хобидан* ***раҳоӣ ёфтааст*** *[1, с.144]. Инчунин таърихчиён ин нуктаро ҳам равшан накардаанд, ки аз зиндон* ***халосӣ ёфтани*** *ӯ бо гурехтан бошад ё бо озод кардани расмӣ? [1, с.144]. Аммо бо сабаби нашинохтани онҳо вай аз он таҳлука* ***халосӣ ёфт****[1, с.18]. Гурӯҳе барои халос шудан аз ҷизя ба зоҳир мусалмон шудаанд [1, с.109]. Бо вуҷуди аз гуломӣ* ***озод шудан*** *ҳанӯз ӯ банӣ Аҷул кор мекард [1, с.114]. Абӯубайда бинобар дӯстие, ки собиқ бо Синдбод дошт [ин Абӯубайда ҳам пештар аз мухлисони Абӯмуслим буд] ӯро ва рафиқонашро аз банд* ***озод карда****... [1, с.127].*

Як хусусияти услуби устод Айнӣ дар он зоҳир мегардад, ки калимаҳои синонимии ҷуфтро бо мақсади муассир гардонидани тарзи ифода, пурқувват намудани фикр зиёд кор фармудааст. Синонимҳои ҷуфт як роҳи таъсирбахш баён намудани матлаб маҳсуб меёбанд ва дар объекти мо чунин ҷуфтҳои синонимӣ зиёд истеъмол гардидаанд: ***зулму бедод [111, 112, 114, 116, 134], шаку шубҳа [134], зеру забар шудан [17], зеру забар кардан [44], несту нобуд шуд [17, 20, 24, 29, 110, 116, 118], толону тороҷ [101,102, 108, 111, 178], азобу уқубат [145, 146], хавфу бим [22,], хавфу ҳарос [22,], бешаку шубҳа [138], бенишоту комронӣ [23], айшу нӯш[23], айшу шодмонӣ[23], нишоту комронӣ[23], айшу тараб [72], ҷангу ҷидол [72], сулҳу осоиш [17], лофҳову дӯғҳо [19]****: Султон Муҳаммад бо гирифтани ин мактуб ба ҷойи ин ки ба муқобили он гуна душмани пуриқтидори хунхор тайёрӣ бинад,* ***айшу нӯши*** *худро зиёд кард. Дар роҳе, ки ӯ ба мудофиаи мамлакат мерафт, дар ҳеҷ манзил* ***бенишоту комронӣ*** *ором намегирифт. Дар манзилҳои фараҳфазо бошад, чандин рӯз монда доди айшу шодмониро медод. Вақте ки ӯ ба Нишопур расид, як моҳ дар он ҷо таваққуф карда бо парипайкарони хуршедталъат майи аргувонӣ нӯшида,* ***бо нишоту комронӣ*** *ба сар бурд ва ҳар саҳар, ки бедор мешуд, мегуфт [1, с.23]. Темурмалик аз шаҳри Кат баромада рост ба Нишопур рафт, ки Султон Муҳаммад аз Самарқанд гурехта омада дар он ҷо маҷлиси* ***айшу тараб*** *барпо карда буд [1, с.72]. Аҷаб аст, ки Отсиз, аз як тараф, барои васеъ кардани мамлакати худ ба муқобили Санҷари Салҷуқӣ меҷангида бошад, аз тарафи дигар, дар ин* ***ҷангу ҷидолҳо*** *аз Қарахитоиён мадад гирифта ҳар сол ба онҳо хироҷи муайяне медод... [1, с.16]. Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ барои ҳамин мақсад бо сесад ҳазор савор ба тарафи Ироқ равона шуда то шаҳри Ҳулвон рафт ва дар роҳ элчии халифаро, ки ба талаби* ***сулҳу осоиш*** *омада буд, таҳқир карда аз пеши худ ронд[1, с.17]. Ана, дар ҳамин вақт тайёрии Чингизхон барои ҳуҷум ба мамлакати Султон шуҳрат ёфт ва аз миёна бисёр вақт нагузашта бо ҳуҷуми чингизиён мамлакати ӯ* ***зеру забар шуд*** *[1, с.17]. Аммо дар вақте султон бо вуҷуди он* ***лофҳову дӯғҳо*** *ба муқобили халифа коре карда натавониста, бе* ***ҷангу ҷидол*** *аз Ҳувлон баргашт ...[1, с.19]. Маҳмуди Ялавоҷ тарсид ва бими он буд, ки султон ӯро*

қатл кунад ва аз хавфу бим ба хушомадгӯйӣ даромада гуфт... [1, с.22]. Султон Муҳаммад ***бе ҷангу ҷидол*** *аз Самарқанд гурехта ба Балх расид [1, с.26]. ...ба ҳеҷ* ***ҳилаву найранг*** *ва ба* ***тарсонишу таҳдид*** *таслим нашаванд ва оқибати таслимшудагонро пеши назар оварда, то ҷон дар бадан доранд, шаҳри худро нигаҳдорӣ кунанд[1, с.43].*

Садриддин Айнӣ дар интихоб ва корбасти калимаҳо бисёр эҳтиёткор ва нозукбин буда, ба ҷиҳати обуранги услубии калимаҳо эътибори ҷиддӣ медод. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар баробари дигар воҳидҳои луғавӣ, феълҳо дар муродифшавӣ серистеъмоланд.

Муқарриз: ***Кенҷазода М.*** – номзади илмҳои филологӣ,
ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Очеркҳои таърихии Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик ва Исёни Муқаннаъ / С.Айнӣ. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. - 250 с.
2. Айнӣ, С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт / С. Айнӣ. – Ҷ. 12. – Душанбе: Ирфон, 1976. – С.23-563.
3. Бобоҷонова Д. Ҷанбаи луғавию сохтории вожаҳои сермаънои соматикӣ / Д. Бобоҷонова. - Хуҷанд: Хуросон, 2011. – 168 с.
4. Брагина, А.А. Синонимы в литературном языке: монография / А.А. Брагина. – М.: Наука, 1986. – 127 с.
5. Ваҳҳобов Т. Устод Айнӣ ва лексикографияи тоҷик / Т, Ваҳҳобов // Ҳақиқат зодаи баҳс аст. – Хуҷанд: Хуросон, 2010. – С.198.
6. Виноградов В.В. О языке художественной литературы. Москва / В.В. Виноградов. – 1958. - С.21.
7. Ғаффоров. Забон ва услуби очерки “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” // Ҷашнномаи Айнӣ. - Душанбе: Дониш, 1971. - С.181-201.
8. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология: китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. - Душанбе: Маориф, 1982. - Қисми 1. - 458 с.
9. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
10. Камолиддинов, Б. Услубшиносӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 115 с.
11. Каримова А.А. Роль Садриддина Айни в развитии современного таджикского литературного языка [На примере анализа глагольной системы]: автореф. дис. …канд. филол. наук / А.А. Каримова. – Москва, 1954. - 24 с.
12. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик/ Н.Маъсумӣ. – Душанбе: Пайванд, 2011. – 385 с.
13. Мухторӣ, Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ. Мухторӣ. - Душанбе: Даваштич, 2006. - 134 с.
14. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев. - Душанбе, 1993. – 122 с.
15. Муҳаммадиев М., Талбакова Ҳ., Нурмуҳаммадов Ю. Лексикаи забони адабии тоҷик / М.Муҳаммадиев, Ҳ.Талбакова, Ю. Нурмаҳмадов. - Душанбе, 1997. - 189 с.
16. Назарова З.А. Муродифоти луғавӣ ва грамматикии феъл дар “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ / З.А. Назарова. - Душанбе, 2015. – 156 с.
17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. - Ҷ.1. – 949 с.
18. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. - Ҷ.2. – 949 с.
19. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби повести «Одина»-и С. Айнӣ / Х.Ҳусейнов. - Душанбе, 1973. – 213 с.

МАВҚЕИ КОРБАСТИ СИНОНИМҲО ДАР ОЧЕРКҲОИ ТАЪРИХИИ САДРИДДИН АЙНӢ

Муаллифи мақола дар асоси очеркҳои таърихии Садриддин Айнӣ маводи зиёдеро гирд оварда, гурӯҳбандӣ намуда, калимаҳои синонимиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ҳангоми баррасии мисолҳо кӯшидааст, ки маҳорати нотакрори устод Айниро дар интихоби калимаҳои муродифӣ нишон диҳад. Садриддин Айнӣ аз зумраи донишмандонест, ки ба интихоб ва тарзи истифодаи калимаҳои синонимӣ нозукбин буда, аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Дар мақола дараҷаи истеъмоли калимаҳои синонимӣ, мавқеи корбурди онҳо, тобишҳои маъноӣ ва услубии синонимҳо баррасӣ гардида, маводи зиёде таҳлил ва таҳқиқ шудааст. Ҳангоми таҳлилу баррасии мавзуъ аз адабиётҳои назариявӣ иқтибос оварда шуда, дар асоси он фикри хешро тақвият додааст. Дар мақола маъноии луғавӣ ва семантикию услубии вожаҳои синонимӣ дар такя ба луғатномаҳо шарҳу тафсир ёфтаанд. Калимаҳои синонимӣ аз ҷиҳати баромад ва мансубияташон ба забонҳо таҳлил гардидаанд. Инчунин дар мақола сабабҳои пайдоиши синонимҳо ва нақши калимасозӣ дар синонимшавии калимаҳо нишон дода шудааст. Силсилаи синонимҳо ва мавқеи корбурди онҳо аз ҷиҳати тобишҳои маъноӣ ва услубӣ бо мисолҳои фаровон таҳлил карда шудаанд.

Калидвожаҳо: синонимҳо, ҷуфтҳои синонимӣ, роҳҳои пайдоиши калимаҳои синонимӣ, тобишҳои услубӣ, лексикӣ, баромади калимаҳои синонимӣ.

МЕСТО УПОТРЕБЛЕНИЯ СИНОНИМОВ В ИСТОРИЧЕСКИХ ОЧЕРКАХ С.АЙНИ

Автор статьи собрал и классифицировал большое количество материала на основе исторических очерков Садриддина Айни и исследовал слова-синонимы. Обсуждая примеры, он постарался показать уникальное умение Айни в выборе синонимов. Садриддин Айни — один из ученых, тонкий к выбору и

использованию синонимичных слов. В статье рассматривается уровень употребления слов-синонимов, место их употребления, смысловые и стилистические оттенки синонимов, анализируются и исследуются многочисленные источники. При анализе темы автор цитировал теоретическую литературу и тем самым подкреплял свое мнение. В статье на основе словарей разъясняется лексическое, семантическое и стилистическое значение слов-синонимов. Синонимичные слова проанализированы с точки зрения их происхождения и принадлежности к разным языкам. В статье показаны причины возникновения синонимов и роль словообразования в синонимии слов. На многочисленных примерах проанализированы ряды синонимов и случаи их употребления, с точки зрения семантических и стилистических нюансов.

Ключевые слова: синонимы, синонимические пары, способы происхождения слов-синонимов, стилистика, лексические оттенки, происхождение слов-синонимов.

PLACE OF USE OF SYNONYMS IN HISTORICAL ESSAYS OF S.AYNI

The author of the article collected and classified a large amount of material based on the historical features of Sadriddin Aini and studied synonymous words. Discussing examples, he tried to show Aini's unique skill in choosing synonyms. Sadriddin Aini is one of the scholars who is sensitive to the choice and use of synonymous words. The article discusses the level of use of synonymous words, the place of their use, the semantic and stylistic shades of synonyms, analyzes and explores numerous sources. Synonymous words are analyzed from the point of view of their origin and belonging to languages. The article shows the causes of the emergence of synonyms and the role of word formation in the synonymy of words. Numerous examples are used to analyze the rows of synonyms and the position of their use from the point of view of semantic and stylistic nuances.

Key words: synonyms, synonymic pairs, ways of origin of synonymous words, style, lexical shades, origin of synonymous words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Фозилова Муаззам Муйддиновна*** - Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, унвончӯйи шуъбаи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21

Сведения об авторе: ***Фозилова Муаззам Муйддиновна*** - Институт языка и литературы им. Рудаки НАНТ, соискатель отдела таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21

Information about the author: ***Fozilova Muazzam Muiddinovna*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki NANT, applicant for the Tajik language department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21

УДК: 42:497.550

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ-ГРАММАТИКИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ СУБСТАНТИВӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Гадоев Б.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳлили муқоисавӣ-типологии ВФ ҳам дар коркарди назарияи умумии фразеология ва ҳам дар ошкор намудани аломатҳои умумӣ ва типологии забонҳои муқоисавӣ аҳамияти хеле калон дорад. Баъд аз мақолаҳои В.В. Виноградов дар забоншиносии русӣ мақолаҳои хурду калон, монографияҳо ва фишурдаҳои илмӣ ба вуҷуд омад. Забоншиносони собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ ва олимони хориҷӣ дар асоси ақидаи назариявии В.В. Виноградов ба пажӯҳиши фразеологии забонҳои хеш шурӯъ намуданд [9, с.140-161].

Минбаъд олимони шӯравӣ дар корҳои нави худ доир ба масъалаҳои таснифот ва омӯзиши сохтор ва семантикаи фразеологизмҳо таҳқиқотҳои илмиро ба анҷом расониданд. Онҳо ақидаҳои В.В. Виноградовро вусъат бахшиданд ва ба бисёр ҷиҳатҳои мавзӯи ВФ равшанӣ андохта қайд намуданд, ки ҳангоми корҳои тадқиқотӣ бояд хусусиятҳои ҳар як забонро ба инобат гиранд. Махсусан, корҳои тадқиқотии Б.А. Ларин доир ба таҳлили фразеологизмҳо, ҷамъбасти раванди семантикӣ-фразеологӣ аз нуқтаи назари семантикӣ қарор дорад [16, с.125-129]. Ғайр аз ин, андешаҳои В.В. Виноградовро А.И. Ефимов, С.И. Ожегов [22, с.189-219], И.А. Мелчук ба таври васеъ натиҷагирӣ карда шуда, онро боз ҳам равшантар намуданд. Ақидаҳои забоншинос А.И. Смирнитский [24] доир ба масъалаҳои фразеологӣ аҳамияти хеле калон доранд. Дар асоси назарияи муқоисаи ВФ ва калимаро пеш мегузорад ва фарқи семантикӣ, функсионалӣ ва сохтории ВФ-ро муайян менамояд. А.И. Смирнитский фразеологизмҳоро ба яктаркиба, дутаркиба ва бисёртаркиба, яъне таркибҳое, ки аз як калимаи мустақил ва як калимаи ёридиҳанда, аз ду ва зиёд калимаҳои мустақил иборатанд, ҷудо мекунад [1,с.16].

Н.Н. Амосова ва А.В. Кунин дар корҳои тадқиқотии худ намудҳои ибораҳои устуворро, ки меҳвари фразеологияро ташкил медиҳанд, инчунин вобастагии калимаҳоро, ки байни фразеология ва синтаксис қарор дорад,ҷудо мекунад.

Н.Н. Амосова ВФ-ро ба ду гурӯҳ тақсимбандӣ мекунад: фраземаҳо ва идиомаҳо, ки ҳар яке аз онҳо ба воҳидҳои матнии фаъол ва ғайрифаъол ҷудо мешавад [3, с.186].

А.В. Кунин доир ба фразеологияи забони англисӣ тадқиқоти назаррасро ба анҷом расонидааст. Мавсуф таснифоти сохторӣ-семантикии ВФ-и забони англисии муосир ва принсипҳои тартиб додани луғати англисӣ-русии фразеологиро пешниҳод мекунад. Ба ақидаи ӯ: «Воҳидҳои фразеологӣ – таркиби устувори калимаҳои бо пуррагӣ ё қисман бо тарзи нав таҷдиди назар гардидани маънои он мебошад» [14, с.8].

Доир ба масъалаи ВФ забони тоҷикӣ корҳои тадқикотии олимон, ба монанди А. Мирзоев, Д.Т. Тоҷиев, Н.М. Маъсумӣ, Ш.Н. Ниёзиро қайд кардан мумкин аст. Солҳои 60-ум -80-ум корҳои илмии ба фразеологияи тоҷик бахшидашуда аз тарафи Фозилов М.Ф. [1963, 1964], Халилов А. [1964], Ғаффоров Р. [1966], Юсупова М. [1966], Ҳушенова С.В. [1971], Абдураҳимов С. [1973], Ҳасанов И. [1974], Маҷидов Ҳ. [1982, 1995] ба анҷом расонида шуда буданд.

Кори тадқиқотии Хушенова С.В. доир ба ВФ изофӣ аввалин тадқиқоти назариявӣ дар забони тоҷикӣ дар бораи ибораҳои устувори забони тоҷикӣ ба шумор меравад [Хушенова, 1971]. Доир ба ҳалли масъалаҳои ВФ забони тоҷикӣ дар корҳои илмӣ-тадқиқотии Маҷидов Ҳ. ба таври муфассал ҳалли худро ёфтаанд [17, 1982; 18, 1995].

Доир ба воҳидҳои фразеологии субстантивӣ (ВФС) дар корҳои тадқиқотии олимон – Ю.А. Рубинчик [1981], Хушенова С.В. [1971], Абдураҳимов С. [1973], Маҷидов Ҳ. [2006], Азимова М.Н. [2006], Кунин А.В. [1972], Амосова Н.Н. [1963] ва дигарон мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳамчунин роҷеъ ба корҳои тадқиқотии типологияҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ саҳми олимон Азимова М. [1980, 1995], Наврузшоев Б. [2011], Туйғунов Н. [2011)] Иқболов О. [2017], Шарипова З. [2011], Мирзоева М. [2008, 2017], Муслимов М. [2009], Раҳимов М. [2018] ва дигарон хеле назаррасанд.

Доир ба типологияи муқоисавии воҳидҳои фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар корҳои тадқиқотии муҳаққиқон Наврузшоев Б.Х. оид ба таркибу ибораҳои рехтаи феълии забони англисӣ ва тоҷикӣ [25. с.24-26], Иғболов О.Ш. оид ба баъзе хусусиятҳои фарқкунандаи зарбулмасал аз мақол дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [14, с.116-120], Муродов Ф.М. роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ [21, с. 66-71], Зоғакова Г.И. доир ба нишонаҳои муҳимтарини воҳидҳои фразеологӣ дар забони муосири тоҷик мушоҳида кардан мумкин аст [13, с.100-105].

Азбаски ҳамаи ҷанбаҳои ВФ-ро дар як макола инъикос кардан аз имкон берун аст, мо тасмим гирифтем, ки доир ба ВФ субстантивӣ (ВФС) дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ баъзе фикру мулоҳизаҳои худро баён намоем.

Роҷеъ ба ВФ субстантивӣ дар забони англисӣ ва тоҷикӣ корҳои зиёди таҳқиқотӣ мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Аммо дар байни олимони ин соҳа то ҳол фикру мулоҳизаҳои гуногун мавҷуданд. Бояд қайд кард, ки доир ба хусусиятҳои сохторӣ-грамматикии ВФ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ корҳои зиёди тадқиқотӣ низ ба анҷом расонида шудаанд ва олимон ҳангоми таснифоти ВФ ба принсипи сохтории он бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

В.Н. Телия дуруст қайд менамояд, ки «Фразеологизм сохтори яклухтиро дар худ доро аст, аз ҳамин сабаб танҳо маҷмӯи аломатҳои сохторӣ барои муайян намудани моҳияти хусусияти фразеологизмҳо ва навъҳои гуногуни онҳо метавонад бо далелҳои қатъӣ хизмат кунад» [25, с.170].

Аз нуқтаи назари забоншинос Н.М. Шанский ибораи фразеологӣ – воҳиди забониест, ки дар шакли тайёр истифода шуда, аз ду ва ё зиёда ҷузъҳои пайваст иборат аст [30, с.20]. Профессор Маҷидов Ҳ. қайд мекунад, ки фразеологизмҳо аз ҷиҳати сохтор аз ибораи озод ё ҷумла фарқ намекунад ва дар ҳар кадом забон бо нақшаи моделӣ ё сохторӣ бо мавҷудияташ таҷдиди назар мегардад. Фарқ дар он аст, ки дар сохтори худ онҳо метавонанд асосҳои модели конструктивиро бо инъикоси аломатҳои инкишофи забонҳои таърихӣ ҷой диҳанд. Аз ҳамин сабаб, дар асоси таснифоти ВФ оид ба аломати сохторӣ одатан сохтори синтаксисии онҳо гузошта мешавад, аз ин рӯ, ба таври анъана ду навъи сохтори ВФ-ро мушоҳида кардан мумкин аст: а) ВФ-е, ки бо модели ибораи сохта мешавад; б) ВФ-е, ки дорои сохтори ҷумлаи комилан мутобиқ ҳастанд [18]. Арбекова Т.И. ВФ-ро аз рӯйи сохтор ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунад: субстантивӣ, феълӣ, адъективӣ ва адвербиалӣ [6, с.108]. Арнольд И.В. қайд мекунад, ки дар ВФ номӣ сарбории асосии маъноиро калимаҳои номӣ (исм, сифат, ҷонишин ва монанди инҳо) бар ӯҳда мегиранд, ки асоси мазмуни ВФ-ро таъмин мекунанд. Ҳамчунин ВФ-и номинативӣ муносибати предмет бо сифати он номида мешавад, ки дар онҳо муносибатҳои ба вуҷудоянда муайянкунанда ба шумор мераванд. Аммо дар ҳақиқат онҳо дар нутқ ҳамчун маънои яклухт истифода бурда шуда ва як аъзои ҷумларо ташкил мекунанд [7, с.189].

Профессор Маҷидов Ҳ. қайд мекунад, ки ба ҳайси ҷузъи асосии ВФ субстантивӣ, чун қоида, ҳамеша исмҳо баромад мекунанд. Масалан, **мурғи марҷон** ба маънои *хурӯси мурғи марҷон* **оби ҳайвон** ба маънои *оби ҳаёт;* **як даста** ба маънои *банча, даста, банд*; **чаҳор ишкел** ба маънои *эҳтиёҷ, ниёз* ва ҳ.к.з. ВФ на танҳо аз рӯйи ҷузъи асосӣ, инчунин аз руйи ифодаи умумии семантикаи фразео-грамматикӣ субстантивӣ мебошад: *Агар Додоҷон раис шавад, **чаҳор ишкели** мо ҷо ба ҷо мешавад.*

Мавсуф ВФ субстантивиро аз руйи мутобиқат ба гурӯҳҳои дигари ҳиссаҳои нутқ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунад: масалан, бо сифат, зарф, ва монанди инҳо. ВФ **тоҷи сар** *ба маънои* ягона, азиз, маҳбуб; **гули бодом** *ба маънои* барф барин сафед, сап-сафед; **ду даҳан** *ба маънои* андак, камакак; ва ҳ.к.з. ба сифат тааллуқ доранд: … ҷону ҷигарам, писарам, *тоҷи сарам. … ду даҳан* гапи ширини сардорамонро нашунидаам [18, с.245]. ВФ **як чаҳон** ба маънои *хеле, бисёр, аз ҳад зиёд*; **як андоза** ба маънои кам, андак, камакак; **гӯш ба қимор** *ба маънои* бо диққат, ҳушёр, зирак; ба зарф тааллуқ доранд. *Як чаҳон* асрор дорад, кӯҳсор, Чашмаи бисёр дорад кӯҳсор [27, I, 502]… хомӯш *гӯш ба қимор* истодам [18, с.246]. Профессор Маҷидов Ҳ. ВФ субстантивиро дар забони тоҷикӣ ба ВФ субстантивии **дуаъзогии тағйирёбанда** ҷудо мекунад, ки боз онҳоро ба се зергурӯҳҳо тақсим мекунад: **а)** изофӣ (*ср*. **қуввати дил,** *ба маънои* азиз, маҳбуб, пуштибон; **сандуқи дил,** *ба маънои* сина, сари сина*)*; **б)** ҳамроҳӣ (**як тоқа**, *ба маънои* як қисм, як ҷузъ; **осон гап**, *ба маънои* осон, ба

осонӣ)*;* ва **в)** пешояндӣ (**даст ба гиребон**, *ба маънои* ҷанҷол, занозанӣ; **аз хирс мӯе**, ба маънои *бахши ночиз*) [18, с.246-247].

Профессор Азимова М. қайд мекунад, ки зери мафҳуми субстантивӣ ВФ-е фаҳмида мешавад, ки баромади функционалӣ бо ибораҳои субстантивии номие доранд ва дар онҳо калимаи исмӣ ҳамчун такягоҳ сохтори асосӣ ва маъноиро ба вуҷуд меоварад: **забони гӯё; мурғи посӯхта; дасти бурида; роҳи равон** – country cousins; calamity honkers; real blend; shoot miss ва ғайра [18, с.120]. -и субстантивӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз рӯйи сохтори грамматикӣ гуногунтабиат мебошанд. Гуногунии муносибатҳои муайян, ки дар ВФ-и синфи мазкур ба миён меояд, бо унсурҳои мухталифи пурракунандаи сохтори чунин фразеологизмҳо алоқаманд мебошад. Акнун якчанд сохтори моделии ВФ-и субстантивиро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дида мебароем. Ҳангоми таҳлили сохтории ВФ субстантивӣ мо ба корҳои таҳқиқотии профессор Маҷидов Ҳ., муҳаққиқон Абдураҳимов С., Ҳушенова С. ва доир ба сохтори грамматикии ВФС дар забони англисӣ ба корҳои илмии дар ин соҳа ба анҷомдодаи профессорон Кунин А.В., Амосова Н.Н., Азимова М.Н. такя намудем. Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки сохтори ВФ-и субстантивӣ дар ҳар ду забонҳои муқоисашаванда гуногунсохт мебошанд: сохтории **N –и + Adj = Adj + N** ВФ аз рӯйи сохтори **N -и + Adj** (исм + бандаки изофӣ + сифат) дар забони тоҷикӣ ба вуҷуд меояд ва ба онҳо зерҳолати сифат дар муносибат ба калимаи решагӣ ва алоқаи изофӣ бо исм хос аст. Сарбории асосии маъноӣ дар ВФ-и субстантивӣ дар калимаи исмӣ ҳамчун унсури меҳварӣ қарор мегирад: **ҷӯи калон; хонаи калон; маблағи калон; хонаи ҷанубӣ; меҳрубонии модарона; кори хунук** (бад, ганда); **табиби ҳозиқ** *ба маънои* духтури моҳир; **дарди бедаво** *ба маънои* дарди сар, бори гарон, салма; **барги сабз** *ба маънои* тӯҳфаи ночиз**; дасти расо; дили сангин; дили сахт; дили танг; қалами бурро; забони тез** ва ғайра.

Муҳаққиқ Абдураҳимов С. қайд мекунад, ки вазифаи асосии грамматикии бандаки изофӣ тобеъ гардонидани як калима ба калимаи дигар, яъне ташкил намудани ибора аст. Бо бандаки изофӣ калимаҳо бо ҳам алоқаи синтаксисӣ баста, як гурӯҳи аз ҳама калони ибораҳоро ташкил мекунанд. Бандаки изофӣ дар охири калимаи асосии ибора чун як унсури морфологӣ ҳамроҳ мешавад.

Хусусияти грамматикӣ ва маънои исм имконият медиҳад, ки вай бо алоқаи изофӣ ҳамаи ҳиссаҳои номии нутқро тобеъ гардонад. Ибораҳои исмӣ вобаста ба ҷузъи тобеъ ба чунин хелҳо ҷудо мешаванд: исм бо исм; исм бо сифат; исм бо ҷонишин; исм бо шумора; исм бо сифати феълӣ; исм бо масдар [2, с.24].

Ибораи **барги сабз** дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» бо чунин маъно зикр гардидааст: *туҳфа, туҳфаи ночиз; раҳовард*. Мисол: Нагиред меранҷам. Ин фақат … Ҳамин тавр як *барги сабз*, барои омадани Ҳайдарҷон. - «*Барги сабз*»-и аз Ҷорҷӯй овардаатон бад нест … [27, I, 71].

Хусусияти хоси ВФ-и субстантивӣ дар забони англисӣ бо ҳарфи изофат (бо артикл) омадани сифат дар муносибат ба исм ва алоқаманд шудани он мебошад: **a kind (soft, sympathetic, warm) heart, a bad (biting, bitter, dangerous, enomous, wicked) tongue; an easy game (prey); a black coat; a nearly bird; a bright spark; a weak sister; a tough egg; the full age etc.**

Дар "Англо-русский фразеологический словарь" (А.В. Кунин) ибораи субстантивии **a kind (soft, sympathetic, warm) heart** чунин корбаст шудааст: *доброе сердце, мягкосердечие, отзывчивость - дили меҳрубон (пурмеҳр, нек, некукор), нармдилӣ, раҳмдилӣ, меҳрубонӣ, мушфиқӣ, ҳамдардӣ* [15, с.375].

Ибораи субстантивии **a hard heart (***тж***. a heart of flint или of stone, stony heart** ба маънои **каменное сердце**, жестокосердие, бессердечность – сангдил, сахтдил, бераҳм, дили бераҳм, сангдилӣ, бераҳмӣ, бетараҳҳумӣ, дилсахтӣ омадааст [15, с.374].

Аз рӯйи мисолҳои овардашуда маълум мешавад, ки ВФ субстантивӣ бо ин модели сохторӣ дар хар ду забон хеле сермаҳсуланд. Дар забони тоҷикӣ ҷузъи асосӣ, яъне исм дар аввали ибора омада тавассути бандаки изофӣ ҷузъи дуюмро ба худ пайваст мекунад. Дар забони тоҷикӣ ҳолати постпозитсияи ҷузъи вобастаро мушоҳида мекунем, яъне калимаи меҳварӣ пеш аз сифат меояд. Дар забони англисӣ мо мавқеи препозитсияро мушоҳида мекунем, яъне дар ҷойи аввал сифат, дар ҷойи дуюм исм меояд: **табиби ҳозиқ**.

Хусусияти дигари ВФ субстантивии ин сохтор дар он аст, ки бандаки изофии **-и** барои сохтани ин гуна ибораҳо нақши муҳимро иҷро мекунад. Дар забони англисӣ метавонад артикл пеш аз сифат истифода карда шавад: **a weak sister.**

Модели сохтории дигари ВФ субстантивии бе пешоянд ин модели **Nи+N=N+N** (исм + бандаки изофӣ + исм = исм + исм) мебошад. ВФ-и субстантивӣ, ки дар онҳо дар ҳар ду забон исми меҳварӣ тавассути исми вобаста паҳн мешавад: **Nи+N (исм-и + исм)** – дар забони тоҷикӣ ва **N+N (исм + исм)** – дар забони англисӣ. Ин сохтор низ дар ҳар ду забон хеле серистеъмоланд.

Дар забони тоҷикӣ ВФ-и модели мазкур аз рӯйи тавсифи сохторӣ-маъноӣ бо сохтори қаблӣ монандӣ дорад: чун дар модели **Nи+Adj** исми вобаста пас аз калимаи меҳварӣ қарор гирифта, ба он тавассути алоқаи изофии тобеъ алоқаманд мешавад: **оби чашм, оинаи ҳаёт, тоҷи сар, дили шаб, бори зиндагӣ** ва ғайра.

Дар забони англисӣ модели **N+N** нақшаи сохториеро соҳиб аст, ки дар он исми вобаста дар муносибат ба он тавассути воситаи синтаксисӣ-калимаи тартибӣ алоқаманд мешавад: **country cousins; iron will; family man; lip service; school miss.**

Муҳаққиқ Абдураҳимов С. қайд мекунад, ки ВФ субстантивии изофӣ дар забони тоҷикӣ хеле сермаҳсул аст. Ибораҳои изофӣ дар забони адабии тоҷик нисбат ба ибораҳои исмии пешояндӣ ва ҳамроҳӣ хеле серистеъмоланд. Роли бандаки изофӣ **-и** дар ташкил намудани ибораҳо, ки ба ҳиссаҳои номии нутқ тааллуқ доранд, як хел нест. Ибораҳое, ки ҳам ҷузъи асосӣ, ҳам ҷузъи тобеашон исманд ва ё ҷузъи асосиашон исму ҷузъи тобеашон сифат ё ҷонишин мебошад, бо бандаки изофӣ хеле бисёр сохта мешаванд. Шумора нисбат ба сифат ба воситаи бандаки изофӣ кам вобаста мегардад. Ин гуна хусусияти фарқкунандаи алоқаи калимаҳоро на ин ки дар байни ҳиссаҳои номии нутқ, балки дар дохили як ҳиссаи нутқ ҳам мушоҳида намудан мумкин аст [2, с.23]. Мисол: **оби чашм** *ба маънои* ашк, оби дида; **сари сина** *ба маънои* қафаси сина; сина, сари дил; **гӯшаи чашм** *ба маънои* аз зери чашм, аз таҳти чашм; **шарораи умед** *ба маънои* асос ба умед; **арзи ҳол** *ба маънои* ошкор кардан(и), равшан кардан(и); **ғарқи хаёл** *ба маънои* фикр, андеша, хаёл, ният; **дарди дил** *ба маънои* орзу, умед, умедворӣ; **вирди забон** *ба маънои* одатӣ, муқаррарӣ, забонзади мардум; **нури чашм** *ба маънои* маҳбуб, азиз [18, с.249].

Чанд рӯз боз **оби чашмаш** хушк намешавад [18, с.248]. … ду почаашро ба **сари синааш** зад. … гоҳ-гоҳ дар як кунҷи дили озурдаи Бибигул **шарораи умед** мисли гавҳари шабчироғ милтос мезаду хотири ӯро андак осуда менамуд [18, с.250].

Дар мисолҳои овардашуда маълум мешавад, ки ВФ субстантивӣ дар забони тоҷикӣ тавассути бандаки изофӣ (-и) хеле сермаҳсул мебошад ва аз рӯи модели **Nи + N** сохта мешаванд. Дар забони англисӣ бошад, бандаки изофӣ нест ва дар ҳар ду забон ҷузъи асосӣ исм ба шумор меравад. Дар забони англисӣ модели **N + N** истифода мешавад: **backroom boy, Aunt Sally**. Дар забони тоҷикӣ: **қуввати дил, нури чашм, устои гулдаст.** Дар ВФ субстантивӣ исми вобаста пас аз калимаи меҳварӣ қарор гирифта, ба он тавассути алоқаи изофии тобеъ алоқаманд мешавад: **дили шаб, оби чашм, оинаи ҳаёт, тоҷи сар, бори зиндагӣ, кулоҳи Сулаймон, дарди сар, қафаси сина**. Дар забони англисӣ бошад калимаи меҳварӣ дар ҷойи дуюм меистад: Aunt **Sally.** Аммо дар забони тоҷикӣ мо баракси онро мушоҳида мекунем, яъне ҷузъи асосӣ дар ҷойи аввал меояд: **нури** чашм.

Модели сохтории **N + conj/and + N** дар забони англисӣ ва **N + у +N** дар забони тоҷикӣ.

Модели ин гурӯҳи ВФ субстантивӣ дар забони англисӣ чунин аст: **N + and + N** Мисол: **air and graces; milk and water; beauty and the beast.** Дар байни ВФС бо структураи пайвасткунанда дар ҳар ду забон хеле сермаҳсуланд. Қисми зиёди онҳоро пайвандаки **and** ташкил медиҳад. Профессор А.В. Кунин аз руи сохторӣ онҳоро ба ду гурӯҳ тақсия мекунад: **1.** Фраземаҳои дуаъзогии субстантивӣ: **the life and soul (of something)** «илҳомбахш», «ташкилотчии асосӣ», «ҷону дил», «гули сари сабад» (ҷону дили маърака, муассиса ва ҳ.к.з.); **oil and vinegar** «ҳамчун равғану сирко» (доир ба оштинопазирии мухолифатҳо); **wear and tear** «мондагӣ, хастагӣ» (бештар **the wear and tear of life** «ташвишҳои зиндагӣ»; **the wear and tear of time** «қувваи вайронкунандаи замона» ва ғ. Одатан ҷузъҳои мустақилмаъно ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд. **2.** Фраземаҳои сеҷузъӣ ва бисёрҷузъии субстантивӣ. Шумораи фраземаҳои сеҷузъии субстантивӣ бо сохтори пайвасткунанда он қадар зиёд нест: **the long and the short of it (the short and the long of it)** «хулоса» (мухтасар карда гӯем, алқисса, хулласи калом); **the Red, White and Blue** «Парчами давлатии Англия» ва баъзе дигарҳо. Шумораи фраземаҳои бисёрҷузъӣ бо сохтори пайвасткунанда назар ба фраземаҳои сеҷузъӣ бо бисёрҷузъи чунин сохтор зиёдтар аст.

Миёни ВФ бисёрҷузъӣ чунин ибораҳо афзалият доранд: **all the world and his wife**; 1. ҷамоати калон, гурӯҳи калон, тӯдаи одамон; 2) тамоми аъёну ашроф**; cross questions and crooked answers** «бозии саволу ҷавобҳо» (ки ба ҳар як савол бо саволи дигар равон карда мешавад); *маҷ.* «саволу ҷавобҳое, ки ба якдигар ягон муносибате надоранд», «кӯшиши аз саволҳои додашуда рӯйрост саркашӣ кардан»; **Dr Jekyll and Mr Hyde; hatches catches, matches and dispatches** «сутуни рӯзнома бо эълонҳо доир ба ҷашни рӯзи таваллуд, номзад кардан, туйҳои арӯсӣ ва марг». [14, с.117-119]. Фразеологизмҳои пайвасткунанда якчанд хусусиятҳо доранд. Яке аз онҳо ин устувории ҷойгиршавии ҷузъҳо мебошад, ки ҷойи онҳоро иваз кардан мумкин нест. Дар ҳолати иваз ккрдани онҳо маънои он метавонад дигаргун шавад, яъне маънои фразеологизм гум мешавад. Мисол, ба ҷойи ибораи **beer and skittles** «тамошои идона» **skittles and beer** ояд, маънои он «кегелбозӣ ва оби ҷав» (*бозие, ки дар он бозингар ба воситаи гелондани саққоҳои чӯбин қатори чиллакҳоро аз масофаҳои муайян зада меафтонад*) мешавад, яъне ибора устувории худро гум мекунад.

Хусусияти дигари он чунин аст, ки дар баъзе ҳолатҳо дар таркибҳои пайвасткунанда чунин ба назар мерасад, ки пеш аз ҷузъҳо артикл истифода намешавад, ҳатто дар ҳолате, ки ҷузъҳояшон исмҳои конкретианд: **house and yard, house and garden, horse and cart** ва ҳ.к.з. Сабаб дар он аст, ки ҳар ду предмет ба якдигар алоқаи зич доранд. Аммо дар баъзе ҳолатҳо артикл партофта намешавад: **a man and a brother** «наздик», «хешу табор» [3, с.122-123].

Дар «Англо-русский фразеологический словарь» (А.В. Кунин) ибораи дуҷузъии субстантивии **the life and soul (of something)** бо чунин маъно корбаст шудааст: вдохновитель, главный организатор, душа (общества, предприятия и т.п.) «илҳомбахш», «ташкилотчии асосӣ», «ҷону дил», «гули сари сабад» (ҷону дили маърака, муассиса ва ҳ.к.з.): *Mrs. Higgins*. Henry, you are **the life and soul of the Royal Society's soirees**; but really you're rather trying on more commonplace occasions. *(B. Shaw, 'Pygmalion', act III) [15, с.454]. Хонум Хиггенс*. Ҳенри! Ту, дар маҳфилҳои шоҳона фавқулодда маҳфилорои, аммо, рости гап дар маҳфилҳои нисбатан хоксорона барои ту хеле мушкил аст. The easy currents of conversational small-talk which made him always **the life and soul of a party**, the blandishments that flowed naturraly from his lips, were dried up at the source. *(A.J. Cronin, 'Hatter's Castle', book I, ch. 2)* [15, с.454].

Дар «Русско-таджикский словарь» (Москва «Русский язык», 1985) ибораи **душа общества** бо чунин маъно омадааст: *ҷони (чароғи) маҳфил, маҳфилоро [5, с.609]; ҷону дили маърака* [5, с.246]. Дар китоби Ҳушенова С.В. **душа общества** ба маънои *«гули сари сабад»* омадааст, ки ин ибора ҳамчун фразеологизм хуб тарҷума шудааст [29, с. 80]. Ибораи фразеологии **гули сари сабад** дар китоби Маҷидов Ҳ. [18, с.259] бо чунин маъно истифода шудааст: беҳтарин, писандидатарин. Шираи замин **гули сари сабади** бани одам аст [18, с.260].

Ибораи субстантивии **«гули сари сабад»** дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик», [*ниг*: 27, қ. 1, с.234] бо чунин маъно корбаст шудааст: 1. *беҳтарин, писандидатарин*, 2. *зинатбахши ҷамъият ё ягон маҷлис*. Рӯзҳои таътил дар он ҷо маҷлиси адабӣ ва сурудхонӣ ташкил меёфт; дар маҷлисҳои адабӣ зинатбахши давраи дӯстон, монанди **«гули сари сабад»**-и бӯстон Муҳаммад Сиддиқи Ҳайрат буд [27, с.234].

Ибораи фразеологии субстантивии **oil and vinegar** «как масло и уксус» (о непримиримых противоположностях) дар «Англо-русский фразеологический словарь» [15, с.551] бо чунин маъно ифода гардидааст: *непримиримые противоположности, полная противоположность - тамоман акс (зид); лёд и пламень – ях ва шӯъла (аланга, алов, оташ) (ашё ва ё ҳодисае, ки мухолифи ҳамдигар мебошанд); и в противоположность кому-чему л. бар хилофи (бар акси) касе, чизе.*

Men get such different habits that they become as **oil and vinegar** to one another. Одамон дорои чунон майлу хислатҳои гуногунанд, ки тамоман маълум нест чӣ тавр онҳо метавонанд бо ҳам мувофиқ бошанд. ВФ-и субстантивӣ тавассути нақшаи сохтории мазкур дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси ду исми баробармақом ба вуҷуд меоянд, ки ҳар ду ба воситаи пайвандакҳои ҷудоии conj **-у = and** алоқаманд мешаванд. Дар забони тоҷикӣ модели **N + у + N** низ хеле сермаҳсул аст: **хурду хӯрок; дилу ҷигар; хешу табор; рӯзу шаб; фанду фиреб; кору бор; дасту пой** ва ғайра. Қисми калони таркибҳои фразеологӣ аз ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъно ба вуҷуд омадаанд. Онҳоро таркибҳои фразеологии

копулятивӣ (таркибҳои ҷуфт) меноманд. Масалан, таркибҳои **«хушку холӣ» (холӣ), «хату савод» (савод), «ҳавову ҳавас» (ҳавас), моту мабҳут (мутаҳайир), «каҷу килеб» (ноҳамвор), «шикасту рехт» (таъмир), «пӯсту устухон» (хароб), «гарму ҷӯшон», (самимона), «боду ҳаво» (иқлим), («кору бор» (кор), «хӯрду хӯрок» (хӯрок), «рӯзу шаб», «дилу ҷигар», «хешу табор» (хеш), «фанду фиреб», «тарсу ваҳм», «шакку шубҳа» (шубҳа), «тару тоза» (тоза, нав).**

Таркибҳои фразеологии ҷуфтӣ аз ду ҷузъҳои гуногун ташкил ёфтаанд, ки тавассути пайвандаки **-у (ё** вариантҳои вай **-ву** ва **-ю** пас аз ҷузъи аввал меояд. Мисол: **шакку шубҳа** *ба маънои* шубҳа, гумон, гумони бад**:** Ӯ фақат шакку шубҳаи худро изҳор карда метавонист … (С.Улуғзода, 1. 38, Улуғзода С. Восеъ. – Душанбе, 1979).

Дар байни калимаҳои таркибҳои фразеологӣ калимаҳои бегона ва унсурҳои дигари грамматикиро ҷой додан мумкин нест. Дар акси ҳол таркиби фразеологӣ ҳамчун воҳиди забон аз байн рафта аҳамияти худро гум мекунад. Ин хосияти ба ҳамаи хелҳои таркибҳои хос махсусан дар таркибҳои ҷуфти фразеологӣ ба таври барҷаста зоҳир мешавад.

Дурустии ин гуфтаҳоро ҳангоми аз назар гузаронидани таркибҳои ҷуфти **«шикасту рехт»** - таъмир, **«боду ҳаво»** - иқлим, **«каҷу килеб»** - ноҳамвор, **«пӯсту устухон»** - хароб, **«гарму ҷушон»** - самимона ва монанди инҳо мушоҳида кардан мумкин аст. На фақат ҷузъҳои дохилии ин гуна мисолҳоро аз ҳам дур кардан мумкин нест, балки ҷойи онҳоро тағйир додан ё ки онҳоро бо калимаҳои дигар иваз кардан ҳам имкон надорад. Ин хосият аз устувории мутлақи таркибҳои ҷуфт шаҳодат медиҳад. Аз рӯйи таркиби лексикӣ-сохторӣ таркибҳои фразеологии ҷуфтӣ (копулятивӣ) асосан аз ҷузъҳои дуаъзогии шахшуда иборатанд. Гарчанде дар байни ТФ ҷуфтӣ таркибҳои бисёраъзогӣ ва таркибҳои шахшуда низ ҳастанд. Дар қатори ТФ ҷуфтии субстантивӣ инчунин ТФ адъективӣ (сифатӣ) ва адвербиалӣ (зарфӣ) низ вомехӯранд. Аз ҳама шакли серистеъмолтар ТФ субстантивӣ маҳсуб меёбанд. Як қисми муайяни ТФ ҷуфтӣ бо исм ифода ёфтаанд, ки онҳоро ТФ субстантивӣ номидан мумкин аст. Хусусияти хоси чунин ТФ аз он иборат аст, ки ҷузъҳои таркибии онҳо аз ҷиҳати морфологӣ якхелаанд, яъне агар ҷузъи аввали он бо исм ифода ёфта бошад, ҷузъи дуюми вай низ бояд бо исм ифода гардад. Модели он чунин аст: **N+y+N.** Масалан: **хату савод** *ба маънои* савод, саводнокӣ; **тоҷу тахт** *ба маънои* ҳокимият. Мақсади ман **тоҷу тахти** Бухоро.; **тану тӯш** *ба маънои* тан, бадан, пайкар. Тӯра мисли як бедонабози ботаҷриба **тану тӯши** онро дид (18, с.293).

Аз рӯйи маводҳои омӯхташуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки қисми зиёди ТФ ҷуфтиро дар забони муосири тоҷик ТФ ҷуфтии субстантивӣ ташкил медиҳанд, ки аз ду исм иборатанд ва сохтори зеринро ташкил медиҳанд: **И+у+И (N+y+N).**

Дар бештари ВФС ҷуфтӣ (копулятивӣ) исмҳое, ки ҷузъҳои таркибиашон исмҳои абстрактианд истифода бурда мешаванд. Ба ин гуна ВФС ҷуфтӣ инҳо дохил мешаванд; масалан, **саъю кӯшиш** *ба маънои* саъй, кӯшиш, ғайрат. Ту бечо айбдор мекунӣ, ӯ **саъю кӯшиш** дорад, хизмататро ба ҷон мекунад.; **феълу хӯй** *ба маънои* феъл, хӯ, табиат. Ман **феълу хӯйи** мардумро нағз омӯхта гирифтагӣ ҳастам.; **қазову қадар** *ба маънои* қисмат, толеъ; **ҳавову ҳавас** *ба маънои* саргармӣ, иштиёқ ва ҳ.к.з. Дар ТФ ҷуфтии зерин ҳар ду ҷузъҳо бо исмҳои конкретӣ ифода ёфтаанд: **хасу хошок** *ба маънои* шохҳои хушки дарахт. Вай торафт калонтар мешуд, **хасу хошок** ва чангҳои сари роҳашро боло бардошта метохт.; **симу зар** *ба маънои* ҷавоҳирот.

Хоҷагон аз мо ғуломон бурдаанд, **Симу зар** ҳамён-ҳамён бурдаанд. (М.Турсунзода, 2, 13. Турсунзода М. Куллиёт. – Ҷилди 2. – Душанбе, 1971).

ТФ ҷуфтии **дасту бозу** *ба маънои* қувва, тавоноӣ; **дилу гурда** *ба маънои* диловарӣ, шуҷоат, далерӣ; **сару тан** *ба маънои* либос, пӯшок; **сару гардан** *ба маънои* қад, қомат; **дасту панҷа** *ба маънои* маҳорат, кордонӣ, тавоноӣ ва бисёр дигарон аз исмҳои конкретие, ки узвҳои баданро ифода мекунанд, иборатанд [18, с.29]).

Дар қатори таркибҳои ҷуфтии бо пайвандак сохташуда, ки аксарияти маводи забони тоҷикиро ташкил медиҳанд, дар баъзе ҳолатҳо низ чунин таркибҳо бо варианти бе пайвандак вомехӯранд. Таркибҳои ҷуфтии бе пайвандак дар бисёр ҳолат аз пайвасти бевоситаи ду калимаҳои бо маъноҳои гуногун иборат мебошанд. Масалан: **пага-фардо** *ба маънои* дар ояндаи наздик; **сиҳат-саломат** *ба маънои* солим ; **калла-поча** *ба маънои* боқимондаҳо; партов; **кашида-кушода** *ба маънои* бо зӯр, бо қувват, сахт. Ҳамчунин аксарияти таркибҳои фразеологии ҷуфтиро метавонем бо пайвандаки **-у** ё бо вариантҳои вай истифода барем. Масалан. Ибораҳои дар боло зикршударо бо чунин вариант

истифода бурдан мумкин аст: **пагаву фардо, сиҳату саломат, кашидаву кушода, алғаву далғав.**

Дар ҳар ду забонҳои муқоисашаванда дар ТФС шумораи ҷамъ низ омада метавонанд: **банду баст – банду бастҳо; рӯзу шаб – рӯзу шабҳо; stocks and stones** *ба маънои* одамони сангдил (бефаросат, кундзеҳн); **beer and skittles** ва монанди инҳо.

Дар натиҷаи таҳлили сохтори ВФС мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо дар ҳар ду забонҳои муқоисашаванда хеле зиёд истифода мешаванд. Хусусиятҳои хоси чунин ВФ дар он аст, ки дар забони англисӣ тавассути пайвандаки **and** ва дар забони тоҷикӣ бошад, бо ёрии пайвандаки **-у** ва вариантҳои вай **-ву, -ю** истифода карда мешаванд. Дар забони тоҷикӣ чунин таркибҳои фразеологиро таркибҳои фразеологии ҷуфт (копулятивӣ) меноманд. Дар забони англисӣ чунин ибораҳо ба дуҷузъӣ **wear and tear** ва сеҷузъӣ ё бисёрҷузъӣ **the Red, White and Blue** ҷудо мешаванд. ТФС ҷуфтӣ хусусияти хоси морфологӣ доранд. Агар ҷузъи якум исм бошад, ҷузъи дуюм низ бо исм ифода мегардад: **хату савод, хешу табор, тоҷу тахт**; **house and yard.** Дар ҳар ду забон таркибҳои ҷуфтӣ дар шумораи ҷамъ низ омада метавонанд: рӯзу шаб – **рӯзу шабҳо**; **stocks and stones.**

Модели сохтории **N +prep. +N =N+prep.+N.**

ВФ субстантивии пешояндӣ бо сохтори алоқаи тобеъ хеле сермаҳсуланд. Дар ин модел пешояндҳои зерин бештар истифода бурда мешаванд: **on, of, in, for, to with, without, about, among, out of.** Мисол: a blot **on** the landscape ; a fly **on** the wheel; a rap **on** the knuckles ; a man **of** straw ; the villain **of** the piece ; Jack **of** all trades ; a rift **within** the lute ; wheels **within** wheels ; leaves **without** figs ; sheep **without** a shepherd ; a fish **out of** water ; all the difference **in** the world ; a woolf **in** sheep's clothing; milk **for** babes ; a hen **with** one chicken [14, с.110-112]. Дар забони тоҷикӣ низ ВФС аз рӯи ин модел, яъне **N+ prep.+N (исм + пешоянд + исм)** хеле серистеъмоланд. Масалан: **доғ дар дил** *ба маънои* алам, ҳасрат, дард; **вафо ба аҳд** *ба маънои* садоқат, вафо; **гӯш ба қимор** *ба маънои* ҳушёр; **даст ба гиребон** *ба маънои* ҷанҷол, занозанӣ; **дам ба дарун** *ба маънои* хомӯшӣ; **ҷон ба лаб** *ба маънои* азоб, дарду алам [18, с.257]. Дар забони тоҷикӣ дар баъзе ҳолатҳо пешоянд метавонад пеш аз исм ояд **Prep.+N+N**: **аз гов ғадуд** *ба маънои* камакак, андак, қадре.

Дар ин гуна ВФ субстантивии пешояндӣ ҷузъи асосӣ артикли **- е** мегирад: **аз кунда парахае** *ба маънои* камтар, андак, кадре; **аз хирс мӯе** *ба маънои* ҳадяи ночиз (*муқ. рус*. с паршивой овцы хоть шерсти клок). Дар баъзе ҳолатҳои кам ВФ субстантивӣ метавонанд бо конструксияи омехтаи пешояндӣ ва изофӣ сохта шаванд: **Ни + prep. + N** Мисол: **лаклаки дар ҳаво** *ба маънои* фоида аз қарз; **умри дар пеш** *ба маънои* оянда медоштагӣ; **сари ба афсор** *ба маънои* ба итмом расондашуда (боб) [18, с. 258].

Дар забони англисӣ бандаки изофӣ нест ва он тавассути артикл истифода бурда мешавад, ки вай пеш аз исм меояд**: a blot on the landscape; a fly on the wheel.**

Модели сохтории дигар **Part. + N** (сифати феълӣ + исм) дар забони англисӣ ва сохти **Ни + Part.** (исм + бандаки изофӣ + сифати феълӣ) дар забони тоҷикӣ низ дар ҳар ду забонҳои муқоисашаванда истифода бурда мешаванд.

Сохтори мазкур дар ҳар ду забони муқоисашаванда хеле маъмул буда, дар он ба сифати ҷузъи асосӣ исм ва сифати феълӣ ҳамчун ҷузъи тобеъ баромад мекунад. Ба ҳайси ҷузъи дуюми ИФС изофӣ шаклҳои замонҳои гуногуни сифати феълӣ омада метавонанд: **гурги боронди**да *ба маънои* шахси доно, маккор. Ибораи **«гурги боронди**да**»** дар «Фарҳанги фразеологии ибораҳои рехта» бо чунин маъно омадааст: 1. одами гарму сардии ҳаётро чашида, пуртаҷриба, кордида, пухта, 2. маккор. Абдулло, ки **гурги боронди**да буд, табассум карда монд. Вай мақсади Мухторро фаҳмид. [27, қ.1, 242].

Ибораҳои **булбули гӯё** *ба маънои* суханвар, суханпардоз; фасеҳ; *маҷ.* маънидор; **сарви равон** *ба маънои* хушандом, хушқаду қомат*;* **дили шикаста** *ба маънои* 1. озурда, хафа, ғамгин 2. парешонхотир, 3. маъюс, ноумед. [27, қ. 1, 400]. Ёлдор **гурги боронди**да буд [Р.Ҷалил, 4, 56]. Бе ту дар тӯю тамошоҳо шудам, Бе ту гоҳо **булбули гӯё** шудам [27, қ. 1,143]. Бо лаъли шаккарафшон ширинзабон баромад, Баҳри салом додан **сарви равон** баромад! [18, с. 252].

Ибораҳои субстантивӣ, ки ҷузъи тобеашон сифати феълӣ мебошад, дар забони тоҷикӣ метавонад исм бо сифати феълии замони гузашта, исм бо сифати феълии замони ҳозира истифода карда шаванд. Масалан: **ҷавоби хомӯшкунанда, суханҳои гуфташуда, рубоиёти нашршуда, одамҳои омадагӣ, дари кушода, гули пажмурда, одами пухта, замони**

гузашта, оби дурахшон, бачаи хандон, бачаи хондагӣ (мехондагӣ, хонда истода), гапи пухта, кори пухта, фикри пухта ва ҳ.к.з. Дар ин мисолҳо калимаи «пухта» маънои маҷозиро дорад.

Дар забони англисӣ ибораҳои субстантивӣ бо сифати феълӣ бо чунин модел истифода мегардад: **Part. I, (II) + N**. Масалан**: rocking chair** *маҳт.* **«**курсии алвонҷхӯранда» алвонҷкурсӣ**, printing workers** «коргарони чопкунанда», «чопкунандагон, табъкунандагон»**, the sleeping girl, Betrayed Spring (novel by J. Lindsay), the country concerned, the issues involved, an offer accepted, the man crossing, reading a newspaper, entering the room, the rising sun, the repeated proposal.**

Профессор Бархударов Л.С. ибораҳои субстантивии бо сифати феълӣ истифодашударо дар забони англисӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад. Ба гуруҳи аввал бо сифатҳои феълии препозитивӣ, яъне сифати феълӣ пеш аз исм меояд: **melting voice, standing water, charming woman, added difficulties, required material** ва ба гурӯҳи дуюм ибораҳои субстантивии бо сифатҳои феълии постпозитивӣ, яъне дар ибора исм пеш аз сифати феълӣ меояд: **the countries concerned, the price mentioned** ва монанди инҳо. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар забони англисӣ ду тарзи сохтори он омаданаш мумкин аст: модели **Part. I, (II) + N ва модели N + Part. I, (II).** Ҳамин тавр ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ИС бо сифати феълӣ дар ҳар ду забонҳои муқоисашаванда исмҳо метавонанд ҳам дар шумораи танҳо ва ҳам дар шумораи ҷамъ истифода шаванд. Дар ҳар ду забон дар ИС бо сифати феълӣ метавонанд ҳам дар замони ҳозира ва ҳам дар замони гузашта истифода бурда шаванд.

Дар забони англисӣ ибораҳои субстантивӣ бо сифати феълӣ метавонанд постпозитивӣ ва препозитивӣ бошанд ва ин ду намуди ибораҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд: the *rising* **sun; the price mentioned.**

Азбаски дар сифатҳои феълӣ дар ҳолати препозитивӣ одатан ягон нишонаҳои грамматикии феъл нестанд, яъне шакли грамматикии категорияи феъл ва таркиби хос барои феъл нест, чунин сифатҳои феълӣ ба осони адъективӣ мешаванд, яъне ба сифат мегузаранд: **melting** voice ‘ нежный голос’, **standing** water ‘**стоячая** вода’, **charming** woman ‘**очаровательная** женщина’, **made** gas ‘**искусственный** газ’, **added** difficulties ‘**дополнительные** трудности’, **required** material ‘**требуемый** (нужный) материал’.

Дар забони англисӣ ИС бо сифати феълӣ бо артикл низ истифода бурда мешаванд: **a dancing child, a flying bird, the written text, the parked car, the rising sun** [8, с.251].

Дар забони тоҷикӣ дар ИС бо сифати феълӣ исм бо бандаки изофии **-и** меояд: **гурги борондида, сарви равон**. Модели сохтории **N’s + N= Nи +N.**

Модели **N’s+ N** барои забони англисӣ хос мебошад: **angel’s visits** «ташрифи гоҳ-гоҳ, аммо хуш»; **husband’s tea** «чойи камранг»; **a Job’s comforter** *инҷил.* «ғамгусор»; **a fool’s paradise «**дунёи хаёлӣ**»**; **Mamma’s darling «**писари нозпарвард, эркаписар**», «**духтари нозпарвард, эркадухтар»; бюрократ; **Adam’s ale** (ё *шотл.* wine) «шароби Одам», «об»; **the parson’s (*ё* the pope’s) nose «**думғозаи (бирёни) парранда»; **Indian (*ё* st. Martin’s) summer «**тирамоҳи заррин», «тирамоҳи гармо»**; King’s (*ё* Queen’s) weather** «ҳавои хуб» (дар ҳолатҳои ботантана (тантананок); **skipper’s daughters «**мавҷҳои баланд бо теғаҳои сафед»**; a dog’s age, a coon’s age** «муддати мадид», «муддати дароз»; **the King’s (Queen’s) English** «забони адабии англисӣ»; **Hobson’s choice; a busman’s holiday** «таҷлили рӯзи ид дар ҷойи кории муқаррарӣ»**; a gentleman’s gentleman** «ҷентлмен дар хизмати ҷентлмен», хизматгор, пешхизмат, навкор; *маҷ.* косалес; **the lion’s provider** «хушомадгӯй». «чоплус», «лаганбардор»; **a printer’s devil** «хаткашон (хатбар) дар матбаа» ; **ship’s husband** «вакили ваколатдори дар ихтиёри худ доштаи киштӣ»; **the tailor’s dummy** «ҷавони олуфта», «сатанг**»,** «худоро», «олуфтасатанг».

Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ин модел **бо** исмҳои хос низ истифода карда мешаванд: **Achill’s heel, Alladin’s lamp, Alnaschar’s dream, Peck’s Bad Boy, Салими ҳамакора, тахти Сулаймон, Пои Маҳмуд.**

Ғайр аз вариантҳои лексикӣ дар байни ВФ субстантивӣ вариантҳои грамматикии гуногунсохтор низ вомехӯранд. Масалан, иваз намудани муайянкунандаи бо исм дар падежи соҳибӣ бо муайянкунандаи зарфӣ ё пешояндии исмии постпозитивӣ: **Procrustes’ bed = the Procrustean bed = the bed of Procrustes; Achilles’ heel = the heel of Achilles; Damocles’ sword = the sword of Damocles.**

Ивази муайянкунандаи препозитивии бо исм дар падежи соҳибӣ бо муайянкунандаи пешояндии исмии постпозитивӣ: **Achilles' heel = the heel of Achilles; Damocles' sword = the sword of Damocles; Eve's daughter = the daughter of Eve «дочь Евы», «намояндаи ҷинси латиф»; Hercules' Pillars = the Pillars of Hercules.**

Дар забони тоҷикӣ тавассути модели сохтории **Nи +N** истифода бурда мешавад, ки бандаки изофии **-и** ба исми асосӣ илова карда мешавад: **шарораи умед** *ба маънои* имконияти андак, имконияти кам, умеди андак; **арзи ҳол** *ба маънои* нишон додан(и), равшан кардан(и); **ғарқи хаёл** *ба маънои* фикр, андеша, хаёл, ният; **муддаои табъ** *ба маънои* ба тарзи идеалӣ (олӣ).

Бо ин модел, ки образнокиро ифода мекунанд, барои исмҳои маҷҳул, ки мафҳуми муҷаррадро мефаҳмонанд, хоси аксарияти ибораҳои изофии субстантивӣ мебошанд. Ҷузъи дуюм бо исми конкретӣ меояд. Масалан: **дарди дил** *ба маънои* орзу, умед, умедворӣ; **вирди забон** *ба маънои* одатӣ, муқаррарӣ; забонзади мардум; **нури чашм** *ба маънои* маҳбуб, азиз; **мағзи ҷигар** *ба маънои* ҷон, руҳ, дил ва монанди инҳо.

Ҳамин тавр ВФ субстантивӣ дар забони англисӣ тавассути ин модел ба воситаи апостроф **s (-'s)** (аломати вергулшакли дар боло ') ва бандаки **-s** истифода карда мешавад. Дар забони тоҷикӣ тавассути бандаки изофии **-и** мавриди истифода мегардад. Агар исм дар шакли ҷамъ ояд, он гоҳ танҳо аломати апостроф ' гузошта мешавад. Дар ҳар ду забон исм метавонад дар шумораи ҷамъ истифода шаванд. Илова бар ин дар забони англисӣ пеш аз ҷузъи аввал артикл истифода бурда мешавад. Агар дар забони англисӣ дар ин модел калимаи меҳварӣ пас аз ҷузъи аввал ояд, дар забони тоҷики калимаи меҳвари дар аввал меояд ва бандаки изофӣ илова мешавад.

Хулоса, таҳлили сохторӣ-грамматикии ВФС дар забонҳои муқоисашаванда ба мо имкон дод, ки якчанд моделҳои сохтории онро дар ҳар ду забон мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Дар натиҷа маълум шуд, ки дар моделҳои истифодашаванда дар ҳар ду забон хусусиятҳои умумӣ ва фарқиятҳоро пайдо намоем. Дар байни воҳидҳои фразеологии субстантивии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар системаи забонҳо чунин монандӣ ба назар мерасад: алоқаи пайвасткунанда ва тобеъкунанда дар байни ҷузъҳо ё фарқият дар истифодаи алоқаи изофӣ дар забони тоҷикӣ, ки мо онро дар забони англисӣ мушоҳида карда наметавонем. Таҳлили хусусиятҳои сохторӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологии субстантивӣ дар забонҳои муқоисашаванда ба мо имконият дод, ки ҷиҳатҳои умумӣ, ҳамчунин хоси фарқкунандаи онҳоро дар забонҳои таҳқиқшаванда ҷудо намоем.

Хусусиятҳои асосии фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии субстантивӣ дар забонҳои муқоисашаванда, тарзи ифодаи муносибатҳои синтаксисӣ маҳсуб меёбанд. Мавҷуд будани чунин хусусиятҳои фарқкунандаи ВФС забонҳои муқоисашаванда боиси ташкил намудани моделҳои сохтории гуногуни грамматикӣ мегарданд.

Муқарриз: ***Игболов О.Ш.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимова М.Н. Воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва англисӣ дар шарҳи муқоисавӣ-типологӣ / М.Н. Азимова. – Хуҷанд, 2014. – 180 с.
2. Абдураҳимов С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик / С.Абдураҳимов. - Душанбе, 1973. – 165 с.
3. Амосова Н.Н. Основы английской фразеологии / Н.Н. Амосова. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1963. – 208 с.
4. Абдуллозода Р. Фарҳанги ибораҳои халқӣ / Р.Абдуллозода. – Душанбе: Адиб, 1988. – 400 с.
5. Арзуманов С.Д. Русско-таджикский словарь / С.Д. Арзуманов, Х.А. Ахрори, М.Бегбуди и др. - М.: Рус. яз., 1985. – 1280 с.
6. Арбекова Т.И. Лексикология английского языка / Т.И. Арбекова. – М.: Высш. шк., 1977. – 240 с.
7. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. – М.: Изд-во лит. на иностр. яз., 1959. – 352 с.
8. Бархударов Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов. – М.: Высш. шк.., 1973. – 424 с.
9. Виноградов В.В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке / В.В. Виноградов // Избранные труды Лексикология и лексикография. – М.: Наука, 1977. – С.140-161.
10. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1986. – Ҷ. 2. – 372 с.
11. Джалилов Х. Структурно-семантические особенности и синтаксические функции фразеологических единиц в современном таджикском литературном языке: автореф. дис… канд. филол. наук / Х.Джалилов. – Душанбе, 1976. – 52 с.
12. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1982. – Қисми 1. – 462 с.

13. Зоғакова Г.И. Нишонаҳои муҳимтарини воҳидҳои фразеологӣ / Г.И. Зоғакова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «филология». – Душанбе, 2010. - №7. – С.100-105.
14. Иғболов О.Ш. Баъзе хусусиятҳои фарқкунандаи зарбулмасал аз мақол дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / О.Ш. Иғболов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши «филология». – Душанбе, 2010. - №7. – С.116-120.
15. Калонтаров Л.И. Луғати имлои забони адабии тоҷик / Л.И. Калонтаров. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 409 с.
16. Кунин А.В. Фразеология современного английского языка / А.В. Кунин. – М.: Межд. отнош., 1972. – 288 с.
17. Кунин А.В. Англо-русский фразеологический словарь / А.В. Кунин. - М.: Рус. яз., 1984. – 944 с.
18. Ларин Б.А. Очерки по фразеологии / Б.А. Ларин // История русского языка и общее языкознание. – М.: Просвещение, 1977. – С.125-149.
19. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Изд.Тадж. гос. ун-та, 1982. – 104 с.
20. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 409 с.
21. Муродов Ф.М. Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ / Ф.М. Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. - №1. – С. 66-71.
22. Муслимов М. Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ / М.Муслимов. – Душанбе, 2009. – 160 с.
23. Молотков А.И. Фразеологический словарь русского языка / А.И. Молотков. – М.: Рус. яз., 1986. – 543 с.
24. Мюллер В.К. Англо-русский словарь / В.К. Мюллер. - М.: Рус. яз., 1978. – 888 с.
25. Наврузшоев Б.Х. Масъалаи тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ / Б.Х. Наврузшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. - №1. – С.115-121.
26. Ожегов С.И. О структуре фразеологии / С.И. Ожегов // Лексикология. Лексикография. Культура речи. – М.: Высш. шк., 1974. – С.182-219.
27. Рубинчик Ю.А. Основы фразеологии персидского языка / Ю.А. Рубинчик. – М.: Наука, 1981. – 275 с.
28. Смирницкий А.И. Лексикология английского языка / А.И. Смирницкий. – М.: Изд-во иностр. лит., 1956. – 260 с.
29. Телия В.Н. Что такое фразеология / В.Н. Телия. - М., 1966.
30. Турсунова Ҳ. Тадқиқи муқоисавии фразеологизмҳои параллели забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ / Ҳ.Турсунова // Дар асоси асари С. Айнӣ «Ғуломон» – «Қуллар». – Душанбе: Дониш, 1979. – 95 с.
31. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. (Фарҳанги фразеологӣ) / М. Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963 -1964. – Ҷ.1. – 952 с.; – Ҷ. 2. – 840 с.
32. Халилов А. Вазифаҳои грамматикии бандаки изофӣ (-и) дар забони адабии ҳозираи тоҷик / А.Халилов. – Душанбе: Дониш, 1969. – 120 с.
33. Хушенова С.В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка / С.В. Хушенова. – Душанбе: Дониш, 1971. – 190 с.
34. Шанский Н.М. Фразеология современного русского языка / Н.М. Шанский. – М.: Высш. шк., 1984. – 160 с.

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ-ГРАММАТИКИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ СУБСТАНТИВӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур таҳлили типологии хусусиятҳои сохторӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологии субстантивӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Тавре ки ҳангоми тадқиқот маълум гардид, ҷузъҳои воҳидҳои фразеологии субстантивии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ метавонанд бо ёрии алоқаҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда муттаҳид карда шаванд. Дар чаҳорчӯбаи мақолаи мазкур таҳлили сохтории воҳидҳои фразеологии субстантивӣ бо алоқаи пайвасткунанда ва тобекунанда мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Дар миёни воҳидҳои фразеологии субстантивӣ зергурӯҳҳо ё моделҳои зерин дида баромада шудаанд: «исм + исм», «сифат + исм», «исм + пешоянд + исм», «исм + пайвандак + исм», «сифати феълӣ + исм». Дар байни воҳидҳои фразеологии субстантивии таҳлилгардидаи забонҳои муқоисашаванда сохтори аз ҳама бештар маъмул модели «Adj + Noun» («сифат + исм») маҳсуб меёбад. Дар байни воҳидҳои фразеологии субстантивии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар системаи забонҳо чунин монандӣ ба назар мерасад: алоқаи пайвасткунанда ва тобеъкунанда дар байни ҷузъҳо ё фарқият дар истифодаи алоқаи изофӣ дар забони тоҷикӣ, ки мо онро дар забони англисӣ мушоҳида карда наметавонем. Таҳлили хусусиятҳои сохторӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологии субстантивӣ дар забонҳои муқоисашаванда ба мо имконият дод, ки ҷиҳатҳои умумӣ, ҳамчунин хоси фарқкунандаи онҳоро дар забонҳои таҳқиқшаванда ҷудо намоем. Хусусиятҳои асосии фарқкунандаи вохидҳои фразеологии субстантивӣ дар забонҳои муқоисашаванда, тарзи ифодаи муносибатҳои синтаксисӣ маҳсуб меёбанд. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки дар ҳар ду забонҳо сохторҳои гуногуни грамматикӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, воҳидҳои фразеологии субстантивӣ, ҷузъи асосӣ, ҷузъи тобеъ, таснифи сохторӣ, алоқаи изофӣ, адъективӣ, исм, препозитсия ва постпозитсияи ҷузъҳо, алоқаи пайвасткунанда ва тобеъкунанда.

СТРУКТУРНО-ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СУБСТАНТИВНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается сопоставительный анализ структурно-грамматических особенностей фразеологических единиц, в том числе структурно-грамматическая характеристика субстантивных фразеологических единиц в английском и таджикском языках. Как выявлено в ходе исследования, компоненты субстантивных фразеологических единиц английского и таджикского языков могут быть объединены с помощью подчинительной и сочинительной связи. В рамках данной статьи проведен анализ субстантивных фразеологических единиц с сочинительной и подчинительной структурой. Среди субстантивных фразеологических единиц рассмотрены такие подгруппы, как «существительное + существительное», «прилагательное + существительное», «существительное + предлог + существительное», «существительное + союз + существительное», «причастие + существительное». В субстантивных фразеологических единицах анализируемых языков многочисленной моделью является «Adj + N» («прилагательное + существительное»). Между английскими и таджикскими фразеологическими единицами наблюдается сходство в системе языков – сочинительная связь между компонентами, или различия – изафетная связь в таджикском языке, чего не наблюдается в английском языке. Анализ структурно-грамматических особенностей субстантивных фразеологических единиц в английском и таджикском языках позволил выделить как общие черты, присутствующие в двух исследуемых языках, так и специфические особенности, отличающие их друг от друга. Основным различием СФЕ в исследуемых языках следует считать способ выражения синтаксических отношений, что обусловлено различным строем сопоставляемых языков.

Ключевые слова: фразеологические единицы, субстантивные фразеологические единицы, ведущий компонент, зависимый компонент, структурная классификация, изафетная связь, адъективный, существительное, препозиция и постпозиция компонентов, подчинительная и сочинительная связь.

STRUCTURAL AND GRAMMATICAL PECULIARITIES OF SUBSTANTIVE PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The article considers comparative analysis of structural and grammatical peculiarities of substantive phraseological units in the English and Tajik languages. The study showed that the elements of substantive phraseological units in the English and Tajik languages can be combined by subordination and coordination. The article is devoted to the study of substantive phraseological units using comparative and typological method. The author of the article studies substantial phraseological units with subordination and coordination to find out similarities and differences in analyzed languages. The main issue of the article is to describe the basic structures of substantive phraseological units. The following subgroups of the substantive phraseological units were considered in the article: “adjective + noun”, “noun + noun”, “noun + preposition + noun”, “noun + conjunction + noun”, “participle+noun”. The most common structural type of the substantive phraseological units in the analyzed languages is a combination of an adjective and a noun: “Adjective + Noun”. The performed analysis of substantive phraseological units in English and Tajik revealed both similarities and differences in the grammatical structure of these units. The main difference is a way of expressing syntactic relations in these languages. The using of izafet (-и) in Tajik can’t be observed in English.

Key words: phraseological units, substantive phraseological units, the leading component, a dependent component, the structural classification, izafet connection, adjectival, noun, preposition and postposition of components, subordination and coordination.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гадоев Барот Мунаварович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **barot60@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-56-74-46**

Сведение об авторе: ***Гадоев Барот Мунаварович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **barot60@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-56-74-46**

Information about the author: ***Gadoev Barot Munavarovich*** – Tajik National University, Senior Lecturer of the Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **barot60@mail.ru.** Tel.: **(+992) 919-56-74-46**

УДК: 491.550-56

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ КОРБАСТИ ҶУМЛАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР АСАРҲОИ ЎРУН КЎҲЗОД

Худоёрова Н.З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Агар усули маъмултарини ифодаи маънои пуробуранг барои воҳиди фразеологӣ қолаби ибора бошад, дар баробари ибора ва таркибҳои рехта теъдоди ҷумлаҳои фразеологӣ низ дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ кам нестанд. «Дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ як миқдор ҷумлаҳои фразеологӣ ҳам дида мешаванд. Ҷумлаҳои фразеологӣ бо вуҷуди он ки аз рӯйи намуди эоҳирии худ аз ҷумлаҳои одии синтаксисӣ тафовути кам доранд ва дар асоси қолабҳои гуногуни онҳо ба вуҷуд омадаанд, бо сохти устувор ва семантикаи яклухти худ аз онҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Ҷумлаҳои фразеологӣ чун ҳамаи хелҳои дигари воҳидҳои фразеологӣ дар қолабҳои таркибии рехта маъноҳои яклухтро ифода мекунанд. Яъне аз ҷиҳати ифодаи маъно ҷумлаҳои фразеологӣ ба гурӯҳҳои дигари фразеологӣ монандӣ доранд» [11, с.43].

Ҷумлаҳои фразеологӣ навъи сеюми сохтории воҳидҳои фразеологиро ташкил дода, аз ҷиҳати сохт ба ҷумлаҳои мураккаби маъмули наҳвӣ монандӣ доранд. Хусусиятҳои фарқкунандаю муҳимми ин гурӯҳи фразеологизмҳо, ки бо ин хусусиятҳо аз ҷумлаҳои одии синтаксисӣ фарқ карда меистанд, ифодаи маънои яклухти ба ҳиссаҳо ҷудонашаванда, таркиби лексикии доимиву устувор ва обуранги ба худ хосси онҳо мебошанд. Баробари ин, ҷумлаҳои фразеологӣ бо оҳангу тобишҳои мухталифи модалӣ ва хосиятҳои махсуси грамматикиашон низ фарқ карда меистанд.

Тавре маълум аст, хусусиятҳои маъноии ҷумлаҳои фразеологӣ, асосан, дар матн ва дар алоқамандии онҳо бо ҷумлаҳои дигар зоҳир мегарданд. Дар ин маврид онҳо аз ҳисоби унсурҳои ғайрифразеологӣ, ки ба ҷузъҳои алоҳидаи онҳо илова мешаванд, ё аз рӯйи мавқее, ки онҳо дар байни ҷумлаҳои дигари матн доранд, мушаххастар гардида, фикрро равшантар ифода мекунанд. Онҳо маҳз дар матн монанди ҷумлаҳои дигар фикру интонатсияи ба охиррасидаро ифода карда, категорияҳои хабару модалияти ҷумлаи тамомшударо соҳиб мегарданд. Масалан, фразеологизми **аз сад гул як гулаш нашукуфтааст**, дар қолаби ҷумлаи содаи дутаркиба маънои яклухти «ҷавон, хеле ҷавон аст»-ро ифода мекунад. Азбаски ҷиҳати муҳимми воҳидҳои фразеологӣ, аз ҷумла, воҳидҳои фразеологии предикативӣ ҳам семантикаи яклухти онҳост, гӯянда ё нависанда ба сохти онҳо, ки гоҳо хеле мураккаб буда метавонанд, диққат намедиҳад. Маҳз аз ҳамин сабаб ҷумлаҳои фразеологии дар шакли алоҳида ифодакунандаи мафҳумҳои алоҳида мебошанду халос. Ҳамин ки ин гуна воҳидҳои фразеологӣ дар алоқамандӣ бо ҷумлаҳои дигар ба кор бурда шаванд, сохти як андоза мураккаби синтаксисии онҳо гӯё аз нав барқарор мешавад. Дар ин маврид ҷумлаи фразеологӣ на фақат аз ҷиҳати сохт, балки аз ифодаи фикри том ва оҳангу интонатсия низ аз ҷумлаҳои дигари матн фарқ намекунад. Чунончи, ҷумлаи фразеологии матни зер ҳамин гуна хусусият дорад:

Фақат се рӯзакак бистарӣ шуду роҳи адамро пеш гирифт**, аз сад гулаш як гулаш нашукуфта буд** [21, с.79].

Воҳиди фразеологии **аз сад гул як гули** *касе* **нашукуфтааст** дар мисоли боло ҳамчун ҷумлаи содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб ба кор бурда шуда, мубтадо, хабар ва аъзоҳои пайрави он характери хабардиҳиро соҳиб мебошанд.

Ҷумлаҳои фразеологие, ки дар асарҳои Ўрун Кўҳзод истеъмол шудаанд, навъҳои гуногун доранд. Дар асарҳои нависанда, дар баробари ҷумлаҳои фразеологии дутаркиба, ки аз гурӯҳҳои серистеъмол мебошанд, ҷумлаҳои содаи яктаркибаи дар шаклҳои гуногуни грамматикӣ шахшудамонда, инчунин ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ низ ба назар мерасанд.

Ҷумлаҳои яктаркибаи фразеологӣ. Як гурӯҳ ҷумлаҳои фразеологӣ дар шаклҳои гуногуни ҷумлаҳои содаи яктаркиба шах шуда мондаанд. Ин гуна фразеологизмҳоро ба сабаби он ки мубтадои грамматикӣ надоранд, бо ибораҳои фразеологӣ омехта кардан мумкин аст, аммо ҷузъи феълии онҳо фақат ба шахсу шумораи муайян далолат мекунад, ки ин нишона аз ҷумла будани онҳост. Ҷузъи феълии ин қабил ифодаҳоро дар шакли

масдарӣ овардан ғайриимкон ва ғайримантиқист. Маҳз ба ин ҷиҳат, онҳо фақат дар шакли тасрифӣ омада, дар матн вазифаи ҷумлаҳои мустақилро адо карда метавонанд. Ин гуна ҷумлаҳои фразеологиро аз рӯйи шахсу шумораи муайян ба якчанд гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст: а) фразеологизмҳои хабарашон дар шахси якум шахшуда: **аз чизе гардам** (вариантҳояш **аз сарат (–аш, –атон, –ашон**) **гардам; аз забонат гардам, аз номат гардам**), **балогардонат шавам, садқаат шавам, рӯятро набинам**…б) фразеологизмҳои хабарашон дар қолаби сиғаи амр шахшуда: ҷумлаҳои фразеологии **гапро бинед!, қанд занед!, мондан гиред** аз ҳамин қабиланд. в) хабари ҷумлаҳои фразеологии **ҳалолат бод, зинда бод, муборак бод, поянда бод, нест бод** ва монанди инҳо дар шакли архаистии сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ифода шудаанд. Онҳоро танҳо дар ҳамин шакли грамматикӣ ба кор бурдан мумкин аст. Ин навъ ҷумлаҳои фразеологӣ дар осори нависанда Ӯрун Кӯҳзод зиёд мушоҳида мешаванд:

– Ё Тавба! **Қудратҳои Худоро гардам**, ки дар мансабҳо яке ободӣ зиёд кунад, дигаре шикам калон мекардааст [16, с.76]. – Меарзад! **Муборак шавад!** – бо як овоз ҷавоб доданд онҳо [21, с.6]. – **Балоша гирам** ба ин ақлаш! Ҳамин аст, ки мо ҳастем [21, с.257]. – **Гапро бинед**, ҳама маҳмадоно шудаанд [17, с.57].

Гурӯҳи дигари ҷумлаҳои фразеологӣ дар қолаби **ҷумлаҳои гуногуни дутаркиба** ба назар мерасанд. Ин гуна ҷумлаҳои фразеологиро низ аз рӯйи хосиятҳои сохторӣ ва грамматикиашон ба гурӯҳҳои боз ҳам хурдтар ҷудо кардан мумкин аст. Яке аз навъҳои серистеъмоли чунин ҷумлаҳои фразеологӣ дар шакли ҷумлаҳои мураккаби сеҷузъа ба кор бурда мешаванд. Ҳар яке аз ҷузъҳои таркибии ҷумлаҳои фразеологӣ вазифаи муайяни грамматикӣ доранд. Маънои хабаррасониро ҷузъи феълӣ ифода карда, ҷузъи номӣ маънои мубтадои грамматикиро дорад. Ҷузъи сеюм, ки одатан бо бандакҷонишинҳо ё воситаҳои дигари ҳаммаънои онҳо (ҷонишинҳои шахсӣ, исмҳои ифодакунандаи шахс) ифода мешавад, соҳиби амал – субйектро ифода карда, одатан баъд аз мубтадои грамматикӣ ҷой мегирад. Ҷумлаҳои рехтаи **дили *касе* сӯхт, хоб *касеро* бурд, хонаи *касе* сӯхт, гапи *касе* гурехт, дили *касе* пур, чеҳраи *касе* турш, забони *касе* кӯтоҳ** аз ҳамин қабиланд:

Дилаш сӯхт, ки аз ин марди сода ва чашми дилаш кӯр хӯса сохтаанду худаш бехабар аст [16, с.123]. – Вой **хонам сӯхт**, – гӯён ба берун давид [20, с.44]. Маҳмадулло мушакҳои рӯйи калони гирдашро наҷунбонида хандид. Хандаи ӯ хандаи одами **дилаш пур** [16, с.27]. Охир, **забонаш кӯтоҳ** аз шарм сар намебардошт [21, с.11].

Дар навъҳои дигари ҷумлаҳои фразеологӣ, ки қолаби ҷумлаҳои дутаркибаро доранд, мубтадои грамматикӣ ва субйект бо як воҳиди лексикӣ-грамматикӣ ифода шудааст. Ба ин сабаб шояд таркиби луғавӣ-грамматикии чунин фразеологизмҳо нисбатан устуворанд, ҷузъҳои онҳо дар аксари мавридҳо аз ҳам дур шуда наметавонанд. Чунончи, **кор ҷӯшид, субҳ мурғак дамид, умед пуч баромад, арвоҳ занад, шаб рафтааст, худо подшоҳ, ин чи гап, кор ба ҷо** ва ифодаҳои зиёди дигар, ки ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд:

Дар саҳро **кор ҷӯшид** [20, с.20]. Рӯзимурод… дар ин гуфторҳову кирдорҳо лоиқ ба таърих чизе наёфт ва ба ҳоли кӯҳнакорони ин макон **дилаш сӯхт** [21, с.9]. Бадани Ҷавони паҳлавон **мурғак медамид,** сих мезад, хориш мекард, вале ёрое надошт, ки овоз барорад ва ё ҷунбад, ё гарданашро хорад [21, с.14]. Вале **умедаш пуч баромад** – Ҷанобашон аз хоб бедор нашуданд … [21, с.15]. Изтиробе дошт вай, лекин **сару дилаш равшан буд**, гӯё озод шуда бошад, гӯё балои болои сарашро дафъ карда бошад [21, с.19].

Гурӯҳи дигари ҷумлаҳои фразеологиро шартан ҷумлаҳои нотамом номидан мумкин аст. Ин гуна ҷумлаҳои фразеологӣ, одатан як қисми чунин ҷумлаҳои мураккабе мебошанд, ки ҳиссаҳои дигари онҳо аз ҷумлаҳои одии наҳвӣ ташкил ёфтаанд. Ҷумлаҳои нотамоми фразеологӣ дар шакли сарҷумла, ё ки ҷумлаҳои гуногуни пайрав ба назар мерасанд: фразеологизмҳои **кор ба ҷое расид, ки…, гап дар ин аст, ки…, аҷаб нест ки…, ҳоҷати гап нест, ки…** ва мисолҳои дигари ба ин монанд дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳамчун сарҷумлаҳои устувор кор фармуда мешаванд:

Ва **кор ба ҷойе расид**, ки академик Ҳикматов Солеҳ Ҳукуматович, исми аслиаш Худобандаи Худойдод ибни Муҳаммадсолеҳ буд, ҳангоми аъзойи ҳизби коммунистӣ шудан, бино ба хости сиёсати нав ва ҳамқадами ҳаёт будан, номашро дигар кард [21, с.280].... ва мардум мегуфтанд, ки **гап дар зану мард нест, гап дар сари он аст**, ки раиси колхози Жданов, нисбат ба раиси колхози Ватан, обрӯй ва эътибори зиёдтаре дорад [21,

с.305]. **Аҷаб нест, ки** фардо амир худашон ин ҷо ташриф оранд, охирашро фикр кардаед? [21, с.111].

Гурӯҳи дигари ҷумлаҳои фразеологӣ дар шакли ҷумлаҳои мураккаб шах шуда мондаанд. Ин гуна фразеологизмҳо дар асоси қолибҳои ниҳоят мураккаби наҳвӣ, ки ду ва зиёда аз он ҷумлаҳоро дар бар мегиранд, ба вуҷуд омада, аз ҷиҳати семантика аз ибораву ифодаҳои дигари фразеологӣ фарқ намекунанд. Ҷумлаҳои фразеологии дар шакли ҷумлаҳои мураккаб мустаъмал низ маънои яклухт доранд ва яке аз сабабҳои асосии ба захираи фразеологии забон дохил шудани маҳз ҳамин хусусияти яклухтмаъно будани онҳост. Ин гуна фразеологизмҳоро ба ду гурӯҳ: а) фразеологизмҳои дар шакли ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва б) фразеологизмҳои дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷудо кардан мумкин аст.

Ҷумлаҳои фразеологии дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби пайваст шахшударо низ аз рӯйи муносибатҳои наҳвии ҷумлаҳои дохилиашон ба якчанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: Яке аз гурӯҳҳои чунин фразеологизмҳо дар шакли ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам дучор мешаванд. Ҷумлаҳои **хоб буд, бедор шуд; якта будам, дуто шудам; аз як гӯш медарояду аз дигараш баромада меравад; ман гуфтаму шумо шунидед; гап пурсу ҷавоб шунав** ва ғайра аз ҳамин қабиланд:

Дар ҷанги Дизак ҳар ду тараф ба таври худ натиҷа гирифтанд – Амири Бухоро **хоб буд, бедор шуд**, ки ин душмани андак мундак нест… [21, с.50]. Аммо ин маслиҳатҳо **гӯё аз як гӯшаш медаромаданду аз гӯши дигар мебаромаданд** [16, с.87].

Ҷумлаҳои фразеологии дар сурати ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ шахшуда монда низ мавҷуданд: **як даст баста бошад, сад даст кушода, ту дидӣ, ман надидам; шарташ рафтагӣ, фарташ мондагӣ; зиёд набошад ҳам, кам нест; дасти шикаста кор мекунаду дили шикаста не** ва ғайра:

Ва Азизмурод аз Самарқанд ба Бухоро, ба мулло Бурҳон, нома фиристод, ки «фозили муҳтарам, **як даст баста бошад, сад даст кушода аст**»… [21, с.159]. Чилу панҷ миллион пули **зиёд набошад ҳам, кам нест** [21, с.106].

Хосияти предикативии ҷумлаҳои фразеологӣ дар матни асари бадеӣ, аз ҷумла забони асарҳои Ӯрун Кӯҳзод, дар алоқамандии онҳо бо ҷумлаҳои дигар зоҳир мегардад. Онҳо дар матни асари бадеӣ мисли ҷумлаҳои одии наҳвӣ фикру оҳанги баитмомрасидаро фаро гирифта, ба категорияҳои хабар, модалият ва унсурҳои дигари ҷумлаи тамомшуда соҳиб мешаванд. Масалан:

… ва **Худо хоҳад**, тирамоҳ як хар мехарад, чунки одами бехар, ба ҳукми одами бедасту пост... [21, с.134]. **Забонаш хорид,** ки ин суханҳоро гӯяд ба роҳбалад, вале худдорӣ кард ... [21, с.121]. ... ва Амир ин пайғомро хонда, **димоғаш сӯхт**, Қубод кист, ки аз номи мо бо губернатор гуфтугӯ мекунад?! [21, с.130].

Чунонки дар мисолҳои фавқ ба назар мерасад, ҷумлаҳои фразеологии **Худо хоҳад, забонаш хорид, димоғаш сӯхт** ба мисли ҷумлаҳои озоди наҳвӣ аз лиҳози сохти грамматикиашон содаи дутаркиба мебошанд ва ҳамаи хусусиятҳои грамматикии ин навъ ҷумлаҳо дар онҳо роия гардидааст. Масалан, мувофиқати пурраи мубтадо ва хабар, ифодаи модалият (дар ҷумлаи якум), ифодаи муайянкунанда тавассути бандакҷонишинҳо (дар ҷумлаҳои дуюм ва сеюм) шаҳодат аз шабоҳати онҳо ба ҷумлаҳои наҳвӣ мебошад.

Ҷумлаҳои фразеологии асарҳои Ӯрун Кӯҳзод ба монанди гурӯҳҳои дигари фразеологӣ аз масолеҳи тайёри бинокории забон маҳсуб ёфта, нависанда онҳоро аз забони персонажҳои асар дар шакли тайёр корбаст намудааст:

Ҳардуи ҳамин маъракаро бе каму кост, бо овозаю дабдаба гузаронанд, **сарамон ба осмонҳо мерасад**, қарзи одами худро адо шуда медонанд, ки умр ба зоеъ нагузаронидаанд [21, с.85].

Гуфтан бамаврид аст, ки шаклгирии хелҳои гуногуни ҷумлаҳои фразеологии асарҳои нависанда як хел нест. Дар ин бобат профессор Ҳ. Маҷидов чунин ибрози андеша намудааст: «Бо вуҷуди он ки дар аксарияти хелҳои ҷумлаҳои фразеологӣ ҷузъи мубтадо ва ҷузъи хабар қобилияти шаклсозии худро нигоҳ медоранд, чунин фразеологизмҳое низ ҳастанд, ки фақат яке аз ҷузъҳояшон, одатан, хабарашон, хусусияти шаклсозиро дорад. Масалан, ҷумлаҳои фразеологии **субҳ дамид, шаб рафт, ин чӣ гап, худо – подшоҳ** аз ҳамин қабиланд. Ин хусусиятро дар ҷумлаҳои фразеологии аз ҷиҳати сохт кушода ё ин ки баста

низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, **ба ман монад**…, **Худо хоҳад…, насиб бошад** ё ки **якта будам, дута шудам** ва монанди инҳо [11, с.46].

Ҷумлаҳои фразеологии асарҳои Ӯрун Кӯҳзодро аз нигоҳи сохту таркибашон ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо кардан мумкин бошад ҳам, қисми зиёди онҳоро, пеш аз ҳама, ҷумлаҳои содаи дутаркиба ташкил медиҳанд. Ба ҷумла будани чунин воҳидҳои фразеологӣ хабари онҳо, ки дар ин ё он шакли тасрифӣ шах шуда мондааст, далолат мекунад. Чунончи:

Хоб ба чашмаш ҳамсоягӣ надошт. Боз ба сари миз баргашт ва боз дастонаш тарафи вараққои анбӯҳ дароз шуд [21, с.168]. Вай **ҷонаш дар азоб** аст, ки умре бо ин мардум маъракашарик аст, нону намаки халқро хӯрд ва худаш аз рӯйи таомул як бор ба онҳо нону намак надиҳад, маъракаю сур барпо карда қавлини тӯёнаро нагардонад – ба онҳое, ки ҷома пӯшиданд, ҷома напӯшонад, ба гӯсфанд овардагиаш гӯсфанду ба латта овардагиҳо латта надиҳад, халқи олам чӣ мегӯянд [7, с.92]. Як пора равшание, ки ба дили мард даромада буд, бо таъсири овардани ин лаҳзаҳо пок-покиза сутуда шуд, **дилаш боз занг баст,** вале майнааш бошиддат кор мекард [16, с.48].

Дар мисоли аввал ҷумлаи фразеологии **хоб ба чашми *касе* ҳамсоягӣ надорад** хосси забони адабии китобӣ буда, дар забони гуфтугӯйӣ чандон истеъмол намегардад. Аз матн маънои он равшан аст, ки нависанда «ҳеҷ хобаш намебурд» гуфтан мехоҳад. Маънои ҷумлаи фразеологии **ҷони касе дар азоб аст «**дар мушкилӣ будан» аст ва аз нигоҳи сохт ҷумлаи дутаркибаи хабараш номӣ аст. Нависанда воҳиди фразеологии **дили *касе* занг баст**-ро дар қолаби **дили касе буғз кард** ба вуҷуд овардааст. Баъзе воҳидҳои фразеологӣ имкон доранд, ки ҳам дар қолаби ҷумла ва ҳам дар қолаби ибора вуҷуд дошта бошанд ва албатта, ҷумла дар қолаби ҷумла ва ибора дар қолаби ибора бояд шарҳ дода шавад. Масалан, ибораи фразеологии **чашми чор** дар мисоли поён дар ҳамнишинӣ бо калимаҳои дигар як ҷузъи ҷумлаи фразеологии **чашми касе чор шуд**ро ташкил додааст:

Чашми мизбон чор шуда буд [20, с.201].

Барои муқоиса:

– Ҳар кас аз донистаи худ намонад, – оқибат **пардаи хомӯширо дарид** Исфандиёр [16, с.57]. Агар дар ин маврид **пардаи хомӯшӣ дарид** гуфта мешуд, мо онро ҷумлаи фразеологӣ мегуфтем. Ин гуна ҷудо кардани қолабҳои воҳидҳои фразеологӣ ба он вобаста аст, ки қисми аввали воҳиди фразеологӣ ба вазифаи чӣ, кадом аъзои ҷумла омадааст, агар ба вазифаи мубтадо омада, ҷузъи дуюм ба вазифаи хабар ояд, пас он ҷумла аст. Дар асоси ҷадвал бо муқоисаи ду мисол ин ҷиҳатро боз ҳам равшантар дидан мумкин аст:

Ибораи фразеологӣ	Ҷумлаи фразеологӣ
Одатан вай дар айвони дарози писараш, ё болои бом, паҳлуи мӯрӣ ва ё сари воти замине, ки соҳибаш обдорӣ дошт нишаста **рӯз кӯр мекард** [19, с.128]	Вай аз таҳлукаи он ки кори очеркнависиаш бароре надорад, барвақт ҳанӯз **чашми рӯз накафида буд,** ки бедор шуд [18, с.106]

Ифодаи тобишҳои маъноӣ дар баъзе ҷумлаҳои фразеологӣ ҷолиби диққат аст, баъзеи онҳо тобишҳои дуо, таманно ё сарзанишу накӯҳишро ифода мекунанд. Дар мисоли зерин ҷумлаи фразеологии **чӣ дев задаст** ҳамин гуна хусусиятро дорад:

– Бедодиро мо кунему айбаш ба гардани дигарон? Дигарон ҷанг андозанд, **моро чӣ дев задааст?** [20, с.49].

Бояд гуфт, ки хабари ин гуна ҷумлаҳои фразеологӣ, асосан, дар ду замон – замони гузашта ё оянда ифода меёбад: **чӣ дев задаст // чӣ ҷин задаст// ҷин занад// бало занад.** Дар баъзеи онҳо агар ҷузъи ёвари хабар зикр нагардад, ҳатман замони ояндаро ифода мекунанд:

− Ай хокам ба даҳан, писар, магар садоқату адолатро хариду фурӯш мекунанд!? [20, с.39].

Гоҳо қолаби ин гуна ҷумлаҳо ниҳоят устувор буда, дар шахсу шумора ва замон онҳоро тағйир додан номумкин аст. Дар мисоли **Ту дону Худо** ҳамин хусусият хеле барҷаста зоҳир шудааст. Ҳато он дар қолаби ҷумлаи мураккаби пайваст омада бошад ҳам, хеле муъҷаз ва ихчам аст:

Бинобар он вай розигии худро изҳор кардааст ва тарафи домодро **«ту дону Худо»** додааст, ки одамони бонуфузро байн карда, розигии падари духтарро ба даст оранд [16, с.109].

Баъзан адиб аз рӯйи қобилияти худ баъзе унсурҳои ҷумлаҳои фразеологиро тағйир медиҳад:

Як пора равшание, ки ба дили мард даромада буд, бо таъсири ёд овардани ин лаҳзаҳо пок-покиза сутуда мешуд, **дилаш боз занг баст**, вале майнааш бошиддат кор мекард [21, с.48].

Нависанда ин воҳиди фразеологиро дар қолаби **дили касе буғз кард** ба вуҷуд овардааст. Ҳамин маъниро ҷумлаи **дили касе сиёҳ** ба маънои «касе ғарқи ғаму андӯҳ» низ ифода кардааст:

– Доим **дилам сиёҳ,** доим дилам ларзида меистад. Зиндагӣ не, як азоби алим. Ва аммо дар масҷид касе аз озору азоб шикоят намекард, **дили касе аз ғам сиёҳ намешуд, дили касе аз тарс намеларзад** [20, с.46].

Қисме аз ҷумлаҳои фразеологӣ чидааъзо буда, ба туфайли ин, ҳодисаҳои услубии аллитератсия дар онҳо мушоҳида мешавад:

− Кору бор, тану ҷон тинҷу линҷ?

− Оҳо, боз шумо кай боз пулёбу пулдор шудед?! Хайрат, ки тағоятон ҳастанд! Набошад **чанги хонаатон кайҳо ба ҳаво мебаромад** [16, с.90].

Баъзе воҳидҳои фразеологӣ ба ҳайси ҷумлаи пайрав дар алоқамандӣ ба сарҷумла корбаст шудаанд. Масалан:

Мавридаш ки расид, чунон боб мекунад, ки **чашмонаш мош барин кушода шавад** [19, с.142].

Дар мисоли боло фразеологизми **чашмонаш мош барин кушода шавад** ҷумлаи пайрави мақсад аст.

Як хусусияти дигари фарқкунандаи ҷумлаҳои фразеологии асарҳои нависанда дар ин аст, ки онҳо қариб ҳамеша бо ҷумлаҳои дигар тақвият ва ё шарҳ меёбанд:

Ва дар хона дах рӯз аз хоб сер нашуд ва **таҳти дилаш доим сиёҳ буд**, гӯё гуноҳи азиме бори душаш бошад ва ӯ кафораи онро дода наметавонад… [16, с.95]. Вай рӯз ба шабаш гум шуда рафт, ки аз интизорӣ **кӯки чашми завҷааш канда шуд**: «ин мардаки хонабезор куҷо мегашта бошад»? [19, с.176].

Дар мавридҳои дигар як ҷумлаи фразеологӣ бо ҷумлаи дигари фразеологӣ тақвият меёбад:

Акнун **чор дасту пояш аз замину осмон канда шудааст** ва намедонад **сарашро ба куҷо занад** [16, с.209]. Гуфт, ки ҳамин рӯзҳо **риштаи фикраш бутун чигил шудааст** ва **сари калобааш тамоман гум шудааст** [16, с.41].

Гоҳо нависанда пас аз фикри овардашуда онро бо як ҷумлаи мустақили фразеологӣ гӯё ҷамъбаст мекунад. Ин ҳолат тасвирро хеле барҷаста ифода мекунад:

Ҳамон шаби шум мардак, дар хонаи худаш, завҷаи меҳрубонашро бо марди дигаре ҳамхоба ёфт, д**уд аз димоғаш баромад** [16, с.208]. Дилаш сӯхт, ки аз ин марди содда ва **чашми дилаш кӯр** хӯса сохтаанду худаш бехабар аст [16, с.123].

Ба ин тариқ, истифодаи ҷумлаҳои фразеологӣ бо қолабҳои гуногун дар асарҳои Ӯ. Кӯҳзод ба забони матн таровати хоса зам намудааст. Маълум гардид, ки ҷумлаҳои сода ва мураккаби пайвасту тобеи дар қолабҳои мустаъмали ҷумлаҳои озоди наҳвӣ тобишҳои маъноии мухталифро соҳиб гардида, мафҳумро равшантар ифода мекунанд. Ҳамчунин онҳо ба монанди дигар навъҳои ҷумла хусусияти хабаррасониро дошта, дар дохили ҷумлаҳои мураккаб метавонанд ба вазифаи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав истифода шаванд.

Муқарриз: ***Дӯстзода Ҳ.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимова, М.Н. Сопоставительно – типологическое исследование фразеологической системы таджикского и английского языков / М.Н. Азимова. – Душанбе, 2006. – 242 с.
2. Гадоев Н. Ҷумлахои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубиу шарқии минтақаи Кӯлоб // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2019. –№3. – С.71-75.
3. Голева Г. С. Фразеология современного персидского языка / Г.С. Голева. – М.: Муравей, 2000. – 223 с.

4. Дӯстов Ҳ.Ч. Оид ба як навъи ҷумлаҳои фразеологӣ / Ҳ.Ч. Дӯстов // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2017. – №4/2. – С.10-13.
5. Дӯстзода Ҳ. Маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ / Дӯстзода Ҳ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Бахши илмҳои филологӣ. - 2022. –№1. – С.18-27.
6. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
7. Маджидов, Х. Фразеологической система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. – Душанбе: Девиштич, 2006. – 406 с.
8. Мақсудов, Т. Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаҳои синтаксисии онҳо / Т. Мақсудов, Ф. Зикриёев, Х. Ҷалилов. – Душанбе, 1976. - 86 с.; Маҷидов, Ҳ. Ҷумлаҳои фразеологӣ / Ҳ.Маҷидов // Мактаби советӣ. – 1978. - №5. – С.18-20.
9. Маҷидов Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014. – 351 с.
10. Маҷидов, Ҳ. Ҷумлаҳои фразеологӣ / Ҳ.Маҷидов // Мактаби советӣ. – 1978. - №5. – С.18-20.
11. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.
12. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 2. / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Адиб, 2005. – 456 с.
13. Ҳасанов М. Мутаносибии овозии ҷузъҳои таркибӣ дар воҳидҳои фразеологии забони адабии тоҷикӣ / М. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – №4. – С.82-87.
14. Рубинчик, Ю.А. Основы фразеологии персидского языка / Ю.А. Рубинчик // Наука, 1981. – 274 с.
15. Хушенова С.В. Изафетные фразеологиеские единицы таджикского языка / С.В. Хушенева. – Душанбе, 1971. – 190 с.

Сарчашма

16. Кӯҳзод, Ӯрун. Кини Хумор (Повест) / Ӯрӯн Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 238 с.
17. Кӯҳзод, Ӯрун. Як сару сад хаёл (Ҳикояҳо) / Ӯрӯн Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 256 с.
18. Кӯҳзод, Ӯрун. Писанддара (Повестҳо) / Ӯрӯн Кӯҳзод. – Душанбе: Маориф, 1984. – 208 с.
19. Кӯҳзод, Ӯрун. Бандии озод (Ҳикояҳо, роман) / Ӯрӯн Кӯҳзод. –Душанбе: Адиб, 1994. – 267 с.
20. Кӯҳзод Ӯрун. Ҷамъи парешон (Қиссаҳо) / Ӯрӯн Кӯҳзод. – Душанбе: Сурушан, 2003. – 136 с.
21. Кӯҳзод Ӯрун. Ҳайҷо (роман) / Ӯрӯн Кӯҳзод. – Душанбе: Адиб, 2007. – 594 с.

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ КОРБАСТИ ҶУМЛАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР АСАРҲОИ ӮРУН КӮҲЗОД

Ҷумлаҳои фразеологӣ яке аз гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологиро ташкил намуда, муҳимтарин воситаи тасвири пуробуранг ва муассир дар асарҳои бадеӣ ба шумор мераванд. Онҳо бо намуди зоҳирии худ ба ҷумлаҳои одии синтаксисӣ монанд буда, бо маънои образнок ва сохти рехтаю устувори худ аз онҳо фарқ менамоянд. Ҷумлаҳои фразеологӣ дар асарҳои бадеӣ ҳамчун воситаи тасвир ва офаридани нутқи муассир зиёд ба кор бурда мешаванд. Ҳар як адиб ё нависанда онҳоро бо тарз ва усули ба худ хос истифода намуда, ба туфайли онҳо мундариҷаи асари худро бой мегардонанд. Дар асарҳои нависандаи тоҷик –Ӯрун Кӯҳзод низ ҷумлаҳои фразеологӣ бо мақсадҳои услубию бадеӣ чун дигар гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ зиёд истифода шудаанд. Ин нависанда дар асарҳои худ, пеш аз ҳама, он гурӯҳ ҷумлаҳои фразеологиеро истифода кардааст, ки дар забони зиндаи халқ ба вуҷуд омада, услубан хеле характерноканд. Қисми зиёди ҷумлаҳои фразеологиеро, ки нависанда дар асарҳои худ истифода кардааст, ҷумлаҳои фразеологии дутаркиба мебошанд. Қисми зиёди чунин ҷумлаҳои дутаркибаро ҷумлаҳои фразеологие ташкил менамоянд, ки ба вазифаи мубтадои он исмҳои шахс ё воситаҳои грамматикии ифодакунандаи шахс омадаанд. Як қисми на чандон зиёди онҳоро ҷумлаҳои фразеологие ташкил менамоянд, ки мазмуни онҳо на ба шахс, балки ба предмету ҳодисаҳои гуногун алокаманд мебошанд. Дар баробари ин, ҷумлаҳои фразеологии яктаркиба низ аз ҷониби ин нависанда зиёд истифода шудаанд. Ӯ. Кӯҳзод дар истифодаи ҷумлаҳои фразеологӣ, хусусан ҷумлаҳои фразеологии яктаркиба дар асарҳои худ маҳорати баланд нишон додааст. Ӯ ҷумлаҳои фразеологиро ба ҷумлаҳои одии синтаксисӣ алоқаманд карда, ҳамчун сарҷумла ё ҷумлаи пайрав ва ва ё яке аз ҷузъҳои баробарҳукук дар ҷумлаҳои мураккаб ба кор бурдааст.

Калидвожаҳо: воҳиди фразеологӣ, Ӯрун Кӯҳзод, ҷумлаи фразеологӣ, ҷумлаи содаи фразеологӣ, ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркибаи фразеологӣ.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ УРУНА КУХЗОДА

Фразеологические предложения составляют одну из структурных групп фразеологических единиц и являются важнейшим средством образного и действующего изображения в художественных произведениях. По внешнему виду они похожи на обыкновенные синтаксические предложения, но отличаются от них своим переносным значением и структурной устойчивостью. Фразеологические предложения часто используются в художественных произведениях как средство изображения и создания образного отражения. Каждый писатель, используя их соответственно своему стилю, обогащает содержание своего произведения. В произведениях таджикского писателя Уруна Кухзода фразеологические предложения также широко используются в стилистических и художественных целях, как и другие структурные типы фразеологических единиц. В своих произведениях писатель, прежде всего, использовал фразеологические предложения, возникшие в живом языке народа и стилистически весьма характерные. Большинство фразеологических предложений, используемых писателем, являются двусоставными. В большинстве двухсоставных фразеологических предложений, подлежащее выражается личным существительным или грамматическими средствами выражения лица. Небольшую часть составляют фразеологические предложения, содержание которых связано не с лицом, а с различными предметами и событиями. В то же время писателем часто используются односложные словосочетания. У.Кухзод в своих произведениях с большим мастерством использовал фразеологические предложения, особенно односложные фразеологические предложения. Он связывал фразеологические

предложения с простыми синтаксическими предложениями и использовал их как главное или придаточное предложения, или как один из эквивалентных компонентов в сложных предложениях.

Ключевые слова: фразеологизм, Урун Кухзод, фразеологическое предложение, простое фразеологическое предложение, простые односложные и двусложные фразеологические предложения.

SOME FEATURES OF THE USE OF PHRASEOLOGICAL SENTENCES IN THE WORKS OF URUN KUKHZOD

Phraseological sentences constitute one of the structural groups of phraseological units and are the most important means of figurative and active representation in works of art. In appearance, they are similar to ordinary syntactic sentences, but differ from them in their figurative meaning and structural stability. Phraseological sentences are often used in works of art as a means of depicting and creating a figurative reflection. Each writer, using them according to his style, enriches the content of his work. In the works of the Tajik writer Urun Kukhzod, phraseological sentences are also widely used for stylistic and artistic purposes, like other structural types of phraseological units. In his works, the writer, first of all, used phraseological sentences that arose in the living language of the people and are stylistically very characteristic. Most of the phraseological sentences used by the writer are two-part. Most two-part sentences are phraseological sentences in which the subject is personal nouns or grammatical means expressing persons. A small part consists of phraseological sentences, the content of which is not associated with a person, but with various objects and events. At the same time, the writer often uses monosyllabic phrases. U. Kuhzod in his works used phraseological sentences with great skill, especially monosyllabic phraseological sentences. He connected phraseological sentences with simple syntactic sentences and used them as main or subordinate clauses, or as one of the equivalent components in complex sentences.

Key words: phraseological unit, Urun Kukhzod**,** phraseological sentence, simple phraseological sentence, simple monosyllabic and two-syllable phraseological sentences.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Худоёрова Нигина Зардовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-24-59-60**

Сведение об авторе: ***Худоёрова Нигина Зардовна*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры таджикского современного литературного языка. **Адрес:** 734025, РеспубликаТаджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-24-59-60**

Information about the author: ***Hudoyorova Nigina Zardovna*** – Tajik National University, the assistant of the department of modern Tajik literary language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 918-24-59-60**

УДК: 491.71:491.550-400

ЦЕННАЯ НАХОДКА В РУССКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛЕКСИКОГРАФИИ

Мамадназаров А.
Таджикский национальный университет

Целю данной статьи является лексикографический и лексический анализ особенностей *Русско-таджикского словаря* Ш. Хатымтаева, изданный в 1899 г. и который до сегодняшнего дня не являлся предметом специального лексикографического и лексического анализа лингвистов. Данный словарь считается вторым русско-таджикским словарем после «*Русско-персидского словаря по наречиям Туркестанского края»* В.Ф. Наливкина, изданный десяти годами раньше [Казан, 1889]. Словарь составлен Шохайдаром Хатымтаевым и издан в типографии И. Я. Барановского, а также одобрен Российским Императорским Политическим Агентством в Бухаре. Исследуемый *Русско-таджикский словарь* был опубликован в 1899 г. в г. Новой Бухаре (г. Каган), а затем в 1913 г. под названием «*Краткий русско-таджикский словарь*» в Ташкенте.

Анализ данного словаря осуществляется по изданию который хранится в личной книжной коллекции профессора М. Андреева, который был приобретен библиотекой Академии Наук РТ в 1967 году, имеет номер 337973А и является ценным лексикографическим изданием своего времени. М. Андреев широко известен своими научными публикациями по истории, культуре и этнографии таджиков. На протяжении своей творческой жизни М. Андреев собирал книги и исторические источники, и сформировал уникальное книжное собрание, посвященное истории и культуре Центрально-Азиатского региона.

Обзор литературы.

В первом *Русско-таджикском словаре*, в двух томах, изданный в советский период в 1933-34 в г. Ленинграде, в издательстве *Коминтерн*, составленный С. Ализаде, А. Исмаилзаде, Р. Хашимом и М. Юсуповым о словаре Ш. Хатымтаева в разделе предисловие о существовании данного словаря никакие сведения не приводяться [Ализаде, 1933-34, 5-6].

В предисловие второго *Русско-таджикского словаря* под ред. А.П. Дехоти и Н.Н. Ершова о данном словаре также никакие сведения не наблюдаем [Дехоти, 1949, 5-6].

Только в предисловии третьего *Русско-таджикского словаря* под ред. М. Осимова приведено всего одно предложение: «1899 и в 1913 г. в Ташкенте были изданы два кратких русско-таджикских словаря (составитель Шоххайдар Хотамтоев)» [Осимов, 1985, 7]. Как видим место издания исследуемого нами РТС словаря Ш. Хатымтаева в данном словаре указано не верно.

Единственная небольшая статья, состоящая всего из 8 предложений и которая посвящена данному словарю опубликована в *Таджикской советской энциклопедии* А. Сайфуллаевым на таджикском языке, где приводятся общие сведения о словаре Ш. Хатымтаева. В том числе отмечается что, данный словарь содержит 1370 слов и в качестве лексикографического, диалектологического, исторического и художественного издания имеет большое значение. Слова расположены по темам, такие как – *местоимения, глаголы, творение вообще, воздушные явления* и т.д. [Сайфуллоев, 1983, 72].

В своих роботах по исследованию история русско-таджикских двуязычных словарях, используя статьи А. Сайфуллаева, мы таже опубликовали пердварительные общие лексикографические данные об этой работе Ш. Хатымтаева на русском [Мамадназаров, 2013 (а), 2013 (б); 2020; 2016] и на английском [Mamadnazarov, 2019, 19; 2021, 303] языках.

На этом сведения о данном словаре в лингвистической литературе на таджикском, русском и английском языках исчерпывается. Как видно из анализа лингвистической литературы данный русско-таджикский словарь вообще не описан и не исследован лингвистами в республике Таджикистан и за ее пределами.

Как и когда данный «*Русско-таджикский словарь*» попал в книжную коллекцию М. Андреева, установить не представляется возможным, но наличие его в фонде является украшением собрания и библиотеки Национальной Академии Наук РТ, так как Словарь

является одним из первых лингвистических русско-таджикских словарей в истории русско-таджикской двуязычной лексикографии.

Словарь состоит из 72 страниц, не имеет оригинальной обложки, переплет, в котором он в настоящее время находится, появился значительно позднее. Отсутствие форзаца, а также последних страниц серьезно осложняет работу по выявлению дополнительных данных об этом издании, так, например, мы не можем оценить, тираж книги. По утверждению автора в конце словаря помещен список словника словаря, которого также нет в данном единственном издании в стране, и мы не можем сказать в каком порядке этот список составлен.

Таджикские ученые А. Мухтаров и А. Сайфуллаев в своей статье в газете «Коммунист Таджикистана» под названием «Таким был первый словарь» от 9 июля 1981 года отметили уникальность и значение этого словаря, неизвестного не только широкой публике, но и лексикографам [Мухтаров, 1981, 4]. При этом интересно отметить, что писали они об экземпляре книги, находящемся в Государственной библиотеке России в Москве. Упомянутые ученные не знали, что один экземпляр этого издания находится в Академической библиотеке Таджикистана.

Исследуемый нами РТС является тематическим словарем и состоит из 72 страниц, содержит 1370 словарных статей разделённые на 46 тем. С точки зрения макроструктуры [Hartman, 2002, 91] словарь состоит из «Предисловие» (на русском и таджикском языках), самого словника и оглавление в конце словаря.

На титульном листе РТС Ш. Хатымтаева после названия «*Русско-таджикский словарь*» приведены следующие слова: «Руководство, как без посторонней помощи *выучиться говорить* русским по-таджикски и таджикам по-русски» [РТС, 1899, 1]. Интересно отметить что здесь же на таджикском языке, на персидской графике данный словарь называется «русско-персидским» и приведено следующее предложение: «Луғати русӣ ва форсӣ. Аз мазмуни ин китоб савои муллими руссияи забон форсӣ гап зада метавонад ва мусулмония забони русӣ *гап зада метавонад*» (перевод: *Русский и персидский словарь. По содержанию данной книги русскоязычный учитель может говорит по-персидски, и мусульмане могут говорить по-русски*) [РТС, 1899, 1]. Далее на узбекском языке указан: «Басмахона Барановский Янги Бухорода» (перевод А.М.: *Отпечатан в типографии Барановского в Новой Бухаре*). Почему это предложение написано на узбекском мы не можем предугадать.

В предисловии на русском языке, которое состоит всего из пяти предложений, также отмечается, что «для удобства отыскания нужных слов, таковыя разделены на группы по категориям соответствующего значения. Заглавия их помещены в конце словаря» [РТС, 1899, 3].

На этой же странице на таджикском языке помешен небольшой текст под названием от составителя (Баёни мусанниф), содержание которого отличается от русского предисловия. В том числе отмечается: «Бо ин китоби луғат *форсиён* забони руссияро ба осонӣ ва базудӣ ёд мегиранд, аз барои он ки ибороти *мусулмонӣ* ва русӣ ба калимоти *мусулмонӣ* навишта шудааст, ба ҳар касе, ки кадом матлаб даркор бошад, аз феҳрист тараддуд карда бинад муддао ҳосил мешавад, муддаоро аз ҷойи мазкур ёфта ба кадом ваҷҳ, ки гуфтанӣ бошанд, ҳамон забонҳоро ҳамроҳ карда кофта метавонанд» (перевод А.М*:* С данным словарём *фарсиязычные* быстро и легко выучат русский язык, потому что русские и *мусульманские* слава и выражения написаны *мусульманским* шрифтом и каждый кто поставил перед собой цель может найти темы в оглавлении и найти их в словаре» [РТС, 1899, 3].

Если сравнить русский оригинал следующего предложения: «По настоящему словарю русские легко могут ознакомиться с *таджикским языком*, а *таджики* с русским, не зная грамоты этих языков, ибо русские слова написаны русскими и *таджикскими* буквами и наоборот» [РТС, 1899, 3] с оригиналом на таджикском языке, то можно заметить, что слово «*таджики*» заменен на слово «форисён» (перси), а «*таджикский язык*» переведен как «*мусульманский язык*». Из анализа вышприведденых предложений можно заключить что, в таджикском оригинале в «Предисловие» автор несколько раз избегал использование слова «*таджики*» и «*таджикский язык*». По кокой причине нам не известно.

Данную работу можно считать двуязычным тематическим переводным словарем, так как словник словаря разделён на 46 тем. Некоторые темы практически состоят из несколько под тем. Например: «Человек и части человеческого тела» (Ашколи одамизод) [с. 32], «Пол возраст и семейство» (*Ҷинси одамон, ёшу пир ва ҷамоат*) [с. 41], «Орудия, оружия и инструменты» (*Яроқҳо*) [с. 57]. Если принимать во внимание такое деление, то общее количество тем РТС Ш. Хатымтаева увеличится до 70 наименований.

Данная цифра тоже не точен, так как копию которого мы изучали состоит из 72 страниц, где отсутствуют несколько страниц. Например, А. Сайфуллоев говорит о теме «Фразы для упражнения» (Ибораҳо барои машқ» следующее: «*Данный раздел состоит из 29 предложений с переводом на таджикский язык*» [Сайфуллоев, 1981, 4]. В нашей копии данная тема отсутствует. Отсюда следует что вероятно количество тем данной работы немного больше.

Слова расположены в двух столбиках по различным темам в том числе: *местоимения, глаголы, союзы, наречия и предлоги, цифры, числа порядковые, слова духовные, творение вообще, воздушные явления, цифры* и т.д.

Надо отметь что ни темы словаря, ни слова внутри тем не расположены в алфавитном порядке или в каком-либо другом порядке или системе русского языка, что делает трудным отыскать нужное слово. В связи с этим можно ли назвать данное издание словарем вообще, если под словарем, как и все лингвисты, мы понимаем: «*Книга, содержащая систематическое описание словаря*» [Ахманова, 2009, 421]. Когда по той или иной теме в какой-нибудь книге приведены 10, 20 или 30 слов отыскать нужное слово не представляется проблемой, но когда по теме приведены 321 слов бессистемно (например глаголы в данном словаре) найти нужное слово становиться проблематичной. Исходя из этого, нам представляется, что данное издание точнее называть *тематическим словником, а не словарём,* то есть *«Русско-таджикский тематический словник*». Описание русских слов и их перевод в исследуемый нами словарь осуществляется, заглавными буквами без абзаца на кириллице с транслитерацией на русский и таджикский язык арабской графикой таджикского языка. Для удобства читателей вместо арабской графики в данной статье мы использовали транслитерацию на латинице. Например:

Быть.	Шудан.
bit	shudan
Родиться.	Таваллудъ-ёфтанъ.
roditsya	tavallud yoftan
Шевелить.	Джумониданъ.
shevelit	jumonidan
Дышать.	Дамъ-гирифтанъ.
dishat	dam giriftan
Рассматривать	Дида-гаштанъ.
rassmatrivat	dida gashtan [РТС, 1899, 6].

Как выдно из приведенных примеров, русские слова не расположены в алфавитном порядке, начинаются заглавной буквой и завершаются точкой. Транслитератсия на русский язык и перевод на таджикский язык осуществлен на кириллице и на арабской графики, которую мы заменили латиницей.

Словарная статья РТС Ш. Хатымтаева состоит из русского заглавного слова с прописной буквой *без абзаца* и таджикского эквивалента или эквивалентов расположенных в двух колонках, без всяких грамматических и стилистических, специальных помет или иллюстративных примеров.

Весь словарь разделен на сорок девять тем. Данная работа является двуязычным тематическим переводным словарем. Перевод русских слов на таджикский язык даётся на кириллице и арабской графикой, чтобы словарем могли пользоваться и те которые не знают таджикский алфавит. «По настоящему словарю, – отмечено в предисловии, – русские легко могут ознакомиться с таджикским языком, а таджики – с русским, не зная грамоты этих языков, ибо русские слова написаны русскими и таджикскими буквами и наоборот» [Хатымтаев, 1913, 3].

Словарь Ш. Хатымтаева является тематическим, который состоит из разнообразных тем, но объём и содержание тем значительно отличаются друг от друга. Самая большая

тема, например, «Глаголы», представлен 321 заглавными словами, тема «Человек и части человеческого тела» представлен 90, «Союзы, наречия и предлоги» 74 словами и выражениями. Остальные темы имеют от 4 до 12 или от 30 до 45 слов и выражений.

Тема «Местоимения» (*Замирҳо*) состоит из 32 слов (с. 5-6). Сюда включены личные местоимения, а также вопросительные, отрицательные и другие виды местоимения и их перевод на таджикский язык, но сами местоимения не разделены на виды. Например:

Кто.	Кӣ.
kto	ki
Что.	Чӣ.
chto	chi
Который.	Кадомъ.
kotoriy	kadom
Чей этот.	Ин кистъ.
chey etot	in kist.

Лексический анализ приведённых примеров показывает, что имеется также неправильный перевод: сочетание «*чей этот*» переведён как «*ин кист*» (это кто), а правильный перевод – «ин аз они кист». В этом разделе также неправильно переведено слово «никто» – шахсе (правильный перевод: ҳеҷ кас). Некоторые слова переведены разговорными вариантами, например: мой этот – ини ман, твой этот – ини ту, его этот – ини вай, наш этот – ини мо. То, что в словаре приведены также просторечные слова, говорить о том, что словарь предназначался для овладения именно разговорным языком, указанным в предисловии.

Лексические единицы самой большой темы в данном словаре, а именно тема «Глаголы», также, как и слова и выражения в других разделах, расположены не в алфавитном порядке русского языка, что сильно затрудняет найти нужное слово. Особенностью данного раздела состоит в том, что те глаголы, которые в повелительном наклонение имеют другие формы, также приводятся в словаре, как самостоятельные лексикографические единицы или лексикографические статьи. Например:

Бегать.	Давиданъ.	давидан.
Бежите.	Даведъ.	давед.
Встать.	Бархестанъ.	Бархостан.
Вставайте.	Хизидъ.	хезед.
Слышать.	Гуш-карданъ.	гӯш кардан.
Слушайте.	Гуш-кунидъ.	гӯш кунед [с. 7].

В словаре встречаются также словосочетания, выражения и предложения в повелительном наклонение:

Ложитесь спать.	Хобъ равидъ.	Хоб равед [с. 9].
Имя дайте.	Номъ монидъ.	Ном монед [с. 13].
Запрягайте лошадей	Асбра бандидъ.	Асбро бандед [с. 14].
Выпрягайте лошадей	Асба ёла кунидъ.	Асба яла кунед [с. 14].
Болить голова	Сарамъ-дардъ-мекунатъ.	Сарам дард мекунад [с. 17].

Встречаются также примеры где русские слова переведены на узбекский язык с таджикским вспомогательным глаголом «кардан».

Плавать	Сузмишъ-карданъ.	*тадж*. шино кардан [с. 15].
Просверлить	Тишикъ-карданъ.	*тадж*. сурох кардан [с. 16].
Клеить.	Елимъ-карданъ	*тадж*. ширеш кардан [с. 16].

Засвидетельствованы также глаголы, которые переведены на таджикский язык неправильно (*правильный перевод дано в скобках*). Например, сочетание в повелительном наклонение «Гум шавед! имеет грубое значение и соответствует русскому «Убирайтесь вон!»

Косить	Чабқу карданъ.	дарав кардан [с. 16].
Мерить	Паймуданъ	чен кардан [с. 16].
Меряйте	Баркашидъ	чен кунед [с. 16].
Спрячьтесь	Гумъ шавидъ.	пинҳон шавед [с. 16].

Встречаются также глаголы, которые на таджикский язык (арабской графикой) переведены правильно (третий столбик), но в перевод на таджикский язык буквами

кириллицы переданы не точно с ошибками и с твёрдым знаком в конце каждого слово (второй столбик). Например:

Болитъ голова	Сарамъ-дардъ-микунатъ	Сарам дард мекунад [с. 17].
Возноситься	Мигрожъ рофтанъ	мэроҷ рафтан [с. 18].
Воспрещать	Мангъ карданъ	манъ кардан [с. 18].
Назначать	Тагаенъ карданъ	таъйин кардан [с. 19].
Худеть	Логаръ-Гардиданъ	лоғар гардидан [с. 21].

В приведенных выше словах перевод на таджикский язык арабской графикой осуществлён точно без никаких проблем, но перевод на таджикский на кириллице осуществлен с ошибками и неточно, причем каждое слов заканчивается твёрдым знаком. Нам представляется что понимать и произнести эти слова правильно русским было проблематично.

Вторая наибольшая тема в данном словаре «Человек и части человеческого тела», представлена 90 словами и выражениями: Лобъ – Пишона, Глазъ – Чашмъ, Борвъ – Абрӯъ, Зрачек – Сиёҳии Чашм, Ротъ – Даҳонъ, Зубъ – Дандонъ и т. д.

Из приведенных примеров видно, что слова русского языка в основном писались с твёрдым знаком оканчивающиеся на твердые буквы в конце слова, что и сохранялись при переводе и правописании на таджикском языке на кириллице. Правописание с использованием твёрдого знака (ъ) в конце использовалось в русском языке до начала 20 века. Например, такое же правописание использовал В.И. Даль, при составление своего «Толкового словаря живого великорусского языка» в 19 веке [Даль, 2006]. Причиной почему твёрдый знак использовался в РТС Ш. Хатымтаева, по нашему мнению, является то, что перевод на таджикский язык с правописанием на кириллице предназначался для русских, которые могли использовать таджикский язык, не зная арабской графики. По-видимому, составитель словаря не знал о том, что в таджикском язык лексические единицы не имеют категории твёрдости и мягкости. Но в переводах на таджикский язык в этих же словах на арабской графике, такое явление не наблюдается, то есть твёрдый знак «ъ» не писался.

Анализ словника исследуемого словаря и их переводов на таджикский язык показывает, что даже в словах, оканчивающихся на мягкий знак (ь) в русском языке и в таджикском языке почему-то писался твердый знак (ъ). Например:

Очень.	Бесъёрь.	бисёр [с. 29].
Жизнь.	Умуръ.	умр [с. 29].
Смерть.	Маргъ.	марг [с. 29].
Огонь.	Оташъ.	оташ [с. 30].
Пыль.	Чанъ.	чанг [с. 30].
Вихрь.	Гирдъ-бади.	гирдбод [с. 30].

В словаре также имеются несколько слов где, мягкий знак сохранялся и в переводах на таджикский язык на кириллице. Например:

Степь.	Чуль	чӯл [с. 30].
Болезнь	Касаль	касал [с. 39].

В словаре имеются также слова где, нет твердого знака в русском языке но в переводах на таджикский язык на кириллице твёрдый знак вписывался. Например:

Борода	Ришъ [с. 33].
Шея	Гарданъ [с. 33].
Горло.	Халкъ [с. 33].
Плечо.	Душъ [с. 33].
Спина.	Пишть [с. 33].

В разеле под названием “Цветы» (*гулҳо*), на странице 51, приведено всего шесть слов, из которых три к теме цветы не относятся: Например:

Макъ.	Кукноръ.	кукнор
Подсолнечникъ	Офтобъ-фарастъ	офтобпараст
Опиумъ.	Афьюнъ	афюн

Третья самая большая тема, которая описана в словаре Ш. Хатымтаева – «*Союзы, наречия и предлоги*», представлена 74 лексическими единицами. Как и в предыдущих разделах лексические единицы расположены неупорядоченно, не соблюдая алфавитный

порядок русского языка. Союзы, наречия и предлоги никак не выделяются в подгруппах. Например:

Если.	Агаръ.	агар [с. 21].
Хотя.	Агерча.	агарчи [с. 21].
Даже.	Хатто.	ҳатто [с. 21].
Около.	Назди.	назди [с. 22].
Внезапно	Ногохъ.	ногоҳ [с. 22].
До.	То.	то [с. 24].

Из анализа приведенных слов и других в словаре, видно что *союзы, наречия и предлоги* приводятся в словаре без какой либо системы и порядка, без указания на их преднадлежности к той или иной части речи. Здесь же, среди других слов, расположены вопросительные местоимения, не относящейся к данной теме. Например:

Сколько.	Чандъ.	чанд [с. 21].
Где.	Гджо.	куҷо. [с. 23].
Откуда.	Азгджо.	аз куҷо [с. 23].
Куда.	Багджо.	ба куҷо. [с. 23].
Когда.	Кай.	кай [с. 24].

Исконно таджикские буквы и звуки, такие как: қ [q], ғ [gh], ҳ [h], ӯ [↔:], ӣ [∀:], ҷ [dZ] в переводах русских слов на таджикский язык, в данном словаре на кириллице, никак не представлены, хотя в словах на персидской графике таджикского языка они в основном переданы правильно. Данный факт свидетельствует о том, что, русские пользующиеся данным словарем не могли точно и правильно читать или использовать в своей речи слова и выражения из ТРС Ш. Хатымтаева. Так как не известно каким тиражом был издан данный словарь мы не можем сказать, как часто словарь использовался, или использовался ли вообще.

Вместе.	Хамро.	ҳамроҳ [с. 22].
Откуда.	Азгджо.	аз куҷо [с. 23].
Позади.	Даръ-Акибъ.	дар ақиб [с. 23].
Тогда.	Хамонъ-вактъ.	ҳамон вақт [с.24].

Наблюдается также, что перевод лексических единиц на таджикский язык словосочетаниями или выражениями на кириллице в рассматриваемом нами словаре Ш. Хатымтаева писались через дефис и прописной буквой, что не наблюдается в переводах на таджикский на арабской графике. Например:

Потому.	Азъ-онъ-сабабъ.	аз он сабаб [с. 22].
Внизу.	Даръ таки-поинъ.	дар таги поин [с. 23].
Нигде.	Даръ-хичъ-джоъ.	дар ҳеҷ ҷо [с. 23].
Тогда.	Хамонъ-вакть.	ҳамон вақт [с. 24].
Днемъ.	Вактъ-рузъ.	вақти руз. [с. 24].
Орешникъ.	Чахор-магазъ.	чаҳормағз [с. 52].

Четвертая наибольшая тема словаря Ш. Хатымтаева называется «Ремесла и промыслы», которая содержит 46 слов и выражений русского языка с переводом на таджикский язык в двух вариантах – на кириллице и на арабской графике (с. 59-60). Как и в других разделах лексический анализ переводов показывает, что основная проблема – это перевод на таджикский язык буквами кириллицы. Например:

Купецъ.	Тужаръ.	тоҷир
Торговый-домъ.	Тижар-хане.	тоҷирхона
Торговля братевъ.	Савдо-бародаронъ.	савдои бародарон
Торговля.	Мыгамиля.	муомила
Каменотесъ.	Санъ-тарашъ.	сангтарош
Швея.	Зани-дарыздузъ.	зани дарздӯз

Следующий этап работы с текстом перевода связан с поисками стратегии перевода, в процессе которого переводчик постоянно оценивает относительную важность отдельных элементов текста. От правильного выбора стратегии перевода, составляющей важнейшую часть творческого акта, зависит адекватность перевода. На этом этапе работы важна роль словарей, к которым переводчик обращается в процессе передачи контекста. Именно на этом этапе, несмотря на то что одними из наиболее полезных являются общие и специальные толковые словари и тезаурусы, однако многие переводчики, особенно начинающие, предпочитают им двуязычные словари. Между тем двуязычные словари играют в работе переводчика достаточно неоднозначную роль, с одной стороны, потому что не могут конкурировать с толковыми словарями, а с другой стороны, они помогают переводчику в поиске иноязычного соответствия. Эффективность работы переводчика с двуязычными словарями заключается в том, что они часто указывает переводчику, в каком направлении нужно искать контекстуальное значение слова.

На этом этапе работы ошибки чаще допускают начинающие переводчики, так как в двуязычных словарях система значений не всегда передает тонкости, необходимые для адекватного перевода.

Один из самых больших недостатков переводческих словарей заключается в том, что переводчик в словаре находит длинный список возможных соответствий, не имеющих

необходимых толкований и комментариев относительно их возможных различий и сферы применения.

Безусловно, переводчики ждут от словаря помощи и на этапе синтеза текста на языке перевода, особенно если речь идет о чужом для них языке. Связано это с тем, что поиски переводчиков в этом процессе касаются не только лексической информации, но и грамматических, синтаксических, стилистических, прагматических особенностей единиц перевода.

Особенно часто переводчик обращается к словарю в момент самопроверки. Это происходит, когда переводчик не вполне уверен в том, что правильно понимает текст перевода и значение «знакомых» ему единиц, или когда переводчик хочет убедиться в правильности выбранного соответствия и способа его включения в текст перевода. Иногда такое случается при недостаточности информации об эквиваленте. Опытные переводчики считают этот прием правильным - заглядывать в словарь надо часто, чтобы рассеять сомнение.

Работа с текстом может происходить и по сокращенной схеме - путем непосредственных замен единиц исходного языка единицами языка перевода. Таким способом обычно переводят клише, штампы, этикетные формулы и т. п.

Некоторые весьма авторитетные авторы относят к подобным единицам также термины, но при этом, на наш взгляд, желательно все же проверять и перевод терминов, так как в некоторых случаях между терминами разных языков нет полной эквивалентности, поэтому перевод терминов по сокращенной схеме далеко не всегда возможен. Переводческий словарь должен помогать переводчику на всех этапах перевода, поэтому необходимо учесть этот момент при проектирования некоторых словарей.

На наш взгляд, при составлении переводческого словаря важно учитывать и то, что информационные потребности переводчика существенно различаются в зависимости от того, переводит ли он с иностранного языка на родной или наоборот. Но как утверждает Л.В. Щерба, для каждой пары языков нужен не один переводной словарь, а четыре – для перевода с иностранного и на иностранный для носителей и не носителей языка [33, с.5]. Связано это с тем, что при переводе с иностранного языка на родной, основная часть трудностей связана с этапом анализа текста на иностранном языке, а в случае, когда с родного на иностранный – с этапом синтеза, и, конечно же, состав информации при этом должен быть различен.

Перевод — это творческая мыслительная деятельность, имеющая сугубо социальный характер, так как делает возможным межъязыковое общение людей, способствует взаимодействию и взаимообогащению литератур и культур. Поэтому при проектировании словаря необходимо помнить о том, что неносителям языка требуется намного больше сведений для этапа синтеза текста на неродном для них языке, чем носителям.

Таким образом, перевод является важным фактором при проектировании словаря. Создатель словаря не может не учитывать этого широкого контекста. По наблюдениям Ю.Н. Караулова: «в лексикографии действуют две противоборствующие тенденции: центробежная и центростремительная. Действие центробежной силы проявляется в том, что любая информационная категория и даже ее отдельные значения стремятся выделиться в отдельный словарь. Центростремительная тенденция приводит к попыткам объединить наиболее важные информационные категории в одном словаре, а также к углубленной разработке отдельных информационных категорий, при которой, однако, в процесс неизбежно вовлекается большое количество других категорий» [14, с.59-61].

Автор словаря берет на себя серьезную ответственность следить за балансом равновесия двух тенденций, так как изобилие какой-либо из них гарантирует дальнейшие недоразумения.

Однако перенасыщенность словаря информацией также нецелесообразна по ряду причин: многотомные издания неудобны для пользователей; трудно ориентироваться в растянутой словарной статье, переводчику трудно выбрать нужное значение и соответствие при охвате слишком большого количества областей, увеличиваются сроки работы над словарем, большие словари труднее обновлять и переиздавать, значительное количество информации в словаре является для пользователя лишней, и это может негативно повлиять на их желание приобрести словарь. Поэтому многие лексикографы видят путь решения этих проблем в переходе к системному лексикографированию, те есть, распределить функции между словарями, что

значительно облегчит труд переводчиков. При создании переводного словаря следует помнить, что главным в нем являются переводные эквиваленты и другая информация, необходимая для установления отношений эквивалентности и порождения текста на языке перевода.

Словарь может не только являться отдельным изданием, но и входить в состав другого издания. Примером могут служить притекстовые словарики, глоссарии, а также словари, включаемые в другое издание в качестве приложения. При этом следует исходить из того, что наибольшую ценность для переводчика имеет контрастивная информация, т. е. сведения о расхождениях между языковыми единицами входного и выходного языков, о различиях их функционирования и встраивания в контекст, о нерегулярной переводимости. Важно учесть и то, что «регулярные», «предсказуемые» способы перевода, например, словосочетаний, можно помещать в словарь в ограниченном количестве, однако следует четко и эксплицитно сообщать пользователю о том, что является правилом, а что исключением.

Каждый переводчик видит лишь часть возможных интерпретаций и вариантов. При этим переводческая интуиция определяется как способность спонтанно находить решение проблем, не основанная на знании и не опирающаяся на логическое рассуждение.

Так, анализируя примеры переводов художественных текстов, мы пришли к выводу, что в акте переводческого творчества предлагается различать четыре фазы: подготовка, вызревание, озарение, проверка результата, где работа со словарем играет важную роль.

Различные направления исследования: теория лексикографии, писательская лексикография, терминология и терминография, учебная, историческая, культурологическая, переводная, корпусная лексикография, электронная и т.д. подвергаются всестороннему изучению в трудах зарубежных ученых: О.М. Карповой [15, 160-164.], К.М. Денисова [9, .24-33], В.В. Дубичинского [11], О.В. Коробейниковой [16], Atkins B.T. [36], Atkinson J.M. [37], Badran D. [38], Baker M. [39], Baker P. [40].

В современной лингвистической науке известно довольно много работ по изучению термина, терминологии, а также принципов и проблем его лексикографического описания, к примеру, исследования О.В. Аваковой [1], К.Я. Авербух [2], Г. П. Снетова [26], А.С. Герда [5], Б.Н. Головина [6], С.В. Гринева [7], Г.А. Дианової [10], Т.Л. Канделаки [13], В.М. Лейчика [17] А.В. Лемова [18], О.В. Луневой [19], Л.А. Манерко [20], В.Ф. Новодрановой [24, 117-122.], А.В. Суперанской. [27], В.Д. Табанаковой [28], С.Д. Шелова [31] и др.

Рецензент: ***Мурувватиён Дж.Дж.*** – кандидат филологических наук, доцент ИЯЛ НАНТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Авакова, О.В. Формирование и функционирование английской юридической терминологии в процессе становления государства и права в Англии: дисс... канд. фил… наук: 10.02.04 / О.В. Авакова. - Москва, 2006. - 208 с.
2. Авербух, К.Я. Лексические и фразеологические аспекты перевода: учебное пособие для студентов высших учебных заведений, обучающихся по специальностям направления «Лингвистика и межкультурная коммуникация» / К.Я. Авербух, О.М. Карпова. – М.: Академия, 2009 (Саратов: Саратовский полиграфкомбинат). – 172 с.
3. Айни, С. Воспоминания / С.Айни. Перевод с таджикского Анны Розенфельд. - М Л., Издательство АН СССР, 1960. - 1087 с.
4. Берков, В.П. Двуязычная лексикография: учеб. для студентов вузов / В.П. Берков. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Астрель, 2004 (Минск). – 236 с.
5. Герд, А.С. Прикладная лингвистика / А.С. Герд; Санкт-Петербургский гос. ун-т. - Санкт-Петербург: Изд-во Санкт-Петербургского ун-та, 2005. – 266 с.
6. Головин, Б.Н. Лингвистические основы учения о терминах: учеб. пособия для филол. спец. вузов / Б.Н. Головин, Р.Ю. Кобрин. - М.: Высш. шк., 1987. - 103 с.
7. Гринев, С.В. Введение в терминологическую лексикографию: (Учеб. пособие) / С.В. Гринев; МГУ им. М.В. Ломоносова, Филол. фак. - М.: Б. и., 1986. – 102 с.
8. Девкин, В.Д. Очерки по лексикографии / В.Д. Девкин. - М.: Прометей, 2000. - 395 с.
9. Денисов К.М. «Перспектива пользователя» как перспективный путь развития лексикографической науки / К.М. Денисов // Ивановская лексикографическая школа: традиции и инновации. Сб. научн. ст. - Иваново: Ив.гос.ун-т, 2011. - С.24-33
10. Дианова, Г.А. Термин и понятие: проблемы эволюции: (К основам ист. терминоведения) / Г.А. Дианова. - М.: Еврошкола, 2000. - 184 с.

11. Дубичинский, В.В. Лексикография русского языка: учебное пособие / В.В. Дубичинский. – М.: Флинта: Наука, 2009. - 427 с.
12. Каде О. Принципы перевода в свете теории коммуникации / О.Каде // Вопросы теории перевода в зарубежной лингвистике. - М., 1978. - 232 с.
13. Канделаки, Т.Л. Семантика и мотивированность терминов [Текст] / Т.Л. Канделаки; АН СССР, Ком. науч.-техн. терминологии. – М.: Наука, 1977. - 167 с.
14. Караулов, Ю.Н. Русский язык и языковая личность / Ю.Н. Караулов. - 4-е изд., стер. - М.: УРСС, 2004. – 261 с.
15. Карпова О.М. Словари современного русского языка в свете новых тенденций западноевропейской лексикографии // Вестник Воронежского университета. Серия «Лингвистика и межкультурная коммуникация». 2016. № 4. - Воронеж, 2016. - С. 160-164.
16. Коробейникова, О.В. Принципы построения английских толково-энциклопедических словарей: на материале словарей цитат и словарей языка писателей: дисс.... канд. фил… наук: 10.02.04 / О.В. Коробейникова. - Иваново, 2007. - 191 с.
17. Лейчик, В.М. Терминоведение: предмет, методы, структура / В.М. Лейчик. - 3-е изд. – М., 2007. - 254 с.
18. Лемов, АВ. Система, структура и функционирование научного термина / А.В. Лемов. - Саранск: Изд-во Морд. ун-та, 2000. – 191 с.
19. Лунева, О.В. Лингвостатистическое исследование подъязыка специальности «цифровые сигнальные процессоры»: автореф. дис... кандидата филологических наук: 10.02.04 / О.В. Лунева. - Иваново, 1996. - 21 с.
20. Манерко Л.А. Наука о языке: Парадигмы лингвистического знания / Л.А. Манерко. - Рязань: Изд-во РГУ им. С.А. Есенина, 2006. - 216 с.
21. Мамадназаров, А. Становление и развитие таджикской переводной лексикографии XX и начала XXI вв.: диссертация ... доктора филологических наук: 10.02.22 / А. Мамадназаров; [Место защиты: Таджикский государственный национальный университет]. - Душанбе, 2013. - 420 с.
22. Мирам, Г.Э. Профессия: ПЕРЕВОДЧИК / Г.Э. Мирам. - М.: Эльга, Ника-Центр, 2006. - 160 с.
23. Нелюбин, Л.Л. Толковый переводоведческий словарь / Л.Л. Нелюбин. - 3. изд., перераб. - М.: Флинта: Наука, 2003 (Великолук. гор. тип.). - 318 с.
24. Новодранова В.Ф. Отражение обыденного и научного знания в языковой картине мира / В.Ф. Новодранова // Теоретические проблемы современного языкознания. - Воронеж: ВГУ, 2009. - С.117-122.
25. Сорокина, И.П. Энецкий словарь с кратким грамматическим очерком: около 8 000 слов / И.П. Сорокина, Д.С. Болина; Российская акад. наук, Ин-т лингвистических исслед. - Санкт-Петербург: Наука, 2009. - 488 с.
26. Снетова, Г.П. Словарь трудностей русского языка. Паронимы: [более 2000 паронимов] / Г.П. Снетова, О.Б. Власова. – М.: Эксмо, 2008. – 413 с.
27. Суперанская А.В. Общая терминология. Терминологическая деятельность / А.В. Суперанская, Н.В. Подольская, Н.В. Васильева. - М.: УРСС Эдиториал, 2005. - 256 с.
28. Табанакова, В.Д. Идеографическое описание научной терминологии в специальных словарях: дисс... доктора филологических наук: 10.02.21 / В.Д. Табанакова. - Тюмень, 2001. - 288 с.
29. «Таджикско-русский словарь». Под ред. Д. Саймиддинова, С.Д. Холматовой и С. Каримова. – Душанбе, 2006. – 813 с.
30. Убин, И.И. ЭВМ и словарь: (Метод. пособие) / И.И. Убин; М-во науки, высш. шк. и техн. политики Рос. Федерации, Рос. АН, [Всерос. центр пер.]. - М.: ВЦП, 1992. – 179 с.
31. Шелов, С.Д. Опыт построения терминологической теории: значение и определение терминов: автореф. дис... доктора филологических наук: 10.02.21 / С.Д. Шелов. - Москва, 1995. - 35 с.
32. Шестакова, Л.Л. Русская авторская лексикография [Текст]: теория, история, современность / Л.Л. Шестакова; Российская акад. наук, Ин-т русского яз. им. В. В. Виноградова. – М.: Яз. славянских культур, 2011. - 463 с.
33. Щерба, Л.В. Избранные работы по русскому языку [Текст] / Л.В. Щерба; [Предисл., подбор текстов, примеч. и ред. М. И. Матусевич]; Акад. наук СССР. Отд-ние литературы и языка. – М.: Учпедгиз, 1957. - 188 с.
34. Чуковский, К.И. Высокое искусство [Текст]: [о художественном переводе] / К.И. Чуковский. – М.: Сов. писатель, 1988. - 348 с.
35. Язык СМИ как объект междисциплинарного исследования: учеб. пособие // Моск. гос. ун-т им. М. В. Ломоносова, Филол. фак.; [отв. ред. М. Н. Володина]. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 2003, Ч. 1. - 2003. – 456 с.
36. Atkins B.T.S. Monitoring Dictionary Use / B.T.S. Atkins, K.Varantola // International Journal of Lexicography. 1997. Vol. 10. - №1. [Электронный ресурс] - URL: https://www.researchgate.net/publication/274164137 Monitoring Dictionary Use -дата образения 20.08.2020
37. Atkinson J.M. Our Masters Voices: The Language and Body Language of Politics / J.M. Atkinson. - London: Methuen, 1984. - 224 p.
38. Badran D. Modality and Ideology in Translated Political Texts / D. Badran // Nottingham Linguistic Circular 16, 2001. - Badran, 2001. - Pp.47-61.
39. Baker M. In Other Words. A Coursebook on Translation / M.Baker. - London: Routledge, 2011. - 352 p.
40. Baker P. Using Corpora in Discourse Analysis / P.Baker. - London, NY: Continuum, 2006. - 198 p.

НАҚШИ ЛУҒАТ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАРҶУМОН

Мақолаи мазкур ба ҷанбаи лексикографии тарҷумаи бадеӣ, ба масъалаи таълифи луғатҳо ва омӯзиши онҳо бахшида шудааст. Дар ҷомеаи муосир, ки нақши луғат дар фаъолияти мутарҷим ба таври назаррас афзуда, аҳамияти бузурги ташкилӣ дорад, таҳқиқ карда шудааст. Ба эътиқоди муаллифи мақола, дар робита ба густариши тарҷума эҳтиёҷ ба эҷоди лексикографияи муаллифӣ, ки иртиботи зичи забон ва услуби фардии

нависандаро ошкор мекунад, зиёд мешавад. Муаллифи мақола вобаста ба масъалаи бамиёнгузошташуда рафти кори тарҷумонро ба матн меомӯзад. Ба ақидаи ӯ, ҷараёни тарҷума ба даврaҳое тақсим мешавад, ки хусусияти эҷодии фаъолияти тарҷумавиро равшан нишон медиҳанд. Аён аст, ки луғатҳо дар ҳама марҳилаҳо нақши муҳим мебозанд. Тарҷумон пеш аз оғози кор бо матн, пеш аз ҳама, бо матн шинос мешавад, марҳилаи баъдӣ синтези матн дар забони мавриди ҳадаф мебошад. Аммо чунин фактро истисно кардан мумкин нест, ки ҳар як тарҷумон нисбат ба кор муносибати ба худ хос дорад ва ҳар кас ин марҳилаҳоро бо роҳҳои гуногун тақсим карда метавонад. Баъзе тарҷумонҳо ҳатто марҳалаи кор дар болои матнро ба даврaҳои фосилавӣ тақсим мекунанд, масалан, худтафтиш ва таҳрир. Дар мақола андешаи О.Каде дар бораи марҳилаҳо ва зермарҳилаҳои гуногун оварда шудааст, ки ба эътиқоди ӯ раванди тарҷума аз марҳилаҳои зерин иборат аст: рамзкушоӣ кардани матн дар забони аслӣ бо мақсади дубора рамзгузорӣ; дубора рамзгузорӣ, яъне иваз кардани аломатҳои забони мавриди ҳадаф ба ҷойи ҳарфҳои забони аслӣ; татбиқи матн ба забони мавриди ҳадаф. Ба гуфтаи муаллифи мақола, луғатҳои тарҷумонӣ бештар ба марҳилаи дуюми тарҷума нигаронида шудаанд, ки дар он воҳидҳои забони аслӣ бо воҳидҳои забони мавриди ҳадаф иваз мешаванд. Гуфта мешавад, ки луғат бо вуҷуди аҳамияти нақши он дар фаъолияти тарҷумон на ҳамеша қобил аст, ки ӯро ба роҳҳои омодаи ҳалли масъала водор созад. Ин падида зарурати ба назар гирифтанро дар вақти тартиб додани луғати тарҷумаӣ тақозо мекунад, ки эҳтиёҷоти иттилоотии тарҷумон вобаста ба он, ки вай аз забони хориҷӣ ба забони модарии худ ва ё баръакс тарҷума мекунад, хеле фарқ мекунад. Муаллифи мақола пас аз таҳлили маводи амалӣ ба хулосае меояд, ки пешниҳод мешавад, ки чаҳор марҳилаи амали эҷодиёти тарҷума ҷудо карда шавад: омодагӣ, камолот, фаҳмиш, санҷиши натиҷа, ки дар он кор бо луғат нақши муҳим дорад.

Калидвожаҳо: лексикографияи тарҷума, лексикографияи муаллиф, луғат, тарҷума, забони тоҷикӣ.

РОЛЬ СЛОВАРЯ В РАБОТЕ ПЕРЕВОДЧИКА

Данная статья посвящена лексикографическому аспекту художественного перевода, вопросам составления словарей и их изучения. В современном обществе роль словаря в работе переводчика заметно возросла и имеет большое организующее значение. По мнению автора статьи, в связи с развитием перевода возрастает необходимость создавать авторскую лексикографию, которая раскроет тесное соприкосновение языка и индивидуального стиля писателя. В связи с выдвинутой проблемой, автор статьи изучает процесс работы переводчика над текстом. По его мнению, процесс перевода делится на этапы, которые наглядно раскрывают творческий характер переводческой деятельности. Очевидно, что в период всех этапов важную роль играют словари. Переводчик перед тем как начать работу над текстом, в первую очередь, знакомится с текстом, следующий же этап – это синтез текста на языке перевода. Однако нельзя исключать и тот факт, что каждый переводчик имеет свой подход к работе, и каждый может дробить эти этапы по-разному. Некоторые переводчики даже делят этапы работы над текстом на промежуточные, такие как самопроверка и редактирование. В статье приводится мнение О. Каде по поводу различных этапов и подэтапов, который считает, что процесс перевода состоит из следующих этапов: декодирование текста на языке оригинала с целью перекодирования; перекодирование, т. е. подстановка знаков языка перевода вместо знаков языка оригинала; реализация текста на языке перевода. По мнению автора статьи, переводческие словари чаще ориентированы на второй этап перевода, где происходит замена единиц языка оригинала единицами языка перевода. Утверждается, что несмотря на важность своей роли в работе переводчика, словарь не всегда может подсказать ему готовые решения. Данное явление диктует необходимость учитывать при составлении переводческого словаря тот факт, что информационные потребности переводчика существенно различаются в зависимости от того, переводит ли он с иностранного языка на родной или наоборот. Автор статьи, проанализировав практический материал, приходит к выводу, что в акте переводческого творчества предлагается различать четыре фазы: подготовка, вызревание, озарение, проверка результата, где работа со словарем играет важную роль.

Ключевые слова: лексикография перевода, авторская лексикография, словарь, перевод, таджикский язык.

THE ROLE OF THE DICTIONARY IN THE WORK OF A TRANSLATOR

This article is devoted to the lexicographic aspect of literary translation, dealing with the compilation of dictionaries and their study, in modern society, when the role of the dictionary in the translator's work has noticeably increased and is of great organizational importance. According to the author of the article, in connection with the development of translation, there is an increasing need to create an author's lexicography, which will reveal the close contact between the language and the individual style of the writer. In connection with the problem raised, the author of the article studies the process of the translator's work on the text. In his opinion, the translation process is divided into stages that clearly reveal the creative nature of translation activity. Obviously, dictionaries play an important role during all stages. The translator, before starting work on the text, first of all, gets acquainted with the text, the next stage is the synthesis of the text in the target language. However, one cannot exclude the fact that each translator has his own approach to work, and each can split these stages in different ways. Some translators even divide the stage of working on the text into intermediate ones, such as self-checking and editing. The article presents the opinion of O. Kade on various stages and sub-stages, who believes that the translation process consists of the following stages: decoding the text in the original language for the purpose of recoding; recoding, i.e., substitution of characters of the target language instead of characters of the original language; implementation of the text in the target language. According to the author of the article, translation dictionaries are more often focused on the second stage of translation, where units of the original language are replaced by units of the target language. It is argued that despite the importance of its role in the work of a translator, the dictionary is not always able to prompt him with ready-made solutions. This phenomenon dictates the need to take into account when compiling a translation dictionary, the

fact that the information needs of a translator differ significantly depending on whether he translates from a foreign language into his native language or vice versa. The author of the article, after analyzing the practical material, comes to the conclusion that it is proposed to distinguish four phases in the act of translation creativity: preparation, maturation, insight, verification of the result, where work with a dictionary plays an important role.

Key words: translation lexicography, author's lexicography, dictionary, translation, Tajik language.

Муаллиф дар бораи муаллиф: ***Ашурӣ Тахмина Тахсинзода*** - Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакӣ АМИТ, ходими илмии шуъбаи лексикография ва истилоҳот. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 21. E-mail: **tamirisaliya@gmail.com.** Тел.: **(+992) 989-12-62-66**

Сведение об авторе: ***Ашури Тахмина Тахсинзода*** - Институт языка и литературы им. Рудаки НАНТ, научный сотрудник отдела лексикографии и терминологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **tamirisaliya@gmail.com.** Тел.: **(+992) 989-12-62-66**

Information about the author: ***Ashuri Takhmina Takhsinzoda*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki of NAST, researcher of the department of lexicography and terminology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **tamirisaliya@gmail.com.** Tel.: **(+992) 989-12-62-66**

УДК: 14+82(575.2)

МОҲИЯТИ БАДЕӢ-ИРФОНИИ НАЙ, МАЙ ВА БОДА ДАР ҒАЗАЛИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Қодиров К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Чеҳраи аслии тамоми башарият дар сурати Одам дар мафҳуми бадеӣ ва ирфонии «най», дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бо дарку эҳсоси хос ба қалам дода шудааст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, ки раҳрави тариқат буд, роҳи нардбони «ақл» ва «ишқ»-ро тавассути «най» ба авҷи аъло кашид. Талошҳои Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ атрофи мафҳуми «най» ин расидан ва бозрасидан ба Офаридгор аст. Дар ғазали ошиқонаи ирфонии Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ мояи умед ба «ишқ» ва орзуи «васл» ба Худо тариқи фарёди ҷонгудози «най» тасвир ёфтааст:

То ба кай созам тасаллӣ хотири ношодро,
З-оташи дил нола мехезад найи фарёдро.
Хоки мо з-афсурдагиҳо қобили таъмир нест,
Хона барбод аст охир мулки бебунёдро… [7, с.258].

Манзури Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аз «най» ва фарёди най ба «Асл» васл гардидан, дар ҷаҳорсӯи олами ҳастӣ, дар танҳоӣ будан ва аз он шикваву шикоят доштан аст. «Най» рамзи ҳамон раҳрави ишқ аст, ки ба «маъшуқ» оҳи ҷигарсӯз ва нола мекунад, ки ба висоли ӯ бирасад. «Най» изҳори «ишқ»-и Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ба «маъшуқ» ва шинохти маънавии ӯ ба сӯи «Асл» аст. Шикваву шикоят аз ҳамон худогоҳӣ, берун аз «худ» гардидан, ба василаи Ҳақ расидан ва ба мартабаи ишқи маҳбуб расидан аст, ки мақсади ягонаву ҷовидонаи ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аст. Шеваву фиғоне, ки аз «най» сар мезанад, ҳамон худсозӣ ва камол дар роҳи маърифати худованд, фарогири фазилату заковат аз он, ҷустуҷӯи макон ва мояву ғояи офариниш, азаливу абадӣ будани офаридгор аст:

Фитад дар хун саҳар, чун шом бинад кушта ҷонамро,
Бигирад гардани най, нола гӯш орад фиғонамро.
Ба доғат баъди мурдан чун наям аз сӯхтан фироғ,
Кунад парвона аҳроми тавофи хокдонамро.
Зи маншури карамно он қадар болидааст фарқам,
Ки натвонад ҳумо умре расидан остонамро.
Аз ин вазъи хамидан қоматамро сахт ҳайронам,
Магар торе фитад аз абрӯяш дар пай камонамро… [7, с.262].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ба василаи «най» аз мақоми азалӣ бурида шудан, мақоми бетобии васл шудан, таъбири мояи «Ақли кулл» ва роҳнамоии инсон ба сарманзили ҳақиқат аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ раҳрави ишқро бо сару садои «най» ба «маъшуқ», ки нуқтаи азалӣ ва иқдоми нахустин аст, даъват мекунад. Орзуяшро ба расидан ба висоли Ҳақ медонад. Ба ин хулқ, бо бонгу садо ва нолаи ҷонгудози «най» инсонро ба таҷаллии Ҳақ ҳидоят мекунад.

Симои нуҳуфтаи «най» дар адабиёти ирфонӣ «…ба ҳар ранге, ки ҳар сурате арзёбӣ мегардад, рамзест бахшандаи ғановати маънавӣ аст. Ба ҳар андозае, ки ба рамзи «най» таваҷҷӯҳ сарф мешавад, ҳамон андоза ишқ ҷилваи сӯзи хешро боло мебарад ва ҳамон андоза иллатҳои рӯҳиву ботинии инсон ба ниёзҳои чашмрасе рӯёрӯй мегардад» [4. 96]. Ин ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чун нолаи «най» садо мезанад, ҳамон таҷаллии Ҳақ ва печидан ба ҷамолу сафои ӯ аст:

… Хаёли бандагӣ асбоби иззат барнамедорад,
Ба ғайр аз оҷизӣ ҳар чи бувад, медор таъхираш.
Аз он душвортар набвад, ки бо ҳарфи хирадманде,
Шавад аблаҳнавое нуқтафармову ғалатгираш…
Чу най, Ҳоҷӣ, ба сози нола чандоне ки печидам,

Гирех дар кор пайдо омаду кам гашт таъсираш [7, с.338].

«Най» дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ сози раҳнамоии раҳрави ишқ аст, ки ӯро ба офаридгор пайванд месозад. «Най» навоест, ки инсонро барои ҷустуҷӯ ва дарёфти манзили азалӣ даъват мекунад. «Най» дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ нолаи нуҳуфтаи ишқ аст, ки «Ишқ»-ро зуҳур овардааст ва ҳамин зуҳур аст, ки ниёзмандиҳои инсонро истиқбол мекунад. Фарёду шикваи ӯ розу ноз аст, ҷони инсонро тобиш медиҳад ва ӯро барои расидан ба асли хеш ҳидоят мекунад.

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ба василаи «най» дарди иштиёқ ва ранҷи ишқи хеш, сабру таҳаммулро ба хотири озурдаву ранҷи «Ишқ»-и хеш, бо умеди «васл» менолад. Ишқи Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, ишқи тобнок ва тасвири
беҳтар дорад:

… Надода ёд замону надида чашми замин,
Маҳе ба рӯйи чунин беҳ аз ин моҳтоб.
Ба сад забон ба ту Ноҳид мекунад таҳсин,
Ҳазор бор ба рӯйи ту офарин моҳтоб…
Ҳамеша солим аз офоти кастан мебуд,
Даме ба меҳри ту мерафт аз камин маҳтоб… [7, с.270].

Нолаи рафтани «най» ин ғурбат аст, ин ҳамон ғариб шудани ишқ аст, ки нуҳуфта аст. «Маҳе беҳ аз моҳтоб» аст, мисоли ширину гувороии Ҳақ аст, ки ришгаи васли Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ва Худо аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ҳар нафас ба бозрасидан ба Худо, ба ишқи ҷовидонаро дар дили хеш мақом додааст.

Дар саросари ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ раҳрави ишқ худро ба ишқи Ҳақ мезанад, дар ин ҳолат «най» ӯро аз тариқати худшиносӣ ва худогоҳӣ ошно месозад. «Най» ҳушдордиҳанда, барандаву намояндаи ин роҳи тариқат, ки роҳи матлаб, мубталоиву ҷонфидоии раҳрави ишқ аст, мебошад. «Най» рӯҳу ҷисму ҷон ва ҳушу гӯши ӯро ба «ваҳдат» даъват менамояд. Раҳрави ишқ дар ҷустуҷӯи ришгаи ин васлу висол, бо сӯзу фироқ ва ранҷи танҳоӣ дар орзуи сероб шудан аз ӯ, худовандро ба мадади хеш мехонад:

Ҷастани мо бе фитодан нест рақси сипанд,
Оҷизонро ғайр аз ин рафтор бошад нописанд.
Қасри ҳастӣ з-омаду рафти нафас барбод шуд,
Ҷунбиши ин бод шуд бар қалъаи аъзо каланд.
Аз тапишҳои дили афсурдаам тори нафас,
Мекашад чун ришгаи най нолаи пасту баланд… [7, с.300].

Ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар шарҳи «най», ки тамсили вобастаи тафаккур ва рози шинохту кашфи сирри офаридгор аст, инсонро ба маънавияти худшиносӣ, худсозӣ ва «тарки ватан кардан аз фалак» ва расиданро ба ватани маънавии хеш даъват менамояд:

Дил метапад бо ёди ӯ, то ҷон бувад андар рамақ,
Аз баъди мурдан низ ҳам такрор дорад ин сабақ.
Кас дар дукони синаам натвон суроғи дил кунад,
Умрест ин девонаваш тарки ватан кард аз фалак [7, с.346].

«Най»-и «найистон» абадзиндаву ҷовидона, сару садо ва орзуи расидан ба Ҳақ, бо умеди васл ба «асл» аст. Мӯҳтавои ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ба «ишқ» асос дорад, ки ин ишқ орзуи васл ва ботини васл ба ваҳдат аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар тасвири «най» симои Худоро ҷӯстан, ба «Ақли кулл» расидан ва рамзи офариниши олами ҳастиро тазаккур медиҳад. Манзури Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аз «най» ин «найистон» (маъшуқу ёр) ҷудо гаштану дар чархи фалак саргардон будани инсон аст:

Чу чархам қомат аз рӯзи нахустин соз бишкаста-ст,
Зи шасти ин камон тирам ба як андоз бишкаста-ст.
Ғуборам аз фишурдан сурма шуд чандон, ки аз хокаш,
Найистон гар дамад, дар ҳар гирех овоз бишкаста-ст [7, с.276].

Маъшуқу ёр дар маҳбубтарин чеҳраи ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ соқӣ пойгоҳ дорад. Соқӣ, ки маъшуқи азалӣ аст, файзрасонандаи маънӣ ба раҳрави ишқ аст, ки дар манзилу мақомҳои малакут, лоҳут, носут, ҷабарут, ки аз шариат, тариқат, маърифат ва ҳақиқат иборат мебошанд, аз хатари гум кардани роҳ аз соқӣ шароб, ки ранги сурх аст, маънии ишқ мехезад:

… Дар маҳфиле, ки чеҳраи гулнор барафрӯхт,

Андар пиёла духтари раз аз ҳаёст сурх…
Ҳар ҷо асар зи қатраи хуни шаҳиди туст,
Шабнам ба тори мижаи мардумгиёт сурх.
Кошонаам зи мақдами он навбаҳори ноз,
Чун барги лолу зулмати он тираҷост сурх… [7, с.295].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ташбеҳи ишқ ва шаробро чун «шароби ишқ», «бодаи ишқ», «майи ишқ» медонад. Дар адабиёти ирфонӣ шароб ба маънии об истифода карда мешавад ва ҳолати ирфонӣ бо сукри боданӯшӣ ташбеҳ дода мешавад:

Баски кулфатҳои ҳичрон хуни ман дарҳам кашид,
Чун қалам бе об натвонад замон аҳволи ман [7, с.363].

Мафҳумҳои бода, шароб, маю ҷом дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чун мафҳуми эътибор арзёбӣ карда мешавад ва рафтан ба харобот ваҷҳи эътибор дониста мешавад:

Бе сиришки дидаи тар нест тоат эътибор,
То нагиряд абри найсон, тоза набвад лолазор.
Пеши мардум з-эътибори худ хиҷолатмояам,
Гарчи хислат кардаме ташҳири худро ихтиёр.
Ҳеҷ кас ин ҷо надорад рутбаи худро қабул,
Фикри сабқат мекунад бар аспи тозӣ харсавор… [7, с.326].

«Ваҷҳ»-и эътибор аз «аввалин марҳилаи шаклгирии маънои маҷозии лафзи хароботӣ аст «рафтан ба эътибор» аз маънои зоҳирӣ ба ботинӣ, ё аз ибрат ба ишорот матраҳ аст. Дар марҳилаи баъдӣ ин маъонӣ то ҳудуде мушаххас мешавад ва эътибор кардан ҷойи худро ба як амали зеҳнии дигар медиҳад, ки … онро «тамсил» мегӯянд» [5, с.24]. Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ маънои ирфонии май, бода ва шароб ишқ аст. Аҳамияти ишқ дар ғазали ошиқонаи шоир ишқи илоҳӣ (муҳаббати илоҳӣ), яъне ишқ ба худованд (ишқи кулл) аст. Ишқи кулл, ишқест, ки ба маънои ирфонии май, бода ва шароб буда ҳама мавҷудот ва ишқи инсон ба худовандро дар бар мегирад.

Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ва дар адабиёти ирфонӣ мавзӯи май, дар мадди аввал, дар суннати истеҳсоли шароб тасвир мегардад:

Ҷӯшад зи лаб табхолаҳо, бинам чу он бебокро,
Аз бас шунидам борҳо бераҳмии атрокро.
Андар мазори майчашон биншон ниҳоли дигаре,
Зеро нахоҳад ин замин ҷуз решаҳои токро.
Ганҷе ниҳон дар зери гил кардем, з-ӯ дил гавҳарест,
Пеш о ба ҳурмат баъд аз ин, гар бигзарӣ ин хокро… [7, с.261].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар тасвири май ҳуснофарии худованд, таъбири ранги арғувонии ошиқ, яъне дар ҳусни баҳор ҳусн зам кардан, ғурурофаридан ба раҳрави ишқ дар лаби ҷӯ, инсонро ба сӯи маърифати илоҳӣ ҳидоят намудан, ба ӯ сифати ботинӣ ва зоҳирӣ бахшидан, дар канори ёр будан, ба ҳусни ёр ҳусн зам намудан ва манбаи модиву хушдилӣ тасвир менамояд. Шаробнӯшӣ низ мавсими хос дорад, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ маҳз баҳорро барои шаробнӯши мувофиқ медонад, зеро баҳор таровати рӯҳи инсонро болида месозад ва май нӯшидан дар лаби ҷӯю пойи сарв нишоти беҳтар дорад:

Лаби ҷӯеву пойи сарв ҳангоми баҳор аҳсан,
Маю чангу ғазалхониву шӯхи гулъизор аҳсан.
Муборак давлати шоҳӣ бувад, фархунда иқболе,
Ки ояд нимашаб шангули шанге дар канор аҳсан.
Агарчи меҳру маҳ дар шуҳрати хубӣ масал бошанд,
Ҳама ҳангом тақбил менамояд ҳусни ёр аҳсан.
Шаби маҳтобу айёми шабобу шаҳиду ҷоме,
Ба доди хушдилӣ биштоб, муфт аст ин чаҳор аҳсан… [7, с.366].

Бо ҳамин ҷиҳат, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бо камоли шавқу завқ майро васф менамояд. Васфи май зеби маҷлиси ғазали ӯ аст, ки хурсандӣ меоварад. Маю хурсандӣ ва маю мусиқӣ қаробат доранд, зеро раҳрави ишқ ба камоли маъшуқ мерасад. Май нӯшидан ин чашидани бода аст ва баъди он нӯшидани ҷомҳои бода пайи ҳам, то ҳадде, ки инсон масту бехуд нашавад. Ҳамон таъбир барои Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дараҷаи ошиқ ба маъшуқ аст. Маҳз ин дараҷаи бехудӣ раҳрави ишқро ба камоли маъшуқ мерасонад. Май «арӯси фикр»-и раҳрави ишқ аст, ки ҳамеша ба маъшуқ орзуи васл шудан дорад:

… Арӯси фикрро сад гунае зевар аз он бандам,
Ки шояд шоҳбайтеро бихонад он нигор аҳсан.
Зи эъҷози хиҷолат шуҳрати кокул баланд омад,
Намояд дар кафи Ҳайдар шуои Зулфиқор аҳсан.
Ба ғафлат то ба кай, Ҳоҷӣ, чунин дар парда гумномӣ,
Ба як мижгон кушудан хештан кун иштиҳор, аҳсан [7, с.366].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ишқро бо бодаву шароб ташбеҳ додааст. Ин шароб ошиқона аст, манбаи шодиву сурур аст, рози офариниш аст. Майхӯриву ошиқӣ сарсупурдагии ҷовидона ба ишқ аст. Ин ҳолати «шавқ», шавқи наззораи лиқо ва висоли маъшуқ дар қалби ошиқ аст. Хуш будан аз ҷамоли маъшуқ мавзӯи азалияти ишқи Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аст. Ишқ (бода) ҳусни худованд аст. Бода неъмати шодибахши атои худованд аст. Шоду хушдил будан сифати ринди ошиқ аст, ки Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ худро дар сафи риндон хушзавқу хушдил меҳисобад:

… Гар фалак як даме бо кори ҷаҳон мегардид,
Шаш ҷиҳатро маҳали байзаи анқо мекард.
Қайси Маҷнун хабари ҳусни туро медонист,
Бадар аз хонаи дил турраи Лайло мекард.
Кавкаби толеи маро шарафи хокӣ дод,
Ба даме дасти қазо гунбади хазро мекард.
Ҷуз шаҳодат сифате ҳосили ушшоқ набуд,
Теғи абрӯи ту гар андаке имо мекард.
Лолаи доғи саҳар тозаву тар мехезад,
Аз нами дидаи шаб сина мудово мекард.
Ҳоҷиро дӣ ба дари хонаи риндон дидам,
Хирқаро дар гарави ҷуръат саҳбо мекард [7, с.309].

«Хирқа ба гарави ҷуръа» яке аз ойини боданӯшӣ дар адабиёти ирфонӣ аст, ки Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ба он пайравӣ кардааст. Ҷуръа сирре аз асрори мақомоти зотӣ аст, ки пӯшида тасвир карда мешавад. Ринди Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ мафҳуми зоҳидро дар ғазал равшан сохтааст. Зоҳид даст кашидан аз афлок, баҳри неъматҳои фардои биҳиштӣ аст. Муроди Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аз амалаш биҳишт аст, аммо мақсуди ӯ танҳо маъшуқ (Худо) аст:

… Зоҳид бигӯ, андар куҷо дидӣ, ки суннат бошад ин,
Баҳри фиреби мардумон бар сар занад мисвокро.
Мумкин агар Рӯҳулқудус бо бахти мо ёрӣ кунад,
Як сӯ шавад аз рӯйи мо захми назар афлокро.
Ҳоҷӣ, Масеҳоро нафас бар мурда ҷон бахшид, лек,
Таълими инсонӣ накард мардони беидрокро [7, с.261].

Майхурӣ дар мавсими навбаҳор, ки ҷилвагоҳи маҳбуб аст, таровати хос дорад, ки ҳолати дилбеқарории ошиқ аст:

Сабоҳи мавсими навбаҳор аз он хуб аст,
Ки вақти майхӯриву ҷилвагоҳ маҳбуб аст.
Нарафта домани сабр аз кафам зи хастадилӣ,
Асар ба гӯши ман аз рӯзгори Аюб аст.
Суботи умри худам сарфи боқарорӣ шуд,
Сипеҳри кавкаби бахтам чу чарх мақлуб аст.
Ба ханда лаб накушудам, ки кулфате нарасид,
Хӯши зи хотири мо ин қадар чи маслуб аст.
Дар ин баҳор, ки ғулғула зи ҳар тараф ҷорист,
Садои дилшиканӣ аз видоъ матлуб аст… [7, с.275].

Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бода ташбеҳи нав ба нав дорад, ӯ бодаро ба ҳар маънӣ меситояд. Хусусиятҳои бодаро чун лолаи пурдоғ ба хун тасвир менамояд. Бодаро чун қалами райҳонӣ ва субҳонӣ, бо истиораи ранги хун шарҳ медиҳад. Бодаву шароб, ки ишқ аст, дар ишқу ошиқ ва озодагиву ворастагӣ аст. Муроди Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аз бода бартараф намудани монеъаи истиқболи маъшуқ аст. Ошиқе, ки дар талаби маъшуқ аст ва ҳангоме, ки ба ёди лаби ширини ӯ май менӯшад, аз ишқи ёр сармаст мегардад. Маъшуқ низ худ ошиқ аст, ҳангоми мастӣ рӯ ба ошиқи хаста меоварад:

Гар кунад нусхае аз хатти сиёҳат Монӣ,
Боядаш хома бувад аз қалами райҳонӣ.
Чи ба ҳам руста, бирезад зи бари пушти лабат,
Чи накӯ забт шуда бо қалами субҳонӣ.
Рӯ намудӣ ба чаман, зуд гаштӣ, ки шуда,
Лола пурдоғу ба хун савсани кӯҳистонӣ.
Ба ҳарифон ҳама шаб бода кунӣ нӯш чаро,
Ба ғалат ҳам зи кафи мо қадаҳе настонӣ? [7, с.376].

Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ бо маслаки риндӣ озодаву ороста ошиқ аст. Ӯ ҳамчун майхору хушдил, чуз аз дидори маъшуқ, дар афлок чизи дигареро намехоҳад. Риндӣ барои Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ ошиқӣ аст, зеро «зоти риндӣ ишқ асту ишқ айни риндист» [5, с.86]. Вақте, ки ӯ аз май сухан мегӯяд назари риндона дорад ва майро риндона тасвир мекунад. Дар тасвири май ба риндон муроҷиат мекунад ва аз ишқу ошиқӣ сухан мегӯяд:

Ҳамон рӯзе, ки бастам бо ту аҳди орзумандӣ,
Тариқи бевафоӣ пеша кардӣ, аҳд баркандӣ.
Чи дорад чашми маъмурат, зи мастӣ худписанд омад,
Ки риндонро ба чуз мастӣ ба коре ҳам напсандӣ.
Яқин медон, насиҳатро набошад суд бар ошиқ,
Бувад бар бедилон душвор таълими хирадмандӣ.
Ҳама ширинликоёнро бо чашми имтиҳон дидам,
Миёни он ҳама ширинликову шакархандӣ… [7, с.379].

Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ аз ҷаҳони ҳастӣ, рози офариниш ва муаммои ҳастии инсон дар ҳайрат аст. Ӯ дар сирри ниҳони муаммои ҳастӣ, аз тариқи «Асл» воқиф буданро мехоҳад. Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ аз асрори офариниш дар ҳайрат аст ва онро берун аз ҳал медонад ва рози даҳрро, бо як умедворӣ ба ишқ (май)-у бехудӣ менигарад. Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ дар маҷлис рӯ ба бехудӣ гардидани соқиро чун раҳоӣ аз олами ҳайрат, ки олами касрат аст, мақоми саросари нур, ки олами қурбу ваҳдат аст, мешуморад:

Диҳад рӯ бехудӣ дар маҷлис аз гардидани соқӣ,
Куҷо дасте, ки гирад навбате дасти қадаҳгираш.
Бувад ҳар лаҳза девони Ҳофиз олами ҳайрат,
Ки карда аз баёзи дидаи бедор таҳрираш [7, с.380].

Ҷафои сабр барои Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ роҳест бо ишқ ва ба сар-манзили мақсуд расидан. Ҷафои сабр ин мақоми ишқ аст, ки Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ дар он қадам мениҳад ва дил ба май дорад. Ин ҷо муроди Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ дар базми висол ишқ аст, яъне дидори ёрро дидан аст.

Дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ май, най, бода касратанд, аммо маънии онҳо «воҳид» аст. Яъне, дар тасвир ба сурати воҳид ва касрат идрок мегарданд, вале он чи шоир тафсир кардааст ҳам касрат аст ва ҳам воҳид, ба маънои луғавии калима, «воҳид» аз «касрат» ташкил ёфтааст. Истилоҳи ирфонии «ҳама чиз як чиз аст», ба таъбири дигар маънои онро дорад, ки май, най, бода ҳама як чизанд, зеро онҳо яксон ва мумтозанд. Тамоми ашёи «касрат», ки олами ҳастиро ташкил медиҳад, бо якдигар ҳамсону яксонанд ва айёме, ки як чиз – «касрат»-ро ташкил медиҳанд:

Ба ҳавастарозӣ, эй дил, зи сару кулоҳ бигзар,
Чу най устухони хушкат хабари ҳумо надорад.
Набувад, зи тиратаъбон асари карам намояд,
Ки ҷабини санг коҳе арақи ҳаё надорад… [7, с.379].

Тибқи қоидаи ирфонӣ, ки ҳама чиз «як» аст – «най хушк аст» ва «санг коҳ» аст, чунин натиҷа мешавад, ки ҳама чиз Худо аст. Ба ибораи дигар, дарки Худо чун воҳид ё ваҳдат ба олудагиҳои ҳама ашёи олами ҳастӣ устувор аст. Идроки ҳама ашё тавассути «мутлақи айнӣ» аст ва сифран ҳолати зеҳнии инсон нест. Ин ҳамон чизе аст, ки «кайфияти завқӣ» мебошад. Калимаи «кайфият» далолати вижагии нафсии «ҳол»-ро дорад. Дар адабиёти ирфонии тоҷик ва ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ, воҳид ваҳдати ҳақиқӣ аст, ки тасвир ва тафсифи бештар дорад. Воҳид (ваҳдат) дар муҳити ғазали шоир, бо аҳволи орифона ҳамроҳ бо Худо эҳсос ва исбот карда мешавад.

Воҳид таксири ҳама ашёи олами ҳастӣ аст. Ҳама ашё дар худованд аст. Е. Индерҳил чунин навиштааст: «… ин ҳол биниши жарфӣ аз ҳақиқати ниҳонии ҷаҳон барои ориф

ҳосил мегардад. Ориф бо пиндори маҳз, барои дафъи пиндор бармехезад ва ба миёни чаман меравад, вале дар он ҷо низ воқеияти ашёро дар ҳамон гиёҳҳо мушоҳида мекунад ва табиати мавҷударо мебинад, ки дамсоз гаштааст» [7, с.379].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар ғазали ошиқонаи ирфонӣ дар ҷаҳони рангу бӯ – олами ҳастӣ – чамани боғ ва гулҳоро бо чашм назар кардааст, вале онҳоро «дар шакл ва ҳаёти оддӣ», дар намуди ҳузурӣ тасвир кардааст:

… Дар ҷаҳони рангу бӯ асбоби ҷамъият куҷост,
Ҷуз парешонӣ надорад шӯхии изҳори гул.
Ҳар куҷо з-он сунбули мушкин ҳикоят рафтааст,
Медамад мӯйи сияҳ рагҳои зарринтори гул.
Нозанин баски дар хоки мазаллат хуфтаанд,
Реша бар хок аст, ҳар ҷо сар занад осори гул [7, с.379].

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чамани боғ ва гулро дигар дидааст. Ин хислати ғазали ӯ аҳволи ирфонии ӯ аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ба зоти онҳо назар кардааст, дар мушоҳидаи рӯҳӣ Худоро дар чамани боғ ва гул шинохтааст. Ҳамин тариқ, дар ғазали ошиқонаи шоир зоти ҳама чиз Худо аст, яъне Худо ҳаққи воқеии чизҳо (ашё), яъне «ҳаққ-ул-вақт» аст.

Дар ғазали ошиқонаи ирфонии Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ фақат Худо зоти ашёҳо (чизҳо) аст, ки «кайфияти завқ» доранд. Чизҳо (ашёҳо) иллати моддӣ ва беаҳамият ва ғайри рӯҳонианд.

Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ олами ҳастӣ биниши ваҳдатгарона дорад ва «қоидаи» ҳама чиз «як» аст. Ваҳдат тавассути ҳаваси ҷисмонӣ, дар касрат ё аз касрати мавҷудот дарёфт мегардад. Идрок аз «ваҳдат» ба унвони зеҳнияти дарунии ҳама чиз тафсир гардидааст. Эҳсоси айният ва воқеият, кайфият аст, ки бо таъбир меанҷомад, ки ҳамон дарку дидори Худо аст. Ин унсурҳо дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аз таҷрибаҳои ирфонии тоҷик аст, ки бо вижагии эҳсос, бо нишот пайванди наздик дорад.

Ҳама орифон ва аз ҷумла Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ибораи «тавсифаш маҳол аст»-ро васф мекунанд. Сифоту ибораи назир «баённопазир», «ногуфтанӣ», «фаротар аз баён» дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ фарофон аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Қодиров, К. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. Ғазали ишқ / К. Қодиров. – Душанбе: Нашри Камол, 2020. - 248 с.
2. Қодиров, К. Сайри ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ / К. Қодиров. – Душанбе: Маориф, 2021. - 252 с.
3. Мирзо Абдулқодири Бедил. Сад барги ғазал. Интихоби Одинамуҳаммад Одинаев. – Хуҷанд: Нашир, 2017. - 83 с.
4. Салими Хатлонӣ. Тасвири ишқ дар эҷодиёти Ҷаллиддини Румӣ / Хатлонӣ, Салим. – Душанбе: Ирфон, 2005. - 116 с.
5. Исрофилниё, Ш.Р. Хамриёти Ҳофиз / Ш.Р. Исрофилниё. – Душанбе: Адиб, 2010. - 173 с.
6. Шодимуҳаммад, Суфиев. Вино в персидско-таджикской литература: Эвоягация смысла / Суфиев Шоҳимуҳаммад. – Душанбе: Эр-граф, 2019. - 364 с.
7. Ғазалистон / Шамсиддин Шоҳин. Туғрали Аҳрорӣ, Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ. – Душанбе: Адиб, 2018. - 411 с.

Адабиёт бо забонҳои хориҷӣ (форсӣ)

8. Абдураҳимов, Б. Ишқи илоҳӣ дар ирфони исломӣ / Б. Абдураҳимов . – Меҳрон, 1388 ҳ.ш. - 249 с.
9. Алиқули Баёнӣ. Мантиқи ишқи ирфонӣ. – Меҳрон. 1364 ҳ.ш. - 304 с.
10. Ибни Арабӣ. Ишқ ва ирфон. – Меҳрон, 1387 ҳ.ш. - 196 с.
11. Ибни Арабӣ. Маҷмӯаи расоили ирфонӣ. Тарҷумаи Муҳаммад Маҳдӣ. – Меҳрон, 1387 ҳ.ш. - 209 с.
12. Ибни Арабӣ. Фусус-ал-ҳикам. – Меҳрон. 1376 ҳ.ш., -264 с.
13. Муҳира Аҳмад Султонӣ. Ғампарастӣ ва адабиёт / Султонӣ, Муҳира Аҳмад // Маҷаллаи “Рушди омузиш ва адаби форсӣ”. – Меҳрон, 1370 ҳ.ш.. - №5. – С.21-39.
14. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Куллиёти умуми исломӣ. Калом-ирфон-ҳикмати амалӣ / Муттаҳарӣ, Муртазо. – Меҳрон, 1351 ҳ.ш. - 201 с.
15. Риҷобар Наҷкор. Тазаккури эҳтиёҷ дар худоишносии динӣ / Наҷкор, Риҷобар // Маҷаллаи “Кайҳони андеша”. – Меҳрон, 1354 ҳ.ш. - С.41-54.
16. Сируси Шамисо. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ / Шамисо, Сирус. – Меҳрон. 1377 ҳ.ш. - 214 с.

МОҲИЯТИ БАДЕӢ-ИРФОНИИ НАЙ, МАЙ В БОДА ДАР ҒАЗАЛИ ҲОҶИ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Моҳияти бадеӣ-ирфонии най, май ва бодадар ғазали Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ дар он аст, ки ин вожаҳо тадричан маънои луғавии худро аз даст медиҳанд ва дар як мафҳуми хос ба сурати як истилоҳот меоянд. Аз ин ру, мафҳуми истилоҳотии ин вожаҳо набояд аз мафҳуми луғавӣ бетабоҳат бошад, баки бояд таносуби

байни истифодаи онҳо дар ду маънои луғавӣ ва истилоҳоти он вожа вуҷуд дошта бошад. Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ дар истифодаи вожаҳои най, май ва ҷом, ки дорои вижагиҳои маънавӣ ҳастанд, ғазали ирфонӣ “истилоҳот” номида мешавад. Ин истилоҳот чун мафҳуми калимот дар ғазали Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ мафҳуму маънии хос доранд ва бидуни дахолати шахси хос, дар асари хос истифода мшаванд, дар эҷоди ғазали шоир, вожаҳои таъинӣ мешаванд. Дар ғазали Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ вожаҳои най, май ва ҷом тадриҷан аз маънии ҳақиқии худ интиқол ёфта ва барои истифодаи пораҳо аз маънӣ, ки мурод аз маънӣ, ки мурод ва мақсади шарҳ аст ба кор рафта ва чун ба ҷиҳати давоми шариат он маънӣ ба ин вожаҳо ҳақиқати шаръӣ гардиданд. Ин вожаҳо, инчунин чун “ҳақиқати муташариа” низ номида мешаванд, зеро ин калимот дар забони аҳли шарҳ ва муташариа ривоҷ ёфтааст. Ин вожаҳои рамзгуна истилоҳоти завқиву ирфонӣ дар ғазали Ҳоҷи Ҳусайни Кангкртӣ тақвиятдор додааст. Дар ғазали Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ “май” вожаи майа аст. Май ба таври мутлақ киноя аз сукри муҳаббат ва ҷазабат Ҳақ аст. Ишқу завқу сукрро бо май ташбеҳ дода мешавад. Мақсади шоир аз тасвирӣ бадеи-ирфонии май маънои маҷозӣ аст, шинохти забони Худованд, аз ишқу масти аст. Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ дар вожаҳои “соқӣ” “ҷом”, “май” рози ниҳон дарк мекунад ва “май” нуқтаи таҳқиқ аст, ки гули боғи ҷаҳон бо ӯ менозад. Моҳияти бадеӣ-ирфонии “най”, “май”, “соқӣ” дар ғазали Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ дар он аст, ки ин вожаҳо бо баёни сареҳ гуфта намешаванд, фақат бо рамз гуфта мешаванд ва афроде мешаванд онро дар кунад, ки аҳли роҳу аҳли сулук бошад. Ин вожаҳо дар ғазали Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ дар маънои хос ба кор бурда мешаванд ва бо шуру завқ ба забони ғазал гуфта мешаванд. Ин истилоҳотҳо (най, май, бода) дар ҳар ҳолат баёни рамзгуна доранд ва мафҳуми печида ва маънои хосро баён мекунанд. Ки донистани ин вожаҳо аз рамзу асрори онҳо фақат тариқи маърифат муяссар аст. Дар ғазали Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ, ҳамин тариқ истилоҳи най, май, бода ҳолати эстетикии роҳрави, ишқ аст. Ин мавқеъ дар истилоҳоти ирфонӣ ҷаҳони маънавӣ дорад.

Калидвожаҳо: Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ, най, май, бода, соқӣ, майхона, ғазал, маърифат, ҷаҳон.

ИРФАНО-ХУДОЖЕСТВЕННОЕ ЗНАЧЕНИЕ СВИРЕЛИ, ВИНА И ЧАШИ В ГАЗЕЛЯХ ХОДЖИ ХУСЕЙН КАНГУРТИ

Ирфано-художественное значения свирели, вина и чаши в газелях Ходжи Хусейна Кангурти с течением времени теряют своё словарное значение и закрепляются в каком-нибудь понятии в качестве определенного значения. При этом терминологическое значение подобного рода слов не имеет сходства со словарным значением. Ходжи Хусейн Кангурти использует слова свирель, вино и чаша (кубок), которые в процессе творческого применения приобретают аллегорическое значение и выражают сложное понятие. Постепенно в газели Ходжи Хусейни Кангурти эти термины изменяют свое истинное значение. Отмечается, что при этом значение этих терминов воспринимается как комментированное толкование. Они подвергаются толкованию как термины. Вследствие подобных изменений рода газель Ходже Хусейна Кангурти получает широкое значение, что в свою очередь приводит к увеличению эстетических изречений. В газели Ходжи Хусейна Кангурти термины «свирель», «вино» и «чаша», «кубок» в данном эпизодическом употреблении имеют определенное и конкретное значение. Система терминов в газели Ходжи Хусейна Кангурти кодирована, в тайны которой постороннему нет доступа, ибо эти термины построены на смысловом коде. В газели Ходжи Хусейна Кангурти в слове «вино» обнаруживается скрытая тайна, «вино» предстает как извлечение истины, которой гордятся розы в саду мира. Символ вина толкуется как накал любви, любовное влечение, экстаз, состояние, которое создает благотворную почву для восприятия и осмысления таинственных сияний. Ходжи Хусейн Кангурти в символах «кравчий», «чаша», «вино» призывает не забывато горестях жизни, избавиться от гордыни, очаровать имтимного друга, а в один прекрасный день укротить непокорного жеребца удачи. Идейно-художественное значение свирели, вина, чаши (кубка) в газели Ходжи Хусейна Кангурти проявляется в слове, а слово без этого не имеет метофорического значения. Аллегоричность и метафоричность присущи всем газелям Ходжи Хусейна Кангурти. Смысл таких слов может постигнуть без труда только тот, кто состоит на пути просветления. В газелях Ходжи Хусейна Кангурти, таким образом символы “свирель”, “чаша”, “вино” и другие имеют эстетическое значение. Это положение в системе ирфанической символики означает духовный мир.

Ключевые слова: Ходжи Хусейн Кангурти, свирель, вино, чаша, кабак, питейный дом, погреб для вина, газель, просветление, мир.

IRFANO-ARTISTIC MEANING PIPE WINE AND A BOWL IN A GAZELLE KHOJA HUSSEIN KANGURTI

Irfano-artistic meanings of a pipe, wine and a bowl in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti over time lose their dictionary meaning and are fixed in some concept as a definite meaning. At the same time, the terminological meaning of this kind of words has no similarity with the dictionary meaning. Khoja Hussein Kangurti uses the words flute, wine and chalice (kubak) and in the process of creative application they have an allegorical meaning and express a complex concept of special meaning. Gradually, in the gazelle of Khoja Husseini Kangurti, these terms change their true meaning. It is noted that with this meaning, these terms are perceived as commentary and interpretation. They are subject to interpretation as terms. As a result of this kind of gazelle of Khoja Hussein Kangurti, it gains a large scale, which in turn will lead to the development of aesthetic sayings. In the gazelle of Khoja Hussein Kangurti, the terms pipe, wine and cup, goblet in this episodic state have a definite and specific meaning. The system of terms in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti is coded, in secrets to which there is no outsider access, because these terms are built on a semantic code. In the gazelle of Khoja Hussein Kangurti in the reflection of "wine" a hidden secret is revealed and "wine" is the point of extraction of truth, which burns roses in the garden of the world. The symbol of wine is talked about as the pressure of the yagobi, the yagobi attraction, ecstasy, a state that creates a fertile ground for the perception of the understanding of the mysterious radiance. Khoja Hussein Kangurti in the symbols "kravchiy", "chalice", "wine" pursues the goal of not forgetting life, getting rid of

pride, knocking out an immemorial friend, and one fine day to decorate the rebellious stallion of luck. The ideological and artistic meanings of ovirel, wine, chalice (kubak) in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti are manifested in the word, and without this the word has no metophorical meaning. Allegoricality and metaphoricity accompany the word in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti permanently. The meaning of such a word can be grasped without difficulty by one who is on the path of enlightenment. In the gazelle of Khoja Hussein Kangurti, thus the symbols of the flute bowl, wine and others have aesthetic excitement. This position in the system of Irfenic symbolism means the spiritual world.

Key words: Khoja Hussein Kangurti, flute, wine, bowl, tavern, drinking house, wine cellar, gazelle, enlightenment, peace).

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор. **Суроға:** 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Karimjon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-30-11-16**

Сведение об автора: ***Кодиров Каримджон*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Karimjon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-30-11-16**

Information about the author: ***Kodirov Karimjon*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Karimjon@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 918-30-11-16**

УДК: 491.550

ВОЖАҲОИ КАЛИДӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ОФАРИНИШИ МАЗОМИНИ НАВ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДӢ

Саидҷаъфаров О.Ш., Абдулманнонзода М.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии Данғара

Дар ғазалиёти Саъдӣ вожаҳову истилоҳоти гуногуне мушоҳида мешаванд, ки корбурди онҳо нисбат ба дигар вожаҳо ба маротиб зиёд мебошад. Ин вожаҳо марбут ба мавзуъҳои гуногун буда, дар офариниши мазомини шоиронаи Саъдӣ нақши муҳим мебозанд. Оид ба қисмате аз силсилавожаҳои мазкур аз ҷониби муҳаққиқон таҳқиқоти алоҳида низ бурда шудаанд. Аз ҷумла, Фараҳ Ниёзкор дар таҳқиқоте, ки дар иртибот бар шарҳи ғазалиёти Саъдӣ ба анҷом расонида, якчанд вожаҳои мазмунсоз дар ашъори Саъдӣ, аз ҷумла вожаҳои марбут бар аносири табиӣ амсоли *гулро* зикр намудааст [14, с.82]. Ҷалил Назарӣ дар таҳқиқоте, ки оид ба ирфони Саъдӣ гузаронидааст, дар атрофи чанде аз вожаҳои ашъори шоир, аз ҷумла, *май, мастӣ, шӯр* ва ғайра сухан ронда, онҳоро аз назаргоҳи маърифати ботинӣ мавриди шарҳ қарор додааст [15, с.23-36]. Ҳамчунин, Мухтор Камилӣ зимни мақолаи бузурге зери унвони “Дорушшифои Саъдӣ” (мақулаҳои пизишкӣ дар осори Саъдӣ)” оид ба вожаҳои калидии ашъори Саъдӣ дар мисоли вожаҳои мансуб ба тиббу дармондорӣ таҳқиқоти қобили таваҷҷуҳ бурдааст [12, с.71-92]. Аммо, бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти Фараҳ Ниёзкор, ҳарчанд дар иртибот ба ғазалиёти Саъдӣ сурат гирифтааст, он аслан, ба шарҳи мазомини ирфониву тасаввуфии ғазалҳои Саъдӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти Ҷалил Назарӣ, бо ин ки мазомини ирфонии ашъори Саъдӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд, онҳо ба жанрҳои гуногуни ашъори шоир тааллуқ доранд. Дар мақолаи Мухтор Камилӣ, танҳо вожаҳои мансуб ба тиб, он ҳам дар нигоҳ ба ҳама осори Саъдӣ (ҳам назмиву ҳам насрӣ) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аммо дар таҳқиқоти мо вожаҳои дигари ашъори Саъдӣ, ки дар баробари вожаҳои дарёфтаи муҳаққиқони зикршуда дар ғазалиёти Саъдӣ мақоми калидӣ доранд ва аз ҷониби муҳаққиқон ба таври вижа ва алоҳида таҳқиқ нагардидаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Вожаҳои калидии ғазалиёти Саъдӣ вобаста ба гуногунии мавзуъ ба чаҳор навъи алоҳида ҷудо мешаванд: 1) вожаҳои мансуб ба сиёсату разм; 2) вожаҳои ифодакунандаи ҷонварон; 3) вожаҳои мансуб ба иқтисодиёту тиҷорат; 4) вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ ва синнусолӣ.

Дар ғазалиёти Саъдӣ аз нигоҳи оморӣ вожаҳои мансуб ба сиёсату разм мақоми аввалро доро мебошанд. Вожаҳои мазкурро метавон дар умум силсилавожаҳои сиёсиву размӣ номид. Аммо онҳо, дар навбати худ, ба ду навъи алоҳида: а) сиёсату разм ва б) номи аслиҳа ҷудо мешаванд. Ба вожаҳои навъи якум инҳо мансуб мебошанд: *асир* [20, с.84, 123, 166], *афв* (фармудан) [20, с.178], *банда* [20, с.65], *бандагӣ* [20, с.62], *давлат* [20, с.106, 125, 126], *даргоҳ / даргаҳ* [20, с.125, 125], *дастбӯс* [20, с.97], *душман* [20, с.81, 114], *зиндон* [20, с.65], *қосид* [20, с.181], *лашкар* [20, с.19, 100, 121, 166], *лашкарӣ* [20, с.16], *мамлакат* [20, с.68], *мулк* [20, с.92, 95, 116, 144], *озодӣ* [20, с.179], *пайкор* [20, с.180], *паймон* (шикастан) [20, с.122], *подшоҳ / подшо* [20, с.19, 88, 92, 105, 144, 165], *подшоҳӣ* [20, с.62, 116, 179], *посбон* [20, с.126, 165], *рақиб* [20, с.18, 138], *салтанат* [20, с.166], *сахткамон* [20, с.45, 104, 117, 177], *султон* [20, с.55, 114, 116, 126, 127], *сулҳ* [20, с.174, 180], *тохтан* [20, с.101], *тоҷ* [20, с.115], *фармон* [20, с.63, 65, 99, 127], *хасм* [20, с.18], *хунбаҳо* [20, с.81], *ҳоким* [20, с.65], *ҳукм* [20, с.62], *ҳуҷҷат* [20, с.127], *ҷанг* [20, с.139], *шабехун* [20, с.95].

Ба навъи дувум инҳо тааллуқ доранд: *каманд* [20, с.127], *камон* [20, с.100], *ниём* [20, с.166], *пайкон* [20, с.127], *синон* [20, с.128], *сипар* [19, с.115, 180, 242], *тег* [20, с.88, 115, 123, 166, 180], *тир* [20, с.58, 95, 114, 123, 128, 139], *хаданг* [20, с.51], *шамшер* [19, с.242; 20, 55, 85, 104, 113, 115, 120].

Дар баъзе ғазалҳои шоир дар як байт корбурди чанд истилоҳи сиёсиву размӣ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла дар мисолҳои зерин вожаҳои *лашкар, тег* (-и ҳиндӣ), *ниём, хун* (дар феъли *хун рехтан*) дар байти якум ва вожаҳои *тег, сипар, сулҳ* ва *пайкор* дар байти дувум ба ҳамин тартибанд:

Назаре ба *лашкаре* кун, ки ҳазор *хун* бирезӣ,

Ба хилофи *теғи ҳиндӣ*, ки ту дар *ниём* дорӣ [20, с.166].

Ва:

Гар *теғ* мезанӣ, *сипар* инак вуҷуди ман,
Сулҳ аст аз ин тараф, ки ту *пайкор* мекунӣ [20, с.180].

Мақоми дувумро дар байни вожаҳои калидии ғазалиёти Саъдӣ вожаҳое ишғол менамоянд, ки номи ҷонваронро ифода мекунанд. Дар баробари ин, вобаста ба тааллуқоти синфӣ, вожаҳои мазкурро метавон ба чанд навъи алоҳида тақсим кард: 1) ҳайвонот; 2) парандагон; 3) ҳашароту хазандагон; 4) ҷонварони обӣ.

Номҳои ҳайвоноте, ки дар ғазалиёти Саъдӣ истифода шудаанд, дар навбати худ, ба ду гурӯҳи зерин ҷудо мешаванд:

а) ҳайвоноти хонагӣ: *буз* [20, с.124], *гӯсфанд* [19, с.269; 20, 47], *ноқа* [20, с.137], *саг* [19, с.174, 218, 243, 312; 20, 8, 124], *тавсан* [20, с.128], *шутур / уштур* [20, с.14, 56, 137, 202];

б) ҳайвоноти ваҳшӣ: *гург* [20, с.234], *гизол* [2, с.172], *оҳу* [20, с.146, 178, 221, 248], *паланг* [20, с.234], *рӯбоҳ / рӯбаҳ(-ак)* [19, с.201; 20, 249], *шер* [20, с.18, 68, 180, 182, 183, 201, 237, 249,], *юз* [20, с.248].

Яке аз вижагиҳои ғазалиёти Саъдӣ дар он инъикос мегардад, ки гоҳо дар як ғазал чандин вожаҳои ифодакунандаи номи ҷонварон истифода гардидаанд. Чунонки дар ғазали бо матлаи “Гар маро дунё набошад, хокдоне, гӯ, мабош, - *Бози* олиҳиммататам, *зоғошёне*, гӯ, мабош” вожаҳои *буз, саг* ва калимаҳои алоқаманди онҳо – *охур* ва *устухон* корбурд шудаанд:

Буз наям, бар *охури* қисмат гиёҳе, гӯ, марӯ,
Саг наям, бар хончаи ризқ *устухоне*, гӯ, мабош...
Ман *саги асҳоби каҳфам*, бар дари мардон муқим,
Гирди ҳар дар менагардам, *устухоне*, гӯ, мабош [20, с.124].

Номҳои парандагон дар ғазалиёти Саъдӣ дар баробари номи ҳайвонот мукаррар ба чашм мерасанд. Тавассути парандагон, аз ҷумла *боз* [20, с.41, 124, 223, 230, 246], *булбул* [20, с.173, 228], *зоғ* [20, с.124], *кабк(-и дарӣ)* [20, с.14, 223], *кабӯтар* [19, с.388; 20, 42, 150, 246], *мурғ* [19, с.186; 18, 11, 56, 96, 114, 166, 197, 199], *парасту* [20, с.150], *тазарв* [20, с.228], *товус* [20, с.14, 167, 228], *тутӣ* [20, с.180, 228], *уқоб* [20, с.41, 157, 158], *фохта* [20, с.223], *ҳазордастон* [20, с.126, 127], *ҳумо (-й)* [20, с.44, 228], *шоҳин* [20, с.42] Саъдӣ мазомини зиёди бикрро офарида, бар асарбахшии бештари ашъори худ афзудааст.

Яке аз вижагиҳои корбурди номи парандагон дар ғазалиёти Саъдӣ – ин дар хаёлбофиҳову мазмунбандиҳои шоирона ба кор бурдани онҳо ба ҳисоб меравад. Чунончи, дар байти зерин *товус* ҳамчун тимсоли ҳамагириву ҳамаҷойии маъшуқа ба кор гирифта шудааст:

Гар ин равиш, ки ту, *товус*, мекунӣ рафтор,
На бурҷи ман, ки ҳама олам *ошён* дорӣ [20, с.167].

Хусусияти дигари корбурди номи парандагон аз ҷониби Саъдӣ – ин дар сифатчинӣ истифода кардани онҳо ба ҳисоб меравад, яъне шоир сифатҳои маъшуқаро тавассути номи парандагон чида, бо ин роҳ манзараи зебоии ӯро инъикос менамояд. Чунончи, байти зер намунае дар ин мавзуъ мебошад:

Ҳумойфарриву товусҳусну тӯтинутқ,
Ба гоҳи ҷилвагарӣ чун *тазарврафтор*е [20, с.228].

Номҳои ҳашароту хазандагон, амсоли: *ақраб* [20, с.225], *занбӯр* [19, с.310; 20, 42, 77, 130, 131, 208], *магас* [20, с.54, 151, 169], *малах* [20, с.230], *мӯр-ча* [20, с.42, 131, 158, 183] ва ҷонварони обие монанди: *моҳӣ* [19, с.186], *наҳанг* [20, с.174] аз ҷумлаи анвои дигари ҷонварон ба ҳисоб мераванд, ки дар ғазалиёти Саъдӣ мукаррар истифода мешаванд. Миёни вожаҳои мазкур дар мазмунофариниҳои Саъдӣ бештар вожаҳои *занбӯр, мӯр* ва *магас* иштирок менамоянд; *занбӯр* дар ғазалиёти Саъдӣ ҳамчун рамзи нешзанӣ, дарбадарӣ ва василаи неш задан, *мӯр(-ча)* ҳамчун рамзи ҳақирӣ ва яғмогириву дуздӣ ва *магас* рамзи якравию хирагарӣ, ширинидӯстдорӣ истифода гардидаанд.

Мақоми сеюмро миёни вожаҳои калидӣ дар ғазалиёти Саъдӣ вожаҳову истилоҳоти ифодакунандаи иқтисодиёту тиҷорат ишғол мекунанд. Ин вожаҳоро дар умум метавон истилоҳоти бозорӣ унвон дод. Бояд қайд кард, ки дар мавриди корбурди вожаҳову истилоҳоти тиҷорӣ ё иқтисодӣ дар шеъри форсӣ, бахусус жанри ғазал, ҷуз аз Саъдӣ дар ғазалиёти дигар шоирон низ истифодаи вожаҳои мазкур ба чашм мерасад. Чунончи, то чӣ

дараҷа мақоми калидӣ доштани вожаҳову истилоҳоти тиҷориву иқтисодӣ дар мазомини ғазалиёти Назирии Нишопурӣ аз ҷониби О. Саидҷаъфаров таҳқиқ гардидааст [17, с.112-119]. Аммо, бояд эътироф кард, ки Саъдӣ дар адабиёти форсӣ аз зумраи аввалин шоиронест, ки вожаҳои тиҷориро дар жанри ғазал ба таври васеъ истифода намудааст, дар ҳоле ки Назирии Нишопурӣ намояндаи асри XVI аст ва дар ин маврид, метавон гуфт, пайрави Саъдӣ ва тарзи вожагузинии ӯ ба шумор меравад.

Истилоҳоти иқтисодиву тиҷорӣ дар ғазалиёти Саъдӣ дар шумули *бисот* [20, с.99], *бозор* [19, с.243; 2, с.54, 99, 152, 162], *гавҳар* [20, с.17, 169], *гано* [20, с.148], *горат* [20, с.152], *дузд* [20, с.143], *закот* [20, с.98], *касод(-и нарх)* [20, с.146], *киса* [20, с.40, 133], *корвон* [20, с.70, 82, 143], *косид (шудан)* [20, с.152], *маблаг* [20, с.16], *матоъ* [20, с.90], *мол* [20, с.154], *муфлис* [20, с.17], *муштарӣ* [20, с.40], *нақд* [20, с.57, 133], *нарх* [20, с.146], *пардохтан* [20, с.40], *санг* [20, с.150], *саргазит* [20, с.168], *сармоядорон* [20, с.143], сахтӣ (кардан) [20, с.40], *сорбон* [20, с.70], *тарозу* [20, с.133, 150], фақр [20, с.148], *харид (-ан)* [20, с.84, 118], *харидор* [20, с.118], *ҷома* [19, с.243] ва *ягмо* [20, с.42] истифода гардидаанд.

Яке аз хусусиятҳои корбурди вожаҳову истилоҳоти тиҷорӣ дар ғазалиёти Саъдӣ – ин дар бадеъкориҳо ва мазмунофариниҳои шоирона истифода кардани онҳо мебошад. Аз ҷумла, дар байти мазкур ҳамин ҳолат дар мисоли истиора, маҷоз ва киноя мушоҳида мешавад, чун Саъдӣ тавассути вожаҳои тиҷорӣ амсоли: *нақд, киса* ва *тарозу* мазомини наверо офаридааст:

Нақди ҳар ақл, ки дар *кисаи* пиндорам буд,
Камтар аз ҳеҷ баромад ба *тарозуи* туам [20, с.133].

Чунончи дида мешавад, шоир тавассути вожаҳои *нақд* ва *киса* истиораҳои *нақди ақл* ва *кисаи пиндорро* ба вуҷуд оварда ва тавассути вожаи *тарозу* киноят аз рӯзи қазо менамояд.

Тавассути вожаи *бозор* Саъдӣ тамсилҳои нав, истиораҳои зебо, маҷозҳову киноятҳои муассирро ба вуҷуд оварда, тавассути онҳо мазомини наверо офаридааст. Чунончи, дар байти зер вожаи *бозор* дар сохтани истиораи *бозори ҳусн* истифода шуда, якҷо бо дигар вожаи тиҷорӣ – *косид* (шудан), ки киноят аз бехаридор ва бемуштарӣ мондан мебошад, ҷанбаи таъсирбахшии мазмуни ишқии шеърро боз ҳам бештар кардааст:

Духтарони Мисрро *косид* шавад *бозори ҳусн*,
Гар чу Юсуф парда бардорад ба даъвӣ рӯи ту [2, с.152].

Дар ғазалиёти Саъдӣ вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ ва синнусолӣ низ мукаррар истифода гардидаанд. Силсилавожаҳои назири: *духтар* [20, с.201], *зан* [20, с.139], *кӯдак* [19, с.174, 218], *мард* [20, с.139], *модар* [20, с.17, 131, 147, 163, 164], *падар* [20, с.10, 89, 118, 135, 163, 164, 201], *пир* [19, с.174; 2, с.173], *писар* [20, с.123], *тифл* [20, с.68, 104, 127, 131], *фарзанд* [20, с.10, 17, 89, 135], *ҷавон* [20, с.104] аз шумори ин навъи вожагон маҳсуб мешаванд, ки Саъдӣ тавассути онҳо мазомини зиёдеро ба вуҷуд овардааст.

Аммо, ҳарчанд ки Саъдӣ дар корбурди вожаҳои мазкур аз ҳайси офариниши мазомини наву бикр ибтикороте ба анҷом расонидааст, аввалин воридкунандаи ин қабил вожагон дар шеъри форсӣ нест. Қабл аз ӯ ҳанӯз дар эҷодиёти устод Рӯдакӣ ва шоирони минбаъда ҷиҳати офаридани мазомину образҳои нав вожаҳои мазкур фаровон истифода мешуданд. Чунончи, устод Рӯдакӣ дар абёти нахустини қасидаи “Модари май” тавассути вожаҳои *модар*, *бачча* ва дар абёти парокандаи пандуҳикматӣ тавассути вожаҳои *моданд*ар ва *духтандар* мазомини навро офаридааст [16, с.58, 103]. Ва ё дар байти зерин ба василаи вожаҳои *баччагон*, *модар* ва *моданд*ар мазмуни навро ба вуҷуд овардааст:

Ҷаҳоно, чунинӣ ту бо *баччагон*,
Ки гаҳ *модарӣ*, гоҳ *моданд*аро [8-1, с.90].

Вожаҳои мазкур дар ашъори Саъдӣ ҳам дар маънои аслӣ ва ҳам дар маънои маҷозӣ корбурд шудаанд. Аз ҷумла, дар байти зерин вожаи *модар* дар маънои аслӣ истифода шуда ва мақсади шоир аз *модаровард* – ин *модарзод* мебошад:

Фиғони ман аз дасти ҷаври ту нест,
Ки аз толеи *модароварди* ман [20, с.147].

Дар байти зер ду вожаи хешутаборӣ – *духтар* ва *падар*, баръакс, дар маънои маҷозӣ истифода шудаанд:

Духтари бикри замираш ба ятимӣ пас аз ин
Ҷаври бегона набинад, ки *падар* боз омад [20, с.201].

Ҷуз аз ин вожаҳо дар ғазалиёти шоир вожаҳои дигареро метавон пайдо намуд, ки бо истифодаи мукаррар ва умумияти мавзуии худ дар қиёс бо дигар вожаҳо фарқи назаррас доранд, аммо бояд қайд кард, ки чи аз ҷиҳати теъдоду дараҷаи корбурд ва чи аз нигоҳи нақше, ки ин вожаҳо дар офаридани мазомини нави шоиронаи Саъдӣ бар ҷой гузоштаанд, мақоми онҳо басе назаррастар мебошад. Вожаҳои мазкур, дар умум, яке аз воситаҳои назарраси бавуҷуд оварандаи хусусияти сабкӣ дар ғазалиёти Саъдӣ ба шумор мераванд.

Истифода аз танокузоти фикрӣ вижагии барҷастаи ғазалиёти Саъдӣ мебошад. Танокуз ё тазодди фикр тарзи ифодаест, ки бо ҳақиқати воқеӣ мувофиқат намекунад. Ба ақидаи адабиётшиноси рус Л.И. Тимофеев, танокуз – ин тарзи муҳокимарониест, ки на ба ҳақиқати воқеӣ мувофиқ аст ва на ба сухани дурӯғу ғайриҳақиқӣ [18, с.258].

Афкори мутанокиз, яъне дорои танокузу мутазод, агарчи дар гуфтори рӯзмарраи мардум гоҳ-гоҳ истифода мешавад, аммо он, аслан, хосси гуфтори шоирон аст, зеро дар он як навъ каломи нозук ва маҷозии шоирона нуҳуфта аст. Аз ҳамин ҷиҳат, дар эҷодиёти шоирони сабкҳои гуногун баъзан каму беш фикрҳое истифода мешаванд, ки муҷиби нобоваривву тааҷҷуби умум қарор мегиранд, зеро онҳо аксаран бо ҳақиқати воқеӣ ё диду тафаккури солим мувофиқат намекунанд.

Афкори мутанокиз дар ашъори шоирони даврони гуногуни адаби форсӣ мушоҳида мешаванд. Аз ҷумла, адабиётшиноси тоҷик Ш. Исрофилов дар таҳқиқоте, ки оид ба Носири Бухороӣ ва рушди жанри ғазал дар асри XIV ба анҷом расонидааст, нақши танокузро дар эҷодиёти шоири мазкур ва шоирони асри XIV баланд арзёбӣ намудааст [11, с.181]. Муҳаққиқи афғон, Муҳаммаддовуд Мунир низ яке аз вижагиҳои назарраси сабкии шоирони доираи адабии Ҳирот, бахусус эҷодиёти Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомиро дар ифодаи афкори мутанокизи онҳо қайд намудааст [13, с.177].

Дар нигоҳ бар маҷмуаи ғазалиёти Саъдӣ низ намунаҳои зиёде аз танокузоти шоиронаро метавон пайдо кард, ки аз ҳусни таваҷҷуҳи ӯ нисбат бар ин тарзи ифода гувоҳӣ медиҳанд. Дар танокузҳои Саъдӣ, умуман, ду тарзи баёнро метавон ташхис дод, ки нисбатан ҷилваи бештар доранд: 1) тавассути латофату нозукии гуфтор; 2) тавассути корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ.

Латофати гуфтор, умуман, дар саропойи ғазалиёти Саъдӣ мушоҳида мешавад ва, аслан, сутуни афкори шоиронаи вай бо нозукии адо ва латифгуфторӣ устувор мебошад. Бар ҳамин асос, дар танокузоти Саъдӣ ҳам латофат ва нозукии хос мушоҳида мешавад. Агарчи ин танокузот бо воситаҳои тасвири бадеӣ ҳам зинат ёфтаанд, аммо дар ин маврид неруи тахайюли шоирона бештар ҷилвагар буда, як навъ латофату нозукиро бар тасвирҳои шоир ато кардааст. Адабиётшинос Ю. Акбарзод ҷое қайд намудааст, ки муваффақ шудан ба шеъри асил на аз тариқи тасвирҳои тоза ва таркибҳои равон, балки аз тариқи андешаи баланд сурат мепазирад [4, с.126]. Дар афкори мутанокизи Саъдӣ, аз як сӯ, латофати гуфтор, аз сӯйи дигар, мазомину андешаҳои нав омили таъсирбахшии онҳо гаштаанд. Аз ҷумла, дар байти зер дар тарҳрезии фикри мутанокиз латофати гуфтор ва мазмуни нави шоир нақши назаррас дорад:

Ба лутфи дилбари ман дар ҷаҳон набинӣ дӯст,
Ки душманӣ кунаду дӯстӣ бияфзояд [20, с.119].

Танокузи байти боло дар мисраи дуюм истифода шудааст, Саъдӣ даъво дорад, ки душмании маъшуқааш муҳаббати ӯро бештар мегардонад, ҳол он ки тибқи тафаккури умум, душманӣ танҳо зиддиятро эҷод менамояд.

Дар байти зерин ҳамин хусусият баръало ҷилвагар мебошад, чун дар он каломи мутанокизи шоир бо латофати гуфтор даромехта шудааст:

Ғояти хубӣ, ки ҳаст қабзаву шамшеру даст,
Халқ ҳасад мебаранд чун ту маро мекушӣ [20, с.32].

Саъдӣ мавриди қабзаву шамшери маъшуқа қарор гирифтан ва кушта шудани худро мояи ҳасади мардум нишон додааст, ҳол он ки куштану қатл набояд сабабгори ҳасади дигарон бошад.

Дар байти зер бошад, Саъдӣ бонги дуздро муҷиби осудагии корвони худ медонад, ҳол он ки дузд, баръакс, сабаби ғорату касодии корвон аст:

Саъдиё, сармоядорон аз халал тарсанду мо
Гар барояд бонги дузд, аз корвон осудаем [20, с.143].

Яке аз хусусиятҳои тавассути нозукии адо ё латофати гуфтор матраҳ сохтани таноқузи фикр дар ғазалиёти Саъдӣ иборат аз ин аст, ки фикри мутазод аксаран дар мисраи дувуми байтҳо меояд, дар ҳоле ки дар тарзи дуюм ҷойи он маҳдуд нест, ё як мисраъ, ё ҳар ду мисраъро фаро мегирад.

Тарзи дуюми баёни афкори мутаноқиз ба василаи санъатҳои бадеӣ роҳандозӣ мешавад, чун нақши онҳо дар ин маврид дар матраҳ сохтани тазоди фикр бештар мебошад. Агарчи дар тамоми афкори мутаноқизи Саъдӣ нақши санъати тазод нисбат бар ҳамаи васоити тасвири бадеӣ бештар эҳсос мешавад (чун қолаби аслии эҷоди таноқуз ин тазод аст), аммо ҷо-ҷо дар таноқузҳои шоир корбурди басо ҳунармандона аз дигар санъатҳои бадеӣ, бахусус истиора, иҳом, тафзил, таҷнис ва ғайри онҳо низ мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, дар байти зерин таноқуз ба воситаи санъатҳои тафзил, киноя ва тазод фароҳам оварда шудааст:

Эй, ки ба ҳусни қоматат сарв надидаам сиҳӣ,
Гар ҳама душманӣ кунӣ, аз ҳама дӯстон беҳӣ [20, с.182].

Дар мисраи якуми он шоир ба таври киноӣ қомати маҳбубаро аз сарв мавзунтару тозатар нишон дода, ба ин васила таноқузи киноиро ба вуҷуд овардааст, ҳол он ки сарв дар мавзуниву ростӣ аз ҷамеи мавҷудоти табиат росттару мавзунтар аст ва бо ҳамин аломатҳояш рамзи ростӣ, мавзунӣ ва зебоӣ гаштааст. Дар мисраи дуюм шоир баён медорад, ки маҳбуб, агарчи бо ҳама душманӣ мекунад ва нисбат ба ҳама бетафовут аст, аммо ӯ барои вай аз ҳамаи дӯстон беҳтар аст. Дар ин таноқуз Саъдӣ санъатҳои тазод ва тафзилро бо ҳам бисёр муъҷазу моҳирона даромехтааст.

Афкори мутаноқизи Саъдӣ ҷуз аз тарзи баён, ҳамчунин, мавзуъҳо ва нуктаҳои алоҳидаро дар бар мегиранд. Мавзуи аввал – ин озодӣ дар гирифторӣ ишқи маҳбуба аст, яъне шоир иддао дорад, ки гирифторӣ ба ишқи маҳбуба барои ӯ озодӣ аст. Аз ҷумла, дар байти зерин шоир таноқузро дар ҳамин мавзуъ баён доштааст:

Ман аз он рӯз, ки дар банди туам, озодам,
Подшоҳам, ки ба дасти ту асир афтодам [20, с.134].

Ҳамчунин, дар байти зер шоир иддао дорад, ки маҳбуби ӯ агар ба шикор равад, ҳатто, ягон ҳайвони ваҳшие аз ӯ намегурезад, баръакс, худро ба фитроки вай гирифтор менамояд; зеро ин гирифторӣ барои ӯ роҳатест:

Агар ба сайд равӣ, ваҳшӣ аз ту нагрезад,
Ки дар каманди ту роҳат бувад гирифторӣ [20, с.38].

Мавзуи дигар дар афкори мутаноқизи Саъдӣ – ин арҷ гузоштан бар иродаи маҳбуба мебошад. Саъдӣ ҳар чӣ ки аз маҳбуба мебинад, онро айни савоб ва дар ниҳояти хушиву зебоӣ мешуморад. Ин аст, ки ӯ розӣ аст, ки маҳбуба дар фикри бемуродии ӯст:

Агар муроди ту, эй дӯст, бемуродии мост,
Муроди хеш дигарбора ман нахоҳам хост [20, с.50].

Зеро маҳбуба ғояти латофату нозукӣ ва покиву иффат аст ва гуноҳу савоб дар баробари ӯ аҳамияте надоранд:

Ман агар ҳазор хидмат бикунам, гуноҳкорам,
Ту ҳазор хуни ноҳақ бикунию бегуноҳӣ [20, с.62].

Мавзуи дигар дар таноқузоти Саъдӣ – ин ҷабрталабӣ ё ситамҷӯйии ӯ аз маъшуқ аст, чун вай бар ин ақида аст, ки ҳар чӣ аз маъшуқ ояд, хуш ояд:

Туро кӣ гуфт, ки ҳалво диҳӣ ба дасти рақиб?
Ба дасти хештанам заҳр деҳ, ки ҳалвоест [20, с.76].

Бояд қайд кард, ки баён доштани ҳамчунин афкор дар баробари ёр ё маҳбуба, аслан, ба ишқи ирфонии шоир тааллуқ доранд ва нишон аз маъшуқи волотару арҷмандтар аз инсонро медиҳанд. Вобаста ба ин, яке аз мавзуъҳое, ки дар афкори мутаноқизи Саъдӣ мудом мушоҳида мешавад, ин афкори алоқаманд бар ирфон, бахусус фалсафаи он аст. Ифодаи афкори фалсафӣ-ирфонӣ дар чунин таноқузот, пеш аз ҳама, дар мавзуи *ваҳдати вуҷуд*, ки аз мавзуоти калидӣ дар фалсафаи ирфону тасаввуф ба шумор меояд, инъикос мегардад. Чунончи, дар байти зерин Саъдӣ иддао дорад, ки ёри ӯ (ки ӯ дар маҷмӯъ “ёри мо” мегӯяд), агарчи ҳамеша ғоиб аст, доимо дар мадди назар аст. Аз ҳамин ҷиҳат, шоир худу дигар ошиқон ва ёрро, ки мурод аз он Худо аст, парокандагони маҷмуъ ном мегирад:

Мо парокандагони маҷмӯем,
Ёри мо ғоиб асту дар назар аст [20, с.190].

Дар мисраи якуми байти боло *парокандагони маҷмуъ* ва дар мисраи дуюм *ғоиб ва дар назар будани ёр* таноқузи фикр ба ҳисоб мераванд.

Дар байти зерин ҳам таноқуз ба воситаи мавзуи ваҳдати вуҷуд матраҳ гаштааст:

Дар чашми манию ғоиб аз чашм,
З-он чашм ҳамекунам ба ҳар сӯ [20, с.221].

Яъне: ҳарчанд ки ту (Худо) аз чашмони ман ғоибӣ ва дар чашмонам наменамоӣ, ҷойи ту ҳамеша чашмони ман аст ё дар чашмони ман ҳамеша нақши ту аст.

Афкори мутаноқиз ё мутазоди Саъдӣ, агар аз нигоҳи баён ва тарзи ироаи фикр умуман, бо ду роҳ: латофату нозукии адо ва корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ матраҳ шаванд, аз нигоҳи мавзуъ рангинтар буда, фарогири нукоти гуногуни муҳаббати ботинӣ, тасвири ҳолоти ошиқона ва, ҳамчунин, василаи баёни андешаҳои фалсафӣ-ирфонӣ мебошанд. Саъдӣ тавассути ифодаи афкори мутаноқиз мазомини навро низ дар ғазал ворид намуда, бо ин роҳ мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти худро ғанитар намудааст.

Муқарриз: ***Солеҳов М.*** – доктори илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулманнонни Насриддин. Куллиёти осор. Дар ҳафт муҷаллад. Ҷ.2 / Насриддин, Абдулманнон. - Хуҷанд: Хуросон, 2012.-584 саҳ.
2. Абдулҳусуйни Заринкӯб. Бо корвони Ҳулла / Заринкӯб, Абдулҳусуйн // Қисми Саъдӣ. - Душанбе: Пайванд, 2004. – С.250.
3. Алии Даштӣ. Дар қаламрави Саъдӣ. Чопи панҷум. / Даштӣ, Алӣ.– Теҳрон: Интишороти амири Кабир, 1356.
4. Акбарзод, Юсуф. Марҳилаи нав дар шинохти шеъри тоҷикӣ / Юсуф Акбарзод // Садои Шарқ. – №10. – 2013. – С.121-130.
5. Брагинский И.С. О возникновении газели в персидско-таджикской литературе / И.С. Брагинский // Из истории таджикской и персидской литературы. – Москва, 1972. - С.166-172.
6. Девони Ҳоқонӣ. – Теҳрон, 1316. - С.680.
7. Журнал. “Советское востоковедение”, 1958. - № 2. - С.94-100.
8. Заринкӯб, Абдулҳусайнӣ. Ҳадисихуши Саъдӣ / Абдулҳусайни Заринкӯб. - Теҳрон: Сухан, 1379 .
9. Зайнулобиддини Муътаман. Таҳаввули шеъри форсӣ / Муътаман, Зайнулобиддин. – Теҳрон, 1355 ҳ. – С.252.
10. Зикри ҷамили Саъдӣ. Иборат аз се ҷилд.Ҷ.1. – Теҳрон, 1329 ҳ. – С.302.
11. Исрофилов Ш.Р. Носири Бухороӣ ва такомули ғазал дар асри XIV: рисолаи докторӣ / Ш.Р. Исрофилов. – Душанбе, 2009. – 373 с.
12. Камилӣ, Мухтор. Дорушшифои Саъдӣ (мақулаҳои пизишкӣ дар осори Саъдӣ) / Мухтор Камилӣ // Пажӯҳишҳои забон ва адабиёти форсӣ (илмӣ – пажӯҳишӣ). – №4(12), 1390. – С.71-92.
13. Мунир, Муҳаммаддовуд. Породукс ё таркиби маҳолнамо яке аз аносири сабкии шеъри асри Ҷомӣ / Муҳаммаддовуди Мунир // Илм ва фановарӣ: бахши филология. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С.176-183.
14. Ниёзкор, Фараҳ. Шарҳи ғазалиёти Саъдӣ / Фараҳ Ниёзкор. – Теҳрон: Ҳурмус, 1396 ҳ. – 1488 с.
15. Назарӣ, Ҷалил. Саъдӣ ва ирфон / Ҷалил Назарӣ // Улуми иҷтимоӣ ва инсонӣ. – №2. – Шероз. – 1381. – С.20-36.
16. Рӯдакӣ. Шеърҳо. Муҳаррир: Мастон Шералӣ – Душанбе: Ирфон, 1973. – 221 с.
17. Саидджафаров, О.Ш. Стиль персидско – таджикской газели в XVI – XVII вв. (на примере творчества Фигани, Назири и Саиба): дис. докт. филол. наук / О.Ш. Саидджафаров. – Душанбе: ТНУ, 2015. – 300 с.
18. Тимофеев, Л.И. Вопросы теории литературы / Л.И. Тимофеев. – М., 1950. – 336 с.
19. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт. Ҷ.I. / Саъдии Шерозӣ. Мураттиб ва муаллифи сарсухан: Саҳобиддин Сиддиқов. – Душанбе: Адиб, 1988. – 430 с.
20. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт Ҷ.II. / Саъдии Шерозӣ. Мураттибон: Саҳобиддин Сиддиқов, Назира Қаҳҳорова. – Душанбе: Адиб, 1989. – 414 с.
21. Ҳакимов, А. Масъалаҳои тадқиқи шеъри ғиноӣ / А. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – №6(67), 2015. – С.143-151.
22. Ҳакимов, А. Мухтассоти шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ / А. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2015. - № 418(83). – 250 с.
23. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам фи-меъёри ашъори аҷам. Ба тасҳеҳи М. Қазвинӣ. – Теҳрон, 1935. – С.306.

ВОЖАҲОИ КАЛИДӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ОФАРИНИШИ МАЗОМИНИ НАВ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДӢ

Дар мақола оварда шудааст, ки дар ғазалиёти Саъдӣ вожаҳову истилоҳоти гуногуне мушоҳида мешаванд, ки корбурди онҳо нисбат ба дигар вожаҳо ба маротиб зиёд мебошад. Ин вожаҳо марбут ба мавзуъҳои гуногун буда, дар офариниши мазомини шоиронаи Саъдӣ нақши муҳим мебозанд. Аммо дар ин таҳқиқот вожаҳои дигари ашъори Саъдӣ, ки дар баробари вожаҳои дарёфтаи муҳаққиқони ашъори шоир дар ғазалиёти ӯ мақоми калидӣ доранд ва то ҳол ба таври вижа таҳқиқ нагардидаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки вожаҳои калидии ғазалиёти Саъдӣ вобаста ба гуногунии

мавзуъ ба чаҳор навъи алоҳида ҷудо мешаванд: 1) вожаҳои мансуб ба сиёсату разм; 2) вожаҳои ифодакунандаи ҷонварон; 3) вожаҳои мансуб ба иқтисодиёту тиҷорат; 4) вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ ва синнусолӣ. Ҷуз аз ин вожаҳо дар ғазалиёти шоир вожаҳои дигареро метавон пайдо намуд, ки бо истифодаи мукаррар ва умумияти мавзуии худ дар қиёс бо дигар вожаҳо фарқи назаррас доранд. Вожаҳои мазкур, дар умум, яке аз воситаҳои назарраси бавуҷудоварандаи хусусияти сабкӣ дар ғазалиёти Саъдӣ ба шумор мераванд. Истифода аз таноқузоти фикрӣ вижагии барҷастаи ғазалиёти Саъдӣ мебошад. Афкори мутаноқиз дар ашъори шоирони даврони гуногуни адаби форсӣ мушоҳида мешаванд. Дар нигоҳ бар маҷмуаи ғазалиёти Саъдӣ низ намунаҳои зиёде аз таноқузоти шоиронаро метавон пайдо кард, ки аз ҳусни таваҷҷуҳи ӯ нисбат бар ин тарзи ифода гувоҳӣ медиҳанд. Дар таноқузҳои Саъдӣ, умуман, ду тарзи баёнро метавон ташхис дод, ки нисбатан ҷилваи бештар доранд: 1) тавассути латофату нозукии гуфтор; 2) тавассути корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ. Латофати гуфтор, умуман, дар саропойи ғазалиёти Саъдӣ мушоҳида мешавад ва, аслан, сутуни афкори шоиронаи вай бо нозукии адо ва латифгуфторӣ устувор мебошад. Тарзи дуюми баёни афкори мутаноқиз ба василаи санъатҳои бадеӣ роҳандозӣ мешавад, чун нақши онҳо дар ин маврид дар матраҳ сохтани тазоди фикр бештар мебошад. Дар баробари ин, ҷо-ҷо дар таноқузҳои шоир корбурди басо ҳунармандона аз дигар санъатҳои бадеӣ, бахусус истиора, иҳом, тафзил, таҷнис ва ғайри онҳо низ мушоҳида мегардад. Муаллифи мақола бар ин назар аст, ки Саъдӣ тавассути ифодаи афкори мутаноқиз мазмунҳои навро дар ғазал ворид намуда, бо ин роҳ мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти худро ғанитар намудааст.

Калидвожаҳо: Саъдӣ, ашъор, жанр, ғазал, мавзуъ ва мундариҷа, санъатҳои бадеӣ, вожаҳои калидӣ, афкори мутаноқиз.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА И ИХ РОЛЬ В СОЗДАНИИ НОВЫХ МСЫСЛОВ В ГАЗЕЛЯХ САДИ

В статье указывается, что в газелях Саади встречаются различные слова и термины, употребление которых намного больше, по сравнению с другими словами. Эти слова охватывают широкий круг тем и играют важную роль в создании поэтических смыслов поэзии Саади. Однако в данном исследовании рассматриваются и другие слова поэзии Саади, которые наряду со словами, обнаруженными исследователями поэзии поэта, занимают ключевое место в его газелях и до сих пор не подвергались специальному исследованию. Автор подчеркивает, что ключевые слова газелей Саади делятся на четыре типа в зависимости от разнообразия тематики: 1) слова, связанные с политикой и войной; 2) слова, обозначающие животных; 3) слова, относящиеся к экономике и торговле; 4) слова, обозначающие понятия родства и возраста. Кроме этих слов, в газелях поэта можно встретить и другие слова, которые при регулярном употреблении и тематической общности существенно отличаются от других слов. Эти слова вообще являются одним из наиболее значительных средств создания стилистического признака в газелях Саади. Использование интеллектуальных противоречий - отличительная черта газелей Саади. Противоречивые идеи нашли отражение в поэзии поэтов разных периодов персидской литературы. В коллекции газелей Саади также можно найти множество примеров поэтических противоречий, свидетельствующих о его интересе к этому способу выражения. В противоречиях Саади вообще можно выделить два типа выражений, относительно более тонких: 1) через тонкость речи; 2) с использованием средств художественного изображения. Тонкость речи вообще видна во главе газелей Саади, и, собственно, столпы его поэтической мысли непоколебимы в тонкости и красноречии. Второй способ выражения противоречивых идей - это искусство, поскольку оно играет большую роль в создании противоречивых идей. В то же время местами в творчестве поэта наблюдается весьма художественное использование других художественных искусств, в частности, метафоры, ихома, тафзила, уподобления и т.п.. Авторы статьи считает, что Саади внес в газель новый смысль и значение через выражение противоречивых мнений, обогатив тем самым предмет и содержание своих газелей.

Ключевые слова: Саади, поэзия, жанр, газель, тема и содержание, искусство, ключевые слова, противоречивые идеи.

KEY WORDS AND THEIR ROLE IN CREATING NEW THOUGHT IN SAADI'S GAZELS

The article points out that in Saadi's ghazals there are various words and terms, the use of which is much greater compared to other words. These words cover a wide range of topics and play an important role in creating the poetic meanings of Saadi's poetry. However, this study also considers other words of Saadi's poetry, which, along with the words discovered by researchers of the poet's poetry, occupy a key place in his ghazals and have not yet been subjected to special research. The author emphasizes that the keywords of Saadi's ghazals are divided into four types depending on the variety of topics: 1) words related to politics and war; 2) words denoting animals; 3) words related to economics and trade; 4) words denoting the concepts of kinship and age. In addition to these words, in the poet's ghazals one can also find other words that, with regular use and thematic commonality, differ significantly from other words. These words are generally one of the most significant means of creating a stylistic feature in Saadi's ghazals. The use of intellectual contradictions is a hallmark of Saadi's ghazals. Contradictory ideas were reflected in the poetry of poets from different periods of Persian literature. Saadi's collection of ghazals also contains many examples of poetic contradictions, testifying to his interest in this mode of expression. In the contradictions of Saadi, in general, two types of expressions can be distinguished, relatively more subtle: 1) through the subtlety of speech; 2) using the means of artistic representation. The subtlety of speech is generally visible at the head of Saadi's ghazals, and, in fact, the pillars of his poetic thought are unshakable in subtlety and eloquence. The second way to express conflicting ideas is through art, as it plays a large role in generating conflicting ideas. At the same time, in some places in the poet's work, there is a very artistic use of other arts, in particular, metaphor, ihoma, tafzil, similitude, etc. thus enriching the subject and content of their ghazals.

Key words: Saadi, poetry, genre, ghazal, theme and content, art, key words, controversial ideas.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Саидҷаъфаров Озод Шоҳвалиевич*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Нахимова, 64/14. E-mail: **Ozod_060374.** Тел.: **(+992) 909-09-31-84**
Абдулманнонзода Муҳаммадсиддиқ Абдуҷаббор - Донишгоҳи давлатии Данғара, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Данғара, кӯч. Марказӣ, 25. E-mail: **abdulmanonzoda92.@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-29-74-74**

Сведение об авторах: ***Саиджафаров Озод Шохвалиевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: **Ozod_060374.** Тел.: **(+992) 909-09-31-84**
Абдулманнонзода Мухаммадсиддик Абдуджаббор - Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, г.Данғара, ул. Маркази, 25. E-mail: **abdulmanonzoda92.@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-29-74-74**

Information about the authors: ***Saidjafarov Ozod Shokhvalievich*** - Tajik State University of Finance and Economics, Doctor of Philology, Professor of the Tajik Language Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. Nakhimov, 64/14. E-mail: **Ozod_060374.** Tel.: **(+992) 909-09-31-84**
Abdulmannonzoda Muhammadsiddiq Abdujabbor - Dangara State University, Senior Lecturer for the Tajik language and literature department. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Markazi, Str., 25. E-mail: **abdulmanonzoda92.@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-29-74-74**

УДК: 492.7.09

ВИЖАГИҲОИ ЗУҲДИЁТ ДАР НАЗМИ АРАБИЗАБОНИ САДАҲОИ XI-XII

Раҷабова М.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар назми арабизабони нимаи дуюми асри XI ва асри XII дар радифи дигар навъҳои шеърӣ зуҳдиёт низ босуръат рушд намуда, дар инъикоси эҳсосу андешаҳои аҳли тасаввуф ва ҷамъиятҳои динӣ хеле муассир афтода буд. Дар мавриди истилоҳи зуҳдиёт Б.Я. Шидфар тазаккур сохтааст, ки "ин истилоҳ одатан ҳамчун ашъори хусусияти гӯшанишиниву тарки дунё дошта таъбир карда мешавад" [14, с.134]. Аммо ин нигоштаҳои Шидфар танҳо як паҳлуи мундариҷавии жанри мазкурро дарбар гирифта, дар зуҳдиёти давраи мазкур ин вижагӣ бо таъсири ашъори шоирони пешини араб Абулатоҳия, Мутанаббӣ ва Маарриӣ ривоҷ пайдо кардааст.Дар канори ин, мавзуи зуҳдиёт даргузар будани умр, пайдо шудани сафедӣ дар мӯйи сар, носипосии дӯстон, хасисӣ, ҷаҳолат ва ғайра буданаш мумкин аст [8, с.148].

Таъсирпазирии шоирони арабизабони нимаи дуюми асри XI ва асри XII аз зуҳдиёти шоирони мавсуф дар китоби "Тазкираи "Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср"-и Имодуддини Исфаҳонӣ ва аҳамияти адабии он" дар мисоли зуҳдиётиАдиб Ҳусайни Натанзӣ [4, с.76], Абушуҷои Бастомӣ [5, с.133, 134], Абуҳафси Насафӣ [5, с.144] мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки мавзуи мазкур дар назми ин давра вижагии хос пайдо намудааст. Шоирон андешаҳои зоҳидонаро ба таври мухталиф иброз доштаанд. Аз ҷумла, Абуалии Адамӣ дар шеъри худ ақидаҳои зуҳдиётии худро тавассути изҳори дилмондагӣ аз инсонҳо ва рафтору кирдори онҳо баён доштааст:

وما لي حاجة التجريب إنّي عرفتُ الناسَ مَعْرِفَةً صَحيحهْ
رأَيتُ ودادَهُمْ كذباً وَزُوراً وَدِينَهُم مُدَاهَنَةٌ صَرِيحَهْ

[Маро бар озмоишу санҷиш ҳоҷате набошад, чун мардумро бо маърифати саҳеҳ бишнохтам

Бидидам, ки муҳаббати онҳо бардурӯғу назарфиребӣ ва ҳамоно дини эшон риёкории возеҳ аст] [4, с.252].

Яке аз мавзуоти маъмули зуҳдиёти давр изҳори тавбаву пушаймонӣ аз лаззатҷӯиҳои дунёӣ буда, шоирон бо зикри Худованду ёдоварии охират мардумро аз рӯзи ҳисоб ва оташи ҷаҳаннам ҳушдор медоданд. Бино ба таъкиди Шавқӣ Зайф яке аз шоироне, ки мавзуи маргу фано ва зулмату ваҳшати қабрро дар ашъори худ густариш бахшидааст, Абулатоҳия мебошад[6, с.117].Ин вижагӣ дар адабиёти давраи мавриди назар низ ба чашм мерасад. Чунончи, Абулмуаййид Исо ибни Абдуллоҳи Ғазнавӣ пайгири он андеша аст, ки ба биҳишт ва ё дузах рафтани инсонҳо дар дасти худи онҳост:

فياليتَ شعري والأَماني خَوَادِعٌ وَهَلْ هَلَكَتْ فيهِ نُفُوسٌ هَوَالِكُ
فَيَالَيْتَ شعري يَوْمَ يؤذنُ مالكٌ أَيَرْحَمُني مَوْلَاي أَمْ أَنا هالِكُ
إِذا ابْيَضَّ مِنْ قَوْمٍ وجوهٌ مُنِيرةٌ أَوِ اسْوَدَّ مِنْ قومٍ وجوهٌ حوالِكُ
وَلَيْسَ يُنَجِّي الظَّالِمينَ اعْتِذَارُهُمْ و ليسَ يُنَجِّي المالكينَ الممالِكُ
فكيفَ قَراري في عَذَابِ جَهَنَّمٍ وَكَيْفَ وَقَدْ ضَاقَتْ عليَّ المَسالِكُ
وَبَيْنَ يديْ ما أَتْقِيه موانِعٌ وَبَيْنَ يديْ ما أَرتجيهِ مَهَالِكُ

[Эй кош, медонистам, ки орзуву омолам ҳама фиреб аст, пас, оё дар он руҳи мурдагон аст.

Эй кош, медонистам, ки рӯзи ба наздаш хондани Молик, оё Мавлоям бар ман раҳм намояд ё ҳалок гардам.

Чун қавме сафед карда шаванд, чеҳраашон мунир гардад ё қавме чун сияҳ карда шаванд, чеҳраашон мурда гардад.

Ҳамоно золимонро узри эшон наҷот надиҳад ва соҳибсарватонро сарвати эшон раҳо насозад.

Чи сон дар азоби ҷаҳаннам қарор гирам, ҳам чӣ сон бароям роҳ танг гардад.

Эмин мондан аз мамониат дар дасти ман аст ва ба сӯйи ҳалокат равона гаштан низ дар дасти ман аст] [5, с.131].

Дар зуҳдиёт шоирон маъмулан ба оёт ва таркибҳои қуръонӣ муроҷиат мекарданд ва ин шева яке аз вижагиҳои услубии ин навъи шеър маҳсуб мешуд. Дар адабиёти араб ин навъи зуҳдиёт махсусан дар эҷодиёти Абулатоҳия мақоми вижа дошт. Дар шеъри фавқуззикр низ таъсири возеҳи зуҳдиёти Абулатоҳия ба назар мерасад [1, с.38, 53].

Яке аз омилҳои ривоҷи зуҳдиёт дар давраи мазкур рушди бештар пайдо кардани улуми динӣ ва ташаккули ҷараёни сӯфия ба шумор меомад. Бештари шуарои ин аҳд, қабл аз ҳама, муҳаддисону фақеҳон ва уламои маъруфи замони хеш ва аз аҳли тасаввуф буданд, ки албатта, тафаккуру тахайюлоти онҳо дар шеър низ таҷассуми хешро пайдо намудааст. Лекин бояд тазаккур сохт, ки аз ашъори тасаввуфии ин давра шумораи каме то замони мо расидааст.

Маълум аст, ки суфия дар таъбир аз зоти илоҳӣ соҳиби тариқати хосси худ буданд. Аз зумраи шоирони мутасаввифи давраи мавриди назар Абулқосими Қушайрӣ маҳсуб меёбад. Ӯ дар тасаввуф рисолае низ навиштааст, ки таҳти унвони “ар-Рисолат-ул-Қушайрия” маъруфият дошта, афкори ирфониашро дарбар гирифтааст. Шеъри зерин аз андешаҳои ирфонии шоир сарчашма гирифта, Имодуддини Исфаҳонӣ онро намунаи барҷастаи шеъри Абулқосими Қушайрӣ маънидод кардааст:

و إذا سُقيتُ مِن المحبَّةِ مَصَّةً أُلْقَيْتُ مِنْ فَرْطِ الخُمارِ خِماري
كَمْ تُبْتُ قَصْداً ثم لاحَ عذارهُ فَخَلَعْتُ مِنْ ذاكَ العذارَ عذاري

[Чун аз оби муҳаббат ҷуръае нӯшидам, аз зиёдии хумор рӯйпӯшамро бадар сохтам.

Чӣ қадр бо ният тавба кардам ва чун чеҳрааш бидурахшид, аз дидани он рӯямро гум кардам] [5, с.70-71].

Аз зумраи шоирони мутасаввифи давр Ҳамидуддини Балхӣ маҳсуб мешавад, ки дар мақомоти худ дар баробари он ки андешаҳои олии ахлоқиро бо маънибардорӣ аз “Қуръон”-и маҷид ҷойгузин кардааст, мақомаи дувоздаҳуми “Мақомот”-ро ба мавзуи тасаввуф ихтисос додааст [3, с.86-98]. Байти зерин намунаи шеъри тасаввуфии шоир ба забони арабӣ мебошад, ки дар мақомаи мазкур зикр гардидааст:

أمطِرْ عَنِ الدُّرَرِ الزُّهْرِ اليَواقِيتا وَاجْعَلْ لِحَجِّ ثَلاقِينا مواقِيتا

[Аз дандонҳои чун марворид дурахшони худ борони ёқут бар мо нозил кун ва барои ҳаҷҷи дидори мо вақтҳои муайяне қарор бидеҳ] [3, с.92]

Байтҳои зерин намунаи ашъори ирфонии Ҳамидуддини Балхӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ мебошанд, ки дар мақомаи дувоздаҳум сабт гардида ва андешаҳои ирфонии шоирро дар беҳтарин ваҷҳ таҷассум сохтаанд:

Эй бандаи хирқаи кабудат
Дар ҷаннати адни ҳуллапӯшон.
Бар ёди лаби ту дар савомеъ
Зуҳҳоди замона боданӯшон.
Бишкаст лаби шакарфурӯшат
Бозори ҳама шакарфурӯшон [3, с.92].

Бояд тазаккур сохт, ки аҳли тасаввуф аз шеър фаровон истифода мекарданд, зеро оҳанги хуш ва суруд ҷузъе аз ҳаёту расми онон маҳсуб меёфт. Аз ашъори тасаввуфӣ пайдост, ки воқеан ҳам, отифаи динӣ бар ағлаби шуарои аҳди мазкур ғолиб омада буд. Онҳо дар ивази ғазалу тараннуми ишқ худро ба қаноатпешагию дурӣ ҷустан аз ҳавову ҳавасҳо ва айшу ишрати ин дунёи гузарон, тақвову парҳезгорӣ, равона гаштан ба роҳи рост ташвиқ месохтанд [7, с.331]. Пурсиши мағфирату раҳмати Худованд дар зуҳдиёти шоирони ин аҳд бисёр ривоҷ пайдо кардаанд, ки чунин ашъор бо номи “илоҳиёт” маъруф гардидаанд. Дар шеъри Ваҷиҳи Шаҳомӣ низ ҳамин маънӣ равшан таҷаллӣ намудааст:

إلهي ارْحَمْ بِفَضْلِكَ كلَّ عَبْدٍ لهُ عِلْمٌ بأَنَّكَ ذُو الجَلالِ
كما أَنْعَمْتَ في الدُّنْيا عَلينا فَتَمِّمْها بِمَنِّكَ في المآلِ

[Худовандо, бо фазилати худ ба ҳар як бандаат раҳм бинмо, ӯ медонад, ки ту бузург ҳастӣ.

Ҳаммонанди он ки дар дунё барои мо неъматҳоят арзонӣ доштаӣ, натиҷаашро низ бо бахшоиши худ мукаммал соз] [4, с.105].

Ҷанбаи дигари мундариҷавии зуҳдиётро панду андарз фароҳам меоварад. Дар ин қабил зуҳдиёт андешаву афкори зоҳидона перомуни даргузар будани ҳаёт, сафедии мӯи сар, риёкорию фиреб, бевафоии дӯстон, бахиливу пастҳиммативӣ, адовату ҳасадхӯрӣ, ғуруру такаббур ва дигар хусусиятҳои ахлоқи инсонӣ ва камбудиҳои ҷомеа баён гардидааст. Яъне, дар ин навъи зуҳдиёт камбудиҳои на шахсони алоҳида, балки айбу нуқсонҳои ҷамъият ошкор карда мешавад. Намунаи чунин зуҳдиёт чӣ дар адабиёти араб ва чӣ адабиёти форсӣ-тоҷикӣ фаровон мебошанд.

Яке аз мавзуъҳои маъмули зуҳдиёт муқобилагузорӣ намудани ҷавонию пирӣ маҳсуб меёбад, ки дар адабиёти араб таърихи қадима дошта, ҳанӯз дар эҷодиёти шоирони аҳди ҷоҳилӣ дучор мешавад. Дар аҳди исломӣ низ ин мавзуъ густариш ёфта, махсусан, дар эҷодиёти Абулатоҳия вижагии хос пайдо намудааст. Ташаккули бовусъати ин мавзуъ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ҳанӯз аз эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сарчашма гирифтааст. Мавзуи мазкур дар адабиёти араб минбаъд чунон рушд намуд, ки дар сарчашмаҳои адабӣ ва тазкираҳо онро дар фаслҳои алоҳида зикр кардаанд. Чунончи, дар “Дивон-ул-маонӣ”-и Абуҳилоли Аскарӣ фасли якуми боби ёздаҳум таҳти унвони “Васфи ҷавонӣ, пирӣ ва рангҳо” [2, с.503-514], дар “Мақомоти Ҳамидӣ”- и Ҳамидуддини Балхӣ мақомаи дувум мавсум ба “Дар бораи пирӣ ва ҷавонӣ” [3, с.12-19] гардида, ашъори дар мавзуи мазкур сурудашуда ва қиссаҳои марбут ба он гирдоварӣ шудаанд.

Аз мазмуну муҳтавои қасидаҳои давраи мавриди таҳқиқ бармеояд, ки шоирон дар партави тазоди пирию ҷавонӣ ҳамаи дарду ранҷ ва ормонҳои хешро ифшо сохтаанд. Ин шеваи баён имкон пеш меовард, ки шоирон афкори панду ахлоқӣ ва тахайюлоти фалсафии худро иброз доранд. Дар тасвироти шуаро айёми ҷавонӣ беҳтарин давраи рӯзгори инсонӣ буда, қувваи ҷавонӣ имкон медиҳад, ки ҳамаи душвориҳои зиндагӣ паси сар карда шавад. Аз ин хотир, Туғроии Исфаҳонӣ ҷавононро даъват бар он мекунад, ки ин давраи пурқимати ҳаёти худро ғанимат донанду аз он пурсамар истифода намоянд:

أَمَّا الشَّبِيبَةُ و النَّعيمُ فإنَّني لمْ أَدْرِ أَيُّهُما أَلَذُّ وأَنْضَرُ
حَتّى انْقَضى عُمْرُ الشبابِ فبان لي أَنَّ الشبابَ هو النَّعيمُ الأكْبَرُ
لا تَخْدَعَن عنه فبائِعُ ساعةٍ مِنْهُ بِدُنْياهُ جَمِيعاً يَخْسَرُ

[Лек ҷавонию неъматҳои ҳаёт, ба дурустӣ намедонам, ки кадоме аз онҳо ширинтару шукуфонтар бошад.

Чун умри ҷавонӣ зудгузар аст, маълумам шуд, ки ҷавонӣ худ бузургтарин неъмат аст.

Пас ҷавониро бар ҳадар магзарон, зеро касе як соати онро беҳуда гузаронад, ҳама дунёашро аз даст медиҳад] [4, с.106].

Аммо бо фаро расидани айёми пирӣ заҳмату бори гарони рӯзгор бештар эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, шикоят аз пирӣ яке аз мавзӯъҳои дӯстдоштаи шоирон ба шумор меравад. Дар аҳди мазкур низ намунаи зиёде аз ашъори шоирон дар ин мавзӯъ иншо гардидааст. Баъзе аз шоирон оҳангҳои шикоят аз пириро тавассути инъикоси дигаргуниҳои рӯзгори худ, нав гардидани маҷрои ҳаёт ба қайд овардаанд. Аз ҷумлаи онҳо шеъри Афзалуддин ибни Ҳайсами Исфаҳонӣ мебошад, ки аз рафтани айёми шабоб изҳори нигаронӣ намудааст:

آهٍ لذاك زَمَناً عَنِّي على رَغْمي انطَوى
عَصْرُ شَبَابٍ قَدْ مَضَى عَصْرُ مَشِيبٍ قد ثوى
نَجْمُ نَشَاطٍ ما خَوَى رَجْمُ بِلاطٍ مَا هَوَى

[Оҳ аз ин замона, ки бар хилофи хоҳиши ман зудгузар аст.

Айёми ҷавонӣ рафту аҳди пирӣ фаро расид.

Ситораи нишоту фаъолият гум нашуд ва санги қабр низ сарозер нарафт (Яъне, зиндагӣ бо ҳама хубиву бадиҳо идома меёбад)] [4, с.226].

Низомулмулк низ дар ашъораш аз заъфи худ дар пирӣ сухан карда, барои тақвияти сухани худ санъати талмеҳро мавриди истифода қарор дода, ба қиссаи паёмбар Мӯсо ва асои ӯ ишорат кардааст:

بَعْدَ الثَّمَانِينَ لَيْسَ لي قُوَّة لَهْفي على قوَّة الصُّبوُّة
كأَنَّني و العَصا بكفّي موسى؛ و لكن بلا نُبُوَّة

[Баъди ҳаштод маро қуввате намонда ва аз қуввати рафтаи ҷавонӣ ҳазин гардидаам,

Монандаи онам, ки асо бар кафи Мӯсост, вале бидуни нубувват] [5, 60].

Дар ашъори баъзе шоирон мавзӯи шикоят аз пирӣ дар пайвастагӣ бо ҷудоии онҳо аз маъшуқаҳо бозтоб гардидааст. Чунончи Абевардӣ иброз доштааст, ки бо пайдо гаштани аломатҳои пирӣ дӯстдоштааш Умайма аз ӯ рӯ гардонд ва бо ин сабаб байни онҳо ҷудоӣ афтода, шоир акнун танҳо дар хаёли худ ёди гузашта мекунад. Таассуф бар он мехӯрад, ки баробари омадани пирӣ айёми муҳаббати ӯ низ поён ёфт ва ин тазоди ҷавонию пирӣ бо сабки шево баён гардидааст:

صَدَّتْ أُمَيمَةُ حينَ لاحَ بِمفرِقي شَيْبٌ يُبَرِّحُ بِالحبِّ الوامِقِ
لا تُعْرِضي عَنِّي فَأنتِ جَنَيتِهِ وَ هَواكِ قَنَّعَ بالمَشيبِ مَفارِقي
و لقد خَلَعْتُ عَليكِ ما اسْتَحسَنْتُهُ و هُوَ الشَّبابُ وَ ذاكَ جُهد العاشِقِ
فَتَرَكْتني أرْعَى النُّجومَ بِناظِرٍ يَشكُو الغَرامَ الى فؤادٍ خافِقِ

[Умайма дурӣ гузид, вақте бар пешонаам асари пирӣ намоён гашт, зеро пирӣ заволи ишқи ҷавонист.

Дурӣ маҷӯй аз ман, ки ту худ боиси пирии ман гаштӣ, зеро ин ишқи туст, ки тори сари маро бо мӯйи сафед пӯшонид.

Он чиро, ки беҳтарин мешуморидам, бароят бубахшидам, ки он ҷавонӣ асту дар он қуввати ошиқ аст.

Маро тарк гуфтӣ, дар ҳоле ки ман ба ситорагон назар дӯхта будам ва чашмонам аз шавқи сӯзон ба дили ларзонам шикоят мекарданд] [5, с. 326-327].

Дар эҷодиёти бисёре аз шуарои классикии араб ва дар назми давраи мавриди таҳқиқ низ порчаҳои шеърие дида мешаванд, ки дар онҳо мӯи сиёҳ бо сафед муқобилгузорӣ карда шуда, ҷавонӣ ба шаб ва пирӣ ба субҳгоҳ ташбеҳ дода мешавад. Чунончи, дар шеъри Туғроии Исфаҳонӣ мӯи сиёҳ ба сиёҳии шаб ва мӯи сафед ба субҳгоҳ ташбеҳ дода шуда, пайдо шудани мӯйҳои сафед дар сар нишонаи наздик гардидани поёни умр ҳисобида шудааст:

شيبٌ أُفِيضَ على الشَّبابِ كما كَشَفَ الدِّياجي غُرَّةُ الفَجْرِ
صِبْغَانِ مُقْتَبَسَان مِنْ صِبغيها طَلَعا بِلَوْنِها على شعري
هذاك مركوبي و تلكَ حبيبتي بهما قَطَعْتُ مَسَافَةَ العُمْرِ

[Пирӣ бар ҷавонӣ зафарёб мегардад, ҳамчунон ки дамидани субҳ бар сиёҳии шаб ғолиб меояд.

Ду ранги мӯйҳои ман баргирифта аз торикии шабу сапедии субҳ аст, ки бо ду ранги худ дар мӯйҳои ман намоён гардиданд.

Ин маркаби ман асту он маъшуқаи ман ва ман бо ин ду масофаи умрро кӯтаҳ кардаам] [4, с.123].

Дар байти зерини Абевардӣ “сабоҳи пирӣ” ва “шабонгаҳи ҷавонӣ” тазод шудааст:

فَجَلا صَباحَ الشَّيْبِ حِينَ حَكى لَيْلَ الشَّبِيبَة ثَغْرُهُ الرَّتَلِ

[Сабоҳи пирӣ таҷаллӣ намуд, ҳине ки шабонгаҳи ҷавонӣ аз соҳили обшораш ҳикоят намуд] [5, с.346].

Дар шеъри аҳди мазкур ашъоре дучор мешаванд, ки дар онҳо самаранок истифода бурдани овони пирӣ ва дар корҳои нек масраф намудани он тараннум гардидааст. Ҳамин хусусият дар шеъри Ҳамидуддини Балхӣ таҷаллӣ намудааст:

إذا غَلَبَ المَشِيبُ على الشَّبابِ هُدِيتُ الى خفيَّات الصّوابِ
فأهلاً بالمشيبِ فإنَّ فيه مُزاولةَ الخلاعةِ النَّصابي

[Чун пирӣ бар ҷавонӣ зафар ёфт, худро ҷониби корҳои савоб ҳидоят созам.

Пас марҳабо бар пирӣ, ки дар он заволи гунаҳкорию ошиқист][5, 113; 3, 35].

Дар шеъри дигари Ҳамидуддини Балхӣ мавзӯи пирӣ бо талмеҳи қиссаи паёмбар Исои Масеҳ ва нафаси офиятбахши ӯ баён гардидааст:

أَنْذَرِكَ الشَّيْبُ فَخُذْ نُصْحَهُ فإنَّما الشَّيْبُ نذيرُ نصيحْ
علَّةُ الشَّيْبِ إذا ما اعْتَرَتْ أَعْيَتْ و لو كان المداوي المسيحْ
لا تَحْسَبُوا الشيبَ صموتَ اللّها فإنَّه في عارضَيْكم يَصِيحْ

[Пирӣ туро ҳушдорӣ диҳад, пас насиҳаташро гӯш андоз, зеро ки пирӣ худ назири насиҳат аст.

Иллати пирӣ чун тасодуф зи таҳи по пайдо гардад ва дар сурате ки Масеҳ табибаш набошад, касро нотавону хастаҳол созад.

Пириро сукути беэътибор машморед, ки он дар рӯи шумо фарёд мезанад] [5, с.113-114; 3, 35].

Таҳлили ашъори дар мавзӯи ҷавонӣ ва пирӣ сурудашуда нишон медиҳад, ки дар онҳо суннатҳои шеъри араб ва форсу тоҷик ва тимсолҳои маъмулии он, ба монанди зикри маъшуқаҳои рамзӣ дида мешаванд.

Зуҳдиёт дар баробари танқиду фош кардани нуқсонҳои ҷамъиятӣ, афкори панду ахлоқиро дар заминаи тачрибаи инсонӣ ва ё санҷишҳои худи шоир перомуни некиву бадӣ дар бар дорад. Дар ин давра шоироне ба майдони адабиёт ворид шуданд, ки тавассути даъвати мардум ба некию накӯкорӣ, ҳимматбаландию шарафмандӣ, дурӣ ҷустан аз бадию бадкирдорӣ андешаҳои зоҳидонаи хешро иброз медоштанд. Аз зумраи шоирони чунин шеваи баёнро пайравӣ намуда Туғроӣ мебошад. Дар зуҳдиёти Туғроӣ рӯҳи боризи ашъори Мутанаббӣ ҳувайдо аст, ки мисоли возеҳи он байти зайл аст:

و إذا الفتى عرف الرشاد لنفسه هانت عليه ملامةُ الجهال

[Агар ҷавонмард идроку шуури худро бидонад, барояш маломати ҷоҳилон арзише надорад] [12, с.425].

Манзилати инсон дар маркази таваҷҷуҳи шоирон қарор дошта, аз фалсафа ва нуқтаи назари онҳо перомуни зиндагӣ, инсон ва ҳастиву олам сарчашма мегирад. Шоирон дар ҳамон вазъи изтиробомези сиёсӣ, муборизаҳои мазҳабӣ ва фасоди ахлоқӣ аз сохтакориҳои ҳаёт дурӣ меҷӯянд ва ба тақвову парҳезгорӣ паноҳ мебаранд. Дар шеъри дигари худ Туғроӣ мавзӯи парҳезгорию тақворо тавассути даъват ба шукргузорию сабурӣ тақвият бахшидааст:

أَلَمْ تَرَ أَنَّ الشُّكْرَ للصَّبْرِ تَوْأَمٌ وانَّهما ذُخْرَانِ للعُسْرِ و اليُسْرِ
فَلَمْ أَرَ مِثْلَ الشُّكْرِ حارسَ نِعْمَةٍ و لا ناصِراً عِنْدَ الكريبةِ كالصَّبْرِ
وما فَضَل الإبريزُ اِلَّا لأَنَّهُ صَبُورٌ عَلَى ما مَسَّهُ وَهَجُ الجَمْرِ

[Оё намебинӣ, ки шукру сабр бо ҳам тавъаманд, он ду захираҳое “баҳри душвориву осонӣ”бошанд.

Пас мисли шукр посдору нигаҳбонеро дар неъматнамебинам ва дар майдони ҳарб ҳамчу сабр зафарманденабошад.

Бартарияти тиллои холис дар чист, ба ҷуз он ки дар гудохтани лахчаи оташ сабур бошад] [4, с.105].

Ҳамин гуна даъват ба сабру таҳаммул чун мазҳари озодагӣ дар қасидаи “Ломият-ул-аҷам”-и Туғроӣ низ садо додааст:

فاصبر لَها غَيْرَ مُحْتالٍ و لا ضَجِرٍ في حادثِ الدّهر ما يُغْني عَنِ الحِيَلِ

[Дар гаҳи бечорагӣ сабре куну озода бош, чунки даври осмон худ мекунад чорагарӣ] [4, с. 68; 13, с.55; 10, с.17-18].

Афзалуддин ибни Ҳайсами Исфаҳонӣ зуҳду парҳезгориро дар қаноатпешагӣ мебинаду чунин андеша дорад, ки инсони қаноатпеша ба чизи кам ҳам қонеъ мешавад. Шоир ба таври муқобилагузорӣ ҳаёти бенавоён ва сарватмандонро бо ҳам қиёс мекунад:

يَحْيَا الفقير بطعمٍ سَدَّ مِنْ رَمَقٍ وَقَدْ يَمُوتُ غَنِيُّ القومِ بالبَطَنِ

[Бенаво ба як луқмае зинда асту ҳаёти хеш ҳифз мекунад, дар ҳоле ки сарватманд зи пушти шикам маргро дармеёбад] [4, с.233].

Ҳамин маънӣ дар байти зерини Туғроӣ низ барҷаста ба назар мерасад:

وَدَعْ غِمَارَ العُلا للمقْدمين على ركوبها و اقتنع مِنْهُنَّ بالْبَلَلِ

[Кори дарёро ба дасти марди дарёдон супор, ту қаноат кун аз он дарё бад-ин андактаре][4, с.67; 13, с.55; 10, с.14].

Дар ашъори баъзе аз шоирони давр оҳанги зоҳидона ба василаи баёни андешаи он, ки инсон аз марг роҳи гурез надорад, инъикос гардидааст. Ҳамин маъниро дар байти зерини Туғроӣ пайдо кардан мумкин аст:

فإنْ جَنَحْتَ إلَيهِ فَتَّخِذ نَفَقا فى الأرضِ أوْ سُلَّما فِى الجَوِّ فَاعْتَزِلِ

[Офиятро хона бояд дар буни ғоре кунӣ, ё ки узлатро ба авҷи осмон бояд барӣ] [4, с.66; 13, с.55; 10, с.14].

Афкори зоҳидонаи Азиз ибни Муҳаммади Шамлакӣ ба воситаи таҷассуми сифатҳои ҳақиқии инсони комил баён гардидааст:

فَعِرْضُ المؤمنُ الزَّاكي يحاكي لهُ دَمَهُ كما جاءَ الحديثُ

[Обрӯи марди муъмини пок ба монанди хуни ӯст, ончунонки дар ҳадиси набавӣ омада] [4, с.149].

Афкори зоҳидонаи баъзе аз шоирон ба воситаи изҳори ғояҳои инсондӯстӣ ва дар ҳолатҳои дармондагию афтодаҳолӣ мададрасони якдигар будани инсонҳо ифода гардидааст. Ҳамин мазмун дар шеъри Қозӣ Зайнулисломи Ҳаравӣ возеҳ ба чашм мерасад:

إِخْتَرْ لِغَيْرِكَ ما تُحِبُّ لِنَفْسِكا و اعْمَلْ لِيَوْمِكَ و اعْتَبِرْ مِنْ أَمْسِكا
أسرع الى دار الخلودِ بِطاعةٍ و بأَنْ تكونَ عنِ المعاصي مُمْسِكا

[Чизеро, ки ба худ мехоҳӣ, ба дигарон низ ҳамонро кун ва кори имрӯзаатро ба фардо магузору аз дирӯзи худ сабақ омӯз.

Ба дунёи ҷовидонӣ бо тоат шитоб намо, то аз гуноҳон эмину дар амон бошӣ] [5, 23].

Дар шеъри мазкур зарбулмасалҳои форсӣ-тоҷикӣ “Он чиро, ки барои худ мехоҳӣ, барои дигарон низ ҳамонро кун” ва “Кори имрӯзаро ба фардо магузор” устодона мавриди истифода қарор гирифтааст.

Андешаҳои зоҳидона, ҳамчунин, ба василаи бозтоби ҷомеае, ки дар он ҷоҳил дар маснади фармонравоӣ қарор дошта бошад ва баръакс, аҳли илму адаб хору залил бошанд, ба мушоҳида мерасад. Ҳамин оҳанг дар зуҳдиёти Абевардӣ садо дода, шоир изҳор менамояд:

غاضَ الكرامُ كما فاضَ اللّئامُ بهِ فالخيرُ مُجتنَبٌ و الشَّرُّ متبوعُ
و ما لهم نَسَبٌ لكِنْ لَهُم نَشَبٌ و كُلُّ لُؤمٍ به في الناس مَرقوعُ

[Олиҳиммате аз байн рафтаву пастфитратӣ ривоҷ ёфта, пас аз накӯкорӣ дурӣ ҷӯянду бадиро биписанданд,

Онҳое, ки аслу насабе надоранд, соҳиби сарвату давлатанд ва ҳар фурӯмояе ба воситаи сарват байни мардум мақом пайдо кардааст] [5, с.313].

Танқиди шахсони сифлаву пастҳиммат дар зуҳдиёти шоирон мавқеи муҳим дошта, тавассути нишон додани рафтору кирдорҳои онҳо ба ин гуна мардумон баҳогузорӣ карда мешавад. Дар шеъри Абумузаффари Абевардӣ симои шахси бахил воқеӣ тасвир гардида, шоир бо мазаммати рафтори онҳо назари манфии худро нисбат ба чунин тоифа баён доштааст:

فداءٌ مِنَ الأقوامِ كلُّ مُبَخَّلٍ لهُ مَنْظَر حُرّ ومختَبَرٌ عَبدُ
إذا بَسَطَ المَدْحُ الوجوهَ وَأَشْرَقَتْ زَوَى بَيْنَ عَيْنِهِ على الشّاعِرِ الوَغدُ

[Бахилӣ дар миёни мардум беморист ва ӯ дар бахилии худ монанди ғулом аст.

Гар тавсифашро густардатар намоем, пастию беҳимматиаш миёни чашмонаш гирд омадааст] [5, с.262-263].

Дар ашъори бархе аз шоирон ақидаҳои инсондӯстӣ тавассути танҳо бо некандешиву хайрхоҳӣ муносибат кардан ба мардум таҷассум гардидааст. Ин андеша дар байти зерини Зайнулисломи Ҳаравӣ бо зикри мақоли халқии “Чизеро ба худ мехоҳӣ, ба дигарон низ ҳамон бихоҳ” ифода гардидааст:

إِخْتَرْ لِغَيْرِكَ ما تُحِبُّ لِنفْسِكا و اعْمَلْ لِيَوْمِكَ و اعْتَبِرْ مِنْ أَمْسِكَا

[Ба дигарон ҳамонро бихоҳ, ки барои худ мехоҳӣ, пас барои рӯзии худ амал намову худро устувор дор] [5, с.23].

Шоирон саодати инсонро дар ризоияти пайвандон, истодагарию устуворӣ дар муқобили душманон, дӯстӣ варзидан ва некӣ кардан ба дигарон медонанд. Ҳамин маънӣ дар шеъри Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад ибни Арслон ибни Муҳаммади Котиб чунин баён шудааст:

إذا المرءُ لمْ تُرْضِ العُفَاةَ صِلاتُهُ ولمْ تَرْغَمِ القَوْمَ العِدى سَطَواتُهُ
وَلَمْ يُغْنِ في الدُّنْيا صَدِيقاً ولم يكُنْ شَفِيعاً لهُ في الحَشْرِ مِنْهُ بَخَاتُهُ
فإنْ شاءَ فَلْيَهْلَكْ، وإنْ شاءَ فَلْيَعِشْ فَسِيَّانِ عِنْدِي موته و حياتُهُ

[Агар мард пайвандони худро хушнуд насохт ва бар душманонаш бо қудратмандӣ пирӯз нагардид.

Ва дар дунё ба дӯсте дилсӯзӣ накард, пас дар рӯзи растохез касе шафоатгараш набошад.

Чунин мард хоҳ бимирад ва хоҳ зиндагӣ бикунад, пеши ман маргу ҳаёти ӯ баробар аст] [5, с.124].

Дар назми давр, ҳамчунин, андешаҳои зоҳидона ба тариқи айби дигаронро наҷустан, дурӣ гузидан аз суханчинӣ ва перомуни ҳоли худ андеша кардан низ ба назар мерасанд. Ҳамин гуна маъниро дар шеъри Мисбоҳи Шоракӣ пайдо кардан мумкин аст, ки аз рӯи ҷаҳолат ба ҳоли дигарон хандиданро намеписандад ва чунин андарз медиҳад:

يا مَنْ بكَى جهلاً على غيرهِ إبْكِ على نَفْسِكَ لَوْ تعقلُ
فأَنْتَ مِنْ مَشْرَبْهمْ تَسْتَقِي وأَنْتَ في مَسْلَكِهِمْ تَرْسِلُ

[Эй оне, ки аз рӯи нодонӣ бар ҳоли дигарон ашк мерезӣ, ба ҳоли худ гиря кун, агар соҳибақл бошӣ.

Зеро ту низ аз машраби онҳо бинӯшӣ ва дар маслаки онҳо биравӣ] [5, с.18].

Омӯзиши зуҳдиёт нишон медиҳад, ки он дар адабиёти арабизабони давраи мавриди назар ривоҷи зиёд дошта, шоирон тавассути онҳо аз ҳамон вазъи изтиробомези сиёсӣ, муборизаҳои мазҳабӣ ва фасоди ахлоқӣ, аз сохтакориҳои ҳаёт дурӣ меҷӯянд ва ба тақвову парҳезгорӣ паноҳ мебаранд. Сурудани зуҳдиёт барои шоирон натанҳо як ҷузъе аз имону дин, балки як навъ вокуниши онҳо ба ҷабру зулми фалак ва шиква аз замон ба шумор мерафт.

Муқарриз: ***Қосимов Ҷ.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулатоҳия, Исмоил ибн ал-Қосим. Дивон Абилатоҳия / Исмоил ибн ал-ҚосимАбулатоҳия. - Байрут: Дор Байрутли-т-тибоъава-н-нашр, 1406/1986. - 511 с.
2. Ал-Аскарӣ, Абуҳилол. Дивон-ул-маонӣ. Шараҳаҳу ва забата нассаҳу Аҳмад Ҳасан Басаҷ / Абуҳилол ал-Аскарӣ. - Байрут-Лубнон: Дор-ул-Кутуби-л-илмия, ат-табъат-ул-уло, 1414/1994, адад-ул-аҷзоъ - 2. - 599 с.
3. Балхӣ, Ҳамидуддин Маҳмудӣ. Мақомоти Ҳамидӣ. Тасҳеҳи Ризо Анзобинажод / Ҳамидуддин Маҳмудии Балхӣ. - Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1365. - 292 с.
4. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср фӣ зикр фузало аҳл Исфаҳон. Тақдим ва таҳқиқ ал-Аднон Муҳаммад Ол Туъма / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ. - Теҳрон: Дафтари нашри мероси мактуб, Ойинаи мерос (Миръот-ут-турос), 1419/1999. - 366 с.
5. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср фӣ зикр фузало аҳл Хуросон ва Ҳирот. Тақдим ва таҳқиқ ал-Аднон Муҳаммад Ол Туъма / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ. - Теҳрон: Дафтари нашри мероси мактуб, Ойинаи мерос (Миръот-ут-турос), 1419/1999. – 406 с.
6. Зайф, Шавқӣ. Ал-Фанн ва мазоҳибуҳу фи-ш-шеъри-л-арабӣ / Шавқӣ Зайф. - Дор-ул-Маориф би Миср, Мактабат-уд-диросоти-л-адабия, ат-табъат-ул-ҳодия ашара. – 528 с.
7. Зағлул Салом, Муҳаммад. Ал-Адаб фи-л-асри-л-Айюбӣ / Муҳаммад Зағлул Салом. - Миср - ал-Искандария, 1990. – 595 с.
8. Мардони, Т.Н. Влияние арабской поэзии на творчество персидско-таджикских поэтов XI-XII вв / Т.Н. Мардони. – Душанбе: Дониш, 2020. – 380 с.
9. Ал-Мутанаббӣ, Абутаййиб Аҳмад ибн ал-Ҳусайн. Дивон ал-Мутанаббӣ / Абутаййиб Аҳмад ибн ал-Ҳусайн ал-Мутанаббӣ. - Байрут: Дор Байрут ли-т-тибоъа ва-н-нашр, 1403/1983. – 583 с.
10. Муҳаққиқ, Маҳдӣ. Тарҷумаи мансур ва манзуми қасидаи “Ломият-ул-аҷам”-и Туғроии Исфаҳонӣ / Маҳдии Муҳаққиқ. - Исфаҳон: Маҷаллаи илмӣ-пажӯҳишии донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Исфаҳон, давраи дувум, шумораи бистум ва бисту якум, 1379/2001. - С. 1-26.
11. Раҷабова М.Т. Тазкираи “Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ ва аҳаммияти адабии он // М.Т. Раҷабова. Монография. - Душанбе, 2021. – 200 с.
12. Ат-Тоҳир, Алӣ Ҷавод. Аш-Шиър-ул-арабӣ фи-л-Ироқ ва билоди-л-Аҷам фи-л-асри-с-Салҷуқӣ / Алӣ Ҷавод ат-Тоҳир. - Байрут-Лубнон: Дор-ур-Роиди-л-арабӣ, ат-табъат-ус-сония, ҷузъон фӣ муҷаллад воҳид, 1405/1985. – 560 с.
13. Ат-Туғроӣ, Абуисмоил. Дивон ат-Туғроӣ / Абуисмоил ат-Туғроӣ. - Матбаъа ал-Ҷавоиб би-л-Қустантиния, 1881/1300. – 145 с.
14. Шидфар, Б.Я. Образная система арабской классической литературы(VI-XII вв.) / Б.Я. Шидфар. - Москва: Наука, 1974. – 253 с.
15. Ал-Қуръон-ул-карим. Иъдод ва муроҷаъа ва тадқиқ Марвон Нуриддин Сивор. - Димашқ: Дор-ул-Фаҷри-л-исломӣ, ат-табъат-ул-ошира, 1423/2002. – 610 с.

ВИЖАГИҲОИ ЗУҲДИЁТ ДАР НАЗМИ АРАБИЗАБОНИ САДАҲОИ XI-XII

Дар мақолаи мазкур вижагиҳои зуҳдиёт дар назми арабизабони садаҳои XI-XII мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.Таъкид гардидааст, ки дар давраи мавриди назар дар радифи дигар навъҳои шеърӣ зуҳдиёт низ босуръат рушд намуда, дар инъикоси эҳсосу андешаҳои аҳли тасаввуф ва ҷамъиятҳои динӣ хеле муассир афтода буд. Яке аз омилҳои ривоҷи зуҳдиёт дар давраи мазкур ривоҷи бештар пайдо кардани улуми динӣ ва ташаккули ҷараёни сӯфия ба шумор меомад. Бештари шуарои ин аҳд, қабл аз ҳама, муҳаддисону фақеҳон ва уламои маъруфи замони хеш ва аз аҳли тасаввуф буданд, ки албатта, тафаккуру тахайюлоти онҳо дар шеър низ таҷассуми хешро пайдо намудааст. Аз муҳтавои мақола бармеояд, ки зуҳдиёт дар баробари

танқиду фош кардани нуқсонҳои ҷамъиятӣ, афкори панду ахлоқиро дар заминаи таҷрибаи инсонӣ ва ё санҷишҳои худи шоир перомуни некиву бадӣ дар бар дорад. Дар ин давра шоироне ба майдони адабиёт ворид шуданд, ки тавассути даъвати мардум ба некию накӯкорӣ, ҳимматбаландию шарафмандӣ, дурӣ ҷустан аз бадию бадкирдорӣ андешаҳои зоҳидонаи хешро иброз медоштанд. Манзилати инсон дар маркази таваҷҷуҳи шоирон қарор дошта, аз фалсафа ва нуқтаи назари онҳо перомуни зиндагӣ, инсон ва ҳастиву олам сарчашма мегирад. Шоирон дар ҳамон вазъи изтиробомези сиёсӣ, муборизаҳои мазҳабӣ ва фасоди ахлоқӣ аз сохтакориҳои ҳаёт дурӣ мечӯянд ва ба тақвову парҳезгорӣ паноҳ мебаранд.

Калидвожаҳо: Абевардӣ, Абулатоҳия, Адамӣ, Мутанаббӣ, Маарриӣ, Натанзӣ, Насафӣ.

ОСОБЕННОСТИ ЗУХДИЯТ В АРАБОЯЗЫЧНОЙ ПОЭЗИИ XI-XII вв.

В данной статье изучаются особенности зухдият в арабоязычной поэзии XI-XII вв. Подчеркивается, что в этом периоде наряду с другими поэтическими жанрами зухдият также интенсивно развивался и оказывал значительное влияние на мировоззрение представителей суфизма.Одним из факторов развития зухдията в эту эпоху являлся расцвет религиозных наук. Большинство поэтов времени, прежде всего, были знатоками хадисов, богословами и знаменитыми учёными своего времени и одновременно считались последователеми суфизма, и, конечно, их мышление отражалось в их поэзии. Из содержания статьи становится очевидным, что аскетизм одновременно с критикой и разоблачением недостатков общества содержит нравоучения и наставления на основе человеческого опыта или испытаний относительно доброты и злости. В данном периоде на литературное поприще вступили такие поэты, которые выражали свои аскетические мысли посредством призыва людей к доброте и отзывчивости, великодушию и благородству, удалённости от злости и дурного поведения. Основное внимание поэтов направлено на местоположение человека в обществе и вытекает из их философии и взглядов о жизни, человечестве, бытии и вселенной. Поэты в волнительном и тревожном политическом положении своей эпохи, противоборстве религиозных течений и нравственных развращенностей общества отдалялись от притворства жизни и находили пристанище в аскетизме и анорхете.

Ключевые слова:Абиварди, Абулатохия, Адами, Мутанабби, Маарри, Натанзи, Насафи.

FEATURES OF ASCETICISM IN ARABIC POETRY OF XI-XII CENTURIES

This article examines the features of asceticism in Arabic poetry of the XI-XII centuries. It was noted that during this period, along with other types of poetry, asceticism also developed rapidly and was very effective in reflecting the feelings and ideas of mystics and religious communities. One of the factors in the development of asceticism during this period was the development of religious sciences and the formation of the Sufi movement. Most of the poets of this covenant, first of all, were well-known muhaddiths, jurists and scholars of their time, as well as mystics, whose, of course, their thinking and imagination were also reflected in poetry. From the content of the article it follows that asceticism, along with criticizing and exposing social shortcomings, includes moral and ethical thought based on human experience or the poet's own tests of good and evil. During this period, poets entered the field of literature, expressing their thoughts through the call of the people to goodness, generosity, honor, avoidance of evil and evil deeds. The place of man is in the center of attention of poets and is rooted in their philosophy and views on life, man and the universe. In the same turbulent political situation, religious struggles and moral corruption, poets seek refuge in piety and piety.

Key words: Abevardi, Abulatohiya, Adami, Mutanabbi, Maarri, Natanzi, Nasafi.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновна***- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **rajabova.marhabo@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987-50-99-68**

Сведение об авторе: ***Раджабова Мархабо Тухтасуновна***- Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе пр. Рудаки 17. E-mail: **rajabova.marhabo@mail.ru.** Тел.: **(+992) 987-50-99-68**

Information about the author: ***Rajabova Markhabo Tukhtasunovna*** – Tajik National University, the candidate of philological sciences, associate professor of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **rajabova.marhabo@mail.ru.** Tel.: **(+992) 987-50-99-68**

УДК: 82-2

ЗАМОН ВА МАКОНИ АМАЛ ДАР НАСРИ СОРБОН

Ҳошимова Х.А.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Бояд гуфт, ки зиндагиномаи нависандагон дар таҳқиқи амиқи осори онҳо маводи арзишманде мебошад, зеро дар унсурҳои тасвири бадеӣ, масъалаҳои ғоявию бадеӣ, дар тасвири ахлоқу маънавиёт ва умуман таркиби воқеаҳои сужет баъзе лаҳзаҳои тарҷумаҳолии хешро ҳамчун «маводи зинда» ба кор мебаранд. Ҷиҳати дигари хосси характерноке, ки дар эҷодиёти нависандагон ба назар мерасад, дар прототипҳо ва образу персонажҳо ба тасвир гирифта шудани наздикон ва ошноҳояшон мебошад. Дар эҷодиёти Сорбон ин ҷиҳатҳо низ қариб дар аксарияти асарҳояш (дар ҳикояи «Хоб», «Сайёд», «Гови Мир», «Халифа», «Одаму Ҳавво», қиссаҳои хурди «Оташбасар», «Кушиш», қиссаҳои «Ҷӯгӣ», «Шинел», «Сабо», «Чархи эҳтиётӣ», оғози китоби якум ва чаҳор боби аввали китоби дувуми «Зарафшон», романи «Актёр») ба назар мерасад, ки ба таҳаввул ва такмили ҳунари нависандагии ӯ мусоидат намудаанд.

Дар китоби «Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон» муҳаққиқ Д. Қаюмова баъзе вижагиҳои ҳунарии осори Сорбонро дар ифодаи бадеӣ ба хубӣ инъикос намудани руҳи замон донистааст. Ҳамзамон аз эҷодиёти Сайф Раҳимзод, Абдулҳамид Самад, Карорматулло Мирзоев мисолҳо оварда, ифодаи руҳи замонро таҳлил карданӣ шудааст. Ба назар мерасад, ки муҳаққиқ моҳияти мавзуъ, мавқеи замон ва маконро дар асари бадеӣ дуруст дарк накарда, бо нақли матни сужети асар ва то андозае муайян намудани ғояи бадеии он маҳдуд шудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ мегӯяд, ки «тобеъ будан ба замон ва фаромӯш кардану нодида гирифтани имконияту маҳдудияти макон боиси хорию зиллати халқ гардидааст. Вагарна мо дар оғози салтанати шӯравӣ ҳазорон ҷилд китобу ҳазорон ҳазор шахсиятҳои фарҳангиямонро ба боди фано намедодем, шаҳру марказҳои бузурги таърихиямон, ки гаҳвораи тамаддуни ҷаҳон мебошанд, аз даст намерафт...» [5, с.169]. Ба ҳамин гуна андешаҳои номафҳум вобаста кардани маҳрумиятҳои халқи тоҷик аз арзишҳои миллӣ бинобар тобеъ будан ба руҳи замон ҳеҷ як муносибате дошта наметавонад. Дигар ин ки бояд руҳи замон, макон ва ҳофизаи таърихӣ дар осори Сорбон мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода мешуд, яъне замони рӯйдоди воқеаҳо, макони ба тасвиргирифтаи муаллиф ва роҳу воситаҳои баёни он мушаххас муайян карда мешуд.

Метавон гуфт, ки мактаби аввалини Сорбон падар – Ҳамроҳи Қодир ва модар – Биёдгор будааст. Нависанда дар китоби якуми романи «Зарафшон» ва баъдан дар мусоҳибааш бо Фотеҳ Абдулло дар ин бора чунин ёдовар мешавад: «Падарам доно ва носеҳ буд. Бисёр афсона медонист ва зиёд китоб мехонд... Хубтарин хислати инсонӣ дар сиришти инсон буд ва маро намунаву рисолати зиндагӣ» [18, с.321]. Ҳамчунин дар ин мусоҳиба нависанда мегӯяд, ки дар чеҳраҳои Бурҳон ва зани вай маҳз сурату сирати падару модари хеш – Ҳамроҳи Қодир ва Биёдгорро нигоштааст. Сорбон дар муҳити хонаводагие ба камол расидааст, ки ба онҳо муҳимтарин унсурҳои оилавӣ, муносибати баланди ахлоқии волидон, ҳурмату эҳтиром нисбат ба якдигар хос будааст. Дар чунин муҳит ба камол расидани Сорбони яккаписар – модари меҳрубон ва падари пуркудрат дар оянда шахсияти ӯро ҳамчун нависанда тарбият менамояд.

Дар муқаддимаи ҷилди якуми «Куллиёт»-и Сорбон «дӯсти ҷамолакӣ»-и нависанда адабиётшинос А. Сатторзода дар ин хусус чунин менависад: «Ман, ки ифтихори ошноии наздик бо волидайни бузургвори муаллифро доштам ва хушбахтона борҳо аз суҳбатҳояшон баҳра бурдаам ва ба Амондара сафарҳо зиёд кардаам, вақте ки он саҳифаҳоро мехонам, пеши назарам он чеҳраҳои азизу он манзараҳои шинос бо тамоми зебоӣ ва барҷастагӣ зинда намудор мешаванд» [14, с.7].

Дар эҷодиёти устод С.Айнӣ низ асарҳои «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (1940) ва «Ёддоштҳо» (1948-1954) макони воқеаҳову ҳодисаҳо ва дигаргуниҳои таърихӣ ба ҳаёти нависанда алоқаманд мебошад ва ба қавли худи нависанда дар асарҳояш «ба сифати материали асосӣ хизмат кардаанд» [1, с.7]. Инчунин дар эҷодиёти Ҷ.Икромӣ, Р. Ҷалил, С. Улуғзода, П. Толис, Ф. Муҳаммадиев ва дигарон низ зодгоҳу ҳаёти онҳо макони бештари мундариҷаи асарҳояшонро ташкил додааст. «Доғистони ман»-и Расул Ғамзатов, «Дони

ором»-и Шолохов, романи Томас Манн «Буденбрукс» ва Генрих Манн «Муаллим Гнюс» аз ҳаёти хонаводагии хеш низ қисса кардаанд.

Макони аксари навиштаҳои Сорбон деҳаи зебоманзари Амондара – зодгоҳи адиб мебошад, ки нависанда табиати нотакрори кӯҳистон, муҳити зист, сарнавишту ҳаёти ибратомӯзи деҳотиёнро дар шодиву нишот, ғаму андуҳ, тую сур дар замонҳои гуногун дар асарҳояш моҳирона ба тасвир гирифтааст. Дар муқаддимаи ҷилди аввали «Куллиёт»-и Сорбон адабиётшинос А. Сатторзода дар бораи табиати зебо ва манзараҳои деҳаи кӯҳистони Амондара, зодгоҳи нависанда ёдовар шуда, менависад: «Ӯ (Сорбон – Ҳ.Х.) ҳар пастиву баландӣ, ҳар кӯҳу пушта, ҳар шебу фарози он, ҳар печу хам, ҳар шаху ҷар, ҳар чанг, ҷӯю ҷӯйча ва ҳар сою сойчаи он, ҳар гулу буттаи он, ҳар ниҳолу дарахти онро медонад. Вай медонад, ки онҳо дар фаслҳои гуногуни сол, ҳатто дар рӯзҳову моҳҳои муайян чӣ рангу бӯйе ба худ мегиранд» [14, с.4]. Аз ин рӯ, дар ҳаёти Сорбон зодгоҳ яке аз деҳаҳои зебоманзари шаҳри Панҷакент, нақли афсонаву ривоятҳои падару ошнои ӯ Рустамхон дар рисолати нависандагии ӯ бетаъсир намондааст. Барои нависанда натанҳо зодгоҳ, балки умуман муҳити деҳа дар ҳикояҳо, қиссаву романҳо ва хотираҳояш зери таъсири қиссиву ривоятҳои падар, Рустамхон ва модари меҳрубонаш минбаъд замону макони воқеаҳои офаридаҳояш гардидааст.

Деҳаи хурди Амондара имрӯз ба шарофати истеъдоди худододи фарзанди бузургаш ба ормондеҳ табдил ёфтааст ва рамзи дараи амонӣ, макони муқаддаси одамони наҷиб шудааст. Мисли он ки дар вақташ «канори оби Рукнободу гулгашти Мусалло» ба шарофати Ҳофизи бургвор, Санкт-Петербург бо ҳиммати Ф. Достоевский , Дон бо иродати М. Шолохов, водии Ҳисор ба туфайли устод М. Турсунзода, деҳаи хурди Мазори Шариф бо бузургвории Лоиқ, Сӯфиён тавассути Бозор Собир, Яхч бо шеъри Гулрухсор ва ғайра машҳур шуданд [14, с.4].

Дар аввалин ҳикояҳо ва дар асарҳои баъдии Сорбон макони рӯйдоди воқеаву ҳодисаҳо ва муҳити ба тасвиргирифтааш деҳа мебошад, аз ҷумла зодгоҳи нависанда – Амондара ва таърихи ин деҳа дар қиссаи «Буд, набуд...» (1974) чунин тасвир шудааст: «Ҳикоят мекунанд, ки дар даврахои пеш байни қабилаҳо хунрезиҳои зиёде мешудааст, пурзӯрон камзӯронро амон надода, поймол карда, мегузаштанд, ҳатто деҳаҳоро ба хок яксон карда мерафтанд. Вале ҳар боре, ки ба деҳаи хурд, ки дар даҳони дара мисли забон метобад, расиданд, нарм мешуданд, хайма зада дам мегирифтанд ва аз аспи ҷаҳлу ғазаб фаромада, амон-амон мекарданд. Мардум ин деҳаро дараи Амонӣ ном ниҳодаанд. Сипас кадом забондон, шояд барои мизони сухан бошад, онро сайқал дода, «Амондара» гуфтааст» [14, с.203]. Нависанда дар қисса аз шунида ва дидаҳояш аз гузаштаи дури зодгоҳаш ва таърихи номгузории он аз мардуми аҳли деҳа ёдовар шуда, дар баробари он манзараи зебо ва табиати нотакрори онро бо ҷузъиёти хурдтарин ба тариқи зайл тасвир мекунад: «Ин деҳа хурд аст, вале чунон зебост, ки аз тарафи рӯди Зарафшон нигаред, гумон мекунед, ки гулфурӯше чанд даста гулро даруни сабад гузошта нигарони харидор аст. Сафедорҳои баланд ва чормағзҳои парешоншохи азим наздик ба гулдастаҳо монанд шудан намехоҳанд, балки ҳашамат ва сарбаландии худро нигоҳ доштан мехоҳанд.... » [14, с.203].

Воқеан, Сорбон зодгоҳашро дар ҳолатҳои гуногун: дар хушию хурсандӣ, дар ғаму ғусса, дар мотам, дар мусибат, дар шодию нишот, дар тӯю сур, дар фоҷиа ва ғайра ба қалам овардааст. Замони инқилоби болшевикӣ, босмачигарӣ, колхозӣ, ҷанги Гермон, ҳаёти осоиштаи баъдиҷангиро тасвир намудааст. Ва бештар аз ҳама давраи ҷанг ва баъди он, зери ин замон ва замони бачагӣ ва навҷавониҳои муаллиф рост омад ва хотираҳои давраи бачагӣ фаромӯшнашавандаанд [14, с.6]. Пас, зодгоҳ – деҳаи Амондара аслан макони тасвири асарҳои Сорбон буда, тамоми манзараҳои деҳа, хулқу атвор, урфу одат ва маросимҳои мардуми он дар лаҳзаҳои мухталифи замон бо меҳру муҳаббати беандоза ба тасвир оварда шудааст. Бо вуҷуди он ки дар солҳои 60-70-уми асри гузашта дар нақди адабии тоҷикӣ ва чанде баъдан низ дилбастагии аҳли адаб ба зодгоҳи худ ба идеологияи давраи шӯравӣ мувофиқат намекард ва зери тозиёнаи танқид гирифта мешуд, Сорбон тавонист беҳтарин асарҳои худро маҳз дар атрофи Амондараи худ биофарад. Дар ҳикояҳои «Хоб», «Хонаи ишқ барҷост», «Сайёра ва Парвиз», «Хирманкӯб», «Рӯймолча», «Бодбарак», «Нақши рӯйи барф», «Шабкӯр», «Халифа», «Тӯёна», «Гулзамон», «Дупула» қиссаҳои хурди «Оташбасар» «Пули заррин», қиссаҳои «Ҷӯгӣ», «Шинели падар», «Сабо»,

оғози китоби якум, дувуми «Зарафшон» ва ғайра деҳаи Амондара, бошандагони он ва умуман деҳа макони тасвири воқеаву ҳодисаҳо ва саргузашту ормонҳои мардумӣ мебошанд. Масалан, дар ҳикояи «Сайёра ва Парвиз» нависанда ҳамчун нақлкунандаи воқеа, аз номи шахси якум аввали ҳикояро чунин оғоз менамояд: «Як вақтҳо деҳаи мо тобистон ба кӯҳ мекӯчид: онро авул мегуфтанд. Касони сермол худашон мебаромаданд ва касоне, ки фақат чанд сар мол доштанд, ба моли ҳамсоя ё қарибони худ ҳамроҳ мекарданд ва дар моҳи мизон – вақти бозгашт он шахс ҳамроҳи молҳои амонат равғану қуруташро ҳам медод» [16, с.16]. Дар ин маврид нависанда ошкоро ҳамчун қиссакунанда бо хонанда бо суҳбат ба гуфтугӯ медарояд. Ба монанди ҳамин ҳикояе, ки дар он нависанда ҳамчун нақлкунандаи воқеа бевосита баромад мекунад, «Рӯймолча» мебошад. Оғози ҳикоя бо суханронии муроҷиатии нависанда ба хонанда дар бораи таърихи ишқи деҳаашон сар мешавад ва баъдан нависанда аз ишқи Шаҳноз ҳикоят мекунад: «Дар деҳаи мо ишқ омад: ишқи тоза, ишқи озод. То ин вақт духтарон аз паси тиреза, байни сархорҳо, аз буни хонаву пушти дарахтҳо ба ҷавонон менигаристанд ва агар ҳангоми дарав бошад, аз зери қабзаи ҷаву гандум дуздида нигоҳе мекарданд. Вале ба ҷавонон муяссар намешуд, ки духтаронро дида хуш кунанд. Таърифи одоб ва симои духтарро ҷавон аз хоҳар ва ё аз модар мешунид» [16, с.53]. Нависанда тафсилоти ишқи куҳанро нақл карда, ишқи замони худ солҳои 70-уми садаи ХХ-ро тасвир мекунад, ки изҳори ишқи ҷавондухтар – Шаҳноз бо тақдими рӯймолча ба муаллим баён мешавад. Агарчи Шаҳноз дар фикри хондан буду баъд аз хатми мактаби миёна давом додани таҳсилро андеша дошт, замоне фаро мерасад, ки ошиқ мешавад. Ҳамин лаҳзаро нависанда дар ҳикоя ба тасвир гирифта, зебогии муносибати ошиқонро дар шарму ҳаё ва рафтору гуфтори боадабона нишон додааст, ки хосси духтарони деҳ буд.

Баъзе ҳикояҳои Сорбон бо зикри деҳа ва тасвири манзараи он оғоз меёбад, аз ҷумла дар ҳикояҳои «Гулзамон», «Набера», «Хӯшаи қисмат», «Ҷиян», «Амаки сиёҳ» ва ғайра дар оғоз ё ин ки дар давоми воқеаи ҳикоя деҳа зикр ёфта, хонанда макони рӯй додани воқеаро мефаҳмад. Ҳикояҳои «Халифа», «Тӯёна», «Тахмина», «Безабон», «Кишти тирамоҳӣ», «Гулбой», «Ҷиян», «Осиёи навбат», «Дупула», «Гови мир», «Табари хунолуд», дар қиссаҳои «Санги сипар», «Буд набуд», «Ҷӯгӣ», «Сабо», «Шинели падар», қиссаҳои хурди «Хонаи нав», «Пули заррин», дар романҳои «Зарафшон», «Кадевар» ва дигарон макони воқеаҳо, ҳодисаву саргузаштҳо ва қиссаи қаҳрамонҳо умуман деҳа мебошад. Деҳаи Амондара дар навиштаҳои Сорбон бо тамоми ҷузъиёташ ҷилвагар шудааст.

Асарҳои нависанда хонандаро бо мавзеъҳои гуногуни Амондара шинос мекунад, аз қабили Сурхнова, адирҳои Сафедхоку Сурххок, Кафтархона, Сойи Калону Боғи Гарон, шохҳои Шахи Сафед, Шахи Сиёҳ, Гаҳвора, Чукка ва Ҳисор, кӯҳи Яккабурс, ҷари Хокканак, теппаи Шоён, фарози Зонушикан, Алафпая, Дашт, Санглох, Хонақо, Таги ғор, Ғори Кафтор, Камари Дугчӣ, Харсанг, Говхона ва ғайра [14, с.5].

Вақте ки рӯзноманигор Одил Нозир дар суҳбат бо Сорбон мегӯяд, ки бештари эҷодиёташ бо зодгоҳаш – Амондара алоқаманд аст ва сабабашро пурсон мешавад, нависанда чунин ҷавоб медиҳад: « - Устод Максим Горкий гуфтаанд, ки зиндагӣ дар деҳот аст. Зиндагиро агар дурустан дидан хоҳӣ, ба деҳот таваҷҷуҳ кун. Амондара хазина аст, ки ба ман ҳам мавзуъ медиҳад, ҳам қаҳрамон ва ҳам забон. Амондара ҳанӯз кони кашфношуда аст, ки одамгариву ноодамгарӣ, шодиву ғам ва баду неки зиёд дорад. Ҳамаи ин чизҳоро омӯхта, дар асарҳоям мехоҳам хубиҳоро талқин ва бадтинатонро маҳкум кунам...» [17, с.445]. Чунонки аз гуфтаҳои нависанда бармеояд, макони воқеаҳову чеҳраҳои воқеии ба тасвиргирифта зодгоҳи ӯ буда, беҳтарин қаҳрамонҳои асарҳояш низ амондарагиҳо мебошанд.

Дар марҳалаи дувуми фаъолият Сорбон тадриҷан дар навиштани навъҳои гуногуни наср маҳорат ва малака пайдо мекунад. Мавзеъ ва макони деҳаи Амондара ва ҳудуди замонии воқеаву ҳодисаҳо дар навиштаҳои нависанда васеътар шуда, ба водии Зарафшон (китоби якум ва дуюми «Зарафшон», «Кадевар» (2006), «Туғрал» (2006), мавзӯъҳои таърихӣ («Достони писари Худо» (2006)) асари тамсилӣ «Росу», ки бешубҳа аз «бозёфтҳои нави адабӣ» ба шумор меравад, таваҷҷуҳ менамояд. Дар эҷоди романҳои «Достони писари Худо», «Туғрал», умуман дар навишти асарҳои таърихӣ Сорбон маводи фаровони илмию адабии дохиливу берунии кишварро омӯхта, макони воқеаву ҳодисаҳо аз таърихи дури Юнони Қадим то сарзамини Тоҷикистони куҳан, табаддулоти болшевикӣ дар шаҳри

Бухоро – маркази илму фарҳанги тоҷикон дар гузашта ва солҳои охири ҳукмронии ҳизби коммунистии шӯравӣ қарор мегиранд.

«Аз гирудорҳои асотирии Юнон, – мегӯяд нависанда, – достонҳои «Шоҳнома», ҷангҳои ҷаҳонӣ, шаҳрвандӣ, нафсонӣ ва ҳайвонӣ то асри бисту бисту як дар зер матлабе доранд, аёниву пинҳонӣ. Ҷаҳонгирии Искандари Мақдунӣ, гӯйӣ ниқор буд: падар бояд аз порсҳо қасос меситонд, умр бақо накард. Писар ба ин кор камар баст. Лек дар зер ҳадафи асосӣ зарри Порс буд. Зари хазинаи Порсро бо аспон ба Мақдуния корвон баст, аммо бо ин қонеъ нашуд. Сӯйи Бохтару Суғд тохт. Он ҷо донист, ки зар дар Ҳинд беш аст, лашкар бозпас гардонду ин мулкро тохтанӣ буд. Ба мурод нарасид...» [4, с.433]. Матлаби Сорбон дар навиштани романи «Достони писари Худо», ки «дар адабиёти ҷаҳонӣ дар ин мавзуъ панҷ ҳазор номгӯй асар навишта шудааст», нишон додани чеҳраи воқеии Искандари Мақдунӣ мебошад, ки дар асл ҳамчун шоҳи ҷаҳонгиру хунхор ва ғоратгар гузаштааст.

Дар насри Сорбон замонҳои гуногуни давраи шӯравӣ, аз ҷумла замони инқилоби болшевикӣ, босмачигарӣ, колхозӣ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, замони баъди ҷанг, замони ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он ба тасвир гирифта шудааст. Замони босмачигарӣ дар ҳикояҳои «Табари хунолуд», қиссаи «Буд набуд...», дар он дар бораи воқеаи солҳои босмачигарӣ дар водии Зарафшон, деҳаи Амондара рухдода нақл меравад, замони ҷанг дар ҳикояҳои «Бодбарак», «Нақши марди ланг», «Хӯшаи қисмат», дар қиссаҳои «Занги аввал», «Санги сипар», «Буд, набуд», «Сабо», «Шинели падар», романи «Росу», замони баъди ҷанг дар ҳикояҳои «Шабкӯр», «Гулзамон», «Безабон», «Девонахона», «Гови мир», замони колхозӣ дар ҳикояҳои «Кишти тирамоҳӣ», «Ҷиян», «Чашмони фурӯзони шаб», замони ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он дар қиссаҳои хурди «Пиндор», «Кушиш», «Корвон», «Якгӯша», «Сом», «Осиёби беоб», «Баҳодури каллабур», романи «Ҷӯгии давраи Истиқлол» дар ҳолатҳои гуногун ва ҳаёти чеҳраҳои воқеӣ тасвир шудааст.

Дар қиссаи «Санги сипар» натанҳо замони ҷанг ва баъди он, балки давраи колхоз низ дар воқеаҳои зиндагӣ ва чеҳраҳои воқеӣ равшану возеҳ қаламдод шудааст. Ин китоб дар вақташ дар теъдоди 18 000 нусха нашр шуда, дар давоми як ҳафта дар мағозаҳои китоб комилан харидорӣ шудааст. Қисса бо усули нақли ретроспективӣ, лаҳзаҳо аз ҳаёти гузашта, воқеаҳо ба тариқи хотира оғоз меёбад: «Пирамард ба ронанда мадад карданӣ шуда, сӯяш нигарист, вале қиёфаи ғамгирифтаи ӯро дида, ба риши мондааш оҳиста даст бурд, сипас аламангез ба пеш зеҳн монд. Хаёлаш гурехт, ба гузашта, ба гузаштаҳои пуразоб парвоз кард. Азоби ҷанг не, балки рӯзҳое, ки аз ҷанг баргашта аз сар гузаронида буд, бори дигар пеши назар меомаданд» [14, с.97]. Пирамард ҳамон Ҳакимбое мебошад, ки нависанда тавассути саргузашти ӯ зери хотираҳо воқеаву ҳодисаҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватаниро дар деҳот ва айёми ривоҷ ёфтани ҳаёти колхозӣ, барқарории зиндагии мардуми ҷангзада воқеъгарона тасвир менамояд. Муаллиф қиссаро ба 34 қисм тақсимбандӣ намудааст, ки композитсияи берунаро ташкил медиҳад ва дар қисми дувуми қисса диалоги ронанда бо қаҳрамони марказии воқеаҳо – Ҳакимбой сурат мегирад. Дар ин қисмат ронанда Ҳакимбойи мӯйсафедро аз банди хаёл дур мекунад. Ҳамин гуна диалог дар қисми 7-уми қисса дар байни онҳо идома меёбад. Дар қисмҳои 11, 24, 26, 30 ва 34 нависанда роҳро ҳамчун унсури тарз (образ) истифода намуда, тадриҷан зери хаёли Ҳаким тамоми воқеа ва саргузаштро тасвир менамояд. Матлаби нависанда дар сужети қисса дар зери хотироти Ҳаким ва ҳаёти гузаштаи ӯ, баъди баргаштанаш аз ҷанг, ки дар муҳити деҳа дар кори колхоз мегузарад, дар номи рамзноки қисса ифода ёфтааст. Нависанда дар қисса Санги сипарро ҷолиб тасвир намудааст: «Ҳар пагоҳ, вақте ки офтоб аз қуллаи Бурснова боло мешавад, Санги сипар ба саломи вай оғӯш мекушояд ва офтоб аз даруни сандуқи синаи ӯ механдад. Ва вақти ғуруби офтоб чашмаи ашк рухсораи санги пояндаро мешӯяд. Гӯё офтоб маҳбуби ӯст, ки аз омаданаш масрур аст ва аз фироқаш гирён. Ба назар мерасад, ки меъморони пурҳавас ва ҳайкалтарошони боҳавсала ин лавҳаро аз кадом набарди таърих ба оғӯши кӯҳистон кӯчонидаанд: теғаи паҳлуи чап монанди гурдофариди болопайкар аст, ки ин таҳсанги азимро ба теғи офтоб ҳамчу сипар медорад» [14, с.125].

Нависанда неруи баланди созандагӣ ва инсони поку ҳақиқӣ, меҳнатдӯсту ростқавл ва ҳамзамон сокини одии деҳаро, ки баъди ҷанг ба деҳа баргашта ба зиндагии нав ва ободии деҳа камар мебандад, дар симои Ҳаким ё ки Абдуҳаким нишон додааст. Замони баъди ҷанг мушкилоту душвориҳои худро дошт ва нависанда дар ҳаёти Ҳаким, оилаву атрофиёнаш, хислатҳои неку бади инсониро дар ҷараёни зиндагӣ, ҷӯшӯ хурӯши меҳнати

колхозӣ, ширкаткашониву ширкашонӣ дар меҳнати фермаву колхоз ва амсоли инҳо дар заминаи реализм воқеӣ қаламдод намудааст. Аз рӯйи тасвири нависанда бармеояд, ки Ҳаким дар меҳнату талошҳои зиндагӣ ҳалолкор ва қавиирода мебошад. Маҳз барои ҳамин хислатҳояш бригадир Сафо ширкатро ба ӯ бовар мекунад, бо вуҷуди гум шудани хари Ҳасан бо ҷуволи гандум аз ӯ дилмонда намешавад. Илова бар ин, Ҳаким шавҳари бовафо аст ва ба занони аз меҳрубонии шавҳар монда назар намекунад, балки ба онҳо ҳамчун хоҳар муносибат менамояд. Ба муқобили хулқу атвори Ҳаким образҳои манфии Сироҷ, Ҳасан, Сайрам зани ӯ, Зироат ва чанде дигар гузошта шудаанд. Маҳз ҳамин ҷиҳатҳо мавзуи асосии қисса, яъне ғояи бадеии асарро ташкил додааст.

Нависанда сабаби номгузории қиссаро зимни тасвири даҳонаи Сирнова ва Бурснова мегӯяд, ки «аз пеш Санги сипар намоён шуд, ки бо теғи офтоб сина сипар мекард. Санги лайси сурхчатоб поя дар об гузошта, ба адири афтобрӯя қомат афрӯхтааст. Ин санг мисли синаҳои ҷанговарон аст, ки ба тиру сарнайзаҳо сипар мекарданд. Вале ин санг ҳадафи найзаи заррини офтоб аст. Неши оташини хуршед бар синаи ӯ мехалад, Санги сипар устувор ва матин аст, гӯё оҳану фӯлод ба ҳам омехта тарҳи онро рехта бошад» [14, с.125]. Сорбон Санги сипарро ба таври рамзӣ ба Абдуҳаким нисбат додааст, ки «синаи мард бояд як умр сипар бошад: ҳам ба зарбаи душман, ҳам ба заҳрхандаву шакархандаи дӯст ва ҳам ба сардсеру гармсерҳо» [14, с.125].

Пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ, – мегӯяд Сорбон, – зиндагии мардуми ноҳияи мо ва бинобар гуфтаҳо «водии Зарафшон» бениҳоят пурмашаққат буд. Дар он гоҳ маҷмуаи достонҳои Садриддин Айниро мутолиа мекардам, рӯйдодҳои он чунон воқеӣ менамуд, ки гумон мекардам бархе қиссаҳои он, қиссаҳои ман аст ва шарҳи рӯйдодҳое аст, ки аз сар гузаронидаам. Ин ҷараёнҳо боис шуд, ки ба қиссанависӣ рӯй овардам ва ҳамон воқеаҳои сахт ва даҳшатбори солҳои ҷанг ва пас аз онро дар қиссаҳои чун «Занги аввал», «Санги сипар» ва «Ҷӯгӣ» ба тасвир даровардам [7, с.355].

Дар китоби дувуми «Ҷӯгӣ» Сорбон ҳаёти ҷӯгиёнро, ки дар давраи Ҳукумати шӯравӣ ва сохти сотсиалистӣ ба зиндагии колхозӣ пайваста буданду бо мардум ҳамқадам, бо парокандагии Иттифоқи Шӯравӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ҷӯгиҳо тағйир меёбанд, замони парокандагии ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва замони ҷанги шаҳрвандиро тасвир намудааст. Дар парокандагии давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ қавми ҷӯгиҳо худро бештар озод эҳсос карда, ба хориҷи кишвар сафар мекунанд ва дар шиноснома ҳамчун тоҷик сабтшуда, дар давлатҳои фироркарда, хусусан Русия талбандагии худро аз номи тоҷик анҷом додан мегиранд. Муҳимтарин ҷиҳат ба қавли нависанда иборат аз он аст, ки низоми зиндагии ҷӯгиҳо вобаста ба замон тағйир меёбад, урфу одаташон аз байн меравад. Дар китоби нави ба ҷӯгиён бахшида, зисту зиндагии ҷӯгиёни замони муосир қисса шудааст. Дар бораи ангораҳои қаҳрамонони «Ҷӯгӣ» Сорбон чунин мегӯяд: «Он чӣ дар «Ҷӯгӣ» гуфтам, ҳама буда ва шуда. Қиссаи хоҳарон, ки аз деҳаи мо буданд ва қисмат, рӯзгори носолим онҳоро ба чунин рӯз овард, моро водор кард, ки то ин асарро нависам. Ғараз аз «Ҷӯгӣ» дарду ранҷи азоби солҳои ҷанг ва баъди онро гуфтан буд. Агар ҷӯгӣ набуд, ман саҳнаи набарди одаму сагро намегуфтам, аспи сагхӯрдаро хона бурдани Худойқулро наменавиштам...» [3, с.303]. Мунаққиди рус Н.Н. Кладо дар бораи қиссаҳои «Санги сипар» ва «Ҷӯгӣ» баъд аз мутолиаи он чунин изҳори назар кардааст: «Дар повести «Санги сипар» нависанда Сорбон образи хеле аҷиб ва хотирнишини Ҳакимро офаридааст. Образи Ҳаким бо табиати беғаш, азму иродаи қавӣ ва орзую нияти нек аз камтарин характерҳои халқӣ мебошад, ки дар адабиёт офарида шудааст» [17, с.251].

«Вақти инсон гӯё бо вақти замони таърихӣ идома меёбад ва бинои бузургро бар он афрохта ягонагии мураккаби зиндаро бо ҳам мураттаб месозад» («Время человека как будто прямо продолжается временем историческим, возвышающимся над ним огромной надстройкой, составляет с ним сложное живое единство») [9, с.263]. Вобаста ба ин, метавон романи «Кадевар»-ро ёдовар шуд, ки замони ҳаёти қаҳрамони асосӣ Абдулҳамид ва фарзандонаш бо воқеаҳои давраи таърихӣ пайваст мебошад.

Метавон гуфт, ки тасвири айнии (объективонаи) воқеаҳо, офаридани симоҳои рӯшану тавоно ва мураккабу пурихтилоф аз муҳимтарин ҷиҳати эҷодиёти Сорбон ба шумор меравад [10, с.125]. Ва дар романи «Кадевар» нависанда замони давраи шӯравӣ, замони горбачёвӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва замони истиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар

сарнавишти оилаи обрӯманди ҳоҷӣ Абдулҳамиди панҷрӯдӣ ва аҳли оилааш ба тасвир гирифтааст.

Сорбон дар роман вазъи нобасомони солҳои охири замони шӯравиро, ки ба ҷомеа таъсири баланд дошт, дар чеҳраи марди инсони меҳнатдӯсту қавиирода ва иқтидорманд, дорои хислатҳои баланди мардӣ ва фоҷиаҳои ба сари ӯ омадаро воқеӣ ва объективона тасвир мекунад. Ба муқобили мудири Хоҷагии ёрирасон А. Холиқов (Абдулҳамид Ҳолиқов – Ҳ.Х.) номаҳои беимзо ба кумитаи партиявии ноҳия то кумитаи партиявии вилояту кумитаи Марказӣ аз шахсони нотавонбин, ҳамкорон зиёд мерафт. Ин ваъиятро нависанда хеле равшан ва бо далелҳои дақиқ ба тасвир овардааст. Ҳамзамон ривоҷ ёфтани порагирӣ, аз номи партия ба нафси хеш хидмат кардани як идда шахсонро ба монанди сармуҳандиси геология Нозим Тайиб, Олболқул Ризоқулов, Гадобой, Умарқулов – котиби партиявии шаҳри Панҷакент ва котиби якуми вилоятии партияи коммунистӣ Рифъат Ҳоҷиевич, ки Абдулҳамидро дастгирӣ мекунад ва барои хизматҳои шоён Абдулҳамид бо қарори махсус ба «Ордени Ленин» мукофонида мешавад.

Дар роман шахсияти Абдулҳамид чунин характеристика дода шудааст: «Кори бад надорад, сухани ноҷо намегӯяд, ғайбатро бад мебинад, лофчиву газофгӯӣ ва дурӯғгӯйро душмани Худо мебинад ва боз он қадар эҳтиёткор аст, ки худаш донаду Худо. Пурбин. Пурандеш [16, с.33]. Дар роман замони ҷанги шаҳрвандӣ, баъзе лаҳзаҳои даҳшатовари он, лаҳзаҳои ҳузнангези бесарусомониҳои ҷумҳурӣ, сардорони дастаҳои ғоратгару кушанда, ки барои нафс бегуноҳони зиёдеро куштаанд, замони кушта шудани Абдуҳалим, дуздида шудани Абдуҳаким ва ҷустани Абдухалил бародарашро аз рӯйи нақли шоҳидони воқеӣ қаламдод шудааст. Тамоми амалу рӯйдоди воқеаҳо ва андешаронихои қаҳрамонони қисса бавижа қаҳрамони марказӣ – Абдулҳамид дар диалог ва бештар дар монолог бо масъалагузорӣ баръало намудор мешаванд.

Бояд гуфт, ки Сорбон аз насли нависандагонест, ки асарҳояшро дар заминаи реализми сирф эҷод кардааст ва барои бархе аз навиштаҳояш бинобар ҳақгӯиву ҳақҷӯӣ ба муқовимат низ дучор шудааст. Вале на идеологияи давр ва на дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ шахсият ва эҷодиёти Сорбонро тағйир надодааст, балки бо мурури замон ба шаклгирии сабки хосси нависанда муосидат намудааст.

Аз асарҳои нависанда, ки ба таърихи қадим мутааллиқ мебошанд, метавон романи «Достони писари Худо»-ро ном бурд. Мақсади нависанда дар эҷоди ин роман «аз миёни ҳама навиштаҳо пайдо кардани Искандари аслӣ буд». Аз ин рӯ, метавон таъкид кард, ки Сорбон бо эҷоди романи «Достони писари Худо» суннати «Искандарнависӣ»-ро шикаст, мавзуи асарро дар шакли нав навишт, яъне бо такя ба таърих Искандари воқеиро ба тасвир кашид. Ба қавли адабиётшинос А. Сатторзода «Сорбон дар асоси нақлу ривоятҳо ва ёддоштҳои мухтасар, канда-канда ва маълумоти номукаммал ва пур аз таззоди сарчашмаҳову таҳқиқоти донишмандон ривояти худро офаридааст» [14, с.24].

Дар бораи романи «Достони писари Худо» бисёр гуфта ва навиштаанд, аз миёни ин навиштаҳо мақолаи адабиётшинос ва мунаққид А. Набавӣ зери унвони «Достони наву ибратомӯзи Искандари Доро»-ро ёдовар мешавем, ки дар хусуси ба таърихи қадими ҷаҳон рӯ овардани Сорбон чунин изҳори назар кардааст: «Таваҷҷуҳи Сорбон ба таърих чун бо воқеаҳои солҳои охир, бахусус ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ иртибот гирифт ва идомаи таълифи румони «Зарафшон»-ро мавқуф гузошт ва аз пайи мавзуъҳои ҳамоҳанг ба замони нав ва ибратангезе аз таърихи қадими ҷаҳон ва тоҷикону эронтаборон рафт. Дар натиҷа румони пурвусъати «Достони писари Худо» (2000) ба майдон омад... » [8, с.295].

А. Набавӣ «ба нигориши бадеии Искандар, бахусус тасвири воқеъгароёнаи ӯ, сабаб ва омилҳои барангезандаи юриши вай ба Порс ва ӯ рӯҳияи умумии давлату давлатдории Ҳахоманишии ин аҳд» ишора карда, ба румон ва маҳорати эҷодии Сорбон баҳои баланд дода, чунин мегӯяд: «Бо тамоми масъулият изҳор доштан мумкин аст, ки румони «Достони писари Худо» нишони камолоти эҷодии нависанда буда, бо хеле аз шоҳкорҳои адабиёти муосир ҳамсангӣ карда метавонад» [8, с.295].

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки дар замон ва макони офаридаҳои Сорбон аз зодгоҳи зебоманзари ӯ сар карда, то ба ноҳияҳову вилоятҳо, шаҳрҳо ва таърихи қадими тоҷикон воқеаҳо, рӯйдодҳо, ҳодисаву вазъи ҷомеа, нобасомониҳои замонаву ҳолати руҳии шахсиятҳои ҷудогона, чеҳраҳои таърихи қадими ҷаҳон, умуман мавзуъҳои актуалии давр пурра фаро гирифта шуда, ҷустуҷӯҳои адабии нависанда ва камолоти эҷодии ӯ адабиёти

муосири тоҷикро дар ду даврони таърихӣ ғанӣ гардонидаанд. Хусусан, замон ва макони навиштаҳои ба зодгоҳ иртиботдоштаи Сорбон, тасвири манзараҳои зебои Амондара, урфу одат ва суннати мардуми он, характери неку бади деҳотиён бо як самимияти том ва меҳру муҳаббати беандоза қаламдод шуда, заминаи дар роҳи эҷод маҳорат пайдо кардани нависанда гардидааст.

Муқарриз: ***Кӯчарзода А.*** – доктори илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.7. (Ёддоштҳо) / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1962. – 645 с.
2. Демидчик, Л.Н. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Насри солҳои 30: иборат аз 2 ҷ. / Л.Н. Демидчик. – Душанбе: Дониш, 1978. - Ҷ.1. - 260 с.
3. Зан барои парастиш ва назокат аст (Суҳбат бо журналист Ҳакими Азиз) // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 488 с.
4. Инсон ҳамеша ба адабиёт ниёз дорад (Суҳбати Салими Зарафшонфар бо нависанда Сорбон) // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 488 с.
5. Қаюмова Д. Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон / Д. Қаюмова. – Хуҷанд: Хуросон, 2017. – 232 с.
6. Масъалаҳои насри муосир // Садои Шарқ, № 7. - 1988. - С.92-124.
7. Мо аз решаи худ канда шудаем (Гуфтугӯйи маҷаллаи «Кайҳони фарҳангӣ» бо устод Сорбон, романнависи тоҷик // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 488 с.
8. Набавӣ, А. Ҷустурҳо ва ибтикорот дар наср: маҷмуаи мақолаҳо / А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 2009. – 324 с.
9. Проблемы художественной формы социалистического реализма. В двух томах. Т.1. Аспекты изучения. Художественная форма и действительность. – М.: Издательство «Наука», 1971. – 422 с.
10. Салимӣ Н. Камолоти сухан / Н. Салимӣ, А. Набавӣ // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.330.
11. Сатторов, А. Таърихчаи назариёти адабии форсӣ-тоҷикӣ / А. Сатторов. – Душанбе: Адиб, 2001.– 144 с.
12. Смена литературных стилей. На материале русской литературы XIX-XX веков. – М.: Издателсьво «Наука», 1974. – 387 с.
13. Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 448 с.
14. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди 1. Повест. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 488 с.
15. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди X. Роман. Кадевар, Росу. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 388 с.
16. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди XI. Ҳикоя. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 448 с.
17. Ҳадафи адабиёт инсонсозист (Мусоҳиба бо журналист Барно Соҳибова) // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 488 с.
18. Ҳеҷ чиз маро ҷуз кор фароғат намебахшад (Суҳбати Фотеҳи Абдулло бо Сорбон) // Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ. Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 488 с.

ЗАМОН ВА МАКОНИ АМАЛ ДАР НАСРИ СОРБОН

Дар мақола замон ва макони амал дар насри яке аз нависандагони пурмаҳсули адабиёти муосири тоҷик – Сорбон баррасӣ мешавад. Омӯзиш ва таҳқиқи вақту замон дар асарҳо имкон медиҳад, ки натанҳо таърихияти воқеаҳои дар шакли бадеӣ тасвиршаванда муайян карда шавад, балки яке аз унсурҳои яклухтии асарро, ки нависанда дар навишти он тарҳрезӣ менамояд, ташкил медиҳад. Муаллиф дар асоси омӯзиши насри Сорбон ба хулосае меояд, ки макони воқеаҳои ба тасвиргирифтаи нависанда зодгоҳ, деҳа, деҳотиён, хусусан мардуми кӯҳистон мебошанд. Вобаста ба идеологияи замони шӯравӣ дар адабиёт тасвир намудани як мавзеъ, масалан зодгоҳи хеш сахт маҳкум карда мешуд, вале ҷараёни ташаккул ва гуногунии жанрии насри Сорбон дар заминаи насри воқеъгарои замони шӯравӣ ба амал меояд. Макони амали ҳикояҳо, қиссаҳо ва романҳои Сорбон дар баробари деҳа будан, чеҳраҳое, ки дар шаҳру районҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон умр ба сар бурдаанд, иборат мебошад. Илова бар он, ба таърихи гузаштаи дур рӯ овардани нависанда макони воқеаҳо ва ҳодисаҳои рӯйдодаро ба Юнони Қадим мепайвандад. Сорбон нависандаест, ки ба масъалаҳои ичтимоӣ ва сарнавишти пурфочиаи инсон бештар таваҷҷуҳ намудааст, ки дар макон ва замони насри ӯ дар вазъҳои гуногуни зиндагӣ қаламдод шудааст. Як нуктаи муҳимми омӯзиши замон ва макони воқеаҳои асарҳои бадеӣ иборат аз он аст, ки барои таърихшиносон дар шакли бадеӣ, аз рӯйи диди нависанда бошад ҳам, ҳамчун маводи таърихӣ хидмат карда метавонад. Муаллифи мақола дар мисолҳои мушаххас аз ҳикоя то романҳои Сорбон макон ва замони воқеа ва сарнавишти чеҳраҳои тасвирнамудаи нависандаро муайян кардааст.

Калидвожаҳо: вақт, замон, наср, мавзеъ, раванд, сарнавишт, адабиёт.

ВРЕМЯ И МЕСТО ДЕЙСТВИЯ В ПРОЗЕ

В статье рассматриваются время и место действия в произведениях одного из плодовитых писателей таджикской современной литературы Сорбона. Изучение и исследование времени и места действия в его произведениях позволяет не только определить изображенную историчность в художественной форме, более того, составляет целостность произведения. Автор статьи на основе изучения прозы Сорбона приходит к выводу, что в большинстве случаев место действия в сочинениях Сорбона – это его родина, деревня, жители деревни, особенно горные жители. В зависимости от господствующей идеологии советского времени в литературе изображение одной местности, в частности, места рождения осуждалось критиками, однако процесс развития и жанровое разнообразие прозы Сорбона возникает на основе реалистической прозы советского периода. Действие в рассказах, повестях и романах Сорбона, происходит и в других регионах Республики Таджикистан. Кроме того, писатель обращаясь к историческим темам, местом действия и временем событий становятся Древняя Греция и древние династии. Сорбон - писатель, который в большинстве случаев обращает внимание на трагические судьбы человека, и место действия и время в его прозе изображаются в разных жизненных ситуациях. Одной из особенностей выбора времени и места действия в художественном произведении являются в то, что они служат историческим материалом, созданным в художественной форме. Автор статьи на конкретном материале - рассказах и романах Сорбона,- определяет место действия и время событий и человеческих судеб.

Ключевые слова: время, проза, процесс, регион, судьба, литература.

TIME AND PLACE OF ACTION IN PROSE

The article examines the time and place of action of one of the prolific writer of Tajik modern literature, Sorbon. The study and investigation of the time and place of action in the works allows not only to determine the depicted historicity in an artistic form, moreover, it constitutes the integrity of the work that the writer previously created. The author of the article, based on the study of Sorbon's prose, comes to the conclusion that in most cases the place of action in the works of Sorbon is his homeland, village, villagers, especially mountain dwellers. Depending on the prevailing ideology of the Soviet era in literature, the image of one locality, in particular the place of birth, was strongly condemned by critics, but the process of development and the genre variety of Sorbon prose arises on the basis of realistic prose of the Soviet period. The place of action in the stories, novellas and novels of the Sorbonne, in addition to the village, take place in other regions of the Republic of Tajikistan. In addition, the writer turns to historical themes, the place of actions and the time of events becomes Ancient Greece and ancient dynasties. Sorbon is a writer who in most cases pays attention to the tragic fate of a person and the place of action and time in his prose is depicted in different life cases. One of the features of studying the time and place of the events of a work of art is that for historians it serves as historical material described in an artistic form and a writer's view. The author of the article uses concrete examples, starting from the stories and novels of Sorbon, determines the place of action and the time of events and human destiny.

Key words: time, prose, process, region, fate, literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хошимова Хуршеда Абдуманноновна*** – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи адабиёти муосир. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. E-mail: **hurshedah@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-401-30-33**

Сведение об авторе: ***Хошимова Хуршеда Абдумановна*** - Институт языка и литературы им. Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник отдела современной литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **hurshedah@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-401-30-33**

Information about the author: ***Khoshimova Khursheda Abdumanonovna*** - Rudaki institute of language and literature of the National Academy of sciences of Tajikistan, PhD in philology, leading researcher of contemporary literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **hurshedah@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-401-30-33**

УДК: 491.143. 2+891.550

РОҶЕЪ БА ҲИКОЯҲОИ ПАНДОМЕЗИ ПРЕМЧАНД

Раҳматуллоева З.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти муосири ҳиндӣ Премчанд (1880-1936) бо таълифоти хеш кайҳост, ки таваҷҷуҳи олимон, адабиётшиносон, мунаққидон ва хонандагони ватаниву хориҷиро ҷалб кардааст. Премчанд бо завқи латифу назари ҷиддӣ ва пояи маҳорати ҳунар то ба маъруфият расидаву номашро дар таърихи адабиёти муосири ҳиндӣ сабт кардааст. Шумораи зиёди ҳикояву романҳои адиб аз дарку фаҳмиш, олами дарунӣ, рӯҳӣ ва замири поку ҳассосаш гувоҳӣ дода, ҳадаф, орзуву омоли башардӯстонаи ӯро бемонеа то ба зеҳни хонанда мерасонад. Дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти адабии Премчанд мақолаҳои бешумори илмӣ-оммавӣ ва рисолаҳо аз тарафи пажӯҳишгарони зиёди ватаниву хориҷӣ таълиф шудаанд ва то ба имрӯз ин раванд идома дорад. Дар ҳиндшиносии тоҷик аввалин пажуҳишгаре, ки роҷеъ ба ҳаёти Премчанд ва осори ӯ рӯ овардааст, олим ва ҳиндшиноси варзида Ҳабибулло Рачабов мебошад. Ӯ дар рисолаи илмӣ бо номи “Премчанд” роҷеъ ба дараҷоти шинохти рӯзгору хусусиёте аз ҳунари нависандагии адиб дар рисола маълумоти муътамад додааст, ки хеле арзишманд мебошанд. Муаллифи рисола дар боби алоҳидаи китоб таъкид медорад, ки дар саросари осори нависанда ақидаҳои инсондӯстӣ ва ғамхории хосса нисбат ба занон ба қуллаи баланд мерасанд.

Донишманди дигари тоҷик Холов Ҷовид дар ду асари худ “Адабиёти урду дар садаи бистум” ва “Таърихи адабиёти урду” роҷеъ ба ҳаёт ва осори Премчанд бобҳои ҷудогона бахшидаву як қатор таълифоти нависандаро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ба асарҳои ҷудогонаи Премчанд инчунин муҳаққиқони тоҷик Ҷӯраева З, Ёрова С. ва дигарон дар пажӯҳишҳои худ баҳои арзанда дода, як қатор мақолаҳо чоп кардаанд ва дар мачмӯъ, шинохти Премчандро дар шарқшиносии тоҷик бунёд гузоштанд. Бояд тазаккур дод, ки номи Премчанд ба хонандагони тоҷик ҳанӯз аз солҳои панҷоҳуми асри гузашта, тавассути тарҷумаҳои (аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ) тарҷумонҳои касбӣ аз ҷумла, А. Зокиров, Ҳасан Ирфон, Раҳим Ҳошим ва дигарон шинос ҳастанд.

Зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Премчанд бо дигаргунӣ ва ҳаракатҳои сиёсиву иҷтимоии давру замонаш сахт вобаста буд. Ин ҳама ҷунбишҳо ба зуҳур ва инкишофи маҳорати фитрии Премчанд замина бунёд карданд. Вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва шароити зиндагии замон дар тамоюли халқии эҷодиёти нависанда бо тарзу услуби хос ифода ёфта, ғоя ва мазмунҳои пешқадами адабиёт дар таълифоти Премчанд таҷассум меёбанд. Нависанда бо фаъолияти адабӣ ва осори бебаҳояш ба рушди адабиёти миллии ҳиндӣ таъсири бузург гузоштааст.

Премчанд 31-уми июли соли 1880 дар деҳаи Ламҳӣ (дар наздикии шаҳри Банорас) дар оилаи корманди почта таваллуд ёфтааст. Номи аслии ӯ Дҳанпатрай буда, баъдан тахаллуси Премчандро интихоб мекунад. Аз овони кӯдакӣ Премчанд шоҳиди зиндагии пурмашаққату фақиронаи мардуми заҳматкаш мегардад. Лаҳзаҳои ширини дунёи кӯдакӣ бо вафоти модараш зуд гузаштанд ва ба хона омадани модарандар ҳолати равонии ӯро боз ҳам бадтар мекунад. Дар синни понздаҳсолагӣ падар Премчандро оиладор мекунад ва минбаъд моҷарову хархашаҳои зиндагӣ яке паси ҳам ба сари ҷавони бетаҷриба омадан мегиранд. Баъди як сол падари Премчанд вафот мекунад ва минбаъд ӯро лозим меояд, ки тамоми бори гарони зиндагиро бар дӯши худ гирад. Бо талошҳои зиёд Премчанд дар хонаи як адвокат ба ивази маоши ночиз кор пайдо карда, бо машаққат зиндагии оилаашро пеш мебурд. Ба мушкилиҳои рӯзгор нигоҳ накарда Премчанд тавонист мактабро хатм намояд. Дар бораи идома додани таҳсил ҳоҷати орзу кардан ҳам набуд, зеро Премчандро лозим меомад, ки барои таъмин кардани аҳли байташ зиёд заҳмат кашад. Билохира, ӯ дар яке аз мактабҳои деҳа ба сифати муаллим кор пайдо мекунад. Баъдан Премчанд ба коллеҷи муаллимтайёркунии Оллоҳобод фиристода шуда, бо хатми коллеҷ ӯ соҳиби дипломи муаллими забони англисӣ мегардад. Бо гузашти солҳои зиёд Премчанд соҳиби дипломи магистри илмҳои гуманитарӣ низ мешавад. Ин орзуи деринаи нависанда, “танҳо дар вақти тақрибан чилсола будани ӯ муяссар гаштааст. Ҳаёти осудаи

оилавӣ низ қариб дар ҳамин синну сол насиби Премчанд мешавад. Ӯ аз зани якумаш ҷудо шуда, бори дигар тақрибан дар солҳои 1914-1916 бо як бевазани ҷавон бо номи Шриматӣ Шиварани Девӣ хонадор мешавад” [6, с.23].

Премчанд ҳанӯз аз даврони мактабхонӣ ба мутолиа кардан майлу рағбати зиёд пайдо карда буд. Хондани беҳтарин достону қиссаҳои ривоятӣ ба забонҳои урду ва ҳиндӣ тахайюлоти нависандаро аз айёми бачагӣ ба парвоз меоварданд. Баъдан, Премчанд бо асарҳои бадеиӣ Назир Аҳмад (1836-1912), Мавлоно Абдулҳалим Шарор (1860-1922), Ратанатҳ Саршор (1846-1902), Мирзо Муҳаммад Ҳодӣ Расво (1858-1931), Балкришна Бҳатт ва дигарон ошноӣ пайдо карда, асарҳои ба забони урду тарҷумашудаи Бонкимчондро Чоттопадҳай, ҳикояҳои Равиндранатҳ Тҳакур ва романҳои адибони аврупоӣ Валтер Скотт, Чарлз Диккенс ва дигаронро мутолиа карда, донишу маънавиёти худро афзун мегардонад.

Премчанд нависандаи сермаҳсул буда ба қалами ӯ беш аз 300 ҳикоя ва 14 роман, мақола ва пйесаҳо тааллуқ доранд.

Бояд тазаккур дод, ки Премчанд худ низ як қатор асарҳои нависандагонро аз забони урду ба ҳиндӣ, аз ҳиндӣ ба урду ва аз англисӣ ба забонҳои ҳиндӣ ва урду тарҷума кардааст. Асарҳои Премчанд аз ҷумла, ҳикояҳо ва романҳояш ба бисёр забонҳои халқҳои ҷаҳон- забони русӣ, англисӣ, чинӣ, тоҷикӣ, ӯзбекӣ, чехӣ, қазоқӣ, гурҷӣ тарҷума ва чоп шудаанд.

Донишманди тоҷик Раҷабов Ҳ. оид ба осори нависанда таъкид мекунад, ки “ ... Премчанд бо эҷодиёти гаронбаҳои худ, ки аз роману ҳикояҳо ва асарҳои драмавию публитсистӣ иборат аст, ҳамеша ба хотири озодию хушбахтии инсони заҳматкаш мубориза бурда, ба ин васила дар инкишофи насри муосири ҳиндӣ, алалхусус ҳикояи муосири ҳиндӣ нақши босазое гузоштааст” [6, с.5].

Барои Премчанд адабиёт воситае буд, ки тавассути он тавонист ҳаёти замони худро бо тамоми паҳлӯҳояш инъикоя намояд. Ӯ адабиётро “рушноии ҳақиқати зиндагӣ” меҳисобид, зеро вай таваҷҷуҳи нависандагонро ба масоили муҳимми зиндагӣ ҷалб намуда, онро таҳлил ва ҳал мекунад. Адабиёти пешқадам тарбиятгари инсон буда, дар замири ӯ хислатҳои некро парвариш менамояд. “Адабиёт ҳамон воситаест, ки асрори эҳсосро кушода ба корҳои нек ташвиқ мекунад” [2, с.425].

Донишманди маъруфи тоҷик Мирзо Муллоаҳмад низ ин андешаҳоро тақвият мебахшад “ ... ҳадафи адабиёт ҳам, пеш аз ҳама тасвири инсон, эҳсосу андеша, омолу ормон, рӯзгору рафтори ӯст. Адибони бузурги ҳамаи халқҳову ҳамаи замонҳо саъй ва кӯшиш кардаанд, ки бо осори худ барои ташаккули инсон, пешрафту рушди маънавии он саҳме гузоранд. Аз ин ҷо пай бурдан душвор нест, ки ҳадафи адабиёт ва адибон низ бо аҳдофи донишмандону мураббиён тақрибан яксон аст” [4, с.46].

Дар таълифоти хеш бино ба таъкиди адабиётшинос Сайид Эҳтишом Ҳусейн “Премчанд дунёеро ба тасвир кашидааст, ки аз ҳама бештар воқеӣ, ҳақиқӣ ва беш аз ҳама дар он мазраи инсонпарварона ба назар мерасад. Премчанд аввалин адибест, ки бошуурона ба воситаи адабиёт ба хотири дарки вазъ ва масоили мардуми одӣ қадам бардоштааст” [2, с.231].

Дар асарҳои Премчанд инъикоси вазъу муҳити тираву тори феодалӣ, беадолатӣ, беқадрии мардуми заҳматкаш ва аҳли фазлу адаб, вазнинии аҳволи занон, рафтори нафратовари ашхоси мағруру мардумфиреб ва амсоли ин мавқеи аввалиндараҷаро ишғол мекунанд.

Бо тақозои шароити таърихӣ ва вазъи иҷтимоии зиндагии мардуми ҷафокаши Ҳинд бештари қаҳрамонони ҳикояву романҳои Премчанд мардуми деҳот ё аҳли заҳматанд. Премчанд дар офаридаҳои худ умдатарин масоили замони хешро мавриди тасвири бадеӣ қарор додааст, яъне ҳаёт ва фаъолияти эҷодиёти адиб бо сарнавишту қисмати халқ алоқаи зич доштааст. Агар бо таваҷҷуҳи хос ба ҳикояҳои Премчанд назар кунем, пас ба хубӣ дида метавонем, ки онҳо саршор аз панду ҳикмат буда, худи муаллифи ҳикояҳо соҳиби ҳамаи ин фазилатҳо (боҳиммат, донишманд, вафодор, меҳнаткаш, адолатпарвар, зебопараст, инсондӯст, озодманиш, мушфиқ ва амсоли инҳо) мебошад. Доктор Рамвилас Шарма ҳикояҳои ӯро “оинаи зиндагии миллии мо” (“**हमारे जातीय जीवन का दर्पण**”) номидааст [13, с.22]. Дар ҳикояҳои Премчанд азоби рӯҳию ботинӣ, маънавӣ-ахлоқӣ, сифату хусусиятҳои

муайянкунандаи симои эҷодии нависанда инъикос гаштаанд. Ӯ чун тарғибгари меҳру муҳаббат, вафодорӣ, адолатҷӯӣ ва маърифатандӯзӣ дар ҳикояҳои худ баромад мекунад, зеро ҳаёти солим маҳз аз ҳамини гуна хислатҳо маншаъ мегирад. Нависанда ба муноқишаҳои зиндагӣ, ҷидду ҷаҳди некиву бадӣ назари хоси худро дошта, ин хусусиятҳоро мо дар ҳикояҳои ӯ возеҳ дида метавонем. Ҳаёти баъзе қаҳрамонҳои ҳикояҳо бо саргузашти худи муаллиф алоқаи зич дошта, аксари ҳикояҳо бо сабки лирикӣ навишта шуда моҳияти шоиронаро низ касб намудаанд. Дар услуби шарҳу баёни Премчанд эҳсоси ишқ, ҳаяҷону ошуфтагӣ, шавқу беқарорӣ, дарду ранҷ ба назар мерасанд ва ҳамаи ин эҳсосот ба худи муаллиф ҳам ошност. Маҷмӯаи ин эҳсосотро мо дар ҳикояи “Дарахти орзу” (“**कामना तरू**”) дида метавонем.

Ҳикояи “Дарахти орзу” (“**कामना तरू**”) тимсоли қиссаҳои анъанавии адабиёти классикии ҳиндӣ мебошад, ки дар он эҳсоси ҳаяҷонбахши ишқ ва аз дарди фироқ афгор гаштани дили нозук, аммо шикастнопазири ду дилдода тасвир шудааст. Премчанд, ки худ шахси бениҳоят ҳассос буд, дар бораи ишқу табиат, ошиқу маъшуқ боз ҳам аз нигоҳи орифонаи худ дар ҳикояҳояш сухан мекард. Муҳаббати самимӣ барои нависанда чун падидаи нодири ахлоқу маънавиёт маҳсуб меёфт. Дар ҳикояи Премчанд “Дарахти орзу” (“**कामना तरू**”) ишқ ҳамсафари қаҳрамонони ҳикоя шоҳзода Раҷнатҳ ва духтари қадраси ҷогирдор Чанда мешавад. Фаъолияти онҳо маҳз барои нигоҳ доштани ишқи покашон равона карда шудааст. Муҳаббати онҳо ғайриинтизор оғоз шудаву ва тасодуфан ҳар ду аз ҳам ҷудо шуда бошанд ҳам, вале ришгаи мустаҳками он дар тӯли бист сол канда нашуд. Дар маркази ҳикоя шоҳзода Раҷнатҳ қарор дорад ва тамоми воқеаҳо дар атрофи фаъолияти ӯ рух дода ва ба ин восита нависанда тавонистааст симои воқеии ӯро боэътимод нишон диҳад. Инсондӯстии Премчанд маҳз дар образи шоҳзода ифода меёбад. Шоҳзода Раҷнатҳ шахси оромтабиат, фозил ва шавқ ба адабиёт дошт. Он лаззате ки шоҳзода Раҷнатҳ зери дарахт нишаста аз суҳбат оид ба назм бо ашхоси соҳибдил мегирифт, дар шикору дар бурдани корҳои дарборӣ эҳсос намекард, ӯ муқобили ҳама гуна ҷангу хунрезиҳо буд. Хонанда тавассути андешаҳои шоҳзода Раҷнатҳ, бо фикру мулоҳизаҳои ӯ оид ба тақдир ва орзуҳояш шинос мешавад, яъне дар ҳикоя воқеаҳои гузашта ва минбаъдаи қаҳрамонон бо ҳам печида омадаанд. Тақдир бо зиндагии шоҳзода ноадолатона рафтор кард. Баъди вафоти падараш роҷа Индранатҳ душманон ба по хеста, ӯро аз чор тараф чунон фишор оварданд, ки Раҷнатҳро лозим омад ба хонаи як хизматгораш воқеъ дар як кӯҳистони дурдаст, фирор кунад. Табиати зебо, ҳавои форами кӯҳистон, чаҳ-чаҳи мурғон дили нозуки шоҳзодаро чунон моил карда, таскин дода буданд, ки ӯ ба зудӣ аз он суиқасдгириву таҳқирҳо фаромӯш мекунад. Аммо болотар аз ин ҳама зебоиҳо, дили ҷавони шоҳзодаро духтари қадраси ҷогирдор Чанда тасхир карда буд. Маҳз муҳаббати ин духтари деҳотӣ илҳоми шоҳзодаро нисбат ба зиндагӣ дубора бедор мекард. Ин эҳсоси ҷозибанок барои ҳар ду як падидаи наву гуворо шуда буд.

Чанда духтари заминдори деҳа, ки барвақт аз модар маҳрум шудаву бо падараш танҳо зиндагӣ дошт. Дар наздикии ҳавлиашон ӯ як ниҳолаки анбаро (манго) шинонда ва барои завқи дилаш гоҳ-гоҳ онро об медод. Ба гармии ҳаво нигоҳ накарда, ниҳол ба замин часпида, ҳатто барг мекунад. Чанда навдаи сабзшуда истодаро дида, қарор медиҳад, ки ба вай ногоҳубин кунад. Дар яке аз рӯзҳои гарми тобистон шоҳзода Чандаи кӯза ба дастро дида, аз пасаш мепояд. Ҳисси кунҷковии шоҳзода боло гирифту думболи Чанда ба назди он ниҳол равон шуда аз сири ӯ воқиф гашт. “Аз он рӯзе ки шумо ба ин ҷо омадед, намедонам чаро ба ёдам ҳамин ниҳол омад. Вақте ки ба наздаш омадам, дидам, ки баргҳояш хушк шудаанд. Зуд кӯзаро гирифтаму барояш об оварда, бехашро ҳам нарм кардам. Аз он дам инро нигоҳубин мекунам. Ана, нигоҳ кунед, чӣ қадар сабз шудааст” бо хиҷолат иқрор шуд Чанда” [12, с.39]. Минбаъд, ҳар ду ба парвариши ниҳол ҷиддитар машғул мешаванд ва минбаъд ин амал танҳо як баҳона ба хотири дидани якдигар мегардад. Ниҳол чун эҳсоси ишқи онҳо рӯз ба рӯз сабзтару бақувваттар мешуд. Ҳар ду дилдода дарахти калонкарда истодаашонро, ки унвони ҳикоя низ аз тавсифи “дарахти орзу” гирифта шудааст, дидан мехостанд. Муаллиф мулоқоту сӯҳбатҳои қаҳрамонони ҳикояро нозукона, бо ишораҳо ва нигоҳҳои шармгинонаву саршор аз меҳр моҳирона ба қалам додааст. Меҳри Чанда дар дили шоҳзода чунон сахт маскан гирифта буд, ки ӯ ба

тамом ба кадом тоифаву мартаба маҳсуб буданашро фаромӯш карда, ба духтар хостгор мешавад. Дар рӯзи муқарраршуда, дар ҳавлии ҷогирдор барои арӯсии онҳо омодагӣ мерафт. Ҳайҳот... орзуҳо ба як тараф монданду тақдир бо амри худ амал кард! Душманони қаблии падар макони пинҳоншудаи Раҷнатҳро фаҳмида, шоҳзодаро дастгир карданд ва дар як қалъаи дурдаст, воқеъ дар як баландии кӯҳ бурда, ӯро якумра зиндонӣ кардан хостанд.

Тақдири шоҳзода ва Чанда ба таври фоҷиавӣ анҷом ёфта бошад ҳам, вале он ниҳоле ки ҳар ду бо ҳам парвариш карда буданд ва бо гузашти вақт он ба як дарахти калону сояафкан табдил ёфта, чун рамзи ишқи ҷовидонаи онҳо дар он деҳаи дурдасти кӯҳистон боқӣ мемонад. Чандаи ҷавону нозанин то дами марг ниҳолро парвариш кард ва чун маҳбубаи содиқ зери шохаҳои калоншудаи он бо дили саршор аз меҳру муҳаббат ва дар интизории азизи дилаш вафот мекунад. Бо гузашти бист соли асорат шоҳзода Раҷнатҳ ҳам фурсати мувофикро пайдо карда, роҳи гурезро пеш мегирад ва ба он деҳаи харобгашта бармегардад. “Қувваи ишқ пурзӯртарин эҳсос аст”. Ишқи Чанда дар ин қадар солҳои маҳбусӣ таъсири пурзӯр ва муқтадири худро нишон дод ва маҳз орзуи дубора дидани Чандаи азизаш ба шоҳзода нерӯ мебахшиданд. Шоҳзода Раҷнатҳ ниҳоли ба дарахти калон табдилёфтаро шинохт, ба тарафаш давид: “дарахт гӯё маҳз барои пешвозгирии ӯ истода буд. Ин ҳамон навдаест, ки ҳар ду бист сол пеш парвариш карда буданд. Шоҳзода девонавор давида, мисли падаре, ки фарзанди аз модар ятимгаштаашро сахт ба оғӯш мегирад, ба он дарахт часпида гирифт. Дарахт нишонаи маҳз ҳамон ишқ аст, вокуниши ҳамон муҳаббатест, ки баъди гузашти рӯзҳо имрӯз ин қадар калон шудааст!” [12, с.43] Қаҳрамонони ҳикоя дар фироқи якдигар ғаму кулфати зиёдеро аз сар гузаронида, ҳар кадоме дар танҳоӣ вафот карда бошанд ҳам, аммо то ба охир дар ишқи худ содиқ мондаанд. Муҳтавои ҳикоя собит месозад, ки ишқи ҳақиқӣ абадист. Бино ба таъкиди Атахон Сайфуллоев “ Вай (ишқ) ба дил айёми ҷавонӣ меояду ба ҷон меравад” [9, с.335].

Образи Чанда низ хеле муассиркунанда баромадааст. Тимсоли ишқи шоҳзода ва Чанда Премчанд хонандаро нисбат ба ишқ бовафо ва содиқ буданро тавсия медиҳад. Тасвири табиат ва ё хониши паррандаҳо дар ҳикоя, ки аз анъанаҳои назму насри бадеии ҳиндӣ дарак медиҳад, ҳиссиёти гарму самимии қаҳрамононро боз ҳам равшантару муассиртар кунонидааст. Премчанд ҷараёни ошиқ шудану улфат пайдо кардани ду дилдодаро бағоят табиӣ ба тасвир мегирад. Қаҳрамонҳои ҳикояи “Дарахти орзу” ишқи худро то лаҳзаҳои вопасини зиндагиашон бошарафона ҳифз мекунанд ва муҳим он аст, ки дар ишқи онҳо оҳанги яъсу ноумедӣ дида намешуд, қатъи назар аз он ки фарҷоми он ба таври фоҷиа анҷом ёфт, вале онҳо бо умеди дидори якдигар зистанд, дарахти калон кардаашонро диданд.

Як қисми муҳими мавзӯи ишқии ҳикояҳои Премчанд ин дар аввал мамониату ранҷишҳо, шарму ҳаёро паси сар кардану баъдан садоқату васл кардан аст, ки воситаи ба таври табиӣ афзудани воқеаҳо гардидаанд. Премчанд ин матлабро дар мисоли зиндагии ду қаҳрамони ҳикояи “Фиреб” (“**धोखा**”) ба таври хос ҳал намудааст.

Қаҳрамони ҳикояи “Фиреб” (“**धोखा**”) шоҳдухтар Прабҳа духтари боақлу боифат аст ва сохтакорӣ ҳам ҳеҷ гоҳ дар рафтори ӯ ҷой надошт. Вале бо пайдо шудани эҳсоси наву номаълум, ки тамоми вуҷуди ӯро комилан фаро гирифта буд, Прабҳаро ба чунин амал водор месозад. Гунаҳгори асосӣ маҳз ишқ шуд. Табиатан, шоҳдухтар зебопараст ва санъатдӯст буд, “дар рӯйи қолини сабзи баҳорӣ нишаста, аз чаҳ-чаҳи парандагон лаззат бурдан, барояш беҳтарин лаҳзаҳо ҳисоб меёфт”. Аз шунидани навои фораму суруди пурмаънӣ завқ мебурд, гуё ҳаёт ҳамаи ин зебоиву хубиҳоро маҳз барои Прабҳаи қадрасу нозанин ато карда бошад. Дар яке аз рӯзҳои баҳорӣ қаландаре, ки аз назди деворҳои қаср сурудхонон мегузашт бо овози марғуладори худ шоҳдухтарро ба тамом мафтун мекунад. Бо хоҳиши шоҳдухтар Прабҳа қаландарро ба наздаш оварданд. Чун ҷавони тануманди нимбараҳнае ситор ба даст вориди дарбор шуд, вуҷуди Прабҳаро як эҳсоси гарму ноаёне фаро мегирад. Бо хоҳиши шоҳдухтар дубора сароидани суруд ва шунидани оҳанги форам дар дили духтари ҷавон шӯълаи ишқ аланга зад. Бо чанг задани ҳар як тори ситор торҳои ноҷури дили Прабҳа ҳам ба ҷур меомаданд. Премчанд дар ҳикояи мазкур эҳсоси ишқ, ранҷу озори Прабҳаи ошиқро хеле таъсирбахш тасвир намудааст, зеро барои нависандаи ҳассос ишқ чун яке аз ҳолатҳои ботиниву маънавӣ, ҳамчун падидаи ахлоқи инсонӣ маҳсуб

меёфт. Шоҳдухтари ба сарояндаи қаландар ошиқшуда ба хубӣ медонист, ки ошноии ӯ бо ин ҷавон ғайриимкон аст ва бо ҳамин сабаб ишқи дар дилаш пайдошударо аз пайвандону наздиконаш пинҳон дошт. Ишқ эҳсоси гуворо дошта бошад ҳам, вале барои шоҳдухтар Прабҳа як азоби рӯҳиву ботинӣ шуда монд. Минбаъд овози форами он қаландар тамоми ҳушу ёдашро банд кардаву симояш дар пеши назар мудом ҷилвагар мегашт. Оташи ишқаш рӯз ба рӯз аланга мегирифт, то замоне ки ба шоҳдухтар Ҳаришчандар ном роҷае хостгор нашуд. Аммо дили маҳзуни духтарро ин хабар хуш наомада бошад ҳам, вале муҳити маънавӣ ва ахлоқии ӯ имкон надоданд, ки эътироз баён кунад. Премчанд сӯзиши дили Прабҳаро дар ин вазъият хеле муассир тасвир кардааст: “ **मैं हिन्दू कन्या हूँ माता-पिता जिसे सौंप दें, उसकी दासी बनकर रहना मेरा धर्म है। मुझे तन-मन से उसकी सेवा करनी चाहिए। किसी अन्य पुरुष का ध्यान तक मन में लाना मेरे लिए पाप है। आह ! यह कलुषित हृदय लेकर मैं किस मुँह से पति के पास जाऊँगी।** [12, с.49]. Ман ҳиндудухтарам, падару модарам ба касе лоиқ донанд, канизаки ӯ шуда зиндагӣ кардан, мазҳаби ман аст. Сидқан ба ӯ кӯмак карданам лозим. Дар дил фикри марди дигареро кардан бароям гуноҳ аст. Оҳ! Бо ин дили нопок, бо кадом рӯ ман ба назди шавҳарам меравам”.

Премчанд қаҳрамони худ шоҳдухтарро бо сӯзиши дил ва бо як меҳр офаридааст. Дар ифодаи фикру андешаҳо ва олами ботинии Прабҳа то чӣ андоза дили ҳассос доштани нависанда эҳсос мешавад. Дар зиндагии оилавиаш ба ивази он муҳаббате ки шавҳараш ба ӯ изҳор мекард, Прабҳаро лозим меомад вонамуд созад, ки хушҳол аст, вале аз ин ҳолати худ азоби руҳиаш дучанд меафзуд. Роҷа Ҳаришчандр марди фозил, адабдӯст ва ватанпараст буд. Бо чеҳраҳои мондагори сарзамини худ ифтихор мекард. Ҳангоми ба Прабҳа нишон додани осорхонаи таърихии дарбор, ки дар он тасвирҳои абармардону шоирони номии сарзамини Ҳинд гирд оварда шуда буданд, роҷа Ҳаришчандр бо як ифтихормандӣ дар бораи корнамоиҳои онҳо нақл мекард, ки баёни ин лавҳа низ аз ҷониби нависанда боҳадафона мебошад, зеро ҳар як шахс бо донистани таърихи худ сабақи ватандӯстиро аз худ хоҳад кард.

Дар толори дигари дарбор мусаввараҳои зиёде овезон буданд. Дар яке аз онҳо Прабҳа акси ҳамон қаландари ситор ба дастро диду ҳайрон шуд, ҳарчанд кӯшиш намуд, ки ҳаяҷони пайдошудаашро пинҳон кунад, вале натавонист. “Шумо ин шахсро дар ягон ҷо дида будед? ” – пурсидани роҷа ӯро ба якборагӣ дар хиҷолат мононд. Барояш паст кардани эҳсосоти қалб мушкил афтод ва ниҳоят ба шавҳараш иқрор мешавад, ки пештар ин қаландарро дидаву сурудхониашро ҳам шунидааст. Баъди шунидани суханҳои Прабҳа роҷа низ худро ошкор карда мегӯяд, ки он ҷавон маҳз худи ӯст ва барои дидани арӯси ояндааш ба сифати қаландар аз пеши дарбори Прабҳа махсус гузашта, бо як дидан ба ӯ дил бастааст. Вақте ки роҷа барои тасдиқи гуфтаҳояш дубора дар нақши қаландар сурудро замзамакунон ба назди ӯ мебарояд, дар вуҷуди Прабҳа ҳамон эҳсоси гарму ноаёни пинак рафта дубора бедор мешавад. Худро фиребхӯрда ҳисоб кунад ҳам, вале хурсандии ӯро ҳадду канор набуд, аммо подоши он лаҳзаҳои пурҳаяҷону пуризтиробро кӣ ҷуброн мекунад?

Премчанд мавзӯи ишқро дар ҳамбастагӣ бо манзараҳои дилфиреби табиат, сӯзиши дил, оҳангу садои форами дилангез мувофиқи диди орифонаи худ моҳирона ба тасвир додааст.

Садоқати Премчанд ба ҳақиқати ҳаёт дар симои қаҳрамонони ҳикояҳои бешумораш зуҳур ёфтааст. Худи воқеаву ҳодисаҳои зиндагӣ образҳои гуногунро ба вуҷуд меоваранд. Симоҳое, ки нависанда меофарад, дорои хулқу атвори гуногун буда, ба табақаву тоифаҳои мухталифи ҷомеа мансубанд. Аксари он қаҳрамонҳое, ки дар маркази ҳикояҳо қарор доранд ашхоси фақиру заиф бошанд ҳам, вале дар тинату замири онҳо хислатҳои беҳтарини инсонӣ ҷой доранд.

Моҳияти инсонпарваронаи нависанда дар ҳикояи “Идгоҳ” (“**ईदगाह**”) дар ғамхориву сипосгузорӣ, ёрӣ додан ба наздикон ошкор мегардад. Премчанд ба эҳтиёҷмандон ёрӣ расонданро яке аз шартҳои инсонӣ таъкид намудааст. Қаҳрамонҳои ҳикояи “Идгоҳ” ятимбачаи чор-панҷ сола Ҳамид ва модаркалони ӯ Амина мебошанд. Ҳикоя бо сабки лирикӣ навишта шудааст. Амина-дадӣ зани ҳаётдида ва дили озордида дошта бошад ҳам,

лекин дили қавӣ дорад ва нерӯдиҳандаи ӯ ягона набераш Ҳамид мебошад. Падару модари Ҳамид аз беморӣ вафот карданд ва ӯ дар оғӯши модаркалонаш хобида бузург мешуд. Бачаи хушзавқ, ба хурдсолии худ нигоҳ накарда донову зирак ба воя мерасид. Ӯ бармаҳал чӣ будани гуруснагӣ, нодорӣ ва ноадолатиро дарк карда буд. Дар ҳикоя як рӯзе аз ҳаёти Ҳамид, ҳангоми ҷашн гирифтани ид дар идгоҳ тасвир шудааст ва маҳз дар он ҷо тамоми хислатҳои нек ва ҳозирҷавобии писарбача кушода мешаванд. Ҳамид бо пули ночизе, ки бибиаш дода буд, бори аввал бо ҳамроҳи рафиқонаш Муҳсин, Маҳмуд, Нур, Самӣ ба тамошои идгоҳ рафтанд. Гарчанде Амина-дадӣ бо дили нохоҳам набераашро барои рафтан иҷозат дода бошад ҳам, вале Ҳамид ӯро бовар мекунонад, ки ҳамааш хуб анҷом меёбаду ӯ зуд бармегардад. Дар қисмати дуюми ҳикоя, яъне вақти интихобу харидани тӯҳфаҳо масъалаи асосӣ, ки дар он муҳокимаи амалҳои шоиставу бади пулису дигарон дар миёни бачаҳо сурат мегирад, ҳадафи нависанда баён мегардад. Ҳамид нисбат ба дигар рафиқонаш камбағалтар аст ва аз ин лиҳоз ӯ наметавонист ҳар чизи дилхоҳашро, хоҳ бозича бошад, хоҳ ҳалвою ширинӣ харида гирад. Дар саҳифаҳои аввали ҳикоя чунин менамуд, ки Ҳамид ба мисли дигар ҳамсолонаш дар дунёи рангини бачагона бепарво, бо даву този худ саргарм аст, аммо баҳсу мунозираи миёни бачаҳо ба амал омада, назари хонандаро нисбат ба Ҳамид ба куллӣ дигар мекунад. Бачаҳо ҳар кадоме бозичаҳои худро таърифу тавсиф мекарданду ба ҳоли Ҳамид, ки ду чӯбчаи оҳанинро (анбӯрча) харида буд, механдиданд. Саволу ҷавобҳои бачаҳо хеле ҷолиб баромадааст. Ҳамид бо як ифтихормандӣ тавоноии анбӯрчаи худро аз бозичаҳои гилини рафиқонаш собит карда тавонист ва онҳо ҳам ба мағлуб шудани худ тан доданд, зеро оҳиста-оҳиста дарк намуданд, ки бозичаҳои онҳо зудшикананд. Ҷавобҳои додаи Ҳамид нишон медиҳад, ки ӯ то чӣ андоза ба дараҷаи фаҳмиши воқеаҳои зиндагӣ сарфаҳм меравад. Хонанда ба Ҳамиди хурдсол эҳтироми хосса зоҳир мекунад, зеро ба хурдсолии худ нигоҳ накарда, ӯ дили бузург дорад, ҳалиму меҳрубон аст. Он анбӯрчае, ки бо пули ночиз чун бозича барои худ дар идгоҳ пайдо карда буд, дар асл Ҳамид онро барои модаркалонаш харидааст. Ҳар боре ки ӯ барои Ҳамид нон мепухт ангуштонаш дар вақти тагу рӯ кардани нонҳо месӯхтанд. Дар вақти дидани анбӯрча Ҳамид маҳз ҳамин лаҳзаҳоро ба хотир оварду онро барои бибиаш харида гирифт. Анбӯрча минатдории Ҳамид нисбат ба меҳрубониҳои модаркалонаш мебошад. Муҳаббату меҳри набера ба Амина дадӣ чун беҳтарин шакли қадршиносӣ ифода гашта, дар гуфтору амали Амина дадӣ ҳувияти миллӣ инъикос ёфтааст.

Ба синну соли худ нигоҳ накарда, Ҳамид бисёр бачаи ҳалиму мушфиқ, шикастанафс тасвир шудааст. Муомилоти нек, қувваозмоии зеҳнӣ бо рафиқони нисбат ба худ доранда аз ташаккул ёфтани хулқ ва инсонгароии Ҳамид дарак медиҳад.

Нависандаи машҳури адабиёти ҳиндӣ Кавита Бҳатия дар мақолаи худ “Тасвири инсони бофаросат дар адабиёти бачагонаи Премчанд” оид ба ҳикояи “Идгоҳ” (“**ईदगाह**”) чунин ибрози андеша намудааст, ки “Ин ҳикоя дар дили атфол арзишҳои маънавӣ ва эҳсосотро бедор мекунад. ...Ин ҳикоя ба бачаҳо боз як дастури одӣ низ медиҳад, яъне (моро) ҳушдор медиҳад, ки дар баробари хушҳоливу кайфиятҳои худ, дар бораи мушкиливу хурсандиҳои дигарон низ бояд фикр кунем” [14, с.47].

Ҳикояҳои Премчанд ҷараёни зиндагиеро, ки пур аз тазодҳои ғайриинтизор ҳастанд, инъикос кардаанд ва маҳорати нависанда низ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ одамони комилро, ки дар ҳамин гуна ҷараёнҳо ташаккул ёфтаанд, нишон додааст. Бино ба таъкиди худи Поремчанд, “Инсон табиатан аз ибтидо дорои маънавиёти воло мебошад. Зери фишори вазъу ҳолатҳои номусоид ва макру ҳилаҳое, ки дар олам ҳукумфармо ҳастанд, ӯ онҳоро (маънавиётро) аз даст медиҳад” [2, с.427].

Ҳикояҳои Премчанд ҳаёти одамони оддиро бо тамоми пастиву баландиҳояш инъикос намудааст. Бо вуҷуди гузашти вақт таълифоти нависанда асарҳои замонавӣ ба ҳисоб мераванд, чунки теъдоди зиёди хонандагони муосир ҳикояву романҳои Премчандро хонда, бо роҳи пурпечутоб ва душвори тайкардаи қаҳрамонҳо шинос шуда, ба шахсоне ки сабабгори ба чунин ҳолат гирифтор шудани онҳо мегарданд, нафрату адоват пайдо мекунанд. Аз ҳама муҳим, дар дилу зеҳни хонандагон нисбат ба корафтодагону бечорагон ҳисси ҳамдардӣ, раҳму шафқат бедор мешавад. Адлу инсоф яке аз масъалаҳои умдаи ҳикояҳои Премчанд аст. Нависанда адлро махсусан барои сарватмандон воҷиб меҳисобад,

зеро дар бештари маврид, дар ҷомеа осоиштагиву рушд ва адолати иқтисодиву иҷтимоӣ аз онҳо вобаста аст. Аз ҷумла, бекориву гуруснагӣ, ки рӯҳафтодагиву ноумедӣ маҳз аз онҳо сар мезананд, яке аз нишонаҳои беадолатӣ мебошад. Ин матлабро мо дар ҳикояи "Рондашуда" ("**बहिष्कार**") мушоҳида карда метавонем. Қаҳрамонҳои ҳикоя пандит Гянчанд ва ҳамсари ӯ Говиндӣ ҳар ду инсонҳои накукору меҳрубон буданд ва руҳи тавоно доштанд. "Тавоно касест, ки соҳиби дили бузург аст, дар паи ҷомаи амал пӯшонидани нақшаҳои худ не, беҳтар кардани зиндагии худ не, балки дар паи беҳбудии дигарон ҷонбозӣ мекунад" [9, с.287]. Онҳо ба зани ҷавон Калиндӣ, ки шавҳараш марди доро Сомдат ӯро беасос аз хона меронад, дари кулбаи худро мекушоянд ва муддати се сол барои ӯ парастор мешаванд ва маҳз ин амали хайрхоҳонаи пандит Гянчанд боиси бадбахтии оилаи ӯ мегардад. Зоҳиран ҳаёти оилавии хоксоронаи Гянчанд ва Говиндӣ бо сабаби ҳақношиносии собиқ шавҳари Калиндӣ ва тарафдорони ӯ бо фоҷеа анҷом меёбад. Найранг ва бадтинатии шахсони доро ин оилаи ҷавонро дар аввал таҳқир карда, баъдан бе манбаи даромад мононд, ки дар натиҷаи надоштани хӯрока кӯдаки онҳо аз гуруснагӣ ҳалок мешавад ва дар охир худи пандит Гянчанд ба ҳамаи ин таҳқирҳои беасос тоб оварда натавониста худро зери қатора мепартояд. Калиндӣ ҳам, дар навбати худ носипос баромад, бе пурсишу иҷозати оилае ки ӯро се сол сарпарастӣ карда буд, тарк карда, дубора ба хонаи шавҳари собиқаш Сомдат бармегардад. Говиндии бечора бошад, ки ҳанӯз ашки чашмонаш барои тифли аз даст додааш хушк нашуда буд, баробари шунидани хабари шум (марги шавҳараш) бо сактаи дил абадан ин дунёро тарк мекунад. Чӣ гунае мебинем, Премчанд ба мушкилиҳои ҳаёт сахтгирӣ намуда ва қаҳрамононашро аз мураккабиҳо раҳо намекунад, чун мехоҳад, ки хонандаи закӣ аз ин амалҳои ноҷову сахтиҳои рӯзгор ибрати таъсирбахше бардошта бошад. Ҳикоя бо нолаву фиғон ва афсусхӯриҳои Сомдат хотима меёбад.

Дар ҳикояи "Рондашуда" Премчанд чанд масъала, аз ҷумла, кӯмак ба фитодагон, мақоми зан, фақру бенавоӣ, вобастагии ноодилонаи иқтисодӣ, беқадрии аҳли фазл ва амсоли ин, мавриди таҳлил қарор гирифта шудаанд. Зиндагии одамони камбағал сангин аст ва аксар онро шахсони манфур аз мартабаи худ суистифода карда, боз ҳам мушкилтар месозанд, ки ин боиси гоҳҳо ба ҳалокати одамони бегуноҳ оварда мерасонад. Ин матлабро мо дар ҳикояи дигари Премчанд "Фиғони бечора" ("**ग़रीब की हाय**") мушоҳида карда метавонем. Нависанда дар ҳикоя дар бораи Рамсевак ном шахсе нақл кардааст, ки бо роҳҳои фиребу найранг ба боварии мардуми заҳматкаш даромада, аз онҳо барои амонат пул мегирифту, зиндагии худро пеш мебурд. Қаҳрамони ҳикоя муншӣ Рамсевак раиси деҳа буд. Ӯ тарзе рафтор мекард, ки дар назари аввал бениҳоят шахси нексиришт, мушфиқ ва қонундон ба назар мерасид. Мардум ба ӯ боварӣ карда пасандозҳояшонро медоданд, то ин ки дар рӯзҳои зарурӣ аз ҷаноби муншӣ пулҳояшонро гирифта харҷ кунанд ва ин хоҳиши онҳо баъдан ғайриимкон мегашт, зеро Рамсевак дар баргардондани пул мумсикӣ мекард. Ӯ шахси ботакаббур ва худхоҳ буд. Аз мақому вазифаи худ хуб истифода бурда, ҳатто бевазани бенаво Мунгаро фиреб доданӣ шуда нафақаи аз шавҳараш мегирифтаашро додан нахост. Мунга саргузашти талх дорад. Шавҳараш шахси низомӣ буд ва дар ҷангҳои Бирма иштирок карда, кушта мешавад. Ҳукумат хизматҳои ӯро ба назар гирифта, ҳар моҳ барои ҳамсараш Мунга ба андозаи панҷсад рупия нафақа ҷудо мекард. Барои Мунга ин пули калон буд ва барои эҳтиёт ӯ пулҳоро ба муншӣ Рамсевак чун амонат медод. Солҳои аввал муншӣ табқи қарордод, ҳар моҳ як миқдор маблағ барои эҳтиёҷот ба Мунга бармегардонд, вале баъдан рафторашро иваз карда, аз додани пасандозҳои бевазан саркашӣ мекунад. Мунгаи бечора ҳарчанд, ки кушиш намуд, ки адолатро барқарор кунад, вале қонун маҳз муншӣ Рамсевак барин ашхосро тарафдорӣ намуд. Ин ҳолат Мунгаро боз ҳам асабонитар карду ӯ минбаъд думболи раис рафта, аз ӯ пулҳояшро талаб мекард. Дар деҳа ҳарчанд ки нобакории Рамсевакро медонистанд, аммо касе ҷуръати ба ӯ муқобилат карданро надошт, зеро ин ба "дар дарё бо тимсоҳ ҷангидан" баробар буд. Премчанд Мунгаро чун зани фиребхӯрда тасвир кардааст. Ранҷишу саргардониҳои ӯро бо камоли маҳорат тасвир мекунад. Мунга як зани танҳову бекас аз рафтори Рамсевак ба ҳарос афтодаву девона шуда бошад ҳам, лекин паст нагашт, балки то ба охирин нафаси худ дар назди дарвозаи раис нишаста, бо тамоми қувваташ ӯро дуои бад кардан гирифт. Нолаву фиғонаш то ними шаб дар тамоми деҳа шунида мешуд, вале он

ҳам лаҳза ба лаҳза паст шуда, билохира сукут кард. Субҳ ҷисми беҷони Мунгаро аз назди хонаи Рамсевак пайдо карданд. Ин ҳолат соҳиби хона, ҷаноби Рамсевакро ба таҳлука афтонид, зеро тибқи пиндорҳои мардумӣ, мурдани касе дар назди дарвоза хосияти бад дорад ва деҳотиён ҳам аз ӯ ҳазар хоҳанд кард. Премчанд дар ҳикоя моҳияти як масъалаи муҳимро мекушояд, яъне ба муқобили барқарор кардани адолат ҷангидан беақлист, зеро дар ҳар сурат он пируз хоҳад шуд. Бадбахтӣ ҳам баъди марги Мунга ба сари аҳли байти Рамсевак зуд омад. Дар аввал ҳамсари ҳомиладори раис вафот мекунад, баъд бо ҷурми содир намудани ҷиноят писараш ҳабс карда мешавад. Рамсевак ба ин вазъу ҳолат дигар тоб оварда натавониста аз ақл бегона мешавад. “Қувваи тарс аз дигар қуввахо сахттар аст”. Тамоми давлати ноҳақ ҷамъ кардаи раиси деҳа дар як рӯз бо хонааш сӯхта нобуд шуд. “Мардуми деҳа оташро дида, бо шитоб ба тарафи хонаи раис Рамсевак давиданд, аммо на барои хомӯш кардани оташ, балки барои тамошо омада буданд”. Хонаи зулм сӯхта ба хокистар табдил ёфт. Фиғони Мунгаи бечора шунида шуд! Зиштхуии Рамсевак барин ашхос ҳамчун натиҷаи таъсири муҳити носолими иҷтимоии ҷомеа ва дастгирии ноҳақонаи тоифаҳои болоӣ дар ҳикоя шарҳ дода шудааст. Премчанд таваҷҷуҳи хонандаро ба фаъолияти Мунга барин зани заиф, аммо нотарс равона сохта, ба муқобили ноадолатӣ, ки дар симои Рамсевак ифода ёфтааст, тавонмандии як зани муштипарро мегузорад. Нисбат ба мардони деҳа, ки таҳқирҳои раиси деҳаро хомӯшона таҳаммул мекарданд, Мунга нотарс баромад.

Маърифатандӯзиву саъю кушиш дар зиндагии ҳар як инсон нақши муҳим мебозад ва пешравиву беҳбудии зиндагии инсон ба он сахт вобаста аст. Ин андешаҳоро Премчанд дар ҳикояи “Бо шарофати беморӣ” (“**मुबारक बीमारी**”) мавриди назар қарор додааст. Дар ҳикоя дар бораи муносибати наслҳо ва муборизаи ҳамешагии фикрҳои куҳнаву нав сухан меравад. Қаҳрамонони марказии ҳикоя хӯҷаини осиёб Лала Ҳарнамдас ва писари ӯ насли нав Лала Ҳаридас мебошанд. Лала Ҳарнамдас идомадиҳандаи расму русуми куҳнаи гузаштагони худ буд ва ҳарисона онро ҳифз мекард ва ба муқобили ҳама гуна навгонӣ ва ихтирооти нав буд, дар ҳоле ки писараш ислоҳоти тоза, таҷҳизотҳои навтарини технологиро ҷонибдорӣ мекард ва маҳз ҳамин андешаҳо миёни падару писар мухолифатро гузошта буданд. Писар Лала Ҳаридас тавоноии мошини нави ордбарориро ба падараш таъриф карда ва хоҳиш дошт, ки онро дар ҷойи осиёби куҳнашуда гузоранд ва таъкид мекард ки он маҳсулоте, ки осиёб дар як моҳ мебарорад, мошинҳо дар як рӯз гандумро ба ҳамин миқдор орд карда, даромади бештаре ба даст хоҳанд овард, вале падар дар ин бобат шунидан ҳам намехост. Баҳсу муноқишаи доимии онҳоро бемории падар Лала Ҳарнамдас худ ба худ ҳал карда тавонист ва унвони ҳикоя низ бо ҳамин ҳадаф “Бо шарофати беморӣ” номгузорӣ шудааст. Ҷаноби Ҳарнамдас муддати ду моҳ дар бистари беморӣ хоб мекунад. Писараш, ки ҷавони маълумотдор буд, дар худ ҷасорати шикастани суннату анъанаи оилаашонро пайдо карда, аз бистарӣ шудани падар истифода мебарад ва осиёбхонаи падарашро бо таҷҳизоти нав иваз мекунад. Ӯ тамоми дониши андӯхта ва маҳорати кордонии худро ба кор бурда, бо шарофати техникаи муосир дар корхонаи оилавиашон маблағи зиёд ба даст меорад ва аз ҳама муҳим маҳсули самараноки ӯ падарро қонеъ карда тавонист. Лала Ҳарнамдас аз фаъолияти писараш шод гашта, бо дилпурӣ роҳбарии кори осиёбхонаи аҷдодиро ба писараш вогузор менамояд.

Хоҳиши беҳтар шудан ба ҳар як одам хос аст. Нависанда ба воситаи ҳикояи мазкур собит месозад, ки шахс набояд бо ақибмонии маънавию ахлоқӣ тоб оварад, балки барои шахси комил шудан талош варзад. Ҷомеа бо мурури замон тағйир ёфта истодааст ва ворид шудани навгониҳо тақозои замон ба ҳисоб меравад. Дунёи куҳану нав мудом дар набарданд ва билохира он навгоние, ки барои беҳбуди шароити инсон равона карда мешавад, бунёди худро мустаҳкам мегузорад. Барои то ба ин сатҳ расидан, маърифат андӯхтану заҳмат кашидан мебояд, ки тимсоли онро мо дар кӯшишҳои яке аз қаҳрамонони ҳикояи “Бо шарофати беморӣ” Лала Ҳаридас дида тавонистем.

Осори нависанда Премчандро бе масъалаҳои ахлоқӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аксари ҳикояҳои Премчанд хазинаи пурбаҳои андешаву ақоиди баланди иҷтимоӣ ва ахлоқӣ буда, дар он таҷрибаи аз рӯзгор гирифтаи мардуми заҳматталабу бенавои Ҳинд ва худи нависанда ҷамъбаст гардида, дар симову лавҳаҳои муассир тасвир шудаанд ва барои хонанда аксари онҳо пандомез мебошанд. Яке аз мавзӯъҳои муҳимме, ки дар ҳикояҳои

нависанда бештар ба чашм мерасад, ин масъалаи адлу инсоф мебошад ва Премчанд ба воситаи таълифоти худ давлатмандону шахсони ботакаббуру худхоҳро ба адолатпарварӣ даъват менамояд. Мардуми бенавову муҳточро таҳқир кардан нишони ҷоҳилӣ ва амали нанговар аст. Онҳоеро, ки бо роҳи зулму ситам ҳуқуқу шарафи инсонҳои аз ҷиҳати сатҳи зиндагиашон пастро поймол мекунанд, нависанда ҳаматарафа маҳкум мекунад. Дар ҳикояҳо ашхоси нек, ҳалиму меҳрубон ва аз ҳама муҳим инсони заҳматкаш аз ҷониби Премчанд тавсиф карда шудааст.

Премчанд ишқи покро муқаддас медонист. Маънои ишқ аз диди нависанда ин олами хоси рӯҳӣ ва қалбии инсон, зиндагии ботинии намиранда аст. Новобаста аз анҷоми он қаҳрамонҳои Премчанд ба умеди дидор, ба умеди фардо зиндагӣ мекунанд. Таҳқурсии мустаҳками ишқи поки қаҳрамонҳои Премчанд (ҳик. “Дарахти орзу”,“Тифл”,“Ронашуда”, “Фиреб”) садоқату вафодорӣ аст.

Премчанд бузургӣ ва қувваи инсонро дар азму ирода, дар натарсидан аз мушкилиҳо, дар матонат медонад ва дар баробари ин нависанда заифиҳои табиати шахсро маҳкум мекунад. Дар ҳикояҳои таҳлилшуда танқиди хасисӣ, ҳирс барин хислатҳои бад ҳам ба назар мерасанд. Ҳирс (ҳик. “Фиғони бечора”, “Рондашуда”) шахсияти инсонро мешиканад, ҳадафро нобуд ва ҳаёти инсонро пуразоб месозад. Ҳар қадаре ки дар тинати инсон ҳирс нисбат ба моли дигарон зиёд гардад, ҳамон қадар ӯ аз хислатҳои неки инсонӣ дур шуда, сабабгори ба ранҷу азоб гирифтор шудани инсонҳои бегуноҳ мегардад, ки ин оқибати ниҳоят бад дорад.

Премчанд чун намояндаи аҳли зиё таъкид мекунад, ки инсон набояд ба урфу одат, андешаҳои куҳнашудаи гузаштагони худ маҳдуд шавад, балки бо дониши муосир ва ба заҳмату кушиш пардохта ҳаёти худ ва дигаронро беҳтар кунад.

Некиву накукорӣ, раҳму шафқат, қадрдонии меҳнати шахси дигар, адолатпарварӣ ва кушишу ғайрат, эҳтирому илтифот ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ аз рукнҳои асосии андешаҳои башардӯстии Премчанд буда, дар таъриху адаби мардумони Ҳиндзамин суннатҳои бостонӣ ба ҳисоб меравад. Ҳикояҳои Премчандро метавон пандномаи насрӣ номид.

Ҳикояҳои Премчанд аз ҷиҳати забон ва таснифи нигориш ҷолиб ва таъсирбахш ҳастанд. Забони ҳикояҳо образнок ва гуворо буда, дорои ҷумлаҳои пурмаъно, тасвирҳои зебо мебошанд. Бино ба таъкиди донишманди тоҷик Аълохон Афсаҳзод “Забони нависанда хеле фасеҳ ва образнок мебошад. Вай дар асарҳои худ зарбулмасалу мақолу ҳикматҳои халқиро васеъ ба кор мебарад. Қаҳрамони асосии Премчанд халқи одист, ки чун асоси ҷомеа тасвир мегардад” [1, с.206]. Муҳокимаҳои ҷиддӣ ва андешаҳои баманфиат, мафҳумҳои тоза баёнгари услуби эҷодии нависандаи мумтоз Премчанд мебошанд.

Осори Премчанд аз зумраи машҳуртарин таълифот на танҳо барои мардуми Ҳиндустон, балки барои хонандагони кишварҳои дигар низ ба ҳисоб меравад. Ба ин хотир, он сол ба сол ба забонҳои мухталифи кишвар ва дунё тарҷума ва чоп шуда, диққати хонандагон, адабиётшиносону олимонро бештар ба худ ҷалб мекунад.

Муқарриз: ***Шодиев М.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод А. Пайванди қарнҳо / А. Афсаҳзод. - Душанбе: Адиб, 1989. - 240 с.
2.Балин В.И. Премчанд. Избранное / В.И. Балин. – Ленинград: Художественная литература, 1979. – 471 с.
3. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон / Р. Ғаффоров. - Душанбе: Ирфон, 1977. - 208 с.
4. Муллоаҳмад Мирзо. Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем... / Мирзо Муллоаҳмад. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. - 267 с.
5. Раҷабов Ҳ. Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ / Ҳ. Раҷабов. - Душанбе: Пайк, 1998. - 176 с.
6. Раҷабов Ҳ. Премчанд / Раҷабов Ҳ. - Душанбе: Истеъдод, 2015. - 215 с.
7. Раҷабов Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав / Ҳ. Радҷабов. - Душанбе: Эр-граф, 2017. - 496 с.
8. Раҳматуллоева З. Хусусиятҳои услубӣ ва бадеии ҳикояҳои Раҷендра Ядав / З. Раҳматуллоева. - Душанбе: Деваштич, 2005. - 129 с.
9. Сайфуллоев А. Уфуқҳои тозаи наср / А.Сайфуллоев. - Душанбе: Адиб, 2012. - С.480.
10. Холов Ҷ. Адабиёти урду дар садаи бистум. Китоби дарсӣ / Ҷ. Холов. – Душанбе: Истеъдод, 2010. - 155 с.
11. Холов Ҷ. Заминаҳои таҳаввули романи урду. Китоби дарсӣ / Ҷ. Холов. - Душанбе: Дониш, 2014. - 258 с.

Адабиёт ба забони ҳиндӣ

12. **प्रेमचन्द. प्रेमचन्द की शिक्षाप्रद कहानियाँ / प्रेमचन्द. -नई दिल्ली: तुलसी साहित्य पब्लिकेशन्स**, 2014.-**पृ**.173.
13. **डॉ.श्रीनिवास त्यागी: प्रेमचन्द की कहानी-कला // गगनांचल. सितंबर-अक्तूबर**, 2014,**पृ**. 20-22

14. **कविता भाटिया: संवेदनशील मनुष्य को रचता प्रेमचंद का बाल साहित्य// गगनांचल. सितंबर-अक्तूबर**, 2014, **पृ**. 45-47
15. **डॉ. हरदयाल. हिन्दी कहानी परम्परा और प्रगति / हरदयाл डॉ.– नई दिल्ली: वाणी प्रकाशन**, 2005. -216 **पृ**

РОҶЕЪ БА ҲИКОЯҲОИ ПАНДОМЕЗИ ПРЕМЧАНД

Дар ҳикояҳои Премчанд масъалаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ бо дигаргун шудани вазъи давру замон, хулқу атвори одамони ба табақаҳои мухталифи ҷомеа мансуб буда, басо рангину вокеӣ та свир шудаанд. Ҳикояҳои нависанда аз рӯи мазмуну мундариҷаи худ сиёсиву иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ишқӣ, ҳаҷвӣ, маишӣ мебошанд, сужетҳои риққатангез, оғозу анҷоми ғайриинтизор ва симоҳои хотирмон доранд. Ҳадафи эҷодии Премчанд инсонгароиро васф намудан ва падидаҳои номатлуби ҷомеаро ба монанди хушунату таҳқир, разолату ноадолатии иҷтимоиро маҳкум кардан буд. Премчанд афкори пандомези худро дар мазаммати хислатҳои бад бо роҳҳои гуногун, бо тасвири симоҳҳои нафратовар, бо мақолу ибораҳои халқӣ ва ғайра ифода кардааст. Назари инсонпарварона ва андешаҳои ахлоқии Премчанд барои рафъ кардани ҳама гуна зуҳуроту амалҳои зишти тҳакурҳо (заминдорон) ки асоси сохти феодалии ҷомеаро ташкил мекарданд ва амалҳои зишташон ба муқобили ҳаёти солими инсон равона карда шудааст, барои имрӯзу фардо ҳам бағоят муфид ва судманд мебошанд. Инсони оқилу доно аз кору заҳмати худ обрӯманд аст. Некӣ кардан, изҳори раҳму шафқат, сипосгузорӣ, адолатпарварӣ ва заҳмат кашидан, эҳтирому илтифот ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ аз рукнҳои асосии андешаҳои башардӯстонаи Премчанд мебошанд. Бидуни ҳеҷ шубҳа метавон гуфт, ки дар симои қаҳрамонони мусбати ҳикояҳои Премчанд хислату сифатҳои шахси худи нависанда таҷассум ёфтаанд. Бузургии шахсияти ӯ ва бузургии ҳикояҳои адиб тавъам ва ҷудоинопазиранд.

Калидвожаҳо: нависанда, ғояҳои пандомез, шахсият, адолат, шафқат, ҳикоя, ҷомеа, падидаҳои номатлуб, зӯроварӣ, маҳорат.

О НРАВОУЧИТЕЛЬНЫХ РАССКАЗАХ ПРЕМЧАНДА

В рассказах Премчанда затрагиваются различные вопросы общественной жизни с изменяющейся ситуацией времени, реалистично изображены характер и поведение людей, принадлежащих к разным слоям общества. Рассказы писателя по своей тематике делятся на социальные, политические, нравственные, романтические, патриотические, лирические и т.п. с грустными сюжетами, неожиданным началом и концом, запоминающимися образами. Творческой целью Премчанда было прославление человеческих качеств и осуждение негативных явлений общества, таких как насилие, унижение и социальная несправедливость. Достоинством рассказов Премчанда была их социальная заостренность, выраженный в них протест против антигуманных догм, унижающих человеческое достоинство. В своих нравоучительных рассказах Премчанд разными путями вскрывает паразитический характер существования многих (тхакуров) помещиков, которые составляли основу всего феодального строя индийского общества и для полного изображения их характера он также широко употреблял поговорки и народные выражения. Нравоучительные взгляды и моральные идеи Премчанда направлены на то, что бы искоренить все мерзости и пагубные действия, которые направлены против нормальной человеческой жизни. Величие его личности и величие его рассказов переплетены и неразделимы. Доброта, милосердие, благодарность, справедливость и трудолюбие, уважение, вежливость и другие человеческие качества и есть основные столпы нравоучительных идей Премчанда. Несомненно, высокие душевные качества положительных персонажей рассказов Премчанда отражают личность писателя.

Ключевые слова: писатель, нравоучительные идеи, личность, справедливость, милосердие, рассказ, общество, негативные явление, насилие, талант.

ON THE DIDACTIC STORIES OF PREMCHAND

Premchand's stories, are described various issues of social life in realistic way, with the changing situation of the times, the behavior of people belonging to different classes of society. The writer's stories from the side of means and content are political and social, moral, romantic, humorous, everyday, with sad plots, unexpected beginnings and endings, and memorable images. Creative goal Premchand was to glorify humanity and criticize socially unacceptable phenomena such as violence, oppression, and social injustice. Premchand expressed his didactic ideas in the conviction of bad qualities in various ways, with the depiction of disgusting figures, with folk proverbs and sayings, and so on. Premchand's humanistic views and moral ideas are very useful for now and after to get rid of all the repulsive phenomena and actions of landowners, which formed on the basis of the system of feudal society and their bad actions against a healthy human life. He is wise and successful person for his hard workings. The main pole of Premchand's humanitarian ideas are kindness, compassion, gratitude, justice, hard work, respect, courtesy and other human qualities. Undoubtedly, it should be said that some of the heroes are embodied in the stories of the Premchand, with several personal qualities of the writer. The greatness of his personality and the greatness of the writer's stories are inseparable.

Key words: writer, didactic ideas, personality, justice, mercy, story, society, negative phenomenon, violence, talent.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳматуллоева Зарина*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 907-90-70-56**

Сведение об авторе: ***Рахматуллаева Зарина*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры индийской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 907-90-70-56**

Information about the author: ***Rakhmatullaeva Zarina*** - Tajik National University, associate professor of the Depatment of Indian Philology of the Faculty of languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 907-90-70-56**

УДК: 891.550

КОРБУРДИ ҚОФИЯ ВА РАДИФ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

Шарипов Ш.Р.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Зуҳурии Туршезӣ (1538-1616) яке аз шоирони форсизабони садаи XVI-XVII Ҳиндустон буда, бо вуҷуди ашъори ноб ва нотакрораш мавриди таваҷҷуҳи шоистаи муҳаққиқон қарор нагирифтааст.

То ба имрӯз ба ҷуз мақолоти алоҳидаи муҳаққиқони эронӣ Асғари Бобосолор ва Расули Ҷаъфариён роҷеъ ба ғазалиёти Зуҳурӣ дар адабиётшиносии тоҷик пажӯҳиш рӯйи кор наомадааст.

Асғари Бобосолор «салосат, равонӣ, хушоҳангӣ, бепироягӣ ва тахайюли содаро аз мухтасоти ғазалиёти Зуҳурӣ» донистааст [10, с.110]. Ҳамчунин, афзудааст, ки «дар ин қолаби шеърӣ аз Шайх Саъдии Шерозӣ, Салмони Совоҷӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Бобофиғони Шерозӣ истифода кардааст ва гоҳ ба тақлид аз Ҷомӣ низ ғазалҳое сурудааст» [10, с.110]. Агарчи Асғари Бобосолор дар мавриди сувари хаёл Зуҳуриро «соҳиби тахайюли сода ва каломи бепироя» мешиносад, аммо дар идомаи матлаб менигорад, ки «қувваи тахайюл ва ангезиши авотифи Зуҳурӣ дар маснавиҳо ва ғазалҳояш сутуданӣ ва қобили тамҷид аст, ба гунае ки аз миёни шуарое, ки сабки ҳиндиро сарлавҳаи кори худ қарор додаанд, танҳо Соиб ва Бедил ба ҷиҳати тахайюл ба пояи Зуҳурӣ расида ва кори ӯро дунбол кардаанд» [10, с.111]. Худи Соиб низ дар ин маврид гуфтааст:

Соиб, надоштем сару барги ин ғазал,
Ин файз аз каломи Зуҳурӣ ба мо расид[5].

Зуҳурӣ зодаи Туршези Эрон буда, соли 988 ҳиҷрӣ, ё худ 1581 милодӣ ба Ҳиндустон сафар намуда, дар он ҷо то охири умр зиндагонӣ карда, «маликушшуаро»-и дарбори Иброҳим Одилшоҳи сонӣ будааст.

Корбурди қофияву радиф дар ғазалиёти Зуҳурӣ вежагии зиёдро шомил буда, бозгӯйи ҳунари адабии шоир дар эҷоди қофияву радифҳои нодир ва тобишҳои услубию маъноии онҳост.

Баррасии мусиқии канорӣ ё қофияву радиф (навъе аз се мусиқӣ дар шеъри форсӣ), ки аз шохиси сохтории шеъри форсии тоҷикист, корбурди радифҳои баланду ибтикорӣ, ишоравӣ ва радифҳои феълӣ ва сохта аз ҳуруфи илҳоқӣ дар ғазалиёти Зуҳурӣ мақсад ва мавзуи матраҳи ин мақола аст.

Ба пиндори Аббосалии Вафоӣ ва Сайидмаҳдии Таботабоӣ танаввуи мусиқоӣ ва ба қавли Шафеи Кадканӣ такрори қофия (бар хилофи қавоиди сабкҳои хуросонӣ ва ироқӣ) дар сабки ҳиндӣ аз вежагиҳои ин сабк буда, «мабнои эстетикии қофия, пеш аз он ки дар ҷанбаи мусиқоии он бошад, дар абзори тадоӣ будани он аст» [1, с.69-75; 6, с.71]. Шафеии Кадканӣ дар иртибот ба каманди ҷодуии шеър – қофия дар сабки ҳиндӣ аз моҳигиру тур ва шикорчиву тӯфанг ва аз шабакаи сайди онҳо, ки на як навъ, балки анвои гуногуни сайдро шикор мекунанд, ёдовар гардида, дар баробари бори маънӣ кашонидани қофия (муқаффо, ҳашв ва ё қофияи шойгон нест, балки бо маънии тоза корбаст шуда) аз ҳама чиз тадоӣ гирифтани онро ҳунари асили шоир медонад. Такрори қофия, ки дар гузашта аз нуқсони шеър буд, дар сабки ҳиндӣ ба пойгоҳи мусобиқаи маънитирозӣ табдил ёфта, ба вежагии сохтории он мубаддал гардида, таҳаввулоти тадоӣ ва маъноӣ ёфт. Дар шеъри шоирони ин сабк як вожа бо чанд маънои мухталиф қофия месохт, ки ҳар кӣ бештар тадоии мутанаввеъ офарад, аз ин чашмандоз шоиртар аст ва ҳаммасали он, ки бо як тӯр чанд анвои моҳӣ ба даст орад.

Холӣ аз дахли сабр **синаи** мо,
Харҷро даст дар хазинаи мо.
Ишқ бар маснади ифода нишаст,
Доғҳо шарҳи матни **синаи** мо [10, с.4].

[5] Табрезӣ, Соиб. Куллиёт.

Дар абёти боло вожаи «сина» дар ҳарду маврид бо маънои мухталиф корбаст шудааст. Дар абёти зер «забон» дар мавриди аввал ба маънои узви бадан ва дар мавқеи баъдӣ ба мазмуни сухан омадааст.

Ҳар дам ҳавас ниҳад сухане бар **забони** мо,
Муҳре ба бӯса кош ниҳӣ бар даҳони мо.
Лабҳо зи ҳарфҳои гадоёна шуд тиҳӣ,
Пур шуд ба васфи шоҳ, Зуҳурӣ, **забони** мо [10, с.5].

Дар абёти зер тақсир ба ду маъно қофия шудааст.

Ба шерӣ хиромида нахчири мо,
Кам аз саъйи кас нест **тақсири** мо.
Ту худ шармсорӣ зи худ мекашӣ,
Нагӯӣ, агар узри **тақсири** мо [10, с.6].

Дар абёти зерин маоши аввал ба маънои зиндагонӣ, умргузаронӣ, рӯзгузаронӣ ва дар мавриди баъдӣ ба мазмуни воситаҳои зиндагӣ, чун хӯрок, пӯшок, нӯшиданӣ омадааст:

Ҳамвор гашта хуш ба раҳи дин **маоши** мо,
Кардаст резакории мо буттароши мо.
Бо аҳли расм қудрати ҳамсоягӣ набуд,
Омад бурун зи кӯчаи одат **маоши** мо [10, с.8].

Дар мираъҳои зер «ғам» ба маъноҳои андуҳ ва ташвиш омадааст.

Мекашад сур нози мотами мо,
Айши мо ошиқ аст бар **ғами** мо.
Айш ин рутба аз куҷо медошт,
Гар намешуд шарик бо **ғами** мо [10, с.8].

Эй зи рӯят биҳишт манзили мо,
Айши озод кардаӣ **дили** мо.
Бар дили мост, ҳар киро доғест,
Дорад аз доғ толее **дили** мо [10, с.9].

Аз тоби сина шуъла бароварда **доғи** мо,
Сарсар тапончае нахӯрад аз чароғи мо.
Марҳам дар оташ аст, кабобем аз ғамаш,
Ё Раб, ки ҳеч сина насӯзад ба **доғи** мо [10, с.12].

Дар мисраи аввал «кавкаб» ба маънии аслӣ ва дар мавриди дувум мазмуни толеъро ифода кардааст:

Зи доғи дил шуда равшан чароғи **кавкаби** мо,
Ба гард рафта саҳар пеши зулмати шаби мо.
Ситорасӯхтагонем, лек дода қазо
Ба офтоб шараф аз вуболи **кавкаб**и мо [10, с.13].

Ишқи бутон сиришта вафо дар **сиришти** мо,
Бар субҳи Каъба тофта шоми **куништи** мо.
Бо ҷаври ошиқон чӣ кунад ҷаври зоҳидон?
Ҷӯйи биҳишти зоҳиду хоки **куништи** мо.
Дар барзахи фироқ, Зуҳурӣ, бароварем
З-оби висол гил шуда хоки **сиришти** мо [10, с.15].

Дар мисраи аввал манзур аз хона «вуҷуд» ва дар мавриди баъдӣ ба мазмуни «дил» омадааст:

Ишқ овард пай ба **хонаи** мо,
Сари мо вақфи остонаи мо.[6]
Ишқ он[7] хонумонхаробе ҳаст,
Ки туро оварад ба **хонаи** мо [10, с.15].

[6] Дар чопи Асғарӣ. «Сари мо ҳам бар остонаи мо».
[7] Дар чопи Асғарӣ. «Ишқ аз он».

Рашки ахгар шуда ашк аз тафи **наззора**и мо,
Шуъла дар боли самандар зада фаввораи мо.
Накунад шаъшаъаи ҳусни ту гар бадрақагӣ,
Набарад маҳ ба тамошои ту **наззора**и мо [10, с.21].

Маҳраме ку, ки барад пеши касе **ном**и маро,
Во кунад сарсухани номаву пайғоми маро.
Дар забони қаламам нест ба ҷуз номи касе,
К-аз забони қаламаш карда бурун **номи** маро [10, с.21].

Ё Раб, асаре **дуои** моро,
Сабре дили мубталои моро.
Дар сина нафас намонду нанвохт
Дашноми касе **дуои** моро [10, с.26].

Гиря хуш карда **дида**и моро,
Шуста нақши ҷаридаи моро.
Шукр, к-аз беғамӣ ба бод надод,
Гиря номуси **дида**и моро [10, с.27-28].

Барназад нолае сар аз **лаб**и мо,
Ки нашуд шуъла аз тафи таби мо.
Бар хамӯшӣ задем, агар назанад
Дард ангушти нола бар **лаб**и мо [10, с.38].

Ба ҳусул ошност матлаби мо,
Ҳамзабон гашта шукр бо **лаб**и мо.
Гиря гӯ қаҳр кун зи дида дигар,
Сулҳ кардаст ханда бо **лаби** мо.

Дар абёти зерин низ «канор» ба маъниҳои паҳлу ва оғӯш омадааст:

Мижа дур дошт дар **канор** имшаб,
Бувад оре, шаби нисор имшаб.
Бо ки ин дар миён ниҳем, ки дошт
Зарра хуршед дар **канор** имшаб [10, с.44].

Фурӯшам то ба муддат аз вафо ҷинси касод орам,
Нашуд рӯзе, ки савдое ба бозори **мурод** орам.
Фурӯ чидам ба коми хештан асбоби нокомӣ,
Ба созу барг худро бар сари тарки **мурод** орам [10, с.678].

Баҳрагирӣ аз қофияҳои феълӣ, ки дар онҳо меъёрҳои забонӣ (қолаби ҷумла) шикаста намешаванд, дар ғазалиёти Зуҳурӣ мавқеи чашмрас доранд. Дар мавриди дигар, истифодаи ҳуруфи илҳоқӣ (шабеҳи радиф) [2, с.122] бо овардани ҳуруфу ҳаракоти мушобеҳ истеҳкому устувории шеърро тақвият мебахшад.

Хуш он гурӯҳ, ки оҳе ба оҳ пайвастанд,
Каманди тофтаи эҳром кунгурӣ бастанд.
Раҳини коҳиши коҳиш шуданду осуданд,
Дами тааллуқи хотир заданду ворастанд [10, с.324].

Ва:

Ба лабхушкӣ ба сар бар подшоист,
Зи дарё об агар хоҳӣ, гадоист [10, с.80].

Ва:

Агарчи ишқи ту нанмуд сулспаймоям,
Зи дил ба сайқали ишқи ту занг бизудоям [10, с.509].

Дар ғазалиёти Зуҳурӣ корбурди вожагони мутанаввеъ дар мақоми радиф, бар амсоли «рақс», «фарз», «ғалат», «шамъ», «низоъ», «дареғ», «ҳариф», «бартараф», «фироқ, «ошиқ (ошиқон)», «рашк», «дарюза дорам», «паймоям», «мепечам», «мардум» (3 ғазал), «орам»,

«хокистарам», «дуздам», «арз кунам», «об мекунам», «бихорам», «ҷӯшам», «шиносам», «шикофтем», «рӯфтам», «қурбониён», «инчунин», «арз кун», «хиромон», «шикан», «бегонаӣ», «бетобӣ», «девонагӣ», «соқӣ», «талоше», «наве» (2 ғазал) ба чашм мехӯрад, ки дар адабиёти тоҷик ба нудрат истифода шудаанд. Зуҳурӣ шаш ғазал дар радифи «ҳанӯз» дорад, ки дар авзони мухталиф суруда шудаанд.

Чу омад рост аз савдоиён савдои бетобӣ,
Ҳама оромҳо байъонаи колои бетобӣ [10, с.630].

Ва:

Мағзи ошиқ хонаи девонагӣ,
Оқилӣ девонаи девонагӣ [10, с.630].

Радифҳои нодири дигаре, ки дар адабиёти тоҷик корбурди банудрат доранд, дар ғазалиёти Зуҳурӣ ба чашм мерасанд:

Чӣ бода буд, ки соқӣ ба ҷоми мастон рехт?
Ки санги арбада бар шиша хонаи ҷон рехт.
Он, ки шаб бар рӯзи ман аз шоми ҳиҷрони ту рехт,
Офтобу маҳ зи рӯят дар гиребони ту рехт [10, с.175].

Ва:

Эй ғофил аз шукуфтагии навбаҳори субҳ,
Пургул нашуд зи ашки ту ҷайбу канори субҳ.

Ва:

Тангзарфӣ, ки наӣ маст аст ба андозаи субҳ,
Беусулӣ, ки нарақсӣ ба саровозаи субҳ.

Ва:

Ҷонбарлабам аз забони носеҳ,
Пеши кӣ барам фиғони носеҳ?

Хоҳам ғами чашми тар диҳам шарҳ,
Чун Даҷлаи гиря сар диҳам шарҳ [10, с.185].

Дигар омад нигоҳ бар сари сулҳ,
Ба сарангушти ноз зад дари сулҳ.
Шуд аён аз рухаш нишонаи сулҳ,
Зад итобаш дари баҳонаи сулҳ [10, с.186].

Ё:

Гаштем нотавони ту, гар метавон, бипурс,
Бо ноз машварат макун, аз худ ниҳон бипурс.

Ва:

Ҳоли чашми дур аз он рухсор мепурсӣ? Мапурс.
Ашки ғам шуд ҳасрати дидор, мепурсӣ? Мапурс [10, с.412].

Зуҳурӣ дар корбурди радифҳои вежа ва интихоби вожагони хос ба сифати радиф дастёбии бузург дорад, то ба ҷое, ки радифҳои ихтисосӣ офаридааст ва дар таҳкими мусиқоии ғазал интихоби ин гуна вожа беасар нахоҳанд монд. Аз ин чашмандоз таҳияи фарҳанги таркибу таъбироти Зуҳурӣ ҷиҳати ташреҳи вожагони хос ва чандмаъноии онҳо дар ашъори шоир мусоидат хоҳанд кард.

Нест мислат, зи ҳар кӣ ҳаст, бипурс,
Маҳ чӣ бошад? Зи маҳпараст бипурс [10, с.413].

Ва:

Бар ҷигар рехт синон ҷавшани мижгон нозам,
Пираҳан гашт қабо, чоки гиребон нозам.

Ва:

Саропо ҷон шудам, ҷонони хешам,
Сар омад дардҳо, дармони хешам.

Ва:

Пайғом чу равона кунӣ дар хабар нишин,
Роҳи назар чу боз шавад, дар назар нишин [10, с.579].

Нест дасте маргро бар ҷайби ҷони ошиқон,
То намедорад хазон дар бӯстони ошиқон [10, с.603].

Зулфи ту фузуда шони зуннор,
Аз дин талабида сони зуннор [10, с.397].

Зи рашки қомате дар бӯстон шамшод меларзад,
Надорад даст бар тарфи ниқобе, бод меларзад [10, с.380].

Чида дар ишқ дил дукони дигар,
Суди ман ҳар замон зиёни дигар [10, с.404].

Агар бо ман шавад дилдор махсус,
Сазад, гул мешавад бо хор махсус [10, с.434].

Дар ғазалиёти Зуҳурӣ такрори вожа ба сифати радиф чашмхӯр аст, ки ба маъниҳои мухталиф (ба қавли забоншиносон сермаъноии вожагон) корбаст шудаанд. Чунончи, дар абёти зер вожаи «хароб» дар мавриди аввал маънои бе тобу тавон ва дар маънии дувум маънои вайрону валангор, нооботу муфлисро мадди назар доштааст:

Обод карда ишқи ту ҷони **хароб**ро
Дар хирмани аташ зада барқи саробро.
Ҳичроннадида ғайр чӣ донад висол чист?
Аз адли шоҳ пурс диёри **хароб**ро [10, с.23].

Дар байтҳои зер низ вожаи «нишон» дар мавриди аввал ба маънои «доғ, пай, ёдгорӣ» ва дар мавриди дуюм ба мазмуни «аломат, асар» корбаст шудааст:

Хӯйи ту забон забонаҳоро,
Доғи ту нишон нишонаҳоро.
То дар раҳат аз паям наёянд,
Бардоштаам нишонаҳоро [10, с.24].

Дар байтҳои зер моҳи аввал ба маънои моҳи тақвимӣ ва моҳи осмон дарҷ шуда, вожаи «нигоҳ» дар мавриди аввал ба маънии «мунтазирӣ» ва дар мавриди дуюм ба мазмуни аслӣ ва дар мавриди сеюм ба маънии «ҳифз кардан» омадааст:

Кардаам сурма хоки роҳашро,
Дидаам ҷавҳари нигоҳашро.
Карда пур аз боғ гули рӯяш
Чарх домони солу **моҳ**ашро.
Май нахурдаст, ғолибан, ҳаргиз,
Он, ки гуфтаст май нигоҳашро.
Он қадар кардаам ба илми нигоҳ,
Ки зи худ кардаам нигоҳашро.
Давлаташ, гар ба поят андозат
Осмон офтобу **моҳ**ашро [10, с.28].

Дар баъзе радифҳо шоир гӯё ки мухотабро ба вузуҳ бо ангушт нишон медода бошад, ки ҳамон ишора қудрати қавии байтро инъикос мекунад ва ин шигарди шеърӣ дар адабиёти мо бесобиқа нест. Аммо ба сони як мотиви хос – ишорати мухотаб, бавежа маҳбуб, яъне мотиви ишораи матлуб дар ашъори шоирон ба вуфур чашмгир аст. Аз ҷумла, дар осори Ҷалолиддини Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ, Бедил ва пайравони Фароруӣдии он ва Зуҳурӣ мувоҷеҳ мешавем, ки як навъ радифҳои ишоравианд:

Кас аз ман комронтар нест, нокомист ком ин ҷо,
Надонам бастатар аз хеш, озодист дом ин ҷо.

Ба маҷлисе, ки дароӣ, шавам сипанд он ҷо,
Сипандвор дар оташ фитад газанд он ҷо.

Ба хилват омаду бурқаъ зи рух фиганд он ҷо,
Расонд хуш мададе ишқи чашмбанд он ҷо.

Ҳам ту кин варзад кинадор, ки чӣ,
Ҳам ту ғамхору ғамгусор, ки чӣ.

Зи кӯи подшоҳӣ ганҷҳо ба ҷое, ки чӣ,
Ба хайр баста ҷабин сар аз гадое, ки чӣ [10, с.622].

Лаб фурӯ бастам, суханронист ин,
Гӯш бикшодам, забондонист ин [10, с.581].

Дили содаи турав, наргиси ӯ пурфан чунин,
Нақше нишаста баҳри ман аз дидан чунин.

Аз худ бурун натохта по дар гиле чунин,
Дар ишқ тай насохта кас манзиле чунин [10, с.582].

Маҳе кард бар мо гузар, кист ин?
Фитод офтоб аз назар, кист ин [10, с.584]?

Баҳрагирӣ аз радифҳои феълӣ низ, ки як навъ шабакаи ҷаззобият ва халлоқияти ғазалро инъикос карда, то ҷое барои ифодаи маъно ва дарки адабии он кумак мерасонанд, дар ғазалиёти Зуҳурӣ мавқеи чашмрас дорад.

Рахши оҳу ноларо андози ҷавлон кам шудаст,
Дарду ғам хоҳанд марду марди майдон кам шудаст.

Ҳар ҷо ҳадиси сунбули он мӯ баромадаст,
Мазкур гашт то суханаш, бӯ баромадаст [10, с.126].

Ҳеч кас дар чамани ишқи ту чун мо нашукуфт,
Лолазорест ҷигар, доғи ту танҳо нашукуфт [10, с.127].

Гулҳо зи боғи рӯйи ту дар якдигар шукуфт,
Ҳусни ту ғунча буд, ба боди назар шукуфт [10, с.131].

Шавқ аз ман эътиборе баргирифт,
Чашми дурпошам нисоре баргирифт [10, с.133].

Захмам аз дарюзаи марҳам лабе бар ҳам надошт,
Эй хушо, захме ҷуз захми дигар марҳам надошт [10, с.136].

Радифҳои хушоянд (ҳамчӯр) на танҳо мусиқии канории шеърро танини бештар мебахшанд [7, с.97; 11, с.400], балки дар вақти мутолиа завқи бадеиро то ҷое сайқал медиҳанд ва хонандаи огоҳ нохудогоҳ як нав иртиботи руҳиро бо онҳо ҷӯр мебинад [13, с.48; 14, с.42], ки ин гуна радифи ҳамчӯри мусиқии канорӣ ва мусиқии завқи бадеӣ-руҳӣ дар ғазалиёти Зуҳурӣ ба вуфур чашмгир аст. Чунончи, дар радифҳои «маро», «гунае», «ман аст», «ошиқ аст», «инсоф нест» ва амсоли инҳо:

Маҳраме ку, ки барад пеши касе номи маро,
Во кунад сарсухани номаву пайғоми маро[10, с.16].

Ва:

Кардаам маҳрами дил ғамзаи ғаммози туро,
Рамзгӯ сохтаам чашми сухансози туро [10, с.28].

Ҳар гул, ки бӯи хун диҳад, аз гулшани ман аст,
Сад пушта барқ хӯшае аз хирмани ман аст [10, с.54].

Дом биниҳодам, набурдӣ доми ман, инсоф нест,
Кардам аз худ рам, нагаштӣ роми ман, инсоф нест [10, с.82].

Дар диёри ишқбозӣ айш бар ғам ошиқ аст,

Чун ба мулки фақр ойӣ, беш бар кам ошиқ аст [10, с.78].

Худоӣ Шарифов дар мавриди Камоли Хуҷандӣ фармудааст, ки «эҷоди ғазал барои Камол шуғле ҳунарӣ аст…» [15, с.67] ва ин ҷониб мусаммам аст, ки назари мазкурро низ метавон дархӯри ғазали Зуҳурӣ донист. Дар ғазале бо матлаи зер шоир вожаи «гунае»-ро, ки дар таркиби қофия радиф шудааст, бо маънии мутанаввеъ ба кор бурда, бо он ки ин тарзи ифода бесобиқа нест, ибдои ҳунарии тоза аз ин вожа сохтааст ва ин шеваи ғазалсароӣ аз дастёбии комили Зуҳурӣ дар халлоқияти маънӣ ва сувари хаёл [4, с.412; 5, с.502; 12, с.288-289] аст:

Дод аз ҳаҷри ту эй бераҳми раҳматгунае,
Раҳм бар мо мекунад душман мурувватгунае [10, с.624].

Шафеии Кадканӣ «дар эҷоди таъбироти хосси забони шеър ва тавсеаи маҷозу истиора» нақши радифро муассир шуморида, онро аз муваффақияти ғазали форсу тоҷик мепиндорад [3, с.142, 156]. Бар ин мабно, коргирии моҳиронаи радиф (зебо ва хушоянд) мусиқоӣ ва ҷаззобият латофати ғазалро фарогир буда, ба андешаи Абдуманнон Насриддин «дар таъмини заработу оҳанг ба мисли лейтмотиви мусиқӣ талқинбахш аст» [9, с.132] ва маъниро тақвият медиҳад, ки яке аз авомили вусъати паҳнои хаёлбофӣ ва маъниоварии Зуҳурӣ низ маҳз дар ҳамин хушоҳангии радиф буруз кардааст. Зуҳурӣ ба гуфти Абдурраҳмони Ҷомӣ «қофия ва радифҳои ғариб»-ро [8, с.156] на танҳо ҷиҳати тасаллути мусиқоӣ, балки тамомият ва мутанаввеияти маъно ба кор гирифта, таъкид ва ишораҳои риторикӣ низ дар радифҳои ғазалиёти ӯ ҷиҳати изъофи балоғат мунҳасир шудаанд. Чунончи, радифҳои «баргирифтаем», «барнагардонам», «бимирам», «фориғам», «расондаем», «афшондаем», «биравам», «мекашам», «хӯрда дилам», «бар хокистарам», «чӣ бошам», «арз кунам», «об мекунам», «хеш кардем», «чӣ ғам», «пур кардаем», «худ дорам», «арз кун», «танг аст», «ман аст», «марҳам аст», «пур аст», «ишқ аст», «хоҳам баст», «ба хиромон», «метавон кардан», «бар хеш зан», «айб аст, айб», «муфти ман аст» ва амсоли инҳо.

Ба пиндори шоир ҳар ҳақиқатро маҷозҳои ӯ раҳини ҳамраҳӣ ато карда, бо қофия ва радифҳои ҷаззобу устувор ва «ғариб» ва аз назари забоншиносӣ феълҳои сермаъно (семантикаи вожа) ғазалро озин бастааст:

Чаро маънӣ наболад ҳар дам аз ҳамдӯшии сурат,
Раҳини ҳамраҳӣ дорад маҷози мо ҳақиқатро.

Ба назари Шафеии Кадканӣ «истеъмоли афъоли рабтӣ: буд, гашт, шуд (феълҳои модулӣ) ва бандаки хабарии «аст» аз омили муҳимми такомули радифанд», ки корбасти онҳо дар ғазалиёти Зуҳурӣ чашмгир буда, шоир танҳо бо бандаки хабарии аст 25 ғазал сурудааст. Чунончи:

Хуш зи мижгони ту хушнудам раг аз ништар пур аст,
Шукри заҳрат чун тавонам, комам аз шаккар пур аст [10, с.58].

Тираш ба қасди сайд пазирои зеҳ шудаст,
Нозам ба захмҳо, ки бароям зиреҳ шудаст [10, с.84].

Комам аз лаззати номат шакаристон гаштаст,
Даргирифтам зи ту шомам саҳаристон гаштаст [10, с.85].

Рахши оҳу ноларо андози ҷавлон кам шудаст,
Дарду ғам хоҳанд марду марди майдон кам шудаст [10, с.119].

Гар маро бе ту бистаре будаст,
Ҳар сари муй ништаре будаст [10, с.119].

Шайх кард аз тавба истиғфор, истиғфор дошт,
Оре, аз таҳшишаи мо мастии саршор дошт [10, с.57].

Бо ҳамин маънӣ, ки ғазали ӯ аз пештозони шеъри замон буда, корбурди радиф ва қофия аз муҳиммияти сохтории он буда, шоир фармудааст:

Наёби нағмасанҷе чун Зуҳурӣ дар Хуросон ҳам,
Нигоҳаш дор, ин Ҳинд аст, гул бисёру булбул ку [10, с.826]?

Вежагии дигари сохтории қофия ва радиф дар ғазалиёти Зуҳурӣ дар ҳамнишинии мулоими овозҳои мусиқии канории онҳост, ки шоир ин шигардро огоҳона ба кор гирифта, аз мушаххасоти шеъри худ қарор додааст. Дар абёти зер қофияҳо: канор, дастёр, кор, комгор, баҳор як навъ кашиши такядореро талаб мекунанд (масалан, канор (-у), дастёр (-у), ки ҷиҳати талаффузи сабуку осонтари радиф ишоратест.

Ҳавас гузашта зи бӯсу канор муфти ман аст,
Нишастаам зи миён бар канор, муфти ман аст.
Зи поймардии бахт инчунин шудам помол,
Фалак, агар нашавад дастёр, муфти ман аст [10, с.76].

Дар мисраи сеюм вожаи калидӣ «помол» аст, ки заминаи ишорат ва ё як нав таъкиди риторикии маъноро ба зимма дорад.

Дар ғазале бо матлаи зер радифи «айб аст, айб» бо қофияҳо чунон ҳамнишин шудааст, ки низоми муштараки овоиро ба вуҷуд овардааст. Чунончи, қофияҳои «ҷон», «зиён», «миён» ва амсоли инҳо бо ҳарфи «н» (ҳамсадои мулоим) анҷом ёфта, радиф бо садоноки кӯтоҳ оғоз ёфтааст, ки ҳамоҳангии савтии шабакаи мусиқоии канориро табйин кардаанд:

Бедилу парвои ҷон айб аст, айб,
Мояву фикри зиён айб аст, айб [10, с.44].

Агар ҳамнишинии калимаҳои байти болоро ба формулаи шартӣ ворид кунем, он гоҳ сҳ+сҳ+ҳс+ҳс+ҳс (садоноку ҳамсадо) ба вуҷуд омада, такрори зиёди садоноки «а» - ааааааа як навъ овози аламро дар вақти айб кардан изъон мекунад.

Хулоса, Зуҳурӣ дар корбурди қофия ва радиф низ аз пештозони шуарои асри худ буда, ҷиҳати устуворӣ ва рангинии мусиқии канории шеър аз радифҳои баланду ибтикорӣ, ишоравӣ, хушоянд (ҳамҷӯри мусиқии канории шеър ва завқи адабии инсон) ва радифҳои феълӣ ва сохта аз ҳуруфи илҳоқӣ баҳра гирифтааст.

Истифодаи радифҳои ҷумлагӣ - хосси сабки ироқӣ (ба мисли Камоли Хуҷандӣ: «хубтар аз ту дар ҷаҳон мумкин нест», «дӯст медорам туро», «хуш намеояд маро», «мо донему дӯст») ва ё ибораҳои чорвожа («агар бошад, аҷаб бошад», «гуфт, ки ҳар ду») ба сифати радиф дар ғазалиёти Зуҳурӣ (намояндаи сабки ҳиндӣ) кам ба чашм мерасанд. Чунончи, дар радифи «гиря меояд маро»:

Ҳоли ман сар карда зорӣ, гиря меояд маро,
Хуш азизам карда хорӣ, гиря меояд маро [10, с.34].

Корбурди як вожа бо чанд маънои мухталиф ҳамчун қофия ва радиф, истифодаи радифҳое, ки дар адабиёти тоҷик ба нудрат истифода шудаанд, аз муваффақияти дигари Зуҳурӣ дар эҷоди ғазал буда, афъоли рабтӣ низ дар радифсозии ӯ басомад доранд.

Муқарриз: ***Шодиев М.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Вафоӣ, Аббосалӣ, Таботабоӣ, Сайидмаҳдӣ. Баррасии вижагиҳои сабки Бедили Деҳлавӣ / Вафоӣ, Аббосалӣ, Таботабоӣ, Сайидмаҳдӣ // Баҳори адаб (фаслномаи тахассусии сабкшиносии назм ва насри форсӣ). - 1389. - №4. – 132 с.
2. Зеҳнӣ, Турақул. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ /, Турақул Зеҳнӣ. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. - 260 с.
3. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Баҳор, 1373. – 679 с.
4. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Растахези калимот. Дафтари гуфторҳо дар бораи назарияи адабии суратгароёни рус / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. - Теҳрон: Сухан, 1391. - 512 с.
5. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Сухан, 1363. - 712 с.
6. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Шоири оинаҳо / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 338 с.
7. Кордгар, Яҳё. Дугонагии сабк дар сабки ҳиндӣ// Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қора / Яҳё Кордгар. - Донишгоҳи Сиистон ва Булуҷистон, 1390. - №6. - 114 с.
8. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. – 208 с.
9. Насриддин, Абдуманнон. Сеҳри мубин / Абдуманнони Насриддин. – Хуҷанд: Ношир, 2012. – 164 с.
10. Туршезӣ, Зуҳурӣ. Девони ғазаliёт. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи дуктур Асғари Бобосолор / Зуҳурии Туршезӣ. – Теҳрон: Китобхона, музей ва маркази асноди маҷлиси Шӯрои исломӣ, 1390. – 1622 с.
11. Футӯҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир / Маҳмуд Футӯҳӣ. – Теҳрон: Сухан, 1385. - 464 с.
12. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1369. – 312 с.
13. Шарипов Ш.Р. Навпардозиҳои Зуҳурии Туршезӣ дар жанри ғазал / Ш.Р. Шарипов. - Душанбе: ҶДММ «Сармад-Компания», 2020. – 98 с.
14. Шарипов, Ш.Р. Равишҳои ошноизудоӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ / Ш.Р. Шарипов // Паёми Донишкадаи забонҳо. - Душанбе: Лингвопарк, 2017. - № 2-3(26-27). – С.176.
15. Шарифов Х. Бунёди мардумии ирфони Камоли Хуҷандӣ / Х.Шарифов // Озурдагон ва умедворон. – Душанбе, 2001. – 124 с.

КОРБУРДИ ҚОФИЯ ВА РАДИФ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

Дар мақолаи мазкур кӯшиш рафтааст, ки мавқеи мусиқии канорӣ ё қофияву радиф дар ғазалиёти Зуҳурӣ муайян карда шавад. Зуҳурӣ ба мисли дигар шоирони сабки ҳиндӣ дар истифодаи радиф ва қофия диққати том дода, қофия ва радифҳои хосси худ – ихтисосӣ ва дар густураи адабиёти форсии тоҷикӣ камбасомад дорад. Такрори қофия ва радиф, ки яке вежагиҳои сабки ҳиндӣ аст, дар ғазалиёти шоир ба вуфур чашмгир аст ва ҳар як вожа бо маънои мухталиф радиф ва ё қофия шудааст. Яъне, радиф ва қофияи такрор дар шеъри Зуҳурӣ аз ҳама чиз тадоӣ гирифта, ба вежагии сохтории ғазал мубаддал гардидааст. Зуҳурӣ дар корбурди қофия ва радиф низ аз пештозони шуарои асри худ буда, ҷиҳати устуворӣ ва рангинии мусиқии канории шеър аз радифҳои баланду ибтикорӣ, ишоравӣ, хушоянд ва радифҳои феълӣ ва сохта аз ҳуруфи илҳоқӣ баҳра гирифтааст. Истифодаи радифҳои ҷумлагӣ - хосси сабки ироқӣ ва ё ибораҳои чорвожа ба сифати радиф дар ғазалиёти Зуҳурӣ ба чашм намерасанд. Корбурди як вожа бо чанд маънои мухталиф ҳамчун қофия ва радиф, истифодаи радифҳое, ки дар адабиёти тоҷик ба нудрат истифода шудаанд, аз муваффақияти дигари Зуҳурӣ дар эҷоди ғазал буда, афъоли рабтӣ низ дар радифсозии ӯ басомад доранд. Заработу оҳанги радиф дар ғазалиёти шоир маъниро тақвият медиҳад, ки яке аз авомили вусъати паҳнои хаёлбофӣ ва маъниоварии Зуҳурӣ низ маҳз дар ҳамин хушоҳангии радиф буруз кардааст. Радифҳои феълӣ як навъ шабакаи ҷаззобият ва халлоқияти ғазалро инъикос карда, то ҷое барои ифодаи маъно ва дарки адабии он кумак мерасонанд, дар ғазалиёти Зуҳурӣ мавқеи чашмрас доранд.

Калидвожаҳо: Зуҳурӣ, сабки ҳиндӣ, тадоӣ, мусиқии канорӣ: радиф, қофия, ғазал, шеър, адабиёт, оҳанг, сувари хаёл, маънӣ, радифҳои ибтикорӣ, ишоравӣ, хушоянд ва феълӣ, ҳуруфи илҳоқӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ РИТМА И РИФМА В ГАЗЕЛЯХ ЗУХУРИ ТУРШЕЗИ

В этой статье была предпринята попытка определить место рифмующейся музыки – рифмы и редифа в газелях Зухури. Зухури, как и другие поэты индийского стиля, уделял большое внимание использованию ритма и рифмы, создавал особые ритмы и рифмы, которые редко встречаются в истории таджикской персидской литературы. Повторение ритма и рифмы, которое является одной из черт основных индийского стиля, часто встречается в газелях поэта, и каждое слово с разными значениями. Другими словами, повторение ритма и рифмы в стихотворении Зухури относятся ко всему, что стало структурой газели. Зухури также считается одним из ведущих поэтов своего века в использовании ритма и рифмы, а для устойчивости и окраски периферийной музыки стихотворения он использовал высокие и заглавные слоги, приятные и словесные слоги и искусственные буквы. Использование суффиксов, типичных для иракского стиля или выражения животных в качестве суффикса в газелях Зухури редко. Использование одного слова с несколькими разными значениями в качестве ритма и рифмы, использование рифм, которые редко используются в таджикской литературе, - это еще один успех Зухури в создании газелей, и в его рифмах есть много связанных глаголов. Мелодия ритма усиливает смысл в газелях поэта, а одним из факторов развития воображения и смысла в поэзии Зухури является сияние ритма. Ритмы и рифмы отражают интересную связь в создании газели и в некоторой степени помогают выразить ее смысл и литературное понимание и занимают видное место в газелях Зухури.

Ключевые слова: Зухури, индийский стиль, периферийная музыка, редиф, ритм, газель, стихотворение, литература, мелодия, воображение, значение, образные редифы, глагол, дополнительные буквы в редифе.

USING RHYMES AND REDIFF IN THE GAZELS OF ZUKHURI TURSHEZI

In this article, an attempt was made to determine the place of rhyming music - rhymes and rediffs in the gazelles of Zukhuri. Zukhuri, like other poets of the Indian style, paid great attention to the use of rhythm and rhymes, created special rhythms and rhymes that are rarely found in the history of Tajik Persian literature. The repetition of rhythm and rhyme, which is one of the features of the Indian style, is common in the poet's gazelles, and each word is rhythmized or rhymed with different meanings. In other words, the rhythm and rhyme of repetition in Zuhuri's poem refers to everything that has become the structure of the gazelle. Zukhuri is also one of the leading poets of his age in the use of rhythm and rhyme, and for the stability and color of the peripheral music of the poem, he used high and capital syllables, pleasant and verbal syllables and artificial letters. The use of suffixes typical of the Iraqi style or animal expressions as a suffix in Zuhuri gazelles is rare. The use of one word with several different meanings as rhythm and rhyme, the use of rhymes that are rarely used in Tajik literature, is another success of Zukhuri in creating gazelles, and there are many related verbs in his rhymes. The melody of rhythm reinforces the meaning in the poet's gazelles, and one of the factors in the development of imagination and meaning in Zukhuri's poetry is the radiance of the rhythm. Rhythms and rhymes reflect the interesting network and creation of the gazelle and to some extent helps to express its meaning and literary understanding and features prominently in the Zukhuri gazelles.

Key words: Zukhuri, Indian style, peripheral music: redif, rhythm, gazelle, poem, literature, melody, imagination, meaning, figurative radifs, verb, additional letters in redif.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарипов Шариф Раҳмонович*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч.Саид Носир, 33.
E-mail: **ssssharif@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-757-32-28**

Сведение об авторов: ***Шарипов Шариф Рахмонович*** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и документации. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33. E-mail: **ssssharif@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-757-32-28**

Information about the author: ***Sharipov Sharif Rakhmonovich*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of Philology, associate of the Department of Tajik Language and Documentation. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str., Said Nosir, 33. E-mail: **ssssharif@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-757-32-28**

УДК: 891.550

ФАҲМИШИ АДАБИИ ҲАҶВ ВА ОМИЛҲОИ ЗУҲУРИ ОН ДАР АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК

Абдушукурова М.
Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар илми адабиётшиносӣ шинохти мафҳуми ҳаҷв аз ду самт сурат гирифтааст, якум, аз назари луғавӣ; дувум аз дидгоҳи истилоҳи адабиётшиносӣ. Аксари муаллифони фарҳангҳо дар тафсири маънии луғавии ҳаҷв бар ин назар ҳастанд, ки ҳаҷв дар маънии луғавӣ баршумурдани айбҳои касе, накуҳидан ва сарзаниш кардани касе, мазаммат ва бадгӯӣ аз касе, фаҳшгӯӣ ва носазогӯӣ ба касе, лаън ва нафрин мебошад. Решаи зуҳури ин калимаро онҳо аз масдари ҳиҷо муайян кардаанд, ки он вожаи арабӣ буда, ба маънии носазогӯӣ ва фаҳшбаёнӣ дар шеърро дорад. Аз ҷумла, Муҳаммади Муин дар фарҳанги худ аз вожаи «ҳаҷв» ҳафт маънӣ бад - ин гуна баровардааст. «1. Шумурдани маоиби касеро, накуҳидан. 2.Дашном додан касеро ба шеър, ҳиҷо. 3. Сарзаниш, накуҳиш. 4. Мазаммат ба шеър. 5. Дашном, фаҳш. 6. Шеъри мазамматомез. 7. Сухани беҳуда ва пуч. 8. Музахраф» [8, с.5105].

Дар тавзеҳи муаллифи «Фарҳанги Онандроҷ» Муҳаммади Подшоҳ ҳам вожаи «ҳаҷв» ба таври махсус хилофи мадҳ ё мидҳати он таъкид шуда ва дар маҷмӯъ аз назари луғавӣ ба гунаи зайл тавзеҳ ёфтааст: «Ҳаҷв - билфатҳ. Дашном додан касеро ба шеър ва накуҳидан, хилофи мидҳат ва ҳаҷв, ки онро замм ва қадҳ низ гӯянд ва чунон аст, ки авсофи ношоистаи касеро ба қасди иъонати он баён кунанд, хоҳ дар нафсуламр бошад, хоҳ ба дуо». Ҷолиб он аст, ки дар идомаи ташреҳи худ Муҳаммади Подшоҳ ҳаҷвро ба ду даста - малеҳ ва қабеҳ тасниф намуда, чунин менависад: «…пас агар он калом ба зоҳир як гуна эҳтимоли мадҳ бошад, онро ҳаҷви малеҳ гӯянд ва агар эҳтимоли мадҳ набошад, ҳаҷви қабеҳ гӯянд» [10, с.1343].

Алиакбари Деҳхудо ҳам дар «Луғатнома»-и худ вожаи «ҳаҷв»-ро бар асоси маънигузориҳои муаллифони осори «Мунтаҳи ул-араб», «Акраб-ул-маворид» ба гунаи зайл тафсир кардааст: «Ҳаҷв, ҳиҷо - накуҳидан, маоиби касеро баршумурдан ё зидди мадҳ аст ва ҳазл (хилофи ҷидд) беҳудагӯӣ аст ва дар истилоҳи адабӣ ба сухан ё шеъре гуфта мешавад, ки дар он замми касеро кунанд ва бад-ӯ нисбатҳои норавое диҳанд. Ва танз дар луғат фусус кардан, таъна задан ва айбҷӯӣ аст» [4, с.23416]. Ҳамзамон Деҳхудо барои собити назари хеш аз ашъори суханварони даврони мухталиф низ намунаҳо оварда, ки ин амали вай ба гунае диду нигоҳи шоиронро нисбат ба ҳаҷв дар замонҳои гуногун ба субут мерасонад. Аз ҷумла, аз Хоқонии Шервонӣ ин байтро овардааст:

Дар ҳама девони ман ду ҳаҷв набинӣ,
Дар ҳама гулзори худ ду хор наёбӣ [4, с.23416].

Ӯ вожаи «ҳиҷо»-ро чунин шарҳ додааст: «ҳаҷв, бадгӯӣ, дашном, сарзаниш, масхара, мазҳака, мазаммат кардан, накуҳидан». Баъдан аз ашъори суханварони бешуморе намунаҳое оварда, ки боз ҳам диду назари эшон аз фаҳмиши мафҳуми ҳиҷо ошкор мегардад. Масалан, чанд байт аз Носири Хусрав зикр намудааст, ки яке аз онҳо чунин мебошад:

Чун бувад бар ҳаром вақфи танат,
Ё бувад бар ҳиҷо забонат сабил [4, с.23408].

Аз ин маънигузориҳо пайдост, ки миёни фаҳмиши луғавии калима ва истилоҳии ҳаҷву ҳиҷо қаробате мавҷуд аст. Фарҳангнигорон ва муаллифони луғатномаҳои тафсирӣ аксаран дар баробари шарҳу тавзеҳи он ба маънои шуморидани айбҳои каси дигар, шеъри накуҳишдор ё дар шеър дашном кардани касеро ҳаҷв гуфтаанд ва ин маъниҳо як навъ пайванди луғавию истилоҳии ҳаҷвро таъмин кардааст.

Роҷеъ ба тафсиру маънигузории вожаи «ҳаҷв» дар таърихи андешаву афкори пешиниён аз дергоҳе мулоҳизаву андешаҳои муайяне баён шудаанд, ки ҳар яке диду назари хосеро ифода мекунанд. Аз ҷумла, дар маъниҳои истилоҳиву луғавии ҳаҷв аввалин маротиба дар яке аз аҳодиси Расули Акрам (с) ба зуҳур расида, ки он ҳадис ба нақл аз Ибни Касир чунин сурат дорад: «Худоё, Амр ибни Ос маро ҳиҷо гӯяд, дар ҳоле, ки

медонад ман шоир нестам (қодир нестам ӯро ҳаҷв кунам). Пас, эй Худо! Ӯро ба мукофоти ҳар ҳаҷве, ки маро гуфта, ҳаҷву лаън кун» [9, с.27].

Аз муҳтавои ҳадис пайдост, ки аллакай дар замони ҳазрати Паёмбар мафҳуми ҳаҷв ҳамчун унсури шеър ба кор рафта ва ҳамон бадгӯӣ ва лаънату нафрин дар шеърро ифода кардааст.

Баъдтар Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар «Маснавии маънавӣ» ҳаҷвро аз назари луғавӣ ҳаммаънои бадзабонӣ ва фаҳшгӯӣ тафсир карда, ки бо маънии пешиниён қаробат дорад. Мавлоно дар ҳикояти «Подшоҳе, ки дар мақоми имтиҳони ҳусни хулқи ду тан аз ғуломони худ баромада» аз ҳаҷв ба гунаи зайл корбандӣ мекунад:

Каф баровард он ғулому сурх гашт,
То ки мавҷи ҳаҷви ӯ аз ҳад гузашт [9, с.113].

Ё дар мавриди дигар ҳам дар «Маснавии Маънавӣ» оварда:

Модеҳат гар ҳаҷв гӯяд бармало,
Рӯзҳо сӯзад дилат з-он сӯзҳо [4, с.23416].

Шоири дигари форсӣ Сӯзании Самарқандӣ, ки аз маъруфтарин шуарои ҳаҷвсаро маҳсуб мешавад, низ ҳаҷву ҳиҷоро муодили бадзабонӣ, дашному ҳақорат тафсир мекунад ва бар ин назар мерасад, ки мояи ҳаҷв дашном мебошад ва ҳаҷви бидуни дашномро ӯ ба нони фатир масал мезанад, ки муҷиби афзудани дарди шикам гардад:

Дар ҳиҷогӯӣ дашном мадеҳ, пас чӣ диҳам,
Мурғи бирён диҳаму барраву ҳалвову ҳарир.
Ҳеҷ хасмеро ин шуғл наёмӯзад хасм
Ҳеҷ сӯфиро ин кор нафармояд пир.
Ҳаҷвро моя зи дашном диҳад марди ҳаким
Номуҳаммар шавад аз ҳаҷву бихезад чу хамир.
Масали нони фатир аст ҳиҷо бедашном,
Мардро дарди шикам хезад аз нони фатир [9, с.44-45].

Аз ин бардошту маънигузориҳои шоирон аз ҳаҷв ин амр мусаллам мешавад, ки дар маънии луғавии ҳаҷв бештар ҳамчун навъе дашном ё истеҳқори шахсият маънидод мешавад. Дар баробари ҳаҷву ҳиҷо вожаҳои ҳазлу танз ва шӯхӣ ҷой доранд, ки бештар дар қаробат ба ин мафҳум корбандӣ мешаванд. Таваҷҷуҳ ба маъниҳои луғавии ин вожаҳо то ҷое дар доираи ҳақорату дашном маҳдуд намондани шинохти луғавии ҳаҷвро таъйид месозад.

Чунонки гуфта шуд, тааммул дар маънии луғавии ҳаҷв роҳе барои шинохти истилоҳии он боз мекунад ва боз ҳам дар саргаҳи ин маърифат ҳамон ҳадиси Паёмбар (с) аст, ки онро навъе аз шеър муаррифӣ менамояд. Пас, аз назари истилоҳи адабиётшиносӣ ҳаҷв пеш аз ҳама навъи шеърест мубтанӣ бар интиқоду ҳақорат буда, мазмунҳои ҳиҷоиву ҳақоратомез ва шикваву танқидро фаро мегирад.

Адабиётшиноси эронӣ Алиасғари Ҳалабӣ бо таваҷҷуҳ ба ин ҷанбаи аслии ҳаҷв онро навъе аз шеъри ғиноӣ мешуморад, ки бар пояи нақди газанда ва дардангезе бино мешавад ва гоҳе ба сарҳади ришханди масхаромез ва дардовар меанҷомад [16, с.5]. Ба тафсири устод Шафеии Кадканӣ аз ҳаҷв ҳамчун навъи шеърӣ, ҳар гуна такя ва таъкиде бар зиштиҳои вуҷуди як чиз- хоҳ ба иддаъо ва хоҳ ба ҳақиқат – ҳаҷв аст [5, с.130].

Дар робита ба ин ки асли шеъри ҳаҷвӣ бар дашному ҳақорат ва дигар хушунатҳо бино ёфтааст, гурӯҳи дигаре аз адабпажӯҳон онро зидмаънои мадҳ дар адабиёт гуфтаанд. Ин мулоҳизаро пажӯҳишгари эронӣ Носири Некӯбахт аз андешаҳои Муҳаммад ҳусайни Дарвеш ва Қудома ибни Ҷаъфар берун оварда ваҷҳи тазодашро бо ин навъи шеърӣ ташреҳ додааст [9, с.23]. Унсуралмаолии Кайковус ҳам дар «Қобуснома» дар шинохти асолати ҳаҷв бештар тазоди онро бо мадҳ таъкид намуда менависад, ки «Агар ҳиҷо хоҳӣ, ки бигӯӣ ва надонӣ, ҳамчунонки дар мадҳ касеро биситоӣ, зидди он мадҳ бигӯӣ, ки ҳар чӣ зидди мадҳ бошад, ҳиҷо бувад» [9, с.191].

Аз мулоҳизоти фавқуззикр пайдост, ки пажӯҳишгарон дар маърифати адабии ҳаҷв ду равишро ба кор гирифтаанд. Якум, ҳаҷвро ҳамчун навъи шеъри ғиноӣ муаррифӣ сохтаанд, ки аслу бунёди он бар дашному ҳақорат ва фаҳшиёту интиқод рехта шудааст. Сониян, ҳар чӣ дар адабиёт дар муқобили мадҳ қарор мегирад, он ҳаҷву ҳиҷо дониста шудааст ва ин назарияи шинохти истилоҳии ҳаҷв реша дар таълифоти қадимаи адабиётшиносӣ дорад, ки ба чанде аз онҳо ишорат рафт. Аммо таъкиди як нукта зарур

аст, ки дар адабиёт гуфтан ё сурудани ҳар гуна дашном ё ҳақорат наметавонад ба масобаи ҳачв ё навъи адабии ҳичо маънидод шавад. Зеро ба далели ин ки ҳачв навъи шеърӣ эътироф гардидааст, бояд дар ҳар қолабе набошад, вай махсусиятҳои шеъриро дар худ тачассум карда тавонад. Қонунмандиҳои хоси ҳачвсароӣ дар адабиёти форсӣ, ки аз ҳунари шоирӣ сарчашма мегиранд, такозои онро доранд, ки ҳар шоири ҳачвсаро бояд назокату латофати ба худ хоси шеъри ҳачвиро дар доираи эҷоди худ риоят намояд, вагарна шеъри ба истилоҳ ҳачвии вай метавонад ба ҷуз як дашноми холӣ чизе беш набошад. Ин аст, ки ҳанӯз ба рӯзгори хеш Амр ибни Ало ин қонунмандиро ба гунаи зайл ташреҳ дода буд: «Ҳичо ба навъе аз шеър гуфта мешавад, ки душизае афиф битавонад онро дар хилвати хеш бисарояд ва ба иффату ҳаёи ӯ хадшае ворид нашавад ва барои чун ӯе зишту қабеҳ набошад» [9, с.253].

Нақду назари донишмандон роҷеъ ба асолати ҳачв ва шеваи корбурди ҳунари шоирӣ дар ифодаи мазмунҳои ҳачвӣ ишора бар он дорад, ки миёни ҳачв ҳамчун навъи воқеии адабиёт ва фаҳҳошӣ ё фаҳш гуфтан, истеҳқор, ҳақорат, бадгӯӣ ва накуҳиш як навъ тафовуте мавҷуд аст ва чунонки гуфта шуд, набояд ҳама гуна фаҳҳошӣ ва ҳақоратро, ки дар қолиби қофия ва назм гуфта шудааст, шеъри ҳачвӣ унвон гузошт. Дар пайванд ба ин маънӣ аст, ки пажӯҳишгари эронӣ Носири Некӯбахт менависад: «Ҳамчунин бо таърифе, ки аз шеър ва азамати шоир баён доштем, наметавон ба афроде, ки бадзабониҳо ва дашномҳои роичи байни табақоти пасти мардумро ба назм кашида ва бад-он вазну қофия бахшидаанд, лафзи шоир итлоқ кард» [9, с.29].

Вале вақте ин фаҳҳошӣ ва бадзабонӣ дар шеър бар асари корбурди ҳунари шоирӣ дар ҷойи худ меафтад ва шоир муваффақ бар он мешавад, ки новобаста аз истифодаи ҳарфҳои ноҷо дар шеър аз худ ҳунаре нишон медиҳад, он гоҳ офаридаи ӯ ҳамчун ҳачв эътироф мегардад. Ин аст, ки тазкиранигорону ноқидон вақти баҳо додан ба ашъори ин шоирон ба онҳо лақабҳои «носазогӯ» ё «бадзабон»-ро медиҳанд, ки ин худ ба гунае эътирофи ҳунари шоирии ин тоифа дар сурудани ашъори ҳачвӣ маҳсуб мешавад. Аз сӯйи дигар, ин эътироф ишорат ба он дорад, ки ин қабил шуаро ҳачву ҳақоратро хушку холӣ ба назм надаровардаанд, балки дар заминаи корбандии саноеи шеърӣ ва дигар муҳассаноти шоирӣ бар он даст ёфтаанд.

Аз ин баррасиҳо баҳси дигаре пеш меояд, ки он ба таъйини ягонагӣ ва тафовут миёни истилоҳоти «ҳачву ҳичо», «ҳазл» ва «танз» вобаста аст. Ҳамзамон, истилоҳоти дигари адабие чун «шаҳрошӯб», «нақиза», «таҳаккум» низ мавҷуданд, ки метавон онҳоро низ ба таври умумӣ жанрҳои ҳачвӣ унвонгузорӣ кард. Аз сабаби он ки ин истилоҳот дар қуруни баъдӣ ривоҷ пайдо карда, дар адабиёти давраи таҳқиқи мо камтар ё аслан ба зуҳур нарасидаанд, аз баррасии амиқи ин навъҳои ҳачв фурӯгузорӣ мешавад. Гузориши масъала такозо дорад, ки нигоҳе иҷмолӣ ба шарҳи истилоҳиву луғавии ин мафоҳим андохта шавад, то фарқият ва монандии онҳо дақиқ гардад. Аз тафсири луғавӣ ва истилоҳии ҳачв пайдо гардид, ки он бештар ба накуҳишу ҳақорату дашном такя мекунад ва ҳачву ҳичо айни якдигар шинохта мешаванд. Аммо ҳазл дар луғат асосан ба маънии нақизи ҷидд, мазоҳ, шӯхӣ, ришханд, суханони лофу беҳуда ва амсоли ин маънигузорӣ шудааст. Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мафҳуми луғавии ҳазл дар пиндору андешаи шоирон ба маъниҳои мухталиф корбандӣ шудааст, ки ба таври умумӣ онҳоро Носири Некӯбахт чунин дастбандӣ намудааст:

1. Истифодаи вожаву ибороти ракик ва шармовар дар шеър ва бепарда сухан гуфтан.
2. Шухӣ ва мутоиба.
3. Суханони ёва ва дурӯғу ғайриҷидд.
4. Истеҳзо ва масхара кардан [9, с.76-77].

Таммул дар андешаҳои ин пажӯҳишгар ишорат бар он дорад, ки ин натиҷагирӣ ва нақду назарҳои ӯ маншаъ дар диду нигаҳи худи шуарои форсу тоҷик дорад. Масалан, вақте дар андешаҳои пажӯҳишгарон ҳазл ҳарфи муқобили ҷидд маънигузорӣ мешавад, маълум мегардад, ки ин мулоҳиза асли маънии худро аз суханони шоирони пешин гирифтааст. Аз ҷумлаи онҳо Саноӣ фармудааст:

Ҳазл будаст ин, валекин бар мисоли ҷидд сазид,
Ҳамчунин буд он валинеъмат маро [9, с.42].

Мавриди дигар боз ҳам Саноӣ ба ин нукта ишорат намуда, чунин фармудааст:

Ҳазли ман ҳазл нест, таълим аст,
Байти ман байт нест, иқлим аст.
Гарчӣ бо ҳазл ҷидд чу бегоназт,
Ҳазли ман ҳамчу ҷидд ҳам аз хоназт.
Ту чи донӣ, ки андар ин иқлим,
Ақли муршид чӣ мекунад таълим.
Яъне аз ҷидди ӯст ҷоновез,
Ҳазлаш аз сеҳр шуд равономез.
Шукр гӯям, ки ҳаст назди аҳли ҳунар,
Ҳазлам аз ҷидди дигарон хуштар [9, с.817].

Носири Хусрав ҳазлро муодили мазоҳ ва шӯхӣ маънигузорӣ мекунад ва дар иртибот ба ин маънӣ аст, ки дар девони ашъори вай бо абёте зайл дучор меоем:

Зи ҳазлу лоғи ту озор хезад,
Мазоҳи сард оби рӯ резад [9, с.134].

Ё ҷои дигар фармудааст:

Ҳазл оби рух фурӯ резад,
В-аз фузуниш душманӣ хезад [9, с.231].

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҳазлро ба маънии суханони ёваву дурӯғ тафсир намуда, аз маънии муқобили ҷидд будани ҳазл низ сарфи назар намекунад:

Гӯшу сар барбанд аз ҳазлу дурӯғ,
То бубинӣ шаҳри ҷони бофурӯғ [9, с.156].

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки пажӯҳишгарон маъонӣ ва муодилҳои ҳазлро бар асоси суханони шоирони пешин муқаррар намудаанд ва асосан ба он маъниҳое, ки бо такя бар мулоҳизоти Носири Некӯбахт баршумурдем, ҳазлро ташреҳ додаанд.

Вале баҳси дигаре, ки аз ин мулоҳизот бармеояд, муқаррар намудани маънии истилоҳи ҳазл маҳсуб мешавад. Дар фарҳангҳо ва нақду назарҳо аксаран ҳаҷву ҳазлу танзро як чи мешуморанд ва тафсирҳое ягона ба онҳо қоил шуда, ҳамчун истилоҳи ягонаи адабӣ маънидод мекунанд. Ҳатто дар «Луғатнома»-и Алиакбари Деҳхудо мо ба ин гуна ягонасозиву ягонадонии мафҳумҳои ёдшуда дучор меоем. Чунончи ӯ менависад: «Ҳазл шеъре аст, ки дар он касеро зам гӯянд ва бад-ӯ нисбатҳое нораво диҳанд ва ё сухане аст, ки дар он мазомини хилофи ахлоқ ва одоб ояд» [4]. Аз ин шарҳ маълум мешавад, ки Деҳхудо қисмате аз хусусиятҳои ҳаҷвро ҳам, мисли зам гуфтан ё нисбатҳое нораво доданро ба ҳазл ҳам мансуб дониста, бад-ин роҳ ин мафҳумҳоро ба ҳамдигар омезиш додааст.

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон ва адабпажӯҳон ҳазлро бештар ба маънии дар шеър истифода бурдани вожаҳои ракик, ё бепарда сухан гуфтан истифода кардаанд, ки дар пайи ин ҳарфҳо ҳадафи гӯянда аз он хандонидан ва шӯхӣ кардан аст. Мунаққидони муосири эронӣ Бежани Асадипур ва Умрон Салоҳӣ дар китоби худ «Танзоварони имрӯзи Эрон» бештар ҳамин ҷанбаи истилоҳии ҳазлро таъкид намуда, навиштаанд: «Ҳазл сухане дарида, сареҳу қабеҳ ва беранг аст, ки танҳо қасди хандонидан дорад ва маъмулан аз табъи шӯху шанг сарчашма мегирад ва танҳо ба ноҳинҷориҳои мавҷуд механдад» [1, с.7].

Носири Некубахт андешаҳои муаллифи «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» шарҳу тафсир намуда, таъкид медорад, ки ӯ асосан ба сухани беҳуда будани ҳазл ишорат мекунад, вале боиси фараҳ ва ханда гардидани ҳазлро ҳам таъкид менамояд: «Ҳазл дар сухан беҳуда гуфтан бошад ва дар истилоҳ он аст, ки шоир дар каломи худ лафзе чанд эрод кунад, ки маҳаки ақл тамомиёр набувад ва ба мизони сидқ санҷида набошад ва бо вуҷуди он муҷиби тафреҳ ва таншити баъзе тибоъ гардад. ҳаройина дар ин боб аз ифрот иҷтиноб бояд намуд ва ба нуктаву базла қаноат бояд кард ва ин навъро мутоиба хонанд» [9, с.123].

Маълум мешавад, ки муҳимтарин махсусияти ҳазл, ки онро аз ҳаҷв фарқ мекунонад, ин ҷанбаи тафреҳӣ доштан ва боиси ханда гардидани вай аст, ки ба қавли пажӯҳишгарони он аз табъи шӯху шанг сарчашма мегирифтааст. Ҳаҷв бештар оҳанги ҳақорату дашном дорад, аммо ин сифотро ҳазл камтар касб мекунад ва он бештар дар муқобили ҷидд қарор мегирад. Ба ибораи дигар, дар ҳаҷв сухан қатъӣ ва ҷиддӣ мебошад, дар ҳазл бошад, ин ҷиддият дар оҳанги шухиомез баён мешавад.

Мафҳуми «танз» ҳамчун вожаи арабӣ буда, дар луғат муодили афсӯс, истеҳзо, даст андохтан, таъна задан, сарзаниш кардан ва нозу карашма маънидод шудааст. Ҳамчун

истилоҳи адабӣ танз ба гунае фаҳмида мешавад, ки дар он нависанда ҷиҳатҳои зишту манфӣ ва айбҳову нуқси муҳити иҷтимоиро баён дошта, василаҳои бартафар намудани он нуқсонҳоро ҳам мегӯяд. Аз ҷумла, Муҳаммади Муин дар «Фарҳанги форсӣ» шарҳи маънии луғавӣ ва истилоҳии «танз»-ро чунин менависад: «Танз - 1. афсӯс кардан, масхара кардан. 2. танъа задан, сарзаниш кардан. 3. масхара. 4. танъа, сарзаниш. 5. ноз» [8, с.2237].

Дар адабиёти классикии тоҷик ҳарчанд мафҳуми кулли танз ба таври истилоҳи адабӣ таъкид нашудааст, аммо пажӯҳишгарон бархе аз ашъори шоиронро, ки мазомини сарзаниш, танъаномез ва ҳатто нози шоирона дар назди Худованд доранд, ба ҳамин равиши танзомез маънидод кардаанд. Масалан, ин қитъа аз «Маснавии Маънавӣ» аст:

Ончунон гӯяд ҳакими Ғазнавӣ,
Дар «Илоҳинома» хуш гар бишнавӣ.
Кам фузулӣ кун ту дар ҳукми қадар,
Дархур омад шахси хар бо гӯши хар [12, с.364].

Пажӯҳишгари эронӣ доктор Мину Футурачӣ зимни бознигарӣ ба равишҳои зуҳури танз дар «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммади Мунаввар танзро ин гуна тавзеҳ медиҳад: «Танз дар луғат ба маънии масхара кардан, таъна задан ва дар истилоҳ шеър ё насре аст, ки дар он заъфҳо ва тазодҳои ахлоқӣ, берасмиҳои иҷтимоӣ ва динӣ, ё иштибоҳоти башарӣ бо шевае тамасхуромез ва ғайримустақим бозгӯ шавад. Шоир ё нависандаи танзпардоз барои ислоҳи нобаҳинҷорҳои ахлоқӣ ва нобасомониҳои ҷомеа бо ба масхара гирифтани ашхос ё одобу русум ва масоили мавҷуд дар ҷомеа ононро мавриди интиқод қарор дода ва маҳкум месозад» [15, с.35].

Бархе аз муҳаққиқони дигар танзро интиқоди иҷтимоӣ дар либоси рамзу киноя бо ҳифозати ҷанбаҳои ҳунарӣ гуфтаанд. Аз ҷумла, устод Шафеии Кадканӣ бошад, аз танз ин гуна маънии истилоҳӣ баровардааст: «Танз иборат аст аз тасвирҳои ҳунарии иҷтимоъи нақизайн» [5, с.51].

Дар робита ба тафовути мафҳумҳои фавқуззикр пажӯҳишгари эронӣ Ҳусайни Размҷӯ мулоҳизоти хешро баён дошта, ҳаҷву ҳазлро яке мешуморад, вале танзро аз ин ду мафҳум ҷудо мекунад. Ӯ аз ҷумла, чунин менависад: «Ҳаҷву ҳазлу танз тафовутҳое доранд: ҳаҷву ҳазл ғолибан бо ракокат ва дашному адами риояти иффати калом тавъам аст ва қасди шоир дар баёни онҳо барангехтани ханда ва масхара кардан аст. Аммо ҳадаф аз танзгӯӣ танҳо хандонидан нест, балки нешханд аст ва нешханди танз ғолибан киноямез ва тавъам бо хашму қаҳре аст, ки бо худдории ҳакимонае омехта мебошад. Танз бо навъе шарму тамаллуки нафс ҳамроҳ аст, вале ҳаҷву ҳазл дарида аст ва худдориро намешиносад. Ҳаҷву ҳазл сареҳ аст ва танз дар парда. Ҳаҷву ҳазл вақеҳ аст ва танз матин, ҳазл қасди хандонидан дорад вале танз дар пайи хандааш ибрат аст ва бо норавоӣ меситезад. Ҳазл ба ноҳинҷории мавҷуд фақат механдад, вале танз ба ноҳинҷории мавҷуд кина меварзад ва мехоҳад онро аз миён бардорад. Ва аз ин руст, ки як асари танзолудагӣ метавонад дар тағйири вазъи мавҷуд муассир бошад [11, с.90].

Баҳси баррасии моҳияти адабии танз дар миёни осори мансури форсу тоҷик ҳам ҷараёни махсусе дорад. Аз ҷумла, ба навиштаи Мансури Растагор, муаллифи китоби «Анвоъи насри форсӣ» танз ҳамчун истилоҳи адабӣ бар асоси меъёрҳои шинохти асарҳои мансур асаре аст, ки ҷанбаҳои бади рафтори башарӣ, заъфҳои ахлоқӣ ва фасоди иҷтимоӣ ё иштибоҳоти инсонро бо шеваҳои тамасхуромез ва бештар ғайримустақим бозгӯ мекунад. Шоир ё нависандаи танзпардоз бо ҳадафи ислоҳи ноҳинҷориҳои ахлоқӣ ва нобасомониҳои иҷтимоӣ даст ба тамасхури ашхос ё одобу русум ва масоили мавҷуд дар ҷомеа мезанад [12, с.288].

Вобаста ба шарҳу тавзеҳи Мансури Растагор метавон назари дигареро пайдо кард, ки танз метавонад ҷанбаи фалсафӣ дошта бошад ва дар ислоҳи кулли мушкилоти башарӣ ва камбудиҳои ҷомеаи инсонӣ нақши муассир гузошта метавонад. Ин аст, ки вуҷуҳи танз асосан дар осоре ба ҷилва мерасанд, ки мазмунҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дошта, эътирози нависандаи асар ё порчаҳои шеъриро нисбати ҷомеа ифода мекунанд. Аввалин намунаҳои танз дар осори суханварони қадимаи Юнон ба ҷилва омадааст, ки ба иттифоқи пажӯҳишгарон ин навъи осори ҳаҷвиро метавон дар осори шоирони ин аҳд чун Архилукус, Ҳипонукус ва Аристафон ба мушоҳида гирифт. Ба назари Мансури Растагор аввалин намунаҳои барҷастаи шеъри танзомезро дар адабиёти форсӣ дар ашъори Мавлонои Рум метавон ба мушоҳида гирифт [12, с.288]. Дар адабиёти рус бошад, бештар дар ҳикоёти нависандаи маъруфи ин кишвар А.П. Чехов ба зуҳур расидааст.

Носири Некӯбахт зимни баррасии махсусиятҳои адабиву истилоҳии ин мафоҳим фарқи танзро аз ҳаҷв ва ҳазл чунин баршумурдааст:

1. Қасди ҳаҷв тахриб аст ва қасди танз танбеҳ ва ислоҳ.

2. Дар ҳаҷв ғалаба бар тасреҳ, вузуҳ ва тезиву тундӣ аст ва дар танз пӯшидагӣ, киноя ва таъриз.

3. Дар ҳаҷв ағрози шахсӣ ҳоким аст на ормонхоҳӣ ва дар танз мақосиди ислоҳталабона ва иҷтимоӣ ва ормонхоҳӣ.

4. Мақсуд аз ҳаҷв мардумозорӣ аст ва аз танз ислоҳу тазкия.

5. Гоҳе дар ҳаҷв бӯи кизбу дурӯғ машоми ҷонро меозорад дар ҳоле, ки одамӣ дар оинаи танз тасвири ғайре аз худ ва ё матлуб ва маҳбуб тасаввур мекунад.

6. Ҳаҷв аз душманӣ ва кинаварзӣ моя мегирад ва танз аз дӯстӣ.

7. Дар ҳаҷв фард ё чизи муайяне мавриди ҳадаф қарор мегирад. Аммо дар танз ҳар фард ё чизе бо он хусусиёт метавонад мақсуд бошад.

8. Ҳаҷв маҳсули даврони озодӣ аст ва танз маҳсули даврони хафақон [9, с.95].

Аз таъйини тафовути миёни ҳаҷву танз, ки донишманди ёдшуда зикр намудааст, маълум мешавад, ки ӯ низ ҳаҷвро аз ҳазл ҷудогона мешуморад, на ончунон ки Ҳусайни Размҷӯ ин ду мафҳумро айни ҳамдигар дониста, дар бештари маворид онҳоро дар канори ҳамдигар ба масобаи як мафҳуми куллӣ ёд мекунад. Аз сӯи дигар, мавсуф зимни мушаххас намудани фарқияти ин навъҳои адабӣ ҳадафҳои иҷтимоиву адабии ҳар яке аз онҳоро ба таври мушаххас муайян менамояд, ин амр низ ба қимати илмии андешаҳои ӯ ишорат мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, Носири Некӯбахт он чӣ таъйин мекунад, танҳо фарқиятҳоест, ки миёни ҳаҷв ва танз гузошта мешавад. Барои ҳазл ва танз бошад, пажӯҳишгари мазкур наздик ба 14 фарқиятҳои дигареро зикр намудааст, ки муҳимтарини онҳо ба таври зайл баён шудаанд:

1. Ҳазл бе ҳадаф аст ва танз ҳадафдор.
2. Ҳазл вақеҳу бепарда аст ва танз дар парда ва ҳамроҳ бо тамаллуки нафс.
3. Ҳазл бераг аст ва танз мутаъассиб.
4. Ҳазл фақат механдонад ва танз механдонаду ибрат медиҳад.
5. Ҳазл аз табъи шӯху шанг моя мегирад ва танз аз рӯҳи соф ва содиқ.
6. Ҳазл риндона механдонад ва танз ҳакимона таъна мезанад.
7. Дар ҳазл неши қалам бо захми забон ва сароҳату вузуҳ ҳамроҳ аст, аммо дар танз неши қалам бо истеҳзо ва рамзу киноя [9, с.96].

Аз ин фарқиятҳо маълум мегардад, ки қабл аз ҳама новобаста ба вуҷуди ҳаммонандиҳо ва шабоҳат дар батну муҳтавиёти мафҳумҳои «ҳаҷв»-у «ҳиҷо», «ҳазл»-у «танз» онҳо аз назари адабӣ истилоҳоти ҷудогона, мустақил ва дар мақоми аз ҳамдигар фарқкунанда ҳастанд ва ҳар яке дорои хусусиятҳои ба худ хосе мебошад, ки якеро аз дигаре тафовут мебахшад. Ба таври умумӣ гуфтан мумкин аст, ки агар дар ҳаҷв бештар ҳақорату дашном, қабеҳгӯӣ, истифодаи калимаҳои нолозим ва аз муомилот берун ва монанди ин имтиёз дошта бошад, ҳазл бештар ба табъи шӯху шанг такя мекунад ва ҳосили он асосан тафреҳу хандонидан ва хушҳолӣ ба шумор меояд. Дар танз бошад, суханони рамзу киноятомез ва дар канори ин пешниҳоди роҳҳои ислоҳи камбуди иҷтимоӣ мавҷуд аст ва муҳимтар аз ҳама асолати ҳунарӣ дар танз мақоми авлавияташро аз даст намедиҳад, чунонки ин хусусият дар ҳаҷву ҳазл камтар ба мушоҳида мерасад. Гузашта аз ин, дар танз рамзу киноят бештар истифода мешавад ва ҳамин корбандии рамзу киноят боиси афзудани ҷанбаҳои ҳунарии он мегардад.

Муқарриз: ***Н.Нурзод*** – доктори илмҳои филологӣ,
ДДҲ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Асадипур Бежан. Танзоварони имрӯзи Эрон / Бежан Асадипур, Умрон Салоҳӣ. – Теҳрон: интишороти Марворид, 1356. – 534 с.
2. Ғазнавӣ, Саноӣ. Девон / Саноии Ғазнавӣ. Тасҳеҳи Муҳаммад Тақӣ Мударриси Разавӣ. - Теҳрон: Китобхонаи Саноӣ, 1362. - 884 с.
3. Ғазнавӣ, Саноӣ. Ҳадиқат ул-ҳақиқат ва тариқат ул-шариат / Саноии Ғазнавӣ. Бо тасҳеҳи Муҳаммад Тақӣ Мударриси Разавӣ. – Теҳрон: интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1367. – 765 с.
4. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. Ҷ.15 / Алиакбари Деҳхудо. - Теҳрон: Деҳхудо, 1345. - 1114 с.
5. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. - Теҳрон: Интишороти вазорати иттилоот ва култури ҶИЭ, 1368. - 576 с.
6. Кайковус, Унсуралмаолӣ. Қобуснома / Унсуралмаолии Кайковус. Бо тасҳеҳи Ғуломҳусайни Юсуфӣ. – Теҳрон: интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1364.
7. Мудаббирӣ, Маҳмуд. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон / Маҳмуд Мудаббирӣ. – Теҳрон: интишороти Понус, 1370. - 704 с.
8. Муин, М. Фарҳанги форсӣ. Иборат аз 6 ҷилд / М. Муин. - Теҳрон, 1371. – Ҷ.4.
9. Накубахт, Носир. Ҳаҷв дар шеъри форсӣ. Нақду баррасии шеъри ҳаҷвӣ аз оғоз то асри Убайд / Носири Накубахт. - Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1380. - 416 с.

10. Подшоҳ, Муҳаммад. Фарҳанги ҷомеи форсӣ Онандроҷ: иборат аз ҳафт ҷилд. - Ҷ.7 / Муҳаммад Подшоҳ. - Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1363. - С.4251-4702.
11. Размҷӯ, Ҳусайн. Шеъри куҳан дар тарозуи нақди ахлоқи исломӣ / Ҳусайни Размҷӯ. - Машҳад: муассисаи интишороти Остони Қудси Разавӣ, 1369.
12. Растагор, Мансур. Анвоъи насри форсӣ / Мансури Растагор. - Теҳрон: Самт, 1380. - 299 с.
13. Румӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ / Ҷалолуддин Румӣ. – Теҳрон: интишороти Замон, 2003.
14. Самарқандӣ, Сӯзанӣ. Девони ашъор / Сӯзании Самарқандӣ. Бо тасҳеҳи Носириддиншоҳи Ҳусайнӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1338. - 785 с.
15. Футурачи, М. Танз дар «Асрор ут-тавҳид» / М. Футурачи // Фарҳанг ва мардум. Соли чаҳорум, шумораи 16. – С.68-78.
16. Ҳалабӣ, Алиасғар. Муқаддимае бар танз ва шехтабъӣ дар Эрон. - Ҷ.1 / Алиасғари Ҳалабӣ. - Теҳрон: Пайк, 1364.

ФАҲМИШИ АДАБИИ ҲАҶВ ВА ОМИЛҲОИ ЗУҲУРИ ОН ДАР АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК

Мақола ба таҳқиқу баррасии мафҳуми адабии ҳаҷв бахшида шудааст. Муаллиф бар асоси корбурди тафсироти дар фарҳангҳои қадим ва муосир омада нахуст ба шарҳу тавзеҳи маънои луғавии он пардохта, муқаррар намудааст, ки сарчашмаҳои зуҳури онро метавон аз адабиёти даврони бостон, аз намунаҳои насри паҳлавӣ бозҷӯи кард, ки «Дарахти ассуриг» яке аз онҳо мебошанд. Ҳамзамон, баҳсу баррасиҳои муаллиф роҷеъ ба сайри таърихи аносири хаҷв дар шеъри аҳди аввали адабиёти тоҷик ҷараён гирифта, дидгоҳҳои шоирони аҳли ирфон низ шарҳу тафсир шудаанд. Ба таври умумӣ гуфтан мумкин аст, ки агар дар ҳаҷв бештар ҳақорату дашном, қабеҳгӯӣ, истифодаи калимаҳои нолозим ва аз муомилот берун ва монанди ин имтиёз дошта бошад, ҳазл бештар ба табъи шӯху шанг такя мекунад ва ҳосили он асосан тафреҳу хандонидан ва хушҳолӣ ба шумор меояд. Дар заминаи баррасиҳои илмии хеш ба натиҷае расидааст, ки дар баробари умумиятҳои муайян миёни ҳаҷв, танз, ҳиҷо бархе фарқиятҳое низ ҷой доранд, ки аз мундариҷаи ашъори мухталиф онро муқаррар сохтан мумкин аст.

Калидвожаҳо: ҳаҷв, ҳиҷо, танз, адабиёти тоҷик, давраи Сомониён, танқид, истеҳзо, назм, наср, ашъори ҳаҷвӣ, киноя, мазҳака.

ЛИТЕРАТУРНОЕ ПОНИМАНИЕ САТИРЫ И ЕГО ПОЯВЛЕНИЕ В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Статья посвящена изучению художественной концепции сатиры. Опираясь на использование интерпретаций в древней и современной культурах, автор сначала поясняет его лексическое значение, отмечая, что истоки его проявления можно проследить в античной литературе, примерах пехлевийской прозы, одним из которых является «Ассирийское дерево». В то же время в статье приводятся авторские рассуждения об истории элементов сатиры в поэзии первой эпохи таджикской литературы, а также взгляды поэтов-мистиков. В общем, если сатира имеет больше привилегий, чем оскорбления, нецензурные выражения, употребление ненужных и устаревших слов и так далее, то юмор основан больше на шутках, а результатом в основном является веселье и смех. На основе своих научных исследований автор пришел к выводу, что наряду с определенным сходством между сатирой, шуткой и слогами существуют и некоторые различия, которые можно выявить по содержанию различных стихотворений.

Ключевые слова: сатира, слог, шутка, таджикская литература, саманидский период, критика, сатира, поэзия, проза, сатира, ирония, юмор.

LITERARY UNDERSTANDING OF SATIRE AND ITS APPEARANCE IN PERSIAN-TAJIK LITERATURE

The article is devoted to the study of the artistic concept of satire. Based on the use of interpretations in ancient and modern cultures, the author first explains its lexical meaning, noting that the origins of its manifestation can be traced in ancient literature, examples of Pahlavi prose, one of which is the Assyrian tree. At the same time, the article presents the author's reasoning about the history of the elements of satire in the poetry of the first era of Tajik literature, as well as the views of mystic poets. In general, if satire has more privileges than insults, obscene language, the use of unnecessary and outdated words, and so on, then humor is based more on jokes, and the result is mainly fun and laughter. Based on his scientific research, the author came to the conclusion that along with a certain similarity between satire, jokes and syllables, there are also some differences that can be identified by the content of various poems.

Key words: satire, syllable, joke, Tajik literature, Samanid period, criticism, satire, poetry, prose, satire, irony, humor.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Абдушукурова Матлуба* – Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё.Мавлонбеков, 1. Тел.: **(+992) 92-900-77-05**

Сведение об авторе: ***Абдушукурова Матлуба*** - Педагогический колледж Худжандского государственного университета имени Б. Гафурова, старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. Тел.: **(+992) 92-900-77-05**

Information about the author: ***Abdushukurova Matluba*** - Pedagogical College of Khujand State University named after B. Gafurov, senior lecturer of the Tajik language and literature department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1. Tel.: **(+992) 92-900-77-05**

УДК: 891.550

НАЗИРА ВА ТАЗМИНҲОИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ БАР ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Раҳимова М.И.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик татаббуъ ва тазмин ҳамчун яке аз шаклҳои зуҳури таъсир ва робитаи эҷодии байниҳамдигарии адибон ба назар мерасад. Шоирони бузурги ҳар як аср ба ашъори ҳамдигар дар жанрҳои гуногун ва бо тарзу усулҳои мухталиф ҷавоб гуфтаанд.

Тазмин чунин санъати бадеиест, ки шоире ягон мисраъ ё байт ва ё зиёдаро, ки машҳур ва хушоянда бошад, дар ҷойи муносиби шеъри худ биёрад ва ишора кунад, ки ин иқтибос аз фалон шоир аст. Дар тазмин омадани номи шоир шарти ҳатмӣ мебошад, аммо дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик тазминҳои бисёреро дучор омадан мумкин аст, ки тахаллуси шоир дар онҳо зикр наёфтааст. Масалан, дар байни тазминҳои Ҷомӣ ба Ҳофиз хеле кам тазминҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки номи шоир зикр шуда бошад.

Маънии луғавии назира чизи монанд, шабеҳ аст. Дар адабиётшиносӣ бошад ҳамчун истилоҳи адабӣ ба кор бурда мешавад. Маънои истилоҳии он дар «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» чунин оварда шудааст: «Назира (арабӣ- монанд)- шеърест, ки ба тақлид ва пайравии шеъри ягон шоири гузашта ё муосир навиштааст. Назира аз ҷиҳати нишонаҳои зоҳирӣ - вазн ва қофияву радиф ба асари аввалӣ монанд аст» [12, с.69]. Тазмин ва назира бо баъзе хусусиятҳои худ аз ҳам фарқ мекунанд. Ин фарқ дар он аст, ки дар тазмин фақат шоҳбайтҳо ё байтҳои хеле маъруфу машҳурро меоранд. Дар назира бошад, ба шеъри дорои бадеиёти баланд ва писанди адибони зиёд гардида ҷавоб мегӯянд. Дар айни ҳол ин ду истилоҳ дорои хусусиятҳои якхела, монанд мебошанд, зеро баъзе хусусиятҳои назира (вазн, қофия, радиф ва мавзуи ягона) дар тазмин низ ҷой дорад. Аз ин рӯ, дар байни онҳо фарқи куллӣ ҷой надорад. Бояд тазаккур дод, ки назирасароӣ дар адабиёти тоҷик таърихи хеле қадима дорад.

Адабиётшинос Абдулғанӣ Мирзоев дар хусуси вуҷуд доштани анъанаи назирасароӣ ва тазмингӯии асри XI чунин изҳори ақида кардааст: «... дар ин давра (асри XI) на ин, ки қасида ва ашъори пандомези Рӯдакӣ мавриди диққати шоирон қарор мегирад, яъне байтҳои ҷудогонаи ашъори ӯро тазмин намуда, маонии ҷудогонаи ашъорашро дар шеърҳои худ ба кор мебаранд, балки дар хусусиятҳои шаклӣ низ ба Рӯдакӣ пайравӣ карда мешавад» [11, с.30-31].

Дар асри XII, ки ғазалсароӣ то дараҷае авҷ мегирад ва шоирон дар девонҳои худ ба ғазал қисмати алоҳида ҷудо кардаанд, тазмин ва татаббуот ҳамчун як хусусияти ғазалсароии ин давр дониста шудааст. «Хусусияти дигари ғасалсароии ин давр (асри XII) – мегӯяд, А.Мирзоев- аз ҳамин иборат аст, ки ба осори шеърии асри X махсусан ашъори Рӯдакӣ ва маонии ашъори шоирони ҷудогонаи он давра ғазалҳои ҷудогона ба вуҷуд меоянд» [11, с.34].

Муаллиф барои исботи фикри худ як ғазали дар татаббуи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»-и Рӯдакӣ сурудаи Саноиро, ки матлааш:

«Хусрави Мозандарон ояд ҳаме,
Ё Масеҳ аз осмон ояд ҳаме...»

аст, оварда, аз уҳдаи ҷавобгӯӣ баромада тавонистани Саноиро қайд кардааст. Инчунин дар ин аср татаббуъ ва тазмингӯӣ байни қасидасароёни номӣ, мисли Анварӣ ва Заҳири Форёбӣ, Сайфи Исфарангӣ ва Хоқонӣ низ хеле авҷ мегирад.

Бино ба ишораи адабиётшинос Расул Ҳодизода дар асри XIII татаббуъ дар жанри ғазал низ ривоҷ мегирад [3, с.49]. Сабаби ин дар он аст, ки дар эҷодиёти шоирони ин давр жанри ғазал мавқеи намоёнро ишғол мекард. Махсусан ҷавобиягӯии шоирон ба ғазалиёти Саъдӣ хеле бисёр дида мешавад.

Татаббуъгӯӣ дар асри XIV низ, ки давраи ривоҷу равнақи ниҳоят пуравҷи ғазал аст, дар байни шоирони бузурги давр Камоли Хуҷандӣ , Ҳофизи Шерозӣ, Салмони Соваҷӣ хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Ба мисли:

Салмон:

Дар азал акси маи лаъли ту дар ҷом афтод,
Ошиқи сӯхтадил дар тамаи хом афтод... [14, с.50].

Ҳофиз:

Акси рӯи ту дар оинаи ҷом афтод,
Ориф аз хандаи май дар тамаи хом афтод... [14, с.50].

Дар асри XV анъанаи татаббуъгӯии шоирони гузаштаи моро яке аз симоҳои барҷастаи ин аср Абдурраҳмони Ҷомӣ давом дода, бо тарзу усулҳои нав ба ашъори шоирони пешина ҷавоб гуфтааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бисёр ғазалҳои худ аз Саъдӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва дигар ғазалсароёни гузашта пайравӣ ва истиқбол намудааст.

Бино ба гуфтаи Аълохон Афсаҳзод дар ғазалҳои Ҷомӣ ду навъ сурат гирифтани таъсири Ҳофиз мушоҳида мешавад:

Якум, дар бисёр ғазалҳои Ҷомӣ калимаҳои зиёд, ки хосси ғазаланд, баъзе ибораву таъбирҳо (аз қабили «турки ошиққуш», «зулоли Хизр», «ҷавҳари фард», «кӯи муғон», «масти бода», (ё сабуҳ)- и азал, «аз дида равон шудани хуни дил», «савмааи ҳирмон», «шамшоди сояпарвар» ва ғайра) ва мазмунҳои мисраъ ё байтҳои ҷудогонаи Ҳофизро дидан мумкин аст.

Ҳофиз:

Турки ошиққуши ман маст бурун рафт имрӯз,
То киро хуни дил аз дида равон хоҳад буд?

Ҷомӣ:

Намедонам чӣ шуд, к-аз тиркаши он турки ошиққуш,
Ба ҷонам тири заҳролуди пайкон дер меояд.

Ҳофиз:

Роҳам мазан ба васфи зулоли Хизр, ки ман,
Аз ҷоми шоҳи ҷуръакаш ҳавзи кавсарам.

Ҷомӣ:

Дардеҳ, зулоли Хизр, ки рафт он чӣ гуфтаме,
Зӯҳди маро асос чу садди Сикандар аст.

Лекин, чунон ки муаллифи номбурда гуфтааст [4, с.141], чунин ғазалҳои Ҷомӣ на аз ҷиҳати вазну қофия ва на аз рӯйи хусусиятҳои дигар ба ашъори Ҳофиз шабоҳат надоранд. Дар чунин мавридҳо мо қатъан ҳукм карда наметавонем, ки ин калимаву ибораҳо ва мазмунҳо маҳз ба тавассути ашъори Ҳофиз ба ашъори Ҷомӣ дохил гардида бошад ва ё аз манбаи дигаре, шояд онҳоро шоир дидаву дониста истифода карда бошад, ё бидуни ихтиёр ва ҳатто мумкин аст ин баробар омаданҳо тасодуфӣ ва ба ҳамдигар беробита бошанд. Вале дар ин ҳолатҳо ҳам аз Ҳофиз гирифта шудани онҳо муайяну равшан аст, мисли ду байти зерин:

Ҳофиз:

Кай шеъри тар ангезад, хотир, ки ҳазин бошад,
Як нукта дар ин маънӣ гуфтему ҳамин бошад [4, с.109].

Ҷомӣ:

Гар шеъри хушат бояд, хуш кун дили Ҷомиро,
Хотир, ки ҳазин бошад, кай шеъри хуш ангезад? [6, с.147].

Чунон ки мебинем, ҳарду байт дар як вазн (баҳри рақази мусаммани мақтӯъ) суруда шудаанд ва Ҷомӣ мисраи якуми байти Ҳофизро ба воситаи пасу пеш овардани ибораҳо, ки қофияи ғазали ӯ талаб мекунад ва иваз кардани калимаи «тар» бо «хуш» таҳрир карда, онро чун бурҳони фикри худ овардааст.

Дуюм, Абдурраҳмони Ҷомӣ қариб ба бисту ҳашт ғазали Хоҷа Ҳофиз бевосита сию панҷ ҷавоб гуфта, «ба воситаи пайравӣ ба мавзуъ, тасвири ҳолатҳои мухталифи ишқ, овардани таркибҳо, ибораҳо, қофияҳо, радифҳо ва вазнҳои ғазалҳои Ҳофиз, ки ҳамаи ин аз талаботи назира сар мезанад, робитаи худро бо Ҳофиз нишон дода дар ҳусни баён, таносуби сухан, мутобиқати алфоз бо маонӣ, равонӣ, ширинӣ, борикандешӣ, хушоҳангӣ,

нуктасозӣ, латифапардозӣ, сафои афкор, истифодаи истилоҳоти аҳли тасаввуф ва салосату балоғат бо ӯ мусобиқа мекунад» [7, с.142]. Вале, хусусияти ба назар намоёнтари ғазалҳои ҷавобии Ҷомӣ ба Ҳофиз он аст, ки Ҷомӣ ғазалҳои Ҳофизро ҳатман дар вазн пайравӣ карда, радиф ва баъзан калимаҳои қофияшавандаи онро мегирад, ки ин аз талаботи ҷавобия сар мезанад. Дар ғазалҳои поёнии Ҳофиз ва Ҷомӣ ин хусусиятҳоро мушоҳида кардан мумкин аст:

Ҳофиз:

Дӯш савдои рухаш, гуфтам: зи сар берун кунам,
Гуфт: ку занҷир, то тадбири ин маҷнун кунам?
Қоматашро сарв гуфтам, сар кашид аз ман ба хашм,
Дӯстон аз рост меранҷад нигорам, чун кунам?
Нукта носанҷида гуфтам, дилбаро маъзур дор,
Ишвае фармоӣ, то ман табъро мавзун кунам!
Зардрӯӣ мекашам, з-он табқи нозук бегуноҳ,
Соқиё ҷоме бидеҳ, то чеҳраро гулгун кунам.
Ман, ки раҳ бурдам ба ганҷи ҳусни бепоёни дӯст,
Сад гадое ҳамчу худро баъд аз ин Қорун кунам...
Эй маҳи номеҳрубон, аз банда Ҳофиз ёд кун,
То дуои давлати он ҳусни рузафзун кунам! [4, с.240].

Ҷомӣ:

Ҳар замон гӯям, ки аз дил меҳри ӯ берун кунам,
Лек бо худ бас намеоям, надонам чун кунам?
Булаҷаб коре, ки халқе дар паи дармони ман,
Ман ба фикри он, ки ҳар дам дарди хеш афзун кунам,
Гар ниҳам гирён сар андар кӯҳ бе лаъли лабаш,
Сангҳоро чашма созам,чашмаҳоро хун кунам.
Нақш бандам сӯи ӯ сад нома, мазмун сузу дард,
Ашки хунин бар рухи девони он мазмун кунам,
Ҷои тадбиру дуо хоҳам зи Лайлӣ қисса хонд,
То ки аз рӯе гузар бар турбати Маҷнун кунам.
Халқро бар маҷмари ғам дил бисӯзонам чу уд,
Нола дар чанги фироқаш гар бад-ин қонун кунам.
Кушта шуд Ҷомӣ зи ҳаҷр, афсонаи васлаш чӣ суд.
Мурғи бисмил кай зияд, сад бор агар афзун кунам [8, с.549].

Дар ин ду ғазал қонуну қоидаҳои анъанавии назирасароӣ ба хубӣ риоя карда шудааст. Ҳар ду ғазал бо як вазн – баҳри рамали мусаммани маҳфуз, ки аз такрори «фоилотун фоилотун фоилотун фоилун» иборат мебошад, сохта шудааст; қофияи он низ як хел буда, калимаи «кунам» радифи онҳоро ташкил медиҳад. Аз нуқтаи назари мазмуну мундариҷа ҳар ду ғазал ба мавзуи анъанавии ишқу муҳаббат бахшида шудааст.

Дар ғазалҳои ҷавобияи Ҷомӣ баъзан чунин ба назар мерасад, ки ғазали ҷавобияи ӯ аз ҷиҳати равонӣ, нозукбаёнӣ, нуктасанҷӣ, радифу вазн ба ғазали Ҳофиз ҳампоя буда, чандин калимаву ибораҳои қофияшавандаи ғазали Ҳофиз дар ғазали Ҷомӣ ба назар мерасанд. Вале дар чунин ҷавобияҳои Ҷомӣ гоҳо тағйири мавзуъ (ҳол он ки риояи он ҳатмист) ба назар мерасад, ки инро дар ғазалҳои зерин ба хубӣ мушоҳида мекунем:

Ҳофиз:

Нафаси боди сабо мушкфишон хоҳад шуд,
Олами пир дигарбора ҷавон хоҳад шуд.
Арғувон ҷоми ақиқе ба суман хоҳад дод,
Чашми наргис ба шақоиқ нигарон хоҳад шуд.
Гул азиз аст, ғанимат шуморедаш сӯҳбат,
Ки ба боғ омад, аз ин роҳу аз он хоҳад шуд.
Ин татовул, ки кашид аз ғами ҳичрон булбул,
Ба соропардаи гул наъразанон хоҳад шуд.
Эй дил, ар ишрати имрӯз ба фардо фиканӣ,
Мояи нақди бақоро, ки замон хоҳад шуд.
Моҳи шаъбон мадеҳ, аз даст қадаҳ, к-ин хуршед,

Аз назар то шаби иди рамазон хоҳад шуд.
Мутрибо, маҷлиси унс асту ғазал хону суруд,
Чанд гӯӣ, ки чунин асту чунон хоҳад шуд.
Гар зи масҷид ба харобат шудам айб макун,
Маҷлиси вазъ дароз асту замон хоҳад шуд.
Ҳофиз аз баҳри ту омад сӯи иқлими вуҷуд,
Қадаме неҳ, ба фидоам, ки равон хоҳад шуд [4, с.111].

Ҷомӣ:

Боз хуни дилам аз дида равон хоҳад шуд,
Чашмам аз ҳар мижа хунобафишон хоҳад шуд.
Ҳаст мақсуди дилат он, ки бимирад зи ғамат,
Ҳарчи мақсуди дили туст, чунон хоҳад шуд,
Баски хунинкафанон доғи ту ба дил рафтанд,
Ҳама саҳрои адам лоласитон хоҳад шуд.
Дид дар кӯдакият пиреву гуфт: «Ин рӯзе
Фитнаи оламу ошӯби ҷаҳон хоҳад шуд».
Шакли боло бинамо, гарчи шаби танҳоӣ,
Дар дилам нолаву дар сина синон хоҳад шуд.
Хуни ман ҷои дигар рез, ки ҷун дар кӯят,
Кушта афтам, ҳамаро бар ту гумон хоҳад шуд,
Ҳар кӣ дид аз рухи ту хурраму хуш Ҷомиро,
Гуфт, к-ин пир дигарбора ҷавон хоҳад шуд [8, с.343].

Ғазали Ҳофиз мавзуи фалсафиро дар бар кардааст, ки дар он фалсафаи ҳаёт, зиндагӣ ба тарзи равшан зуҳур меёбад. Шоир аз матлаи ғазал сар карда, баҳорро тасвир менамояд ва бо овардани мисраи «Олами пир дигарбора ҷавон хоҳад шуд» даргузар будани баҳор ва ба ин васила олами тағйирёбанда - гузаронро ба қалам додааст. Дар ду байти матлаъ бошад, оҳангҳои тасаввуфӣ ҳис карда мешавад.

Мавлоно Ҷомӣ дар ҳамин вазну қофия ва банду басти ғазали Ҳофиз ғазале иншо кардааст, ки мавзуи он тасвири ишқи ҳақиқӣ, реалии инсонӣ буда, беилтифотӣ, бевафогии маъшуқаи сангдил нисбат ба ошиқ нишон дода шудааст.

Агар мо ин ғазали ҷавобияи Ҷомиро дурусттар аз назар гузаронем, чизи дигаре диққати моро ба худ мекашад. Ин ҳам бошад, он аст, ки Ҷомӣ ду мисраи ду ғазали Ҳофизро бо каме тағйирот дар ғазалаш истифода кардааст, ки якеи он мисраи дуюми байти матлаи ғазали дар боло зикршудаи Ҳофиз буда, ғазали Ҷомӣ бо он хотима меёбад. Дигаре /«Боз хуни дилам аз дида равон хоҳад шуд»/ аз мисраи дуюми байти шашуми ғазали Ҳофиз / «Турки ошиққуши ман маст бурун рафт имрӯз, то киро хуни дил аз дида равон хоҳад буд»/ гуфта шудааст, ки мисраи аввали байти матлаи ғазали Ҷомиро ташкил медиҳад. Аз ин мушоҳида маълум мегардад, ки Ҷомӣ бо ин ғазали ҷавобияи худ ба ду ғазали Ҳофиз ҷавоб гуфтааст, зеро ин ғазалҳо аз ҷиҳати вазн ҳам як хеланд. Ғазали Ҷомӣ аз ҷиҳати банду баст ва умуман қариб, ки аз масолеҳи ғазали Ҳофиз таркиб ёфтааст, вале Ҷомӣ дар ҳамин банду баст мавзуи дигарро ҳал намудааст.

Ғазалҳои зерини Ҳофиз ва Ҷомӣ низ далели фикри боло шуда метавонанд, ки мисли ғазалҳои номбурда дар мавзуъҳои гуногун гуфта шудаанд. Матлаи онҳо чунин аст:

Ҳофиз:

Гулбаргро зи сунбули мушкин ниқоб кун,
Яъне, ки рух бипӯшу ҷаҳоне хароб кун... [4, с.272].

Ҷомӣ:

Сӯфӣ матои савмиа раҳли шароб кун,
Пиронасар талофи аҳли шабоб кун... [8, с.604].

Дар рафти мутолиаи ғазалиёти ин ду симои бузург маълум гардид, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ ба ғазали машҳури Ҳофизи Шерозӣ, ки дар саҳифаи аввали девони ӯ ҷойгир аст, бевосита панҷ ҷавоб гуфтааст. Ғазали мазкури Хоҷа Ҳофиз чунин шуруъ мешавад:

Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале уфтод мушкилҳо...

Мавзуи ғазали Ҳофиз ишқ буда, дар он мушкилоти ишқи ирфонӣ ва азобу машаққатҳои сӯфиён дар тариқатҳои ба висолрасӣ, ба қутб наздикшавӣ ва бо маъшуқ як

шудан тасвир ёфтааст. Дар ғазали номбурда Ҳофиз аз санъати муламмаъ, ё ин ки ширу шакар моҳирона истифода кардааст ва ғазали ӯ оғози худро аз ин санъат гирифта, анҷоми он низ бо санъати муламмаъ ба вуқуъ мепайвандад.

Мавзуи ҷавобияи якуми Ҷомӣ бар хилофи ғазали Ҳофиз ишқи ҳақиқӣ буда, дар он васфи маъшуқа, муҳаббати баланди ошиқ ва мушкилоти беҳадду ҳисоби қаҳрамонони лирикӣ дар роҳи ишқи пок тасвири пурра ёфтааст. Шоир ҳалли ин мушкилотро танҳо дар май мебинад ва ин хулосаи худро дар байти мақтаъ бо зикри номи Ҳофизу овардани мисраи байти матлаи ғазали мазкури ӯ, ба таври зайл баён мекунад:

Чу афтод мушкиле Ҷомӣ ба соқӣ гӯй чун Ҳофиз,
«Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо».

Ҷомӣ низ мисли Ҳофиз аз санъати муламмаъ истифода кардааст. Ба замми ин, дар ғазали ӯ санъати талмеҳ низ ба назар мерасад. Ӯ ба воситаи ишораҳо ба Маҷнуни ҷафокаш ва Лайлии беҳамто ранҷ кашиданҳои ошиқро дар роҳи ишқи маъшуқа ва хеле зебою боқадр будани маъшуқаро боз ҳам равшантар ва ба назар намоёнтар нишон додааст. Масалан:

Чу ҳар манзил, ки Лайлӣ карда ҷо қаъб аст Маҷнунро,
Ба қасди каъба Маҷнунро чӣ ҳоҷат қатъи манзилҳо.

Дар ҷавобияи дуюм Ҷомӣ бидуни монандии мавзуъ, ғоя, истифодаи калимаҳои қофияшаванда / ҳафт калимаи қофияшавандаи Ҳофиз ба монанди: «дилҳо», «соҳилҳо», «новилҳо», «мушкилҳо», «манзилҳо», «маҳмилҳо», «маҳфилҳо»-ро истифода кардааст / ду мисраи ғазали Ҳофиз низ ба тариқи тазмин дохил гардидааст:

Шароби лаъл бошад қуввати ҷон, қуввати дилҳо,
«Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо»,
Чу з-аввал ишқ мушкил буд охир ҳам чаро гӯем,
«Ки ишқ осон намуд аввал, вале уфтод мушкилҳо» [8, с.144].

Дар ҷавобияи сеюми Ҷомӣ, ки ҳамвазни ғазали Ҳофиз буда, баъзан мазмунҳо шабеҳи ҳамдигаранд, як мисраи ғазали Ҳофиз ба тариқи тақсим дар ду мисраи ғазали Ҷомӣ истифода шудааст:

Ало ё айюҳассоқӣ, май омад ҳалли мушкилҳо,
Зи май мушкил бувад тавба, адир каъсан ва новилҳо [8, с.147-148].

Ин ғазали Ҷомӣ низ мисли ғазали Ҳофиз мавзуи ишқи ирфониро ба худ касб кардааст.

Ҷавобияҳои чорум ва панҷуми Ҷомӣ чун назира ба ғазали мазкури Ҳофиз суруда шуда, ба талаботи назирасароӣ пурра ҷавоб медиҳанд ва аз ҷиҳати равонӣ, содабаёнӣ, образофарӣ, истифодаи истилоҳоти аҳли тасаввуф, таносуби сухан, мутобиқати алфоз бо маъонӣ, равонӣ ва хушоҳангӣ баробарзиши ғазали Ҳофиз мебошанд. Ғазали Ҷомӣ чунин аст:

Кӯсу арроҳ дарад хазидасоқӣ ва каблиҳо,
Ки бошад дар кафи ӯ қуввати ҷонҳо, қуввати дилҳо.
Расад соле, ки сӯи мақсад яке раҳ бурду боқиро,
Шуд андар роҳ домангир обу хоки манзилҳо.
Ба ҷон андар хатар дар баҳр ғаввосон паи гавҳар,
Нишаста аз хатар эмин садафчинони соҳилҳо.
Чӣ гӯям васфи он шоҳ ҳад, ки то бошад ҷаҳон бошад,
Ҳадисаш нақли маҷлисҳо, ҷамолаш шамъи маҳфилҳо.
Шутур раққос гардад бар Мағелон чун шавад ҳоде,
Ба васфи каъбаву васлаш ҷарасҷунбони маҳмилҳо.
Бирез, эй дида, бар хоки мазаллат гиряи ҳасрат,
Ки гулҳои каромат бардамад рӯзе аз ин гилҳо,
Рухи хидмат матоб аз суҳбати пири муғон, Ҷомӣ,
Ки он ҷо мешавад дафъи бало ҳалли мушкилҳо [7, с.144].

Мавзуи ғазали мазкури Ҷомӣ мисли ғазали Ҳофиз ишқи ирфонӣ буда, дар он азобу машаққатҳои ошиқ дар роҳи ба висолрасӣ ифода ёфтааст. Ҷомӣ дар ғазали худ шаш калимаи қофияшавандаи ғазали Ҳофизро истифода кардааст. Ҳамчунон, дар ғазали Ҷомӣ ба миқдори муайян калимаву ибораҳои ғазали Ҳофиз низ ба монанди: «ҷарас», «пири муғон» ва ғайра ба назар мерасанд. Аз ҷиҳати мазмун низ баъзе мисраю байтҳои ғазалҳои

номбурда ба ҳамдигар шабоҳат доранд. Ҷомӣ ҳам мисли Ҳофиз ғазали худро бо санъати муламмаъ сар кардааст. Ҳарду шоир ҳам аз таносуби сухан хеле моҳирона истифода кардаанд, ки ин боиси дилписандиву дилнишинӣ ва содагиву равонии ғазали онҳо гардидааст.

Вале аз ин гуфтаҳо чунин хулоса барнамеояд, ки ғазали Ҷомӣ такрори гуфтаҳои Ҳофиз бошад, балки ӯ ҳамон мавзуъро ба тарзи махсуси худ, ба воситаи калимаву таъбирҳои нав ва образҳои тозаи шеърӣ ифода кардааст.

Ҷавобияҳои охирини Ҷомӣ ба ғазали мазкури Ҳофиз низ ба тамоми талаботи назирасароӣ ба хубӣ мувофиқат мекунад. Мавзӯи он бар хилофи ғазали Ҳофиз ишқи ҳақиқӣ, табиии инсонӣ мебошад.

Шеъри зерин пайравӣ ба шеъри суннатии араб аст, ки дар аввали қасида, дар қисмати насиб ё ташбиб, ки қисмати тағаззулӣ низ номида мешавад, шоир дар осори боқимондаи манзили маҳбуба ёди гузашта мекунад. Дар ин байт шоир изҳори муҳаббат ва пазмонӣ ба сарзаминҳои муқаддас, дар мисоли Наҷд, ки яке аз қисматҳои Нимҷазираи Арабистон аст, кардааст.

Матлаи он чунин аст:

Рафиқон хоки Наҷд аст ин, нигаҳ доред маҳмилҳо,
Ки орад шавқи ёрон гиря бар осори манзилҳо.

Сабаби ҳусни таваҷҷуҳи зиёди Ҷомӣ ва гаштаю баргашта ҷавоб гуфтани ӯ ба ғазали мазкури Ҳофиз дар чист?

Бояд гуфт, ки ғазали Ҳофиз аз ҷиҳати мавзую мазмун ва бадеиёт аз беҳтарин ғазалҳои ӯ ҳисоб меёбад ва беҳуда нест, ки қариб ҳамаи девонҳои бо нашрҳои гуногун ба табъ расидаи Ҳофиз ибтидои худро аз ин ғазал мегиранд.

Дар пайравии ин ғазал баъд аз Ҳофиз шоирони зиёде ғазалҳои худро сурудаанд. Ҷомӣ низ хостааст, ки ба ғазали Ҳофиз назираи намоёне иншо кунад. Бинобар ҳамин ҳам, вай гаштаю баргашта ба ин ғазали Ҳофиз ҷавоб гуфтааст.

Сабаби дигар шояд дар он бошад, ки Ҷомӣ ба ҷавобияи гуфтаи худ қаноат ҳосил накардааст.

Аз ин рӯ, ба ғазали мазкури Ҳофиз панҷ ғазали худро ба тариқи назира сурудааст.

Қудрати Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамчун шоир дар гуфтани ҷавобия хеле калон аст. Санъати баланди ҷавобиягӯии шоир аз он ҳам шаҳодат медиҳад, ки Ҷомӣ ба ғазалиёти шоирони гузашта ва ҳамзамонони худ бо тарзу усулҳои гуногун, навъҳои мухталифи ҷавобияҳои худро эҷод кардааст, ки яке аз дигаре равону дилчасп ва латифу хушоҳанг мебошанд. Аз мутолиаи ғазалҳои Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ чунин ба назар мерасад, ки баъзе ғазалҳои ӯ бар ғазалҳои Хоҷа Ҳофиз дар айни замон ҳам ҷавобия ва ҳам тазмин мебошанд. Агар мо дар баъзе ғазалҳои ҷавобияи Ҷомӣ як мисраъ ё байти ғазали Ҳофизро мушоҳида кунем, дар баъзе ҳолат то се мисраи ғазали Хоҷаро дар ғазали Мавлоно Ҷомӣ дидан мумкин аст. Ҷомӣ дар ғазали худ, ки бо матлаи:

Маро, ки холи лабат тухми мазраи амал аст,
Холи хати ту хатми сафинаи амал аст.

ду мисраи Хоҷа Ҳофизро аз ғазали бо матлаи:

Дар ин замона рафиқе, ки холӣ аз халал аст,
Сароҳи маи нобу сафинаи ғазал аст,

тазмин кардааст, ки чунин аст:

Ба ғайри най, ки тиҳӣ шуд зи худ намебинам,
«Дар ин замона ҳарифе, ки холӣ аз халал аст»,
«Сароҳи маи нобу сафинаи ғазал аст».

Ин мисол бори дигар ба дурустии фикри боло далолат мекунад. Байтҳои Ҷомӣ агар аз як тараф, дорои маънию мазмунҳои тоза бошанд, аз тарафи дигар, мазмунан ба байтҳои Ҳофиз наздиканд.

Ҳофиз:

Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, Худоро,
Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро.
Киштинишастагонем, эй боди шурта, бархез,
Бошад, ки боз бинем дидори ошноро.
Даҳрӯза меҳри гардун афсона асту афсун,

Некӣ ба ҷойи ёрон фурсат шумор ёро.
Дар ҳалқаи гулу мул хуш хонд дӯш булбул,
Ҳоти-с-сабӯҳа ҳуббу ё айюҳа –с-сукоро!
Эй соҳиби каромат, шукронаи саломат,
Рӯзе тафаққуде кун дарвеши бенаворо.
Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.
Дар кӯи некномӣ моро гузар надоданд,
Гар ту намеписандӣ, тағйир кун қазоро.
Он талхваш, ки сӯфӣ уммулхабоисаш хонд,
Ашҳолано ва аҳло мин қублат-ил-изоро.
Ҳангоми тангдастӣ дар айш кӯшу мастӣ,
К-ин кимиёи ҳастӣ Қорун кунад гадоро.
Саркаш машав, ки чун шамъ аз ғайратат бизӯзад,
Дилбар, ки дар кафи ӯ мум аст санги хоро.
Оинаи Сикандар ҷоми май аст, бингар,
То бар ту арза дорад аҳволи мулки Доро.
Туркони порсигӯ бахшандагони умранд,
Соқӣ, бидеҳ башорат риндони порсоро [9, с.43].

Ҷомӣ:

Бар тарфи рух ниҳода он ҷаъди мушксоро,
Чун шаб сияҳ кардӣ рӯзи сафеди моро.
Бӯят ба ҳар машоме ҳайф аст агар тавонам,
Сӯи ту раҳ бибандам омадшуди саборо.
Баъд аз ҳуҷуми ҳичрон бе давлати висолат,
Боз омадам чӣ имкон сабри гурезпоро.
Аз лаъли ту зи чашмам шуд хуни дил равона,
Бас розҳо, ки гардад аз бода ошкоро.
Дорад рақиб бо ман дандонзанӣ ба кӯят,
Бо ҳам низои дерин бошад сагу гадоро.
Бошад бинои давлат бар ҳиммати гадоён,
Ин аст бар китоба айвони подшоҳро.
Бо сӯҳбате, ки гирам унс ин чунин, ки ишқат,
Сагона сохт бо ман ёрони ошноро.
Фарёд аз он муаллим к-омӯхт дар дабистон,
Тороҷи дини пирон тифлони дарбарро.
Ҷомӣ зи сифлатабъон каш сафои ҳолат,
Кардӣ сафое тира ҷоми ҷаҳоннаморо [7, с.143].

Таъсир расонидан ва манбаи илҳому воситаи рушду камол гардидани эҷодиёти як шоир ба шоири дигар дар адабиёти классикиамон бисёр вомехӯрад. Дар таъсири эҷодиёти бузургтарин ғазалсарои Шарқ Шамсиддин Муҳаммад Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ садҳо шоирон шеър эҷод кардаанду ғазал гуфтаанд. Гёте барин донишманди бузург худро пайрави Ҳофиз дониста, эҷодиёти худро камтар аз ғазалиёти дилангези Ҳофиз шуморидааст. Алишери Навоӣ дар таъсири эҷодиёти ӯ зиёда аз 300 ғазал гуфтааст ва донишманди забардаст, устоди ғазалсароёни форсу тоҷик дар асри XV Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ низ ашъори Ҳофизро манбаи илҳоми хеш қарор додааст.

Аз ин рӯ, татаббуъ ва пайравӣ ба ғазалиёти Ҳофиз татаббуъ фақат ба сабки худи Ҳофиз набуда, ҳамчунон ба таври эҷодӣ қабул намудани анъанаҳои беҳтарини сабки ғазалсароии классикӣ мебошад.

Ҷомӣ дар ашъори худ санъату образҳои бадеии Ҳофизро, ки бештар бо эҳсосоти фалсафӣ ва руҳи озодандешии назми ӯ вобаста буд, дар асри XV хеле инкишоф дод. Таъсири Ҳофиз дар ғазалҳои Ҷомӣ гуногун буда, ӯ ба ғазалҳои Хоҷа бо тарзу усулҳои мухталиф ҷавоб гуфтааст. Назми дилангези Ҷомӣ ҳам давом ва инкишофи ҳамон анъанаҳои беҳтарини назми шуарои гузаштааст, ки Ҷомӣ онро бо машраби пурҷӯши шоирона, завқи саршор, хирадӣ комил ва эҳсосоти латифи худ ба пояҳои боз ҳам баландтаре бардоштааст.

Муқарриз: ***Раҷабова М.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.1, 2. – Душанбе, 1964.

2. Афсаҳзод, А. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / А.Афсаҳзод. – Душанбе, 1970. – 262 с.
3. Афсаҳзод, А. Саъдӣ ва Ҳофиз / А.Афсаҳзод // «Ҷашнномаи Ҳофиз». – Душанбе, 1971. – 105-112.
4. Афсаҳзод, А. Ҳофиз ва Ҷомӣ / А.Афсаҳзод // «Ҷашнномаи Ҳофиз». – Душанбе, 1971. – 137-149.
5. Афсаҳзод, А. Таҳаввули афкори Абдурраҳмони Ҷомӣ / А.Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 1981.
6. Брагинский И.С. Из истории персидской и таджикской литературы / И.С.Брагинский. – М., 1972. – 524 с.
7. Браун Эдуард. Аз Саъдӣ то Ҷомӣ / Эдуард Браун. – Теҳрон, 1325. – 138 с.
8. «Девон»-и комили Ҷомӣ (бо муқаддимаи Ҳошим Разӣ). – Теҳрон, 1325. – 463 с.
9. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе, 1967. – 400 с.
10. Исрофилниё Ш.Р. Шарҳи бист ғазали Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ / Ш.Р. Исрофилниё. – Душанбе: Пайванд, 2016. – 87 с.
11. Мирзоев А. Сездаҳ мақола / А.Мирзоев. – Душанбе, 1977. – 288 с.
12. Мирзозода Х. Муқаддима дар «Мунтахаби девон»- и Хофиз / Х.Мирзозода. – Сталинобод, 1957. – 478 с.
13. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро / Давлатшоҳи Самарқандӣ. - Теҳрон 1343 (бо хатти арабиасос). – 158-с.
14. Ҳодизода Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р.Ҳодизода, М.Шукуров, Т.Абдуҷабборов. – Душанбе, 1966. – 184 с.
15. Ҳодизода, Р. Татаббуоти назм ва сабки шеъри Фонӣ-Навоӣ / Р.Ҳодизода // «Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик». – Душанбе, 1974. – С.45-59.

НАЗИРА ВА ТАЗМИНҲОИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ БАР ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Дар мақола сухан дар бораи назира ва тазминҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ ба ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ меравад. Муаллиф кӯшидааст, ки чӣ будани тазмин, назира ва татаббуъро шарҳ дода, инкишофи назирасароиро дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар мисоли назира ва тазминҳои Ҷомӣ ба ашъори Хоҷа Ҳофиз нишон диҳад. Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик татаббуъ ва тазмин ҳамчун яке аз шаклҳои зуҳури таъсир ва робитаи эҷодии байниҳамдигарии адибон ба назар мерасад. Шоирони бузурги ҳар як аср ба ашъори ҳамдигар дар жанрҳои гуногун ва бо тарзу усулҳои мухталиф ҷавоб гуфтаанд. Тазмин чунин санъати бадеиест, ки шоире ягон мисраъ ё байт ва ё зиёдаро, ки машҳур ва хушоянда бошад, дар ҷойи муносиби шеъри худ биёрад ва ишора кунад, ки ин иқтибос аз фалон шоир аст. Дар тазмин омадани номи шоир шарти ҳатмӣ мебошад, аммо дар таърихи адабиётамон тазминҳои бисёреро дучор омадан мумкин аст, ки тахаллуси шоир дар онҳо зикр наёфтааст. Масалан, дар байни тазминҳои Ҷомӣ ба Ҳофиз хеле кам тазминҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки номи шоир зикр шуда бошад.

Калидвожаҳо: адабиётшиносӣ, Хоҷа Ҳофиз, тазмин, назира, Ҷомӣ, ашъор, ғазал, сарчашма, пайравӣ, ҷавобия.

ПОДРАЖАНИЕ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ ПОЭТИЧЕСКОМУ ОБРАЗЦУ ГАЗЕЛЕЙ ХАФИЗА ШИРАЗИ

В статье рассматриваются взгляды Абдуррахмана Джами относительно поэтического мастерства Хафиза Шерази в написании газелей. Автор статьи сделал попытку объяснить смысл применения подражания, а также показать развитие стиля подражания в классической таджикско-персидской литературе на примере подражания Джами поэзии Ходжи Хафиза. В истории персидско-таджикской литературы применение подражания поэтическому образцу считаются одним из проявлений влияния и творческой связи между писателями. Во все века великие поэты откликались на поэзию друг друга в разных жанрах и стилях. Подражание - литературное, сознательное воспроизведение некоего литературно художественного образца, которое поэт ставит в нужное место в своем стихотворении и указывает, на конкретное произведение и автора данного заимствования. Указание имени поэта является обязательным условием, но в истории нашей литературы можно встретить немало случаевкогда имя поэта не упоминается. Например, среди подражаний Джами поэзии Хафиза можно встретить очень мало подражаний, где не указывается имя подражаемого.

Ключевые слова: литературоведение, Ходжа Хафиз, подражание, Джами, поэзия, газель, источник, следование, ответ.

ABDURRAHMAN JAMI'S IMITATION OF THE POETIC SAMPLE OF GAZELLES BY HAFIZ SHIRAZI

The article discusses the views of Abdurrahman Jami regarding the poetic skill of Hafiz Sherazi in writing ghazals. The author of the article made an attempt to explain the meaning of the use of imitation, as well as to show the development of the imitation style in classical Tajik-Persian literature on the example of Jami's imitation of the poetry of Khoja Hafiz. In the history of Persian-Tajik literature, the use of imitation of a poetic model is considered one of the manifestations of the influence and creative connection between writers. Throughout the ages, great poets have responded to each other's poetry in different genres and styles. Imitation is a literary, conscious reproduction of a certain literary and artistic sample, which the poet puts in the right place in his poem and points to a specific work and the author of this borrowing. The indication of the name of the poet is a prerequisite, but in the history of our literature one can find many cases when the name of the poet is not mentioned. For example, among Jami's imitations of Hafiz's poetry, one can find very few imitations where the name of the imitator is not indicated.

Key words: literary criticism, Khoja Hafiz, imitation, Jami, poetry, ghazal, source, following, answer.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳимова Мушкинисо Исрафиловна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 927-01-14-73, 909-33-73-16**

Сведение об авторе: ***Рахимова Мушкинисо Исрафиловна*** – Таджикский государственный институт языков имени С.Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литерутуры. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: **(+992) 927-01-14-73, 909-33-73-16**

Information about the author: ***Rakhimova Mushkiniso Israfilovna*** - Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. Tel.: **(+992) 927-01-14-73, 909-33-73-16**

УДК: 82

РАҲИМ ҶАЛИЛ – ФОЛКЛОРШИНОС

Юсупова М.И.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Эҷодиёти лафзии халқ манбаи илҳом ва сарчашмаи эҷоди нависандагону шоирон аст, ки эҷодиёти Раҳим Ҷалил аз ин истисно нест. Ин нависандаи маҳбуб таҳти таъсири фолклор ва бахусус афсонаҳо ба воя расида буд, дар муҳите, ки таъсири эҷодиёти халқ ба камоли маънавияш баръало эҳсос мегардид. Ӯ дар замони наврасию ҷавонияш шоҳиди бисёр анъанаҳои фолклорӣ гашта буд, ки таъсири мусбати онҳоро дар осори нависанда ба мушоҳида мегирем. Раҳим Ҷалил на танҳо нависанда буд, балки дар омӯзиши фолклори маҳал низ ҳиссаи сазовори худро гузоштааст. Чун сухан доир ба фолклоршиносии Раҳим Ҷалил меравад, бояд ин масъаларо аз ду зовия назар кунем:

1. Раҳим Ҷалил ҳамчун фолклоршинос;
2. Раҳим Ҷалил – донанда ва истифодабарандаи хуби эҷодиёти лафзии халқ.

Аз зовияи аввал агар назар кунем, Раҳим Ҷалил ҳамчун гирдоваранда ва тарғибгари фолклор баромад мекунад. Аз зовияи дуюм бошад, ҳамчун донанда ва нависандаи бомаҳорате аст, ки дурдонаҳои эҷодиёти лафзии халқро моҳирона дар осори манзуму мансураш ба кор бурдааст.

Таваҷҷуҳи Раҳим Ҷалил ба омӯзиш ва гирдоварии асарҳои фолклорӣ ва тарғибу ташвиқи эҷодиёти лафзии халқ пас аз соли 1934 шурӯъ гашта буд. Дар ин сол дар шаҳри Москва Анҷумани нахустини нависандагони Иттифоқи Советӣ барпо гардидааст. Дар ин Анҷуман, ки бегоҳи санаи 17 августи соли 1934 баргузор гашта буд, нависандаи машҳури рус, раиси Иттифоқи нависандагони СССР Максим Горкий таъкид мекунад, ки барои хуб ва воқеӣ инъикос кардани ҳаёти мардуми деҳқон ва пролетариат омӯзиши фолклор ҳатмӣ аст. Вай дар суханронияш қайд мекунад, ки бе донистани эҷодиёти лафзии халқ таърихи пролетариатро омӯхтан ва фаҳмидан душвор аст [16, с. 10]. Баъди ин Анҷуман раванди омӯзиш ва гирдоварии фолклор дар байни адибон ва олимон густариш ёфт. То баргузории ин Анҷуман андешаҳои ғалат доир ба эҷодиёти лафзии халқ ҷой доштанд, ки осори фолклориро унсури куҳнашуда ва барои сохти сотсиалистӣ номувофиқ меҳисобиданд. Аммо баъди ин Анҷуман муносибат ба фолклор тағйир ёфт. М.Горкий дар баромадаш таъкид карда буд, ки адибони ҷавон бояд ба гирдоварӣ ва омӯзиши эҷодиёти лафзии халқ машғул шаванд [16, с.11]. Баъди ин даъват дар Тоҷикистон низ адибони ҷавон ба гирдоварии фолклор шурӯъ карданд. «Дар солҳои 30-юм адибону муҳаққиқоне чун Ҳаким Карим (Каримзода), Лутфулло Бузургзода, О. Исматӣ, бародарон Абдусалом ва Абдушукур Пирмуҳаммадзода, М. Турсунзода, А. Мирзоев, Раҳим Ҷалил, Ҳ.Бақозода, Ш. Ҳусейнзода, Ф. Ниёзӣ, Х. Мирзозода, Т. Зеҳнӣ, Н.А. Болдирев ба гирдоварии маводи фолклори тоҷик машғул шуданд» - таъкид мекунад фолклоршинос Д. Раҳимӣ [13, с.63].

Авҷгирии раванди ҷамъоварии фолклори тоҷик баъди Анҷумани нависандагони Иттифоқи Шӯравӣ ба назар мерасад. Аммо ҳаминро ҳам зикр кардан месазад, ки дар он солҳо фолклоршиносии тоҷик рушду тараққӣ накарда буд ва эҷодиёти лафзии халқ бо ҷамъоварӣ ва коркарди адабӣ ва интихобу нашри мисолҳои ба идеологияи замон мутобиқ маҳдуд мегардид.

Аслан, аз байни адибони тоҷик ҳанӯз соли 1932 Ҳаким Карим бо мақолае таҳти унвони «Адабиёти халқро ҷамъ кунем» арзишҳои адабӣ ва фарҳангии фолклорро таъкид дошта буд [13, с.63].

Баъдан Ҳ.Карим соли 1932 маҷмуаи «Зарбулмасалҳои тоҷик»-ро ба нашр мерасонад.

Раҳим Ҷалил низ ҳамчун адиби ҷавон ба ҷамъоварии фолклор шурӯъ кардааст ва бо ин кор тамоми умр машғул гаштааст. Дар солҳои сиюми асри гузашта дар рӯзномаҳои «Пролетари Хуҷанд», «Бо роҳи Ленинӣ» намунаҳои асарҳои фолклориро таҳти унвони «Аз об ҳалво» [ниг.: 1], «Чашмаи Арзанак» [ниг.: 23], латифаҳои «Қозӣ ва тӯқум» [ниг.: 10], «Хаёли кӯкнорӣ» [ниг.: 22], «Ду кар» [ниг.: 8], «Уштур дар болои манора» [ниг.: 19], «Суҳбати сариҳавзӣ» [ниг.: 18] ба нашр расонида буд. Айни замон рӯзномаҳои номбурда хеле нодиранд.

Дар боло қайд гардид, ки баъди солҳои сиюм то давраи ба таври васеъ рушд ёфтани фолклоршиносии тоҷик дар солҳои 50-уми асри бист, гирдоварии маводи фолклориро адибони ҷавон ба сомон мерасониданд. Маводи фолклории ҷамъовардаи Раҳим Ҷалил дар маҷмуаҳои эҷодиёти шифоҳии халқ ба нашр расидаанд. Чунончи, дар маҷмуаи «Фолклори тоҷик» шеъреро бо номи «Дар васфи боғи шаҳри Ленинобод» ба нашр расонидаанд, ки онро ҳамчун гирдоварандаи фолклор Раҳим Ҷалил сабт кардааст. Матни он шеър ин аст:

Боғи шаҳри мо аҷаб зебо шуда,
Сайргоҳе дар лаби дарё шуда.
Як тараф хонишу як сӯ мусиқӣ,
Як тараф овоздор кино шуда.
Қалъаи дерина аз нав зеб ёфт,
Гӯиё девораш аз тилло шуда.
Хонаи дамгирии меҳнаткашон,
Ин ҳама аз давлати шӯро шуда [21, с.20].

Мураттибони маҷмуа дар поварақ доир ба ин шеър чунин қайд кардаанд: «Гӯяндаи ин ғазал маълум нест, аммо рафиқ Раҳим Ҷалил аз забони як колхозчии Ленинобод (дар моҳи июни соли 1936) навишта гирифтааст» [21, с.20]. Шеъри номбурда бо номи «Дар тавсифи боғи шаҳрӣ» дар рӯзномаи «Бо роҳи Ленинӣ» санаи 18 июли соли 1936 ба нашр расида буд [9, с.12].

Аз ин шарҳи поварақ ошкор мегардад, ки Раҳим Ҷалилро матни асарҳои фолклорӣ бештар ба худ ҷалб кардааст ва талаботи илми фолклоршиносӣ – додани маълумот оид ба гӯянда сарфи назар гаштааст, ки ин як чизи табиӣ дар он солҳо буд ва фолклоршиносии тоҷик нав инкишоф меёфт ва адибони ҷавон бо роҳу усулҳои гирдоварии фолклор ба хубӣ ошно набуданд.

Як самти фаъолияти Раҳим Ҷалил марбут ба нашри осори шоирони халқӣ буд. Соли 1964 бо ҳамроҳи Раҳим Тошматов «Маҷмуаи шеърҳо»-и Фахрии Рӯмониро ба нашр мерсонанд ва бо ин роҳ осори як шоири халқиро ба омма манзур медоранд [ниг.: 20]. Шоир Фахрии Рӯмонӣ яке аз шоирони таронасаро буд, ки шеърҳояш дар байни мардум паҳн гашта буданд ва бо кӯшишу ғайрати шахсони дар боло зикргардида осораш ба чоп расида буд [7, с.161].

Андешаи ғолиби мо ин аст, ки Раҳим Ҷалил то дами вопасини зиндагияш аз навишта гирифтани дурдонаҳои халқ дар канор намонд. Аммо услуби тарғиби фолклорро ӯ дигар кард, дар маҷмуаҳо маводи ҷамъовардаашро истифода накарда, балки дар асарҳои бадеияш онҳоро мавриди корбурд қарор дод.

Доир ба истифодаи зарбулмасалу мақолҳо дар осори Раҳим Ҷалил олимон андешаҳои худро баён доштаанд. Дар ин ҷо доир ба як самти дигари фолклоршиносии Раҳим Ҷалил сухан карданӣ ҳастем, ки он ҳам бошад марбут ба истифодабарии дуоҳо аст. Дар илми фолклоршиносӣ зарбулмасалу мақол, тезгӯяку панд, дуо ва қасамро дар доираи паремиология меомӯзанд. Маъмулан, дар замони шӯравӣ дуоҳо ҳамчун падидаи динӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифта буданд ва танҳо баъди солҳои навадуми асри гузашта дар илми фолклоршиносӣ ба ин жанри шифоҳӣ таваҷҷуҳи олимон равона гардид. Табиист, ки чунин муносибат барои гирдоварии дуоҳо ҳам таъсири манфӣ мерасонид. Дар ин бора Р.Раҳмонӣ чунин навиштааст: «Сабаби ба таври густурда гирд наовардан ва мавриди баррасии илмӣ қарор надодани дуо дар он аст, ки ба ин навъи адабиёти шифоҳӣ (гуфторӣ) дар замони Шӯравӣ чун ақидаи динӣ менигаристанд. Дар он солҳо фолклоршиносони тоҷик маросим ва ҳамчунин матнҳоеро, ки марбут ба дин аст, кам ҷамъ меоварданд ва агар ҷамъ карда бошанд ҳам, нашр намекарданд» [14, с.111]. Дуруст аст, ки дар маҷмуаҳои фолклорӣ дуо, таъбири хоб, ривоятҳо дар замони шӯравӣ ҷой дода намешуданд. Худи Раҳим Ҷалил, ки сарвари ҷамъияти бехудоён буд, ба хурофоти динӣ нафрат дошт, аммо чун асарҳои ӯро бодиққат мутолиа мекунем, ба назар мерасад, ки чандин дуо аз забони персонажҳо ва қаҳрамонони асарҳояш садо медиҳанд. Чунончи, дар асарҳои нависанда дуоҳои кӯтоҳ: «Қадам расид, бало нарасад» [11, с.92], «Пешонаат кушода шавад» [11, с.42], нафрин ва дуои бади «Ҳаром мурдагӣ, чуҳ, сари соҳибатро хӯр» [11, с.83] ва ғайраҳо истифода гаштааст. Ба назар мерасад, ки дар асарҳои бадеияш Раҳим Ҷалил асосан дуоҳои кӯтоҳро овардааст. Дар солҳои минбаъда вақте ки фолклор аз

нуқтаи назари дигар мавриди омӯзиш қарор гирифт, аз ҷониби фолклоршиносон кӯтоҳ будани дуоҳои тоҷикӣ исботи илмияшро ёфт [14, с.111; 13, с.162]. Ба ин қоил гаштан лозим аст, ки Раҳим Ҷалил ҳанӯз дар ҳамон давра дарк карда буд, ки дуоҳо дар асари бадеӣ агар барои таъмини халқияти онҳо зарур бошанд, бо мурури замон ҳамчун мероси фарҳангӣ ва фолклорӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Дуоҳо ва нафринҳои дар асарҳои Раҳим Ҷалил истифодагардида, тарзи корбурди он дар контексти асар худ мавзуи мақолаи алоҳида аст.

Дар истифодабарии нақл ва ривоятҳои халқӣ низ Раҳим Ҷалил дар асарҳояш равияи хоссеро интихоб кардааст. Ривоятҳо дар бораи мазорҳоро ӯ аз нуқтаи назари хурофотпарастии одамон дар осораш инъикос мекунад, аммо дар асл ҳарчанд ки дар намуди танқид бошад ҳам, матни ривоятҳоро меорад. Инро дар мисоли ривоят дар бораи Хоҷаи об, ки дар романи «Одамони ҷовид» ва ҳикояти «Хоҷаи Борон» метавонем ба назар гирем. Ҳам дар роман ва ҳам дар ҳикоя мазмуни ривоят дар бораи Хоҷае, ки бо дуои ӯ оби наҳр ба зери замин меравад, сарчашма гаштааст [ниг: 12, с.330].

Фолклоршинос будани Раҳим Ҷалил инчунин, дар масъалаи тасвири маъракагириҳои қаландарон ва қиссахонон ба назар мерасад. Ба тарзи маъракаороии қаландарон дар романи «Шӯроб» ва повести воқеии «Маъвои дил» сухан меравад. Шеъри қаландарон ҳарчанд ки дар романи «Шӯроб» аз нуқтаи назари ҷонибдории онҳо аз оқпошшо – амалдорону ҳукумати подшоҳии Россия оварда шудаанд, лекин аслан моли фолклор ҳастанд. Табиист, ки чунин ашъори фолклорӣ дар маҷмуаҳои фолкории замони шӯравӣ роҳ намеёфтанд ва мавриди корбурд қарор намегирифтанд, аммо дар асарҳои бадеӣ роҳ ёфтани онҳо ҷоиз буд.

Раҳим Ҷалил таронаҳо (ашӯлаҳо), зарбулмасалу мақол, нақлу ривоятҳо, афсонаву қиссаҳои халқиро дар асарҳояш бисёр кор фармудааст ва сатрҳои ҳикояву романҳояшро бо ин дурдонаҳои халқӣ ороиш додааст. Фолклор як манбаи воқеии осори нависанда ба шумор меравад.

Аз зовияи дуюм назар кунем, масъалаи таъсири фолклор ба шахсият ва асарҳои Раҳим Ҷалил ба мушоҳида мерасад.

Раҳим Ҷалил шогирд ва пайрави Садриддин Айнӣ ба шумор меравад. Муҳаққиқ Атахон Сайфуллоев манбаъҳои эҷоди С.Айниро таҳлил намуда, даҳ сабақи аз Максим Горкий гирифтаи ӯро таҳлил кардааст [15, с.104-159]. Сабақҳои М.Горкий ба С. Айнӣ бинобар таҳқиқи А.Сайфуллоев аз инҳо иборат буданд:

Сабақи якум – пеш бурдани адабиёти пролетарӣ, ривоҷ додани реализми сотсиалистӣ [15, с.111];

Сабақи дуюм – тарбияи нависандагони ҷавон [15, с.111];

Сабақи сеюм – ривоҷ додани адабиёти мудофиа [15, с.111-112];

Сабақи чорум – омӯзиши таърих [15, с.112];

Сабақи панҷум – ёд гирифтани ҳаёти гузашта, имрӯза ва оянда [15, с. 113];

Сабақи шашум – омӯхтани фолклор ва ба кор бурдани он дар эҷодиёти бадеӣ [15, с.116];

Сабақи ҳафтум – ёрмандӣ ба эҷодиёти ҳамкорони худ [15, с.121];

Сабақи ҳаштум – масъулияти коллективӣ;

Сабақи нуҳум – самимияту маҳбубият бо нависандагони советӣ [15, с.133];

Сабақи даҳум – хизмати халқ ва инсоният [13, с.145].

Аз ин сабақҳо, ки А. Сайфуллоев ёд кардааст, метавонем ба назар гирем, ки сабақи шашум ба мавзуи мо наздиктар аст. Аз ин рӯ, перомуни ин масъала зиёдтар истода мегузарем.

Эҷодиёти даҳонакии халқ дар ҳама давру замон ифодагари шодию ғам, ҳаёти иҷтимоию мадании мардум аст ва ҳар падидае, ки дар ҷомеа ба амал меояд, дар фолклор ҳатман инъикоси худро меёбад. Аз ҳамин хотир М.Горкий аз ҳамкасбонаш хоҳиш карда буд, ки фолклори миллати худашонро ҷамъоварӣ намоянд.

Баъди Анҷумани аввалини Умумииттифоқии Нависандагони ИҶШС (1934) муносибати адибони тоҷик ба омӯхтани фолклор дигаргун гашт. Масалан, дар мақолаи С.Айнӣ, ки санаи 18 июни соли 1937 дар рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» нашр гашта буд, ба назар мерасад, ки гуфтаҳои М.Горкий доир ба фолклор ба адиби тоҷик таъсири зиёд расонидааст. Айнӣ дар асарҳои охирон ба нашр расонидааш бештар истифода гаштани

фолклорро натиҷаи фоида бурдан аз таълимоти М.Горкий донистааст. Вай дар ин бора чунин навиштааст: «Шумо мебинед, ки дар «Одина»-и ман фолклор бисёр кам аст, дар «Дохунда» як миқдор фолклор ҳаст, аммо дар «Ғуломон» фолклор, зарбулмасал, латифаҳои халқӣ хеле бисёр аст» [2, с.238].

Аз ин иқрори С.Айнӣ бармеояд, ки баъди Анҷумани нахустини нависандагони ИҶШС (1934) аз таъсири суханрониҳо ва мақолаҳои М.Горкий таваҷҷуҳи адибон ба истифодабарии маводи фолклор зиёд гашт ва дар асарҳои худ онҳо моли фолклорро бештар истифода мебурданд.

Инро бояд дар назар дошт, ки дар солҳои бистум ва сиюм бино бар нодуруст фаҳмидани моҳияти фолклор ва осори халқӣ ҳамин гуна фаҳмишҳо ҳам ҷой доштанд, ки афсонаву ривоятҳо боқимондаи замони феодализм ҳастанд ва бояд бар зидди «боқимондаҳо» - и замони куҳна мубориза бурда шавад. Аз ин хотир, дар осори то соли 1934 таълифгардидаи адибон фолклор кам ба назар мерасад. Баъди илман ва аз лиҳози ғоявӣ исбот гаштани аҳамияти эҷодиёти даҳонакии халқ муносибат ба он дигаргун мегардад. Бар зидди ақидаҳои реаксионӣ доир ба фолклор, пеш аз ҳама, дар ҳудуди ИҶШС М.Горкий қарор дошт, ки баъдан кори ӯро адибоне ба монанди С.Айнӣ ва шогирдонаш идома доданд.

Ҳаминро дуруст бояд дарк кард, ки дар солҳои сиюм доир ба таъсири шахсиятҳо ба инкишофи фарҳангу маданият файласуфони буржуазии Ғарб сухан мекарданд. Горкий бошад, дар таҳти таъсири таълимоти марксистӣ - ленинӣ исбот мекард, ки фолклор системаи ҷаҳонбинии материалистӣ буда, онро қувваи эҷодии коллективӣ ба вуҷуд овардааст [6, с.40-41].

Ҳаминро бояд ба назар гирифт, ки солҳои сиюму чилум бо ҳидоят ва раҳнамоии М.Горкий омӯзиши фолклор на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҳудуди Иттфиоқи Шӯравӣ вусъат гирифт. «Бо даъвати А.М. Горкий, – навиштаанд В.Асрорӣ ва Р.Амонов – ҳанӯз дар солҳои сиюм дар Иттифоқи Советӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, ҷамъ кардан ва омӯхтани фолклор хеле авҷ мегирад. Олимон ва нависандагон Ҳаким Карим, О.А. Сухарева, А.Н.Болдирев, Алӣ Хуш, М. Турсунзода, А.Деҳотӣ, А. Мирзоев, Л.Бузургзода як қатор мақмуаҳои фолклориро ба нашр тайёр карданд. Ин мақмуаҳо мазмуни аниқ, ҳикмати беназир, зебоӣ ва нафосати диловези суруду рубоӣ, зарбулмасалу чистон, достону афсонаҳои халқи тоҷикро манзури оммаи васеи хонандагон гардониданд» [6, с.42].

Нависанда Раҳим Ҷалил низ бо риояи сабақҳои Максим Горкий ба фолклор ва офаридаҳои халқ муносибат мекард. Вай дар хурдсолӣ таҳти таъсири фолклор ба воя расид, дар ҷавонӣ ба гирдоварии фолклор машғул гашт ва дар айни камолот аз фолклор чунон моҳирона истифода мебурд, ки фолклоризм яке аз нишонаҳои сабки таълифи Раҳим Ҷалил гардид.

Барои он ки таъсири фолклорро ба Раҳим Ҷалил ва инкишофи ӯ ҳамчун нависанда ба назар гирем, моро ногузир аст, ки масъаларо аз се ҷанба мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Якум, таъсири фолклор ба такомули шахсии нависанда.

Дуюм, муносибати нависанда ба асарҳои фолклорӣ.

Сеюм, таъсири фолклор ба асарҳои нависанда.

Барои инкишофи фикрӣ ва зеҳнии кӯдак фолклор таъсири муфид мерасонад. Зеро барои дарки муҳити зист, атроф ва одамон ба ӯ афсонаҳо, шеърҳо ва қиссаву ҳикояҳо мадад мерасонанд. Агар ба зиндагии Раҳим Ҷалил нигоҳ кунем, кӯдакии ӯ дар замоне сипарӣ гаштааст, ки афсонахонии модарону бибиҳо ба кӯдакон побарҷо буд. Сурудаҳои халқӣ дар ҷашну тӯйҳо бештар садо медоданд, иҷрокунандагони асарҳои фолклорӣ дар шаҳри Хуҷанд фаровон буданд. Дар ин гуна муҳит умр ба сар бурда, Раҳим – писари пойафзолдӯз – Ҷалил наметавонист, ки аз фолклор бебаҳра монад.

Пеш аз ҳама, барои Раҳим Ҷалил модараш Бибӣ Ҳидоят манбаи нақлу ривоятҳо ва афсонаҳои халқӣ буд. А.Сайфуллоев ин ҳолатро ба назар гирифта, суханони нависандаро овардааст: «Ӯ шабҳо ба хоҳаронам ва ман ҷангномаҳоро хононда мешунавонад», - мегӯяд Р. Ҷалил ва насри ривоятиро як манбаи илҳоми худ мешуморад [15, с.22].

Яке аз методҳои таҳқиқи зиндагӣ ва осори адибон рӯй овардан ба асарҳои худи ӯ мебошад. Повести воқеии «Маъвои дил»-и Р.Ҷалил ба мо имкон медиҳад, ки манзараи таъсири фолклор ва асарҳои халқиро дар давраи кӯдакияш мавриди таҳлил қарор диҳем.

Аз асари зикршуда бармеояд, ки нависанда Раҳим Ҷалил дар муҳите ба воя расидааст, ки саросар аз фолклор бой буд: модари донандаи қиссаву афсонаҳо, устодаш донандаи ҳикояту ривоятҳои касби кафшдӯзӣ, ширкат доштан дар даврагирии қиссахонони халқии назди бозори Панҷшанбе, фаъолона бо ҳамсабақон мусобиқа кардан дар афсонагӯӣ, мушоҳидаи суханҳои пур аз ҳикмати халқ, иштирок дар маросимҳои мардумӣ ва ғайраҳо асоси фолклордонии нависандаро ташкил медиҳанд.

Раҳим Ҷалил пайваста дар байни мардум қарор дошт ва бо намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа суҳбатҳо мекард ва табиист, ки аз забони донандагон зарбулмасалу мақол, латифа, ривоят ва дигар осори эҷодиёти лафзии халқро ҷамъ мекард ва аз онҳо пурсамар истифода мебурд.

Раҳим Ҷалил ба фолклор муносибати самимона дошт. Яке аз манбаъҳои эҷоди ӯ фолклор ба шумор мерафт. Р.Амонов доир ба манбаи эҷоди адибони шӯравии тоҷик сухан карда, чунин қайд кардааст: «Дар байни нависандагони тоҷик касе нест, ки ба ҷамъ кардан ва нашр намудани намунаҳои эҷодиёти даҳонакии халқ иштирок накарда бошад» [3, с.97-101]. Масалан, шоир Мирзо Турсунзода, ки ҳамзамон ва ҳамфикру ҳамқалами Раҳим Ҷалил буд, барои гирдоварии фолклор ҳиссаи бузург гузоштааст, чунончи дар ин хусус А. Сӯфизода навиштааст: «Мирзо Турсунзода…дар ҷараёни фаъолияти эҷодӣ ва ҷамъиятӣ рубоиёту таронаҳои халқиро гирд меовард ва дар бораи мазмуни иҷтимоӣ ва фасоҳати бадеии онҳо андеша меронд» [17, с.26]. Он солҳо олимони шарқшинос ба монанди И. Зарубин, М.С. Андреев, Н.А. Кисляков, А.Н. Болдирев низ ба омӯзиши фолклор ва маросимҳои мардумии тоҷик машғул буданд. И.Брагинский бештар ба омӯзиши «Гӯрӯғлӣ» ва сурудҳои таърихӣ машғул гашта буд [5, с.211-221], аз олимони тоҷик бошад, адабиётшинос Абдулғанӣ Мирзоев низ ба омӯзиш ва гирдоварии эпоси «Гӯрӯғлӣ», латифаҳо ва ҳикояҳои халқӣ саҳмгузор гашта буд [ниг.: 4]. Дар солҳои сиюми асри гузашта рӯй овардани адибону олимон ба фолклори тоҷик як падидаи хуби илмӣ ва фарҳангӣ ба шумор мерафт.

Р. Амонов изҳор медорад, ки агар нависандагони тоҷик зарбулмасалу мақол ва рубоиву дубайтиҳоро барои пуртаъсир ва пурмазмун гардонидани забони асарашон истифода баранд, пас афсона, ҳикоя ва сурудҳо мавриди истифодаи нисбатан гуногунтар доранд [3, с.98].

Агар ба таври густарда таҳлил намоем, ба Раҳим Ҷалил муҳити зиндагӣ ва падару модараш, ҳамсолон ва ҳаммаҳаллагиҳо ва минбаъд тамоми ҷомеа таъсир расонидаанд, ки фолклорро омӯзад, дар маросимҳои мардумӣ иштирок кунад. Чунин муҳит водор месохт, ки нисбати эҷодиёти лафзии халқ бетараф набошад. Чун ба синни ҷавонӣ мерасад ва бо қалам сарукор мегирад, ба гирдоварӣ ва нашри фолклор мепардозад. Бо истифодаи офаридаҳои бадеии халқ асарҳояшро пурмазмун, рангин ва хонданбоб мегардонад. Аз дидгоҳи дигар бошад, маълум мегардад, ки бо омӯзиши асарҳои бадеии Раҳим Ҷалил метавонем бо намунаҳои фолклори маҳаллӣ, ки дар маҷмуаҳои фолклорӣ дохил нагаштаанд, ошно гардем.

Муқарриз: ***Атоева М.*** – номзади илмҳои филологӣ, ДДҲБСТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аз об ҳалво // Пролетари Хуҷанд, 1933, 10 июл.
2. Айнӣ, С. Омӯзиши ман аз Максим Горкий / С.Айнӣ // Куллиёт. Ҷ.9. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 415 с.
3. Амонов Р. Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ / Р.Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 288 с.
4. Аҳмад Рӯзӣ. Саҳми Абдулғанӣ Мирзоев дар фолклоршиносии тоҷик // Пажӯҳишҳо дар фарҳанги мардуми тоҷик. – Душанбе, 2015. - С.222-235.
5. Аҳмад Рӯзӣ. Саҳми Брагинский дар таҳқиқи фолклори тоҷик // Пажӯҳишҳо дар фарҳанги мардуми тоҷик. – Душанбе, 2015. - С.211-221.
6. Асрорӣ В. Эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик (фолклори тоҷик) / В.Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 304 с.
7. Библиография таджикской фольклористики (1872 – 1968). – Душанбе: Дониш, 1979. – 288 с.
8. Ду кар // Бо роҳи Ленинӣ, 1936. 23 июл.
9. Дун А.З. Раҳим Ҷалил дар саҳифаҳои матбуоти Ленинобод. Феҳрасти адабиёт / А.З. Дун, Л.А. Ремизова. – Ленинобод, 1969. – 48 с.
10. Қозӣ ва тӯқум //Бо роҳи Ленинӣ, 1936. 17 июл.
11. Раҳим Ҷалил. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз 3 ҷилд. Ҷилди 1. Китоби 1. Романи «Шӯроб» / Ҷалил, Раҳим. – Душанбе: Адиб, 1988. – 304 с.
12. Раҳим Ҷалил. Одамони ҷовид / Ҷалил, Раҳим. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 458 с.
13. Раҳимов Д. Фолклори тоҷик (дастурномаи таълимӣ) / Д. Раҳимов. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 264 с.

14. Раҳмонӣ Р. Адабиёти гуфтории тоҷикон (Фолклори тоҷик, дастури таълимӣ) / Р.Раҳмонӣ, С.А. Қосимӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. – 352 с.
15. Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 352 с.
16. Стенографический отчет. Первый всесоюзный Съезд советских писателей. – М., 1934. – 719 с.
17. Сӯфизода, А. Мирзо Турсунзода – фолклоршинос / А. Сӯфизода // Турсунзода ва фолклор. – Душанбе, 2011. - С.25-44.
18. Суҳбати сари ҳавзӣ // Бо роҳи Ленинӣ, 1936, 23 июл.
19. Уштур дар болои манора // Бо роҳи Ленинӣ, 1936, 28 июл.
20. Фахрии Рӯмонӣ. Маҷмӯаи шеърҳо. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 45 с.
21. Фольклори тоҷик / Тартибдиҳандагон М.Турсунзода ва А. Деҳотӣ. – Сталинобод, 1954. – 224 с.
22. Хаёли кӯконорӣ // Бо роҳи Ленинӣ,1936, 22 июл.
23. Чашмаи Арзанак // Бо роҳи Ленинӣ, 1936.23 март.

РАҲИМ ҶАЛИЛ - ФОЛКЛОРШИНОС

Дар мақола доир ба масъалаи саҳми нависанда Раҳим Ҷалил ба омӯзиши фолклори тоҷик сухан меравад. Муаллифи мақола нависандаро як нафари фаъол дар гирдоварии маводи фолклори тоҷик таъкид карда қайд мекунад, ки баъди Анҷумани аввалини нависандагони СССР (1934) вай намунаҳои фолклори тоҷикро ҷамъ мекард ва дар матбуоти даврӣ ба нашр расонидааст. Инчунин, мисолҳои гирдовардаи ӯ дар маҷмуаҳои фолклорӣ ба нашр расидаанд. Баъдан, нависанда Раҳим Ҷалил дар пайравӣ ба Садриддин Айнӣ ва Максим Горкий ба истифодаи фолклор дар асарҳои бадеияш шурӯъ мекунад ва аз дурдонаҳои эҷодиёти халқ: зарбулмасалу мақол, латифа, тарона, суруд ва амсоли инҳо дар асарҳояш фаровон истифода мебарад. Дар баробари ин, муаллиф таъкид менамояд, ки Раҳим Ҷалил ба жанрҳои фолклори тоҷик ба монанди дуо ва ривоят таваҷҷуҳ дошт, ки дар илми фолклоршиносии тоҷик солҳои шӯравӣ ҳамчун осори динӣ муносибат доштанд ва мавриди омӯзиш қарор намегирифтанд. Аз лиҳози истифодабарии жанрҳои номбурда асарҳои Раҳим Ҷалилро як манбаи фолклор ҳисобидан мумкин аст. Ҳамчунин, дар мақола таъкид мегардад, ки нависанда Раҳим Ҷалил дар муҳити фарҳангие ба воя расидааст, ки аз осори фолклорӣ бой буд ва падару модар, устои кафшдӯзаш ба ӯ осори эҷодиёти лафзии халқро нақл мекарданд, шоҳиди баргузории маросимҳои халқӣ гашта буд, ки ҳамаи ин ба эҷодиёти ӯ таъсир расонидаанд ва дар асарҳояш аз ганҷинаи бойи фолклори тоҷик истифода кардааст.

Калидвожаҳо: Раҳим Ҷалил, фолклори тоҷик, гирдоваранда, эҷодиёти лафзии халқ, дуо, ривоят, Анҷумани аввалини нависандагони СССР.

РАХИМ ДЖАЛИЛЬ – ЗНАТОК ФОЛЬКЛОРА

В этой статье речь идёт о заслуге Рахима Джалиля в изучении таджикского фольклора. Автор статьи считает, что Первый съезд писателей СССР, который проходил в 1934 году, благотворно повлиял на писателя и он стал одним из активных составителей таджикского фольклора и последовательно публиковал свои работы в периодической прессе. А также материалы, которые он собирал, печатались в фольклорных сборниках. Позже писатель Рахим Джалиль вслед за Садриддином Айни и Максимом Горьким начал использовать фольклор в своих произведениях и обильно использовал такие народные жемчужины, как пословицы, легенды, анекдоты и песни. Наряду с этим он использовал в своих произведениях молитвы и легенды, которые в советской фольклористике считались религиозными и не изучались. Исходя из этого, можно считать, что произведения Рахима Джалиля являются источниками фольклора. Также в статье отмечается то, что писатель Рахим Джалиль рос в культурной среде, в которой очень любили фольклор, его отец был мастером - обувщиком, у которого учился будущий писатель, он много рассказывал ему об устном народном творчестве. Также он был свидетелем многих народных церемоний, которые повлияли на творчество писателя, и он описывал их в своих произведениях.

Ключевые слова: Рахим Джалиль, таджикский фольклор, составитель, устное народное творчество, молитва, легенда, Первый съезд писателей СССР.

RAHIM JALIL - FOLKLORE EXPERIENCE

The given article deals with the merits of Rahim Jalil in the study of Tajik folklore. The author of the article considers that the First Congress of Writers of the USSR, which took place in 1934, had a beneficial effect on the writer and he became one of the active compilers of Tajik folklore and consistently published in the periodicals. And also the materials that he collected were published in folklore collections. Later, the writer Rahim Jalil, following to Sadriddin Aini and Maxim Gorky, began to use folklore in his writings and abundantly used such folk jewelry as proverbs, legends, jokes and songs. Based on this, he used in his works prayers and legends, which in Soviet folklore were considered religious and they are not learnt. Upon on this, one can consider that the works of Rahim Jalil are sources of folklore. The article also focuses on the fact that the writer Rahim Jalil grew up in a cultural environment in which there was a lot of folklore, his parents, a shoemaker from whom studied future writer, told him a lot of oral folk art. He also witnessed many folk ceremonies that influenced the writer's creation and he used them in his works.

Key words: Rakhim Jalil, Tajik folklore, compiler, oral folk art, prayer, legend, First Congress of USSR Writers.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Юсупова Мусабе Исломовна*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи забони русӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, 17 мкр., 1. E-mail: **yusupova.musabehhon@gmail.com.** Тел.: **(+992) 92-905-59-69**

Сведение об авторе: ***Юсупова Мусабе Исломовна*** **–** Таджикский государственный университет, право, бизнеса и политики, старший преподаватель кафедры русского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр., 1. E-mail: **yusupova.musabehhon@gmail.com.** Тел.: **(+992) 92-905-59-69**

Information about the author: ***Yusupova Musabe Islomovna*** - Tajik State University, Law, Business and Politics, senior lecturer, Department of the Russian Language. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 microdistrict, 1. E-mail: **yusupova.musabehhon@gmail.com.** Тел.: **(+992) 92-905-59-69**

УДК: 891.550

ИНЪИКОСИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ШЕЪРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Беронов Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Ҳаким Абӯмуин Носири Хусрави Қабодиёнӣ дар баробари дигар бузургони шеъру фалсафаи ақлонии адабиёти форсу тоҷик ҳамчун нобиғаи шарқ шинохта шудааст. Осори пурғановати ин ҳакими ҷаҳонӣ саросари оламро сайр намуда, соҳиби ҳурмату эҳтироми ҷаҳониён гардидааст. Носири Хусрав аз замоне, ки дар Юмгон маскан гирифт, тамоми фаъолияти эҷодии худро оғоз намуда, онро барои тарбия намудани ҷомеаи он рӯзгор ва барои насли ояндаи башарияти инсонӣ бахшидааст. Ӯ, ки худ марди фозилу донишманд ва бедордил буд, мардумро низ аз беҳтарин арзишҳои ахлоқӣ огоҳ кардан мехоҳад.

Осори назмиву насрии Ҳаким Носири Хусрав дар баробари фарогири масоили бештари илмию динӣ ва фалсафӣ, тараннумгари рӯзгори нек, ахлоқи ҳамида, ишқу муҳаббати самимии инсонӣ, ғояҳои ватанпарварӣ ва амсоли инҳо мебошад. Ин саромади сухан ахлоқи ҳамидаи инсониро бар асоси оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ҷаҳонфаҳмии Носири Хусрав ақлу хирад ва илму дониш ҳам аз мавқеи фалсафӣ ва ҳам ахлоқиву мазҳабӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Фазоили ахлоқӣ ва аз ҷумла, арзишҳои ахлоқӣ дар шеър ва сухани Носири Хусрав бо беҳтарин ва муассиртарин самт баён ва аз самими қалбу бо дили оганда тамсилоти зебое дорад. Нигоҳи Носири Хусрав ба ахлоқ аз назари Ислом нигаронида шудааст. Бесабаб нест, ки шоир китоби осмонӣ ва шариати пайғамбарро қонуни зиндагӣ ва василаи наҷоти инсон мешуморад. Муҳимтарин ва аввалин манбаи ахлоқии ӯ Қуръони карим ва суннати пайғамбари Ислом ҳисобида шуда, тамоми масоили ахлоқиро бо меъёрҳои қуръонӣ месанҷад ва дар исботи онҳо ба далоиле аз Қуръон истинод мекунад. Таълифоти шоир пур аз оёти қуръонӣ, аҳодиси набавӣ ва аиммаи атҳор аст. Илова бар ин, китобҳои муқаддаси дигар адёни бузург аз қабили Таврот, Инҷил, Авасто ва Занду позандро низ мавриди мутолиа қарор дода, аз онҳо баҳра гирифтааст. Таъсири ин маъхазҳо дар девони ашъори Носири Хусрав ва дигар осори ӯ пурра ҳувайдо аст. Бино ба андешаи донишманди тоҷик Худоӣ Шариф: «Дар шеъри Носири Хусрав мавқеияти дин, назар ба замон ва абнои он, ахлоқ, замону макон, хубию зиштӣ як инсони соҳибназар бо диди мутобиқ ва аз мавқеи мухолифи замон ба вуҷуд омадааст» [10, с.7].

Дар ашъори ҳикматомези худ Носири Хусрав мардумро мунтазам ба некиву накукорӣ даъват менамояд. Ойини накукорӣ, яъне «Зи некон бош, в-андар накӯӣ кӯшидан» [7, с.23], барои Ҳаким на фақат шиор, балки маромномаи зиндагӣ будааст. Зиёда аз ин, шоири файласуф ҳамеша ба мардум некӣ хостан ва аз пайи ин амали нек иқдом намуданро замонати амну осоиши зиндагӣ мешуморад:

Ҳамеша некхоҳи мардумон бош,
Ба некӣ кӯш в-он гаҳ дар амон бош [7, с.546].

Масъалаи таҳаммулгарой дар андешаи Ҳаким Носири Хусрав аз муҳимтарин ақидаҳои ахлоқии ӯ маҳсуб ёфта, шоир таҳаммулгароиро нишонаи сарҷамъии халқ ва миллатҳои гуногун мешуморад. Шоири нексиришт «ҳамеша некхоҳи мардумон будан»- ро талқин намуда, таъкид менамояд, ки Худованд ба инсонҳо танҳо некуиро мехоҳад. Ойини накукорӣ ва сабру таҳаммулро дар муқобили тамоми муқовиматҳо афзалият мешуморад. Носири Хусрав дар иброз намудани ин ақида шавоҳиди хешро аз китоби муқаддаси Қуръон меоварад: «Ҳар касеро ҷонибест, ки ба он рӯй меоварад. Пас дар некӣ кардан бар якдигар пешӣ гиред. Ҳар ҷо, ки бошед, Худо шуморо ҳозир оварад, албатта, Ӯ бар ҳар коре тавоност». Ояи 148 аз сураи Бақара [4, с.23].

Дар таълимоти ахлоқии Носири Хусрав хулқу атвори неку бад чун сифатҳои нафси инсон тасвир ёфтаанд. Агар «бадиву зиштӣ ва фасоду карӣ аз нодониву оҷизӣ ояд» [7, с.34], некую хайр ва покизагии хулқи инсон вобастаи таъсири файзбахши илм аст. Бино ба гуфтаи шоир «чун сурати нафс ба хайру ба рост афтад, ба ғояти шараф расад ва чун ба

норостӣ ва шарр афтад, ба ғояти фурӯмоягӣ бошад» [5, с.65]. Ин матлаби ахлоқиро ӯ дар девони ашъораш бештар иброз доштааст. Чунончи:

Зи некон нек бошӣ в-аз хасон хас,
Зи дунон дун шавӣ в-аз касон кас [7, с.531].

Шоир гуфтору кирдори хубро бунёди некахтарӣ номида, таъкид кардааст, ки сазои ҳар кор ба мукофоти он анҷом хоҳад ёфт. Ҳеҷ чизе бе мукофот намемонад. Ин ақидаи шоирро бевосита ояи қуръонӣ тақвият мебахшад: «Ҳар кас заррае некӣ карда бошад, мебинад онро ва ҳар касе бадӣ кунад, мебинад онро». Оятҳои 7-8 аз сураи Зилзол [4, с.538].

Мусаллам аст, ки эҳсон ва некахтарӣ дар ниҳоди шоир мустаҳкам реша давонда, онро барои ҷомеа зарурӣ мешуморад. Вагарна ҷомеа бе ин арзишҳо хору заиф мегардад. Ба ин хотир шоир талқин мекунад:

Пеша кун имрӯз эҳсон бо фурӯдастони хеш,
То забардастон-т фардо бо ту низ эҳсон кунанд [7, с.132].

Эҳсон, аз одатҳои писандидаи инсонӣ буда, ҳар як фард метавонад бо аҳли вафову фазл ва зердастони худ лутф ва эҳсон кунад. Аз нигоҳи шоир ҳар инсоне, ки мехоҳад зиндагии хушу покизаеро барои худ муҳайё созад, бевосита ба эҳсону хӯи нек одат намояд. Зеро ҳар фард ҳаққи зиндагии шоиста дорад. Ин матлабро шоир бевосита аз ишораҳои қуръонӣ дониста, барои ҳидояти мардум тавсия медиҳад, ки дар роҳи ҳаққу ростӣ ҳама вақт бояд ҳидоят аз Қуръони карим ҷустуҷӯ намоем. Зеро дар он пайваста ҳидоятҳои судманде ба назар мерасанд: «Ҳар зану марде, ки кори неку анҷом диҳанд, агар имон оварда бошанд, зиндагии хушу покизае бар ӯ хоҳем дод ва савобе беҳтар аз кирдорашон ато хоҳем кард». Ояи 97 аз сураи Наҳл (4, с.230). Носири Хусрав ин ваҳйи илоҳиро равшангари зиндагӣ дониста, дар ҳошияи он мефармояд:

Донӣ, ки Худованд нафармуд ба ҷуз ҳақ,
Ҳақ ҷӯю ҳақ андешу ҳақ оғозу ҳақ овар.
Қуфл аз дил бардору Қуръон раҳбари худ кун.
То роҳ шиносиву кушода шавад-т дар.
В-аз роҳ наёбӣ, на аҷаб дорам азерок,
Ман чун ту басе будам, гумроҳу мухайар [7, с.232].

Мутафаккири барҷаста бар сари чуну чарои ҳастӣ, маърифати дунё, васфи сифатҳои инсонӣ андеша намуда, иброз медорад, ки хулқу тинати мардум аз ҷаҳонбинии мазҳабӣ ва илмии ӯ сарчашма мегирад. Ин нобиғаи инсонсолор васфи сифатҳои инсониро дар ашъораш бо суханҳои мутаассир ва бо тамсилоти шоирона тасвир мекунад:

Хирад ҷуз, ки некӣ назояд ҳаргиз,
На некӣ ба ҷуз шири мидҳат макад.
Хирад з-оташи табъ оштар аст.
Ки мар-мардуми хомро ӯ пазад.
Бурун орад аз дил бадиро хирад,
Чу аз шир мар тирагиро намад [7, с.248].

Тасвири некию накукорӣ дар эҷодиёти шоир мавқеи хосса дошта, таъкид шудааст, ки некӣ ҳам монанди бадӣ иқтизои подоши муносибро металабад. Бо феъли нек кас бар сари худ тоҷ мениҳад. Некӣ нишондан бар равони худ ситоиш кардан аст. Каси аз некӣ ситоиш ёфта, дар ду ҷаҳон беозор мемонад [11, с.222].

Арзишҳои ахлоқӣ дар ашъори Носири Хусрав мақоми худшиносӣ дошта, манзалати инсонро муайян месозад. Дар шинохтани неку бад ҳар кас миқдору андоза дорад. Шоир таълим медиҳад, ки некӣ аз шахси нексиришт ва хирадманд ба ҳосил меояд ва бадӣ аз бадкирдор ва баданде ба вуҷуд меояд. Барои аъмоли некро анҷом додан ва содир намудани амали нек, ақлро бо илму дониш такмил додан лозим аст. Ба ин васила шахс ба макони ихлос доштан нисбати дин ва имондорӣ ноил гардида, тоату ибодатро зарурӣ мешуморад. Зеро имондорӣ ва диндорӣ аз ахлоқи нек ва аъмоли писандида намоён мегардад. Ин ақида асоси таълимоти исломӣ буда, нишонгари ҳамбастагии ашъори шоир бо таълимоти динӣ мебошад. Шоир қайд мекунад, ки ҳар кас, ки ба бадӣ саъй намояд, хештанро фиреб медиҳад. Санои одамӣ ба некӣ аст ва бадӣ бар хештан зулм ва бадмеҳрӣ кардан мебошад. Бадкирдории ҳар кас аз хирад ҳосил мешавад. Накукорӣ дастранҷи инсон буда, ба ихтиёри ӯ супорида шудааст ва аз фалак интизор доштани он нишонаи аблаҳӣ аст:

Чу ту худ кунӣ ахтари хешро бад,
Мадор аз фалак чашм некахтариро.
Ба чеҳра шудан чун парӣ кай тавонӣ?
Ба афъол монанда шав мар париро.
Бидидӣ ба наврӯз гашта ба саҳро,
Ба Айюқ монанда лолаи тариро.
Агар лола пурнур шуд чун ситора,
Чаро з-ӯ напазруфт суратгариро.
Ту бо ҳушу рой аз накуманзарон чун
Ҳаме бар нагирӣ накуманзариро [7, с.76].

Ойини некӣ танҳо барои зиндагони муваққатӣ набуда, балки ҳосили он дар тӯли умр зарурат дорад. Некӣ ба камоли ақл ва ба кирдор аст. Вале набояд танҳо забонӣ бошад.

Рафтору кирдори нек дар ниҳоди шоир азалӣ буда, онро барои ҳамагон мехоҳад. Тоҷикон, ки тамаддуни қадимӣ доранд ва бо он саришта шудаанд, дар ҳар як давру замон намояндагони он барои насли наврас онро талқин менамоянд. Таъбирҳои «гуфтори хуб»-у «кирдори нек» дар таълимоти аввалин китоби ориёӣ пазируфта шуда, ҳанӯз китоби «Авасто» онҳоро талқин намуда буд. Агарчи дар ашъори шоир бунёди ақидати вуҷуд дорад ва ҳамеша аз рӯзгори пешвоёни дину мазоҳиб мисолҳо меоварад, дар таълимоти тоҷикон аз азал вуҷуд доштааст. Носири Хусрав аз рӯзгори Ҳазрати Мусо (а) нақл мекунад, ки: «Мӯсо (а) ба кирдори нек шубон гашт ва девҳои фурӯмоя ба кирдори Ҷамшед оҷиз шуданд [11, с.226]. Ривояти Мӯсои Калимуллоҳ- пайғамбари бани Исроил ва Ҷамшед подшоҳи асотирии каёнӣ дар таърихи шоҳони эронӣ воқеаҳои маъруфанд. Ақидаи «Гуфтори нек», «Рафтори нек» ва «Пиндори нек» шиори ҳар як хирадманди покнажод мебошад. Инҳо бори дигар тасдиқ менамоянд, ки бо гуфтори неку кирдори нек аз бадиҳо раҳо ёфтан ва онҳоро ба худ тобеъ кардан мумкин аст.

Мавзӯи накуиву эҳсон, дар ашъори Носири Хусрав ба масъалаи ростӣ ва росткорӣ пайванд мебошад. Дар назари шоир ростӣ поя ва асли некуист. Саромади ҳамаи ахлоқи фозила ва некуӣ ростгӯӣ ва канорагирӣ аз дурӯғ аст. Шоир андешаронӣ мекунад, ки ростӣ он аст, ки «ҳар чизеро ба сифати он гӯӣ, то рост ояд ва агар бар хилофи он бошад, ба дурӯғ мубаддал мегардад. Ростӣ ва вафодорӣ боиси сафои ботин мешавад ва натиҷааш дар назари мардум писандида аст» [6, с.348]. Шоир дар мавриди ростӣ ва росткорӣ пайваста сухан ронда, иброз медорад, ки дар зиндагӣ ба ҷуз ростӣ чизи дигареро пешаи худ набояд кард. Зеро ростӣ ин бузургӣ ва фазилати мардӣ аст ва дар зиндагӣ диндорӣ ва парҳезгории инсониро нишон медиҳад.

Ростиро пеша кун, к-андар ҷаҳон,
Нест илло ростӣ азму-л-риҷол.
Ростӣ дар кор бартар иллатест,
Ростӣ кун, то набояд-т эҳтиёл.
Ҷуз ба дин андар наёбӣ ростӣ,
Ростӣ шуд ҳусни динро кӯтвол [7, с.500].

Ҳаким Носири Хусрав на фақат моро ба дурустиву росткорӣ ташвиқ мекунад, балки ҳақ гуфтан ва ҳақ шуниданро низ тавсия менамояд ва дар назари ӯ «Ҳақ эътиқоде аст, ки чун мар ӯро ба қавл бигзорӣ, он қавл рост бошад [5, с.136]. Ин, албатта, барои инсонҳо намунаи ибрат аст, ки олам ба ростӣ офарида шудааст ва мо низ ба ҷуз ростӣ чизи дигареро пешаи худ нанамоем.

Носири Хусрав аз истибдодҳои замони худ пайваста дар ҳарос буда, доимо талоши ҳаққу ростӣ мекунад. Арзиши ростгӯӣ яке аз аркони муҳимми ахлоқи ҳамида, ки ҳам дар ҷомеаи исломӣ ва ҳам дар ҳар ҷомеаи маданӣ мавриди таъкид ва таййид қарор гирифтааст. Шоир доимо адолатро мечуст ва бо ин нияти нек ба сафар мебаромад. Ҳаким Носири Хусрав ҳангоми сафар чун ба Миср мерасад, аз инсоф ва адли Фотимиён мутаассир шуда, аз муҳити он таъриф мекунад: «Аҳли Миср ҳар чӣ фурӯшанд, рост гӯянд ва ҳар касе ба муштарӣ дурӯғ гӯяд, ӯро бар шутур менишонанд ва зангӯла ба дасти ӯ медиҳанд, то дар шаҳр мегардад ва занг мечунбонад ва мунодӣ мекунад, ки ман хилоф гуфтам ва маломат мебинам ва ҳар кӣ дурӯғ гӯяд, сазои ӯ маломат аст» [8, с.45]. Ба ин хотир, шоир таъкид мекунад, ки ростиро пешаи худ созем ва аз аъмоли бад ҳамеша парҳез намоем.

Гар туро бояд, ки маҷрӯҳи ҷафо беҳтар кунӣ,
Марҳаме бояд ниҳодан бар сараш нарм аз вафо.
Рост гӯю рост ҷӯю аз ҳаво парҳез кун,
К-аз ҳаво чизе назоду ҳам назояд ҷуз ано.
Гар барандешӣ, буридастӣ раҳе дуру дароз,
Чун наяндешӣ, ки ин рафтан бад-ин сон то кучо? [7, с.80].

Мусаллам аст, хулқу атвори писандида, нишонаи худшиносӣ буда, ростқавлӣ ва аҳду вафо намудан ба андеша кардан водор месозад, то инсонҳо тавассути андеша кардан ба манзили мақсуд бо сарфарозӣ мерасанд. Агар андеша нанамоянд, рафтанаш зери савол қарор дошта, расидани он ба манзили мурод норавшан аст. Шоир панд медиҳад, ки инсон монанди киштӣ аст ва умри он боди муқобил. Агар шахс росткору накукирдор бошад, гарчи дер ҳам бошад, худро ба соҳили мурод мерасонад.

Боз ҷаҳон баҳри дигар асту ба ду дар,
Шахси ту киштист, умр боди муқобил.
Боди муқобил чу ронд киштиро рост,
Ҳам бирасонад-ш агарчи дер ба соҳил [7, с.510].

Носири Хусрав манзалати ростиро дар баробари дигар хулқу атвори нек ба миён гузошта, таъкид мекунад, ки ростиву вафо ба аҳд бо ҳамдигар алоқамандии ногусастанӣ доранд. Ростӣ ва аҳду вафо боиси сафои ботин буда, ҷилодиҳандаи қалбу руҳ ҳастанд. Замир ва вуҷуди ботинии ӯ аз хушии ҷовидона лабрез мешавад [12, с.169]. Шоир менигорад, ки ҳар кас ростандеш бошад ва ба аҳди худ вафо кунад, бар нафси худ ғолиб баромада, ботинан зебо мегардад ва дар назди мардум низ азизу мукаррам мегардад. Илму ҳикмат тавассути дурусткорӣ ва қавлу гуфтори рост ба дили инсон роҳ меёбад. Дар ин маврид дили ростгӯ ҳамеша фурӯзон аст:

Зи андешаҳои беҳуда зояд дурӯғ,
Чун шаби сияҳ бошад ҳаме маъданаш,
Пурнури Эзид аст, дили ростгӯй,
Зи Исфандиёр дод хабар Баҳманаш.
Зи илм зояду зи хирад қавл рост
Чун мард нек-нек бувад масканаш [7, с.37].

«Ростигирофи барои Ҳаким як кӯшиши одӣ ва гузаранда набуда, балки ҳаракате усулӣ ва ҳамешагӣ будааст. Усуле, ки шоир ба онҳо пойбандии сахте дошт. Шоири мо иродат ба он дорад, ки ҳама мароҳили ҳақиқатро чи гузашта ва чи имрӯза бояд мӯшикофона баррасӣ кард, ҳақро аз ноҳақ бояд арҷ ниҳод ва ноҳақро бояд мазаммат кард. Муҳимтар аз ҳама, аз сабақи дирӯза ва имрӯза роҳи дурусти фардоро бояд муайян намуд»-таъкид месозад Раҳим Мусулмониён [8, с.45].

Муқобилият ва муборизаи Носири Хусрав ҳамеша бо одамони дурӯя ва дурӯғӯ буда, шоир ингуна исонҳоро аз шахсиятҳои пастфитрат ва надоштани имон дониста, онҳоро зери сарзаниш ва таҳдид қарор медиҳад. Шоир, ки худ ҳамеша ростӣ ва растагориро пешаи асосии худ интихоб намудааст, ба дигарон низ онро хоҳон аст:

Ростиро дор дини ростин,
Инчунин бояд, ки бошад в-он чунин.
Асби дунё даст надҳад мар-туро,
То зи илму ростӣ нанҳӣ-ш зин.
Гарму сарду хушку тар чун рост шуд,
Ростишон кард ширу ангубин [7, с.43].

Ҳамчунин шоир арзишҳои ахлоқиро тараннум намуда, онро бо ҳар гуна роҳу усулҳо ва тамсилу мамсулҳо барои мо шарҳу тавзеҳ медиҳад. Чунонки бароямон аз абёти мазкур равшан гардид, ҳар кас, ки мехоҳад аз асби дунё ба осонӣ бигузарад, барои худ аз илму ростӣ зин созад, то аз пушти асби зиндагӣ наяфтад ва ба осонӣ бигузарад.

Рост гуфтанро шоир ба манзалати ба аҳди худ вафо кардан дониста, дар таълимоти ахлоқии ӯ усул ва муқаррароти ҳатмие будаанд, ки одам ба риояи онҳо дар нафси хеш ороиш ёфта, «аз мардумон санои некуӣ шунавад ва андар нафси ӯ он вафову ростӣ сурате шавад, ки шодиву хушии он ҷовидон бад-ӯ пайваста бошад» [6, с.116]. Агар дурӯғу буҳтон касро ҳақиқатан ҳақиру хору залил кунад, аз некӣ ва ростиву росткорӣ сарфарозӣ ва некномӣ ҳосил мешавад.

Андешаҳое, ки Носири Хусрав дар мавзуи некуӣ, ростиву эҳсон ва дигар арзишҳои ахлоқӣ масъалагузорӣ мекунад, хеле гуногун буда, нуқтаҳои муҳимми дар бораи ба ақл ва илму дониш такя карданро талқин намудааст. Шоир ба такрор мегӯяд, ки агар сарчашмаи некӣ сухани рост бошад, дурӯғу кизб ва макру фаҳш аз ҷаҳлу нодонӣ бархеста, бо жожу ҳазлу ҳазлон мепечад [8, с.231]. Мазаммати дурӯғ ва ситоиши ростӣ, ки якеро бадӣ ва дигареро некӣ такягоҳ аст, муқаррароти ахлоқи амалӣ буда, дар одоби муошират муайян мешаванд. Бино ба қавли Раҳим Мусулмониён: «шеъри вай (Носири Хусрав - Б.Ҷ.) кони маънӣ аст ва ин маъонӣ маркаб аст аз панду андарз. Панду андарзе, ки зиндагисоз аст ва назираш танҳо дар Қуръони карим дида мешавад. Чунончи вай қасидае дорад дар бисту панҷ байт ва бо ин матлаъ»:

Мар чархро зарар несту зи гардишаш хабар нест,
Бас нодира дарахтест, к-аш ҷуз башар самар нест [7, с.154].

Ҳамин тариқ, Ҳаким Носири Хусрав бузургтарин донандаи анвои илму дониш, муаллими беҳамтои ахлоқ дар боби панду андарз анъанаи гузаштагони худро давом додааст ва насли ояндаро ба роҳи рост, ахлоқи нек ва дарки сифатҳои баланду наҷиби инсонӣ даъват менамояд. Заминаи асосии панду андарзҳои шоир осори пурғановати пешин буда, шоир дар мавриди ибрози ақидаҳои тарбиявӣ-ахлоқии худ ба осори гузаштагон ва аз ҷумла, китоби муқаддаси Қуръон мурочиат мекунад. Аз ҳамин лиҳоз, суханони ҳакимонаи шоир масъулияти таблиғотӣ дошта, афкори мазҳабӣ ва динии шоир дар онҳо баён гардидааст.

Муқарриз: ***Давлатбеков Л.*** – доктори илмҳои филологӣ,
ДДЗТ ба номи С.Улуғзода

А Д А Б И Ё Т

1. Алисас Хонсбергер. Лаъли Бадахшон. - Душанбе: Ирфон, 2003. - 287 с.
2. Арабзода, Н. Мир идей и размышлений Носира Хусрава / Н. Арабзода. – Душанбе: Ирфон, 2003. - 262 с.
3. Ашуров, Г. Философские взгляды Носира Хусрава / Г.Ашуров. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 113 с.
4. Бертельс, Е.Э. Насир-и Хосров и исмаилизм / Е.Э. Бертельс. - М.: Изд. вост. лит. 1959. - 289 с.
5. Дафтари Ф. Исмоилиён: таърих ва акоид (Исмаилиты: история и взгляды) / Пер. с англ. на тадж. яз. А.Мамадназарова. - М.: Ладомир, 1999. - 947 с.
6. Қуръони маҷид (бо хатти кириликӣ). - Душанбе: Адиб, 2007. - 653 с.
7. Носири Хусрав. Девони ашъор. - Душанбе: Адиб, 2010. - 480 с.
8. Носири Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн. - Теҳрон: Ҷавоҳир, 1362-1984. - 236 с.
9. Носири Хусрав. Зод-ул-мусофирин. - Теҳрон: Зарзар, 1380. - 2002. - 231 с.
10. Нозир, Арабзода. Ҷаҳони андешаи Носири Хусрав / Арабзода Нозир. - Душанбе: Адиб, 2003. - 239 с.
11. Саидқул, Сабзаев. Маҳорати суханварии Носири Хусрав / Сабзаев Саидқул. - Душанбе: Адиб, 2003. - 235 с.
12. Худоӣ Шарифов. Рози ҷаҳон / Шарифов Худоӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2007. - 327 с.
13. Шерзамон Фируз. Фалсафаи ахлоқии Носири Хусрав ва решаҳои он / Фируз, Шерзамон. – Покистон, 1371. - 1993. - 431 с.

ИНЪИКОСИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ШЕЪРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Арзишҳои ахлоқӣ аз мавзӯъҳои мубрами адабиёти тоҷик ба шумор рафта, ҳанӯз аз замони пайдоиши навъҳои адабӣ аз мавзӯҳои меҳварии адабиёт маҳсуб меёбад. Дар осори Ҳаким Носири Хусрав дар баробари дигар намояндагони адабиёти классикии тоҷик ин мавзӯъ аз роиҷтарин мавзӯи ашъори ӯ дониста шудааст ва осори фалсафии шоирро бе ахлоқ ва адаб тасвир кардан ғайри имкон аст. Ин мавзӯъ махсусан дар Девони ашъори Носири Хусрав мавқеи асосӣ дорад. Зеро ҳеч ягон қасидаи шоир бе мавҷудияти ин мавзӯъ вуҷуд дошта наметавонад. Шоир ҳар мавзӯъе ки дар қасидаҳои хеш матраҳ кардааст, дар он ҳатман мавзӯъҳои ахлоқиро ҷой медиҳад. Дар мақолаи мазкур, ки ба инъикоси мавзӯъҳои ахлоқӣ дар ашъори шоир бахшида шудааст, мавзӯи ахлоқ ба таври васеъ ва ҳамаҷониба таҳлил кардааст. Дар он пеш аз ҳама сарчашмаи асосии ахлоқиёти Носири Хусрав ва роҳҳои истифодаи он аз ин сарчашмаҳои муҳимми илмӣ, мисли Қуръони карим нишон дода шуда, онро ҳамчун шавоҳиди муътамад барои далелу бурҳони андешаҳои худ овардааст. Дар мақола абёти зиёде аз Девони ашъори шоир оварда шуда таҳлил гардидаанд.

Калидвожаҳо: Носири Хусрав, девони ашъор, ахлоқ, арзишҳои ахлоқӣ, панду андарз, Қуръон.

ОТРАЖЕНИЕ ЭТИЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ В ПОЭЗИИ НОСИРИ ХУСРАВА

Этические ценности являются одной из основных тем таджикской литературы с момента ее возникновения. В произведениях Хакима Носира Хусрава, наряду с другими представителями классической таджикской литературы, эта тема является одной из самых популярных, без нее невозможно описать его философские произведения. Данная тема особенно актуальна в Диване стихов Носира Хусрава. Ведь без этой темы не может существовать ни одно стихотворение поэта. При обсуждении каждой темы, которую поэт поднимает в своих стихах, непременно затрагиваются этические вопросы. В данной статье рассматриваются этические стороны поэзии Носира Хусрава. Поэт в своих касыдах наряду с другими

социальными проблемами также широко затрагивает проблемы человеческой этики, так как этика и просвещение являются главными источниками исламской религии. Автор в очень точной и конкретной форме характерезириует роль и позицию великого поэта по отношению к человеческим нуждам и проблемам общества. В статье, посвященной отражению нравственных тем в поэзии поэта, широко и всесторонне анализируются вопросы морали. Прежде всего, показан главный источник морали - Священный Коран, и цитирование его как надежное свидетельство в подтверждение своих аргументов. В статье собраны и проанализированы многие стихи из Дивана поэта.

Ключевые слова: Носир Хусрав, Диван поэзии, нравственность, этические ценности, наставление, Коран.

REFLECTION OF ETHICAL VALUES IN THE POETRY OF NOSIRI KHUSRAW

Ethical values have been one of the main themes of Tajik literature since its inception. In the works of Hakim Nosiri Khusrav, along with other representatives of classical Tajik literature, this topic is one of the most popular questions, without which it is impossible to describe his philosophical works. This topic is especially relevant in the Divan of poems by Nosiri Khusrav. Indeed, without this theme, not a single poem of the poet can exist. When discussing every topic that the poet raises in his poems, he certainly touches on ethical issues. In an article devoted to the reflection of moral themes in the poet's poetry, he widely and comprehensively analyzes the issues of morality. First of all, he reveals the main source of morality and how to use it from important scientific sources such as the Holy Qur'an, and cites it as reliable evidence in support of his arguments. The article contains and analyzes many poems from the poet's Divan. This article is devoted to the ethic's problems of human being of Nasir Khusrow's poems. The poet touches many of cosial problems and sumeltenously pay attention to the human being ethiecs, becouse ethics and enlightenment are the source of Islamic religion. The author with very koncret and exsact formul characterize position and role of the grait poet to the social problems.

Key words: Nosiri Khusrav, Divan of poetry, morality, ethical values, instruction, Koran.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Беронов Ҷумъа*** - Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи адабиёт. **Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯч. Ленин, 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-97-27-74**

Сведение об авторе: ***Беронов Джумъа*** - Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой литературы. **Адрес**: 736000, Республика Таджикистан, г. Хорог, ул.Ленина, 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-97-27-74**

Information about the author: ***Beronov Jum'a*** - Khorog State University. M. Nazarshoeva, candidate of philological sciences, head of the Department of Literature. **Address:** 736000, Republic of Tajikistan, Khorog, Lenin Str., 28. E-mail: **behronov75@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-97-27-74**

УДК: 891.550

АНВОИ НАҚД ДАР АДАБИЁТИ АСРҲОИ XVI ВА XVII

Маҳмадшоев М.М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар осори суханварони адабиёти асрҳои XVI-XVII навъҳои гуногуни наққодӣ, амсоли нақди ахлоқӣ, иҷтимоӣ, равоншиносӣ, таърихӣ, ноқидии шуаро, нақди фаннӣ зиёд корбаст шудаанд [5, с.17]. Ин ҷо мехоҳем ба тариқи мухтасар бобати нақди таърихӣ, нақди фаннӣ (ҳирфаӣ) ва нақди лафзӣ, ки дар осори аксари суханварони асрҳои зикршудаи адабиёти тоҷику форс ба чашм мерасад, ибрози андеша намоем.

Ягон соҳаи фаъолияти инсон намондааст, ки мавриди таваҷҷуҳи офарандагони каломи бадеъ қарор нагардидаву дар осори адабӣ инъикос наёфта бошад. Аз ҳамин ҷост, ки маълумоту андешаҳои дар осори бадеӣ таҷассумёфтаро пажӯҳишгарони соҳаҳои мухталифи илм ба таври фаровон истифода бурдаанд. Хоссатан, таърихнигорон ва муҳаққиқони таърихи адабиёт ҳангоми андешаронӣ бобати вазъи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, илмиву адабӣ ва фарҳангӣ, нишон додани сабабу оқибати низоъҳо, пешрафт ё таназзули ҳаёти ҷамъиятии давр, ба вуҷуд омадани падидаҳои нав ва муносибати мутақобилаи байни аъзоёни ҷомеа дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ба нигоштаҳои адибон такя мекунанд. Онҳо осори суханваронро ҳамчун сарчашмаи боэътимод мавриди истифода қарор медиҳанд, зеро бисёр ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ асоси офариниши шоҳкориҳои адабӣ гардидаанд, ё баръакс офаридаҳои адабии зиёде ҳастанд, ки ба тасвири воқеоту ҳаводиси таърихии ягон давру замони муайян бахшида шудаанд. Аз ин рӯ, гурӯҳи наққодон бар он назаранд, ки ҳаводиси таърихӣ барои муайян намудани арзиши осори адабӣ ба ҳайси мизони асосӣ ба шумор меравад. Аммо гурӯҳи дигари муҳаққиқони соҳа ба ин иддаои тарафдорони нақди таърихӣ ҳамфикр набуда, мегӯянд, ки “он чӣ дар осори зебои ҳунарӣ мавриди таваҷҷуҳи мунаққидон мебошад, фақат ҷанбаи таърихии онҳо нест” [3, с.98].

Абулҳусайн Зарринкӯб ҳамин нуктаро таъкид карда мегӯяд: “шеъру асари бе ном”, ки аз ҷиҳати шӯрангезӣ ва дилрабоӣ ҷолиб бошад, ҳарчанд замони гӯяндаву нависандаи он маълум набошад, боз метавонад, мавриди истиқбол қарор гирад. Басо маъобиду қусуру абния (биноҳо)-и зебои қадимӣ, ки ҳеҷ таърихи онҳову номи бунёни онҳоро намедонем, ва бо ин ҳол аз зебоии онҳо лаззат мебарем” [3, с.98].

Дар таърихи беш аз ҳазорсолаи адабиёти оламшумули тоҷику форс шуарои зиёде вомехӯранд, ки аз осорашон танҳо байте ва ё аз девонашон намунае ба ёдгор мондаасту осори боқимондаашон бо сабабҳои гуногуни таърихӣ ба коми фаромӯшӣ рафтааст. Ва ҳамин масъала дар китоби муаллифи ин сатрҳо бо номи “Тазкираи шоирони Зарафшон” ба таври муфасссал дар мисоли осори гумноми суханварони асрҳои XVI-XIX-и болооби водии Зарафшон шарҳ дода шудааст [6].

Ба андешаи муаллифи тазкираи “Калимот-уш-шуаро” ҳар кас ки як байт шеър бисарояд, шоир аст. Дар ин бора ӯ менависад: “Аз он ҷо ки муқаррари суханварони соҳибкамол аст, ба як байт даъвии шоирӣ мусаллам буд” [7, с.17]. Дар миёни соҳибони тарҷума, ки дар ин тазкира аз онҳо ёд шуда, шоирони зиёде ҳастанд, ки танҳо як байт аз онҳо мондааст. Аз ҷумла Муллоалии Туронӣ, ки дар тули умри хеш танҳо як байт гуфтааст. Ҳамчунин аз шоирони зиёде ном бурда менависад: “Намедонам кист ва куҷост, фақат ҳамин байти ӯ масмуъ аст” [7, с.18].

Тибқи хулосаи Зарринкӯб ҳарчанд нақди таърихӣ “дар шинохти шеъру адаб муфид, ҳатто лозим аст” [3, с.98] бо сабабҳои зерин наметавон онро дар шинохти шеъру адаб басанда шуморид:

1. Ноқидоне, ки шеъру адабро аз рӯйи таърих нақду таҳлил мекунанд, дар зери таассуроти аз осори адиб бардоштаашон мемонанд ва агар осори адабӣ мақбули табъашон бошад, аз рӯйи меҳрубонӣ ҳаёти адибро шарифу наҷиб, оливу ибратомӯз муаррифӣ мекунанд, баръакс аз мутолиаи асари адабӣ таассуроти манфӣ бардошта бошанд, ҳаёти ӯро дар иртибот бо осораш хору залилу беравнақ ҷилвагар месозанд. Масалан, бархе аз муҳаққиқони эронӣ дар бораи муаллифи “Тазкираи Насрободӣ” чунин андешаронӣ намудаанд: “Қазоватҳо ва интихобҳои шеъри Насрободӣ якдаст ва мунсифона нест, масалан аз писари худаш Бадеуззамон, ки шоири гумном аст, 21 байт нақл карда, аммо аз

Бедили Деҳлавӣ танҳо ду байт овардааст. Ба бархе шоирон эродҳои хоссе дошта, амсоли Мирзо Исҳоқ, Халифа Султон ва нисбат ба бархе камлутфу хурдагир буда ва ба сахра аз онҳо ёд кардааст [7, с.226].

2. Нақди адабӣ агар фақат бар равиши таърихӣ ҷараён гирад, ҷанбаи илмиаш ноқис мешавад. Агар барои шиносоии шахсияти башарӣ, шоир аз таърих битавонад натиҷа ва кумак бигирад, барои нақду шинохти осори ҳунарии ӯ, махсусан, барои маърифати шоҳкориҳо, мизони таърих норасогӣ мекунад.

3. Ноқидони таърихӣ ҳама гуна осорро, ки таҳти таъсири ҷазабаву илҳом, истеъдоди фитрӣ, ё аз таҷрибаи ҳаётӣ падид омадаанд бо як мизон месанҷанд, ки ин норасост. Амсоли он ки Насрободӣ дар тазкираи хеш аз осори Зулолии Хонсорӣ ном суханвар, ки яке аз шоирони ҷанҷолии аҳди хеш будааст, ёдовар шуда, дар бораи вай мегӯяд: “Дар тозагӯӣ ва намаки калом фард аст, дар фанни маснавӣ тарзи тозае оварда, ки касе татаббӯи он натавонад кард, аммо абёти баландаш аз қабили эъҷоз аст” [9, с.233].

Аз навиштаи Насрободӣ дар бораи ин адиби барои “дигарон номақбул” пайдост, ки шеъри Зулолиро меписандидааст ва бархе абёти вайро “илҳоми ғайбӣ” [7, с.233] шуморидааст.

4. Гоҳо ноқидони таърихӣ байни ҳаёти адиб ва осори ӯ робитаи таркибӣ пайдо карданӣ мешаванд, ки дар ин сурат шоир гӯё ба ҳайси меҳвар ва қаҳрамони достоне воқеъ мегардад ва он достон саргузашти зиндагии мавҷуди ғайриодие беш нест, гоҳо низ мекӯшанд, ки осори шоирро ба масобаи маълул ба аср нишон диҳанд ва ҳаводису аҳволи таърихиро ба манзалаи муассир ва иллати он осор муаррифӣ кунанд [3, с.98-100]. Ҳамин гуна мисолро дар “Тазкираи Насрободӣ” вомехӯрем. Муаллифи ин тазкира дар бораи як рубоии шоири аҳди хеш Мирҳамом, ки дар мадҳи имом Алӣ суруда буд, ба тарзи муболиғаомез ин рубоиро васф намуда, онро баробар ба як девони шеър ҳисобидааст.

Ин чаҳор халифаро, ки медонӣ нағз,
Гӯям сухане бо ту зи инсоф малағз.
Бодоми хилофат аз паи гардиши даҳр,
Афканд се пуст то бурун омад мағз [7, с.230].

Бо вуҷуди ин ҳама, нақди таърихӣ яке аз равишҳои муҳимму муфиди нақди адабӣ ба шумор меравад. Аҳамияти ин навъи нақд дар муайян намудани дурустии асноди таърихӣ дар осори адабӣ корбаст мешавад. Ноқиди таърихӣ вазифадор аст, ки сеҳеҳиву дурусти асноди таърихиро дар асоси далелҳои раднопазири хаттӣ дақиқан муайян намояд ва агар дар асари адабӣ таҳриф ё саҳве дар истифодаи асноди таърихӣ ҷой дошта бошад, бо овардани далели қатъӣ аз сарчашмаҳои хаттӣ ба самъи муаллиф бирасонад ва дар тасҳеҳи матни осори адабӣ саҳмдор бошад, инчунин, сабабҳои роҳ ёфтани тақаллубу таҳрифро дақиққорона муайян намуда, роҳи ислоҳашро пайдо кунад.

Муаллифи асари “Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ” [7] ҳангоми нақду таҳлили тазкираҳои Ҳасани Нисорӣ ва Мутрибии Самарқандӣ чунин овардааст: “Дар тазкираи Нисорӣ ағлаби шоироне, ки ин ҷо номашон омадааст, дар таърихи адабиёти форсӣ чандон шуҳрате надоранд. Бештари онҳо муқаллидону назирасозони Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизу Ҷомианд. Сахт дилбастаи санооти шеърӣ ва муаммогӯӣ мебошанд. Худи муаллиф низ завқи мушкилписанд дошта, шефтаи муаммо будааст. Тазкираи ӯро метавон “тазкираи муаммосозон ва таъмияпардозон донист” [7, с.217].

Баробари ин мунаққиди мазкур дар интиҳо бобати арзиши таърихии ин тазкира сухан гуфта, онро аз шумори сарчашмаҳои муҳимми адабиву таърихии ҳамон даврон ҳисобидааст.

Дар бораи Мутрибӣ навиштааст, ки вай нисбат ба устоди худ Нисорӣ дониши бештаре дошта, арабиро хуб медониста, ҳатто ба ин забон шеър гуфтаву оёту ривоёт ва абёту иборoти арабӣ дар насри ӯ фаровон омадааст. Мутрибӣ ба нудрат ба нақди маъно мепардозад. Дар мавориде ҳам, ки бар муҳтавои ашъор ангушт мегузорад, бисёр гузаро рад мешавад. Масалан, вай дар бораи Шамсии Уротеппагӣ ном шоир гуфтааст, ки дар қасоид алфози аҷибу ғариба зикр мекунад, ки маъонии онро ғайри худаш ҳеҷ кас намедонад, гуё аз мухтараоти ӯст, дар шоирӣ тамоъ асту шеъри бисёр мегӯяд” [7, с.221].

Ва инчунин бобати суханвари дигар бо номи Дуъоии Бухорӣ мегӯяд, ки шоире аст дарёкаш ва суханонаш чун тухм хашхоши машуш” [7, с.227].

Зарринкӯб таърихи адабиётро муқаддима, ғояту натиҷаи нақди таърихӣ ва дар айни ҳол муқаддима ва василаи он меҳисобад, зеро “ҳамвора мутоилот ва аҳкоми таърихи адабиёт барои таҳқиқот дар матуни тоза муфид ва муассир аст, дар айни ҳол таҳқиқот дар мутун барои баёни қазоватҳову таҳқиқоти таърихи адабиёт нуқтаи иттикоӣ мебошад [3, с.101].

Зарринкӯб ақидаи ононеро, ки фарқияти таърихи адабиёт ва нақди адабиро дар нақди гузаштагону муосирон маънидод кардаанд, нодуруст ҳисобида менависад: “тафовути аслӣ байни нақд ва таърихи адабиёт дар ин аст, ки таърихи адабиёт мисли ҳар навъ таърихи дигар фақат бояд аз тариқи нақди асноду нақди шаҳодат ба таҳқиқу мутолиа пардозад, дар ҳоле ки “нақд” гузашта аз он тариқ метавонад аз равишҳои дигар, филмасал аз равиши ахлоқӣ, иҷтимоӣ, равоншиносӣ, фаннӣ (ҳирфаӣ) дар бораи мавзуи кори худ истифода намояд. Дар ҳар ҳол нақди таърихӣ яке аз равишҳои муассир ва муфиди нақди адабӣ мебошад” [3, с.101].

Мислои рушани таҳрифи таърих, аз ҳақиқати воқеӣ дур ва нодуруст тасвир намудани муносибати Камолиддини Биноӣ ва Алишери Навоӣ мебошад, ки дар навиштаҳои баъзе аз адибон мушоҳида карда метавонем. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ дар муомилаи байни ин ду адиб муаммое вуҷуд доштааст, аммо на ба ҳадди адовату рақобати ашаддӣ ва нафрату хусумати рӯирости оштинопазир. Ин ҳолро аксарияти суханварони муосирашон дар навиштаҳои хеш, аз ҷумла, дар «Маҷолис-ун-нафоис» ва тарҷумаи форсии он, «Бобурнома», «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ишора намудаанд. Ва дар ҳамаи ин сарчашмаҳо муносибати ҳасана ва нисбати якдигар эҳтиром доштани адибонро бо овардани далелу бурҳон таъкид намудаанд. Мутаассифона, баъзе муҳаққиқони нотавонбин дар асоси нақлҳои афсонамонанд, ки дар сарчашмаҳои хаттӣ зикр нашудааст, дар бораи Биноӣ андешаҳои носолим иброз намудаанд, ки қобили қабул нест ва аз арзишҳои инсониву эҳсоси эҳтиром дур мебошад.

Академик Абдулғанӣ Мирзоев дар яке аз бобҳои монографияи хеш бо номи “Биноӣ” дар асоси гуфтаҳои Навоиву Биноӣ ва дигар муосирони онҳо сабаб ва оқибатҳои пайдоиши ин гуна андешаҳои носолимро мавриди баррасӣ қарор дода, мутлақо бепоя будани афкори мунташиршударо таъкид намуда, таҳриф шудани ҳақиқати таърихӣ, на танҳо мувофиқат накардани андешаҳои баёншудаи ҳамин гуна олимону адибонро ба асноди таърихӣ, балки тамоман муқобили санаду асноди таърихӣ будани он андешаҳои носолимро исбот карда тавонистааст [11, с.57-88].

Ҳамчунин, тибқи маълумотҳои илмиву адабӣ баъзе муҳаққиқону мунаққидон қаробати шаклӣ доштани вожаҳои “турон”-ро бо вожаи “турк” ҳамчун далел истифода бурдаву дар “Шоҳнома” сарзамини “туркон” будани вожаи “турон”- ро иддао доранд, ки дар ин ҳолат, ҳам таҳрифи ҳақиқати таърихӣ аст, зеро вожаи “турон” ба турку туркистон ҳеҷ гуна муносибате надорад ва доштанаш ҳам ғайриимкон аст. Дар ин маврид ҳам сухани охиринро дар асоси асноду бурҳону мадраки таърихӣ метавонад нақди таърихӣ гуфта тавонаду бас.

Дар назари аввал чунин менамояд, ки адиб дар таълифи осори адабӣ, интихоби мавзуъ, сабку шеваи таълиф, истифодаи васоити муассири баён-саноеи бадеӣ, жанру анвои адабӣ, гуфтани шеъри матбуъ, ё маснуъ, сохти композитсионии сужа, метод барин масоил соҳибихтиёр аст. Дар асл, ҳама гуна анвои осори бадеъ дар доираи талаботи қонуниятҳову қоидаву тартибу низоми дар давоми қарнҳо шаклгирифтаву эътирофгардида чи аз ҷиҳати шаклу мазмун, чи аз ҷиҳати навъу намуду жанри адабӣ, чи аз ҷиҳати образнокиву бадеияту сабку услуб, чи аз ҷиҳати ғояву сохти композитсиониву қавоиди дохилии сужет ва забону тарзи баён таълиф карда мешавад ва адиб бояд ногузир талаботҳои маъмулу роиҷгардидаро риоя намояд. Дар сурати сарфи назар шудани ҷузъитарин низоми маъмулгардидаи шаклу мазмун аз тарафи донандагони улуми адабӣ интиқод карда мешавад, ки онро нақди фаннӣ номидаанд. Дар ин шеваи нақд “мувофиқату мутобиқатӣ ба қавоину мавозини назму насрро таъйин намоянд” [3, с.114]. Маҳз дар ҳамин ҳолат равобити ногусастании назарияи адабиёт ва нақди адабӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ин навъи нақд ноқид ба сиҳатии шаклу мазмун, риояи таносуби калом, риояи қавоиди арӯзу қофия, забон, тарзи баён, қавоиди назира, тазмин, сирқоту таворуд, дурустии маъниро мавриди арзёбӣ қарор медиҳад.

Тибқи маълумоти Зарринкӯб ҳарчанд дар ин равиши нақд нисбат ба дигар равишҳои нақди адабӣ арзиши алфозу иборотро беҳтару дақиқтар идрок мекунад, аз дарки латофату бадеияти осори адабӣ оҷиз мемонад, аз ҳамин ҷост пайравӣ аз ин шева сухансанҷону мунаққидонро ба ҳама гуна навҷӯиву навовариҳо ба мухолифат барангехтааст [3, с.115].

Мувофиқи маълумоти муҳаққиқони соҳа нақди шеър аз ҷиҳати луғату қавоиди забон (сарфу наҳв), арӯзу қофияву балоғат барин фанҳои адабӣ муҳимтарин машғулияти адибону мунаққидон аз замонҳои қадим будааст.

Мувофиқи маълумоти Зарринкӯб асосгузори нақди фаннӣ дар Юнон Арасту буда, Ҳаворис ва Контлин дар Рими қадим мебошанд, баъд аз онҳо ин равиши нақди адабӣ дар Искандария бисёр ривоҷ ёфтааст [3, с.115].

Дар “Таърихчаи нақди адабӣ” ном таълифоти Ҳолл Вернон (Hall Vernon) оид ба аҳамияти андешаҳои Арасту ва таъсири ӯ дар инкишофи минбаъдаи ин навъи нақди адабӣ маълумоти муфассал дода шудааст [14, с.15-21].

Дар адабиётшиносии мо ҳам ин навъи нақдӣ хеле ривоҷ ёфтааст. Ба қоидаву қонунҳои фунуни адабӣ риоя кардани шоирону нависандагон талаботи асосии нақди фаннист, аз ҳамин ҷост, ки аз давраҳои қадим ба ҷавонону навомӯзоне, дар раҳи эҷоди осори адабӣ қадам ниҳоданианд, донишмандону адибон аз худ намудани қавоиди наҳв ва фунуни адабиро таъкид менамоянд.

Дастуру тавсия ва таъкидоте, ки дар “Қобуснома”- и Кайковус, “Чаҳор мақола”-и Низомӣ Арӯзии Самарқандӣ, “Ал-муъҷам-фӣ-маоирои ашъор-ил-Аҷам”-и Муҳаммад ибни Қайси Розӣ, “Бадоеъ-ус-санеъ”- и Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ”, “Нафоис-ул-фунун фӣ ароис-ул-уюн”- и Шамсиддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ барин осори арзишманди соҳа то имрӯз аҳамияти илмиву адабиву маърифатии худро гум накардаанд.

Тибқи маълумотҳо дар асрҳои XVI-XVII дар бораи арӯз, қофия ва дигар навъҳои фунуни адабӣ осори арзишманде амсоли “Дуррар-ул-баҳр”- и Казоии Зоминӣ, рисолаи “Муаммо”- и Ҷамилии Бухороӣ, рисолаҳо дар бораи муаммо ва арӯзи Дарвешмуҳаммади Косонӣ, “Маҷмаъ-ус-саноеъ” - Низомиддин Аҳмад бинни Муҳаммад Солеҳ Ҳусайнии Сиддиқӣ мебошанд, ки дар инкишофи адабиётшиносии классикӣ, аз ҷумла нақди фаннӣ мавқеъ ва аҳамияти калон доранд [13, с.28].

Мувофиқи хулосаҳои саромадони нақди адабӣ дар баробари огоҳии тамом доштан аз қоидаву қонунҳои фунуни адабӣ, омӯхтани осори адабии гузаштагон низ яке аз шартҳои асосии комёбӣ дар роҳи эҷод мебошад ва ҳам қоидаву қонунҳои фунуни адабӣ метавонад мисли дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиву табиӣ ҳамеша дар ҳолати таҳаввулоту рушд қарор гирад. Ин ҳол ба эҷодкор имкон медиҳад, ки дар баробари риояи анъанаи гузаштагон ба навҷӯиву навовари иқдом намояд, ки ин раванд дар назарияи адабиёт **“анъана ва навоварӣ”** [16, с.112] номида шудааст. Дар адабиёти мо пайдоишу густариши “шеъри сафед, “шеъри озод”, ки шеъри нимоӣ ҳам мегӯянд, гувоҳи ҳол аст.

Дар нақдии фаннӣ мунаққид ҳангоми муайян намудани арзиши асари адабӣ, пеш аз ҳама ба он эътибори ҷиддӣ медиҳад, ки оё қоидаву қонуни маъмул дар истифодаи лафз риоя шудааст, ё баръакс, зеро тибқи хулосаи донишмандони соҳа дар осори адабӣ ҷанбаи лафзӣ унсури асосӣ ба ҳисоб меравад, “зеро лафз мавҷуди сурати ҳар асари адабӣ аст ва бидуни он таҳқиқи асари адабӣ маҳол хоҳад буд” [3, с.122] он гуна, ки Мирзо Бедил фармудааст:

Маънӣ ба ғайри лафз мусаввир намешавад,
Афтодааст кори дилу дида бо ниқоб [1, с.147].

Ҳамин маъниро шоири шинохтаи ҳамон даврон Соиби Табрезӣ ба шакли зерин қаламдод намудааст:

Дар либоси лафз маънӣ худнамоӣ мекунад,
Ишқ пинҳон буд, то Маҷнуни мо пайдо нашуд [10, с.243].

Тибқи хулосаи Зарринкӯб азбаски лафз на фақат аз рӯйи иртибот бо маънӣ, инчунин аз ҷиҳати вазну оҳанге, ки дорад, ҷузъи аслии асари адабӣ ба ҳисоб меравад, аз ин ҷост, ки баъзе мунаққидон ба лафз беш аз маънӣ эътибор медиҳанд. Ба ҳамин маънӣ, ба қавли Соиб нозукии лафз ба маънӣ болу пар мебахшад, маънӣ аз нозукии лафз дилпазир мешавад:

Гарчи бебол кунад маънии нозук парвоз,
Лафзи покиза пару бол бувад маъниро [10, с.554].

Ҷойи дигар Соиб таъкид менамояд, ки зебогии маънӣ аз нозукии лафз вобастагии зиёд дорад, мисоли шаробе, ки дар шиша соҳиби ҷилваи дилрабо мегардад ва агар худаш дар танҳоӣ бошад, ягон диловезӣ надорад.

Маънӣ шавад аз нозукии лафз дилпазир,
Дар шиша ҷилва дигар аст шаробро [10, с.480].

Ва ҳамин андешаро дар байти дигар Соиб чунин маънидод намудааст:

Лафзи нозук ҳусни маъниро дуболо мекунад,
Шишаи шероз мебояд майи шерозро [10, с.74].

Ба ақидаи Бедили Деҳлавӣ ба нозукии маънӣ ҳам тавассути лафз ошноӣ пайдо кардан имконпазир мебошад :

Зи лафз ошно шав ба мазмуни нозук,
Камар ҳалқа кардааст мӯйи миёнро [1, с.37].

Мувофиқи маълумоти Зарринкӯб ба он андешае, ки лафз ҷузъи аслии сухан аст, баъзе аз муҳаққиқон шакку шубҳа кардаанд. Аз ҷумла, Гегел бар он назар аст, ки “аслу ҷавҳари шеър ҷанбаи нафсонии маҳз дорад, вақте ки шеър дар мухайялаи шоир сурати муайяни худро ёфт, хоҳ дар қолаби лафз рехта шавад, хоҳ на, тамом аст, бинобар вуҷуду ҳаёти шеър дар хилоли алфозу иборот нест дар миёни вичдону замири шоир аст ва лафзу иборат коре ҷуз ин надорад, шеъреро, ки дар руҳу вичдони шоир сурату ҳайати мушаххаси худро гирифтааст, ба соири мардум илқо ва талаққӣ намояд” [3, с.123].

Аммо Зарринкӯб ин андешаро қатъиян рад менамояд ва таъкид менамояд, ки ба ақидаи аксар муҳаққиқон лафз ҳам аз лиҳози маънӣ ва ҳам аз лиҳози иртибот бо вазну оҳангу қофия бояд мавриди таваҷҷуҳ бошад, зеро “робитаи лафзу маънӣ монанди робитаи ҷисму ҷон аст [3, с.123].

Ҳамин андешаҳои ибрознамудаи Зарринкӯбро дар ашъори шӯрангези Соиби Табрезӣ бархӯрд менамоем. Ин шоири дилогоҳ дар мавриди пайванди азалӣ доштани лафзу маънӣ чунин баён кардааст:

Лафзу маъниро ба теғ аз якдигар натвон бурид,
Кист, Соиб, то кунад ҷонону ҷон аз ҳам ҷудо [10, с.79].

Агар Соиб иртиботи лафзу маъниро чун “ҷонону ҷон” гуфта бошад, Мирзо Бедил лафзу маъниро чун руҳу ҷисм (ҷасад), мағзу пӯст маънидод кардааст:

Ҳар куҷо лафзест, Бедил, маъние гул кардааст,
Дигар аз кайфияти арвоҳу аҷсодам мапурс [1, с.636].

Тибқи андешаи Абдулқодири Бедил он гуна, ки оташ сангро гудохта аз ҳама ғализиҳо мубарро карда ба шиша табдил медиҳад, маънӣ ҳам аз лафз сафо, беолоишӣ мехоҳад:

Маънӣ аз лафз сафо мехоҳад,
Оташи санг ба фикри миност [1, с.338].

Ҳамчунин, тибқи навиштаи Бедил он гуна, ки наёми танг дами шамшерро фарсуда месозад, лафзи норасо ҷавҳари маъниро ба хок баробар менамояд:

Зи лафзи норасо хок аст ҷавҳари маънӣ,
Наём он ҷо,ки танг афтад, дами шамшер фарсояд [1, с.335].

Ҳамин тариқ, дар нақди фаннӣ ба масъалаи тибқи қоидаву қонунҳои луғавию наҳвӣ истифода шудани лафз аҳамияти калон медиҳанд. Аммо тибқи хулосаҳои муҳаққиқон ҳолатҳое мешавад, ки шоир қоидаву қонунҳои эътибордоштаву ҷории забонро сарфи назар месозад ва гоҳо ба қоидаҳои имлои вожаҳо риоят намекунад, ё шакли калимоти алоҳидаро тибқи талаботи вазну оҳанг тағйир медиҳад ва калимоти омиёнаро мавриди истифода қарор медиҳад, ки муҳаққиқон ин ҳолро зарурат номгузорӣ кардаанд.

Шоир гоҳо тибқи тақозои вазну қофия баъзе аз қоидаҳои маъмулу ҷории истифодаи калимаҳо, аз ҷумла ихтисор ё изофа намудани овозе дар таркиби калима, калимаи овози ташдиддорро тахфиф мекунад ва ё вожаи тахфифиро мушаддад мекунад ва муҳаррикро сокин мекунад, ё сокинро муҳаррик менамояд [3, с.124]. Дар ин бора Абулҳусайни Зарринкӯб андешаи мунаққид ва нависандаи фаронсавӣ Мармантелро меоварад: “он чӣ зарурат ном дорад мухолифати гунае бо одобу қавоид аст ва навъе хуруҷ аз мабдои усул мебошад, ки ба мулоҳизаи муроти шумораи ҳиҷоҳо, ё вазн ва қофия ва ё бо баҳонаи зебоии шеър ҷоиз шумурда мешавад” [3, с.125].

Бино ба хулосаи Зарринкӯб баъзе муҳаққиқонро агар зарурат дар шеър ҷоиз бошад, аммо дар наср нописанд аст, ба ақидаи гурӯҳи дигар зарурат амрест, ки шоирро аз он гурез набошад, аммо ин андешаро ҳам гурӯҳи дигари муҳаққиқон рад карда мегӯянд, ки "ҳеҷ лафзе нест, ки онро бо лафзи дигар иваз кардан мумкин набошад", ки ин ҳол мавҷудияти заруриятро аз байн мебарад.

Мувофиқи хулосаи Зарринкӯб агар таъбире, калимаву ибораҳое, ки барои таъмини балоғати калом лозим асту ба қолаби маъмули қоидаҳо намеғунҷад, барои парҳез аз зарурат бо калимаву таъбири дигар иваз намояд, "риояти муқтазои ҳол фавт гардад", бинбар ин маҷбур аст, ки вожаи тақозои ҳолро истифода барад ва аз зарурат ҷойи гурез надорад [3, с.126], зеро ба қавли Соиби ширингуфтор:

Лутфи маъниро либоси лафз расво мекунад,
Дар таҳи пироҳан он симинбадан урёнтар аст [10, с.520].

Аз ин ҷо ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки маънии зарурат он нест, ки адиб алфози ба фасоҳату балоғат латмарасонандаро истифода барад, инчунин заруратҳои мутақаддимин истифода кардаро ҳам бемаврид такрор намудан ҷоиз нест ва ниҳоят, мунаққид бояд заруратро бо саҳву хато ва ғалат омехта нанамояд ва риояи беғалати зарурат дар нақди лафзӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

Ҳамин тариқ ба хулосае меоем, ки дар осори даврони зикршуда дар баробари истифодаи анвои гуногуни нақд, намунаҳои нақди таърихӣ, фаннӣ ва лафзӣ низ мавриди истифодаи фаровон қарор доштаанд. Ва бино ба андешаи олимони ватаниву хориҷӣ тавассути нақди таърихӣ, ки яке аз равишҳои асосиву фоидаовари нақди адабӣ ба шумор меравад, мо метавонем арзишу зарурати ин навъи нақдро дар аниқ намудани дурустии санадҳои таърихӣ дар навиштаҳои адибони ҳамон даврон муайян намоем.

Инчунин аз баррасии нақди фаннӣ дар осори суханварони асрҳои мазкур ба натиҷае расидем, ки ин равиши нақд нисбат ба дигар равишҳои нақди адабӣ арзиши алфозу иборотро беҳтару дақиқтар дарк менамояд.

Муқарриз: ***Н.Нурзод*** – доктори илмҳои филологӣ,
ДДХ ба номи Б.Ғафуров.

А Д А Б И Ё Т

1. Бедил, Абдулқодир. Осор. Ҷ.1. Ғазалиёт / Абдулқодири Бедил. - Душанбе: Адиб, 1990. - 704 с.
2. Бобокалонова Ҷ. Назаре ба таърихи танқиди адабии тоҷик / Ҷ. Бобокалонова. - Душанбе: Ирфон, 2003. - 360 с.
3. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ошноӣ бо нақди адабӣ / Абдулҳусайни Зарринкӯб. - Теҳрон: Интишороти "Сухан", 1383. - Чопи ҳафтум.
4. Каримов, У. Адабиёти тоҷик дар асри XVI / У. Каримов. - Душанбе: Дониш, 1980. - 228 с.
5. Маҳмадшоев М. Шеваҳои ривоҷи нақди ахлоқии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI-XVII / М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2021. - №1-4(92). - С.17-21.
6. Маҳмадшоев М. Тазкираи шоирони Зарафшон / М.Маҳмадшоев. – Хуҷанд, 2010. – 104 с.
7. Маҳмудфутуҳи Рудмаҷанӣ. Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ / Рудмаҷанӣ Маҳмудфутуҳ. - Интишороти Сухан, 1385. - Чопи аввал. - 430 с.
8. Мирзоев, А. Сенздаҳ мақола (Аз таърихи адабиёти асрҳои X-XV- форсу тоҷик) / А.Мирзоев. - Душанбе: Ирфон, 1977. - 287 с.
9. Мирзоев, А. Биноӣ / А.Мирзоев. - Сталинобод: Нашрдавлтоҷик, 1957. – 490 с.
10. Мирзо Муҳаммадалии Соиб. Мунтахабот / Соиб, Мирзо Муҳаммадалӣ. Мураттибон: Аҳрорӣ З., Лоиқ Ш. - Душанбе: Ирфон, 1980. - 704 с.
11. Тимофеев Л.И. Основы теории литературы. Учеб.пособия для студентов пед.ин-тов. Изд.4-е испр. / Л.И. Тимофеев. - Москва: Просвещение, 1971. – 464 с.
12. Ҳамроев, Ҷ. Асрори накди адабӣ / Ҷ.Ҳамроев. - Душанбе: Деваштич, 2005. - 128 с.
13. Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри бист / Р.Ҳодизода, У.Каримов, С.Саъдиев. - Душанбе: Маориф, 1988. - 416 с.
14. Ҳолл Вернон. Таърихчаи нақди адабӣ / Вернон, Ҳолл. – Теҳрон, 1379. – 320 с.
15. Шарифов, Х. Каломи бадеъ / Х.Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 1991. - 160 с.
16. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ / Х.Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 2002. - 278 с.

АНВОИ НАҚД ДАР АДАБИЁТИ АСРҲОИ ХУІ ВА ХУІІ

Дар мақолаи мазкур муаллиф бобати анвои нақд дар адабиёти тоҷики асрҳои ХУ1 ва ХУ11 маълумот дода, таъкид менамояд, ки дар осори суханварони адабиёти асрҳои мазкур навъҳои гуногуни наққодӣ, амсоли нақди ахлоқӣ, иҷтимоӣ, равоншиносӣ, таърихӣ, ноқидии шуаро, нақди фаннӣ мавриди истифодаи фаровон қарор гирифтаанд. Баъдан дар бораи навъҳои дигари нақди адабӣ монанди нақди

таърихӣ, нақди фаннӣ (ҳирфаӣ), нақди лафз ва истифодаи онҳо дар навиштаҳои намояндагони адабиёти асрҳои зикршуда ба таври мухтасар маълумот оварда шудааст. Тибқи ахбороти овардаи муаллифи мақола таърихнигорон ва муҳаққиқони таърихи адабиёт ҳангоми баёни вазъи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, илмиву адабӣ ва фарҳангӣ, нишон додани сабабу оқибати низоъҳо, пешрафт ё таназзули ҳаёти ҷамъиятии давр, ба вуҷуд омадани падидаҳои нав ва муносибати мутақобилаи байни аъзоёни ҷомеа дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ба навиштҳои суханварони ҳамон давру замон такя мекунанд, зеро ҳамин осори адибони ҳар як даврон ҳамчун сарчашмаи боэътимод дар оянда мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Муҳиммияти мақола дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф тавонистааст дар баробари овардани андешаҳои муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ бобати нақди таърихӣ, нақди фаннӣ, нақди лафзӣ аз сарчашмаҳои муҳимми таърихиву адабии асрҳои XVI-XVII намунаҳо оварад. Инчунин, муаллифи мақола дар баробари овардани ақидаҳои донишмандон ба ҳайси шоҳид намунаи байтҳоро аз ашъори шоирони машҳур ва на он қадар шинохтаи даврони зикршуда оварда, нақди тазкиранигорон - Нисорӣ, Мутрибӣ, Насрободиро бобати осори зикршудагон ҳамчун далел нишон додааст.

Калидвожаҳо: таърихи адабиёт, нақд, осори бадеӣ, асрҳои XVI-XVII, тазкираҳо, шуаро, таърихнигорон, маълумот, ашъор, мунаққид.

ВИДЫ КРИТИКИ В ЛИТЕРАТУРЕ XVI И XVII вв

В данной статье автор приводит информацию о видах критики в таджикской литературе XVI и XVII вв. В литературных произведениях этих столетий широко использовались различные виды критики, такие как моральная, социальная, психологическая, историческая, поэтическая критика, научная критика. Затем автор даёт краткий обзор других видов литературной критики, таких как историческая критика, профессиональная критика и словесная критика, и их использование в трудах представителей литературы упомянутых столетий. По мнению автора, историки и исследователи истории литературы при описании политической, экономической, социальной, научной, литературной и культурной ситуации, причин и последствий конфликтов, прогресса или упадка общественной жизни, возникновения новых явлений и взаимодействия между членами общества в разное время опираются на сочинения авторов того периода, так как произведения писателей каждого периода будут использоваться в качестве надежного источника в будущем. Значимость статьи выражается в том, что автор, наряду со взглядами зарубежных и отечественных исследователей на историческую критику, научную критику, словесную критику, привел примеры из важных историко-литературных источников XVI-XVII вв. Автор статьи наряду со взглядами ученых в качестве свидетельства приводит примеры стихов из поэм известных и малоизвестных поэтов того периода, которые освещены в критических трудах Нисари, Мутриби, Насроболи.

Ключевые слова: история литературы, критика, литературные памятники, XVI-XVII вв., летопись, поэты, историки, сведения, поэзия, критик.

TYPES OF CRITICS IN THE LITERATURE OF XVI AND XVII CENTURIES

The article informs about types of critics in literature of XVI and XVII centuries In literary works of these periods various types of critics such as moral, social psychological, historical, poetic and scientific were used. Further the author gives short review of other types of literary critics such as historical critics, professional critics and verbal critics, their usage in works literary representative of mentioned periods. According to author`s opinion historians and investigators of history of literature leaned on creation of authors of mentioned periods during the description of political, economic, social, scientific, literary and cultural situations, causes and results conflicts, development and decline of social life, emergence of new phenomena and interaction among members of society in various period as far as works of writers of each period will be used as a reliable source in future. The significance of the article is reflected in author`s samples brought from important historic literary sources of XVI-XVII centuries together with thoughts of foreign and native of researchers of historical critics, scientific critics and verbal critics. Along with ideas of scientists as evidence the author reinforces his point by sample of poems of outstanding and little-known poets of that period, which are enlightened in critical works of Nisari, Mutribi and Nasrobody.

Key words: history of literature, critics, literary monuments, XVI-XVII centuries, memorial, poets, historians, information, poetry, critics.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч. Мавлонбеков, 1. E-mail: **komron74@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-74-80-00**

Сведение об авторе: ***Махмадшоев Махмадшо Мирзошоевич*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1.
E-mail: **komron74@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-74-80-00**

Information about the author: ***Mahmadshoev Mahmadsho Mirzoshoevich*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at Department of Tajik Classical Literature. **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand, Str. Mavlonbekov, 1. E-mail: **komron74@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 938-74-80-00**

УДК: 356.362

МУТАРҶИМЕ ДАР МАҚОМИ РОҲКУШО

Боронов У.Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Аксари муҳаққиқони соҳа яке аз омилҳои дастёбии мутарҷим ба тарҷумаи аминро истифодаи огоҳона ва ҳунармандона аз нақшҳои чаҳоргонаи забон дониста, дар ин замина таъкид ҳам кардаанд, ки нақш ё худ вазифаи забон фақат додани иттилоот нест. Ҳарчанд нақши иттилоотдиҳандагии забон умдатарин нақши он аст, бовуҷуди ин, забон дорои нақшҳои дигаре низ ҳаст, ки огоҳӣ аз онҳо барои ҳар нависанда ё мутарҷим лозим ва зарур аст. Ин огоҳӣ мумкин аст ба наҳве нохудогоҳ дар нависандагон ва мутарҷимони хуб вуҷуд дошта бошад. Нақшҳои чаҳоргонаи забонро мутахассисон иборат аз нақши иттилоотдиҳандагӣ (communicative function), нақши отифӣ (expressive), нақши зебоишинохтӣ (aesthetic f.) ва нақши суҳбаткушоӣ (phatic communication) донистаанд [14, с.46].

Агар ба иборати содатаре гӯем, ин ҳарфҳо чунин маъно доранд, ки афрод ҳар гоҳ мехоҳанд матлаберо ба иттилои касе бирасонанд, гоҳ мехоҳанд барои дили худашон сухан гӯянд, гоҳ мехоҳанд он чи мегӯянд зебову ҳунармандона бошад ва саранҷом гоҳо фақат мегӯянд то ба дигарон нишон диҳанд, ки ҳастанд. Дар ҳолати аввал мухотаб нақши муҳимме дорад. Дар мавриди аҳамияти нақши аввал, яъне нақши иртиботӣ, гуфтаанд, ки “агар ин нақш набуд забон хеле зуд ба фасод мегароид”. Ба ифодаи дигар, манзур мухотаб ва талоши мо барои фаҳмондани суханон ба ӯст, ки моро дар ростои дурустгӯӣ нигаҳ медорад ва аз инҳирофамон ҷилавгирӣ мекунад [14, с.47].

Нақши дувум ё нақши отифӣ ҳамон чизе аст, ки дар фарҳанги ғарб аз он ба унвони сухангӯӣ бо худ ном бурда мешавад. Барои мисол дар намоишномаи “Ҳамлет” бисёре аз суханони Ҳамлет чунин аст. Дар ин ҷо мухотаб ҳеҷ нақше надорад. Нақши савум ҳолате аст, ки гӯянда ё нависанда намехоҳад сирфан паёмеро ба иттилои касе расонад, балки ҳадафҳои зебоишинохтӣ низ дорад. Дар ин ҷо чӣ гуна гуфтан аз худи гуфтан аҳамияти бештаре пайдо мекунад. Ниҳоят, нақши чаҳорум замоне аст, ки мо на ба мақсади додани иттилоъ, на ба хотири дили худамон ва на ба манзури ҳадафҳои зебоишиносона сухан мегӯем. Ҳангоме ки ду нафар ба таври тасодуфӣ бар як нимкат дар як боғ менишинанд ва яке аз онҳо дар бораи ҳаво сухан мегӯяд, ба ҳеҷ сабаб намехоҳад иттилое ба он шахс диҳад. Дар ин ҳол ҳадафҳои отифӣ ва зебоишинохтӣ низ даркор нест. Ӯ сирфан ниёз ба ин дорад, ки бо шахсе, ки дар паҳлуяш нишастааст, суҳбат кунад.

Ба ҳар ҳол, ҳадаф аз зикри нақшҳои чаҳоргонаи забон ин аст, ки мутарҷим ҳангоми баргардондани як матн аз як забон ба забони дигар ҳамеша бояд онҳоро дар назар дошта бошад. Назари мутарҷимони давраи ренесанс дар мавриди ташбеҳи тарҷума ба зан ва қарор додани зебоии ӯ дар муқобили вафодориаш ба ҳамин маънӣ аст. Ба ин тартиб, мутарҷим бояд саҳми ҳар як нақшҳои мазкурро дар матн дарёбад. Бидуни шубҳа ин кор маълумоти заруриро талаб мекунад. Илова бар ин, миёни шинохти ин амр ва тавоноии анҷом додани он фосилаи зиёде вуҷуд дорад. Мутарҷиме, ки андозаи саҳми ҳар як нақшҳои зикршударо дар як матн ба дурустӣ ташхис медиҳад, аз тарҷума шинохту бардошти дурусте дорад ва ҳамин метавонад кумаки бузурге ба ӯ бошад. Аммо мутарҷиме, ки шинохте аз ин амр надорад, наметавонад тарҷумаи хубе анҷом диҳад.

Илова ба ин, шарти дигаре ҳам ҳаст, ки омили бавуҷудоии тарҷумаи матлуб аст. Ин гуна тарҷума метавонад ҳамон таъсиреро, ки матни аслӣ ба хонандагони забони мабдаъ гузоштааст, ба хонандагони забони мақсад низ интиқол диҳад. Ин тарзи тарҷума реша дар масъалаи воҳиди тарҷума дорад [7].

Дар тамоми баҳсҳое, ки сухан аз тарҷумаи таҳтуллафзӣ ва тарҷумаи озод меравад, ҳадаф дақиқии воҳиди тарҷума будааст [15]. Суол ин аст, ки чи воҳиде аз калом воҳиди тарҷума аст? Ба ифодаи дигар, ҳудуди интихоби муодил дар тарҷума куҷост? Масалан, донишмандони соҳа дар ин замина вожаи paper-ро коғаз тарҷума карда, афзудаанд: “Дарвоқеъ, мо дар ҷараёни тарҷума кулли paper-ро як воҳид ба ҳисоб меоварем ва ба аносири созандаи он таваҷҷуҳе надорем. Аз сӯйи дигар, ҳар гоҳ ба калимаи news бархӯрд кунем, онро “ахбор” тарҷума мекунем. Ҳолате низ вуҷуд дорад, ки news ва paper канори

ҳам меоянд ва newspaper-ро ташкил медиҳанд. Дар ҳолати қабл воҳиди тарҷумаи мо paper ва news буданд. Аммо дар ин ҷо воҳиди тарҷума тағйир мекунад ва дар воқеъ густариш меёбад. Дар ин ҷо мо дигар наметавонем newspaper-ро ба “коғази ахбор” тарҷума кунем (коре, ки монанди он дар тарҷумаи имрӯзи мо фаровон аст - шарҳи мо). Зеро воҳиди тарҷума дар ин ҷо вожаи newspaper аст, на news ва paper” [14, с.49].

Ҳасан Ирфон аз зумраи мутарҷимонест, ки дар тарҷумаҳояш аз нақшҳои чаҳоргонаи забон ва воҳиди тарҷума бо камоли дақиқназарӣ ва ҳунармандона истифода карда, “тарҷумаи реалистӣ”- ро ба вуҷуд овардааст, ки дар ин ҷо истилоҳи тарҷумаи реалистӣ “маънии қаробати ҳаддалимкони матни тарҷума ба нусхаи асл, ба ифодаву тасвири он воқеияте, ки дар нусхаи асл мавҷуд аст”- ро ифода мекунад [17; 8; 7, с.119]. Ин истилоҳ, ки маънии тарҷумаи амин ва пуразишро дорад, аз тарафи бисёре аз назариётчиёни тарҷумаи бадеӣ, аз ҷумла Гиви Гачечиладзе дастгириву асоснок карда шудааст [3, с.112-243; 19]. Моҳият ва вазифаи асосии тарҷумаи бадеиро И.А. Кашкин низ дар он дидааст, ки сухани дар тарҷума истифодашуда бояд воқеияти тасвиршударо вобаста ба шароити конкрети таърихии он муҷассам карда тавонад, матни муаллифи нусхаи аслро таҳриф накунад, ба мазмуни нусхаи асл халал наорад [10, с.466-475].

Зимнан бояд гуфт, ки усулҳои тарҷумаи реалистӣ дар адабиёти тоҷик маҳз дар давраи шӯравӣ ба вуҷуд омада ва ташаккул ёфтанд. Ин равиш, бешубҳа, ба ташаккули усулҳои эҷодии мутарҷимон ва муайян шудани тамоюлҳои асосии инкишофи тарҷума, хусусан дар марҳалаҳои аввал нақши равшан гузоштааст. Ин ҳолат дар мисоли аввалин тарҷумаҳо аз адабиёти рус, ки ба охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ мансубанд, ба таври возеҳ дида мешаванд [8]. Аломатҳои муҳимми ин тарҷумаҳо аз он иборат аст, ки онҳо хусусияти интихобиву мутобиқатӣ дошта, аз оғоз аз адабиёти рус асарҳои нависандагоне интихоб мешуданд, ки ба руҳи замон, хостҳои идеологӣ ва руҳияи адабиёту адибони тоҷик мувофиқ будаанд.

Ҳамчунон ки Л.Н. Демидчик гуфтааст, “Охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ давраи бедоршавии тафаккури озодихоҳӣ буд ва нависандагоне, ки бо ҳаракати маорифпарварӣ алоқа доштанд, аз адабиёти рус барои ғояҳои озодипарастӣ ва руҳияи демократии худ муттако мечустанд” [7, с.119]. Ба ин далел, ба осори нависандагони рус, аз ҷумла М. Горкий, Салтиков-Шедрин, А.И. Куприн ва дигарон мурочиат кардани Ҳасан Ирфон асоси воқеӣ ва иҷтимоӣ дошта, зери таъсири идеологияи расмии замон сурат гирифтааст. Дар ибтидо аз эҷодиёти ин нависандагон низ асарҳое интихоб ва тарҷума карда мешуданд, ки моҳияти иҷтимоӣ дошта, маводи зиёди маърифатиро фаро гирифта буданд. Баъдтар, яъне аз солҳои сиюм сар карда, барои тарҷума на танҳо асарҳое интихоб мешуданд, ки ба завқи бадеиву зебоишиносии тоҷикон мувофиқ буданд, балки, ба андешаи Ҳ. Шодиқулов, осори дигаре низ тарҷума мешуданд, ки хонандаи тоҷикро бо комёбиҳои халқҳо ва замонҳои гуногун ошно намуда [18], ба онҳо уфуқҳои беканори адабиёти ҷаҳонро боз менамуданд.

Ба ин тартиб, Ҳасан Ирфон яке аз аввалинҳое буд, ки дар шаклгирӣ ва пешрафти равишҳои тарҷумаи тоҷикӣ саҳм гузошт ва осори арзишманди адабиёти ҷаҳонро ба забони тоҷикӣ баргардонд. Чунонки ишора шуд, таҷрибаи тарҷумонии ӯ дар истифодаи огоҳона аз нақшҳои чаҳоргонаи забон ва воҳиди тарҷума нодир буда, мутаассифона, то ҳол ба дараҷае, ки лозим аст, таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст. Ҳоло дар ин мақола мо баъзе паҳлуҳои ҳунари тарҷумонии ӯро дар корбурди нақшҳои чаҳоргона ва воҳиди тарҷума мухтасаран аз назар мегузаронем.

Зимнан бояд гуфт, ки таҷрибаи тарҷумонии Ҳасан Ирфон танҳо бо нақшҳои чаҳоргона маҳдуд намешавад, балки дар ин замина вай ба масъалаҳои шеваи баён ва тарзи ифодаи фикр бо ёрии воситаҳои тасвир низ аҳамияту эътибори хос додааст, ки аҳамияти ҳунарӣ дорад. Ҳамчунин дар таҷрибаи ӯ тарҷумаи ҳунармандонаи муколамаи шахсиятҳо низ муҳим ба назар мерасад. Масалан, аз мақоисаи саҳнаи гуфтугӯи шахсиятҳо дар повести М. Горкий “Бачагӣ” ба хулоса омадем, ки мутарҷим ҳангоми тарҷума ба мавқеи иҷтимоӣ, савияи дониш, касбу кор, шароити зиндагии шахсиятҳо эътибор дода, сухани онҳоро дар алоқамандӣ бо савияву мавқеияти ахлоқию иҷтимоиашон тарҷума кардааст ва тарзи сухангӯии ҳар кадоме фарохӯри ҳолашон анҷом гирифтааст. Мутарҷим ин тарзи тарҷумаро ҳангоми баргардони повести А.И. Куприн “Ҷанги тан ба тан” низ ҳунармандона истифода карда, “барои он ки матни асл таҳриф нашавад, аз воқеият кор

гирифтааст” [2, с.453]. Ин повестро А.И. Куприн шаст сол пеш аз тарҷумаи Ҳасан Ирфон эҷод карда, нависанда дар он бо образҳои зинда, лавҳаҳои табиӣ низоми мурдаистодаи армияи подшоҳии русро тасвир кардааст. “Ҷанги тан ба тан” ҳуҷҷатест, ки хонанда ба воситаи он низоми рӯ ба инқирози армияи рус ва ахлоқи касбии офитсеронро, ки ҳама вақт дар тарсу ваҳм ва шикастхӯрӣ буданд, ба таври равшан мефаҳмад. Неруи бузург ва мондагори ин асар дар он аст, ки нависанда воқеа ва образҳоро бо чашми худ дида, воқеъбинона ба тасвир кашидааст [9]. Мутарҷим ҳамин хусусияти асарро ба эътибор гирифта, дар тарҷума воқеияти тасвирро комилан ҳифз кардааст, ки аз имтиёзоти ҳунари ӯст. Масалан, пораи зер на фақат нақши иттилоъдиҳандагӣ дорад, балки муколамаи шахсиятҳо ҷавҳари инсонии онҳоро ошкор карда, тарҷумон дар поёни саҳифа маънии калимаҳои истилоҳии барои хонандаи тоҷик номафҳумро низ шарҳ додааст, ки ба навҳе ҳифзи амонат дар матни тоҷикӣ аст.

Матни русӣ:“-Свинство,-сказал Веткин, взглянув на свои мельхиоровые часы и сердито щелкнув крышкой.-Какого черта он держит до сих пор роту? Эфиоп!

-А вы бы ему это объяснили, Павел Павлыч, - посоветовал с хитрым лицом Лбов.

-Черта с два. Подите объясняете сами. Главное-что. Главное-ведь это все напрасно. Всегда они перед смотрами горячку порют. И всегда переборщат. Задергают солдата, замучат, затуркают, а на смотру он будет стоять, как пень. Знаете известный случай, как два родных командира поспорили, чей солдат больше съест хлеба? Выбрали они оба жесточайших обжор. Пари было большое-что-то около ста рублей. Вот один солдат съел семь фунтов и отвалился, больше не может. Ротный сейчас на фельдфебеля: “Ты что же, такой, разэтакий, подвел меня?” А фельдфебель только глазами лупает: “Так что не могу знать, вашескородие, что с ими случилось. Утром делали репетицию-восемь фунтов стрескал в один присест...” Так вот и наши... Репетят без толку, а на смотру сядут в калошу” [11, с.4].

Тарҷума: “-Харигарист, - назаре ба соати мелхиориаш (мелхиор-хӯлаи мису никел. - Шарҳи мутарҷим) афканда гуфт Веткин ва сарпӯши онро оташинона шилиққас занонда баст. - Чӣ бало зад ӯро, ки ротаро то ин вақт нигоҳ медорад? Барзангӣ!

-Шумо ӯро ба ин кораш мултафит мекардед, Павел Павлич,-бо афти маккорона ба вай маслиҳат дод Лбов.

-Бало ба пасаш. Худатон рафта ба вай фаҳмонед. Мақсад чист? Мақсади ман ин аст, ки ҳамаи ин оворагиҳо беҳуда аст. Ҳамеша онҳо пеш аз ҳар як муоинаи калонҳо телба-телба машқ мегузаронанд ва ҳамеша ин корро аз ҳаддаш зиёд мебаранд. Сарбозро заҳмат ва машаққат медиҳанд, телба-сарсон мекунанд, аз ин рӯ, вай қолиби беҷон барин шах шуда мемонад. Оё шумо ҳодисаи машҳуреро дар хотир доред, ки ду фармондеҳи рота бо ҳам гарав мебанданд: сарбози кӣ бештар нон хӯрда метавонад? Ҳар дуи онҳо пурхӯртарин сарбози худро пешниҳод мекунанд. Гаравашон калон, ба назарам, қариб ба сад сум будааст. Яке аз ин сарбозон ҳафт қадоқ (қадоқ-409. ½. - Шарҳи мутарҷим) нонро хӯрда, ба як сӯ ғалтидааст, зиёда аз ин хӯрда наметавонад. Фармондеҳи рота рӯ ба рӯ ба фелдфебелаш карда бо сарзаниш мегӯяд: “Ту, фалон-фалон шуда, чаро ин тавр маро мулзам кардӣ?” Фелдфебел (фелдфебел-калонтари нимофитсерон дар қушунҳои буржуазӣ, ноиби фармондеҳи рота аз ҷиҳати таъйинот. - Шарҳи мутарҷим) бошад, фақат чашмонашро калон кушода, ҳайрон меистад: “Ҳеҷ сарфаҳми ин кор нарафта мондам, рафъатпаноҳам, намедонам ба вай чӣ рӯй додааст. Пагоҳӣ озмуда дидам, ҳафт қадоқро дар як нишаст зада хест...”. Сарбозони мо ҳам ҳамин тавр... Баръабас машқ мекунанду дар ҷояш шарманда мешаванд” [12, с.5-6].

Пораи иқтибосшуда гувоҳи он аст, ки Ҳасан Ирфон дар тарҷума ба ҳифзи махсусиятҳои фарҳанги русӣ, ки дар осори Куприн, бахусус повести ёдшуда мавқеи хос доранд, эътибор дода, ба ин васила ғановати таърихии маънавиёти русиро ба хонандаи тоҷик нишон додааст. Дар маҷмуъ, муҳаққиқон тарҷумаи повести “Ҷанги тан ба тан”-ро “кори саҳл” [9] надонистаанд. Ба ин далел, ки ин повест асарест, ки воқеаҳо вобаста ба руҳия ва психологияи қаҳрамонон кушода мешаванд. Забони ҳамаи персонажҳо ба таври пурра типӣ ва фардӣ кунонида шудаанд. Дар он аз ганҷинаи ғании забони русӣ ба таври фаровон зарбулмасалу мақолҳо, ибораҳои рехта, идиома ва фразеология, ибораҳои маҷозӣ, ташбеҳу истиораҳои нав, ибораҳо ва таркибҳои феълӣ ва ғайра истифода шудаанд. Ҳасан Ирфон унсурҳои ёдшударо на фақат дақиқ ва ҳунармандона тарҷума

кардааст, балки ҳангоми тарҷума руҳияи шахсиятҳои асарро ба эътибор гирифта, истилоҳоти соҳавиро низ мутобиқи талаботи забони адабии имрӯзаи тоҷик баргардон намудааст.

Дар ин маврид лозим аст доир ба зарурати ҳифзи калимаҳои забони мабдаъ (русӣ) дар забони мақсад (тоҷикӣ) чанд нуктаро баён кунем. Ин ҷо гуфтан лозим аст, ки муҳаққиқон зери вожаҳо ва истилоҳоти воқеӣ (реалияҳо) ду гурӯҳи ҷудогонаро мушаххас сохтаанд: 1) калимаҳое, ки дар шарҳи воқеият то андозае ба хонанда шинос ҳастанд (монанди ҷунгли, казачок, рубл, фунт, аршин ва ғайра) ва 2) вожаҳои воқеие, ки барои хонанда номафҳум буда, агар тарҷумон натавонад ба онҳо маънии муносиб диҳад, метавонанд диққати хонандаро ҷалб кунанд, ҳамчунон ки дар пораи иқтибосшуда аз назар гузашт.

Донишмандони соҳа “то ба хонанда расонидани маънии вожаҳои навро масъалаи техникӣ” наҳисобидаанд, зеро “ба кадом тарз тарҷумон моҳияти вожаҳои ношиносро ба хонанда мерасонад, ба дарки матни асл ва дараҷаи таъсири он ба хонанда вобаста мебошад” [2, с.454-455]. Дар ин замина Ҳасан Ирфон асосан ба шарҳи калимаҳо дар поёни саҳифа қаноат кардааст, ки ҳам амонати нависанда ҳифз шудааст, ҳам хонанда ба ин васила аз маънии аслии калима огоҳ мешавад. Ин усули тарҷума дар аксари тарҷумаҳое, ки мутарҷим ба воситаи забони русӣ аз адабиёти ҷаҳон анҷом додааст, ба мушоҳида мерасад.

Ҳасан Ирфон дар таҷрибаи тарҷумониаш аз нақши отифӣ ё худ зовияи диди дарунӣ низ ҳунармандона истифода кардааст. Дар ин тарзи тасвир “нависанда аз зовияи диди аввалшахс кумак мегирад ва шахсияти аслӣ достонро нақл мекунад, ки воқеаро то ҳудуде қобили пазириш ҷилва диҳад; чун вақте достон аз забони касе нақл мешавад, ки худ низ дар моҷарои он саҳми умдаро доштааст, хонанда бештар омодаи пазириши он мешавад” [13, с.242]. Тарҷумаи намунаи ин гуна осор низ омодагии хосси касбиро тақозо мекунад. Намунаи муваффақ ва маъруфи ин гуна тарҷумаҳои Ҳасан Ирфон сегонаи М. Горкий “Бачагӣ”, “Дарбадарӣ”, “Университетҳои ман” ва асари Собит Муқанов “Мактаби ҳаёт” мебошад.

Дар сегонаи Горкий достон аз забони шахсияти аслӣ дар зовияи диди шахси аввал нақл шудааст. Шахсияти аслӣ - Пешков воқеиятҳои аз сар гузарондааш, робитаҳояш бо муҳиту одамон ва хотираҳоеро, ки аз зиндагии пуршебу фароз дорад, бозгӯ мекунад. Дар ин тарзи нигориш мухотаб ҳеҷ нақше надорад. Ҳасан Ирфон дар тарҷумаи тоҷикӣ ҳамин хусусияти асарро ба назар гирифта, бо риояти қонуниятҳои зовияи диди шахси аввал асари нависандаи русро ба тоҷикӣ гардондааст, ки дар он зовияи дид ва воҳидҳои тарҷума моҳияти механикӣ надошта, бо хусусияти шиноварию пӯёии худ аз бофте ба бофти дигар тағйир ва такмил ёфтаанд. Зайли намуна аз матни аслӣ ва тарҷума ду пораро иқтибос мекунем.

Матни аслӣ: “Меня подавляет мать; ее слезы зажгли во мне новое, тревожное чувство. Я впервые вижу ее такою, - она была всегда строгая, говорила мало; она чистая, гладкая и большая, как лошадь; у нее жесткое тело и страшно сильные руки. А сейчас она вся как-то неприятно вспухла и растрепана, все на ней разорвалось; волосы, лежавшие на голове аккуратно, большою светлой шапкой, рассыпались по голому плечу, упали на лицо, а половина их, заплетенная в косу, болтается, задевая уснувшее отцово лицо. Я уже давно стою в комнате, но она ни разу не взглянула на меня.-причесывает отца и все рычит, захлебываясь слезами” [6, с.42].

Тарҷумаи тоҷикӣ: “Ман модарамро дида хафа шудам, гиря ва зории ӯ дар ман ҳисси нави ҳаяҷонноке бедор кард. Ман ӯро бори якум ингуна медидам,- ӯ ҳамеша ҷиддӣ буд ва кам гап мезад; ӯ покиза, софбадан ва монанди асп тануманд буд; пайкари сахт ва дастони бисёр боқувват дошт. Лекин ҳозир тамоми сару рӯйи ӯ варам карда, мӯйҳояш жӯлида, бисёр бадафт шуда буд ва либосҳояш дарида буданд; ба ҷойи гесувони тофтаву бофтаи зебои ӯ ҳоло дастае аз мӯйҳояш бетартиб ба китф ва рӯяш рехта, дастаи нимбофтаи дигараш рӯйи хобрафтаи падармро меруфт. Ман хеле вақт дар хона рост истодам, вале ӯ як бор ҳам ба ман нигоҳ накарда, пайваста ба мӯйҳои падарам шона мезад, гиряву зорӣ мекард ва гиря гулӯяшро мегирифт” [4, с.5].

Муқоисаи ин ду пора нишон медиҳад, ки мутарҷим дар тарҷума зовияи дид ва ҳифзи фардияти гуфтори шахси аввали повести “Бачагӣ”-и Горкий ва воҳидҳои тарҷумаро бо

камоли аминӣ нигоҳ доштааст. Муодили тарҷумаи тоҷикӣ баробари ҷамъи механикии матни русӣ набуда, вожаҳову иборот ва ҷумлаҳои он низ ба таври табиӣ таркиб ёфтаанд. Мутарҷим барои баргардони саҳеҳ ва табиии матни русӣ ба забони мақсад аз реалияҳои мутаносуб бо матни аслӣ ҳунармандона истифода карда, дар матни аслӣ ва тарҷума шахсияти аслӣ, пеш аз ҳама, бо худаш сухан мегӯяд. Дар ин ҳол барои тарҷумон на сурат, балки ифодаи маънӣ ва ҳиссу ҳаяҷони шахсияти асар муҳим буда, ӯ тавонистааст дар тарҷума воҳидҳои табиӣ ва муодили саҳеҳи тоҷикиро ёбад ва дар мавқеаш ба кор гирад.

Таҷрибаи Ҳасан Ирфон муқобили ҳамагуна буквализми тарҷумаи механикӣ аст, ки “фақат шакли зоҳирӣ, мувофиқати зоҳириро ба назар гирифта, фикр, маъно, мазмуни асарро соқит мекунад”. Дар идомаи ин фикр мутарҷими номӣ Ҳабиб Аҳрорӣ фармудааст, ки “Тарҷумаи механикӣ, резабозии таҳтуллафзӣ ба матн кӯркӯрона пайравӣ мекунад, аз пайи мувофиқати зоҳирӣ афтода, чизи асосӣ - моҳияти асар, яъне фикри асарро, ки бо сухан ва образҳо ифода меёбад, фаромӯш карда, аз асли асар нуқта ба нуқта нусха мебардорад. Ҳар як калимаи алоҳидаро ба сари худ, бе вобастагии мантиқӣ гирифта тарҷума кардан мехоҳад ва ё бо сохтакориҳои осони бемаънӣ мазмунро қурбони ҳуққабозиҳои формалистӣ мекунад. Аз пайи мувофиқати зоҳирӣ афтода, ҳар як калимаи алоҳидаро аз контекст-қарина ҷудо карда гирифта тарҷума кардан хилофи принсипи тарҷума аст” [1, с.119].

Ҳасан Ирфон аз оғоз нақшҳои чаҳоргонаи забон ва воҳидҳои тарҷумаро ҳунармандона корбаст карда, на фақат муқобили ҳамагуна тарҷумаи ҳарф ба ҳарф будааст, балки шаклу мундариҷаи асари тарҷумакардаашро ба воситаи “мушаххасоти миллии нусхаи асл” низ такмил бахшидааст, ки ҳадафҳои меҳварӣ ва усулии фаъолияти ӯ дар кори тарҷумаи осори адабиёти ҷаҳон аст. Таҷрибаи ӯ собит месозад, ки дар вақти тарҷума забон дигар шавад ҳам, сохтори бадеӣ бо ёрии воситаҳои нави забонӣ такмил меёбад. Ба ифодаи Г. Гачечиладзе “Тарҷума ин азнавсозии нусхаи асл дар ягонагии шакл ва мундариҷа ба василаи маводи нави забонист, ки ин дар маҷмуъ, инъикоси воқеияти бадеии нусхаи асл аст; барои ҳамин ҳам дар вай мушаххасоти миллии эҷодиёти мутарҷим, ки на фақат дар аломатҳои забонӣ, балки дар низоми унсурҳои муҳимми бадеӣ низ ифода мешавад, зоҳир мегардад” [3, с.147].

Ба ин далел, воҳиди тарҷума ҳамеша маънидор буда, бо фарогирии мушаххасоти миллии забони мабдаъ ва забони мақсад корбаст мешавад. Ба эътибор нагирифтани моҳияти маъноии воҳиди тарҷума мутарҷимро ба ғалатҳои фоҳише рӯбарӯ месозад, ки намунаҳояш дар фаъолияти мутарҷимони тоҷик зиёд мебошад. Масалан, номи ҳикояи А.П. Чехов “Попрыгунья”- ро “Занаки ҳаллосӣ” тарҷума кардани тарҷумоне намунаи ҳамин гуна бесалоҳиятӣ мебошад. Бедиққатӣ дар ин замина ба ҷое расида, ки мутарҷиме “номи повести Л.Н. Толстой “Люцерн”- ро “Юнучқа” тарҷума кардааст, “ҳол он ки Люцерн номи шаҳрест дар Швейтсария”. Дар ин замина дар баъзе тарҷумаҳои Ҳасан Ирфон низ саҳвҳое ба назар мерасад, ки сабаби аслиаш моҳияти воҳиди тарҷумаро ба эътибор нагирифтани мутарҷим аст [16]. Ин ҳодиса омили аслии ба вуҷуд омадани тарҷумаи таҳтуллафзӣ ва таҳрифи маънии аслии матн низ гардидааст. Чунончи, Ҳасан Ирфон матни русии “А ты все-таки потревожил Варину-то домовину”- ро ба ин шакл тарҷума кардааст, ки таҳрифи матни аслӣ аст: “Модаркалон ба қаровул (қаровули қабристон) пул дода, коҳишкунон гуфт: “Коре карда, ту боз хонаи Варяро накофта намондӣ?” (5, с.122). Ин саҳви ҷиддӣ дар таҳрири соли 1976 (муҳаррир Раҳим Ҳошим) ба тариқи зер ислоҳ шудааст: “Бибем ба қаровул пул дода, коҳишкунон гуфт: Коре карда, ту боз тобути Варяро аз ҷояш наҷунбондӣ?” [6, с.120].

Ҳодисаи ба ҳисоб нагирифтани нақшҳои чаҳоргонаи забон ва воҳиди тарҷума дар таҷрибаи тарҷумонии мутарҷимони мо зиёд ба назар мерасад. Масалан, дар мисоли зер аз асари М. Лермонтов “Бела” (1941), ки тарҷумонаш зикр нашудааст, нақши зебоишинохтии забон ва воҳиди тарҷума ба ҳисоб гирифта нашудааст.

Матни русӣ: “Казбич, будто кошка, прыгнул из за куста, прыг с зади его на лошадь схватил поводья-и был таков” [1, с.116].

Тарҷумаи тоҷикӣ: “Казбич гурбавор аз паси бутта баромада, аз паси ӯ ба асп ҷаҳидааст ва бо зарбаи ханҷар ӯро аз асп ғалтонида, ҷилавро ба даст гирифтааст - ӯ ҳаминкора буд” [1, с.116].

Дар ин тарҷума мутарҷим аввалан нақши зебоишинохтии забонро ба эътибор нагирифтааст, ки сабаби анбориш дар матни тарҷума гардидааст, дигар ин ки маънии воҳиди тарҷума - “И был таков”- ро, ки идиома-ибораи маҷозӣ буда, “маъноях зуд аз назар ғоиб шудан, зуд гурехта рафтан аст” тарҷумон нафаҳмида онро таҳтуллафзӣ баргардонидааст, ки риоя нашудани амонат аз тарафи мутарҷим мебошад. Ҳамин гуна саҳв дар баъзе параҳои тарҷумаи “Дарбадарӣ”- и М. Горкий низ ба назар мерасад, ки Ҳасан Ирфон анҷом додааст. Чунончӣ, матни русии “В те годы я был наполнен стихами бабушки, как улей с мёдом” ба тоҷикӣ чунин тарҷума шудааст: “Дар он солҳо ман хонаи занбӯри асал барин пур аз ғазалҳои модаркалонам будам” [1, с.116]. Дар ин пора мутарҷим нақшҳои отифӣ, зебоишиносӣ ва воҳиди тарҷумаро ба эътибор нагирифта, матнро таҳтуллафзӣ ба тоҷикӣ баргардон намудааст. Фақат дар таҳрири соли 1976 ин ҷумла ба тариқи зайл ислоҳ ва маънии он аниқ ва образнок ифода шуда, нақши зебоишиносӣ ва воҳиди тарҷума ба эътибор гирифта шудааст: “Хонаи занбӯри асал чӣ хеле ки аз асал пур бошад, дили ман ҳам дар ин солҳо бо шеърҳои бибем пур буд” [1, с.116].

Ин чанд саҳви ночизе, ки зикр шуд, ҳеҷ вақт ҳадафи озурдани руҳи шодравон Ҳасан Ирфонро надорад, балки дар таъкиди душворӣ ва масъулиятнокии ин касб аст, ки худи ӯ ҷонсупори он будааст. Дар асл тарҷумаи бадеӣ барои ин марди ҳунар яке аз шаклҳои санъати бадеӣ буда, дар тули фаъолияти тарҷумониаш ба он фақат муносибати эҷодкорона ва ҳунармандона доштааст, ки мақоми ӯро ҳамчун тарҷумони раҳкушо таъйид менамояд.

Муқарриз: ***Ҷӯраев Х.А.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсент ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳрорӣ, Ҳ. Суҳбат аз санъати тарҷума / Ҳ. Аҳрорӣ // Садои Шарқ, 1984. - №5. - С.115-128.
2. Влахов, С. Непереводимое в переводе / С. Влахов, С. Флорин // Мастерство перевода. Сборник статей 1969. - Москва: Советский писатель, 1970. - С.432-456.
3. Гачечиладзе, Г. Художественный перевод и литературние взаимосвязи / Г. Гачечиладзе. - Москва: Советский писатель, 1980. – 255 с.
4. Горкий, М. Бачагӣ / М. Горкий. – Сталинобод: Нашриёти давлатти Тоҷикистон, 1951. – 274 с.
5. Горкий, М. Бачагӣ. Дарбадарӣ. Университетҳои ман / М. Горкий. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 734 с.
6. Горкий, М. Избранное / М. Горкий. – Москва: Детское литература, 1982. – 686 с.
7. Демидчик, Л. Н. Таҳаввули тарҷумаи реалистӣ дар адабиёти тоҷик / Л.Н. Демидчик // Садои Шарқ, 1985. – № 10. – С.118-125.
8. Демидчик, Л. Аз сухан ба амал гузарем / Л. Демидчик // Маданияти Тоҷикистон, 1981. – 30-юми октябр.
9. Ёров, Р. Ҷанги тан ба тан / Р. Ёров, Р. Қайум // Маориф ва маданият. – 1964. – 9 – уми июн.
10. Кашкин, И. Для читателя-современника / И. Кашкин. – Москва: Советский писател, 1968. – С.435-550.
11. Куприн, А.И. Поединок. Расскази / А.И. Куприн. - Якутск: Кн. из-во, 1987. - 376 с.
12. Куприн, А.И. Ҷанги тан ба тан / А.И. Куприн. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 319 с.
13. Мирсодиқӣ, Ҷ. Аносири наср / Ҷ. Мирсодиқӣ. – Теҳрон: Интишороти Шифо, 1367. – 499 с.
14. Сулҳҷӯ, А. Баҳсе дар мабнои тарҷума / А. Сулҳҷӯ // Нашри дониш, соли 5, шумораи 1 (озар ва дайи 1363). – С.37-53.
15. Холмуҳаммад, Н. Кушоиши кор / Н. Холмуҳаммад // Маданияти Тоҷикистон, 1981. – 21 – уми август.
16. Холмуҳаммадов, Н. Як ҳикмати тарҷума / Н. Холмуҳаммадов // Садои Шарқ, 1983. – № 5. – С.115-120.
17. Ҳошим, Р. Масъулиятшиносӣ / Р. Ҳошим // Маданияти Тоҷикистон, 1981. – 28-уми август.
18. Шодиқулов, Ҳ. Тарҷума чӣ тавр бояд шавад? Мусоҳиба бо Ш. Шараф / Ҳ. Шодиқулов // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 14 – уми август.
19. Шукуров, М. Тарҷумаи бадеӣ дар марҳилаи имрӯза / М. Шукуров // Садои Шарқ, 1983. – №10. – С.114-122.

МУТАРҶИМЕ ДАР МАҚОМИ РОҲКУШО

Дар мақола масъалаи тарз ва равишҳои корбурди нақшҳои чаҳоргонаи забон, аз ҷумла отифӣ, зебоишинохтӣ, суҳбаткушоӣ ва воҳиди тарҷума бо таҳлилу нақди баъзе осори тарҷумавии Ҳасан Ирфон аз адабиёти ҷаҳон мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифта, дар ин замина ҷустуҷӯҳо, дарёфтҳо ва заъфи дар фаъолияти ӯ ба мушоҳида расида ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқ ва таҳлили муқоисавӣ муаллиф ба ин натиҷа расид, ки Ҳасан Ирфон ба ҳангоми баргардондани матн аз забони русӣ ба тоҷикӣ нақшҳои чаҳоргона ва воҳиди тарҷумаро огоҳона ва ҳунармандона корбаст карда, бо ин ҳунар, аввалан садоқаташро ба зебоии ҳунари муаллифи нусхаи асл нишон додааст, сониян ҳамчун амонатнигаҳдор сабки нависандаро аз оғоз то ба охир ҳифз намудааст, ки далели ҳунар ва садоқати ӯ ба усулҳои тарҷумаи амин аст.

Калидвожаҳо: тарҷума, нақш, чаҳоргона, забон, воҳид, санъат, бадеӣ, эҷод, ҳунар, иттилоъдиҳандагӣ, отифӣ, зебоишинохтӣ, суҳбаткушоӣ, иртиботӣ, интихобӣ, мутобиқатӣ, амонат, амин, зовия, дид, таҳтуллафзӣ, мушаххасот, миллӣ ва ғайра.

ПЕРЕВОДЧИК В РОЛИ ОТКРЫВАТЕЛЯ

В статье исследуются методы и подходы к использованию четырех ролей языка, включая эмоциональные, эстетические, разговорные и переводческие единицы, а также дается анализ некоторых переводных произведений Хасана Ирфана из мировой литературы. В результате сравнительного исследования и анализа автор пришел к выводу, что Хасан Ирфон при переводе текста с русского на таджикский сознательно и художественно использовал четыре роли и единицы перевода, тем самым продемонстрировал свою приверженность красоте оригинала и свое искусство. Автор статьи показывает вклад переводчика в использование упомянутых единиц. Хасан Ирфон как переводчик, правильно оценивая вклад каждой лингвистической единицы перевода в тексте, выбирал правильный подход, и это один из факторов, благодаря которым его переведенные работы сохранились в течение длительного времени. Вопросы, затронутые в статье, анализируются и подробно обсуждаются на основе переводов Хасана Ирфона.

Ключевые слова: переводчик, Хасан Ирфон, талант, искусство, верность, стиль, надежность, писатель, практика.

TRANSLATOR IN THE ROLE OF OPENER

The article examines methods and approaches to using the four roles of language, including emotional, aesthetic, colloquial and translation units, with an analysis of some of Hasan Irfan's translated works from world literature. As a result of a comparative study and analysis, the author came to the conclusion that Hasan Irfon, when translating a text from Russian into Tajik, deliberately and artistically used four roles and a translation unit, thereby demonstrating his adherence to the beauty of the original. The author of the article shows the contribution of the translator to the use of the mentioned, that Hasan Irfon as a translator correctly estimates the contribution of each linguistic role and natural unit of translation in the text. recognized and took the right approach, and this is one of the factors that have kept his translated works preserved over time. The issues raised in the article are analyzed and discussed in detail based on the experience of translation by Hasan Irfon.

Key words: translator, Hasan Irfon, artistic talent, loyalty, style, reliability, writer, practice.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Боронов Умедчон Ҳучамуродович*** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, муаллими калони кафедраи назария ва стилистикаи тарҷума. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 121. Тел.: **(+992) 901-03-00-25**

Сведение об авторе: ***Боронов Умедчон Хучамуродович*** - Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, старший преподователь кафедры теория перевода и стилистика. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. Тел.: **(+992) 901-03-00-25**

Information about the author: ***Boronov Umedchon Huchamurodovich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, senior Lecturer of the Department of Translation Theory and Stylistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. Tel.: **(+992) 901-03-00-25**

УДК: 821.222.8.09

ИСТИФОДАИ МАНОБЕИ ТАЪРИХӢ ДАР РОМАНҲОИ ТАЪРИХИИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

(дар мисоли романи Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин “Озар аз Уструшан ё худ шамшери Спартак”)

Абдуллоҷонова М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Мусаллам аст, ки бидуни омӯзиши ҳуҷҷатҳои таърихӣ романи таърихӣ таълиф нахоҳад шуд, зеро асоси ин гуна асари бузурги ҳамосавӣ аз ҳуҷҷат ва санадҳои арзишнок иборат аст. Нависандагон аз байни маводи сершумори таърихӣ муҳимтаринашро интихоб намуда, вобаста ба даврaҳои гуногуни таърихӣ аксаран барои таълифи асар ба сарчашмаҳои таърихии ба забонҳои гуногун иншо гардида муроҷиат мекунанд.

Бархе аз нависандагон, дар пешгуфтори роман ё дар охири он, дар феҳристи “Сарчашмаю адабиёт” номгӯи маохизи мавриди истифодаашонро зикр мекунанд. Масалан, Бароти Абдурраҳмон дар феҳристи “Сарчашмаю адабиёт”-и романи “Куруши Кабир” 118 номгӯи китобу мақолаҳоро зикр кардааст. Сорбон низ дар охири романи “Достони писари Худо” номгӯи маохизи истифодабурдаашро овардааст.

Нависандагони дигар бошанд, умуман маохизу сарчашмаҳои мавриди истифодаашонро номбар намекунанд. Романи Муҳаммадзамони Солеҳ “Девори Хуросон” мисоли чунин асарҳост. Ҳарчанд ки муаллифи китоб бисёр асарҳои таърихӣ, аз ҷумла “Таърихи Бухоро”- и Наршахӣ, “Таърихи Байҳақӣ”, “Шарҳи таърихи Яминӣ”-и Манинӣ ва ғайраро истифода бурдааст [12, с.49].

Қисми сеюми нависандаҳо баъзе аз сарчашмаҳоро номбар мекунанд, баъзеи дигарашро бошад зикр наменамоянд. Романи “Озар аз Уструшан ё худ шамшери Спартак”-и Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин ба гурӯҳи сеюм дахл дорад.

Маъмулан, нависандагон сарчашмаҳоро бо се роҳ истифода мебаранд: яке бо тағйир корбаст кардани маводи таърихӣ; дуюм аз маълумоти гуногуни таърихӣ истифода бурдани ҳамон хабарест, ки ба ҳақиқат бештар рост меояд; сеюм, бо баъзе дигаргунӣ, мувофиқан ба ҳақиқати бадеӣ истифода кардани маълумоти манобеи таърихӣ.

Романи Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин “Озар аз Уструшан ё худ шамшери Спартак” дар бораи ҳаёти пур аз моҷароҳои аҷоибу ғароиби тоҷике аз Уструшан (Истаравшани ҳозира), ки дар давоми умраш ҳамагӣ чор бор ба асорату ғуломӣ гирифтор шуда, то ба Рим расида, дар шӯриши Спартак ширкат варзида ва пас аз саркӯб шудани исён ба сафи артиши Гай Юлий Сезар ворид гардида, сазовори шаҳрвандии империяи калонтарину пуриқтидортарини замонаш – империяи Рим шуда буд, нақл мекунад. Фаъолияти қаҳрамон дар давлатҳои Давон, Хитой, байни гуннҳо ва дар Рим аввал байни гладиаторҳо ва сипас дар лашкари Рим мегузарад. Чи тавре ки худи муаллифон гуфтаанд: “Дар ҷамъоварии маводи ин китоб мо асосан ба осори илмии И. Бичурин такя намудем” [13, с.6].

Никита Яковлевич Бичурин (1777-1853), ки таҳти номи роҳибии падар Иакинф бештар машҳур аст, яке аз дурахшонтарин намояндагони шарқшиносии руси қарни XIX мебошад. Ба қалами ӯ асари бунёдии “Маҷмуи маълумот дар бораи халқҳое, ки дар даврaҳои бостон сокини Осиёи Миёна буданд”, тааллуқ дорад [2]. Н Я. Бичурин яке аз ду муаррихонест, ки муаллифони роман номи ӯро ҳам дар пешгуфтор ва ҳам дар матни китоб зикр кардаанд. Масалан: “Муаррих ва этнографи машҳури асри XIX Иакинф Бичурин урфу одат ва муҳити зисти суғдиёнро тасвир намуда, чунин гуфта буд: “Онҳо чашмони чӯкида ва риши ғӯлӣ доранд, косиб ва тоҷири гузароянд... Занонро ҳурмат мекунанд. Ҳар чиро, ки зан хоҳад, мард ҳатман муҳайё мекунад” [2, с.27].

Муаллифон номи асари Бичуринро номбар накардаанд, вале ҳамин иқтибос дар китоби “Тоҷикон”- и Б. Ғафуров истинодан ба ҷилди дуюми асари мазкури Бичурин омадааст [5, с.181].

Дар бораи сарчашмаи дуюме, ки номи онро муаллифон дар асарашон зикр кардаанд, мо каме поёнтар изҳори ақида мекунем. Дар мавридҳои дигар муаллифон сарчашмаи мавриди истифодаашонро зикр намекунанд. Муқоисаи баъзе порчаҳои китоб бо асари

“Тоҷикон”- и Б. Ғафуров ва “Всемирная история” [7] нишон медиҳад, ки Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин ғайр аз асарҳои Н. Я. Бичурин ин китобҳоро низ пешорӯйи худ доштаанд. Масалан, маълумоти овардаи муаллифон дар бораи империяи Чин, давлати Давон, ҳуҷуми якуму дуюми чиниён ба Эрши дар фосилаи 10 сол, зидди гуннҳо тадбире андешида натавонистани чиниён ва ғайра [14, с.31-33] мухтасаран дар китоби “Тоҷикон”-и Б.Ғафуров [5, с.136-137] ва “Всемирная история” [7, с.510-512] омадааст. Аз ҷумла Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин дар бораи давлати Давон чунин маълумот овардаанд:

“Давлати Давон ба Чин ҳамчун мамлакати соҳиби токзорҳои аълодараҷа ба хубӣ маълум буд. Дар ин ҷо шаробҳои бисёрсола тайёр мекарданд, баъзе аз навъҳои он то сад сол дар таҳхонаҳо маҳфуз дошта мешуданд ва дар мамлакатҳое, ки ба туфайли Роҳи бузурги абрешим робитаҳои тиҷоратӣ доштанд, бо қимати баланд ба фурӯш мерафтанд. Ин гуна шаробҳо хосияти шифобахшӣ доштанд ва ҳамчун доруи қиматбаҳо чандқатрагӣ истифода бурда мешуданд. Давлати Давон ғайр аз шароб, боз як чизи нодир дошт, ки он барои чиниҳо дастнорас буд. Дар чаманзорҳои сералафи он аспҳое парвариш меёфтанд, ки дар тамоми Шарқ назир надоштанд. Ин аспҳо, ки арғумоқашон мегуфтанд, бо суръати бод метохтанд ва аз тири камонғулак пешдастӣ менамуданд. Дар бораи ин арғумоқҳо ҳар гуна афсонаҳо мавҷуд буданд, ки чиниҳо ба онҳо бовар мекарданд ва рост мепиндоштанд. “Аспҳои Давон чунон ҳам бодпоанд, ки гуфта мешуд дар афсонаҳо, аз девонавор давидан пӯсташон медарад ва арақи баданашон ба хун табдил меёбад” [14, с.32].

Ҳамин маълумот бо каме тағйири ибора дар “Тоҷикон”-и Б. Ғафуров омадааст [5, с.181].

Дар фасли 10-уми бахши аввал бори якум маош гирифтани ҳунармандони уструшанӣ Виркан ва Озар тасвир шудааст. Тасвири тангаи тиллоро дар роман бо тасвири чунин танга дар китоби “Тоҷикон”- и Б. Ғафуров муқоиса мекунем:

“Дар як сӯйи танга тасвири камонваре нақш ёфта буд, ки ба ҷанг омодагӣ мебинад ва ба забони юнонӣ номи шоҳ Антиоха навишта шудааст. Дар тарафи дигари танга як тарафи рӯйи ҳокими Фарғона шоҳ Мугуа акс ёфтааст” [14, с.45].

“Ғайр аз ин, дар Суғд (ва қисман дар Бохтар) дигар тангаҳо ҳам дар муомилот буданд. Тангаҳое, ки дар паси он сурати камонгар сабт шудааст, ҷолиби диққат мебошад; бо хатти юнонӣ номи шоҳи селевкиён Антиох навишта шудаасту вале дар рӯйи танга Антиох не, балки расми волии маҳаллӣ нақш ёфтааст” [8, с.175].

Лозим ба таъкид аст, ки дар иқтибоси боло аз китоби “Озар аз Уструшан ё худ шамшери Спартак” ба сабаби бедиққатию бесалоҳиятии тарҷумон ба ҷойи “Антиох” “Антиоха” шакли падежи родителнии русӣ омадааст.

Ҳамчунин тафсилоти аз ҷониби императори Чин Ван Ман нашр гардидани фармон дар бораи маҳдуд кардани ғуломдорӣ дар “Всемирная история” [4, с.516] зикр шудааст.

Дар романи “Озар аз Уструшан ё худ шамшери Спартак” қайд шудааст, ки баъди бори дуюм ба асорати чиниҳо афтодани қаҳрамон ӯ ба шӯриши ғуломон таҳти роҳбарии Фан Чун ҳамроҳ мешавад. Шӯриши ғуломон таҳти сарварии Фан Чун бо номи “Абрӯсурхон” маъруф буд. Сабаби чунин ном гирифтани шӯришро Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин чунин шарҳ медиҳанд:

“Доҳии халқ дастаи Сим Тсенро самимона пазироӣ кард, Озар аз он сахт дар ҳайрат монд, ки абрӯвони ҳамаи ғуломони шӯришгар сурх буд. Фан Чун фаҳмонд, ки ин корро мо дидаю дониста кардем, то ки дар задухӯрдҳо бо душманон одамон якдигарро шинохта тавонанд. “Абрӯсурхон” на як бору ду бор бо дастаҳои императорӣ даст ба гиребон шуда, онҳоро несту нобуд кардаанд” [14, с.145].

Дар китоби “Всемирная история” низ ҳамин шарҳ оварда шудааст: Дар ин шароит шӯриш ба таври стихиявӣ забона зад ва фавран қисми зиёди қаламравро фаро гирифт. Ба шӯриш заминдори қашшоқ Фан Чун роҳбарӣ мекард. Барои аз дигарон фарқ кардани ҷонибдорони худ Фан Ман фармон дод, то ҳама абрӯвонашонро сурх кунанд. Бинобар ин, ҳаракат номи “Абрӯсурхон”- ро гирифт [7, с.517].

Дар бораи иштироки Озар дар ин шӯриш як нуктаро гуфтан ҳатмист: Шӯриши Спартак солҳои 73-71 пеш аз милод ба вуқуъ пайвастааст. Исёни “Абрӯсурхон” бошад, солҳои 15-27 милодӣ, яъне тахминан 95 сол баъди шӯриши Спартак рух додааст [7, с.517-519]. Чунин ноҳамхонии таърихӣ ё чи тавре ки дар адабиётшиносӣ мегӯянд, “анахронизм”

умуман дар баъзе мавридҳо дар романҳои таърихӣ дучор мешаванд ва аз нуқсони ҷиддӣ ба шумор намеравад.

Мо дар боло дар бораи маохизи таърихие сухан рондем, ки нависандагони романи “Озар аз Уструшан ё худ шамшери Спартак” баъзан бо зикри ном ва аксаран бидуни зикри номи маъхаз аз онҳо истифода бурдаанд. Лекин романи Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин маҳз дар бобати истифодаи сарчашмаҳо аз ҳамаи дигар романҳои таърихии адабиёти муосири тоҷик як ҷиҳати фарқкунанда дорад.

Лозим ба таъкид аст, ки аз фасли 18-уми бахши дуюми китоб “Гладиатор” то ба охир вақоеи роман дар қаламрави Италия мегузарад. Сюжети роман бо сюжети китоби “Спартак”-и Раффаэлло Ҷованоли, аз ҳамин фасл то фасли 9-уми бахши сеюми китоб пайваст мешавад. Ва маҳз дар ҳамин қисми китоб муаллифон пурра сюжету фабулаи китоби “Спартак”-и Ҷованолиро пазируфта, бо маҳорати том қаҳрамониашонро ба вақоеи дар романи нависандаи италиявӣ тасвир шуда ворид сохтаанд.

Ба ибораи дигар, Озари Уструшанӣ дар он хатҳои сюжетии романи Ҷованоли [15], ки маҳсули тахайюли бадеии нависандаи нимаи дуюми қарни XIX Италия будани онҳо аниқу дақиқ аст, яъне ин воқеаҳо ҳақиқати таърихӣ надоштанд, фаъолона иштирок мекунад. Барои қаҳрамони худро ба батну матни вақоеи дар романи Ҷованоли тасвир шуда ворид сохтан, Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин маҷбур шудаанд, ба тафсири бадеии баъзе ҳодисаҳои романи ҳамтои итолиявии худ тағйирот дароранд, то ҳузури Озари Уструшанӣ дар ин ё он воқеа мантиқию табиӣ бошад. Ин амалро онҳо бо се роҳу усул анҷом додаанд.

Дар аввали мақола дар бораи ду сарчашмае, ки номи онҳоро Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин дар китобашон зикр кардаанд, сухан рафта буд. Сарчашмаи дуюме, ки исмаш дар роман омадааст, асари императори маъруфи Рим Гай Юлий Сезар (102 ё 100-44 пеш аз милод) “Ёддоштҳо дар бораи ҷанги Галлия” мебошад. Сезар волии Галлия буд ва солҳои 58-51 тамоми минтақаи Галлияи Моварои Алп (Заольпийская Галлия)-ро тобеи Рим гардонид [8, с.1479]. Албатта, худи Сезар ба маънои томаш муаррих ва асари ӯ низ солномаи таърихӣ нест. Ёддоштҳои ӯ, қайдҳои мураттаби Сезар дар бораи рафти забткории минтақаи Галлияи Моварои Алп мебошад ва табиист, ки ҷузъиёту тафсилоти он воқеаро дар бар гирифтааст.

Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин дар таълифи қисми сеюми китоб “Ёддоштҳо дар бораи ҷанги Галлия”-и Сезарро хеле хуб ба кор бурдаанд, ки дар ин бобат, аз як тараф, иқтибосҳои дар роман аз китоби императори Рим оварда ва аз ҷониби дигар, боварибахш тасвир шудани ҳодисаҳои таърихии забткориҳои Сезар шаҳодат медиҳанд.

Дар натиҷаи таҳлили романи “Озар аз Уструшан ё худ шамшери Спартак”-и Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин аз нуқтаи назари вижагиҳои истифодаи сарчашмаю маохиз ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

Муаллифони роман маводи фаровонеро андӯхтаю омӯхта, факту рақамҳо, ҳодисаю воқеаҳо ва маълумоти муаррихону олимони гузаштаю ҳозираро мутобиқи муддао ва ҳадафи худ мавриди истифода қарор додаанд.

Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин дар романи худ ду манбаи асосии китобашон осори илмии чиншиноси маъруфи рус Н. Я. Бичурин (Иакинф) ва “Ёддоштҳо дар бораи ҷанги Галлия”-и Гай Юлий Сезарро номбар ва аз онҳо иқтибосҳо овардаанд.

Ғайр аз асарҳои мазкур муаллифон боз як қатор осори илмию тадқиқотӣ, аз қабили “Тоҷикон”-и Б. Ғафуров, ҷилдҳои дахлдори “Таърихи умумиҷаҳонӣ” ва ғайраро пешорӯйи худ доштаанд, вале дар роман ба онҳо ишора нашудааст. Дар ин бобат муқоисаи матни роман бо асарҳои номбурда шаҳодат медиҳанд.

Колонка к дате – это своего рода отчет о событиях, произошедших в этот день, и читатели не должны быть замешаны в исследовании проблемы или события. И автор этой рукописи прибегает к рассказу очередной истории с участием его товарища, поддерживая тем самым беседу с читателями. «***У меня был приятель в юности. В 23 года он очень захотел жениться. Мы с друзьями с ног сбились, подыскивая ему пару. Дело в том, что он не обладал особыми талантами, умом и внешностью. А через год вдруг узнаем: приятель наш женится»*** [14].

Подводя итоги, можно с уверенностью сказать, что колумнистика – это одна из молодых жанров журналистики, где основой являются личностная связь автора и героя, где ирония и самоирония прослеживается практически во всех колонках. Но разница между ними в ощутимости эмоций автора, его связи и предрасположенности с читателями.

Исходя из анализа исследований российских и таджикских теоретиков и исследователей журналистики, а также отечественных и таджикских печатных изданий, на предмет активного размещения авторских материалов, автор статьи пришёл к такому выводу, что в отечественной (российской) журналистике наблюдается колоссальный прогресс как в сфере изученности данной темы, так и в сфере популяризации колонки на страницах газет и журналов.

А в таджикской журналистике данная тема мало изучена, такая же ситуация и в практической реализации колумнистики, так как за основу, автором были выбраны для анализа только русскоязычные издания Таджикистана. В процентном соотношении, итоги проведённых анализов составляют примерно 85% на 45% в пользу отечественных СМИ, процентные

соотношения не являются официальными данными, данные цифры были выведены на усмотрение автора статьи.

Рецензент: ***Муллоев Ш.*** - доктор филологических наук, РТСУ.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Журнал ВИП-зона. - Февраль 2010. - С. 48-49.
2. Журнал ВИП-зона. - Декабрь 2012 – январь 201. - С. 64.
3. Ким М.Н. Жанры современной журналистики / М.Н. Ким. – СПб.: Издательство Михайлова В. А., 2004. – 335 с.
4. Лазутина Г.В. Жанры журналистского творчества / Г.В. Лазутина, С.С. Распопова. - М., 2012.
5. Лазутина Г.В. Основы творческой деятельности журналиста. Учебник для ВУЗов / Г.В. Лазутина. – Москва, 2001.
6. Основы творческой деятельности журналиста. Учебник / Ред.-сост. С.Г. Корконосенко. – СПб., 2000. - 270 с.
7. Саенкова-Мельницкая Л.П. Авторская колонка о культуре: Жанровая специфика и функциональные особенности / Л.П. Саенкова-Мельницкая. - Институт журналистики БГУ, г. Минск, Республика Беларусь07. С.6.
8. Тепляшина А.Н. Жанры и формы комического в современной российской периодике / А.Н. Тепляшина. - СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та, 2006.
9. Тимченко И.С. Авторская колонка в современных СМИ / И.С. Тимченко. - СПБ., 2011.
10. Успенская С.С. Колумнистика: Проблемы жанровой идентификации / С.С. Успенская // Вестник ВГУ. Серия: Филология. Журналистика. - 2007.
11. Ярцева С.С. Колумнистика. История развития и перспективы развития. ВАК / С.С. Ярцева. - 2011.
12. Мавлонов Х.Д. Роль прессы ва начале 90-х в жизни общества / Х.Д. Мавлонов // Вестник ТНУ. Серия филологических наук. – Душанбе, 2021. - №2. - С.227-234.

Электронные ресурсы:

13. Александров Н. Колонка как не русский жанр / Н. Александров // Известия. - 2005. - 2 сентября. [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL:http://www.inauka.ru/culture/article56547.html
14. Алексеева Т. Как писать эссе / Т. Алексеева. [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL:http://www.gramma.ru/lit/?id=4.1T&phpsessid/=bb7efa3d
15. М.Иванов. «Любовь», газета «Невское время» / Иванов М. // (Невское время. 2009. 14 февр.): [Электронный ресурс] // Режим доступа: (URL:http://www.nvspb.ru/stories/lubov).
16. А. Петров. «Письмо «подарку Бога» / А. Петров // Газета «Невское время», 2009 [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL:http://www.nvspb.ru/stories/pismopodarkuboga
17. М.Соломатин. «Травить, чтоб не отравились» / Соломатин М. // Деловая сетевая газета «Взгляд». [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL:http://vzrutest2.goodoo.ru/columns/2011/3/3/473061.html

КЛАССИФИКАТСИЯИ СУТУНҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ ҲУДУДИ ОНҲО

Дар ин матлаб доир ба навъҳои сутунҳо дар нашрияҳои ватанӣ ва русизабони тоҷикӣ чанд мисол оварда шуда, марҳилаи ниҳоии мақолаи қаблӣ оид ба навъҳои матолиб аст. Дар ин ҷо муаллиф на танҳо дар бораи навъҳои колонка саволҳо мегузорад, балки як қатор маҳсулоти муаллифии матбуоти чопиро мисол меорад ва хусусиятҳои хоси ҳар як навъи маводи муаллифиро ба назар мегирад, зеро ин дигаргунсозиҳои сохтори намудхо андешахои мухаккиконро дар назарияи журналистика дар бораи колонкаҳо дар системаи жанрхои журналистика тагйир доданд. Ин мавзуъ ба далели он интихоб шудааст, ки таваҷҷуҳ ба калимаи ба таври субъективӣ ифодашуда дар жанрҳои дигари публитсистӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ин раванд дар даҳсолаи охир аз сабаби паҳншавии доимии жанрҳо, бо норавшан шудани сарҳади жанрҳо шиддат гирифт. Хусусияти фарккунандаи замони мо процесси конвергенция мебошад: жанрхо на танхо мемиранд ва ба дуньё меоянд, онхо бо хам ба таври органикӣ пайваст шуда, матнро бо унсурхои иловагии тахлил бой мегардонанд. Ҳамин тавр, масалан, мусоҳиба хусусиятҳои иншо, гузориш - унсурҳои мукотиба, шарҳ - хусусиятҳои мақоларо дар бар мегирад. Дар заминаи ин процессхо пайдо шудани рубрика дар сахифаи газета аломати объективии руз — бо навъҳои муҳими функционалии он: ҳам ҳамчун сарлавҳаи муаллифӣ ва ҳам ҳамчун жанри маҳсус ба назар мерасад. Таҳлили хусусиятҳои типологи дар асоси асарҳои илмии муҳаққиқони рус дар назарияи колонна ва муқоиса бо пажӯҳишҳои илмии назариячиён ва журналистони хориҷи сурат гирифта, ду шумораи маҳаллаи тоҷикии "VIP-Zone" низ барои таҳлили муқоисави интихоб шудааст.

Калидвожаҳо: матолиб, мақолаи муаллифӣ, сарлавҳаи таҳририӣ, низоми жанрҳои публитсистика, омилҳои жанрсозанда, вазифаҳои журналистика.

КЛАССИФИКАЦИЯ КОЛОНОК И ИХ СВОЕОБРАЗНЫЕ ОСОБЕННОСТИ

В данной статье приводится ряд примеров относительно разновидностей колонок в отечественных и русскоязычных таджикских печатных изданиях, и она является заключительным этапом предыдущей статьи, посвящённой видам колумнистики. Здесь автор затрагивает вопросы не только о типах колонок, но и в качестве примера приводит ряд авторских продуктов печатной прессы и рассматривает те особенности, которые свойственны каждому отдельному виду авторского материала, так как данные трансформации структуры видов изменили представления исследователей теории журналистики о колонке в системе жанров журналистики. Данная

тема была выбрана в связи с тем, что заметно вырос интерес к субъективно высказанному слову и в других публицистических жанрах. Процесс этот усилился в последнее десятилетие в связи с продолжающейся диффузией жанров, с размыванием жанровых границ. Отличительной чертой нашего времени является процесс конвергенции: жанры не просто умирают и рождаются, они органично сочетаются друг с другом, взаимно обогащая текст дополнительными элементами анализа. Так, например, интервью вбирает в себя признаки очерка, репортаж - элементы корреспонденции, комментарий - признаки статьи. Именно на фоне этих процессов выглядит объективной приметой дня появление на газетной полосе колонки - в существенных ее функциональных разновидностях: и как авторской рубрики, и как особого жанра. Анализ типологических характеристик будет основываться на научные труды российских исследователей теории колумнистики и сопоставляться с научными исследованиями иностранных теоретиков и журналистов, также для сравнительного анализа были выбраны два номера таджикского журнала ВИП-Зона.

Ключевые слова: колумнистика, авторская колонка, редакторская колонка, система жанров журналистики, жанрообразующие факторы, функции журналистики.

CLASSIFICATION OF COLUMNS AND THEIR PECULIAR FEATURES

This article provides a number of examples regarding the types of columns in domestic and Russian-language Tajik publications, and it is the final stage of the previous article on the types of columnism. Here the author raises questions not only about the types of columns, but also cites a number of author's products of the printed press as an example and considers the features that are characteristic of each individual type of author's material, since these transformations of the structure of types have changed the ideas of researchers in the theory of journalism about the column in the system of genres journalism. The analysis of typological characteristics will be based on the scientific works of Russian researchers in the theory of columnism. This topic was chosen due to the fact that there has been a marked increase in interest in the subjectively expressed word in other journalistic genres. This process has intensified in the last decade due to the ongoing diffusion of genres, with the blurring of genre boundaries. A distinctive feature of our time is the process of convergence: genres do not just die and are born, they organically combine with each other, mutually enriching the text with additional elements of analysis. So, for example, an interview incorporates the features of an essay, a report - elements of correspondence, a commentary - features of an article. The research characteristic will be found on the basis of the natural workforce associated with the research of foreign theorists and journalists.

Key words: columnist, author's column, editorial column, system of journalism genres, genre-forming factors, functions of journalism.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Раҳимов Абдуҳамит Абдибосирович*** - Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30. E-mail: **rtsuok@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 918-62-21-21**
Наимов Хуршед Давлятмуродович - Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, омӯзгори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30. E-mail: **904356996@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-35-69-96**

Сведение об авторах: ***Рахимов Абдухамит Абдибосирович*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой отечественной и международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30. E-mail: **rtsuok@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 918-62-21-21**
Наимов Хуршед Давлятмуродович - Российско-Таджикский (Славянский) университет, преподаватель кафедры отечественной и международной журналистики **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30. E-mail: **904356996@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-35-69-96**

Information about the authors: ***Rahimov Abduhamit Abdibosirivich*** - Russian -Tajik (Slavonic) University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at the Department of national and international journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade, Str., 30. E-mail: **rtsuok@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-62-21-21**
Naimov Khurshed Davlyatmurodovich - Russian-Tajik (Slavic) University, Lecturer, Department of National and International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade, Str., 30.
E-mail: **904356996@mail.ru.** Tel.: **(+992) 904-35-69-96**

УДК: 007.31

ИНЪИКОСИ COVID - 19 ДАР СОМОНАИ ОИ «ЦЕНТРАЗИЯ»

Исмоилзода С.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

COVID-19 - ин бемории сироятиест, ки коронавируси SARS-CoV-2 номгузорӣ гардидааст. Авҷгирии ин беморӣ нахустин маротиба моҳи декабри соли 2019 дар бозори Уҳани Чин ба қайд гирифта шуда, 30 январи 2020 Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ сирояти ин бемориро дар доираи ҳифзи сиҳати иҷтимоӣ ҳолати фавқулодаи моҳияти байналхалқидошта ва 11 март ҳамчун вабо эълон доштааст.

Асосан вируси SARS-CoV-2 ҳангоми алоқаи наздик, пеш аз ҳама, тавассути қатраҳои хурдтарини пайдошаванда дар вақти сулфа, атса ва суҳбат мегузарад. Бинобар ин, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ пӯшидани ниқоб ва нигоҳ доштани масофа ҳатмӣ дониста шудааст.

Бемории COVID-19 сабабгори пайомадҳои ҷиддии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз он ҷумла бузургтарин таназзули иқтисоди ҷаҳонӣ гардид. Он ҳамчунин ба мавқуф гузоштан ё лағви бисёр чорабиниҳои варзишӣ, динӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, кам шудани партовҳои ифлоскунанда ва газҳои гулхонаӣ оварда расонд. Дар 172 кишвар мактабҳо, донишгоҳҳо ва коллеҷҳо дар сатҳи миллӣ ё маҳаллӣ баста шуданд. Иттилооти нодуруст дар бораи ин вирус тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО паҳн мегардид. Нисбат ба мардуми Чин ва онҳое, ки аз минтақаҳои дорои сатҳи сирояти баланддошта буданд, ҳодисаҳои ксенофобия (бегонаситезӣ) ва табъиз ба назар мерасид.

Бисёр кишварҳо воридгардии ғайриҳатмии шаҳрвандонро аз дигар давлатҳо ба ҳудуди худ манъ карда, ВАО-и баъзе кишварҳо хабари паҳншавии бемории COVID-19-ро дар ҳудуди худ бумӣ мекарданд.

Паҳншавии ин беморӣ дар кишвари мо 30 апрели соли 2020 дар ҳудуди Душанбе ва Хуҷанд ба қайд гирифта шуд. Дар соли 2020 дар кишвар расман 13308 ҳодисаи сироятёбӣ ба қайд гирифта шуда, аз онҳо 13218 нафар сиҳат ва 90 нафар фавтиданд. Ҷараёни паҳншавии бемории мазкур дар Тоҷикистон аз тарафи ҳар расона ҳар гуна баррасӣ мегардид.

Сомонаи “Центразия” қариб ҳар рӯз иттилооти нав ва маводи таҳлилиро оид ба ин масъала пешниҳоди аудиторияи худ мегардонд. “Центразия”- сомонаи интернетии ОИ мустақил мебошад, ки масоили таърихӣ, фарҳанг, иқтисод ва сиёсиро дар минтақаи Осиёи Марказӣ (Туркистон, Афғонистон, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон, Туркманистон) инъикос менамояд. Он соли 2002 (то соли 2018 centrasia.ru ва centrasia.org, аз соли 2018 то инҷониб — https://centrasia.org мебошад) таъсис ёфта, сармуҳаррираш номзади илмҳои сиёсатшиносӣ Виталий Николаевич Хлюпин мебошад.

Сомонаи мазкур маводи муаллифони мавқеи мухталифдошта ва маводро аз дигар сомонаҳо бо овардани номи сарчашма дар саҳифаҳои худ ҷой медиҳад.

15.01.2021 зери сарлавҳаи «Борьба с КОВИД в Таджикистане: программы и реалии, - К.Сирожидинов» дар сомонаи мазкур маводе гузошта шудааст. Ин гузориш аз «Барномаи вокуниши ҳамаҷонибаи СММ ба таъсири иҷтимоию иқтисодии COVID-19 дар Тоҷикистон» таҳия гардидааст.

Баҳори соли 2020, пас аз ворид шудани сирояти хатарноки коронавирус ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сабти номи аввалин шахсони бемории коронавирус, гурӯҳи кишварҳои СММ фавран вокуниш нишон дода, "Барномаи ҳамаҷонибаи вокуниш ба оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии COVID-19 дар Тоҷикистон" (ISEF) -ро таҳия ва қабул намуданд. Дар таҳияи барнома 15 бахши сохтори СММ ширкат варзиданд. Матни барнома аввали моҳи декабри соли 2020, дар сомонаи дафтари СММ дар Тоҷикистон (www.untj.org) нашр шуд. Нашри ин барнома бо назардошти таваҷҷуҳи васеи мардум ба масъалаҳо ва таъсири COVID-19 чорабинии оммавӣ мебошад.

Аз мутолиаи маводи ВАО ба мо маълум аст, ки то эълони расмии паҳншавии коронавирус дар Тоҷикистон (30 апрели соли 2020) ташкилоти СММ дар Тоҷикистон ба сохтори ҳифзи тандурустии кишвари мо кумак карда, давоҳои ҳаётан муҳим, маводи муҳофизатии шахсӣ, маҷмуи асбоби озмоишии COVID-19-ро дастрас намуд. Инчунин, барои кормандони тиб тренингҳои махсуси омӯзишӣ гузаронида шуд.

Аз мундариҷаи барномаи зикргардида маълум мегардад, ки ин санад тибқи анъанаҳои гуманизм таҳия шуда, барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид ва арзишманд аст. Барнома аз ду қисм иборат буда, қисми аввал «Муқаррароти асосӣ» ва қисми дуюм «Маълумоти умумӣ» ном дошта, ҳаҷман 85 саҳифаро дар бар мегирад. Таъсироти иҷтимоӣ-иқтисодии COVID-19 дар Тоҷикистон хеле бад буда, аз матни барнома дар мавод чунин иқтибос оварда шудааст:

«Тоҷикистон фақиртарин кишвари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) буда, ММД ба ҳар сари аҳолӣ 874 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди муваффақиятҳои муайяни иҷтимоию иқтисодӣ, 27,4% аҳолӣ ҳанӯз ҳам дар сатҳи камбизоатӣ қарор доранд. Бисёр хонаводаҳои тоҷик вобастаи интиқоли пули муҳоҷирони корӣ мебошанд. Дар соли 2019 аз Русия беш аз 2,9 миллиард доллар дар шакли интиқоли хусусӣ ба Тоҷикистон ворид шудааст. Вазифаи ҳукумат на танҳо фавран вокуниш нишон додан ба паҳншавии сироят ва ҳифзи ҳаёт, балки васеъ намудани ҳифзи иҷтимоӣ, барқарор кардани дастрасӣ ба воситаҳои зиндагӣ ва идома додани хизматрасониҳои одии иҷтимоӣ мебошад».

Муаллиф яке аз мушкилоти ҷиддиро барои саломатии аҳолӣ дар дастрасӣ надоштани мардум ба оби тозаи нӯшокӣ ва васоити гигиенӣ медонад. Инчунин, дар гузориш тамоми паҳлуҳои ҳаёт дар Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Масалан, баланд шудани нархи маҳсулот дар бозори дохилӣ, зиёд будани оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва ғайра.

Амалигардонии маҷмуи барномаҳо дар муддати 18 моҳ, яъне то охири соли 2021 ба назар гирифта шудааст. Аз омӯзиши ҳуҷҷати барномаи мазкур маълум мегардад, ки COVID-19 дар марҳилаҳои аввалини паҳншавии худ ба сатҳи зиндагии мардум таъсири манфӣ расонидааст.

«Вакцина от "короны": когда Таджикистан начнет прививаться?» бо чунин сарлавҳа санаи 22.02.2021 маводе дар сомонаи «Центразия» гузошта шудааст. Дар он хабар дода мешавад, ки Тоҷикистон бо интихоби ҳукумати кишвар аз ширкати британӣ-шведии «AstraZeneca» таҳти механизми байналмилалии COVAX 2 миллион воя ваксина дархост кардааст. Бино ба иттилои маркази хабарии СММ Тоҷикистон нимаи аввали соли 2021 дар доираи механизми ҳамкории байналмилалии COVAX 732,000 воя ваксина хоҳад гирифт. COVAX механизми глобалии таъмини дастрасии ваксинаҳои COVID-19 мебошад. Он соли 2020 бо талошҳои муштараки Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ), Иттиҳоди глобалӣ оид ба ваксинаҳо ва иммунизатсия (ГАВИ) ва Эътилоф оид ба дастгирии инноватсионии омодагӣ ба эпидемия (КИГЕ) таъсис ёфтааст. Ин механизм барои таъмини дастрасии одилона ва баробар ба ваксинаҳо барои ҳамаи кишварҳо пешбинӣ шудааст.

Дар ҳоли ҳозир дар ин барнома 190 кишвар ширкат доранд. Принсипи он аз таъмини кафолати кишварҳои сатҳи даромадашон баланд барои хариди ваксинаҳои COVID-19 барои кишварҳои сатҳи паст ва миёнаи даромад иборат аст.

Вазифаи COVAX ин аст, ки то охири соли 2021 2 миллиард воя ваксинаҳои аз ҷониби ТУТ тасдиқшударо паҳн кунад. Ин рақам то 20% аҳолии кишварҳои дар ин механизм иштироккунандаро фаро хоҳад гирифт.

Тоҷикистон моҳи декабри соли 2020 ба механизми COVAX пайваста, 2 миллион воя ваксинаи «AstraZeneca»-ро ройгон дархост кард. Ин ваксина аз ҷониби ширкати дорусозии Британиёву Шветсия «AstraZeneca» дар ҳамкорӣ бо олимони Донишгоҳи Оксфорд таҳия шудааст. Навъи ваксина як вектори вирусӣ (вируси аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта) мебошад. Он аз озмоишҳои клиникӣ гузаштааст ва таъсирнокии он 63% арзёбӣ мешавад. Ваксина тавассути фаъолсозии системаи масунияти бадан ва боиси ташаккули муҳофизати худ бар зидди вирус кор мекунад. Ҳеҷ яке аз таркиботи ин ваксина наметавонад боиси сироятёбӣ ба COVID-19 гардад.

Ҷараёни ваксина бо ин дору аз ду вояи алоҳида иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо 0,5 мл аст. Вояи дуюм бояд 4-12 ҳафта пас аз вояи аввал гузаронида шавад. Муҳлати нигоҳдории як шишаи кушоданашуда 6 моҳ аст. Пас аз кушодани шиша муҳлати нигоҳдории ваксина 6 соат мебошад.

Ваксинаи «AstraZeneca» шароити махсуси нигаҳдорӣ талаб намекунад ва бастаи кушодаи онро дар яхдон дар ҳарорати аз 2 то 8 с нигоҳ доштан мумкин аст.

Ваксинаи «AstraZeneca» тақрибан ба 24,000 одамони аз 18 сола боло дар чор озмоиши клиникӣ дар Британияи Кабир, Бразилия ва Африқои Ҷанубӣ гузаронида шудааст. Тибқи таҳлилҳо гирифторони коронавирус коҳиш ёфтааст.

Таъсири иловагии ваксинаҳои «AstraZeneca» (ба зиёда аз 10 нафар дар 1 нафар дида мешуд) инҳо буданд: дард, гармӣ, сурхӣ, хориш, эҳсоси хастагӣ, хунукӣ ё табларза, дарди сар, дилбеҳузурӣ, дарди буғумҳо ё дарди мушакҳо.

Дар мавод дар бораи эмкунии COVID-19, навъи ваксинаи дархостшуда дар Тоҷикистон пурра маълумот дода шудааст. Манбаи мавод stanradar.com мебошад.

Дар Тоҷикистон то санаи 17.10.2021 17086 нафар гирифторони бемории коронавирус ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора 16 960 шифо ёфтаанд.

Эмкунӣ бар зидди SARS-CoV-2 (COVID-19) дар беш аз 30 кишвари ҷаҳон оғоз шудааст. Дар кишварҳои Аврупо эмкунӣ расман дар охири соли 2020 оғоз шуда, дар Русия ваксинакунонӣ аз моҳи январ оғоз ёфтааст. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз 1 феврал танҳо Қазоқистон ба эмкунии шаҳрвандони худ аз коронавирус шуруъ карда буд.

Дар хабари дигаре, ки 05.03.2021 дар сомонаи Центразия гузошта шудааст, натиҷаҳои пурсиши аҳолии кишвар оварда мешавад. Манбаи ин хабари кӯтоҳ Sputnik буда, маълум мегардад, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ миёни аҳолии Тоҷикистон пурсиш гузаронида шудааст. Дар натиҷаи пурсиши аҳолӣ 81% шаҳрванди кишвар баҳри гузаронидани ваксина ризоият додаанд. Хадамоти матбуотии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ хабар медиҳад, ки барои қабул ва нигоҳдории ваксинаҳои «AstraZeneca» ("Астразенека") тамоми чораҳои зарурӣ андешида шудаанд.

8 марти соли 2021 тавассути механизми COVAX ба Тоҷикистон 192 000 воя ваксинаи «AstraZeneca» бар зидди COVID-19 ворид карда шуд.

Тоҷикистон аввалин кишварест дар Осиёи Марказӣ, ки тавассути механизми COVAX ваксина бар зидди COVID-19 гирифт. 23 марти соли 2021 Намояндаи ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон ҷаноби Усама Маккави Ҳогалӣ дар ҷараёни оғози расмии маъракаи эмгузаронии COVID-19 дар шаҳри Душанбе бар зидди COVID-19 эм карда шуд. Ҷаноби Усома Маккавӣ аввалин шахсест, ки дар Тоҷикистон ваксина гирифт.

Гузорише, ки санаи 17.03.2021 таҳти унвони «Коронавирус не помеха: Таджикистан готовится праздновать Навруз» дар сомона гузошта шудааст, оид ба таҷлили иди Наврӯз дар Тоҷикистон мебошад. Манбаи ин мавод радиои Озодӣ буда, муаллифон Сарвиноз Руҳулло ва Амриддин Олим мебошанд.

Дар он гуфта мешавад, ки дар майдони марказии пойтахт ҳамчун рамзи ҷашни Наврӯз «Суманак» насб карда шудааст. Инчунин майдони назди муҷассамаи Исмоили Сомонӣ бо дарахтони мевадиҳанда, гул ва дигар рамзҳои ҷашни бостонӣ оро дода шудааст. Баландии суманаки сунъӣ 30 метр ва бараш 16 метр буда, дар арафаи ин ҷашн садҳо шаҳрванди кишвар ва меҳмонони пойтахт дар майдони марказӣ ҷамъ омада, аксҳои хотиравӣ мегиранд.

Дар суҳбат бо хабарнигорони Радиои «Озодӣ» онҳо гуфтаанд, ки имсол ин идро бидуни тарс аз сирояти коронавирус таҷлил мекунанд. Соли гузашта мақомоти Тоҷикистон тавсияи Созмони Ҷаҳонии Беҳдоштро нодида гирифта, дар шаҳри Хуҷанд бо ширкати 12 ҳазор нафар Наврӯзро ҷашн гирифтанд, ки дар он ҷо президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ширкат дошт. Наврӯзро дар манотиқи дигари кишвар низ васеъ таҷлил карданд. Қарори мақомоти Тоҷикистон дар бораи таҷлили Наврӯз дар давраи пандемия дар кишвар ва берун аз он интиқоди шадидро ба бор оварда.

15 феврал ситоди ҷумҳуриявии пешгирӣ ва пешгирии паҳншавии сирояти коронавируси COVID-19 дар Тоҷикистон барои таҷлили Наврӯз иҷозат дод. Ситод қайд кард, ки ҷашни бостонии Наврӯз бояд ҳамчун арҷгузорӣ ба фарҳанги ниёгон ва арзишҳои миллӣ таҷлил карда шавад.

Нуралӣ Мирзоалиев, як корманди масъули Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ба Радиои «Озодӣ» гуфтааст, ки тибқи қарори ситоди ҷумҳуриявӣ, ба истиснои намоишҳои оммавӣ, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, варзишӣ ва дигар тантанаҳо иҷозат дода шудааст. Намоишҳо дар варзишгоҳҳо бо назардошти риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва зидди эпидемия гузаронида мешаванд.

Коршиносон мегӯянд, ки чунин чораҳо бояд аз ҷониби мақомот як сол пеш андешида мешуданд. Соли гузашта мақомоти Тоҷикистон тавсияи Ташкилоти умумиҷаҳонии

тандурустиро дар бораи худдорӣ аз таҷлили оммавии Наврӯз нодида гирифта, онро дар Хуҷанд бо ширкати 12 ҳазор нафар таҷлил карданд.

Вазорати тандурустии Тоҷикистон 15 ҳолати аввалини коронавирусро танҳо 30 апрел, як рӯз пеш аз сафари ҳайати Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ эълон кард. Пеш аз ин, мақомот исрор мекарданд, ки дар кишвар коронавирус вуҷуд надорад, аммо дар миёнаҳои моҳи апрел расонаҳои маҳаллӣ ба марги шахрвандон аз пневмония таваҷҷуҳ зоҳир карданд.

«Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон сокинони кишварро ба эмгузаронӣ аз коронавирус даъват кард. Дар паёме, ки Шӯрои уламо ба муъминон интишор кардааст, эмгузаронӣ барои ҳифзи саломатии миллат муҳим аст» оварда мешавад дар хабаре, ки дар сомонаи Центразия санаи 04.02.2021 гузошта шудааст. Манбаи он rus.ozodi.org мебошад.

Дар хабари расона оварда мешавад, ки дар Тоҷикистон 22 март ваксинаи марҳилавии аҳолӣ бар зидди коронавирус оғоз ёфт. Рӯзи 9 март Тоҷикистон дар доираи барномаи COVAX Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ нахустин гурӯҳи ваксинаи «AstraZeneca» -ро гирифта, ба кишвар 192 ҳазор вояи ваксина оварда шуд. Вазорати тандурустии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки музокирот барои таъмини кишвар бо ваксинаҳои истеҳсоли Русия ва Чин идома дорад. Дар маҷмуъ, дар Тоҷикистон бояд 5,8 миллион нафар эм карда шаванд.

Дар муроҷиати Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки "ҳама ватандӯстони кишвар, пеш аз ҳама, одамони насли калонсол ба хотири саломатӣ ва саломатии атрофиён бояд фавран эм карда шаванд". Руҳониён ҳушдор медиҳанд, ки даст кашидан аз ваксина метавонад оқибатҳои манфӣ дошта бошад.

Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода эълон кард, ки дар кишвар се ҳазор нуқта барои эм кардани аҳолӣ аз коронавирус ташкил карда шудааст.

Як моҳ пеш аз оғози эмкунӣ, ҳукумати Тоҷикистон эълом дошт, ки дигар ҳолати сироятёбӣ ба навъи нави коронавирус вуҷуд надорад. Бонки Ҷаҳонӣ барои харидани ваксинаҳои зидди коронавирус ба Тоҷикистон 8,6 миллион доллар маблағ ҷудо кардааст.

Дар ду хабари дигаре, ки дар сомона гузошта шудаанд, оид ба марги шахсони шинохта дар Тоҷикистон аз бемории коронавирус гуфта мешавад. Масалан, бо сарлавҳаҳои «Умер от КОВИ бадахшанский генерал МВД Таджикистана Атобек Имомербеков» (17:09 13.08.2021), «В Таджикистане от коронавируса умер главред еженедельника "Суханвар" Абдулкадир Абдуллохон» (15:38 12.08.2021) дар сомона мавод мавҷуд аст.

Маводи аввалӣ дар бораи марги собиқ муовини сардори Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, генерал -майори милитсия, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академияи идоракунии давлатӣ Атобек Имомербеков дар синни 66-солагӣ аз бемории коронавирус мебошад.

Дар маводи дуюм омадааст, ки коронавирус ҷони муассис ва сардабири ҳафтаномаи "Суханвар", роҳбари бахши Иттифоқи рӯзноманигорон дар Мастчоҳ Абдулқодир Абдуллохонро гирифт. Абдулқодир Абдуллохон (Абдуллоев) соли 1952 дар деҳаи Роғи ноҳияи Мастчоҳ таваллуд шудааст. Ӯ Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро бо ихтисоси журналистика хатм карда, фаъолияти меҳнатии худро дар рӯзномаи "Машъал" -и ноҳияи Мастчоҳ оғоз кардааст. Соли 2019 Абдуллохон дар якҷоягӣ бо шуъбаи маорифи ноҳия дар ноҳияи Мастчоҳ ҳафтаномаи адабии таҳлилии "Суханвар" -ро таъсис додааст.

Ӯ ба ғайр аз журналистика ба шеър низ таваҷҷуҳи зиёд дошт ва имрӯз маҷмуаҳои ашъори ӯ бо номи "Ашки фаришта", "Соати андеша" ва "Оҳангҳои муқаддас" аз чоп баромадаанд.

Манбаи ин ду мавод tj.sputniknews.ru мебошад.

Дар натиҷаи баррасии маводи сомона маълум мегардад, ки дар он ба хотири риояи гуногунандешӣ ва қонеъ сохтани аудитория маводи зиёд аз дигар расонаҳо бо иловаи каме тағйирот ва бо зикри сарчашмаи он ворид мегардад. Тавре сарлавҳа гузошта мешавад, ки хонандаро ба худ ҷалб месозад. Дар ахборе, ки сомона пешниҳоди аудиторияи худ менамояд, баъзан фактҳо нодуруст оварда мешаванд. Хабарҳо оид ба коронавирус айни ҳол дар сомонаи “Центразия” хеле кам ба назар мерасанд. Танҳо аз фавти шахсони шинохта дар Тоҷикистон хабар расонида мешавад.

Муқарриз: ***Муқимов М.*** – доктори илмҳои филологӣ, ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Бозоров Н. Дастури методӣ доир ба таълифи корҳои илмӣ / Н. Бозоров. – Душанбе, 2014. - 60 с.
2. Гулов С. Муқаддимаи журналистика (Дастури таълимӣ) / С. Гулов, М. Ҷумъаев. – Душанбе: Ирфон, 2016. - 176 с.
3. Журналистикаи байналхалқӣ. Маҷмуаи мақолаҳо. - Душанбе: Мега-print, 2012. - 136 с.
4. Журналистикаи байналхалқӣ. Маҷмуаи мақолаҳо. - Душанбе, 2015. - 160 с.
5. Журналистикаи байналхалқӣ. Маҷмуаи мақолаҳо. - Душанбе, 2017. - 140 с.
6. Имомзода М. Усули таҳқиқ / М. Имомзода, С. Маҳдӣ, Б. Қутбиддин. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. - 200 с.
7. Корконосенко С. Основы журналистики / С. Корконосенко. – М., 2002. – 287 с.
8. Мирзоалӣ С. Журналистикаи байналхалқӣ дар замони муосир / С. Мирзоалӣ. - Душанбе, 2018. - 92 с.
9. Мирзоалӣ С. Хабар: Аз Машриқ то ба Мағриб / С. Мирзоалӣ. - Душанбе, 2009. - 195 с.
10. Муқим Ҷ. Мақоми жанрҳо дар Радиои «Озодӣ» / Ҷ. Муқим. - Душанбе, 2000. - 55 с.
11. Муқим Ҷ. Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз / Ҷ. Муқим. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 124 с.
12. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ / Ҷ. Муқим. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 71 с.
13. Муқим Ҷ. Ҳақиқат ва дурӯғ / Ҷ. Муқим. - Душанбе: Сино, 2000. - 46 с.
14. Мурод М. Метод ва методологияи таҳқиқи илмӣ / М. Мурод. - Душанбе: Аржанг, 2019. - 160 с.
15. Тертычный А. Жанры периодической печати. Учебное пособие / А. Тертычный. - М.: Аспект Пресс, 2000. - 158 с.
16. Усмонов И. Жанрҳои публитсистик / И. Усмонов. - Душанбе, 2009. - 139 с.
17. Усмонов И. Журналистика (қ.3) / И. Усмонов. - Душанбе, 2008. - 448 с.
18. Усмонов И. Назарияи публисистика / И. Усмонов. - Душанбе, 1999. - 100 с.

Сарчашмаҳо

19. Борьба с КОВИ в Таджикистане: программы и реалии, - К.Сирожидинов [Манбаи электронӣ] // Центразия (2002-2021) – Реҷаи дастрасӣ: https://centrasia.org/newsA.php?st=1610718360 (Санаи дастрасӣ: 15.01.2021).
20. Таджикские священнослужители призвали верующих вакцинироваться от коронавируса [Манбаи электронӣ] // Центразия (2002-2021) – Реҷаи дастрасӣ: https://centrasia.org/newsA.php?st=1617339120 (Санаи дастрасӣ: 04.02.2021).
21. Вакцина от "короны": когда Таджикистан начнет прививаться [Манбаи электронӣ] // Центразия (2002-2021) – Реҷаи дастрасӣ: https://centrasia.org/newsA.php?st=1613975700 (Санаи дастрасӣ: 22.02.2021).
22. В Таджикистане 80% населения согласны на вакцинацию от коронавируса [Манбаи электронӣ] // Центразия (2002-2021) – Реҷаи дастрасӣ: https://centrasia.org/newsA.php?st=1614960480 (Санаи дастрасӣ: 05.03.2021).
23. Коронавирус не помеха: Таджикистан готовится праздновать Навруз [Манбаи электронӣ] // Центразия (2002-2021) – Реҷаи дастрасӣ: https://centrasia.org/newsA.php?st=1615962900 (Санаи дастрасӣ: 17.03.2021).
24. Умер от КОВИ бадахшанский генерал МВД Таджикистана Атобек Имомербеков [Манбаи электронӣ] // Центразия (2002-2021) – Реҷаи дастрасӣ: https://centrasia.org/newsA.php?st=1628863740 (Санаи дастрасӣ: 13.08.2021).
25. В Таджикистане от коронавируса умер главред еженедельника "Суханвар" Абдулкадир Абдуллохон [Манбаи электронӣ] // Центразия (2002-2021) – Реҷаи дастрасӣ: https://centrasia.org/newsA.php?st=1628771880 (Санаи дастрасӣ: 12.08.2021).

ИНЪИКОСИ COVID - 19 ДАР СОМОНАИ ОИ «ЦЕНТРАЗИЯ»

Дар мақола оварда мешавад, ки COVID – 19 бемории сироятӣ буда, дар бозори Уҳани Чин охирҳои соли 2019 пайдо шудааст. Он 11 марти 2020 аз тарафи Ташкилоти умумичаҳонии тандурустӣ ҳамчун вабои аср эълон гардидааст. Аз ҷараёни паҳншавии вируси SARS-CoV-2 тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ташвиш афтода, дар ин раванд тамоми давлатҳо баҳри ҳифзи шаҳрвандони худ чораҳои махсус андешиданд. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ пӯшидани ниқоб ва нигоҳ доштани масофа ҳатмӣ дониста шуд. Бисёр чорабиниҳои варзишӣ, динӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ манъ карда шуданд. Давлатҳо вориди шаҳрвандони дигар давлатро ба ҳудуди худ манъ карданд. Гурӯҳи олимони байналхалқӣ таҳти роҳбарии Донишгоҳи штати Огайо таҳқиқот гузаронида муайян намуданд, ки дар оғози авҷгирии ин беморӣ зиёда аз 87 ҳаз. мақолаҳои илмӣ чоп шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаи Scientometrics нашр гашта, бештари мақолаҳо ба муаллифони амрикоӣ ва чинӣ тааллуқ доранд. Муаллиф таъкид менамояд, ки аз оғози авҷгирии худ бемории Covid-19 дар сархати хабарҳои ВАО қарор дошт. Аудитория ташнаи ахбори нав оид ба ин беморӣ буд. Баъзан талаботи аудитория ба иттилоот пурра қонеъ намегардид. Мардум мехост, дар бораи ин беморӣ ҳарчӣ бештар маълумот дошта бошад. Дезинформатсия низ аз тариқи ВАО ё шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мегардид, ё аксаран хабарҳо бумӣ карда мешуданд. Паҳншавии ин беморӣ дар кишвари мо 30 апрели соли 2020 дар ҳудуди Душанбе ва Хуҷанд ба қайд гирифта шуд. Сомонаи ОИ «Центразия» дар ин раванд талаботи аудиторияи худро ба иттилоот таъмин намуда, оид ба ин беморӣ хабарҳои наву ҷолиб пешниҳод менамуд. Хабарҳо бо илова ва бо овардани номи манбаъ бештар аз дигар сарчашмаҳо дар сомона ҷой дода мешуданд. Айни ҳол, иттилоот оид ба бемории коронавирус дар сомона хеле кам ба назар мерасанд.

Калидвожаҳо: каронавирус, вабо, воя, ваксина, беморӣ, сарлавҳа, сомона, мавод, манбаъ, хабар.

ОТРАЖЕНИЕ COVID - 19 НА САЙТЕ ИА «ЦЕНТРАЗИЯ»

COVID - 19- это инфекционное заболевание, появившееся на китайском рынке Ухана в конце 2019 года. Всемирная организация здравоохранения 11 марта 2020 года объявила его чумой века. Весь мир обеспокоен распространением вируса SARS-CoV-2, и в этом процессе все страны приняли особые меры для защиты своих граждан. В общественных местах необходимо было носить маску и держаться на расстоянии. Были запрещены многие спортивные, религиозные, политические и культурные мероприятия. Штаты запретили въезд граждан других государств на свою территорию. Группа международных ученых во главе с Университетом штата Огайо обнаружила, что в начале болезни было инфицировано более 87 000 человек. Результаты опубликованы в журнале Scientometrics, и большинство статей написаны американскими и китайскими авторами. С самого начала распространения болезнь коронавируса COVID-19 была в заголовках СМИ. Аудитория СМИ жаждала новой информации о болезни. Иногда потребность аудитории в информации полностью не удовлетворялась. Люди хотели знать о болезни как можно больше. Дезинформация также распространялась через СМИ или социальные сети, и новости часто скрывались. Распространение этого заболевания в нашей стране было зарегистрировано 30 апреля 2020 года на территории Душанбе и Худжанда. В ходе этого процесса сайт ИА «Центразия» для потребности своей аудитории предоставил информацию и новую интересную информацию о болезни. Новости были добавлены на сайте путем цитирования названия источника. В настоящее время на сайте мало информации о коронавирусной болезни.

Ключевые слова: коронавирус, пандемия, доза, вакцина, болезнь, заголовок, сайт, материал, источник, новости.

REFLECTION COVID - 19 ON THE SITE OF IA "CENTRASIA"

COVID-19 is an infectious disease that hit the Chinese market in Wuhan at the end of 2019. The World Health Organization declared it the plague of the century on March 11, 2020. The whole world is concerned about the spread of the SARS-CoV-2 virus, and in this process, all countries have taken special measures to protect their citizens. In public places, it was necessary to wear a mask and keep a distance. Many sporting, religious, political and cultural events have been banned. Secondary and high schools were closed. States have banned the entry of citizens of other states into their territory. A team of international scientists led by Ohio State University found that more than 87,000 people were infected at the onset of the disease. published scientific articles. The results are published in the journal Scientometrics, and most of the articles are written by American and Chinese authors. Russian publications accounted for only 0.5%. From the outset, the headline about the COVID-19 coronavirus has been in the headlines of mass media. Media audiences craved new information about the disease. Sometimes the audience's need for information was not completely satisfied. People wanted to know as much as possible about the disease. Misinformation was also spread through the media or social media, or the news was often hidden. The spread of this disease in our country was registered on April 30, 2020 in the territory of Dushanbe and Khujand. In the course of this process, the website of the Centrasia news agency, for the needs of its audience, provided information and new interesting information about the disease. News has been added to the site by adding and citing source titles from other sources. There is currently little information on the site about caronavirus disease.

Key words: coronavirus, pandemic, dose, vaccine, disease, headline, site, material, source, news.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исмоилзода Саидаи Маҳмадраҷаб*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, г.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **saida.ismoilzoda.95@mail.ru.**
Тел.: (**+992) 888-87-95-93**

Сведение об авторе: ***Исмоилзода Саида Махмадраджаб*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры международной журналистики факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **saida.ismoilzoda.95@mail.ru.** Тел.: (**+992) 888-87-95-93**

Information about the author: ***Ismoilzoda Saidai Mahmadrajab*** - Tajik National University, Doctoral Ph.D. of department of the international jurnalizm of Chair of Journalizm. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **saida.ismoilzoda.95@mail.ru.** Тел.: (**+992) 888-87-95-93**

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Шарипова Ф., Носирӣ Бибинилуфар. Дараҷаи омӯзиши лаҳҷаҳои забони дарӣ дар Афғонистон…… **5**

Ҳасанзода А.А., Шарипова Ш.А. Мулоҳизаҳо дар бораи исмҳои сермаънои куҳнашудаи тоҷикӣ ва тарзҳои тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ (дар намунаи “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Румӣ)…….. **15**

Шодиев Р.А. Этнолингвистика ва зарурати таҳқиқи забонии фолклори Кӯлоб…….. **23**

Исмонов К.Б. Саҳми забоншиносони форсу тоҷик дар ташаккули қиёси наҳвӣ…… **29**

Дӯстзода Ҳ.Ҷ. Маънои баҳодиҳӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ…….. **34**

Абдулфайзов С. Нақши забони лотинӣ дар рушди истилоҳоти дипломатӣ…….. **45**

Гулнораи Наим. Категорияи номуайянии исмҳо дар “Зод-ул-мусофирин”- и Носири Хусрав…….. **49**

Муҳиддинзода С.Н. Хусусиятҳои синтаксисии ҷонишинҳои номуайянӣ дар забони англисӣ…… **55**

Юсупова М.И., Солиева Т.Н. Роҷеъ ба мавқеъ ва вазифаҳои феълҳои иборашакл ва қисматҳои таркибии он…….. **61**

Асоева Б. Вожаҳои антонимӣ дар «Зафарномаи хусравӣ»…… **68**

Абӯбакров Ш.Ҷ. Пешояндҳои содаи номии изофӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ…… **75**

Нематуллоева М.Н, Ҷӯраева М.Н. Ифодаи муносибатҳои ҳамзамонӣ дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави замон дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ…… **82**

Фозилова М.М. Мавқеи корбасти синонимҳо дар очеркҳои таърихии Садриддин Айнӣ…….. **89**

Гадоев Б.М. Хусусиятҳои сохторӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологии субстантивӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ…….. **99**

Худоёрова Н.З. Баъзе вижагиҳои корбасти ҷумлаҳои фразеологӣ дар асарҳои Ӯрун Кӯҳзод…… **110**

Мамадназаров А. Ценная находка в русско-таджикской лексикографии…….. **117**

Азизова М.Э. Переводческие трансформации при переводе русских приставочных глаголов на таджикский язык…… **125**

Гулназарова Ж. Особенности глагола в семантической системе частей речи…… **132**

Ниёзова Д.К. Лингвокультурологический анализ концепта «свекровь» в русском языке (на материале произведений устного народного творчества)…… **140**

Шарипова Г.Дж. Некоторые особенности выражения лексики делового общения в таджикском и английском языках…… **146**

Раджабов Н.Ф. Способы передачи таджикских неопределенно-личных предложений на немецкий язык…… **155**

Фазилова Ш.К. Актуализация спортивного дискурса в медийном пространстве русского и английского языков…… **161**

Ашури Тахмина Тахсинзода. Роль словаря в работе переводчика…….. **169**

АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Қодиров К. Моҳияти бадеӣ-ирфонии най, май ва бода дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ…….. **178**

Саидҷаъфаров О.Ш., Абдулманнонзода М.А. Вожаҳои калидӣ ва нақши онҳо дар офариниши мазомини нав дар ғазалиёти Саъдӣ…… **186**

Раҷабова М.Т. Вижагиҳои зуҳдиёт дар назми арабизабони садаҳои XI-XII…… **194**

Ҳошимова Х.А. Замон ва макони амал дар насри Сорбон…….. **202**

Раҳматуллоева З.А. Роҷеъ ба ҳикояҳои пандомези Премчанд…… **210**

Шарипов Ш.Р. Корбурди қофия ва радиф дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ…….. **220**

Абдушукурова М. Фаҳмиши адабии ҳаҷв ва омилҳои зуҳури он дар адабиёти форсу тоҷик…….. **229**

Раҳимова М.И. Назира ва тазминҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ бар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ…… **236**

Юсупова М.И. Раҳим Ҷалил – фолклоршинос…… **244**

Беронов Ҷ. Инъикоси арзишҳои ахлоқӣ дар шеъри Носири Хусрав…… **250**

Маҳмадшоев М.М. Анвои накд дар адабиёти асрҳои XVI ва XVII…… **256**

Боронов У.Х. Мутарҷиме дар мақоми роҳкушо…… **263**

Абдуллоҷонова М. Истифодаи манобеи таърихӣ дар романҳои таърихии замони истиқлол (дар мисоли романи Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин “Озар аз Уструшан ё худ шамшери Спартак”)…… **270**

Гоибова Ф.М. Роль Алигархского движения в развитии истории

политической и социальной жизни народов Индии…… **279**
Сайдализода Шодмон Абдувохид. Мас'уд Са'д Салман и арабские поэты…….. **287**

ЖУРНАЛИСТИКА

Рахимов А.А., Наимов Х.Д. Классификация колонок и их своеобразные особенности……. **294**
Исмоилзода С.М. Инъикоси Covid - 19 дар сомонаи ОИ «Центразия»…….. **301**

ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ:

1. Риоя намудани «Этикаи чопи мақола дар маҷаллаҳои илмии ДМТ»;
2. таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 мм;
3. ҳаҷми мақола: формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 15 саҳифа ва на беш аз 30 саҳифа;
4. индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
5. номи мақола;
6. насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падари муаллиф(он);
7. номи муассисае, ки дар он муаллиф(он)и мақола кору фаъолият менамояд;
8. матни асосии мақола (на камтар аз 10 саҳифа; схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
9. рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 15 номгӯй адабиёти илмӣ. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад;
10. таваҷҷуҳи муаллиф(он) дар мақола ба таҳқиқоти қаблии доир ба мавзӯи мақола, ки дар маҷаллаи «Паёми ДМТ» ба нашр расидааст;
11. тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр (аз 150 то 200 калима) ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯй;
12. дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
13. аризаи муаллиф(он) ба редаксия оид ба асолати мақола ва ризоияти чоп;
14. мақолаи аспирант/докторанти Ph.D/ унвончӯй танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ/мушовири илмӣ қабул карда мешавад;
15. мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад/доктори илм қабул карда мешавад;
16. маълумот дар бораи муаллиф(он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
17. нишон додани манбаи иқтибос дар қавси чаҳоркунҷа [ ];
18. рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
19. маълумотномаи антиплагиати мақолаи бо забонҳои русӣ ва ё англисӣ таҳияшуда талаб карда мешавад.
20. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририяи силисиламаҷаллаҳои илмии ДМТ дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад.

ТРЕБОВАНИЯ К НАУЧНЫМ СТАТЬЯМ:

1. Соблюдение «Публикационной этики научных журналов Таджикского национального университета»;
2. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman для текстов на русском и английском языках, Times New Roman Tj для текстов на таджикском языке, размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;
3. Объем статьи: не менее 15 и не более 30 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;
4. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);
5. Название статьи заглавными буквами по центру текста;
6. Фамилия И.О. автора(ов)
7. Название организации, где работает(ют) автор(ы);
8. Основной текст статьи (не менее 10 страниц, исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);
9. Список литературы не менее 15 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов).
10. Ссылка на предыдущие публикации научных журналов Таджикского национального университета по теме исследования приветствуется.
11. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме от 150 до 200 слов, ключевые слова 7-10 терминов;
12. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;
13. Заявление автора(ов) об оригинальности статьи и согласие на издание;
14. Статьи аспиранта/докторанта Ph.D/соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя/научного консультанта;
15. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;
16. Информация об авторе(ах) на трех языках (таджикский, русский и английский);
17. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [3, с.24], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – страница;
18. Нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки и перевести их оглавление/название на русском и английском языках;
19. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках).
20. Статьи, поступающие в редакцию журнала, рассматриваются редколлегией журналов в течение 30 дней.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2022. №2

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Ответственный редактор серии филологических наук: М.Н.Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 31,125 усл. п.л. 8.
Подписано в печать 22.04.2022 г. Заказ №2018/04-01